Посевных площадей кормовых культур на 1952 года всего по области было 2240 гектаров, в том числе кормовых корнеплодов и бахчевых - 130 гектаров, силосных - 140 гектаров, люцерны беспокровной - 550 гектаров и люцерны покровной - 1420 гектаров [11 , Л. 8].

В целях укрепления кормовой базы и обеспечения в полной мере потребностей растущего животноводства области было запланировано провести в 1953 году посев зернофуражных культур на отгонных зимних пастбищах в количестве 740 гектаров, в том числе в Алае - 500 гектаров, в Мургабе - 100 гектаров и в Джаушангозе - 140 гектаров, куда были завезены посевные материалы для посева .[11 , Л. 8].

Богатая витаминами альпийская растительность, чистота воды горных рек и свежесть воздуха Джаушангоза издавна привлекали к себе скотоводов, живших ранее на границе Восточного Памира. Это богатое травами урочище стало зимним пастбищем колхозов Рошткалинского и Шугнанского районов. Отары колхозных овец и коз на отгонных зимних пастбищах обслуживали более 300 животноводов. Многие жили тут семьями. Для чабанов, сторожей и зооветработников построены просторные, благоустроенные дома. В магазин ещё с лета были завезены вьюками, на лошадях и верблюдах теплая одежда и обувь, товары первой необходимости[5, С.4]. Кроме того, в урочище Джаушангоз на менее каменистых землях уже несколько лет практиковали посев ячменя, площадь под которым в 1952 году была доведена до 67 гектаров; сеяли также овес и люцерну. Таким образом, общественный скот, кроме грубых кормов, из года в год получал зимой в подкормку больше люцерны и зернофуража [5, С.4].

Колхозники артели имени Молотова Рошткалинского района развернули деятельную подготовку к зимовке скота. Худобахшева, Ватаниева и Джумахонова до 15 августа 1954 года уже приступили к оборудованию силосных сооружений. Чтобы заложить не менее 300 тонн сочных трав на силос – в четыре раза больше, чем в 1953 году. Колхозники ещё весной дополнительно посеяли на 4 гектарах подсолнечник, и на 4,8 гектара – кукурузу [7, С.3].

По данным областного статистического управления, общая площадь посевных земель в области за 6 лет (с 1951 по 1957 гг.) выросла на 11%, достигнув всего 13287 га, а в 1958 г. посевная площадь достигла 15430 га, причем не за счет освоения новых территорий, а за счет

присоединения в том году Калаи-Хумбского района к Горно-Бадахшанской автономной области[15,С.47]. При этом доля площадей, занятых под кормовые культуры, была до 1954 г. довольно низкой.

В 1955 году по инициативе работников Памирского ботанического сада впервые в область были завезены клубни земляной груши (топинамбура). За возделывание земляной груши взялись в Ишкашиме колхоз имени Молотова, в Шугнане - колхоз имени Сталина, в Рушане - колхоз имени Хрущева и в Ванче - колхоз имени Сталина. Земляная груша всюду хорошо прижилась и дала высокий урожай как наземной массы на силос, так и клубней на сочный корм молочному скоту. Так, пригородный колхоз имени Сталина получил с каждого гектара зеленой массы на силос по 300 центнеров, и клубней - более 100 центнеров [10, С.1]. В ходе испытания земляная груша, или топинамбур, в условиях Западного Памира показала себя как неприхотливая культура.

Колхозникам области в 1956 году предстояло провести значительную работу по созданию общественному скоту прочной кормовой базы. В мероприятиях по дальнейшему развитию сельского хозяйства Горного Бадахшана особенно большое внимание было уделено увеличению производства сочных кормов как одного из основных необходимых условий повышения продуктивности животноводства. Важным шагом в деле обеспечения сельскохозяйственных животных высокопитательным кормовым рационом являлось силосование кукурузы и дикорастущих растений. К этому ответственному мероприятию требовалось подойти со всей серьезностью, на высоком уровне надо было повести подготовленные работы и своевременно начать силосование кормов. В некоторых колхозах области с должной ответственностью подошли к решению вопросов, связанных с подготовкой к силосованию кормов. Так, в сельхозартелях имени Кагановича и имени Ленина Ванчского района заблаговременно приступили к ремонту старых силосных сооружений [10,С.1].

В Мургабском районе на базе соседнего с Памирской биостанцией укрепленного колхоза «Ленинский путь» было организовано показательное хозяйство по освоению высокогорных травопольных кормовых севооборотов. Члены этого колхоза в 1956 году освоили агротехнику высокогорного земледелия и успешно выращивали на своих полях в урочище Чечекты рожь и ячмень на сено. В этом колхозе были заложены участки травосеяния, и на площади более 50 гектаров в урочищах Матык и Сары-Мулла (долина р. Ак-Байтал) приступили к поливам сухих пастбищ.

Всё сказанное выше позволяло при совместных усилиях научных работников и практиков на Восточном Памире достигнуть выполнения колхозами планов по созданию обеспеченной кормовой базы, что способствовало дальнейшему развитию животноводства в Горно-Бадахшанской автономной области [12 ,С.44].

В конце 50-х годов в области были проведены работы по улучшению кормовой базы. По сравнению с 1958 годом в 1959 году кормовые посевные площади возросли на 15,1 %. Было заготовлено на 25600 ц больше грубых кормов и на 24597 центнеров больше было заготовлено силоса[6,С.3]. Но в деле улучшения кормовой базы в области были и недостатки. Например, колхозы Ванчского района по плану должны были посеять 251 га однолетних трав для корма, но они не посеяли ни одного гектара. Колхозы Калаи-Хумба и Рошткалинского района выполняли планы посева однолетних трав только на 10-24 % [6, С.3].

Животноводство Памира относится к горному типу, кормами для которого служат, главным образом, естественные пастбища и сенокосы.

Основная площадь выгонов-пастбищ размещалась в границах территории области, а запредельные пастбища (в Алайской долине Киргизской ССР) составляли только 7,8 %, с кормовыми ресурсами 8,8 %, где содержалось 8,8 % поголовья мелкого скота и 6 % поголовья крупного рогатого скота из 12 колхозов области [1, С.42].

Из таблицы 1 следует, что в общей площади кормовых угодий сенокосы занимали незначительную площадь (1,6 %), но в общем запасе кормов они составляли 10,1 %. В запасах пастбищных кормов основное место принадлежало летним пастбищам (54,7 %), которые занимали более половины площади [1, С.42].

Таблица 1. Оценка продуктивности пастбищ и сенокосных угодий по ГБАО в 1958 году .

№	Угодья	Площадь в тыс. гектаров	Урожай в ц/гектаров	Всего тысяч центнеров
1.	Пастбища летние	306,6	2,5	766,5
2.	Пастбища зимние	245,6	2,0	491,2
3.	Сенокосы	9,5	15,0	142,5
	Итого	561,7	2,5	1400,2

Из общей производительности пастбищ и сенокосов на долю Восточного Памира приходилось 76 % пастбищных запасов кормов, а на долю колхозов Западного Памира - 24%. Помимо этого, из валового сбора сено многолетних и однолетних трав (вместе с саманом) в колхозах Западного Памира составляло 437,7 тысячи центнеров, и в колхозах Восточного - 25,2 тысячи центнеров. В 1958 году скормлено скоту 127,5 тысячи центнеров сочных кормов по колхозам Западного Памира и 21,4 тысячи центнеров концентратов, а по Восточному Памиру - 8,7 тысячи центнеров.

На выпойку молодняка было израсходовано молока 0,03 тысячи центнеров, а по Западному Памиру - 12,7 тысячи центнеров. В рационе скота на Западном Памире пастбищные корма составляли 30,3 % кормовых единиц, грубые корма - 56,2 %, сочные - 5,9 % и концентраты - 7,6 % кормовых единиц. По Восточному Памиру пастбищный корм в рационе скота составлял 90,4 % кормовых единиц, грубые корма - 3,1 % и концентраты - 6,5 % кормовых единиц. В кормовом рационе животных Западного Памира значительное место занимали сено многолетних трав и саман (31,6 %) [1, С.43].

Вопросами улучшения кормовой базы на Восточном Памире длительное время занималась Мургабская биологическая станция АН Таджикской ССР. Опыты, проводимые сотрудниками этой станции, показывали, что повышение кормовой обеспеченности на Восточном Памире возможно проводить путем посева ячменя и ржи на отгонных пастбищах Мургабского района и в Алайской долине; организации производства сочных кормов путем выращивания в некоторых местах турнепса, брюквы и репы, а также путем улучшения местных лугов и пастбищ с помощью их обводнения, внесения удобрений и подсева семян дикорастущих трав. Опыты показали, что при систематических поливах урожайность дикорастущих трав повышалась в несколько раз. Терескен и полынь в диком состоянии имели высоту 10-15 см и давали сена обычно от 0,3 до 3 центнеров с гектара. При условии полива они достигают 40-60 см высоты и значительно повышают производительность пастбищ. Но таких пастбищ в Мургабе было мало[12, С,44].

Результаты исследования: В результате проведенного исследования установлено, что в послевоенный период заготовка кормов в ГБАО играла важную роль в восстановлении и развитии животноводства и сельского хозяйства региона. Основные результаты исследования заключаются в следующем:

- выявлено, что после окончания войны кормовая база региона находилась в ослабленном состоянии. Наблюдались недостатки кормов, сокращение сенокосных угодий и снижение объемов заготовки. Однако благодаря государственной поддержке и усилиям местного населения постепенно начался процесс восстановления кормозаготовки.
- установлено, что в 50-е годы наблюдался рост объемов заготовки кормов, улучшалась организация труда, что способствовало укреплению кормовой базы животноводства.
- определено, что колхозы и совхозы сыграли ключевую роль в организации кормозаготовительных работ. Они обеспечивали рациональное использование земельных ресурсов, организацию труда и выполнение планов по заготовке кормов.
- установлено, что развитие кормовой базы способствовало увеличению поголовья скота и повышению продуктивности животноводства.
- в послевоенный период постепенно внедрялись новые методы организации труда, улучшалась система планирования и хранения кормов, что способствовало повышению эффективности кормозаготовки.

Выводы. Таким образом, результаты исследования показывают, что проблемы кормовой базы в ГБАО в послевоенный период (1946-1959) имеют глубокие исторические, экономические

и экологические корни. Решение этих проблем требовало комплексного подхода, включающего модернизацию инфраструктуры, восстановление управленческих практик пастбищ и государственную поддержку фермерских сообществ. Следует отметить, что наряду с успехами были и недостатки в деле заготовки кормовой базы. Управление сельского хозяйства серьезно не отнеслось к решению проблем кормовой базы области. Некоторые колхозы области не были обеспечены семенами люцерны, кукурузы и других культур. Но несмотря на эти недостатки, была создана более устойчивая кормовая база, что способствовало развитию животноводства и сельского хозяйства региона в целом.

Данное исследование проведено в соответствии с Перспективным планом Программы научно-исследовательской деятельности кафедры гуманитарных и естественно-математических дисциплин Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана на 2025 – 2030 годы.

Рецензент: Акрами З.И. – д.и.н., профессор ТНУ

ЛИТЕРАТУРА

1. Амануллаев Ф. Развитие сельского хозяйства колхозов Советского Памира // Труды АН ТаджССР. Т. VI. - Сталинабад, 1960.
2. Бровкина В.М. Земледелие на Памире // Наука и жизнь. - 1941. - № 3.
3. Государственный план развития общественного животноводства колхозами области по состоянию на 1 ноября 1952 г. // ГА ГБАО. - Ф. 2. - Оп. 5. – Д. 5. - Ед. хр. 23. - Л. 64.
4. Гурский А.В., Каневская И.Б., Остапович А.Ф. Основные итоги интродукции растений в Памирском ботаническом саду // Труды АН Тадж ССР. Т. VI. - Сталинабад, 1953.
5. Иванов С. На высокогорном пастбище // Красный Бадахшан. - 1953. - 17 февраля. - № 22 (937).
6. Мавлоназаров А. Ба вуљуд овардани базаи мустањками хўроки чорво њал карда шавад // Бадахшони Советї. - 14 июли соли 1960. - № 144.
7. Марамбеков К. Закладывают силос // Красный Бадахшан. - 1954. - 15 августа. - № 99 (1162).
8. Не медлить с проведением заготовки и силосования кормов // Красный Бадахшан. - 1948. - 13 июня. - № 52 (236).
9. На заготовке кормов [Текст] // Красный Бадахшан. - 1954. - 16 июля. - № 85 (1149).
10. Образцово подготовиться к силосованию кормов // Советский Бадахшан. - 1956. - 14 июня. - № 115 (1491).
11. Посевные площади кормовых культур на 1952 года по области // ГА ГБАО. - Ф. 12. - Оп. 13. - Д. 30. - Л. 8.
12. Сельское хозяйство Таджикистана. - 1956. - № 3.
13. Шергазиев, М. Борьба Коммунистической партии за ликвидацию экономической и культурной отсталости Советского Памира [Текст]: автореф. Дис... канд. ист. наук: / Шергазиев М. - Душанбе, 1966.
14. Юсуфбеков Х.Ю. Заложение пустынных пастбищ Западного Памира путем подсева многолетних трав и орошения: автореф. дисс. Канд., сельскохозяйственных наук. Душанбе, 1961.
15. Юсуфбеков Х.Ю. Улучшение пастбищ и сенокосов Памира и Алайской долины. - Душанбе. 1968.

МУШКИЛОТИ ОМОДАСОЗИИ ХЎРОКИ ЧОРВО ДАР ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КЎҲИСТОНИ БАДАХШОН (ВМКБ) ДАР ДАВРАИ БАЪДИҶАНГӢ (1946–1959)

Дар ин мақола мушкилоти асосии омодасозии хўроки чорво дар Вилояти Мухтори Кўҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи баъдиҷангӣ баррасӣ мешавад. Солҳои 1946–1959 барои ВМКБ бо душвориҳои ҷиддӣ дар соҳаи омодасозии хўроки чорво тавсиф меёфтанд. Муаллиф дар мақолаи худ таваҷҷуҳи махсусро ба мушкилоти пойгоҳи хўроки чорвои вилоят ва роҳҳои ҳалли онҳо равона кардааст. Ҳалли масъалаи хўроки зимистона тавассути киштӣ зироатҳои хўроки чорво ё ворид намудани хўрокҳои консентратсионӣ бинобар маҳдуд будани заминҳои кишт амалан ғайриимкон буд. Асоси фаъолияти хоҷагидории аҳолии ВМКБ чорводории анъанавӣ ба ҳисоб мерафт, ки самаранокии он мустақиман ба ҳолати пойгоҳи хўроки чорво вобаста буд. Бо вуҷуди ин, омодасозии хўроки чорво дар шароити баландкўҳи Помир дар солҳои баъдиҷангӣ бо мушкилоти зиёд рў ба рў мешуд. Ҳамин тариқ, муаллиф дар асоси маводи боэътимод қайд мекунад, ки дар ин давра колхозҳои вилоят бо ёрии ташкилотҳои ҳизбӣ барои беҳтар намудани пойгоҳи хўроки чорво корҳои зиёдеро анҷом доданд, аммо қисми зиёди мушкилот ҳанўз ҳал нашуда боқӣ монда, татбиқи чораҳои системанокро дар даҳсолаҳои минбаъда талаб мекард.

Калидвожаҳо: Вилояти Мухтори Кўҳистони Бадахшон, рушд, кишоварзӣ, баъдиҷангӣ, пойгоҳи хўроки чорво, омодасозӣ, фаъолияти хоҷагӣ.

ПРОБЛЕМЫ ЗАГОТОВКИ КОРМОВ В ГОРНО-БАДАХШАНСКОЙ АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ (ГБАО) В ПОСЛЕВОЕННЫЙ ПЕРИОД (1946-1959)

В данной статье рассматриваются ключевые проблемы заготовки кормов в Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО) Республики Таджикистан в послевоенный период. Период 1946-1959 годов для ГБАО характеризовался значительными трудностями в сфеих ее решениям. Решение проблемы зимних кормов путем посева кормовых культур или завоза концентрированных кормов из-за недостатка посевных площадей практически исключалось. Основу хозяйственной деятельности населения ГБАО традиционно составляло животноводство,

эффективность которого напрямую зависела от состояния кормовой базы. Однако заготовка кормов в условиях высокогорья Памира в послевоенные годы сопровождалась многочисленными трудностями. Таким образом, автор на основе достоверных материалов отмечает, что в этот период колхозы области с помощью партийных организаций проделали большую работу по улучшению кормовой базы, но значительная часть проблем осталась нерешённой и требовала дальнейших системных мер уже в последующие десятилетия.

Ключевые слова: Горно-Бадахшанская автономная область, развитие, сельское хозяйство, послевоенный, кормовая база, заготовка, хозяйственная деятельность.

PROBLEMS OF FODDER PROCUREMENT IN THE GORNO-BADAKHSHAN AUTONOMOUS OBLAST (GBAO) IN THE POST-WAR PERIOD (1946–1959)

This article examines the key problems of fodder procurement in the Gorno-Badakhshan Autonomous Oblast (GBAO) of the Republic of Tajikistan during the post-war period. The years 1946–1959 were marked by significant difficulties in the field of fodder preparation in GBAO. The author pays special attention to the issues of the region's fodder base and the ways of addressing them. Solving the problem of winter fodder through the cultivation of fodder crops or the import of concentrated feeds was practically impossible due to the shortage of arable land.Livestock breeding traditionally formed the basis of the economic activity of the population of GBAO, and its efficiency directly depended on the condition of the fodder base. However, fodder procurement in the high-mountain conditions of the Pamirs during the post-war years was accompanied by numerous difficulties. Thus, based on reliable materials, the author notes that during this period the collective farms of the region, with the assistance of party organizations, carried out substantial work to improve the fodder base. Nevertheless, a significant part of the problems remained unresolved and required further systematic measures in the following decades.

Key words: Gorno-Badakhshan Autonomous Oblast, development, agriculture, post-war period, fodder base, procurement, economic activity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бадавлатова Рамзия Боздавлатовна*** - Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ - риёзӣ. **Суроға:** 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Борбад, 48/5.

Сведения об авторе: ***Бадавлатова Рамзия Боздавлатовна*** - Институт мировой экономики и международных отношений Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических дисциплин. **Адрес:** 734055, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Борбад 48/5.

Information about the author: ***Badavlatova Ramziya Bozdavlatona*** Institute of World Economy and International Relations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant Lecturer, Department of Humanities and Natural Sciences & Mathematics. **Address:** 734055, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Borbad street 48/5.

Статья поступила в редакцию: 27.06.2026
Одобрена после рецензирования: 27.08.2026
Принята к публикации: 30.09.2026

ТДУ:930 (575.3)

МОҲИЯТ ВА КОНСЕПСИЯИ “ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ”

Турсунов Т.Х., Музаффарова Б.Х.
Донишгоҳи милии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муқаддима. Асри XXI бо таҳаввулоти бесобиқаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рақамисозии фарогири ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз гардид, ки ин раванд ба ниҳоди дипломатия ҳамчун абзори калидии пешбурди сиёсати хориҷии давлатҳо таъсири бунёдӣ расонд. Дипломатияи анъанавӣ, ки дар тули қарнҳо бар принсипҳои музокироти пӯшида ва протоколҳои расмӣ такя мекард, имрӯз дар зери фишори суръати фаврии иттилоот ва пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ ба марҳилаи нави рушд, яъне «дипломатияи рақамӣ» ворид шудааст.

Мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки технологияҳои рақамӣ дигар танҳо воситаи ёрирасон барои интиқоли иттилоот набуда, балки ба як муҳити нави геополитикӣ ва мавзуи марказии музокироти байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Зуҳури мафҳумҳои наве чун «твипломатия», «кибердипломатия» ва «дипломатияи технологӣ» гувоҳӣ медиҳанд, ки субъектони муносибатҳои байналмилалӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ташаккули афкори умум дар фазои виртуалӣ ба абзорҳои навин ниёз доранд.

Мақолаи мазкур ба таҳлили назариявӣ ва амалии падидаи дипломатияи рақамӣ бахшида шуда, таҳаввули онро аз истифодаи оддии интернет то воридшавии зеҳни сунъӣ ба фаъолияти ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ баррасӣ мекунад. Дар кор кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки таносуби дипломатияи анъанавӣ ва рақамӣ муайян карда шавад, зеро дар шароити муосир онҳо на ҳамчун рақиб, балки ҳамчун унсурҳои такмилкунандаи ҳамдигар баромад мекунанд.

Инчунин, дар мақола ба чолишҳои муосир, аз ҷумла дезинформатсия, «фосилаи рақамӣ» ва амнияти киберӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Дар қисмати хотимавӣ вазъи кунунии дипломатияи рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯшишҳои Вазорати корҳои хориҷии кишвар дар истифодаи платформаҳои рақамӣ барои пешбурди «қудрати нарм» ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мавод ва усулҳо. Дар раванди таҳқиқот маҷмуи методҳои илмиву таҳқиқотӣ истифода шудаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд: Методи таҳлили низомӣ, ки барои баррасии дипломатияи рақамӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба кор бурда шуд. Он имкон дод, ки алоқамандии технологияҳои нав бо усулҳои анъанавии дипломатӣ муайян карда шавад. Усули таҳлили муқоисавӣ, ки барои муайян кардани фарқиятҳо ва умумиятҳои байни истилоҳҳои «дипломатияи электронӣ», «кибердипломатия» ва «дипломатияи рақамӣ» истифода гардид. Инчунин, тавассути ин метод таҳаввули дипломатия аз шакли анъанавӣ ба шакли гибридӣ ва онлайн баррасӣ шуд. Методи таҳлили муҳтаво, ки ин метод ҳангоми омӯзиши санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, изҳороти расмии Вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва паёмҳои дипломатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода шуд. Методи мониторинги шабакавӣ, ки **б**арои арзёбии фаъолияти рақамии ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ, аз ҷумла ҳисобҳои расмии @MOFA_Tajikistan, мониторинги нашри иттилоот ва вокуниши аудитория дар фазои виртуалӣ сурат гирифт. Методи таърихиву мантиқӣ, ки барои пайгирии таҳаввули технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти дипломатӣ, аз телеграф ва радио то зеҳни сунъӣ ва метавселенаҳо истифода гардид.

Таҳқиқот дар се марҳила сурат гирифт. Марҳилаи аввал, ҷамъоварии адабиёти назариявӣ ва муайян кардани заминаҳои консептуалии дипломатияи рақамӣ. Марҳилаи дуюм, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Ҳиндустон ва созмонҳои байналмилалӣ дар истифодаи ТИК. Марҳилаи севум, таҳлили вазъи мавҷудаи дипломатияи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи хулосаҳо.

Бо оғози асри XXI ва паҳншавии густурдаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дипломатияи анъанавӣ ба тағйироти назаррас дучор гардид. Ҳарчанд дипломатия аксар вақт барои манфиатҳои давлатҳо анҷом

дода мешавад, дипломатия барои ҷаҳон бисёр манфиат овардааст. Дипломатия одатан барои пешгирӣ аз ҷанг ва хушунат, ҳал кардани масоили глобалӣ ва ташвиқи тиҷорат истифода шудааст. Бе дипломатия, давлатҳо дар низоми байналмилалӣ маҷбур мешуданд, ки манфиатҳои худро бо роҳҳои камтар сулҳомез ва бо набудани иртибот ва созишҳо ба даст оранд [1].

Пайдоиши истилоҳи «дипломатияи рақамӣ» ҳамгироии ин технологияҳоро ба амалияи пешбурди сиёсати хориҷӣ инъикос намуда, онҳоро аз воситаҳои ёрирасон ба ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти стратегии давлатҳо табдил дод. «Дипломатияи рақамӣ» ин истифодаи интернет ва технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, замимаҳои мобилӣ, блогҳо, паёмрасонҳо ва хадамоти ҳавоӣ, бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ва иҷрои вазифаҳои анъанавии дипломатӣ мебошад.

Дар шароити рақамисозии босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Пайдоиш ва паҳншавии васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК), интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ боиси зуҳури падидаи нав, яъне “дипломатияи рақамӣ” гардид. Ин истилоҳ истифодаи абзорҳо ва платформаҳои рақамиро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ ва ташаккули афкори умум тавсиф мекунад.

“Дипломатияи рақамӣ” усулҳои анъанавии фаъолияти дипломатҳои касбӣ, аз қабили музокирот, бастани шартномаҳо ва кори намояндагиҳои дипломатиро иваз намекунад, балки онҳоро пурра намуда, густариш медиҳад, имкониятҳои нав фароҳам меорад ва ҳамзамон чолишҳои нав ба миён меорад. Нақши он дар низоми фаъолияти сиёсати хориҷӣ пайваста афзоиш ёфта, онро ба ҷузъи ҷудонопазири идоракунии муосири давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ табдил медиҳад.

Падидаи истифодаи технологияҳо дар дипломатия таърихи тулонӣ дошта, аз телеграф ва радио оғоз меёбад. Аммо, пешрафти воқеӣ бо пайдоиши интернет ба амал омад, ки боиси ба вуҷуд омадани як қатор истилоҳҳои ҳаммонанд гардид: Дипломатияи электронӣ яке аз аввалин истилоҳҳоест, ки истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро барои такмили фаъолияти дохилии ниҳодҳои дипломатӣ (масалан, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо), ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳо, инчунин расонидани хизматрасониҳои консулӣ ифода менамояд. Кибердипломатия бошад, дар ибтидо бештар дар заминаи идоракунии фазои киберӣ ва таъмини амнияти байналмилалии киберӣ истифода мешуд. Дипломатияи оммавӣ 2.0: ба истифодаи платформаҳои Web 2.0 (шабакаҳои иҷтимоӣ) барои муошират мустақим бо ҷомеаи хориҷӣ таъкид менамояд [10, с.109].

Бо мурури замон истилоҳи «дипломатияи рақамӣ» ба мафҳуми фарогиртарин ва ба таври васеъ эътирофшуда табдил ёфт, ки истифодаи маҷмуии технологияҳои рақамиро дар амалияи дипломатӣ тавсиф менамояд. [3]. Инро таҳаввули терминология дар манбаъҳои академӣ ва амалӣ тасдиқ мекунад. Дар аввал истилоҳҳои монанди «дипломатияи электронӣ» (e-diplomacy), ки ба равандҳои дохилӣ, яъне гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, хизматрасониҳои консулӣ тамаркуз карда буд ва «кибердипломатия», ки ба масъалаҳои амнияти киберӣ ва идоракунии фазои киберӣ нигаронида шуда буд, истифода мешуданд. Аммо, бо рушди интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ «дипломатияи рақамӣ» ба истилоҳи ҳукмрон табдил ёфт, ки ҳам истифодаи абзорҳои рақамиро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, аз қабили дипломатияи оммавӣ, муошират дар бӯҳронҳо, твипломатия, ҳам чолишҳои нави геополитикӣ - танзими зеҳни сунъӣ, додаҳо, дезинформатсияро фаро мегирад.

Дар соли 2025 ин истилоҳ ҳанӯз ҳам мубрам боқӣ мемонад ва ҷанбаҳои монанди дипломатияи гибридӣ (омехтаи оффлайн ва онлайн), таъсири зеҳни сунъӣ ва идоракунии глобалии фазои рақам, масалан, дар Иттиҳоди Аврупо ва СММ-ро дар бар мегирад. Он трансформатсияи фундаменталии дипломатияро дар давраи рақамисозӣ инъикос мекунад, ки дар он технологияҳо на танҳо абзор, балки муҳити нав ва мавзуи музокирот мебошанд.

«Дипломатияи рақамӣ» метавонад ҳамчун истифодаи интернет ва технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ, махсусан платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷониби як

кишвар барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷии он, татбиқи дипломатияи оммавӣ ва идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ муайян карда шавад [4]. Таърифҳои дигар ҷанбаи амалии ин мафҳумро таъкид менамоянд: Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир дипломатияи рақамиро ҳамчун «ҳалли мушкилоти сиёсати хориҷӣ бо истифода аз интернет» муайян мекунад [5]. Ба маънои васеътар, дипломатияи рақамӣ ин истифодаи абзорҳои рақамӣ барои интиқол додани иттилоот (проексия) ва инчунин барои қабул ва ҷамъоварии иттилоот (истихроҷ) аз ҷомеаҳои хориҷӣ ва дигар иштирокчиёни фаъолияти дипломатӣ мебошад [3].

Хусусиятҳои асосии дипломатияи рақамӣ аз муоширати дуҷониба, муносибати мустақим, суръати фаврӣ ва дастрасӣ иборат мебошад. Бар хилофи дипломатияи оммавии анъанавии яксамтӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки муколама сурат гирад ва муоширати дуҷониба фароҳам оварад.

Ҳукуматҳо метавонанд мустақиман бо аудиторияи ҷаҳонӣ муошират кунанд, бе миёнаравии воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ ва муносибати мустақим барқарор кунанд. Паҳншавии фаврии иттилоот ва вокуниши зуд ба рӯйдодҳо таъмин мегардад ва суръати фаврӣ ва дастрасӣ амалӣ мешавад [2].

“Дипломатияи рақамӣ” ба таври устувор ба низоми фаъолияти сиёсати хориҷӣ ворид шуда, ҳамзамон ҳамчун абзор, муҳит ва мавзуи сиёсати хориҷӣ баромад менамояд. Ин нақш аз ҳама равшан ва васеъ истифодашаванда мебошад. Технологияҳои рақамӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххаси сиёсати хориҷӣ ба кор бурда мешаванд.

Абзори дипломатияи оммавӣ. “Дипломатияи рақамӣ” унсури калидии дипломатияи оммавии муосир ба ҳисоб меравад. Ташаккули имиҷи он пешбурди симои мусбати кишвар ва фарҳанги он «қудрати нарм» мебошад. Шабакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили Facebook, Twitter ва TikTok, барои пешбурди «твипломатия» (Twiplomacy) ва дигар шаклҳои муоширати рақамӣ истифода мешаванд [13],[12].

Шарҳи мавқеъи он ба таври фаврӣ расонидани мавқеи расмии давлат ба ҷомеаи хориҷӣ ва элитаҳои сиёсӣ мебошад. Муколама ва ҷалбсозӣ бо майлсозии диаспораҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба баррасии масъалаҳои сиёсати хориҷӣ сурат мегирад.

Муошират дар ҳолати бӯҳрон чунин аст, ки технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои иртиботи фаврӣ бо шаҳрвандон дар хориҷи кишвар дар замони ҳолатҳои фавқулода ва офатҳои табиӣ истифода карда мешавад [13].

Таъсири иттилоотӣ тариқи истифодаи каналҳои рақамӣ барои паҳн намудани иттилоот, ташаккули афкори умум ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ сурат мегирад ва абзори қудрати иттилоотӣ мебошад [4]. Он ба давлатҳо имкон медиҳад, ки паёмҳои худро бевосита ба аудиторияи байналмилалӣ расонанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои хабарӣ ва платформаҳои мултимедиявӣ дар ин раванд нақши калидӣ мебозанд. Бо ёрии чунин воситаҳо имиҷи кишвар тақвият ёфта ё, баръакс, метавонад осеб бинад. Таъсири иттилоотӣ ҳамчунин барои муқовимат ба таблиғоти рақибон ва паҳншавии маълумоти бардурӯғ истифода мешавад. Суръати баланди интиқоли иттилоот имкон медиҳад, ки вокуниш ба рӯйдодҳои байналмилалӣ фаврӣ сурат гирад. Дар маҷмуъ, қудрати иттилоотӣ ба унсури муҳими дипломатияи муосир ва амнияти миллӣ табдил ёфтааст.

Муқовимат ба дезинформатсия, ин фаъолияти пурсамар ҷиҳати мубориза бо таҳрифҳои иттилоотӣ, хабарҳои қалбакӣ ва забони нафрат дар фазои интернет мебошад [6]. Он ба ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар ин раванд санҷиши манбаъҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани саводнокии рақамии ҷомеа аҳаммияти махсус дорад. Ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳо метавонад самаранокии ин муборизаро афзоиш диҳад. Истифодаи механизмҳои ҳуқуқӣ ва технологияҳои муосир низ дар пешгирии паҳншавии дезинформатсия нақши муҳим мебозад.

Ҷамъоварии иттилоот бошад, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар манбаъҳои рақамӣ барои ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳолати равонии аудитория ва мавқеи дигар кишварҳо истифода мешавад.

Муносибатҳои виртуалӣ, ки гузаронидани вохӯриҳо, музокирот ва машваратҳои онлайн, ки ба сарфаи вақт ва захираҳо мусоидат мекунад, абзори фаъолияти оперативӣ

мебошад [5]. Таҳлили додаҳо бошад, додаҳо ва алгоритмҳо барои филтркунии аудитория, арзёбии самаранокии маъракаҳо ва ҳадафгирии дақиқтари паёмҳо истифода мешавад [11]. Фазои рақамӣ на танҳо як канали нав, балки ҳамчунин муҳити нави геополитикӣ мебошад, ки ба худи моҳияти муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонад [3]. Фазои нави ҳамкорӣ, яъне интернет ва метавселенаҳо фазоҳои наверо фароҳам меоранд, ки дар онҳо ҳамкории дипломатӣ сурат мегирад [14]. Иттилоот дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба таври зуд ба рафтори гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти сиёсати хориҷии давлат таъсир расонад ва ҳолати «номуайянии рақамӣ»-ро ба вуҷуд оварад ба сиёсати хориҷӣ таъсир расонад [11].

Доираи иштирокчиён густраиш ёфта, ба ғайр аз иштирокчиёни анъанавии дипломатӣ (давлатҳо), дар муҳити рақамӣ иштирокчиёни ғайридавлатӣ низ таъсири фаъол пайдо мекунанд, аз ҷумла ширкатҳои технологӣ, блогерҳои инфиродӣ ва гурӯҳҳои ҳакерӣ, ки дипломатияи суннатиро мураккаб мегардонанд [8]. Худи технологияҳои рақамӣ ва идоракунии онҳо ба мавзуи марказии музокироти байналмилалӣ ва талошҳои дипломатӣ табдил меёбанд. Кӯшишҳои дипломатӣ ба ташаккули принсипҳои идоракунии интернет, пешбурди интернети кушод, озод, глобалӣ ва бехатар равона шудаанд [6].

Музокироти байналмилалӣ оид ба меъёрҳои рафтор дар фазои киберӣ, пешгирӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва ҳимояи инфрасохтори стратегӣ дар фазои киберӣ амниятро таъмин мекунад. Дипломатияе, ки ба таҳияи меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалии танзими зеҳни сунъӣ равона шудааст, зеҳни сунъиро танзим мекунад [6]. Як самти алоҳида, ки ба ҳамкорӣ бо бахши хусусии технологӣ ва экосистемаи инноватсионӣ тамаркуз мекунад, ин дипломатияи технологӣ мебошад [3]. Муҳим аст, таъкид намоем, ки "дипломатияи рақамӣ" дипломатияи анъанавиро иваз намекунад, балки онро пурра мекунад. «Дипломатияи анъанавӣ ва рақамӣ бо ҳам вуҷуд доранд ва ҳамдигарро такмил медиҳанд, на ин ки рақобат мекунанд» [8].

Усулҳои анъанавӣ барои музокироти махфӣ, бастани созишномаҳои махфӣ ва таъмини риояи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳанӯз ҳам аҳаммияти калидӣ доранд. Бо вуҷуди ин, абзорҳои рақамӣ имкониятҳои давлатро дар соҳаи дипломатияи оммавӣ ва муоширати оперативӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳанд. Бо вуҷуди иқтидори бузург, дипломатияи рақамӣ бо як қатор чолишҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад:

Яке аз онҳо таҳриф ва хабарҳои қалбакӣ буда, платформаҳои рақамӣ метавонанд барои паҳн кардани иттилооти бардурӯғ истифода шаванд, ки ин кӯшишҳои дипломатиро заиф мекунад ва эътимод ба манбаъҳои расмиро коста мекунад [4]. Дигар аз чолиш ин «фосилаи рақамӣ» буда, дастрасии нобаробар ба интернет ва технологияҳо дар байни кишварҳо ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ доираи таъсир ва самаранокии дипломатияи рақамиро маҳдуд мекунад [6]. Афкори ҷамъиятии назоратнопазир аз чолиши дигар буда, паҳншавии зуд ва вокуниши фаврии ҷомеа метавонад дипломатҳоро маҷбур кунад, ки на ба таври «реактивӣ» амал кунанд, балки «ғайрифаъол» бошанд [15]. Фарқ аз дигар мушкилот, фишори ҷамъиятии назоратнопазир метавонад дипломатҳоро маҷбур кунад, ки на «реактивӣ» амал кунанд, зеро он бо паҳншавии зуд ва вокуниши фаврии ҷомеа хос аст.

Дар замони технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ чунин вазъият аксар вақт аз сабаби паҳншавии вирусии иттилоот дар ВАО ё платформаҳои онлайн ба вуҷуд меоянд. Ин андешаи ҷамъиятиро сафарбар намуда, ҳукуматҳо ва дипломатҳоро маҷбур месозад, ки қабл аз ҳама муноқишаҳои эҳтимолӣ, эътирозҳо ё бӯҳронҳои обрӯро ба назар гирифта, барои пешгирии авҷгирӣ чораҳо андешанд. Масалан, дар ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқи инсон ё ҳодисаҳои байналмилалӣ дипломатҳо метавонанд чораҳои пешгирикунанда андешанд. Ба ҷойи он интизори фишори мустақим ё бӯҳрон мондан, бояд изҳороти ҷамъиятӣ, музокирот ё ташаббусҳои инсондӯстонаро оғоз кунанд. Дар натиҷа, дипломатияи анъанавии «ором» бо унсурҳои ҷамъиятӣ пурра карда мешавад, ки он пешгирии калиди нигоҳ доштани субот мегардад. Масъалаи эътимод низ муҳим буда, дар шароити воқеияти рақамии пора-пора ва садои доимии иттилоотӣ, масъалаи ташаккули эътимод ба каналҳои расмии дипломатӣ ба миён меояд [11].

Масъулияти этикӣ ҳам ҷолиб мебошад, зеро масоили этика, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, ки бо истифодаи додаҳо ва алгоритмҳо вобастаанд, дар "дипломатияи рақамӣ"-и муосир нақши марказӣ доранд [7].

Хавфҳои киберӣ, ки аз дигар чолишҳо фарқ мекунанд, метавонанд ба амнияти байналмилалӣ таҳдид расонанд, махсусан агар барномаҳои дипломатияи рақамӣ мувозинати қуввaҳоро вайрон кунанд. “Дипломатияи рақамӣ” тағйири фундаменталӣ дар амалияи муносибатҳои байналмилалиро ифода мекунад, ки аз инқилоби технологӣ бармеояд. Он истифодаи маҷмуии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷиро намояндагӣ мекунад ва ҳамчун абзори пуркудрати дипломатияи оммавӣ, ҷанги иттилоотӣ ва муошират бӯҳронӣ хизмат мекунад. “Дипломатияи рақамӣ” дар низоми фаъолияти сиёсати хориҷӣ ҳамчун як унсури интегратсионӣ ва катализаторӣ муайян мешавад. Аз нуқтаи назари интегратсионӣ, дипломатияи рақамӣ усулҳои анъанавии дипломатиро бо имкониятҳои муҳити рақамӣ муттаҳид мекунад. Аз назари катализаторӣ, он равандҳои муоширатро суръат мебахшад, доираи иштирокчиёнро васеъ мекунад ва сиёсати хориҷиро шаффоф ва дастрас мегардонад.

Барои истифодаи самараноки иқтидори “дипломатияи рақамӣ”, давлатҳо бояд стратегияҳои мукаммал таҳия кунанд, дар омӯзиши кадрҳо сармоягузорӣ намоянд ва фаъолона дар ташаккули меъёрҳои идоракунии фазои рақамии глобалӣ иштирок кунанд. Дар ҷаҳони муосир сиёсати хориҷие, ки унсури рақамиро ба назар намегирад, бо шиддат заиф мешавад ва самаранокӣ надорад.

“Дипломатияи рақамӣ” бо паҳншавии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар асри XXI пайдо шуд. Он истифодаи абзорҳои рақамӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмрасонҳо, блогҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ва иҷрои вазифаҳои дипломатӣ муайян мекунад, дипломатияи анъанавиро иваз накарда, балки пурра ва густариш медиҳад. “Дипломатияи рақамӣ” истифодаи интернет ва технологияҳои нав барои идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ, ташаккули афкори умум ва дипломатияи оммавӣ мебошад. Хусусиятҳои он муошират дуҷониба, муносибати мустақим бо аудиторияи ҷаҳонӣ, суръати фаврӣ ва дастрасии васеъ мебошад.

“Дипломатияи рақамӣ” ҳамчун абзори дипломатияи оммавӣ (ташаккули имиҷи кишвар ва “қудрати нарм”), шарҳи мавқеи расмӣ, муошират дар бӯҳронҳо, таъсири иттилоотӣ, муқовимат ба дезинформатсия, ҷамъоварии маълумот, муносибатҳои виртуалӣ ва таҳлили додаҳо хизмат мекунад. Ҳамчунин, муҳити нави геополитикӣ ва фазои ҳамкории рақамиро фароҳам меорад. Технологияҳои рақамӣ худ ба мавзуи сиёсати хориҷӣ табдил ёфтаанд, аз ҷумла идоракунии интернет, меъёрҳои рафтор дар фазои киберӣ, танзими зеҳни сунъӣ ва дипломатияи технологӣ, яъне ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ. Дар ин раванд иштирокчиёни ғайридавлатӣ (ширкатҳои технологӣ, блогерҳо) нақши фаъол доранд. “Дипломатияи рақамӣ” дипломатияи анъанавиро такмил медиҳад. Паҳншавии хабарҳои қалбакӣ, фосилаи рақамӣ, афкори ҷамъиятии назоратнопазир, масъалаҳои эътимод ва этика, ҳавфҳои киберӣ аз чолишҳои “дипломатияи рақамӣ” мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “дипломатияи рақамӣ” дар марҳилаи ибтидоии рушд қарор дорад, вале аллакай қадамҳои муҳим гузошта мешаванд. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона аз шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳисоби расмӣ дар X (Twitter) @MOFA_Tajikistan барои расонидани мавқеи расмӣ, таблиғи сиёсати хориҷӣ ва муошират бо ҷомеаи ҷаҳонӣ истифода мебарад. Ҳарчанд истилоҳи “дипломатияи рақамӣ” дар даҳсолаи охир вориди арсаи илму сиёсат гаштааст, Тоҷикистон онро ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати хориҷӣ қабул карда, ба ташаккули фазои рақамии минтақавӣ саҳм мегузорад [9].

Натиҷагирӣ. Дар асоси таҳлил метавон чунин натиҷа гирифт: Таҳқиқот нишон дод, ки дипломатияи рақамӣ аз як василаи ёрирасон ба ҷузъи ҷудонопазири сиёсати хориҷии муосир табдил ёфтааст. Он усулҳои анъанавиро иваз намекунад, балки бо илова намудани суръат, шаффофият ва муошират мустақим, онҳоро такмил медиҳад.

Фазои рақамӣ на танҳо майдони иттилоотӣ, балки муҳити нави рақобати геополитикӣ гардидааст. Идоракунии интернет, танзими зеҳни сунъӣ ва амнияти киберӣ ба мавзуъҳои марказии музокироти байналмилалӣ табдил ёфтаанд.

Дипломатияи рақамӣ имкониятҳои давлатро барои ташаккули имиҷи мусбат дар хориҷа ба таври назаррас васеъ намуд. Истифодаи платформаҳои иҷтимоӣ («твипломатия») ба ҳукуматҳо иҷозат медиҳад, ки бидуни миёнаравии ВАО-и анъанавӣ бо аудиторияи ҷаҳонӣ робитаи мустақим барқарор кунанд.

Дар баробари имкониятҳо, рақамисозӣ хатарҳои ҷиддиро ба миён овард. Паҳншавии дезинформатсия (хабарҳои қалбакӣ), «фосилаи рақамӣ» байни кишварҳо ва фишори назоратнопазири афкори умум аз ҷумлаи монеаҳое мебошанд, ки метавонанд суботи дипломатиро халалдор созанд.

Муайян карда шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии фаъоли дипломатияи рақамӣ қарор дорад. Вазорати корҳои хориҷӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ кӯшиш мекунад, ки мавқеи расмии давлатро дар фазои ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд ва ин раванд ниёз ба рушди стратегӣ ва омодасозии кадрҳои махсус дорад.

Хулоса. Барои муваффақият дар арсаи байналмилалӣ, давлатҳо бояд на танҳо технологияҳоро қабул кунанд, балки стратегияҳои мукаммали «дипломатияи рақамӣ»-ро таҳия намуда, дар ташаккули меёъри ҳуқуқии фазои киберии глобалӣ саҳми фаъол гузоранд. “Дипломатияи рақамӣ” тағйироти фундаменталӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ аст, ки равандҳоро суръат мебахшад ва иштирокчиёнро васеъ мекунад. Барои самаранокӣ давлатҳо бояд стратегияҳои мукаммал, омӯзиши кадрҳо ва иштироки фаъол дар идоракунии фазои рақамии глобалиро таҳия намоянд, зеро бе унсури рақамӣ сиёсати хориҷӣ заиф мегардад.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ - тадқиқотии кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳти унвони «Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои умдаи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ ва ватанӣ» амалӣ карда шудааст.

АДАБИЁТ

1. Bridget S. Verrekia. Digital Diplomacy and Its Effect on International Relations [Электронный ресурс]. URL: https://cupola.gettysburg.edu/cgi/viewcontent.cgi?article=1642&context=student_scholarship (дата обращения: 7.02.2026).
2. Digital Diplomacy and Its Impacts on Uzbekistan's International Relations. [Электронный ресурс]. URL: https://dergipark.org.tr/en/download/article-file/4030623 (дата обращения: 10.11.2025).
3. Digital diplomacy in 2025: Geopolitics, new topics & tools. [Электронный ресурс]. URL: https://www.diplomacy.edu/topics/digital-diplomacy/ (дата обращения: 10.12.2025).
4. Digital Diplomacy vs. Tech Diplomacy: Understanding the Difference. [Электронный ресурс]. URL: https://tech-diplomacy.com/digital-vs-tech-diplomacy-navigating-the-new-frontiers-of-international-relations/ (дата обращения: 12.11.2025).
5. Digital diplomacy. [Электронный ресурс]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Digital_diplomacy (дата обращения: 17.12.2025).
6. Digital Diplomacy. European Union. [Электронный ресурс]. URL: https://www.eeas.europa.eu/eeas/digital-diplomacy_en (дата обращения: 15.12.2025).
7. Digital diplomacy. International Public Relations. [Электронный ресурс]. URL: https://fiveable.me/international-public-relations/unit-7/digital-diplomacy/study-guide/RIZfzpLsGi3uMObz (дата обращения: 15.12.2025).
8. The Influence of Digital Diplomacy on Foreign Policy. PDF. [Электронный ресурс]. URL: https://www.researchgate.net/publication/374118668_The_Influence_of_Digital_Diplomacy_on_Foreign_Policy (Дата обращения: 10.09.2025).
9. Сиёсати хориљї. - №1 (01)/2024. - Душанбе, 2024. [Электронный ресурс]. URL: https://mfa.tj/uploads/main/2025/12/Siesati-khoriji-1-2024.pdf (санаи истифодабарї: 5.02.2026).
10. Цветкова Н.А. Программы Web 2.0 в публичной дипломатии США // США и Канада: Экономика, политика, культура. СПб., 2011. - С. 109-122.
11. Цифровая дипломатия и digital international relations: вызовы и новые возможности // Вестник Санкт-Петербургского университета. Международные отношения. 2022. [Электронный ресурс]. URL: https://irjournal.spbu.ru/article/download/14025/9449/46062 (дата обращения: 15.12.2025).
12. Цифровая дипломатия как инструмент внешней политики. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovaya-diplomatiya-kak-instrument-vneshney-politiki (дата обращения: 16.12.2025).
13. Цифровая дипломатия. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/% (дата обращения: 16.12.2025).
14. Что такое цифровая дипломатия? [Электронный ресурс]. URL: https://cemeri.org/ru/enciclopedia/e-que-es-diplomacia-digital-fv (Дата обращения: 14.12.2025).
15. Шоботенко В.Ю. Цифровая дипломатия как инструмент внешнеполитической деятельности России // Political problems of international relations, global and regional development. 2021. [Электронный ресурс]. URL: http://publishing-vak.ru/file/archive-politology-2021-3/c11-shobotenko.pdf (дата обращения: 14.11.2025).

МОҲИЯТ ВА КОНСЕПСИЯИ “ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ”

Мақола ба таҳлили моҳият ва консепсияи “дипломатияи рақамӣ” бахшида шуда, зикр шудааст, ки бо паҳншавии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар асри XXI дипломатияи анъанавӣ тағйироти ҷиддӣ дида, истилоҳи “дипломатияи рақамӣ” пайдо шуд. Ин падида истифодаи абзорҳои рақамиро барои ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ ва ташаккули афкори умум муайян мекунад. “Дипломатияи рақамӣ” дипломатияи анъанавиро иваз накарда, балки онро пурра ва густариш медиҳад ва бо хусусиятҳои муошират дуҷониба, муносибати мустақим, суръати фаврӣ ва дастрасии васеъ фарқ мекунад. Он ҳамчун абзори дипломатияи оммавӣ, муошират дар бӯҳронҳо, муқовимат ба дезинформатсия, ҷамъоварии иттилоот, муносибатҳои виртуалӣ ва таҳлили додаҳо хизмат мекунад. Ҳамзамон, фазои рақамиро ҳамчун муҳити нави геополитикӣ ва мавзуи сиёсати хориҷӣ баррасӣ менамояд. Иштирокчиёни ғайридавлатӣ (ширкатҳои технологӣ, блогерҳо) нақши фаъол дошта, дипломатияро мураккаб мегардонанд. Дар баробари ин, чолишҳо ба монанди хабарҳои қалбакӣ, фосилаи рақамӣ, афкори ҷамъиятии назоратнопазир, масъалаҳои эътимод, этика ва ҳавфҳои киберӣ дар мақола зикр шуда, шудааст, ки “дипломатияи рақамӣ” тағйироти фундаменталӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ аст. Барои истифодаи самаранок давлатҳо бояд стратегияҳои мукаммал, омӯзиши кадрҳо ва иштироки фаъол дар идоракунии фазои рақамии глобалиро таъмин намоянд, зеро бе унсури рақамӣ сиёсати хориҷӣ заиф ва камсамар мегардад.

Калидвожаҳо: “дипломатияи рақамӣ”, сиёсати хориҷӣ, технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, қудрати нарм, амнияти киберӣ.

СУЩНОСТЬ И КОНЦЕПЦИЯ «ЦИФРОВОЙ ДИПЛОМАТИИ»

Статья посвящена анализу сущности и концепции «цифровой дипломатии». Отмечается, что с распространением информационно-коммуникационных технологий, интернета и социальных сетей в XXI веке традиционная дипломатия претерпела серьёзные изменения, в результате чего появился термин «цифровая дипломатия». Это явление определяется как использование цифровых инструментов для достижения целей внешней политики, управления международными отношениями и формирования общественного мнения. «Цифровая дипломатия» не заменяет традиционную дипломатию, а дополняет и расширяет её, отличаясь такими характеристиками, как двусторонняя коммуникация, прямой контакт, оперативная скорость и широкая доступность. Она служит инструментом публичной дипломатии, коммуникации в кризисных ситуациях, противодействия дезинформации, сбора информации, виртуальных взаимоотношений и анализа данных. Одновременно цифровое пространство рассматривается как новая геополитическая среда и предмет внешней политики. Негосударственные участники (технологические компании, блогеры) играют активную роль, усложняя дипломатию. В статье упоминаются вызовы, такие как фейковые новости, цифровой разрыв, неконтролируемое общественное мнение, вопросы доверия, этики и киберриски. Делается вывод, что «цифровая дипломатия» представляет собой фундаментальное изменение в международных отношениях. Для её эффективного использования государства должны разрабатывать комплексные стратегии, инвестировать в подготовку кадров и активно участвовать в управлении глобальным цифровым пространством, поскольку внешняя политика без цифрового компонента становится слабой и неэффективной.

Ключевые слова: цифровая дипломатия, внешняя политика, информационные технологии, социальные сети, мягкая сила, кибербезопасность.

ESSENCE AND CONCEPT OF “DIGITAL DIPLOMACY”

The article is devoted to the analysis of the essence and concept of «digital diplomacy». It is noted that with the spread of information and communication technologies, the Internet and social networks in the 21st century, traditional diplomacy has undergone significant changes, resulting in the emergence of the term «digital diplomacy». This phenomenon is defined as the use of digital tools to achieve foreign policy goals, manage international relations, and shape public opinion. «Digital diplomacy» does not replace traditional diplomacy but complements and expands it, distinguished by characteristics such as two-way communication, direct contact, operational speed, and broad accessibility. It serves as a tool for public diplomacy, communication in crisis situations, countering disinformation, information gathering, virtual interactions, and data analysis. At the same time, digital space is considered as a new geopolitical environment and a subject of foreign policy. Non-state actors (technology companies, bloggers) play an active role, complicating diplomacy. The article mentions challenges such as fake news, the digital divide, uncontrollable public opinion, issues of trust, ethics, and cyber risks. The conclusion is drawn that «digital diplomacy» represents a fundamental change in international relations. For its effective use, states must develop comprehensive strategies, invest in personnel training, and actively participate in the governance of global digital space, as foreign policy without a digital component becomes weak and ineffective.

Keywords: digital diplomacy, foreign policy, information technologies, social networks, soft power, cybersecurity.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон**: (+992) 100 40 40 00**, E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**

Музаффарова Бону Холмуродовна **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.D. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров 16. E-mail: **bonumuzafarzoda@gmail.com**

Сведения об авторах: ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** - Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, профессор кафедры новая и новейшая история зарубежных стран, **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17, Телефон: **(+992) 100 40 40 00**, E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**
Музаффарова Бону Холмуродовна **–** Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 735360, город Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова. 16. E-mail: **bonumuzafarzoda@gmail.com**

Information about the authors: ***Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich*** – Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of Modern and Contemporary History of Foreign Countries. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 100 40 40 00**, E-mail**: tursunov-murod@mail.ru**
Muzaffarova Bonu Kholmurodovna **-** Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki **,** Ph.D candidate. **Address**: 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S.Safarov Street 16. E-mail: **bonumuzafarzoda@gmail.com**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 28.09.2026

ТДУ: 341.176:331.1

СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТ ҲАМЧУН НИЗОМИ МЕЪЁРӢ ВА МУАССИСАВИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ: ТАШАККУЛ, ТАҲАВВУЛ ВА ЧОЛИШҲОИ МУОСИР (1919–2025)

Салимов Ф.Н., Ашуров У.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷаҳонишавии иқтисод, масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлатҳо табдил ёфтааст. Дар ин замина Созмони байналмилалии меҳнат ҳамчун ниҳоди калидии низоми байналмилалӣ барои таҳия, қабул ва татбиқи меъёрҳои меҳнатӣ нақши марказӣ мебозад.

Дараҷаи омӯзиши масъала. Масъалаҳои марбут ба ташаккул, таҳаввул ва фаъолияти Созмони байналмилалии меҳнат дар осори муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар корҳои илмии Ф.Мопэн, А.Требилкок ва М.В.Шмаков ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии фаъолияти СБМ таҳлил шудаанд. Дар муҳити илмии Тоҷикистон низ масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳуқуқи меҳнат ва ҳамкории байналмилалӣ тадриҷан аҳаммияти бештар пайдо намудаанд.

Ҳадафи тадқиқот. Ҳадафи асосии мақолаи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи раванди ташаккул ва таҳаввули Созмони байналмилалии меҳнат ҳамчун низоми меъёрӣ ва муассисавии танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муайян намудани аҳаммияти амалии он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд: таҳқиқи марҳилаҳои асосии рушди таърихии СБМ; омӯзиши механизми меъёрсозӣ ва назорати иҷро; арзёбии нақши низоми сегона (трипартизм); таҳлили чолишҳои муосир дар бозори меҳнат; ва баррасии имкониятҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБМ.

Методологияи тадқиқот. Асоси методологии мақола ба усулҳои таърихӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, институционалӣ ва таҳлили санадҳои меъёрии байналмилалӣ такя менамояд.

Навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ. Навоварии илмии мақола дар таҳлили мукаммали фаъолияти СБМ дар иртибот бо тағйироти муосири низоми ҷаҳонии меҳнат ифода меёбад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он метавонанд барои такмили сиёсати меҳнатӣ, муҳоҷиратӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) яке аз қадимтарин ниҳодҳои низоми бисёрҷонибаи байналмилалӣ буда, аз соли 1919 то имрӯз дар ташаккули «меъёрҳои байналмилалии меҳнат» ва пешбурди адолати иҷтимоӣ нақши марказӣ мебозад. Хусусияти фарқкунандаи СБМ аз дигар сохторҳои низоми СММ дар он аст, ки он «муассисаи ягонаи сегонаи СММ» мебошад: дар идоракунӣ ва қабули қарорҳо на танҳо давлатҳо, балки намояндагони корфармоён ва коргарон низ иштирок мекунанд [5].

Таъсисёбии СБМ бо анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон ва ворид шудани масъалаи «меҳнат» ба рӯзномаи сиёсии байналмилалӣ иртиботи мустақим дорад. Қисми XIII Шартномаи Версал (1919) муҳтавои конститутсионии СБМ-ро ба сифати посух ба хавфи «беадолатиҳои иҷтимоӣ» ва таҳдидҳои амниятӣ таҳким бахшид; минбаъд ин матн ҳамчун ҳуҷҷати мустақилияти ҳуқуқӣ-меъёрии конститутсионӣ борҳо ислоҳ шуда, имрӯз низ асоси ҳуқуқии фаъолияти СБМ ба шумор меравад [22; 7].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, афзоиши иқтисоди ғайрирасмӣ, рақамисозии бозори меҳнат, муҳоҷирати фаромиллӣ ва бархӯрди манфиатҳои геоиқтисодӣ, масъалаи қобилияти СБМ барои ҳамзамон «меъёрсозӣ» ва «назорати иҷро» аз нав аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, самаранокии ин низом бо масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, бехатарии меҳнат, баробарии имкониятҳо ва муборизаи бо шаклҳои нави истисмор пайваст аст [2, -С. 5–13]. Дар адабиёти илмӣ СБМ ҳам ҳамчун «низоми меъёрии байналмилалӣ» ва ҳам ҳамчун «майдони музокироти иҷтимоӣ» шарҳ дода мешавад. Баҳси муҳим ба тавозуни

байни меъёрҳои умумӣ ва гуногунрангии иқтисодиву фарҳангии кишварҳо, инчунин ба табиати ҳуқуқии Эъломияи СБМ аз соли 1998 дахл дорад. Таҳлили Ф. Мопэн аз он шаҳодат медиҳад, ки Эъломияи соли 1998 метавонад иқтидори назарраси умумисозии ҳуқуқҳои меҳнатиро дошта бошад, аммо танҳо дар сурате, ки он бо механизмҳои назорат ва ҳамкории техникӣ пайваст карда шавад [20, С. 439–465].

Аз ҷониби дигар, тадқиқоти А. Требилкок нишон медиҳад, ки рӯзномаи «меҳнати шоиста» (Decent Work) маҳз бо тавсеаи нигариш ба меҳнат дар иқтисоди ғайрирасмӣ ва дар қишрҳои осебпазир маънои амалӣ пайдо мекунад; ин раванд барои кишварҳое, ки қисмати назарраси шуғл дар бахши ғайрирасмӣ ё муҳоҷирати меҳнатӣ ҷойгир аст, муҳим мебошад [23]. Дар таърихнигории муосири ватанӣ масъалаи робитаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо меъёрҳои байналмилалии меҳнат тадриҷан ба самти мустақили таҳлил табдил меёбад. Масалан, дар таҳлили назариявии мафҳум ва шаклҳои муҳоҷират нишон дода мешавад, ки муҳоҷирати байналмилалӣ ҳамчун раванди фаромиллӣ ба низоми муассисаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва сиёсати давлатӣ пайваст аст [2, -С. 5–13].

Дар сатҳи сиёсати хориҷӣ, тамоюли дипломатияи Тоҷикистонро таҳлил карда, ба аҳаммияти ҳамкории бисёрҷониба ва иштироки фаъол дар ташкилотҳои байналмилалӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ таъкид мекунанд [3, - С. 300–307]. Ин хулоса барои фаҳмидани ҷойгоҳи СБМ дар сиёсати хориҷӣ ва «дипломатияи иҷтимоӣ» (social diplomacy) низ муҳим аст: меъёри ягонаи меҳнатӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар амал ба музокироти байнидавлатӣ, созишномаҳои дуҷониба ва рӯзномаи амнияти инсонӣ пайваст мешаванд.

Дар таърихнигории русзабон низоми шарикии иҷтимоии сеҷониба ҳамчун «низоми таърихӣ санҷидашуда» барои коҳиши зиддиятҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва баланд бардоштани пешгӯишавандагии рушди бозори меҳнат шарҳ дода мешавад. М.В. Шмаков таҷрибаи садсолаи СБМ-ро ҳамчун намунаи муассисавии муколамаи иҷтимоӣ тавсиф намуда, нишон медиҳад, ки дар шароити тағйироти технологӣ ва ҷаҳонишавӣ низ муколамаи сегона метавонад омили устуворӣ гардад [4, -С. 236–240].

Мақсади мо – таҳлили таърихӣ ва муассисавии СБМ ҳамчун низоми меъёрӣ ва муассисавии танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муайян кардани дарсҳои асосӣ барои сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барои иҷрои ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта мешаванд: (1) нишон додани марҳилаҳои асосии ташаккул ва тағйирёбии муассисаҳои СБМ (1919–2025); (2) тавсифи воситаҳои меъёрсозӣ (конвенсияҳо, протоколҳо, тавсияномаҳо) ва ҷойгоҳи «конвенсияҳои асосӣ»; (3) таҳлили низоми назорат (гузоришдиҳӣ, гурӯҳи коршиносон, расмиёти шикоят); (4) баррасии чолишҳои муосир ва афзалиятҳои ҳамкории Тоҷикистон бо СБМ. Усулшиносӣ ба равиши таърихӣ-инкишофӣ, таҳлили муассисавӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ ва таҳлили матнии санадҳои меъёрӣ такя мекунад. Манбаъҳои асосӣ – Конститутсияи СБМ, Эъломияҳои асосӣ, маводи расмии СБМ ва ҳуҷҷатҳои барномавии ҳамкории кишварӣ мебошанд.

Заминаҳои таърихии ташаккули Созмони байналмилалии меҳнат (1919–1945). СБМ дар низоми Лигаи Миллатҳо ҳамчун «сохтори доимӣ» барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ таъсис ёфт. Мантиқи таъсис ба он асос меёфт, ки амнияти байналмилалӣ танҳо бо воситаи шартномаҳои сиёсӣ таъмин намешавад; баръакс, ноадолатии меҳнатӣ метавонад ба нооромӣ, ифротишавӣ ва низоъҳои фаромиллӣ оварда расонад. Ин нуқта дар Муқаддимаи Конститутсияи СБМ ва матни Қисми XIII Шартномаи Версал инъикос шудааст [4; 22]. Аз нигоҳи ниҳодӣ, соли 1919 ду навоварии калидӣ ҷорӣ гардид: а) меъёрсозии байналмилалӣ дар шакли санадҳои ҳуқуқии махсус (конвенсияҳо ва тавсияномаҳо); б) меъёри сегона (трипартизм), ки иштирок ва масъулияти се ҷониб – ҳукумат, корфармо ва коргарро дар раванди меъёрсозӣ ва идоракунӣ таъмин мекунад. Маҳз меъёри сегона ба СБМ имкон медиҳад, ки меъёрҳои қабулшуда на танҳо ҳамчун «иродаи давлатҳо», балки ҳамчун натиҷаи музокироти иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ дарк карда шаванд [5]. Дар давраи байниҷангӣ фаъолияти СБМ асосан ба таҳияи меъёрҳои ибтидоӣ дар масъалаҳои вақти кор, ҳифзи меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳуқуқи созмонёбӣ равона буд. Ҳарчанд ин марҳила бо маҳдудиятҳои сиёсӣ (бӯҳронҳои иқтисодӣ, таҳкими низомҳои худкома) ҳамроҳ гардид, таҷрибаи муассисавӣ ва ҳуқуқии он барои давраи баъдӣ замина гузошт. Аз назари таърихӣ, маҳз солҳои 1919–1945 давраи «муассисасозӣ» ва ташаккули фарҳанги меъёрсозии СБМ мебошад. Дар давраи Ҷанги

дуюми ҷаҳон ва баъди он СБМ мавқеи худро ҳамчун ниҳоде, ки метавонад рӯзномаи ҳуқуқҳои иҷтимоиро ба низоми нави байналмилалӣ ворид созад, тақвият дод. Эъломияи Филаделфия (1944) ҳадафҳо ва меёъёрҳои ташкилотро аз нав таъриф кард: аз ҷумла, ғояи он ки «меҳнат мол нест», инчунин зарурати баробарии имконият ва таъмини шароити зиндагии сазовор дар марказ қарор гирифт [10].

Ниҳодинагардӣ дар низоми СММ ва васеъ гардидани салоҳиятҳо (1946–1998). Пас аз таъсиси Созмони Милали Муттаҳид СБМ мақоми худро ҳамчун ниҳоде, ки «меъёрҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ»-ро пеш мебарад, нигоҳ дошт ва ба сифати яке аз аввалин муассисаҳои махсусгардонидашудаи СММ фаъолияти худро идома дод. Аз ин нуқта, СБМ ба як қисми воситаи умумии идоракунии байналмилалӣ табдил ёфт, ки дар он ҳам меъёрсозӣ (hard law) ва ҳам ҳамкории техникӣ (capacity building) нақши ҳамдигарро пурра мекунанд [5]. Ҷоизаи сулҳи Нобел дар соли 1969 ба СБМ «барои эҷоди қонунгузории байналмилалӣ, ки меъёрҳои муайяни шароити меҳнатро дар ҳар кишвар таъмин мекунад», дода шуд. Ин воқеа на танҳо рамзи эътирофи саҳми таърихии ташкилот, балки ишораи он аст, ки нгизомӣ меъёрии меҳнатӣ ҳамчун унсури амнияти инсонӣ ва сулҳи устувор дарк мегардад [21]. Солҳои 1946–1990-ум СБМ аз «муассисаи соҳавӣ» ба низоми мураккаби ҳуқуқӣ-муассисавӣ табдил ёфт, ки доираи васеи масъалаҳоро фаро мегирад: ҳуқуқҳои асосӣ дар ҷои кор, сиёсати шуғл, ҳифзи иҷтимоӣ, бехатарӣ ва ҳифзи саломатӣ, маъмурияти меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра. Нуқтаи муҳим он аст, ки СБМ дар ин давра на танҳо меъёрҳои нав қабул мекард, балки воситаҳои назоратии худро низ таҳким медод, то «фарқияти байни қабул ва татбиқ»-ро кам намояд. Бо вуҷуди ин, охири асри XX бо баҳсҳои нав рӯ ба рӯ шуд: афзоиши рақобати ҷаҳонӣ, фишор ба бозорҳои меҳнат ва талош барои «кам кардани хароҷоти иҷтимоӣ» дар баъзе кишварҳо. Дар чунин шароит СБМ ба масъалаи муайян кардани «ҳадди ақали иҷтимоии ҷаҳонӣ» рӯ овард, ки дар натиҷа дар соли 1998 Эъломияи СБМ дар бораи меъёрҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар ҷои кор қабул гардид [13].

3. Низоми меъёрсозӣ: конвенсияҳо, протоколҳо, тавсияномаҳо ва «меъёрҳои асосӣ». СБМ меъёрҳои байналмилалии меҳнатро дар шакли санадҳои ҳуқуқии махсус қабул мекунад. Тибқи тавзеҳоти расмии СБМ, конвенсияҳо ва протоколҳо – шартномаҳои байналмилалии ҳатмӣ мебошанд, ки пас аз тасдиқи расмӣ барои давлат уҳдадории ҳуқуқӣ эҷод мекунанд; тавсияномаҳо бошад, санадҳои ғайриҳатмӣ буда, ҳамчун роҳнамо барои сиёсати миллӣ хизмат мекунанд [8]. Барои фаҳмиши табиати низоми меъёрсозӣ муҳим аст, ки дар Конститутсияи СБМ меъёри «пешниҳод» (submission) муқаррар шудааст: ҳар як узв уҳдадор аст, ки санадҳои қабулшударо ба мақомоти салоҳиятдори миллӣ барои баррасӣ пешниҳод намояд. Ин талабот аз як тараф, роҳро барои мутобиқсозии меъёрҳо ба шароити миллӣ мекушояд, аз тарафи дигар, меъёрҳои СБМ-ро ба рӯзномаи сиёсати дохилии кишварҳо ворид месозад ва низоми ҳисоботдиҳиро фаъол мекунад [7]. Дар амал, СБМ як «низоми зинавии меъёрӣ» (normative hierarchy) ба вуҷуд овардааст, ки дар он гурӯҳи «конвенсияҳои асосӣ» (fundamental conventions) ҳамчун сутуни арзишии низом хизмат мекунад. Эъломияи соли 1998 ин «меъёрҳои асосӣ»-ро бо чаҳор самти калидӣ пайваст кард: озодии иттиҳодияҳо ва ҳуқуқи музокироти гурӯҳи; барҳам додани меҳнати маҷбурӣ; барҳам додани меҳнати кӯдакон; бартараф кардани табъиз дар шуғл ва касб. Дар соли 2022 ба ин рӯйхат «муҳити кории бехатар ва солим» низ ҳамчун меъёри асосӣ илова гардид [13; 11]. Барои мақсадҳои таҳлил, дар ҷадвали 1 рӯйхати «конвенсияҳои асосӣ»-и СБМ ҷамъбаст карда мешавад. Ин рӯйхат дар маводи расмии СБМ мунтазам такрор мегардад ва ҳамчун нуқтаи истинод барои баҳодиҳии сиёсати меҳнатии давлатҳо истифода мешавад. [11]

Ҷадвали 1. Конвенсияҳои асосии СБМ (fundamental conventions) ва самтҳои онҳо

№	Рамз ва сол	Номгӯи санад	Самти меъёрӣ
1	C029 (1930)	Конвенсияи меҳнати маҷбурӣ, 1930 (№ 29)	Барҳам додани меҳнати маҷбурӣ
2	C105 (1957)	Конвенсияи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ, 1957 (№ 105)	Барҳам додани меҳнати маҷбурӣ
3	C087 (1948)	Конвенсияи озодии иттиҳодияҳо ва ҳифзи ҳуқуқи ташкилёбӣ, 1948 (№ 87)	Озодии иттиҳодияҳо
4	C098 (1949)	Конвенсияи ҳуқуқи ташкилёбӣ ва музокироти	Музокироти

		гурӯҳӣ, 1949 (№ 98)	коллективӣ
5	C100 (1951)	Конвенсияи музди баробар, 1951 (№ 100)	Баробарӣ ва табъиз
6	C111 (1958)	Конвенсияи табъиз (шуғл ва касб), 1958 (№ 111)	Баробарӣ ва табъиз
7	C138 (1973)	Конвенсияи синни ҳадди ақали кор, 1973 (№ 138)	Барҳам додани меҳнати кӯдакон
8	C182 (1999)	Конвенсияи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон, 1999 (№ 182)	Барҳам додани меҳнати кӯдакон

Муасисисаҳои меъёрсозӣ ва натиҷаи ҳамкории сеҷониба. Қабули конвенсияҳо ва тавсияномаҳо дар Конференсияи байналмилалии меҳнат (International Labour Conference) анҷом меёбад. Низоми баррасӣ, баҳс ва овоздиҳӣ ба намунаи сегона такя мекунад: ҳайатҳои миллӣ аз чор намоянда (ду намояндаи ҳукумат, як намояндаи корфармоён ва як намояндаи коргарон) иборат буда, ҳар кадоми онҳо дар овоздиҳӣ ҳуқуқи мустақил доранд. Дар ин тарҳ меъёрсозӣ на ҳамчун амали яктарафаи давлат, балки ҳамчун раванди муколамаи иҷтимоӣ дар сатҳи байналмилалӣ ташаккул меёбад [5; 7]. Ба ҷуз Конференсия, Шӯрои идоракунанда (Governing Body) ва Дафтари байналмилалии меҳнат (International Labour Office) низ дар даври меъёрсозӣ нақш доранд: Шӯро мавзуъҳои рӯзномаи меъёрсозӣ ва таҳияи лоиҳаҳоро ҳамоҳанг мекунад, дар ҳоле ки Дафтар ҳамчун сохтори иҷроия таҳқиқот, экспертиза ва тайёр кардани лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳоро таъмин менамояд. Ин таркиби сегонаи муасиссаҳо аз Конститутсияи СБМ бармеояд ва ба «давомнокӣ»-и низоми меъёрӣ мусоидат мекунад [Ҳамон ҷо]. Муҳим аст таъкид шавад, ки низоми ҳамкории сегонаӣ на танҳо низом, балки «фалсафаи идоракунӣ» аст: он равандҳои мувозинати манфиатҳоро инъикос намуда, ба меъёрҳои қабулшуда қонуният ва қобилияти татбиқ медиҳад. Ҳамзамон, низоми сегона метавонад ҳангоми ихтилофи манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба сустшавии меъёрсозӣ оварда расонад, аз ин рӯ СБМ аксаран ба «санадҳои ҳатмӣ ва роҳнамоҳои ғайриҳатмӣ» (conventions + recommendations) рӯ меорад.

Низоми назорат ва иҷро: аз гузоришдиҳӣ то расмиёти шикоят. Самаранокии меъёрҳои байналмилалӣ аз он вобаста аст, ки чӣ гуна онҳо дар сатҳи миллӣ татбиқ мешаванд. СБМ барои «пур кардани фосила» байни меъёр ва амал низоми махсуси назоратӣ (supervisory system) дорад, ки ба гузоришдиҳии даврӣ, баҳодиҳии мустақилонаи коршиносон ва тартиботи расмии баррасии ҳолатҳои вайронкунӣ такя мекунад [6]. Тибқи тартиботи муқаррарнамудаи СБМ, пас аз тасдиқи расмии конвенсия давлат уҳдадор аст, ки дар бораи чораҳои татбиқ дар қонунгузорӣ ва амалия мунтазам гузориш пешниҳод кунад. Бар асоси иттилооти расмии СБМ, барои «даҳ конвенсияи асосӣ» ва «чор конвенсияи идоракунӣ» гузоришҳо одатан ҳар се сол пешниҳод мешаванд, дар ҳоле ки барои дигар конвенсияҳо даври гузоришдиҳӣ метавонад то шаш солро фаро гирад; инчунин дар ҳолатҳои муайян гузоришҳо бо басомади бештар талаб карда мешаванд. [6] Маркази ин низом Гурӯҳи коршиносон оид ба татбиқи конвенсияҳо ва тавсияномаҳо (CEACR) мебошад, ки аз ҳуқуқшиносони мустақили сатҳи баланд иборат аст. Гурӯҳ гузоришҳои ҳукуматҳоро таҳлил намуда, ду навъи шарҳ медиҳад: «мушоҳидаҳо» (observations), ки дар ҳисоботи солона нашр мешаванд ва одатан масъалаҳои ҷиддӣ ё низомиро дар бар мегиранд, ва «дархостҳои мустақим» (direct requests), ки хусусияти техникӣ дошта, ба ҳукуматҳо мустақиман ирсол мешаванд [Ниг. ҳамон ҷо].

Қуввати «назорати СБМ» пеш аз ҳама дар табиати ҷамъиятӣ ва муколамаи он аст: гурӯҳҳои корфармоён ва коргарон ҳуқуқ доранд ба гузоришҳои давлатӣ шарҳ пешниҳод кунанд, ин шарҳҳо ба сатҳи байналмилалӣ мебароянд ва метавонанд ба баррасии Конференсияи байналмилалии меҳнат расанд. Дар натиҷа, ҳатто дар шароите, ки СБМ ваколати маҳдудкунанда ба маънои классикии ҳуқуқи байналмилалиро надорад, фишори ниҳодӣ ва маънавӣ (naming and shaming), инчунин пайвастшавӣ ба ҳамкории техникӣ ба амал меояд [ҳамон ҷо]. Илова бар назорати «муқаррарӣ», Конститутсияи СБМ расмиёти «намояндагӣ» ва «шикоят»-ро низ пешбинӣ мекунад, ки дар онҳо ташкилотҳои коргарӣ ва корфармоӣ метавонанд масъалаи иҷро нашудани уҳдадориҳоро ба сатҳи байналмилалӣ бардоранд. Дар амал, ин расмиётҳо ҷузъи муҳими қонунмандсозии иҷтимоӣ ва ҷавобгарии давлатҳо дар соҳаи меҳнат гардидаанд [7].

5. Рӯзномаи «Меҳнати шоиста»: аз меъёрсозӣ то сиёсати ҷамъбастӣ. Дар охири солҳои 1990-ум СБМ ба хулоса омад, ки танҳо бо васеъ кардани рӯйхати конвенсияҳо наметавон ба масъалаҳои муосири бозори меҳнат посух дод. Аз ин рӯ консепсияи «меҳнати шоиста» (Decent Work) ҳамчун ҳадафи ҷамъбастӣ пешниҳод гардид, ки чаҳор сутуни асосиро муттаҳид мекунад: (1) ҳуқуқҳо дар ҷои кор; (2) шуғли самаранок ва устувор; (3) ҳифзи иҷтимоӣ; (4) гуфтугӯи иҷтимоӣ. Ин консепсия дар санадҳои барномавии СБМ ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии меъёрсозӣ, сиёсати давлатӣ ва ҳамкории техникӣ ташаккул ёфтааст [9]. Аз нигоҳи ниҳодӣ, рӯзномаи «меҳнати шоиста» нишон медиҳад, ки СБМ ба модели «ҳукмронии меъёрӣ + сиёсати барномавӣ» мегузарад. Масалан, дар сатҳи кишварӣ СБМ Барномаҳои кишварии «Меҳнати шоиста» (DWCP)-ро ҳамчун асбоби банақшагирӣ истифода мекунад, ки онҳо бо иштироки се ҷониб таҳия шуда, ба нақшаҳои миллии рушд ва санадҳои банақшагирии СММ пайваст мешаванд [5]. Таҳлилҳои илмӣ аксаран қайд мекунанд, ки «меҳнати шоиста» барои иқтисодҳои дорои бахши ғайрирасмӣ аҳаммияти махсус дорад: дар чунин кишварҳо ҳифзи иҷтимоӣ, назорати меҳнат ва баробарии имкониятҳо бештар аз меъёрсозии «классикӣ» вобаста ба иқтидори ниҳодҳои миллӣ мебошад [23].

Меҳнати маҷбурӣ ва «муосиршавии истисмор»: чолиши доимӣ барои низоми байналмилалии меҳнат. Яке аз самтҳои классикӣ ва ҳамзамон муосири рӯзномаи СБМ мубориза бо меҳнати маҷбурӣ мебошад. Дар таърихи меъёрсозӣ, Конвенсияи № 29 (1930) ва баъдан Конвенсияи № 105 (1957) асоси ҳуқуқиро барои манъи меҳнати маҷбурӣ гузоштанд. Аммо рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, занҷирҳои таъминот, муҳоҷирати фаромиллӣ ва иқтисоди пинҳонӣ боис гардиданд, ки шаклҳои нави меҳнати маҷбурӣ (аз ҷумла қочоқи одамон барои истисмор) дар бисёр кишварҳо боқӣ монанд ё ҳатто афзоиш ёбанд.

Ҳисоботи «Global Estimates of Modern Slavery» (2022), ки аз ҷониби СБМ таҳия шудааст, нишон медиҳад: дар соли 2021 тақрибан 50 миллион нафар дар «ғуломии муосир» қарор доштанд; аз онҳо 28 миллион нафар дар меҳнати маҷбурӣ ва 22 миллион нафар дар никоҳи маҷбурӣ қарор гирифтаанд. Ин маълумот ба хулосаи нороҳаткунанда меорад: сарфи назар аз рушди меъёрҳои байналмилалӣ, истисмор дар шаклҳои нав мутобиқ мешавад ва ба назорати муассир ниёз дорад [12]. Посухи муассисавии СБМ ба ин чолишҳо, аз ҷумла, дар қабули Протоколи соли 2014 ба Конвенсияи № 29 ифода ёфт. Протокол аз давлатҳо талаб мекунад, ки сиёсати миллӣ ва нақшаи амали мукаммалро барои пешгирӣ, ҳимояи қурбониён ва ҷуброни зарар таҳия кунанд, инчунин ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои касабаро дар мубориза бо меҳнати маҷбурӣ тақвият диҳанд [16; 15]. Дар баҳогузории сиёсӣ, Протоколи 2014 нишон медиҳад, ки СБМ ба таври фаъол аз «манъи меъёрӣ» ба «меъёрҳои татбиқӣ» мегузарад: яъне, меъёрҳо на танҳо амали манъкунандаро муқаррар мекунанд, балки маҷмуи воситаҳои иҷроиро (тафтиш, ҳимоя, барқарорсозӣ, ҷуброн, ҳамоҳангсозии идораҳо) низ талаб менамоянд. Барои кишварҳои дорои муҳоҷирати фаъол ва бахши ғайрирасмии васеъ, ин тағйирот махсусан мубрам аст, зеро хатарҳои меҳнати маҷбурӣ аксаран дар бахшҳои ғайрирасмӣ ё дар марҳилаи миёнаравӣ ва корфармоии ғайриқонунӣ пайдо мешаванд [ниг.: 2].

Тавсеаи меъёрҳо ба чолишҳои иҷтимоӣ: Конвенсияи № 190 дар бораи зӯроварӣ ва озор (2019). Яке аз нишонаҳои «пешрафти рӯзномаи меъёрҳо» дар асри XXI қабули Конвенсияи №190 (2019) ва Тавсияномаи №206 дар бораи зӯроварӣ ва озор дар ҷаҳони кор мебошад. СБМ ин санадро ҳамчун аввалин шартномаи байналмилалӣ арзёбӣ мекунад, ки ҳуқуқи ҳар шахсро ба муҳити корӣ озод аз зӯроварӣ ва озор, аз ҷумла зӯроварӣ ва озори гендерӣ, ба таври мустақим эътироф менамояд [19]. Аз нуқтаи назари ниҳодӣ, пайдоиши Конвенсияи №190 ба он ишора мекунад, ки СБМ ба масъалаҳои «сифати муҳити кор» ҳамчун унсури ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи бештар медиҳад. Ин раванд бо тағйироти сохтории бозори меҳнат (афзоиши бахши хизматрасонӣ, меҳнати ғайристандартӣ, ҷойҳои корӣ осебпазир) ва ҳамчунин бо талаботи сиёсати баробарҳуқуқӣ мувофиқ аст. Аз рӯйи мантиқи низоми меъёрии СБМ, қабули чунин санадҳо танҳо қадами аввал аст; қадами дуюм – тасдиқи расмӣ ва татбиқи миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои кишварҳое, ки мехоҳанд ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ шаванд, муҳим аст, ки қонунгузорӣ ва амалияи дохилӣ дар соҳаи пешгирӣ ва баррасии ҳолатҳои зӯроварӣ ва озор, аз ҷумла дар ҷойҳои корӣ ғайрирасмӣ ва дар иқтисоди муҳоҷиратӣ, таҳким дода шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми СБМ: иштирок, уҳдадориҳо ва имкониятҳои сиёсати давлатӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқлолият ба низоми меъёрҳои байналмилалии меҳнат тадриҷан ворид гардид. Тибқи маълумоти профили кишварӣ дар NORMLEX, Тоҷикистон узви СБМ аз 26 ноябри соли 1993 мебошад[14]. Низоми иштирок на танҳо аз аъзогӣ, балки аз ҳаҷми ратификацияҳо ва сифат/самаранокии татбиқи онҳо вобаста аст. Тибқи маълумоти NORMLEX, Тоҷикистон то имрӯз 50 конвенсия ва 1 протоколро расмӣ тасдиқ кардааст; қисми зиёди ин санадҳо дар амал мавриди амал қарор доранд. Ин нишон медиҳад, ки Тоҷикистон аз лиҳози ҳуқуқӣ ба қисми назарраси меъёрҳои байналмилалии меҳнат пайваст шудааст, аммо масъалаи калидӣ ҳамеша дар сатҳи «амалисозӣ дар амал» боқӣ мемонад[ниг.: 14]. Дар сатҳи сиёсати барномавӣ, ҳамкории Тоҷикистон ва СБМ тавассути Барномаи кишварии «Меҳнати шоиста» амалӣ мегардад. DWCP Тоҷикистон барои солҳои 2020–2024, ки аз ҷониби СБМ ва шарикони сегонаи миллӣ таҳия шудааст, афзалиятҳоро дар самтҳои шуғл, ҳифзи иҷтимоӣ, беҳсозии бозори меҳнат ва таҳкими гуфтугӯи иҷтимоӣ муайян мекунад [9]. Ҳамзамон, дар сомонаи расмии СБМ қайд мегардад, ки шарикони сегона дар Тоҷикистон бо СБМ «Нақшаи амал оид ба меҳнати шоиста барои солҳои 2025–2026»-ро имзо кардаанд. Ин далел гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамкорӣ хусусияти устувор гирифта, ба рӯзномаи «ояндаи меҳнат» (future of work) низ ворид мешавад [17].

Муассисасозии сегона дар сатҳи миллӣ танҳо мафҳуми назариявӣ нест: дар Тоҷикистон он тавассути баргузории ҷаласаҳои Комиссияи себонибаи ҳамоҳангсозии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дигар механизмҳои шарикии иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Ин замина барои ҳамоҳангсозии сиёсати шуғл, музди меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ, бехатарии меҳнат ва ҳамчунин масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки барои иқтисоди миллӣ аҳаммияти стратегӣ доранд, имконияти муколамаи мунтазам фароҳам месозад [1]. Бо назардошти хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, барои Тоҷикистон чанд самти ниҳодӣ махсусан муҳим менамояд:

1) таҳкими воситаи гуфтугӯи иҷтимоӣ (соҳаи созишномаҳои умумисоҳавӣ ва рушди музокироти гурӯҳӣ);

2) боло бурдани сифати назорати меҳнат ва идоракунии хавфҳои меҳнати маҷбурӣ ва қочоқи одамон, аз ҷумла дар занҷирҳои таъминот ва миёнаравии ғайриқонунӣ;

3) мутобиқсозии меъёрҳои бехатарӣ ва ҳифзи саломатӣ ба меъёрҳо «меъёри асосӣ» (пас аз ислоҳи соли 2022);

4) ҳамгироии нишондиҳандаҳои «меҳнати шоиста» ба барномаҳои дарозмӯдати рушди миллӣ ва барномаҳои шуғл, инчунин ба сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ.

Марҳилаҳои асосии таҳаввули ниҳодҳои СБМ (1919–2025). Барои таҳкими мантиқи таърихӣ ва нишон додани «пайвастагии муассисавӣ» аз таъсис то имрӯз, ҷадвали 2 марҳилаҳои калидии таҳаввули СБМ-ро ҷамъбаст мекунад. Ин даврабандӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна СБМ ба масъалаҳои базавии шароити меҳнат равона буд, ба низоме табдил ёфт, ки имрӯз ҳам меъёрсозӣ, ҳам назорат ва ҳам сиёсати барномавиро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамоҳанг мекунад.

Ҷадвали 2. Даврабандии интихобии таҳаввули СБМ (1919–2025). [22;10;21;13; 18; 16; 19; 11; 17]

Сол	Воқеа / санад	Аҳаммияти муассисавӣ
1919	Қисми XIII Шартномаи Версал: таъсиси СБМ ва қабули Конститутсия	Оғози низоми меъёрии байналмилалии меҳнат; ҳамкории сетарафа.
1944	Эъломияи Филаделфия	Азнавтаърифкунии ҳадафҳо ва меъёрҳо; «меҳнат мол нест».
1946	Ҳамгироӣ ба низоми СММ (мақоми агенти махсусгардонида-шуда)	Пайвастшавӣ ба идораи ҷаҳонӣ ва ҳамкории рушд.
1969	Ҷоизаи сулҳи Нобел ба СБМ	Эътирофи саҳм дар мустаҳкам намудани сулҳ ва адолати иҷтимоӣ.
1998	Эъломияи СБМ дар бораи меъёрҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар ҷои кор	Консепсияи «меъёрҳои асосӣ» ва уҳдадории аъзогӣ.
1999	Тақдими рӯзномаи «меҳнати шоиста» (Decent Work)	Гузариш ба ҳадафи ҷамъбастӣ: ҳуқуқҳо, шуғл, ҳифзи иҷтимоӣ, гуфтугӯи иҷтимоӣ.
2014	Протокол ба Конвенсияи №29 дар бораи	Таваҷҷуҳ ба татбиқ ва ҳимояи қурбониён.

	меҳнати маҷбурӣ	
2019	Конвенсияи №190 дар бораи зӯроварӣ ва озор	Тавсеаи меъёрҳо ба масъалаҳои сифати муҳити кор.
2022	Ислоҳи Эъломияи 1998: иловаи «муҳити кории бехатар ва солим»	Тақвияти мақоми ҳифзи саломатӣ ҳамчун принсипи асосӣ.
2025	Таҳкими барномаҳои кишварӣ ва нақшаҳои амал дар кишварҳо (мисол: Тоҷикистон 2025–2026)	Такя ба DWCP ва воситаҳои банақшагирӣ барои татбиқ.

Хулоса. Таҳлил нишон медиҳад, ки Созмони байналмилалии меҳнат дар тули зиёда аз як аср ҳамчун «сутуни иҷтимоии низоми байналмилалӣ» ташаккул ёфтааст. Аз қисми XIII Шартномаи Версал то рӯзномаи «меҳнати шоиста», СБМ пайваста кӯшиш кардааст, ки арзишҳои адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои меҳнатиро ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои амалии татбиқ табдил диҳад.

Бартарии муассисавии СБМ дар ҳамкории сетарафа ва дар низоми назоратии нисбатан мукаммал зоҳир мегардад: гузоришдиҳӣ, CEACR ва расмиёти баррасии шикоятҳо имконият медиҳанд, ки масъалаҳои иҷро дар сатҳи байналмилалӣ ба таври мунтазам баррасӣ шаванд. Ҳарчанд ин меъёрҳо «таҳримҳои классикӣ» надоранд, онҳо ба воситаи шаффофият, муколама ва пайвастшавӣ ба ҳамкории техникӣ таъсири воқеӣ мерасонанд.

Дар айни замон, чолишҳои асри XXI – аз ҷумла меҳнати маҷбурӣ дар шаклҳои муосир, зӯроварӣ ва озор дар ҷойи кор, тағйироти сохтории бозори меҳнат ва рақамисозӣ – нишон медиҳанд, ки меъёрсозӣ бояд бо иқтидори татбиқ ва идоракунии хавфҳо якҷо рушд кунад. Ҳисоботи СБМ дар бораи «ғуломии муосир» ва қабули Протоколи 2014 намунаи ҳамин гузариш аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дар низоми СБМ пеш аз ҳама маънои «эҳтироми меъёрҳои қабулшуда» ва «тавсеаи иқтидори татбиқ» дорад. Аз рӯйи маълумоти NORMLEX, Тоҷикистон теъдоди назарраси санадҳоро қабул кардааст ва ҳамкории барномавӣ (DWCP, нақшаҳои амал) идома дорад. Минбаъд то соли 2030 тавсия дода мешавад: (1) нишондиҳандаҳои «меҳнати шоиста»-ро ба низоми банақшагирии давлатии шуғл ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ пайваст кардан; (2) рушди ниҳодҳои сегона ва фарҳанги музокироти гурӯҳиро тақвият додан; (3) назорати меҳнат ва пешгирии меҳнати маҷбуриро дар бахшҳои осебпазир (сохтмон, кишоварзӣ, хизматрасонӣ) пурзӯр намудан; (4) ба масъалаҳои бехатарӣ ва ҳифзи саломатӣ дар ҷои кор ҳамчун «меъёри асосӣ» таваҷҷуҳи афзалиятнок додан.

Таҳқиқоти мазкур дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зери унвони «Ҷумҳурии Тоҷикистон Трансформатсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии динамикаи минтақавии Осиёи Марказӣ» барои солҳои 2026-2030 омода карда шудааст.

Муқарриз: Мирзоев Х.Т. – н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Заседание Трёхсторонней Комиссии по координации социально-трудовых отношений в Республике Таджикистан // Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан. 20.02.2025. URL: https://fikmt.tj/?lang=ru&p=7284 (санаи мурољиат: 24.01.2026).
2. Салимов Ф.Н., Ашуров У.Б. Понятие и формы международной и внутренней миграции: теоретико-аналитический подход // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Исторические науки и археология. 2025. № 10. С. 5–13. URL: https://g.vestnik-tnu.com/vestnik/ 2025/10.pdf (санаи мурољиат: 24.01.2026).
3. Салимов Ф.Н. Приоритетные направления внешней политики Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Общественные науки. 2024. № 11. С. 300–307. URL: https://ec.vestnik-tnu.com/vestnik/2024/Vestnik-2024-11.pdf (санаи мурољиат: 24.01.2026).
4. Шмаков М.В. Система трипартизма: сто лет усилиям по повышению прогнозируемости и предсказуемости в социально-трудовых отношениях // Лихачевские чтения: доклады. 2019. С. 236–240. URL: https://www.lihachev.ru /pic/site/files/lihcht/2019/dokladi/SHmakovMV_plen_rus_izd.pdf (санаи мурољиат: 24.01.2026).
5. International Labour Organization. About the ILO [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/about-ilo (санаи мурољиат: 14.11.2025).
6. International Labour Organization. Committee of Experts on the Application of Conventions and Recommendations (CEACR) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/international-labour-standards/ilo-supervisory-system-

regular-supervision/committee-experts-application-conventions-and-recommendations-ceacr (санаи мурољиат: 24.01.2026).
7. International Labour Organization. Constitution (PDF) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/sites/default/files/2024-04/ILO%20 Constitution-2021-%5BJUR-210720-001%5D-Web-EN.pdf (санаи мурољиат: 24.01.2026).
8. International Labour Organization. Conventions, Protocols and Recommendations [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org /international-labour-standards/conventions-protocols-and-recommendations (санаи мурољиат: 24.10.2025).
9. International Labour Organization. Decent Work Country Programme of the Republic of Tajikistan 2020–2024 (PDF) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/sites/default/files/2024-04/DWCP%20Tajikistan%202020-2024.pdf (санаи мурољиат: 24.01.2026).
10. International Labour Organization. Declaration of Philadelphia (1944) (PDF) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/media/271816/download (санаи мурољиат: 24.01.2026).
11. International Labour Organization. Fundamental principles and rights at work (overview) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/topics-and-sectors/fundamental-principles-and-rights-work (санаи мурољиат: 24.01.2026).
12. International Labour Organization. Global Estimates of Modern Slavery: Forced Labour and Forced Marriage (overview page) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/publications/major-publications/global-estimates-modern-slavery-forced-labour-and-forced-marriage (санаи мурољиат: 24.01.2026).
13. International Labour Organization. ILO Declaration on Fundamental Principles and Rights at Work and its Follow-up (1998) (PDF) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/sites/default/files/2024-04/ILO_1998_Declaration_EN.pdf (санаи мурољиат: 12.01.2026).
14. International Labour Organization. NORMLEX: International labour standards country profile — Tajikistan [Электронный ресурс]. — URL: https://normlex.ilo. org/dyn/nrmlx_en/f?p=1000:11110:0::NO:11110:P11110_COUNTRY_ID,P11110_CONTEXT:103547,SC (санаи мурољиат: 24.01.2026).
15. International Labour Organization. Protocol of 2014 to the Forced Labour Convention, 1930 (P029) (PDF) // United Nations (DESA) repository [Электронный ресурс]. — URL: https://www.un.org/en/development/desa/population/migration/ generalassembly/docs/globalcompact/ILO_P_029.pdf (санаи мурољиат: 20.01.2026).
16. International Labour Organization. Protocol to the Forced Labour Convention (factsheet) (PDF) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org /media/419561/download (санаи мурољиат: 24.01.2026).
17. International Labour Organization. Tajikistan — ILO (country page) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/regions-and-countries/europe-and-central-asia/tajikistan (санаи мурољиат: 24.01.2026).
18. International Labour Organization. The Decent Work Agenda (background note) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/media/328766/download (санаи мурољиат: 24.01.2026).
19. International Labour Organization. Violence and Harassment Convention, 2019 (No. 190) (resource page) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.ilo.org/resource/ilc/108/violence-and-harassment-convention-2019-no-190 (санаи мурољиат: 20.01.2026).
20. Maupain F. The Real Potential of the 1998 ILO Declaration for the Universal Protection of Workers' Rights // European Journal of International Law. 2005. Vol. 16, No. 3. P. 439–465. URL: https://www.ejil.org/pdfs/16/3/303.pdf (санаи мурољиат: 24.01.2026).
21. Nobel Prize Outreach. The Nobel Peace Prize 1969 — International Labour Organization (ILO) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.nobelprize.org /prizes/peace/1969/summary/ (санаи мурољиат: 24.01.2026).
22. The Avalon Project (Yale Law School). Treaty of Versailles: Part XIII (Labour), 28 June 1919 [Электронный ресурс]. — URL: https://avalon.law. yale.edu/imt/partxiii.asp (санаи мурољиат: 24.01.2026).
23. Trebilcock A. Decent work and the informal economy // International Labour Review. 2005. Vol. 144, No. 2. (PDF) [Электронный ресурс]. — URL: https://www.econstor.eu/bitstream/10419/52876/1/48045437X.pdf (санаи мурољиат: 12.01.2026).

СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТ ҲАМЧУН НИЗОМИ МЕЪЁРӢ ВА МУАССИСАВИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ: ТАШАККУЛ, ТАҲАВВУЛ ВА ЧОЛИШҲОИ МУОСИР (1919–2025)

Дар мақолаи мазкур Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ/MOT) ҳамчун низоми меъёрӣ ва муассисавии танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби муаллифон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар маркази таваҷҷуҳ инкишофи ниҳодҳои СБМ аз рӯзи таъсис (1919) то охири соли 2025, инчунин тағйироти рӯзмарра дар рӯзномаи меъёрҳои меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иқтисоди рақамӣ қарор дорад. Мақсади тадқиқот – ошкор кардани воситаҳои ташаккули меъёрҳои байналмилалии меҳнат (конвенсияҳо, протоколҳо, тавсияномаҳо), муайян кардани нақши сегона (ҳукумат–корфармо–коргар) дар қабули қарорҳо ва арзёбии самаранокии низоми назоратии СБМ (гузоришдиҳӣ, баҳодиҳии коршиносон, расмиёти шикоят). Базаи методологӣ аз равиши таърихӣ-ташаккул, таҳлили ниҳодӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ иборат мебошад. Дар қисми амалӣ мақола ба таҷрибаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБМ (аъзогӣ, тасдиқи рамии ҳуҷҷатҳо, Барномаи кишвории «Меҳнати шоиста») таваҷҷуҳ намуда, самтҳои афзалиятноки мутобиқсозии меъёрҳо ва таҳкими гуфтугӯи иҷтимоиро пешниҳод мекунад.

Калидвожаҳо: Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ/МОТ); меъёрҳои байналмилалии меҳнат; конвенсия; протокол; тавсиянома; сегона (трипартизм); назорати иҷро; меҳнати маҷбурӣ; меҳнати шоиста; Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВАК; Паёми ДМТ.

МОТ КАК НОРМАТИВНАЯ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ СИСТЕМА РЕГУЛИРОВАНИЯ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ: СТАНОВЛЕНИЕ, ЭВОЛЮЦИЯ И СОВРЕМЕННЫЕ ВЫЗОВЫ (1919–2025 ГГ.)

В данной статье авторы рассматривают Международную организацию труда (МОТ) как нормативно-институциональную систему регулирования трудовых отношений на международном уровне. Прослеживается эволюция ключевых институтов МОТ с момента основания (1919 г.) до конца 2025 г., раскрываются особенности трипартизма и механизма формирования международных трудовых стандартов. Отдельное внимание уделено надзорной системе МОТ (регулярные отчёты, Комитет экспертов, процедуры представлений и жалоб) и современным вызовам – расширению неформальной занятости, трансграничной трудовой миграции, цифровизации и рискам принудительного труда. На основе анализа документов МОТ и статистики ратификаций в NORMLEX даётся оценка участия Республики Таджикистан в системе международных трудовых стандартов и формулируются практические рекомендации по укреплению социального диалога и повышению качества имплементации стандартов.

Ключевые слова: Международная организация труда; международные трудовые стандарты; конвенции; протоколы; рекомендации; трипартизм; надзорная система; принудительный труд; достойный труд; Республика Таджикистан.

THE INTERNATIONAL LABOUR ORGANIZATION AS A NORMATIVE AND INSTITUTIONAL SYSTEM FOR REGULATING LABOUR RELATIONS: FORMATION, EVOLUTION AND CONTEMPORARY CHALLENGES (1919–2025)

In this article, the authors consider the International Labour Organization (ILO) as a normative and institutional system regulating labour relations at the international level. It traces the evolution of the ILO's core institutions from its establishment in 1919 to the end of 2025, highlighting the role of tripartism and the standard-setting process (Conventions, Protocols and Recommendations). Special attention is paid to the ILO supervisory machinery (regular reporting, the Committee of Experts, representation and complaint procedures) and to contemporary challenges such as informality, cross-border labour migration, digitalization and the persistence of forced labour. Drawing on ILO documents and NORMLEX ratification data, the paper assesses Tajikistan's engagement with international labour standards and proposes policy-oriented recommendations for strengthening social dialogue and improving national implementation.

Keywords: International Labour Organization; international labour standards; conventions; protocols; recommendations; tripartism; supervisory system; forced labour; decent work; Tajikistan.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Салимов Фаррух Насимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **(+992) 918-614-886**.
Ашуров Умедҷон Баҳридинович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **+992 900-01-92-95**.

Сведения об авторах:*Салимов Фаррух Насимович* – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 918-614-886**.
Ашуров Умедджон Бахридинович - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **+ 992 900 01 92 95.**

Information about the authors: ***Salimov Farrukh Nasimovich*** – Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-61-48-86.**
Ashurov Umedjon Bahridinovich - Tajik National University, is the doctoral student Ph.D at the Department of Diplomacy and Foreign Policy Republic of Tajikistan. 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: +992 900 01 92 95**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 30.06.2026
Аз тақриз баргашт: 29.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 28.09.2026

ТДУ: 930 (575.3) (470)

МЕХАНИЗМҲОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ “НЕРУИ НАРМ” -И ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Насридинзода М.Н., Ҳушанги А.Ғ.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима. Бо шуруи асри XXI дипломатияи мардумӣ ба таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид: воридшавии босуръати интернет ва технологияҳои рақамӣ ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири амиқ расонид. Ба доираҳои илмию мубоҳисавӣ истилоҳот ба монанди “дипломатияи мардумӣ”, “дипломатияи рақамӣ”, “дипломатияи шабакавӣ” “дипломатияи халқӣ” ва ғайраҳо ворид гардид, ки бевосита ба тағйирёбии механизмҳои татбиқи сиёсати хориҷии кишварҳо таъсир расонид.

Мавод ва усулҳо. Дар рафти омодасозии маводи мазкур методологияи хосси илмҳои таърихи муносибатҳои байналмилалӣ истифода шуда, методҳои таҳлил ва муқоисаи манбаъҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ истифода гардидаанд.

Муддате боз дипломатияи оммавии ШМА бо такя ба мафҳумҳои "Неруи нарм" ва "Неруи ҳушманд" амалӣ карда мешавад, ки бар асоси "хоҳиши ШМА барои васеъ кардани шумораи пайравони арзишҳои амрикоӣ дар хориҷа ва ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба рӯзномаи сиёсии пешниҳодкардаи Вашингтон нигаронида шудааст" [13, 125] асос ёфтаанд. Баъзе коршиносон, бесабаб нест, ки ин мафҳумҳоро ҳамчун "унсури стратегияи ШМА, ки ба нигоҳдории пешсафии худ дар ҷаҳон нигаронида шудааст", яъне "ҳам маҳсулоти назариявӣ ва ҳам амалӣ" мешуморанд.

Ҳарчанд, амрикоиҳо даъво мекунанд, ки дар марҳилаи аввал "Вашингтон аз равиши геополитикӣ ба Осиёи Марказӣ ба манфиати сиёсати дарозмуддати дастгирии рушди низоми демократӣ, бозорҳои озод ва ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақа даст кашид" [5], равиши дар боло зикршуда комилан ба чаҳорчӯбаи як стратегияи мушаххаси геополитикӣ дар муддати тулонӣ мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки Вашингтон дар ин давра ба Осиёи Марказӣ афзалият надод. Афзоиши аҳаммияти минтақа дар чаҳорчӯбаи "Сиёсати ШМА дар Осиёи Марказӣ 2.0" ба амал омад.

Аз солҳои 90-уми асри гузашта дипломатияи мардумии ШМА дар Осиёи Марказӣ то ба ҳол татбиқ шуда истодааст. Вашингтон кӯшиш кард, ки аз холигии иттилоотӣ ва фарҳангие, ки дар минтақа ба вуҷуд омада буд, истифода бурда, фаъолона онро бо маҳсулоти расонаҳои оммавии амрикоӣ пур кунад. Амрикоиҳо дар саросари минтақа шабакаи васеи марказҳои захиравӣ таъсис додаанд, ки бо аҳолии дурдасттарин минтақаҳо фаъолона кор мекунанд. ШМА дар ин ҷо тақрибан панҷоҳ чунин марказ дорад ва муҳимтарини онҳо "Гӯшаҳои Амрико" номида мешаванд, ки 24-тои онҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мавҷуданд. [12, 75]

Ин "гӯшаҳо" ба паҳн кардани маълумот дар бораи сиёсати хориҷии Амрико, зиндагӣ, кор ва маориф дар ШМА машғуланд - яъне, умуман, он чизе, ки одатан қисми муқаррарии кор дар соҳаи дипломатияи мардумиро ташкил медиҳад.

Механизми дигари муҳимми дипломатияи мардумии ШМА дар минтақа созмонҳои ғайриҳукуматӣ мебошанд, ки дар соҳаҳои гуногун ҳам бо мақомоти давлатӣ ва ҳам бо расонаҳои мустақили маҳаллӣ ва/ё мухолиф ҳамкорӣ мекунанд. Ба гуфтаи Баҳриев Х.Б. дараҷаи "ҳамдардӣ"-и онҳо нисбат ба эҳсосоти мухолифин гуногун аст, гарчанде ки кӯшишҳо барои амал кардан ҳамчун ҳакам ё ҳатто бештар аз он, робита байни мақомоти расмӣ ва мухолифони онҳо тақрибан дар ягон давлати Осиёи Марказӣ муваффақ нашудааст. [8]

Дипломатияи мардумии ШМА дар Осиёи Марказӣ ҳамчун абзори расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ҳам андозагириҳои минтақавӣ ва ҳам ҷаҳониро доро мебошад. Ҳардуи ин андозагириҳо аз ҳам вобаста мебошанд, аммо ҳадафҳои минтақавӣ тағйирёбанда буда, ҳадафҳои сатҳи ҷаҳонӣ аксар вақт бетағйир боқӣ мемонад.

Парубочая Э.Ф. дар таҳқиқоти худ таъкид мекунад, ки “Стратегияи ҳамкориҳои минтақавии Вашингтон дар самти рушди Осиёи Марказӣ барои солҳои 2020-2025 татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои зиёдеро ба монанди Барномаи Media CAMP, Барномаи дастгирии

устуворӣ дар Осиёи Марказӣ, Барномаи “Шарикӣ барои инноватсия”, Лоиҳаи дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Барномаи беҳтар намудани муҳити ҳуқуқӣ ва ғайраҳоро фаро мегирад”. [10, 127]

Мақоми ҷомеаи шаҳрвандӣ, интихоботи шаффоф ва озодии баён ҳама масъалаҳои анъанавие ҳастанд, ки дипломатияи мардумии ШМА дар Осиёи Марказӣ бо истифода аз тамоми захираҳои мавҷудаи созмондиҳӣ ба онҳо таъкид мекунад. Масалан, аз аввали солҳои 2000-ум намояндагони “Корпуси Сулҳ” дар минтақа фаъол буданд, аммо таъкиди аз ҳад зиёди ин созмон ба демократия, ҳуқуқи инсон ва дигар масъалаҳои ҳассос ба воқеияти Осиёи Марказӣ боиси хуруҷи он аз минтақа гардид.

Айни замон, “Корпуси Сулҳ” танҳо дар Қирғизистон фаъолияташро идома медиҳад, аммо ҳатто дар он ҷо низ он гоҳ-гоҳ бо интиқодҳои шадиде рӯбарӯ мешавад, ки онро нодида гирифтан мумкин нест ва маҷбур мекунад, ки ба эҳсосот, шароит ва қоидаҳои ҷомеаи мизбон мутобиқ шавад. [8]

Истифодаи абзор ва механизмҳои фаъолияти ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ дар соҳаи дипломатияи мардумӣ, фаъолияти мақсаднок бо сохторҳои шаҳрвандӣва қобилияти таъсир расонидан ба онҳо аз воситаҳои таъсирноктарини дипломатияи мардумии ШМА маҳсуб меёбад. Татбиқи амалии механизмҳои дипломатияи мардумӣ аз ҷониби сохторҳои дахлдори ШМА ҷанбаҳои калидии худро дар минтақа доро буда, муваффақияти онҳо асосан аз ба назар гирифтани ниёзҳо ва махсусияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста аст. Дар ин самт Вашингтон дар алоқамандӣ бо шароити муайяни ҳар як кишвари минтақа аз абзорҳои хос истифода мебарад.

Аз ҳамаи барномаҳои татбиқшавандаи дипломатияи мардумии ШМА дар минтақа, ба Барномаи дастгирии ҷомаи шаҳрвандии Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи махсусро доро мебошад. Ин лоиҳа панҷ сол 2019-2024-ро фаро мегирифт, ки дорои буҷаи 18 млн доллар буда, аз ҷониби Фонди “Авруосиё” бо мақсади рушди ҷомеаи шаҳрвандии фаъол ва иттилоонидани насли нави пешвоён дар ин муҳит амалӣ шуд. [10, 130]

Барномаи "Инноватсияҳои иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ" ҳамчунин қисме аз самтҳои васеътар буда, ба рушди роҳбарони фаъоли ҷавон, тақвияти нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди сохтории созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар минтақа равона шудааст. Барномаи мазкур рушди салоҳиятнокиро фаро гирифта, ба густариши малакаҳои касбии мутақобилаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо гурӯҳҳои мақсаднок, кумаки коршиносӣ, аз ҷумла таҳияи стратегияи дарозмуддат барои барқарор кардани муносибатҳо бо гурӯҳҳои мақсаднок ва дигар ҷонибҳои манфиатдор равона шудааст. [7]

Соли 2021 барномаи мазкур барои кумак ба созмонҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати рушди бунёдӣ додани грантҳоеро (ба ҳисоби миёна 15000 дол) оғоз намуд, ки ба пур кардани холигиҳо ва иҷрои самараноки вазифаҳои онҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ равона шуда буд, ки он бевосита ба татбиқи сиёсати хориҷӣ ва манфиатҳои миллии ШМА муосидат менамуд.

Дар байни натиҷаҳо, таҳқиқот дар бораи имкониятҳои соҳибкории иҷтимоӣ дар Ӯзбекистон гузаронида шуд: 74 созмони ғайриҳукуматӣ аз Осиёи Марказӣ дар Барномаи рушди институтсионалӣ иштирок карданд ва 21 коршинос омӯзиши махсус гирифтанд. [7]

Барномаи “Шарикӣ барои инноватсия” ҷиҳати шароит фароҳам овардан дар қабули қарори сиёсӣ тавассути тавсеаи муколама миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ равона шуда буд. Вашингтон тавассути ин механизм кушиш менамуд, ки бо истифода аз беҳтарсозии мақоми ҷомеаи шаҳврандӣ, рушди салоҳиятҳою қобилиятҳои онҳо барои ҷалби мақомоти давлатӣ ба ҳамкорӣ ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир расонад. [12, 81]

Ҳамзамон, механизмҳои сиёсати “Неруи нарм”-и ШМА барои эҷод ва таҳкими робитаҳои дарозмуддат нигаронида шудаанд. Барои расидан ба ҳадафҳоигеополитикии худ субъектҳои гуногуни давлатии ШМА лоиҳаҳоеро амалӣ мекунанд, ки ҷиҳати нигоҳ доштани робитаҳои доимӣ миёни иштирокчиёни манфиатдори ҷомеаи шаҳрвандии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва муассисаҳои амрикоӣ нигаронида шудаанд.

Масалан, Фонди ШМА барои демократия ба хатмкунандагони барномаҳои таҳқиқотӣ ва таълимии Амрико грантҳои махсус медиҳад, то бо ШМА робитаҳоро нигоҳ доранд ва робитаҳоро бо ҳамтоёни амрикоии худ дар соҳаҳое, ки демократияро пеш мебаранд,

ташвиқ кунанд. Мавриди зикр аст, ки маблағгузориҳои маъмурияти ШМА ҷиҳати татбиқи сиёсати “Неруи нарм” дар кишварҳои минтақа ру ба афзоиш аст. Дар соли 2024 USAID ба рушди ин соҳа барои кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ 1,03 миллиард доллар ҷудо намуд. [6] Маблағи мазкур аз буҷаи соли 2023 тақрибан 3,7 миллион доллар бештар аст.

Ҳамин тариқ, барномаҳои ШМА барои рушди созмонҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун субъектҳои муҳим дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ки бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд, равона карда шудаанд, ки имкони таассубро дар марҳилаҳои муайяни ин фаъолият истисно намекунад. Афзоиши маблағгузории ШМА таваҷҷуҳи истеблишменти сиёсии ШМА-ро ба ин минтақа ва истифодаи абзорҳои дипломатияи мардумиро тасдиқ мекунад.

Ҳамзамон, таъсири иттилоотӣ тавассути истифодаи захираҳои маҳаллии расонаҳои Амрико низ афзоиш меёбад. Ин абзори охирин аст, ки имрӯз ба яке аз механизмҳои маъмултарин табдил меёбад. Илова бар ҳузури худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои интернетӣ, амрикоиҳо блогерҳо ва рӯзноманигорони мустақили онлайнро таълим медиҳанд. Internews Network, як созмони маъруфи ғайриҳукуматии амрикоӣ, дар ин соҳа бартарӣ дорад.

Он дар Қирғизистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон филиалҳо дорад. Мисли дигар созмонҳои ғайриҳукуматии амрикоӣ, он ба лоиҳаҳои рӯзноманигории онлайн тамаркуз мекунад ва ҷанбаҳои техникию ҳуқуқии эҷоди расонаҳои онлайн ва паҳн кардани дигар абзорҳоро барои рафъи монеаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ шарҳ медиҳад. Созмонҳои ғайриҳукуматии амрикоӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аксар вақт мутахассисони IT-ро аз ШМА даъват мекунанд, ки ба ҳамкорони маҳаллӣ лексияҳо мехонанд, семинарҳо мегузаронанд ва озмунҳо баргузор мекунанд. [11]

Барномаи Media CAMP дар Осиёи Марказӣ фаъолиятро оғоз намудааст, ки ба рушди муҳити мутавозини иттилоотӣ дар Қазоқистон, Тоҷикистон, Узбакистон, Қирғизистон ва Туркманистон равона шудааст. Барнома панҷ сол (аз 1 октябри соли 2018 то 30 сентябри соли 2023) бо буҷаи умумии 15 миллион доллар идома ёфт.

Аз ҷумлаи самтҳои маблағгузорӣ кумак ба расонаҳои хабарӣ дар эҷоди иттилоот дар бораи масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла саводнокии расонаҳо ва иттилоотӣ дар байни ҷавонон ва пиронсолон ва беҳтар кардани муҳити ҳуқуқии расонаҳо буданд, ки ба афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии сокинони кишварҳои минтақа таъсир мерасониданд. [9]

Объекти маблағгузориҳои ШМА ВАО-и маҳаллӣ мебошад, ки онҳо аввалан шумораи аудиторияи худро зиёд намуда, сониян бо онҳоро бо иттилооти иловагӣ маълумотнок менамоянд, ки ниҳоятан нисбат ба ҳукумат ва мардумони амрикоӣ некбин мешаванд. Ҳамчунин ба иттиҳодияи расонаҳои журналистика ва рузноманигорӣ диққати махсус ва дастгирии молиявӣ расонида мешавад, ки ба намояндагии манфиатҳои расонаҳо дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ва қонунгузорӣ равона шудааст.

Намояндагони амрикоӣ боварӣ доранд, ки тавассути омӯзиш, лоиҳаҳои иттилоотӣ ва семинарҳо ширкатҳои мустақили телевизион ва радио метавонанд ҳуқуқ ва манфиатҳои худро самараноктар ҳифз кунанд ва рӯзномаҳои худро ба мардум таблиғ кунанд. Қобили зикр аст, ки илова бар ташаббусҳои қонунгузорӣ дар бахши ВАО, нақшаҳо барои назорати татбиқи қонунҳои дахлдор ва ҷалби рӯзноманигорон ба гурӯҳҳои кории назораткунандаи татбиқи онҳо амалӣ карда мешаванд. [10, 132]

Тибқи маълумоти оморӣ, аз соли 2018 то 2021 дар доираи барномаи Media CAMP 1500 рузноманигор дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон ва Узбекистон омӯзиш дида, 41 агентиҳои иттилоотии ғайриҳукуматӣ дастгирии машваратӣ гирифтаанд. Дар соли таҳсили 2019/2020, 24 донишгоҳ дар Қазоқистон ва Тоҷикистон аз модулҳои дастури саводнокии ВАО-и Internews бо забонҳои русӣ, узбекӣ, қазоқӣ ва тоҷикӣ барои таҳияи барномаҳои таълимӣ ва курсҳо истифода бурданд, ки аллакай ба 1500 донишҷӯ фоида овардаанд. Ғайр аз ин, ба шаш ширкати ВАО аз Қазоқистон ва Тоҷикистон кумаки амрикоӣ расонида шуд. [14]

Ҳамчунин, 41 лоиҳаи истеҳсолӣ дар ВАО амалӣ карда шуданд, ки мавзуъҳои зеринро фаро мегирифтанд: зӯроварии гендерӣ, камбизоатӣ, дастрасӣ ба маориф, масъалаҳои ҷавонон ва шахсони дорои маълулияташон маҳдуд. Бо истифода аз захираҳои ШМА, шабакаи ҷомеаҳои рӯзноманигорӣ таъсис дода шуд, ки 90 рӯзноманигори шаҳрвандиро дар 27 шаҳр муттаҳид мекард ва 20 лоиҳаи муштарак байни оҷонсиҳои хабарӣ ва созмонҳои

ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Қазоқистон ва Тоҷикистон барои ҷалби мардум ба чорабиниҳои муҳими иҷтимоӣ анҷом дода шуданд. [9]

Барнома ба тағйироти назаррас дар низомҳои қонунгузории миллии Қазоқистон ва Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ оид ба беҳтар кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ВАО дар Ӯзбекистон мусоидат кард. Дар натиҷаи татбиқи он, се шабакаи асосии ВАО низ ҳамчун манбаи иттилоот барои ҷомеаи рӯзноманигорӣ ташкил карда шуданд.

Муҳокима. Дипломатияи мардумии ШМА дар Осиёи Марказӣ танҳо бо шарҳ додани ҳадафҳо ва ангезаҳои сиёсати хориҷии кишвараш, эҷоди имиҷи мусоид ва мусоидат ба ҳамкорӣ байни халқҳо маҳдуд намешавад. Ин як идомаи низомноки сиёсати хориҷии ШМА аст. Ҳамин тариқ, он бо дипломатияи мардумии пуркуввати Федератсияи Россия рақобат хоҳад кард, ки боиси авҷ гирифтани муқовимат байни "неруҳои нарм"-и Москва, Вашингтон ва Пекин дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар ояндаи наздик хоҳад шуд. [14]

Соҳаи маориф ва илм муддатҳост, ки ба яке аз механизмҳои муҳими татбиқи сиёсати “Неруи нарм”-и Вашингтон табдил гаштааст. Таъкид намудан зарур аст, ки имруз талошҳои ШМА дар самти татбиқи сиёсати “Неруи нарм” дар соҳаи маориф ва илм аз тамоми кишварҳои ҷаҳон пешсаф аст.

Рейтингҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии Амрико шумораи бештари донишҷӯёнро ҷалб мекунанд ва ҳатто аз Британияи Кабир пеш гузаштаанд, ки пешсафи Аврупо дар ин соҳа аст. То охири соли 2023, 948,500 донишҷӯи хориҷӣ дар ШМА таҳсил мекарданд, ки ин аз Британияи Кабир беш аз ду баробар зиёд аст. [3]

Маориф дар стратегияи сиёсати “Неруи нарм”-и Вашингтон дар Осиёи Марказӣ мақоми меҳварӣ дорад. Инро метавон аз рӯйи назорати самтҳои зерин пайгирӣ намуд:

1. Барномаҳои таълимӣ ва грантҳо: Штатҳои Муттаҳидаи Амрико барои донишҷӯён аз Осиёи Марказӣ стипендияҳо ва барномаҳои гуногуни мубодила, аз қабили Фулбрайт ва барномаи Global UGRAD-ро пешниҳод мекунад. Чунин ташаббусҳо на танҳо таҳсилоти босифатро пеш мебаранд, балки робитаҳои мустаҳкамро байни муассисаҳои таълимии ШМА ва Осиёи Марказӣ низ ба вуҷуд меоранд;

2. Дастгирии донишгоҳҳо ва пажуҳишҳои илмӣ: қисмати асосии сиёсати “Неруи нарм”-и Вашингтон дар Осиёи Марказӣ кумакҳои молиявӣ ва тезникии донишгоҳҳои маҳаллӣ мебошад, ки созмондиҳии кафедраҳои нав дар бораи ихтисосҳои муҳим ва пажуҳишҳои илмиро фаро мегирад;

3. Табодули фарҳангӣ: ташкил вагузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, намоишҳо ва лексияҳои олимони амрикоӣ, ки ба таблиғу ташвиқи фарҳангу арзишҳои амрикоӣ дар минтақа нигаронида шудааст. Ин дар навбати худ ба рушди симои мусбати ШМА дар минтақа ва шаҳрвандони он мусоидат мекнад.

Мо метавонем мисолҳоеро аз татбиқи баъзе барномаҳо ва грантҳои таълимие пешниҳод кунем, ки Вашингтон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ амалӣ мекунад.

Дар Осиёи Марказӣ ягона донишгоҳи амрикоӣ – Донишгоҳи Амрикоӣ дар Осиёи Марказӣ (минбаъд ДАОМ) - (American University of Central Asia), (Американский университет в Центральной Азии - АУЦА) кушода шудааст. Донишогоҳ ҳамчун Мактаби қирғизистонию амрикоӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Қирғизистон аз соли 1993 амал намуда, соли 1997 унвони донишгоҳро соҳиб гашт. [2]

Дар гузориши аккредитатсионии донишгоҳ гуфта мешавад, ки "ДАОМ аввалин муассисаи таҳсилоти олӣ дар Осиёи Марказӣ аст, ки бо модели амрикоӣ бо системаи соатҳои кредитӣ, барномаи таълимии санъатҳои либералии услуби амрикоӣ ва садоқат ба арзишҳои демократӣ, озодии баён ва таҳқиқот, ростқавлии академӣ ва поквичдонӣ фаъолият мекунад". [4] Донишгоҳ ба донишҷуёнаш ҳам дипломи расмии Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҳам дипломи амрикоӣ тақдим менамояд.

Машғулиятҳои академӣ қисман ба забони англисӣ ва қисман бо забони русӣ баргузор мегардад. Дар донишгоҳ ба ғайр аз шаҳрвандони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин шаҳрвандони Афғонистон низ таълим мегриванд [2], ки ин абзори муҳими таъсиррасонӣ ба тафаккури ҷомеаи ин кишварҳо барои оянда маҳсуб меёбад.

Таълим дар зинаи таҳсилоти бакалаврӣ ихтисосҳои менеҷменти тиҷоратӣ, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, рузноманигорӣ, математикаи татбиқӣ, технологияи информатсионӣ ва якчанд илмҳои ҷомеашиносиро фаро мегирад. Дар зинаи таҳсилоти

магистратура ихтисосҳои зеринро дар бар мегирад: равоншиносӣ, сиёсатшиносӣ, сотсиология, педагогика, рузноманигорӣ, иқтисод ва ҳуқуқ. Донишгоҳ дар раддабандии донишгоҳҳои Осиё мақоми 260, дар раддабандии донишгоҳҳои кишварҳои ру ба рушди Аврупо ва Осиёи Марказӣ мақоми 138 ва ҷойи 13-ро дар миёни донишгоҳҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ соҳиб мебошад. Аз рӯйи омори солҳои таълимии 2024-2025 шумораи донишҷуёни донишгоҳ дар Бишкек 1222 донишҷуро ташкил медиҳад. [1]

Хулоса. Дар фароварди сухан қайд кардан ба маврид аст, ки "Неруи нарм" равиши муосири сиёсати хориҷии ШМА мебошад, ки ба Вашингтон имконият медиҳад, то тавассути ташаккули имиҷи ҷолиб ва симои мусбат дар миёни шаҳрвандон ва элитаҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ нуфузи геополитикӣ ва кеоиқтисодӣ ба даст орад.

Дар ин маҷро дастгирии соҳаҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ ва илмии кишварҳои минтақа аз ҷумлуи абзорҳои меҳварии сиёсати "Неруи нарм"-и ШМА дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Дастгирӣ ва рушди ин соҳаҳо барои манфиатҳои Амрико, эҷоди робитаҳои мусбат бо ШМА ва мусоидат ба рушди устувор дар минтақа муҳим аст.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ - тадқиқотии кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳти унвони «Муносибатҳои байналмилалӣ дар пасманзари тағйирёбии низоми нави ҷаҳонӣ: ҳамкорӣ, рақобат ва таҳдидҳо» амалӣ карда шудааст.

Муқарриз: Розиқов Фарҳод – н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. About American University of Central Asia // American University of Central Asia. – 2024. – URL: https://www.topuniversities.com/universities/american-university-central-asia (санаи мурољиат: 08.05.2025).
2. History of AUCA // AUCA. – 2024. – URL: https://www.auca.kg/en/auca_history/ (санаи мурочиат: 08.05.2025).
3. Parker A. International Students In The US 2024 (69 Data Stats) // Prosperity. – 2024. [Електронный ресурс] // – URL: https://www.prosperityforamerica.org/international-students-in-the-us/ (санаи мурочиат: 28.04.2025).
4. Report on American University – Central Asia (AUCA) Preparedness for Accreditation by New England Association of Schools and Colleges (NEASC), September 30, 2007. – URL: https://pdf.usaid.gov/pdf_docs/PNADL063.pdf (санаи мурочиат: 08.05.2025).
5. Rumer E., Sokolsky R., Stronski P. U.S. policy toward Central Asia 3.0. / Carnegie Endowment for International Peace. January 25, 2016. URL: http://carnegieendowment.org/2016/01/25/u.s.-policy-toward-central-asia-3.0/it6d (санаи мурочиат: 14.05.2025).
6. Schiffer M. FY 2024 Budget Request for South and Central Asia // USAID. URL: https://www.usaid.gov/news-information/congressional-testimony/jul-13-2023-fy-2024-budget-request-south-and-central-asia (санаи мурочиат: 14.05.2025).
7. Social Innovation in Central Asia // USAID. URL: https://www.usaid.gov/central-asia-regional/fact-sheets/social-innovation-central-asia (санаи мурољиат: 14.05.2025).
8. Бахриев Х. Б. Публичная дипломатия как инструмент достижения внешнеполитических целей США в Центральной Азии. / [Електронный ресурс] // URL: https://www.interanalytics.org/jour/article/view/84 (санаи мурочиат: 20.04.2025).
9. Гуманитарный инструментарий политического влияния иностранных государств на постсоветском пространстве. М.: Юрист, 2021. 100 с.
10. Парубочая Е. Ф. Публичная дипломатия США в отношении центральноазиатских стран // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 4, История. Регионоведение. Международные отношения. - 2024. - Т. 29, №» 1. - С. 124-137.
11. Попов Д. С. Цифровая дипломатия США в Центральной Азии // Российский институт стратегических исследований, 27 июня 2012. [Електронный ресурс] // - URL: http://riss.ru/analitycs/2566/ (санаи мурољиат: 28.04.2025).
12. Фоминых А. Проецирование «мягкой силы»: публичная дипломатия США и России в постсоветской Центральной Азии // Центральная Азия и Кавказ. – 2010. – Т. 13. – Вып. 3. – С. 73–86.
13. Цветкова Н. Публичная дипломатия США: от «мягкой силы» к «диалоговой пропаганде» // Международные процессы. – 2015. – Т. 13. – № 3. – С. 121–133.
14. Центральноазиатская медиапрограмма MediaCAMP URL: https://ru.internews.kz/mediacamp/#1548974787911-90fe73ba-d611 (санаи мурочиат: 15.06.2025).

МЕХАНИЗМҲОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ "НЕРУИ НАРМ" -И ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили механизмҳо ва абзорҳои татбиқи сиёсати «неруи нарм»-и Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Мақсади асосии таҳқиқот муайян намудани

роҳҳо, шаклҳо ва воситаҳои таъсиррасонии ғайринизомӣ ва ғайри маҷбурии ШМА ба равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитарии кишварҳои минтақа мебошад. Дар таҳқиқот сиёсати «неруи нарм»-и ШМА ҳамчун маҷмуи механизмҳои дипломатӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Туркманистон таҳлил карда мешаванд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки сиёсати «неруи нарм»-и ШМА дар Осиёи Марказӣ тавассути маҷмуи абзорҳои ба ҳам алоқаманд амалӣ мегардад. Аз ҷумла, дипломатияи мардумӣ, барномаҳои табодули таълимӣ ва касбӣ, омӯзиши забони англисӣ, ҳамкориҳои донишгоҳӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, дастгирии воситаҳои ахбори омма, барномаҳои рушди демократия ва волоияти қонун, кӯмакҳои рушди иқтисодӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, ҳамкориҳои фарҳангӣ ва робитаҳои мустақими байни ҷомеаҳо аз ҷумлаи механизмҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Дар таҳқиқот нақши Агентии рушди байналмилалии ШМА (USAID), Департаменти давлатии ШМА, барномаҳои мубодилавии таълимӣ ва касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва воситаҳои ахбори омма дар татбиқи сиёсати «неруи нарм» таҳлил мегардад. Аз ҷумла, фаъолияти Агентии рушди байналмилалии ШМА (USAID) дар самтҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии давлатӣ, рушди иқтисодӣ, тандурустӣ, маориф ва ВАО ҳамчун қисми муҳими инфрасохтори таъсири ғайримустақими ШМА баррасӣ мешавад.

Калидвожаҳо: неруи нарм, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Осиёи Марказӣ, сиёсати хориҷӣ, дипломатияи мардумӣ, табодули академӣ, маориф, фарҳанг, ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма.

МЕХАНИЗМЫ РЕАЛИЗАЦИИ ПОЛИТИКИ «МЯГКОЙ СИЛЫ» СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Данное исследование посвящено анализу механизмов и инструментов реализации политики «мягкой силы» Соединенных Штатов Америки в Центральной Азии. Основная цель исследования – выявление путей, форм и средств невоенного и ненасильственного влияния США на политические, экономические, социальные, культурные и гуманитарные процессы стран региона. В исследовании рассматривается политика «мягкой силы» США как совокупность дипломатических, информационных, образовательных, культурных, экономических и институциональных механизмов, анализируются особенности их реализации в Республике Таджикистан, Республике Казахстан, Республике Кыргызстан, Республике Узбекистан и Республике Туркменистан.Исследование показывает, что политика «мягкой силы» США в Центральной Азии реализуется посредством совокупности взаимосвязанных инструментов. В частности, к важным механизмам относятся публичная дипломатия, образовательные и профессиональные программы обмена, обучение английскому языку, сотрудничество университетов, развитие гражданского общества, поддержка СМИ, программы развития демократии и верховенства права, помощь в экономическом развитии, поддержка малого и среднего бизнеса, культурное сотрудничество и прямые контакты между общинами. В исследовании анализируется роль Агентства США по международному развитию (USAID), Государственного департамента США, образовательных и профессиональных программ обмена, высших учебных заведений, неправительственных организаций и СМИ в реализации политики «мягкой силы». В частности, деятельность Агентства США по международному развитию (USAID) в областях развития гражданского общества, государственного управления, экономического развития, здравоохранения, образования и СМИ рассматривается как важная часть инфраструктуры косвенного влияния США.

Ключевые слова: мягкая сила, Соединенные Штаты Америки, Центральная Азия, внешняя политика, народная дипломатия, академический обмен, образование, культура, гражданское общество, СМИ.

MECHANISMS OF IMPLEMENTING THE “SOFT POWER” POLICY OF THE UNITED STATES OF AMERICA IN CENTRAL ASIA

This study is devoted to the analysis of the mechanisms and tools of implementing the “soft power” policy of the United States of America in Central Asia. The main purpose of the study is to identify the ways, forms and means of non-military and non-coercive influence of the USA on the political, economic, social, cultural and humanitarian processes of the countries of the region. The study considers the “soft power” policy of the USA as a set of diplomatic, informational, educational, cultural, economic and institutional mechanisms, and analyzes the features of their implementation in the Republic of Tajikistan, the Republic of Kazakhstan, the Republic of Kyrgyzstan, the Republic of Uzbekistan and the Republic of Turkmenistan. The study shows that the “soft power” policy of the USA in Central Asia is implemented through a set of interrelated tools. In particular, public diplomacy, educational and professional exchange programs, English language training, university cooperation, civil society development, media support, democracy and rule of law development programs, economic development assistance, support for small and medium-sized businesses, cultural cooperation, and direct contacts between communities are among the important mechanisms. The study analyzes the role of the United States Agency for International Development (USAID), the USA Department of State, educational and professional exchange programs, higher education institutions, non-governmental organizations, and the media in implementing the policy of "soft power". In particular, the activities of the United States Agency for International Development (USAID) in the areas of civil society development, public administration, economic development, health, education, and the media are considered as an important part of the infrastructure of indirect US influence.

Key words: soft power, United States of America, Central Asia, foreign policy, people-to-people diplomacy, academic exchange, education, culture, civil society, media.

Маълумот дар бораи муаллиф*он:Насридинзода Меъроҷиддин Насридин* - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе ,Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **938-14-44-48**

Ҳушанги Аловуддинпури Ғафорниё - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе ,Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **937-28-29-00**

Сведения об авторах: ***Насриддинзода Меъроджиддин Насридин*** - Академия государственного управления при Президенте Республике Таджикистан, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и международных отношений. **Адрес:** 734003, городДушанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33.Телефон: **938-14-44-48**

Хушанги Аловуддинпури Гафорниё - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, докторант Ph.D. **Адрес:** 734003, городДушанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33 Телефон: **937-28-29-00**

Information about the authors: ***Nasriddinzoda Me'rodzhiddin Nasridin*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of historical sciences, Associate Professor of the Department of Diplomacy and International Relations. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir Avenue 33. Phone: **938-14-44-48**

Hushangi Alovuddinpuri Gaforniyo - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Doctoral student Ph.D. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir Avenue 33.Phone**: 937-28-29-00**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.06.2026
Аз тақриз баргашт: 22.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ: 930 (575.4) (540)

ҲАМКОРИҲОИ ҲИНДУСТОН ВА ТУРКМАНИСТОН ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ

Қаландарзода У.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Ҳиндустон ҳамчун яке аз абарқудратҳои минтақавии Осиё ва бозигари калидӣ дар таъмини амнияти дастаҷамъӣ шинохта мешавад. Манфиатҳои миллии Ҳиндустон тақозо мекунанд, ки ин кишвар бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Туркманистон, робитаҳои стратегӣ ва амниятиро тақвият бахшад. Самти афзалиятноки ин ҳамкориҳо пеш аз ҳама муқовимати муштарак бар зидди таҳдидҳои ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ дар назар дошта шудааст. Мавқеи ҳассоси ҷуғрофии Туркманистон ва ҳамсоягӣ бо Афғонистон аҳаммияти ин кишваррро дар стратегияи амниятии Деҳлии Нав дучанд мегардонад. Ҳарду давлат ҷиҳати пешгирӣ аз хатарҳои ифротгароии динӣ ба таҳкими ҳифзи сарҳади давлатӣ ва табодули технологияҳои ҳарбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Туркманистон пас аз соҳибистиқлол гардидан бо пеш гирифтани сиёсати “бетарафии доимӣ” кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки мувозинати сиёсиро дар минтақа нигоҳ дорад.

Ҳиндустон низ ба такя ба дипломатияи «сиёсати нарм» ва таҷрибаи таърихии таҳаммулпазирии худ, хостори ҳалли мусолиматомези низоъҳои минтақавӣ мебошад. Узвияти ҳарду кишвар дар созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, заминаи мусоиди ҳуқуқиро барои мубориза бо «се неруи бадхоҳ» (терроризм, ифротгароӣ ва сепаратизм) фароҳам овардааст.

Методологияи таҳқиқоти мазкур бар принсипҳои таърихӣ, мантиқӣ ва таҳлили муқоисавии равандҳои сиёсии давраи солҳои 1992 – 2022 асос ёфтааст. Ҳадафи асосии мақолаи мазкур, омӯзиши ҷанбаҳои норавшани ҳамкориҳои низомиву сиёсии Ҳиндустон ва Туркманистон дар заминаи таҳдидҳои нави глобалӣ мебошад.

Ҷумҳурии Ҳиндустон ҳамчун яке аз кишварҳои абарқудрат дар минтақаи Осиё ва манфиатдор аз таъмини аманияти миллии худ бо кишварҳои Осиёи Миёна аз ҷумла, Ҷумҳурии Туркманистон муносибатҳои дуҷонибаро ба роҳ мондааст. Ин робитаҳо пеш аз ҳама дар самти муқовимат бар зидди ифротгароӣ ва терроризм амалӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон мавқеи ҷуғрофӣ ва вазъият дар Афғонистон боис бар он гардидааст, ки ин ду кишвар чораҳои зарурии пешгирӣ аз таҳдиду хатарҳои ифротгароии диниро тавассути ҳамкориҳо дар соҳаи ҳифзи сарҳади давлатӣ ва тақвияти технологияи ҳарбӣ мустаҳкам намоянд.

Мавод ва усулҳо. Интихоби методологияи тадқиқот дар асоси истифодаи методҳои умумиилмӣ, таърихӣ, мантиқӣ, системанокӣ, муқоисанамоӣ ва таҳлил сурат гирифта, омӯзиши ҷанбаҳои норавшани тадқиқот, ҳадафи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур, дар асоси таҳлили илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда шуда, мақола бештар хосияти муқоисанамоӣ ва таҳлилиро ба худ касб кардааст. Инчунин, нуқтаи назари муаллиф дар асоси хулосаи коршиносони соҳаи таърих, сиёсат ва ҷомеашиносӣ инъикоси худро ёфтааст.

Туркманистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози мавқеи ҳассоси амниятӣ ва дурнамои муқовимат бо ифротгароию терроризм мақоми хосаро доро мебошад. Махсусан, пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Туркманистон дар соли 1991 сиёсати миллии хешро ба куллӣ тағйир дода, дар амалисозии муносибатҳои байналмилалӣ мақоми бетарафиро касб намуд.

Таърихан, ин кишвар дар оғози солҳои таъсисёбии ИҶШС ба сифати давлати ягона шинохта шуд. Дар даврaҳои минбъада, то барҳам хурдани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар ҳайати давлати бузург ҳамчун кишвари дорои захираҳои фаровони нефтию газӣ ва аргарӣ арзи ҳастӣ намудааст. Айни замон, Туркманистон ба сифтаи давлати дорои сохти ҷумҳуриявӣ бо нигоҳ доштани арзишҳои миллию таърихӣ фаъолият намуда, роҳи демократии инкишофи давлатдориро пеш гирифтааст. Дар самти сиёсати байналмилалӣ ва робитаҳои минтақавӣ бо як қатор созмонҳои сатҳи ҷаҳонӣ ба монанди СММ, Созмони

умумиҷаҳонии савдо ва ташкилотҳои дигари сиёсию молиявӣ аъзо мебошад. Дар сатҳи минтақа бошад, бо ИДМ, СҲШ пайваст буда, дар ин ҷода, робитаҳоро бештар вобаста ба тақвият додани амнияти сарҳадӣ ва минтақавӣ ба роҳ мондааст.

Ҷумҳурии Туркманистон бо кишварҳои абарқудрати ҳамсоя, бештар аз дидгоҳи таъмини амният, таҳкими оромӣ дар минтақа ва сарҳадоти худ, ба таври алоҳидагӣ ба ин давлатҳо муносибатҳои сиёсию дипломатӣ барқарор намудааст. Яке аз ин кишварҳое, ки аз бехатарӣ ва ҳамкориҳои дуҷониба дар самти мубориза бо ифротгароию терроризм манфиатдор мебошад, Ҳиндустон ба ҳисоб меравад, ки бо ҳамаи кишварҳои минтақаи мазкур муносибатҳои васеъро роҳандозӣ намудааст. Аз нуқтаи назари донишмандони соҳаи таърих, Ҳиндустон кишваре мебошад, ки зиёда аз се садсола дар зери тасарруфи империяи ҷаҳонӣқарор дошт.

Дар муносибат бо гуногунрангии миллӣ ва динӣ яке аз мамлкатҳои шаклҳои зиёди эътиқод ва анъанаҳои миллидошта ба ҳисоб меравад. Ҳиндустон дар охири солҳои 40-уми асри ХХ мустақил гардида, ҳудуди аз лиҳози эътиқодоти исломӣ он бо дасти абарқудратҳои сиёсати ҷаҳонӣ, ҷудо гардид. Инчунин, дар миёни сарҳади Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҳиндустон иёлате бо номи Кашмир вуҷуд дорад, ки солиёни зиёд ҳалли худро наёфтааст. Аз ҷумла, аз охири солҳои 90-уми асри гузашта то ба ҳол таҳдидҳои терроризм ва ифротгароӣ ба яке аз масъалаҳои сиёсати дохили ва хориҷии ин кишвар боқӣ мондааст.

Ҳиндустон бо таваҷҷуҳ аз вазъи ҷаҳонӣ ва низоми дохилӣ, ба истифодаю татбиқи сиёсати нарм ва дипломатия ҳавасманд мебошад. Ондар баробари Ҷумҳурии Мардумии Чин ягона ҳамсоякишвари ҷанубии бузурги давлатҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки бо назардошти шумораи зиёди аҳолӣ ва гуногунрангии миллӣ, муқовимат бо терроризм ва экстремизмро самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии хеш медонад. Дар фарқият бо дигар кишварҳои абарқудрат,Ҳиндустон бештар роҳҳои муколама ва робитаҳоро дар доираи созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ бо кишварҳои ҳамҷавор, дар соҳаи мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва террористӣҷоннок намудааст.

Зеро, дар Ҳиндустон қавмияту миллиятҳои зиёд ба назар расида, дар ин замина, шаклҳои гуногуни эътиқод ва равияҳои мазҳабию динӣ мавҷуд мебошанд, ки аз ҷониби ҳокимияти сиёсӣмуносибатҳои эҳтиёткорона ва бисёр нозкуро талаб менамоянд. Дар баробари ин, барои нигоҳ доштани тавозуни аҳолии беш аз 1,5 миллиарднафараи худ суботи ҳарчи бештари дохилиро афзал медонад.

Ҳиндустон баъди истиқлолият ба даст овардан, яъне аз оғози пеш гирифтани сиёсати мустақили худ, роҳи суботкоронаи ҳалли бухронҳо ва мушкилоти иҷтимоиро интихоб намудааст. Бевосита, чунин иқдом аз замони интихоб гардидани Маҳатма Гандӣ ба ҳайси Сарвазири кишвар ифода ёфтааст. Масъалаи амният ва мубориза бар зидди ифротгароии динӣ дар Ҳиндустон низ, аз ҳамин давра сарчашма мегирад. Зеро, идеологияи тундгароёнаи динии ҷудоихоҳони миллатгароён ва ҷонибдорони онҳо бо ҳокимияти Ҳиндустон оштинопазир буд [7, с. 8].

Ҳоло низ, Ҳиндустон талош бар он меварзад, ки дар низоми ҷомеаи ҷаҳонӣмасъалҳои доғи рӯз тавассути дипломатия ва музокирот ҳалли худро пайдо намоянд. Он ҳамчун заминаи идеологӣ ва сиёсати миллии кишвар марҳила ба марҳила то ба ин замон омада расидааст. Маҳз чунин таҳаммулпазирӣ ва созиш дар сиёсати миллӣ, сабаб бар он гардидааст, ки солиёни дароз дар дохил суботи сиёсиро таъмин карда тавонад. Он барои дигар кишварҳо анъанаи наверо нишон медиҳад, ки дар таҳкими сиёсати дохилии худ истифода намоянд.

Бевосита, аъзо гаштани Ҳиндустон ба Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, инчунин панҷгонаи БРИКС барои он имконият фароҳам овард, ки мақсадҳои геополитикии хешро бо роҳҳои сиёсӣ ва иқтисодӣдар Осиёи Марказӣба роҳ монад [10, с. 25]. Махсусан, чунин муносибатҳо аз замоне оғоз шуд, ки соли 2019 муколама дар сатҳи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ сурат гирифтааст. Соли 2022 бо иштироки Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Моди ҳамоиши аввалини сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ-Ҳиндустон дар шакли маҷозӣ баргузор гардид. Дар он сарони давлатҳои Осиёи Марказӣиштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ин ҳамоиш ҷонибҳо ба он мувофиқа расиданд, ки вохурии вазирони корҳои хориҷӣ, котибони шӯроҳои амният, вазоратҳои савдо, фарҳанг, форумҳои байнипарлумонии Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ баргузор карда шавад.Ҳануз собиқ СарвазириҲиндустон Кришна С.М. зимни баромади худ дар палатаи поёнии парлумони кишвар, чунин қайд намуда буд: «...ҳамкориҳо дар доираи СҲШ махсусан, дар самти мубориза бо терроризм дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин дар Афғонистон меафзояд» [4].

Дар ин замина, Сарвазири амалкунандаи он Нарендра Модди дар суханронии хеш ҳангоми вохурии сарони кишварҳои СҲШ дарсоли 2015 иброз дошт ки: «Мо ҳамкориҳои худро дар соҳаи рушди манобеи инсонӣ, технологияҳои инфарматсионию коммуникатсионӣ, формосевтика, тандурустӣ, тиҷорат, амният ва кишоварзӣ таҳким хоҳем бахшид. Аз ҷумла, мубориза бо терроризм ва экстремизм ҳадафҳои тақвияти ҳамкориҳои мост» [3]. Чунин ибрози назарҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки яке аз роҳҳои афзалиятноки ҳамкории ин кишвар бо давлатҳои Осиёи Марказӣ маҳз мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ аст.

Аз ин ҷониб, Ҳиндустон бартариро аз кишварҳои минтақа, ба Тоҷикистон ва Туркманистон медиҳад. Чун ҳарду кишвар сарҳадоти тулонӣ бо Афғонистон доранд. Аммо, Ҳиндустон аз ҷониби ҳамсояи ҷанубии худ,дар таърих мушкилии сиёсию сарҳадӣ дорад, айни замон наметавонад муносбатҳоро дар инҷода бо Исломобод ривоҷ диҳад.

Аз ҷониби дигар таърихан иёлоти Кашмири Ҳиндустон, ки дар он аҳолии мусулмон зиндагӣ ба сар мебаранд, аз лиҳози амниятӣ ва идеологӣ на он қадар устувор буда, амалҳои таҳдидовари террористӣ дар ин ҷо ба мушоҳида мерасад. Дар иёлоти Кашмир тамоюлҳои ғоявӣ аз ҷониби шаҳрвандон бештар ба Ал-Қоида ва дигар ҳаракатҳои экстермистии маҳаллӣ ба мушоҳида мерасад [8]. Дар шароити муосир ҷойгир шудани ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» дар Афғонистон ва тағйир додани номи худ ба «Давлати исломии вилояти Хуросон», ки кулли кишварҳои минтақаро ба ташвиш овардааст, барои ин давлати сераҳолию гуногунэътиқод нигаронкунанда аст.

Дар баробари ин, Ҳиндустон чун дигар кишварҳои абарқудрат, талош менамояд, ки мавқеи худро дар Осиёи Марказӣ ба воситаи амалӣ намудани барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат мустаҳкам намояд. Анъанаи чунин муносибатҳо дар минтақа, одатан аз соли 2000-ум оғоз гардида, дар миёни давлатҳои абарқудрати ҷаҳонию минтақавӣ ривоҷ ёфта буд. Мушкилоти ифротгароӣ ва таҳдидҳои он танҳо воситаи пеш гузоштани мақсадҳо ба ҳисоб меравад [12, с. 23 – 24]. Ҷаҳиши бузург дар ин самт ҳодисаҳои моҳи сентябри соли 2001 дар ИМА ва Афғонистону Ховари Миёна дар соли 2003 дониста шуда, муҳаққиқон бар он назар мебошанд, ки шуруъ аз ин давра таваҷҷуҳи давлатҳои бузург барои ҳарчи бештар наздик шудан ба ҳадафҳои роҳбурдӣ зиёд гардиданд.

Туркманистон аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ ва стратегӣ дар қисмате ҷойгир аст, ки минтақаи Қафқозу Осиёи Ҷанубиро мепайвандад. Аз як қисмат бо давлатҳои сохтори дуняви ва аз қисмати дигар бо кишварҳое ҳамсоя мебошад, ки низоми теократӣдоранд. Сарзамини Туркманистон аз захираҳои нефт ва газ фаровон буда, аз ҷумла, манбаи гази он баъд аз Эрон, Федератсияи Русия ва Қатар дар ҷаҳон ҷойи намоёнро ишғол менамояд [6]. Дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ин кишвар, мақоми бетарафиро пеш гирифта,раванди бо роҳи дипломатӣ ва мусолиҳа ҳамкорӣ бо давлатҳои ҷаҳонро мақсад гузошта, ҳамроҳ нашудан ба ҳеҷ созмони низомию ҳарибиро ҷонибдорӣ менамояд [2].Аммо, бо назардошти ин, Ҷумҳурии Туркманистон бо як қатор созмонҳои ҷаҳонию минтақавӣ аз ҷумла, бо СҲШ аъзо мебошад. Дар асоси он мушкилоти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ – терроризмро баррасию пешгирӣ менамояд. Дар пешорӯи шиддат гирифтани хатарҳои нав ба нав, ҳеҷ кишвареро ба танҳоӣ наметавон мушоҳида намуд, ки бо равандҳои мураккаби таърихию глобалӣ истодагарӣ карда тавонад.

Таърихи ҳамкориҳои диполоматӣ дар миёни Ҳиндустон ва Туркманистон аз соли 1992 оғоз мегардад. Дар давраи солҳои 1992-1997 сарони давлатҳо ду маротиба сафари корӣ анҷом додаанд. Ҳамкориҳо дар самти муқовимат бо тундгароии динӣ, ғояҳои ифротгароӣ ва амалҳои террористиро аз соли 1995 минбаъд тақвият дода, дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва робитаҳои дуҷониба, идома додаистодаанд.

Муносибатҳои Ҳиндустону Туркманистон дар самти мубориза ба муқобили қочоқи ғайриқонунии маводимухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва таҳдидҳои навини замони муосир дар сатҳи созишномаҳо ва ҳамкорҳои алоҳида сурат гирифта, масъалаи мубориза бо ифротгароӣ ва таҳдидҳои он, аз тарафиҷонибҳо яке аз мавзуи мубрам дониста мешавад. Чунин ҳамкориҳо ва тасмимгирҳо бар зидди ифротгароӣ ва терроризм дар доираи қарордодҳои байниҳукуматӣ, ки аз 7 банд иборат мебошад дар соли 2016 аз ҷониби сарони кишварҳо ба имзо расонида шуд [1].

Стратегияи таҳкими роҳҳои амнияти Туркманистон тавассути чораҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҳамкорҳои мутақобила бо СММ, ташкилотҳои байнидавлатӣ ва кишварҳои алоҳида ба роҳ монда шуда, вазифаҳои мубориза ва пешгирии терроризму экстремизмро ба сохторҳои марбутаи давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони масъул, дар ҷаҳорчубаи қонуни худ ворид сохтааст [13].

Яке аз ҳадафҳое, ки робитаҳои байни Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Туркманистонро таҳким мебахшад, инҳамкориҳои иқтисодӣ ва дар ин замина, рушд додани технологияи соҳаи ҳарбӣ бахусус амниятӣ низ ба шумор меравад. Он воситаи тақвияти ҳамкориҳо тарафайн дар самти пениҳоди маълумот, муқовимат ва пешгирии таҳдиду хатарҳои экстремизму терроризм яъне даҳшатафканӣ ба ҳисоб меравад [11].

Чигунае,ки дар боло қайд намудем Ҷумҳурии Туркманистон, ки баъди пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ истиқлоли сиёсии худро ба даст овардааст, ҳамчун кишвари мустақил ба масъалаи терроризм ва экстремизм ва таҳдиди он рӯ ба рӯ гардидааст. Аз ҷумла, бо назардошти аксарияти аҳолии мамлакатро мусулмонон ташкил дода боиси таҳдидҳо минбаъда бахусус даргириҳои ифротгарои, ки боиси ба вуҷуд омадани терроризм мегардад. Дар мамлакати ҳамсояи Афғонистон, хатари таҳдиди терроризмро дучанд мегардонад бо назардоште, ки айни замон як кишвар ба танҳоӣ наметавонад пеши роҳи чунин таҳдиду харобкориҳои теророризму ифротгароиро бигирад. Гарчанде, барои таъмини амнияти дохилӣ ва нигоҳдоштани якпорчагии ҳудуди кишвар, бо созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои дуру наздик ҳамкориро ба роҳмондааст.

Дар ин раванд Ҷумҳурии Туркманистон наметавонад якҷониба бошад. Сиёсати бетарафиро пеш гирифтан ва аз ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамсоя ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар канор будан, баръакс мувозинати рушди кишварро аз байн мебарад. Асосан, баъзе шаҳрвандони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва махсусан, Туркманистон ба ҳаркатҳои террористие дохил шудаанд, ки бештари ин гурӯҳи ҳаракатҳои харобкор дар Афғонистон ҷой гирифтаанд[15].

Барои Ҳиндустон низ, таҳдидҳои террористӣ аз қисмати сарҳади ҷанубӣ бештар ба назар расида, қароргоҳҳои баъзе гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ ва ҳалқаҳои хурди онҳо дар минтақаҳои наздисарҳадии Афғонистону Покистон ҷойгир шудаанд. Чунин вазъият ҳам ба амнияти худи кишварҳо ва ҳам ба осоиштагии минтақа хатари ҷиддӣ дорад. Аз ин хотир, Ҳиндустонро водор месозад, ки дурнамои муносибатҳоро бо кишварҳои ҳамсояи дуру наздик ба хусус Осиёи Марказӣ дар ин самт ба кор бигирад. Аз ҷумла, дар мисоли Туркманистон, ки дар нуқтаи канораи Осиёи Марказӣ мебошад. Пас саволе ба миён меояд, ки бехатарии Туркманистон барои сулҳу субот дар Ҳиндустон чи манфиат дошта метавонад?

Дар шароите, ки аз ин кишвар дида, Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳам бо Афғонистон ҳамсоягӣ дорад ва ҳам бо Ҳиндустон ҳамсарҳад аст. Дар инҷо пеш аз ҳама андешаҳо дар бораи муносибатҳо ва робитаҳои солими дипломатӣ ва манфиатҳои стратегӣ иброз дошта мешаванд.

Аммо, эҳтиёҷи кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба сифати раванди сиёсӣҳамеша дар мадди назар дониста шудааст. Чун дар баробари дигар кишварҳои минтақа, Ҷумҳурии Туркманистон низ, ниёз ба ҳамкориҳои мутақобила баҳри истодагарӣ ва муқовимат бо терроризм ва идеологияи ифротиро дорад [9]. Ҷумҳурии Туркманистон масъалаи муқовимат бо терроризм ва ифротгароиро дар сиёсати миллии хеш ба сифати масъалаи афзалиятнок дониста, Стратегияи миллии «Муқовимат бо ифротгароӣ ва таҳдидҳои терроризм»-ро барои давраи солҳои 2020-2024 қабул намудааст [15]. Дар он ба роҳ мондани ҳамкориҳоро бо созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои шарик судманд меҳисобад.

Дар санаи 16 июни соли 2017 СММ қарордоди Ашқободро дар бораи муқовимат ба ифротгароӣ ва терроризмро ба имзо расонид, ки дар он самтҳои муқовимат бо ин зуҳроторо аз ҷониби кишварҳои минтақа ва ба роҳ мондани ҳамкориҳоро дар ин ҷода инъикос менамояд [5].

Қарордоди мазкур, муносибатҳо ва ҳавасмандиҳои давлатҳои ҳамсоя ва абарқудратҳоро ба самти тақвияти ҳамкориҳо ҷалб намуд. Ҳиндустон низ, ба сифати яке аз ин кишварҳои манфиатдор ҷиҳат муқовимат кардан бар муқобили терроризм ва ифротгароии динӣ бо Ҷумҳурии Туркменистон ҳамкориҳои дуҷонибаро ташаккул дода, дар бахшҳои мухталиф ба он кумакҳои низомӣ, фанӣ ва тактикӣ намуд. Шуруъ аз соли 2000 то инҷониб ҳамсасола дар бахши амниятӣ баҳри муқовимат бо идеологияи ифротӣ ва террористӣ Туркманистон дар алоҳидагӣ низ кӯшишҳо ба харҷ додаистодааст. Махсусан, баъди ба даст гирифтани ҳукумати Афғонистон аз ҷониби толибон дар моҳи августи соли 2021 Ҷумҳурии Туркманистон бевосита борҳо мулоқотҳои алоҳида дар сатҳи гуногун анҷом додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Ҳангоми таҳлили ва муқоисавии масъалаи мазкур, хулосаҳои илмии зерин ба даст оварда шуданд:

- муқоиса ва таҳлили омӯзиши мавзуи мазкур, паҳлуҳои муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Туркманистонро ошкор намуда, махсусан робитаҳо вобаста ба пешгирии хатари ифротгароию терроризм инъикос мегардад;

- муносибатҳои ҳарду кишвар дар самти таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи сарҳадот ҳадафи асосӣ ба ҳисоб рафта, шарикӣ дар таъминоти моддию техникии соҳаи мудофиавӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Хулоса, Ҳиндустон ба сифати давлати сераҳолӣ ва аз ҷиҳати эътиқоду равия мухталиф, дар ду даҳсоли охир самти сиёсати хориҷии худро бо кишварҳои Осиёи Миёна аз ҷумла, Ҷумҳурии Туркманистон ҷиддан мустаҳкам сохта, ниёзҳои иқтисодию молиявӣ ва амниятии хешро амалӣ менамояд. Ҳавасмандии Ҳиндустон бо Туркманистон дар доираи амниятӣ, вобаста ба мубориза алайҳи идеологияи ифротии динӣ, ташкилотҳои террористӣ, дар минтақа ва ҷаҳон ба роҳ монда, амалан размоишҳои ҳарбиро дар нуқтаҳои наздисарҳадӣ борҳо гузаронидааст.

Хуллас, ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Туркманистон дар давраи солҳои 1992-2022 аз марҳилаи барқарорсозии робитаҳои дипломатӣ то сатҳи шарикии стратегӣ дарсоҳаи амният таҳаввул ёфта, заминаи мустаҳками меъёрии ҳуқуқиро соҳиб гаштаанд.

Омили Афғонистон ва густариши гурӯҳҳои террористӣ ба монанди “Давлати исломии вилояти Хуросон” ҳамчун муҳаррики асоси наздикшавии амниятии ду кишвар баромад карда, онҳоро ба тақвияти ҳамкориҳои техникиву низомӣ водор месозад.

Сиёсати бетарафии Туркманистон ва дипломатияи сулҳҷӯёнаи Ҳиндутсон дар ҳамоҳангӣ имкон медиҳад, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ тавозуни геополитикӣ нигоҳ дошта шуда, нуфузи идеологияи ифротӣ коҳиш дода шавад.

Иштироки фаъоли Ҳиндутсон дар тарҳҳои минтақавӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили СҲШ, БРИКС нишон медиҳад, ки ин кишвар Туркманистонро ҳамчун пули пайвандгар бо бозорҳои энергетикӣ ва кафили субот дар сарҳадҳои шимолии Осиёи Ҷанубӣ мебинад.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ - тадқиқотии кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 таҳти унвони «Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои умдаи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ ва ватанӣ» амалӣ карда шудааст.

Муқарриз:Турсунов Т.Х. – д.и.т., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. India,Turkmenistan ink 7 pacts; agree to combat terrorism together [манбаи электронӣ] URL: https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.8439745a-697bfccb-b5212974722d 776562/ https/ indianexpress. com/ article/ india/ india-others/indiaturkmenistan-ink-7-pacts-pm-modi-for-early-operation-of-tapi/ (санаи истифодабарӣ: 19.01.2026).
2. Neutrality of Turkmenistan: Diplomatic Principles and Practice. Ashgabat, 2019. – 85 p.
3. Statement by EAM at the SCO Heads of States Summit” 15 June 2011, Ministry of External Affairs, Government of India at 9. PM Narendra Modi's speech at SCO Summit: As it happened... Written by Kamna Arora. together [манбаи

электронӣ] URL: https://zeenews.india.com/news/india/pm-narendra-modis-speech-at-sco-summit-as-ithappened_1627857.htm (санаи истифодабарӣ: 19.01.2026).
4. Unstarred Question’ Q.675 Shanghai Cooperation Organisation, Lok Sabha, Ministry of External Affairs, Government of India, July 28, 2010, at [манбаи электронї] URL: http://www. mea.gov.in/loksabha .htm?dtl/ 16486/ Q675+Shanghai+Cooperation+Organisation. (санаи истифодабарӣ: 19.01.2026).
5. – Дорожная Карта по искоренению терроризма и экстремизма. [манбаи электронї] URL: https:// www. newscentralasia. net/2017/06/16/ (санаи мурочиат: 19.01.2026).
6. Действительно ли Туркменистан обладает самыми большими запасами природного газа в мире? [манбаи электронї] URL:https://www. hronikatm.com / 2017/06/ deystvitelno-li-turkmenistan-obladaet-samyimi-bolshimi-zapasami prirodnogo-gaza-v-mire/ (санаи истифодабарӣ: 20.01.2026).
7. Дьяков А. М. Национальный вопрос в современной Индии. М.: ИВЛ, 1963. 196 с.
8. Индийская политика борьбы против террора: вызовы и перспективы [манбаи электронї] URL https://imruz.tj/international-review/7715/ (санаи истифодабарӣ: 20.01.2026).
9. Индия. Основные этапы развития национальной системы ПОД/ФТ [манбаи электронї] URL: https:// eurasiangroup. org/ files/uploads/files/Bulletens/ ru/9bulletinfeb 2011rus.pdf (санаи истифодабарӣ: 19.01.2026).
10. Мавлонов, И. Интересы индии в центральной азии и ШОС в современных условиях//Узбекистан в современном мире: Самаркандский саммит ШОС. Журнал «Международыне отношения» №3-4. 2022. – С. 25 – 48.
11. Опоры туркменской государственности - независимость и нейтралитет [манбаи электронї] URL: https://interaffairs.ru/ jauthor/material/2575 (санаи истифодабарӣ: 19.01.2026).
12. Регновский В.И. Влияние внешних крупных игроков на региональную безопасность в Юго-Восточной Азии // Восточная Азия: факты и аналитика. 2022. № 2.- С. 23-31.
13. Стратегия мира и безопасности: объединяя усилия в ротиводействии терроризму [манбаи электронї] URL: https://www.inform. kz/ ru/strategiya-mira-i-bezopasnosti-ob-edinyaya-usiliya-v-protivodeystvii-terrorizmu_a3388980 (санаи истифодабарӣ: 20.01.2026).
14. Терроризм по-туркменски: пожар в тени нейтралитета [манбаи электронї] URL: https://centrasia.institute/ terrorizm-po-tyrkmenski-pojar-v-teni-neitraliteta. html (санаи истифодабарӣ: 19.01.2026).
15. Утверждена – национальная-стратегия на 2020-2024 году по пртивостояния насилственного экстремизма и терроризму. [манбаи электронї] URL: https://tdh.gov.tm/ru/post/20728/utverzhdena-natsionalnaya-strategiya-na-2020-2024-gody-po-predotvrascheniyu-nasilstvennogo-ekstremizma-i-protivodeistviyu-terrorizma (санаи истифодабарӣ: 19.01.2026).

ҲАМКОРИҲОИ ҲИНДУСТОН ВА ТУРКМАНИСТОН ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ

Дар мақолаи мазкур муносибатҳои Ҳиндустон ва Туркманистон вобаста ба муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм пажуҳиш гардида, он дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ инъикос меёбад. Инчунин, таърихи равобити дипломатии ҷонибҳо дар замони соҳибистиқлолии кишварҳои Осиёи Миёна таҳқиқ карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки Ҷумҳурии Туркманистон аз лиҳози ҳудудӣ ва мавқеи геополитикӣ минтақаи Қафқозро бо Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мепайвандад. Дар минтақа бо ду мамлакати аз лиҳози режими динӣҳамсарҳад мебошад. Ғайр аз ин, Туркманистон бо захираҳои табиии фаровони худ диққати абарқудратҳои минтақавию ҷаҳониро ҷалб намудааст. Бинобар ин, муҳаққиқон мекӯшанд, ки ҷанбаҳои таърихию сиёсии ин кишварро дар муносибат бо давлатҳои ҳамсоя ва кишварҳои бузурги дуру наздик мавриди омӯзиш қарор бидиҳанд. Ҳиндустон ҳамчун кишвари манфиатдор аз амнияти минтақа ва амалисозандаи ҳадафҳои стратегии хеш, дар шаклҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Туркманистон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст. Гарчанде аз лиҳози ҷуғрофӣ ин кишвар бо Туркманистон ҳамсарҳад набошад ҳам, вале мавқеи онро дарк намудааст.

Калидвожаҳо: Ҳиндустон, Ҷумҳурии Туркманистон, Осиёи Миёна, амнияти минтақа, дипломатия, таърихи муносибатҳо, манфиатҳои миллӣ, ифротгароӣ, терроризм, таҳдидҳо.

ОТНОШЕНИЯ ИНДИИ И ТУРКМЕНИСТАНА В БОРЬБЫ С ЭКСТРЕМИЗМОМ И ТЕРРОРИЗМОМ

В данной статье исследованы отношения Индии и Туркменистана, связанные с противодействием экстремизму и терроризму, и она освещается в рамках международных и региональных организаций. Также будет исследована история дипломатических контактов сторон в период независимости стран Центральной Азии. Следует иметь в виду, что Республика Туркменистан территориально и геополитически позиционирует Кавказский регион, соединяют Юго-Восточную Азию. В регионе граничат две страны которые имеет религиозного режима. Кроме того, Туркменистан привлекает внимание региональных и мировых держав своими богатыми природными ресурсами. Поэтому исследователи стремятся изучить исторические и политические аспекты этой страны в отношениях с соседними государствами и странами, расположенными далеко и близко. Индия как заинтересованный стран и реализующей свои стратегические цели наладила плодотворное сотрудничество с Республикой Туркменистан в двустороннем и многостороннем форматах. Хотя этой страна не граничит с Туркменистаном, но размешает его позиции.

Ключевые слова: Индия, Туркменистан, Центральная Азия, региональная безопасность, дипломатия, история отношений, национальные интересы, экстремизм, терроризм, угрозы.

INDIA AND TURKMENISTAN DISCUSS COOPERATION IN COMBATING AGAINST EXTREMISM AND TERRORISM

This article examines the relationship between India and Turkmenistan in terms of countering extremism and terrorism, as reflected in international and regional organizations. The history of diplomatic relations between the parties during the independence of the Central Asian countries will also be examined. It should be noted that the Republic of Turkmenistan, in terms of its territorial and geopolitical position, connects the Caucasus region with Southeast Asia. It borders with two countries in the region that are different in terms of religious regimes. In addition, Turkmenistan has attracted the attention of regional and global superpowers with its abundant natural resources. Therefore, researchers are trying to study the historical and political aspects of this country in its relations with neighboring states and major countries near and far. India, as a country interested in regional security and implementing its strategic goals, has established fruitful cooperation with the Republic of Turkmenistan in bilateral and multilateral formats. Although geographically this country does not border Turkmenistan, but it understands its position.

Keywords: India, Republic of Turkmenistan, Central Asia, regional security, diplomacy, history of relations, national interests, extremism, terrorism, threats.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландарзода Умед Қаландар*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD-и кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърих. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988880966**

Сведения об авторе: ***Каландарзода Умед Каландар*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988880966**

Information about the author: ***Qalandarzoda Umed Qalandar*** **-** Tajik National University, PhD student at the, Department of Modern and Contemporary History of Foreign Countries, Faculty of History. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988880966**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 25.06.2026
Аз тақриз баргашт: 26.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:930 (091)

ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ФИШАНГИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҷИИ ДАВЛАТҲО

Аминҷонзода Азамат
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Мавзуи «Дипломатияи рақамӣ ҳамчун фишанги ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии давлатҳо» барои таҳқиқоти илмӣ дорои мубрамияти хосса мебошад, зеро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақамисозии муносибатҳои байналмилалӣ басо муҳим ва бисёрҷанба мебошад. Падидаи мазкур на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад. Бо табдили платформаҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дипломатияи маҷозӣ ба воситаи муҳими таъсиррасонӣ муаррифии имкониятҳои бозорӣ ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ ба таври шаффоф, таъмини робита бо доираҳои тиҷоратии хориҷиро бидуни маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ ва баланд бардоштани фаврияти дипломатияи иқтисодиӣ дар сиёсатии хориҷӣ замина гаштанд.

Аҳаммияти амалии мавзуи таҳқиқотӣ дар таҳияи механизмҳои ҷалби сармоя ва рушди савдо бо истифода аз дипломатияи рақамӣ инъикос мегардад.

Мавод ва усулҳо. Дар рафти таҳқиқи мақола методҳои таҳлил, муқоисавӣ ва системавӣ истифода гардидаанд.

Ҳангоми таҳқиқи мафҳуми рушди дипломатияи рақамӣ ва оғози марҳилаи нави рушди он тавассути методи таҳлил ва муқоиса падидаҳои хоси баррасӣ шуда, махсусиятҳои рушд ва дурнамои он нишон дода шудаанд.

Дар доираи методи системавӣ истифодаи ҷанбаҳои гуногуни дипломатияи рақамӣ дар ҳамкориҳои иқтисодӣ ба таври умумӣ шарҳ дода шудаанд.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, дипломатияи рақамӣ ба ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири сиёсати хориҷии давлатҳо табдил ёфтааст. Он истифодаи платформаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоиро барои барқарорсозӣ ва таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, пешбурди манфиатҳои миллӣ ва ташаккули имиҷи мусбати кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин менамояд.

Бо болоравии нақши иттилоот дар низоми манофеи сиёсӣ-иқтисодӣ, шакли наве пайдо шуд, ки шартан «ҳукумати электронӣ» ном гирифта, ба кишварҳо ва ниҳодҳо имкон медиҳад бо аҳолӣ тавассути табодули иттилоотӣ ва хизматрасонӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ҳамкорӣ кунанд. Дар ин замина, «дипломатияи рақамӣ»-ро метавон ҳамчун ҳукумати электронии сиёсати хориҷӣ тасаввур намуд, ки агар принсипҳои устувори баробарии соҳибихтиёрӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ риоя нашавад, ҳамчун воситаи таъсир ба ҳолати байналмилалӣ ва ҷомеаҳои хориҷӣ тавассути технологияҳои нави иттилоотӣ амал мекунад [6, с. 25].

Дипломатияи рақамӣ як равиши нисбатан нав дар татбиқи иртибототи байналмилалӣ буда, бар асоси технологияҳои рақамӣ барои пешбурди манфиатҳои миллӣ, таҳкими робитаҳо бо ҷомеаи байналмилалӣ ва идораи имиҷи сиёсати хориҷӣ бунёд ёфтааст. Тибқи таърифи муҳаққиқ Илан Манор (Ilan Manor), “дипломатияи рақамӣ (digital diplomacy) истифодаи абзорҳо ва платформаҳои интернетӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои расмии давлатиро, дарбар мегирад”. Ин воситаҳо барои иҷрои вазифаҳои анъанавии дипломатия — аз ҷумла фаъолияти иттилоотӣ, дастгирии консулӣ ва мубодилаи фарҳангӣ — истифода мешаванд [15].

Рақамисозии фаъолияти дипломатӣ ҷавоби ногузир ба тағйирот дар низоми иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад. Дар давраи «Web 2.0», дипломатия аз модели якҷониба — ки асосан ба нашри изҳоротҳои расмӣ ва ахбори матбуотӣ маҳдуд мешуд — ба модели дуҷониба ва фаъоли муошират табдил ёфт.

Вобаста ба заминаҳои пайдоиш, моҳияти дипломатияи рақамӣ ва таъсири он дар ҷомеаи муосир дар таҳқиқоти Анвари С. таъкид мегардад, ки “Рушди алоқаҳои маҷозӣ дар фазои иттилоотӣ, тавсеаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва инкишофи ҳамкориҳои рақамӣ дар низоми сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ба соли 2020 рост омад. Дар навбати аввал, пас аз хуруҷи бемории ҷаҳонии COVID-19

тамоми навъи алоқаҳо миёни одамон ба фазои маҷозӣ гузашта, рақамикунонии ҳаёти ҷомеаро суръат бахшид. Дар навбати дуюм, масъалаи мазкурро ба инобат гирифта, 29 -уми майи соли 2020 Ассамблеяи генералии СММ "Харитаи роҳро дар бораи ҳамкориҳои рақамӣ" қабул намуд. Ин омил марҳилаи нави рушди дипломатияи рақамиро ба вуҷуд овард". Зеро, дар ин санад панҷ самти асосии ҳамкориҳо ба таври зерин ишора шудааст: бунёди иқтисод ва ҷомеаи рақамӣ; рушди иқтидори инсонӣ ва ниҳодӣ; ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодии амалҳои инсон; мусоидат ба боварии рақамӣ, амният ва муътадилӣ; мусоидат ба ҳамкориҳои рақамии умумиҷаҳонӣ [2, с. 43].

Имрӯз муассисаҳои дипломатии пешқадам, аз ҷумла Департаменти давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии мардумии Чин, хадамоти дипломатии Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир, шабакаҳои иҷтимоиро ба таври фаъол барои таъсиси муошират мустақим бо шаҳрвандони хориҷӣ ва пешафони афкори умум истифода мебаранд [3].

Дипломатияи рақамӣ мафҳуми алоҳида ва низоми назариявии ҷудогона нест, балки тавассути воситаҳои мушаххас амалӣ мешавад. Яке аз муҳимтарин воситаҳои он шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки ба намояндагиҳои дипломатӣ имкон медиҳанд паёмҳои худро дар вақти воқеӣ паҳн намуда ва бо шунавандагони ҷаҳонӣ робитаҳои доимӣ нигоҳ доранд. Имкониятҳои васеи шабакаҳои иҷтимоӣ бо сиёсати иттилоотии кушода ва муосири дипломатия мувофиқ буда, робитаҳои давлатӣ бо ҷомеаро тақвият медиҳанд ва пояи асосии дипломатияи рақамиро ташкил медиҳанд. Манбаи ибтидоии рақамии робитаҳои давлатӣ бо ҷомеа фазои коммуникатсионии сомонаи расмии идораи дипломатӣ ба шумор меравад. Новобаста аз ин, сомона имкони барқарор намудани робитаи бозгашт (яъне дарёфти вокуниши мустақими ҷомеа)-ро намедиҳад, дар ҳоле ки шабакаҳои иҷтимоӣ, бо назардошти хусусиятҳои техникии худ, чунин имкониятро фароҳам месозанд.

Бинобар ин, истифодаи фаъолонаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар амалияи дипломатии муосир як падидаи қонуниятнок ва табиӣ маҳсуб меёбад. Ҳар як сомонаи расмии идораи дипломатӣ ҳатман дорои пайванди гиперишора (hyperlink) ба саҳифаҳои расмии худ дар шабакаҳои иҷтимоии гуногун мебошад. Маъмулан, барои чунин навъи дипломатия ҳамчун минбарҳои асосии коммуникатсионӣ аз шабакаҳои маъруфтарин истифода мешавад — Facebook, Twitter, YouTube, Newmedia, блогҳо ва дигар платформаҳои муосир, ки нақши муҳимеро дар ҳаёти сиёсӣ мебозанд [4].

Воситаи дигар платформаҳо ва порталҳои мустақим (онлайн) ба шумор мераванд. Сомонаҳои расмии давлатӣ маълумотро оид ба сиёсати кишвар, имкониятҳои иқтисодӣ ва барномаҳои фарҳангӣ пешниҳод мекунанд. Масалан, «Brand USA» аз платформаҳои рақамӣ ба таври фаъол истифода мебарад, то саёҳон ва сармоягузорони хориҷиро ҷалб намояд.

Ниҳояи воситаи муассир мундариҷаи бисёрҷанба маҳсуб мегардад. Видео, инфографика ва подкастҳо муоширатро дастрас ва таъсиргузортар мегардонанд, зеро онҳо эҳсосот ва таваҷҷуҳи шунавандаро бештар ҷалб мекунанд.

Дипломатияи рақамӣ истифодаи фишангҳои мустақим ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро барои пешбурди ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ тавассути робитаи мустақим, таблиғу тарғиби имкониятҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, инчунин роҳандозии музокирот ва ҳаллу фасли ихтилофот дар фазои рақамӣ дарбар мегирад. Ин раванд имкон медиҳад, ки доираи иштирокчиён васеъ, ҷараёнҳо суръатбахш ва сатҳи шаффофият бештар гардад. Дар натиҷа, дипломатиҷаи рақамӣ ба ҳайси абзори муассир барои тақвияти робитаҳои иқтисодӣ миёни давлатҳо хизмат мекунад

Дипломатияи рақамӣ таъсири назаррас ба пешбурди иқтисодии кишварҳо дорад, Давлатҳо шабакаҳои рақамиро барои тақвият додани ҷаззобияти иқтисодии худ ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ ба кор мебаранд. Ин воситаҳо имкон медиҳанд:

Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ: кишварҳо тавассути порталҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ афзалиятҳои сармоягузорӣ дар иқтисоди миллии худро муаррифӣ мекунанд.

Баланд бардоштани ҳаҷми содирот: платформаҳои рақамӣ ба кишварҳо кӯмак мекунанд мол ва хизматрасониҳои худро дар бозорҳои ҷаҳонӣ тарғиб кунанд. Масалан, Чин бо истифодаи WeChat ва Douyin маҳсулоти ширкатҳои миллиро дар хориҷа муаррифӣ мекунад. Ташаккули симои мусбат: бренди ҷолиби миллӣ эътимод ба маҳсулот ва

хизматрасониҳоро боло мебарад. Масалан, ИМА тавассути барномаи «Discover America» гуногунрангии фарҳанг ва навовариҳои худро нишон дода, рушди сайёҳӣ ва содиротро ҳавасманд мекунад.

Намунаҳои муваффақи истифодаи дипломатияи рақамӣ:

ИМА: Департаменти давлатии ИМА Twitter-ро барои пешбурди дипломатияи оммавӣ истифода мебарад; барномаи «Education USA» барои тарғиби барномаҳои таълимӣ байни донишҷӯёни кишварҳои дар рушд равона шудааст.

Чин: Стратегияи Чин истифодаи WeChat ва Weibo-ро барои таҳкими робита бо диаспораи чинӣ ва таблиғи ташаббуси «Як камарбанд — як роҳ» дар бар мегирад.

Яке аз воситаҳои муассири татбиқи дипломатияи рақамӣ истифодаи забон ба шумор меравад. Забон дар дипломатияи рақамӣ на танҳо воситаи интиқоли иттилоот, балки фишанги ташаккули дарки аудитория ба ҳисоб меравад.

Тибқи таҳқиқоти Герт Ҳофстеде (G. Hofstede), стратегияҳои забонӣ дар иртиботи байналмилалӣ бо заминаи фарҳангӣ робитаи зич доранд, бинобар ин ҳангоми таҳияи паёмҳои дипломатӣ бояд тафовутҳои фарҳангӣ ба инобат гирифта шаванд.

Дар муҳити рақамӣ забон воситаи бунёди эътимод, бартараф кардани монеаҳои фарҳангӣ ва таъмини мувофиқа мебошад. Дар амалияи дипломатӣ аксар вақт сиёсати бисёрмаъноӣ истифода мешавад - вақте ки як паём вобаста ба қарина метавонад бо роҳҳои гуногун тафсир шавад. Ин гуна стратегия ба кишварҳо имкон медиҳад, ки аз барҳӯрдҳои мустақим худдорӣ намуда, дар вазъиятҳои мураккаб манёвр намоянд.

Масалан, дар изҳоротҳои Иттиҳоди Аврупо аксар вақт аз вожаҳои шабеҳи «бояд» ва «зарур аст» истифода мешавад, ки тамоюли онҳоро ба созиш ва ҳамоҳангӣ нишон медиҳад [3]. Яке аз ҷанбаҳои асосии дипломатияи рақамӣ истифодаи забони фарогир ва инклюзивӣ мебошад, ки гуногунрангии аудиторияи ҳадафро ба назар мегирад ва самаранокии маъракаҳои дипломатиро баланд мебардорад. Масалан, Иттиҳоди Аврупо бо истифодаи ибораҳои гендерӣ-бетарафӣ эҳтиром ба баробарӣ ва адолати иҷтимоиро нишон медиҳад [14].

Хусусиятҳои стратегияи забонӣ дар муҳити рақамӣ инҳоянд:

Мутобиқсозии муҳтаво барои шунавандагони гуногун: паёмҳо бояд ба гурӯҳҳои фарҳангӣ ва забонии мухталиф мутобиқ гарданд; муассисаҳои давлатӣ барои ин аз платформаҳои бисёрзабона истифода мебаранд. Масалан, саҳифаҳои расмии Департаменти давлатии ИМА бо забонҳои испанӣ, арабӣ ва чинӣ паҳн карда мешаванд.

Маҳаллигардонӣ ва мутобиқсозии фарҳангӣ: ин равиш на танҳо забон, балки муҳтаво, услуб ва шакли паёмро бо хусусиятҳои фарҳангӣ ва миллии кишварҳои ҳадаф мутобиқ месозад. Масалан, ташаббуси Чин «Як камарбанд — як роҳ» лоиҳаҳои ҳамкории инфрасохториро тавассути платформаҳои маҳаллигардида муаррифӣ мекунад.

Намунаҳои муваффақи истифодаи стратегияҳои забонӣ: Созмони Милали Муттаҳид (СММ): ҳама паёмҳо ба шаш забони расмии СММ тарҷума ва мутобиқ ба доираҳои минтақавӣ ва фарҳангӣ карда мешаванд, ки ин раванди татбиқи Ҳадафҳои рушди устуворро осон мекунад.

Иттиҳоди Аврупо (ИА): маводҳои иттилоотӣ мунтазам ба 24 забон интишор шуда, фарқиятҳои фарҳангиро ба назар мегиранд; ташаббуси «United in Diversity» намунаи муваффақи истифодаи забон барои таҳкими арзишҳои умумӣ ва ваҳдат дар фазои Аврупо мебошад [3]. Умуман, истифодаи гуногунрангии забонӣ дар дипломатияи рақамӣ барои кишварҳо афзалият эҷод мекунад ва имкон медиҳад паёмҳо бо аудиторияи васеъ ва гуногунтаркиб самаранок расонида шаванд.

1. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА). Иёлоти Муттаҳида аз дипломатияи рақамӣ ба таври фаъол барои пешбурди манфиатҳои иқтисодии худ истифода мекунад. Департаменти давлатии ИМА ва сафоратхонаҳои он дар кишварҳои ҷаҳон саҳифаҳои расмии худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолона пеш мебаранд, ки дар онҳо маълумот оид ба имкониятҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва барномаҳои таълимӣ мунтазам нашр мегардад.

Стратегияҳои забонии дипломатияи рақамии ИМА ба возеҳӣ, дастрасӣ ва ҷаззобият барои оммаи васеъ нигаронда шудаанд. Ҳадаф аз ин услуб, расонидани паёмҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба таври муассир ва ҳамзамон тақвияти эътимод ба кишвар арзёбӣ мегардад.

Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқ И. И. Сиваева, “дар муколамаи дипломатияи рақамии амрикоӣ асосан стратегияҳои иттилоотӣ ва арзёбӣ (баҳогузорӣ) ҳукмронанд. Ин стратегияҳо ба ташаккули симои мусбат ва эътимодноки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар арсаи ҷаҳонӣ равона шудаанд, ки тавассути забони дақиқ, ҳадафманд ва услуби таъсирбахши муошират амалӣ мегарданд” [10, с. 83].

2. Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ). Чин ба таври фаъол дипломатияи рақамиро рушд медиҳад, ки яке аз самтҳои асосии он пешбурди ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ» тавассути платформаҳои мустақим мебошад. Намояндагиҳои дипломатии Чин шабакаҳои иҷтимоиро барои паҳн кардани иттилоот дар бораи имкониятҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ васеъ истифода мебаранд. Дар айни замон, онҳо хусусиятҳои фарҳангии шунавандагони мавриди ҳадафро ба назар гирифта, мундариҷаро ба он мутобиқ месозанд.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқ Н. А. Тсветкова таъкид мешавад, ки “Чин мекӯшад саъю кӯшишҳои дипломатияи рақамии худро ба хусусиятҳои минтақавӣ мутобиқ созад. Барои ин, кишвар аз платформаҳо ва муҳтавои маҳаллигардида истифода мекунад, то иртибот ва фаҳмиши мутақобиларо бо ҷомеаҳои гуногуни ҷаҳонӣ тақвият диҳад” [13].

3. Федератсияи Русия (ФР). Ин кишвар низ ба таври фаъол аз воситаҳои рақамӣ барои пешбурди манфиатҳои иқтисодии худ истифода мебарад. Вазорати корҳои хориҷии Русия сомонаи расмии худро муосир намуда, онро тавассути системаҳои ҷустуҷӯӣ таблиғ мекунад, ки робитаи муассир бо аудиторияи байналмилалиро таъмин менамояд. Ғайр аз ин, Русия дипломатияи додаҳо (data diplomacy)-ро фаъолона татбиқ мекунад, яъне истифодаи маълумоти бузург (big data) барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати хориҷӣ ва тақвияти нуфузи байналмилалӣ [11]. Муқоисаи равишҳои ИМА ва Чин нишон медиҳад, ки стратегияҳои забонӣ ва усулҳои пешбурди манфиатҳои иқтисодӣ байни давлатҳо фарқиятҳои назаррас доранд.

1. Стратегияи ИМА — арзишҳо ва забони умумиҷаҳонӣ.Компоненти муҳимми стратегияҳои «неруи ҳушманди» Иёлоти Муттаҳида ҳифзи мавқеи пешсафи иқтисодии он ба шумор меравад. Ин ҳадаф бо такя ба абзорҳои муосири таъминоти молиявӣ, технологияи пешрафта ва инноватсияҳо, рушди савдои байналмилалӣ ва ҳавасмандгардонии содирот, инчунин ҳамкориҳои иқтисодии дипломатӣ бо муттаҳидон ва шарикони тиҷоратӣ амалӣ мегардад [10].

Дипломатияи рақамии ИМА асосан бар тарғиби арзишҳои умумиҷаҳонӣ, ба монанди демократия, озодии баён ва ҳуқуқи инсон бунёд ёфтааст. Стратегияҳои забонӣ дар паёмҳо возеҳ, мухтасар ва дастрас буда, мутобиқсозии фарҳангӣ минималӣ мебошад. Масалан, ташаббуси Education USA барои ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ паёмҳоро дар форматҳои мухтасар ва возеҳ, бо забони бетараф ва беғаразӣ интишор мекунад, ки ин ба фаҳмиши дуруст ва таъсирбахши аудитория мусоидат намуда, ҳамзамон консепсияҳои умумиҷаҳонӣ ва мавқеи мусбати ИМА-ро ба таври мустақим муаррифӣ менамояд.

Намунаи муваффақи истифодаи ин стратегия пешбурди брендҳои амрикоӣ, аз қабили Google ва Tesla, тавассути дипломатияи иқтисодӣ мебошад. Тибқи таҳқиқоти Ф. Най, “ИМА тактикаи неруи нарм (soft power)-ро истифода мебарад ва эътибор ва ҷаззобияти иқтисодии низоми худро таъкид мекунад, ки ин ба коҳиши монеаҳои фарҳангӣ ва забонӣ имконият фароҳам меорад” [3]. Дар маҷмуъ, дипломатияи рақамии Иёлоти Муттаҳида дер боз ба ташкили шабакаҳои ҷаҳонии ҳамандешон равона шудааст, ки ба шарофати доштани малакаи озоди истифодаи технологияҳои рақамӣ қобилияти ба даст овардани ҳадафҳои муайяншударо доранд [5].

2. Стратегияи Чин — маҳаллигардонӣ ва мутобиқсозии фарҳангӣ. Бар хилофи ИМА, Чин ба мутобиқсозии паёмҳо барои гурӯҳҳои гуногуни аудитория аҳаммияти махсус медиҳад. Дар ташаббуси «Як камарбанд — як роҳ», муҳтавои расмӣ дар платформаҳо мисли WeChat бо забонҳои маҳаллӣ, рамзҳои фарҳангӣ ва ҳатто диалектҳои минтақавӣ мутобиқ карда мешавад, то хусусиятҳои иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар кишвар ба назар гирифта шавад. Илова бар ин, паёмҳо одатан бо забони ҳамдардӣ ва ҳавасмандсозандаи ҳамкории мутақобил тартиб дода шуда, истифодабарии рамзҳо ва ёдоварии анъанаҳо ва ҷашнҳои миллӣ ба самаранокии таъсир ба аудитория мусоидат мекунад. Таҳқиқоти Н. А. Тсветкова нишон медиҳад, ки “чунин равиш ба мустаҳкам шудани эътимод ба лоиҳаҳои чинӣ мусоидат мекунад ва имиҷи мусбати Чин ҳамчун шарики глобалиро ташаккул

медиҳад” [13]. Технологияи зеҳни сунъӣ яке аз воситаҳои муассири пешбурди дипломатияи рақамӣ ва тарғиби иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз барномаҳои тарҷумаи автоматӣ ва таҳлили додаҳо ба муассисаҳои дипломатӣ имкон медиҳанд, ки паёмҳои худро зуд ва мутобиқ ба самт паҳн кунанд, ки самаранокии муоширатро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Истифодаи зеҳни сунъӣ инчунин ба маъракаҳои васеи байналмилалӣ, мисли ташаббусҳои СММ ва Иттиҳоди Аврупо, имконият медиҳад, ки паёмҳо ба даҳҳо забон ҳамзамон тарҷума ва мутобиқ гарданд, ки дар муқоиса бо равишҳои анъанавӣ дар вақти таҳия ва паҳнкунии иттилоот садҳо маротиба сарфаҷӯӣ мекунад [3].

Мушаххассозии муҳтаво ва мониторинги аудитория: Низомҳои таҳлили додаҳо бо истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ имкон медиҳанд хусусиятҳои хоси аудиторияи мақсаднок - аз ҷумла тафовутҳои фарҳангӣ, афзалиятҳои миллӣ ва руҳияи ҷомеаро — ба таври дақиқ таҳлил кунанд. Ин равиш паёмҳоро барои ҳар кишвар бо таркиби табиӣ ва қабулшавандаи иҷтимоӣ мутобиқ мегардонад. Зеҳни сунъӣ инчунин бо таҳлили шарҳҳо ва иттилооти шабакаҳои иҷтимоӣ муассисаҳои дипломатиро огоҳ месозад, ки паёмҳо чӣ гуна қабул мешаванд; вокунишҳои манфӣ метавонанд нишондиҳандаи зарурати тағйир додани забон ё шакли паём бошанд.

Коҳиши монеаҳои забонӣ ва таъсири паём: Низомҳои муосири тарҷумаи автоматӣ, ба мисли Google Translate ва DeepL, имконият медиҳанд, ки дипломатҳо ҳатто бе дониши амиқи забонӣ бо шунавандагони хориҷӣ самаранок муошират кунанд. Бо вуҷуди ин, истифодаи зеҳни сунъӣ бо хатарҳо ва мушкилот ҳамроҳ аст: зерматнҳои мураккаб, ҷанбаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ аксар вақт ба таври дуруст таҷассум намешаванд, ки метавонад ба нофаҳмӣ ва шубҳаҳои дипломатӣ оварда расонад. [16, с.26]

Сифат ва назорати паёмҳо: Зеҳни сунъӣ метавонад арзиши эҳсосӣ ва шахсиятнокии паёмҳоро кам карда, онҳоро ба шакли «универсалӣ» табдил диҳад ва таъсири оммаро коҳиш диҳад. Илова бар ин, бо рушди технологияҳои ташкили матн, аз ҷумла GPT, хатари паҳншавии иттилооти бардурӯғ вуҷуд дорад, махсусан агар низом ба таври қатъӣ назорат нашавад. Аз ин рӯ, ҳатмӣ аст, ки низомҳои зеҳни сунъӣ мутамарказ ва пайваста зери назорати инсонӣ қарор гиранд, то хатогиҳо ва камбудиҳо пешгирӣ шаванд ва самаранокии дипломатияи рақамӣ ҳифз гардад.

Ҳангоми истифодаи стратегияҳои забонӣ дар татбиқи дипломатияи рақамӣ ва роҳандозии иқтисоди рақамӣ истифодаи имкониятҳои ҳамгироии зеҳни сунъӣ самаранок мебошад. Тавассути истифодаи зарфиятҳо зеҳни сунъӣ

Таҳияи матнҳои омехта. Роҳи ҳалли оқилона ин аст, ки зеҳни сунъӣ барои таҳияи лоиҳаҳои аввали паёмҳо истифода шуда, минбаъд коршиносн онҳоро бо дарназардошти имло, қаринаи фарҳангӣ ва услуби дипломатӣ таҳрир намоянд.

Истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар дипломатияи рақамӣ самаранокии стратегияҳои забониро баланд мебардорад, зеро низомҳо метавонанд паёмҳои самарабахшро барои аудиторияи гуногун муайян ва пешниҳодҳои амалӣ барои беҳтар кардани робитаҳои дипломатиро фароҳам оранд. Зеҳни сунъӣ ҳамчунин имконият медиҳад, ки дипломатҳо тавассути симуляторҳо эҷоди матнҳои муассирро омӯзанд ва таҷриба кунанд. Дар маҷмуъ, ба коргирии зеҳни сунъӣ бояд ҳамзамон назорати инсонӣ ҳамроҳ бошад, то хусусиятҳо ва зерматнҳои муҳим барои муоширати дипломатӣ аз даст нараванд. Дар ҷаҳони муосир стратегияҳои самараноки забонӣ нақши калидӣ дар ташаккули симои мусбати кишвар, тақвияти эътимод ва робитаҳои байналмилалӣ, ҳамчунин барқарорсозии брендҳои миллӣ доранд. Муваффақияти дипломатияи рақамӣ ба тавозуни байни возеҳӣ ва бисёрмаъноӣ, мутобиқсозии маҳаллӣ ва арзишҳои умумиҷаҳонӣ вобаста аст: забон бояд ҳам арзишҳои демократӣ ва баробариро инъикос кунад, ҳам бо хусусиятҳои фарҳангӣ ва анъанавии аудитория мувофиқ бошад.

Барои баланд бардоштани самаранокӣ тавсия дода мешавад, ки паёмҳо ба аудиторияи мақсаднок таҳлил ва мутобиқ шаванд, маҳаллигардонӣ ба тарзи ҳамоҳанг ва фарҳангӣ татбиқ гардад ва форматҳои бисёрҷанба — видео, инфографика ва таҳлили додаҳо — истифода шаванд, ки паёмҳои дипломатиро осонфаҳм ва муассир гардонад.

Таҳкими технологияҳои коркарди додаҳо ва истифодаи зеҳни сунъӣ барои мушаххассозии муошират — таҳлили додаҳои калон ва тарҷумаи худкор равандҳои

мутобиқсозӣ ва баҳогузории самаранокро суръат мебахшанд. Бо вуҷуди ин, худкорӣ бояд бо назорати инсонӣ ҳамроҳ бошад, то дақиқӣ ва мувофиқати мавод таъмин гардад [3].

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки дар шароити кунунӣ таъсири фарогир ва ҷаҳонии рақамикунонӣ ба фаъолияти сиёсии давлатҳо комилан возеҳ гардидааст. Дар ин замина саволи табиӣ ба миён меояд, ки дар ояндаи наздик сарнавишти дипломатияи рақамӣ чӣ гуна хоҳад буд.

Ба қавли Э. М. Слотер — раиси маркази таҳлилии “Амрикои нав”, ки дар самти таҳияи консепсияҳои эҳёи бузургии ИМА дар давраи технологияҳои рақамӣ фаъолият мекунад, “даҳсолаи оянда нишон хоҳад дод, ки нуфузи давлатҳо бар ҷараёнҳои рақамии ҷаҳонӣ ба таври назаррас меафзояд. Аз ҷумла, интизор меравад, ки воситаҳои мураккаби ҷорӣ намудани таҳримҳои рақамӣ, бастани дастрасӣ ба иттилоот ва маҳдудсозии иртибот таҳия карда шаванд” [1, с. 145].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ набояд аз равандҳои ташаккули дипломатияи иттилоотӣ ва рақамигардонии иқтисоди ҷаҳонӣ қафо монад. Мусаллам аст, ки аз 27 январи соли 2015 Консепсияи сиёсати хориҷӣ қабул гардид, ки санади мазкур заминаи ҳуқуқӣ ва оғози дипломатияи рақамӣ ба шумор меравад.

Ба ақидаи муҳаққиқон Хуморов Д. Муртазо А.А., “вазифаи асосӣ дар ин роҳ дастгирии фаврии иттилоотии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Иттилооти мубрам ва боэътимод дар бораи фаъолияти хадамот, дар бораи равишҳо ва мавқеъҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба қадри имкон барои доираи васеи шунавандагон ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷа дастрас бошад. Ба тарғиби симои объективӣ ва мусбати кишвар бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад” [12, с. 72].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи стратегӣ - гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, тақвияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва боло бурдани рақобатпазирии байналмилалӣ-ро пеш гирифтааст, истифодаи дипломатиҷаи рақамӣ дорои аҳаммияти махсус мебошад.

Дар шароити суръат гирифтани гузариш ба иқтисодиёти рақамии ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои рақамиро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии худ торафт фаъолтар ворид месозад. Рақамикунонӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи стратегии давлатӣ табдил ёфта, ҳамчун омили калидии рушди устувор, болоравии рақобатпазирӣ ва муосирсозии инфрасохтори миллӣ арзёбӣ мегардад.

Дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Бо дарназардошти ин ҳолат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми солона ба Маҷлиси Олӣ аз соли 2021 таъкид намуда буданд, ки “Татбиқи барномаҳои қабулнамудаи мо барои гузаштан ба ин раванд қонеъкунанда нестанд ва зарур аст, ки чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи рақамикунонӣ мусоидаткунанда андешида шаванд.

Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд” [7].

Боиси таъкид аст, ки дастовардҳои дипломатияи ва сиёсати хориҷии кишвар, истифодаи унсурҳои дипломатияи рақамӣ дар тарғиби онҳо ба болоравии имиҷи мусбати кишвар мусоидат намуд. Дар ин раванд, Тоҷикистон ба қатори даҳ кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарини сайёҳии пиёдагардӣ, ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид ва шоҳроҳи Помир ба даҳ роҳи зеботарини дунё шомил шуда, пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амният ворид гардид.

Дар баробари қаноатмандӣ аз дастовардҳои мазкур Пешвои миллат дар паём ба маҷлиси Олӣ аз соли 2021 таъкид намуда буданд, ки “бо вуҷуди ин ҳама ва бо дарназардошти соли ҷамъбастии ташаббуси «Солҳои рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», Кумитаи рушди сайёҳӣ, дигар сохтору мақомоти марбута, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки доир ба афзоиш додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои ба меъёрҳои

байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, бахусус, рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои аввалиндараҷа андешанд” [7].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри осли 2022 таъкид намуданд, ки “бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад” [8].

Бо тақвияти инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани қобилияти кадрӣ ва ҳимояти давлатӣ, дипломатияи рақамӣ метавонад ба яке аз самтҳои стратегӣ ва муассири сиёсати хориҷии иқтисодии Тоҷикистон табдил ёбад.

Бинобар ин, Пешвои миллат дар Паём ба Маҷлиси олӣ аз соли 2022 дастур доданд, ки “Вазорати молияро зарур аст, ки тибқи принсипҳои банақшагирии стратегӣ ва низоми байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ минбаъд низ доир ба масъалаҳои интизоми молиявӣ, тақсимоти самараноки захираҳо, шаффофияту тобеият ва таҳияи босифати буҷети давлатӣ, инчунин, рақамикунонии соҳа чораҳои амалӣ андешад.

Аз ҷумла ба Бонки миллӣ зарур аст, ки якҷо бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади тавсеаи фарогирии молиявӣ дар кишвар барои рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, таъмин намудани гуногуншаклии хизматрасониҳои молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо чораҷӯӣ намояд” [9].

Натиҷаҳои таҳқиқот. Ҳангоми таҳлили назариявӣ ва муқоисавии дипломатияи рақамӣ ҳамчун фишанги ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии давлатҳо, хулосаҳои илмии зерин ба даст омаданд: баррасии масъала нишон дод, ки дар раванди рақамисозии дипломатия масъалаи амнияти иттилоотӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад. Ихроҷи маълумоти иқтисодӣ ё музокироти тиҷоратӣ метавонад ба рақобатпазирии давлат таъсири манфӣ расонад; дар натиҷаи таҳлили истифодаи дипломатияи рақамӣ дар ҳамкориҳои иқтисодӣ муайян гардид, ки фазои киберӣ ба муҳити рақобати геоиқтисодӣ табдил ёфтааст. Иттилооти бардурӯғ дар бораи муҳити сармоягузорӣ метавонад ба иқтисоди давлат зарари ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, дипломатияи рақамӣ на танҳо воситаи пешбурд, балки механизми ҳифзи манфиатҳои миллӣ низ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои рақамиро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии худ торафт фаъолтар ворид месозад. Рақамикунонӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи стратегии давлатӣ табдил ёфта, ҳамчун омили калидии рушди устувор, болоравии рақобатпазирӣ ва муосирсозии инфрасохтори миллӣ арзёбӣ мегардад; Яке аз ҷанбаҳои натиҷавии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешбурди сиёсати хориҷии фаъол ва ташабускор ҷиҳати таъмини манфиатҳои миллӣ ва рушди ҳамкориҳои иқтисоди бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз дипломатияи рақамӣ на танҳо ҳамчун падидаи технологӣ, балки ба сифати унсури стратегии сиёсати хориҷӣ истифода менамояд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, хамчун асоси илмӣ дар таҳқиқоти минбаъда ва такмили истифодаи дипломатияи рақамӣ ҳамчун фишанги ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳо хизмат менамоянд.

Хулоса. Дипломатияи рақамӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо абзори иловагӣ, балки фишанги муҳими пешбурди манфиатҳои иқтисодии хориҷӣ ба шумор меравад. Он имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар шароити рақобати ҷаҳонӣ мавқеи худро мустаҳкам намуда, робитаҳои иқтисодиро бо шарикони байналмилалӣ густариш диҳад, ҷалби сармояро афзоиш диҳад ва имкониятҳои содиротиро васеъ намояд.

Дипломатияи рақамӣ дар асри XXI ба яке аз унсурҳои калидии сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. Он на танҳо шакли нави иртиботи сиёсӣ, балки фишанги муассири ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ мебошад. Рақамисозии иқтисодиёти Тоҷикистон ба самти стратегии рушди дохилӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил меёбад. Дар навбати худ, муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун ангезаи пуриқтидори пешрафти технологӣ ва рушди инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ хизмат мекунанд.

Мақолаи мазкур дар доираи мавзуи рисолаи илмии муаллиф таҳти унвони "Иқтисоди рақамӣ ва сармоягузориҳои байналмилалӣ: таъсири дипломатияи рақамӣ ба рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ", ки бо қарори Шӯрои олимони факултети муносибатҳои байналмилалии ДМТ аз 27-уми декабри соли 2024 таҳти №5 тасдиқ гардидааст, омода карда шудааст.

Муқарриз:Пайвандов Х.Б. – н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Алешкина Н.С. (2018). Цифровая дипломатия: новые инструменты «мягкой силы» // Вестник Поволжского института управления, Том 18. № 1 С. 143-150.
2. Анвари С. Дипломатияи рақамӣ: ташаккули мафҳум ва таҷриаби истифодабарӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз, №2 (78) 2022, С.39-53.
3. Братковская Д. Рогова Я.Токарева С. Цифровая дипломатия как инструмент экономического продвижения: языковые стратегии в международной коммуникации. https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovaya-diplomatiya-kak-instrument-ekonomicheskogo-prodvizheniya-yazykovye-strategii-v-mezhdunarodnoy-kommunikatsii?ysclid=md7bo4c4sx954643120
4. Викулова Л.Г., Макарова И.В., Новиков Н. Институциональный дискурс цифровой дипломатии: новые коммуникативные практики. https://cyberleninka.ru/article/n/institutsionalnyy-diskurs-tsifrovoy-diplomatii-novye-kommunikativnye-praktiki
5. Игровое пространство «информационного беспорядка». Новые инструменты влияния в цифровой дипломатии. https://e-cis.info/news/566/120473
6. Муртазо А. "Дипломатияи оммавӣ" дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2021. № 7. С. 24-29. С.25
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021. http://prezident.tj/node/25005
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022. https://www.prezident.tj/event/missives/27245
9. Сермягина Д. А. Цифровая дипломатия Соединенных Штатов Америки. https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovaya-diplomatiya-soedinennyh-shtatov-ameriki
10. Сиваева И.И. Реализация коммуникативных стратегий в дискурсе американской цифровой дипломатии // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Лингвистика. 2024. Т. 21, № 2. С. 80-85.
11. Синчук Ю. В. Власов Б. Е. Огурцов А. Е.Цифровая дипломатия как инструмент внешней политики/ https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovaya-diplomatiya-kak-instrument-vneshney-politiki
12. Хуморов Д. Муртазо А.А., Хусусиятҳои хоси дипломатияи рақамӣ дар давлатҳои пешрафтаи дунё//Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, 2022, № 2(6), С. 69-74.
13. Цветкова Н. А. Феномен цифровой дипломатии в международных отношениях и методология его изучения // Вестник Московского университета. Серия 25: Международные отношения и мировая политика. 2019. № 1. С. 30-50.
14. European Union. Guidelines for Inclusive Communication in EU Public Diplomacy. Luxembourg: Publications Office of the EU, 2021. 34 p.
15. Manor I. The Digitalization of Public Diplomacy. London: Palgrave Macmillan, 2019. 267 p.
16. Viona Rashica. Digital diplomacy: aspects, approaches and practical use. // European Perspectives − International Scientific Journal on European Perspectives, volume 10, number 1 (17), pp 21-39, April 2019. P.21-39.

ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ФИШАНГИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТҲО

Дар мақола дипломатияи рақамӣ ҳамчун фишанги ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии давлатҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола муаллиф қайд менамояд, ки дипломатияи рақамӣ як равиши нисбатан нав дар самти татбиқи иртибототи байналмилалӣ ба шумор меравад, ки он бар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ барои пешбурди манфиатҳои миллӣ, таҳкими робитаҳо бо ҷомеаи байналмилалӣ ва идораи симои сиёсати хориҷӣ бунёд ёфтааст. Дар баробари ин, рушди дипломатияи рақамӣ заминаи татбиқи ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва тавсеаи мубодилаи мутақобила мегардад. Инчунин дар мақола қабули "Харитаи роҳ дар бораи ҳамкориҳои рақамӣ" аз ҷониби СММ ва оғози марҳилаи нави рушди дипломатияи рақамӣ таъкид гардидааст. Ба ақидаи муаллиф кишварҳои пешрафта бо истифода аз дипломатияи рақамӣ лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоиро роҳандозӣ намуда, бо истифода аз стратегияҳои забонӣ ва хусусиятҳои хоси шунавандагон манфиатҳояшонро таъмин мекунанд. Кишварҳои бузург ва созмонҳои байналмилалӣ зимни пешбурди дипломатияи рақамӣ аз усулҳои муайян истифода намуда, ҳамкориҳои иқтисодиро байни аъзоён ва якдигар тақвият медиҳанд. Муаллиф яке аз воситаҳои муассири пешбурди дипломатияи рақамӣ ва тарғиби иқтисоди рақамиро технологияҳои муосири зеҳни сунъӣ арзёбӣ намудааст, ки дар татбиқи амалии ҳадафҳои иқтисодӣ таъсири муассир дорад.

Калидвожаҳо: дипломатияи рақамӣ, иқтисоди рақамӣ, сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, стратегияҳои забонӣ, ИМА, ҶМЧ, ИА, СММ.

ЦИФРОВАЯ ДИПЛОМАТИЯ КАК РЫЧАГ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ГОСУДАРСТВ

В статье рассматривается цифровая дипломатия как рычаг внешнеэкономического сотрудничества государств. В статье отмечается, что цифровая дипломатия – это относительно новый подход к осуществлению международных отношений, основанный на использовании цифровых технологий для продвижения национальных интересов, укрепления отношений с международным сообществом и управления имиджем внешней политики. При этом развитие цифровой дипломатии становится основой для осуществления экономического сотрудничества, привлечения иностранных инвестиций и расширения взаимного обмена. В статье также освещается принятие ООН «Дорожной карты по цифровому сотрудничеству» и начало нового этапа в развитии цифровой дипломатии. По мнению автора, развитые страны, используя цифровую дипломатию, реализуют крупные экономические и социальные проекты и обеспечивают свои интересы, используя языковые стратегии и особенности аудитории. Крупные страны и международные организации, осуществляя цифровую дипломатию, используют определенные методы и укрепляют экономическое сотрудничество между своими членами. Автор рассматривает современные технологии искусственного интеллекта как один из наиболее эффективных инструментов продвижения цифровой дипломатии и продвижения цифровой экономики, оказывающий существенное влияние на практическую реализацию экономических целей.

Ключевые слова: цифровая дипломатия, цифровая экономика, внешняя политика, экономическое сотрудничество, социальные сети, языковые стратегии, США, КНР, ЕС, ООН.

DIGITAL DIPLOMACY AS A TOOL FOR FOREIGN ECONOMIC COOPERATION BETWEEN STATES"

This article examines digital diplomacy as a tool for foreign economic cooperation between states. It notes that digital diplomacy is a relatively new approach to international relations, based on the use of digital technologies to advance national interests, strengthen relations with the international community, and manage the image of foreign policy. At the same time, the development of digital diplomacy is becoming the foundation for economic cooperation, attracting foreign investment, and expanding mutual exchanges. The article also highlights the adoption of the UN "Roadmap for Digital Cooperation" and the beginning of a new stage in the development of digital diplomacy. According to the author, developed countries, using digital diplomacy, implement major economic and social projects and advance their interests by leveraging linguistic strategies and audience characteristics. Large countries and international organizations, implementing digital diplomacy, employ specific methods and strengthen economic cooperation among their members. The author considers modern artificial intelligence technologies as one of the most effective tools for advancing digital diplomacy and the digital economy, significantly impacting the practical implementation of economic goals.

Keywords: digital diplomacy, digital economy, foreign policy, economic cooperation, social media, language strategies, USA, China, EU, UN.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аминҷонзода Азамат*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Душанбе, ҶумҳурииТоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **552-44-44-77**

Сведения об авторе: ***Аминчонзода Азамат*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры международных отношений. **Адрес**: 734025, Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **552-44-44-77**

Information about the author: ***Aminjonzoda Azamat*** - Tajik National University, Ph.D student at the Department of International Relations. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **552-44-44-77**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 26.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:94(5-191.2)

ВОХӮРИҲОИ МАШВАРАТИИ САРОНИ ДАВЛАТҲО ҲАМЧУН АБЗОРИ ДИПЛОМАТИЯИ МИНТАҚАВӢ ДАР ТАҲКИМИ МИНТАҚАГАРОИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Пайвандов Х.Б.
Донишгощи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ падида ва омили таҳаввули дипломатияи минтақавӣ ва регионализми нарм дар доираи коршиносони дохилӣ ва берунаи соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, наздикшавӣ, созиш, гузашт ва ҳалли мушкилоти гуногуни ҳамкориҳои минтақавии кишварҳоро дар бар мегирад. Моҳияти баргузории вохӯриҳои машваратӣ натанҳо на танҳо ҳамчун платформаи прагматикии ҳамкориҳои минтақавӣ баромад мекунад, балки он нақши алтернативиро нисбат ба созмонҳои минтақавии қаблан мавҷудбуда дар минтақа иҷро менамояд ва инро метавон регионализми нарм номид.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он ба тавсеаи назариявии Вохӯриҳои машваратӣ ҳамчун заминаи рушди регионализми минтақа мусоидат намуда, ҷанбаҳои консепсионӣ ва назариявии сиёсати хориҷии кишварҳои минтақаро мушаххас мегардонад. Аҳаммияти амалии он бошад, истифодаи натиҷаҳои таҳлил ҳангоми таҳияи консепсияи нави сиёсати хориҷӣ, барномаҳои давлатӣ ва такмили механизмҳои самараноки баргузории Вохӯриҳои машваратӣ ҷиҳати расидан ба нуқтаи ниҳоӣ маҳсуб меёбад.

Мавод ва усулҳо. Дар рафти таҳияи мавзуи таҳқиқтӣ методҳои таҳлили муқоисавӣ, таърихӣ, таҷрибавӣ, илмӣ-амалӣ ва таҳлили манбаъҳои илмӣ-сарчашмавӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтанд. Чунончи, мафҳумҳои минтақагароӣ, дипломатияи минтақавӣ ва регионализми нарм тавассути методди таҳлилӣ-муқоисавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бардоштҳои умумӣ пешниҳод гардиданд. Илова бар ин, дар доираи омӯзиши методҳои таърихӣ ва таҷрибавӣ марҳилаҳои рушди таърихии раванди регионализми охири асри XX ва регионазилми нармӣ даҳаи дуюми асри XXI-и минтақаи Осиёи Марказӣ тавсифу таҳлил шудаанд. Ҳамзамон, дар доираи методи таҳлили маводу манбаъҳои илмӣ-сарчашмавӣ ва адабиётҳои дохилӣ-берунӣ осори олимону коршиносони соҳа, ба сифати пояи назариявӣ ва амалӣ шарҳ дода шудаанд.

Дар шароити муосир, пояи асосии низоми муносибатҳои байналмилалӣ таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, бисёрқутбӣ, рақобати афзоянда ва тамоюли шиддатёбандаи геополитикӣ ташаккул меёбад. Дар баробари ин тамоюлҳо, раванди минтақагароӣ (регионализатсия) ҳамчун омили муҳими ҳамгироӣ ва муттаҳидсозии давлатҳо дар сатҳи минтақавӣ баромад мекунад. Минтақагароӣ на танҳо ҳамчун заминаи таъмини суботи сиёсӣ ва рушди устувори иқтисодӣ хизмат менамояд, балки ҳамчун механизми муассири коҳиши таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ва паст намудани сатҳи танишҳои геополитикӣ ва амниятӣ низ арзёбӣ мегардад. Ба ибораи дигар, минтақагароӣ– ин рӯ овардани кишварҳо ба минтақаи худ, дар шакли ташкили иттиҳоди давлатҳо, муттаҳидшавӣ ва самаранок истифодабарии имкониятҳои табиии дар доираи манфиатҳои муштарак фаҳмида мешавад. [22, С.45-51] Чунин равишро метавон ҳамчун абзори дипломатияи минтақавӣ низ арзёбӣ намуд, ки дар қаринаи раванди ҷаҳонишавӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф, дар мисоли Осиёи Марказӣ аҳаммияти назаррас дорад. Бояд қайд намуд, ки таърихан, раванди регионализм дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз солҳои 90-уми асри XX оғоз гардида, дар шакли фаъолияти ниҳодҳои минтақавӣ, аз қабили Фазои Иқтисодии Осиёи Марказӣ (CAES,1994-1998), Ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ (САЕС, 1998-2002) ва Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ (САСО, 2002-2005) зуҳур ва ташаккул ёфт. [11, С.109-117] Бо такя ба ин раванд, ташаккули таърихии раванди минтақгароӣ дар Осиёи Марказиро метавон ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо намуд:

Марҳилаи аввал - аз соли 1994 то соли 2004, ки бо талошҳои ибтидоии институтсионализатсияи ҳамкориҳои минтақавб ва ҷустуҷӯи шаклҳои мувофиқи ҳамгироӣ хос мебошад;

Марҳилаи дуюм – аз соли 2018 то имрӯз, ки бо номи оғози Вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ алоқаманд буда, ба таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини амнияти дастаҷамъии минтақа равона гардидааст. [21, С.137-150]

Ин марҳила нисбат ба марҳилаи қабль вижагиҳои худро дорад: якум, сатҳи рушди таҷрибаи давлатдорӣ ва мутобиқшавӣ ба равандҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ; дуюм, ивазшавии ҳокимият дар давлатҳои минтақа аз ҷумла дар Ӯзбекистон, ки ба таҳаввули ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат намуд; [8, С.1-2] сеюм, гузариши тадричии Туркманистон аз сиёсати бетарафӣ ва дур шудан аз инзивои сиёсӣ, ки ба ташаккули раванди минтақагароии Осиёи Марказӣ мусоидат намуд; чорум, дигаргуншавии сиёсати байналхалқӣ ва афзоиши таъсири омилҳои беруна ба минтақа, монандӣ: омили Афғонистон, омили чинӣ, омили пружаҳои геополитикӣ – СА-плюс; панҷум, доираи иштирокчиён нисбат ба гузашта хеле васеътар буда, на танҳо сарони давлатҳо, балки роҳбарони шӯроҳои амният, вазирон ва дигар намояндагони сатҳи баландро низ дар бар мегирад.

Маҳз, Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун абзори дипломатияи минтақавӣ ҷиҳати ташаккули раванди минтақагароӣ, ҳалли мушкилоти дохилиминтақавӣ ва дарёфти механизмҳои наву муассири тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ бидуни фишорҳои созмонҳои байналмилалӣ баромад мекунад. Инчунин, ин вохӯриҳо ҳамчун формати ғайрирасмӣ, барои таҳкимии эътимод, ҳамсоягии нек ва пешбурди лоиҳаҳои муштарак хизмат намуда, заминаи шаклгирии минтақаро ҳамчун фазои рушдёфта, ҳамгирошаванда ва субъекти байналмилалӣ фароҳам меорад. [10, С.501-507] Тағйироти бунёдӣ ва трасформатсияи ҳамоҳангшуда дар доираи Вохӯрии машваратӣ аз соли 2018 нишон медиҳанд, ки раванди минтақагароӣ дар Осиёи Марказӣ эҳё гардида, марҳилаи нави рушди худро оғоз намудааст. Дар ин замина, нақши Вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар таҳкими раванди минтақагароии минтақа ба таври алоҳида ва муфасал метавон чунин таҳлил ва баррасӣ кард:

Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2018. Баргузории нахустин Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар моҳи марти соли 2018, бо даъвати президенти Қазоқистон, вале бо ташаббуси президенти Ӯзбекистон дар Остона ҳамчун рӯйдоди таърихӣ ва гардиши таҳаввулотӣ дар ташаккули раванди минтақагароӣ ва рушди дипломатияи минтақавӣ арзёбӣ мегардад. [11, С.109-117] Ин вохӯрӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоии эҳёи муколамаи сиёсӣ миёни кишварҳои минтақа пас аз як давраи тулонии сардӣ ва нобоварӣ арзёбӣ мешавад. Дар ин замина, хусусиятҳои хоси нахустин Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро метавон дар нуктаҳои зерин иброз дошт:

1. Дар доираи аввалин Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2018 фазои ҳамбастагӣ ва ризоияти муштарак ба миён омада, як платформаи беназири ҳамкории минтақавиро ташкил намуданд, ки на иттиҳоди классикии минтақавӣ мебошад ва на боиси ихтилоф миёни қудратҳои минтақа мегардад. Баръакс, он намунаи ба истилоҳ «минтақагароии нарм» буда, бар ҳамкории прагматикӣ ва манфиатҳои муштарак асос ёфтааст.

2. Бори аввал пас аз солҳои 1990-ум ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ба таври расмӣ, бидуни иштироки Россия, Чин ё дигар қудратҳои беруна барои баррасии масъалаҳои умумиминтақавӣ ва рушди ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ ҷамъ омаданд, ки онро метавон воқеан як формати сирф осиёимарказӣ номид. [13, С.1-3]

3. Дар пасманзари Вохӯриҳои машваратӣ масъалаи марзҳо ва мушкилоти тақсимоти об байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳали худро пайдо намуд. Аз ҷониби дигар, Туркманистон, ки қаблан сиёсати инзивогароиро пеш гирифта буд, дар ин механизми муколама ва ҳамкории минтақавӣ фаъолона иштирок намуда, формат ва ташаккули раванди минтақгароиро мукаммал сохт.

4. Худи он далел, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ пас аз танаффуси тақрибан даҳсола дар соли 2018 Вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳоро эҳё намуданд, ҳадди ақал ду равандро метавон арзёбӣ намуд: 1. онҳо арзиш ва воқеияти минтақаро ҳамчун фазои муштараки манфиатҳо эътироф намуда, зарурати тақвияти раванди минтақагароиро дарк

намуданд; 2. онҳо омодагии худро барои гузаштан ба сатҳи нави ҳамкории наздиктар ва ҳамоҳангшуда дар микёси минтақа нишон доданд. [7, С.38-48]

5. Нишасти машваратии сарони давлатҳо дар фазои ҳусни тафоҳум ва ҳамсоягии нек бо муваффақият баргузор гардид. Масалан, изҳоротҳои зерин ин руҳияро инъикос мекунанд: «Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ ҳамсояҳои худро бе об намемонад» (Эмомалӣ Раҳмон); «Ҳеҷ кас мушкилоти дохилиминтақавии моро барои мо ҳал намекунад». (Нурсултон Назарбоев); «Барои як қатор масъалаҳои мубрами рӯз роҳҳои ҳалли амалӣ пайдо мешаванд» (Шавкат Мирзиёев); «Аҳаммияти таҳкими минбаъдаи муносибатҳо» (Соронбой Жээнбеков). заминаи рушди минбаъдаи «регионализми нарм»-ро дар Осиёи Марказӣ фароҳам овард. [13, С.1-2]

Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2019. Ҷаласаи дуюми Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ 29 ноябри соли 2019 дар шаҳри Тошканд дар фазои созанда ва бо натиҷаҳои назаррас баргузор гардид. Дар ҷаласаи дуюми вохӯрии машваратӣ изҳороти муштараки нав қабул гардида, ҳамзамон тартиб ва механизми баргузории чунин ҷаласаҳои машваратӣ ба таври расмӣ ба танзим дароварда шуд. Дар муқоиса бо ҷаласаи аввал, ҷаласаи дуюми Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ амиқтар шудани ҳамкории минтақавиро инъикос намуд, аз ҷумла:

1. Иштироки пурраи ҳамаи панҷ сарвари давлат, аз ҷумла Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳаммадов, ки аз сатҳи баланди таваҷҷуҳ ва омодагӣ ба ҳамкории ҳамаҷониба шаҳодат медиҳад;

2. Ҷаласа тамоюли гузаришро аз мулоқотҳои рамзӣ ба расмӣ, яъне ба сӯи ташаккули шаклҳои институтсионализатсияи ҳамкории минтақавӣ муайян намудааст;

3. Ташаббуси таъсиси Шӯрои тиҷоратии панҷ кишвар ҳамчун як платформаи зеҳнӣ дар минтақа пешниҳод гардид, ки вазифаи таҳияи стратегияҳои муштараки иқтисодӣ, омода намудани тавсияҳои сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳо бо шарикони хориҷиро бар уҳда дорад;

4. Масъалаи суботи минтақавӣ бо вазъ дар Афғонистон пайваст дониста шуда, зарурати ҷалби он ба лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва инфрасохторӣ таъкид гардид. [12, С.1-2]

Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2021. Пас аз ду мулоқоти машваратӣ, раванди ҳамкорӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ташаккул ёфт. Сеюмин мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки 6 августи соли 2021 дар Аваза, соҳили баҳри Хазари Туркманистон баргузор шуд, лаҳзаи муҳими таҳкими эътимод, муколама ва прагматизми афзоянда байни роҳбарони минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, ин вохӯрӣ дар як давраи ниҳоят муҳими сиёсӣ ва таърихӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид, зеро соли 2021 ба 30-солагии истиқлолияти кишварҳои минтақа ва ҳамчунин ба 15-солагии таъсиси минтақаи озод аз силоҳи ҳастаӣ дар Осиёи Марказӣ рост омад. [5, С.1-5] Аз тарафи дигар, бад шудани вазъият дар марз бо Афғонистон, афзоиши шумораи ҳолатҳои COVID-19 дар саросари минтақа, мураккаб гирдидани вазъи иқтисодӣ ва инчунин паёмадҳои низоъҳои марзӣ миёни Қирғизистон ва Тоҷикистон аз ҷумлаи омилҳои асосие буданд, ки вазъияти умумии минтақаро дар он давра муайян менамуданд. Бо вуҷуди ин, баргузории Вохӯрии машваратӣ аҳаммияти худро гум накарда, мисли як қадами хурд ба сӯи ташаккули дипломатияи минтақавӣ равона гардид:

Якум, худи баргузории ин вохӯрӣ далели равшани он аст, ки роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба он арзиш медиҳанд. Ин дар навбати худ, нишон медиҳад, ки раванди институтсионализатсияи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи минтақавӣ қатъ нагардида, баръакс, дар ҳоли рушд қарор дорад. Хусусан, ҳузури ҳамзамони С.Ҷапаров ва Э.Раҳмон, ки дар паҳлӯи ҳам қарор дошта, ҳатто дар бахшҳои ғайрирасмии мулоқот низ муошират созанда анҷом медоданд, аз идомаи раванди ташаккули эътимод ва ризоияти байнидавлатӣ, сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, шаҳодат медод. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки афзалият додан ба самти минтақавӣ дар сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як зарурати муҳим барои таъмини амнияти минтақавӣ ва ҳифзи манфиатҳои муштараки миллӣ арзёбӣ мегардад.

Дуюм, иштироки Туркманистон нишонаи мусбати он аст, ки Ашқобод қасд дорад дар ташаккул ва рушди тартиботи минтақавии Осиёи Марказӣ нақш бозад. Ин мулоқот роҳро ба сӯи прагматизми афзоянда фароҳам овард.

Сеюм, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар Осиёи Марказӣ айни замон дорои иқтидори табдил ёфтан ба низоми бисёрсатҳавӣ гардидааст. Дар изҳороти муштарак ба таври возеҳ зарурат ва аҳаммияти таъсиси шӯроҳои саноатчиён, олимон, академикҳо, донишҷӯён ва варзишгарон барои рушди фаъолиятҳои парадипломатӣ дар минтақа таъкид мешавад. Ин гуна ташаббусҳо метавонанд ба коҳиши танишҳои мавҷуда мусоидат намуда, ҳамзамон имкониятҳои навро барои густариши робитаҳои байни мардум, таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди ҳамкории гуманитарӣ фароҳам созанд.

Чорум, изҳороти муштараки вохӯрии сеюми сарони давлатҳо як қатор барномаҳо, нақшаҳо, сохторҳо ва шӯроҳоро барои рушди минбаъдаи ҳамкории минтақавӣ пешниҳод ва қабул намуд, ки заминаи меъёрӣ-ҳуқуқиро барои ташаккули раванди минтақагароӣ фароҳам оварданд. [25, С.1-3] Аз ҷумла: зарурати сафарбар намудани тамоми имкониятҳо барои рушди муштараки долонҳои байналмилалии нақлиётии «Шимол–Ҷануб» ва «Шарқ–Ғарб» таъкид гардид; аҳаммияти суръат бахшидан ба таъсиси Платформаи машваратии минтақавӣ оид ба коммуникатсияҳои нақлиётӣ, инчунин ҳамоҳангсозии барнома ва созишномаи минтақавӣ оид ба рушди муштараки низоми нақлиётӣ дар Осиёи Марказӣ зикр шуд; бо мақсади ҷалби сармоягузорӣ ба минтақа, ҷонибҳо ба истифодаи Маркази байналмилалии молиявии «Остона» — Astana International Financial Centre ҳамчун платформаи иқтисодӣ ҷиҳати пайваст намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сармоягузорони хориҷӣ мувофиқа намуданд; ҳамзамон, таъсиси Форуми муколамаи фарҳангии Осиёи Марказӣ ҳамчун платформаи ягонаи ҳамкории фарҳангӣ ва гуманитарӣ таҳти шиори «Осиёи Марказӣ: гузаштаи муштарак — ояндаи муштарак» пешниҳод ва дастгирӣ гардид. [25, С.1-3] Дар анҷоми ҷаласа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо аввалин ҷоизаи олии «Медали ифтихории сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» аз ҷониби Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов қадрдонӣ гардид. Ин ҷоиза барои хидматҳои шоиста дар рушди муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, таҳкими эътимоди мутақобила ва густариши ҳамкорӣ миёни давлатҳои минтақа, инчунин саҳми назаррас дар таҳкими сулҳ ва амнияти минтақавӣ ва пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои муштарак дар арсаи байналмилалӣ дода шуд. [15, С.1-4]

Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2022. Ҷаласаи машваратии чорум як қадами дигари муҳим дар самти амиқтар намудани ҳамкориҳои минтақавӣ ва таҳкими раванди минтақагароӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин ҷаласа 21 июли соли 2022 дар Чолпон-Отаи Қирғизистон бо иштироки президентҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбакистон, Туркманистон ва Қирғизистон баргузор гардид. Бо вуҷуди он ки дар соли 2022 дар баъзе кишварҳои минтақа як қатор ноустуворихои сиёсӣ ва амниятӣ ҳамроҳ буд, ҳамзамон давлатҳои минтақа бо мушкилоти мураккабтари дорои хусусияти геополитикӣ низ рӯ ба рӯ гардиданд. Ин вазъ дар қаринаи таҳаввулоти глобалӣ, аз ҷумла оғози ҷанги Россия ва Украина ва афзоиши зиддиятҳои стратегӣ миёни Россия ва Ғарб ба вуҷуд омад. [1, С.1-7] Бо вуҷуди ин, баргузории ҷаласаи чоруми машваратӣ нишон дод, ки раванди минтақагароӣ дар минтақа чунин хусусияти устувор пайдо намуд:

1. Ба имзои Созишномаи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ барои рушди Осиёи Марказӣ дар асри XXI, ки Тоқаев дар ҷаласаи сеюми машваратӣ пешниҳод карда буд, натиҷаҳои назаррас ба бор овард. Созишнома самтҳои асосии ҳамкории панҷҷонибаро дар самтҳои афзалиятнок миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. [1, С. 1-7]
2. Як таҳаввулоти муҳими дигар аввалин мулоқоти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ буд, ки як рӯз пеш аз худи ҷаласаи машваратӣ баргузор шуд.
3. Харитаи роҳи рушди ҳамкории минтақавӣ барои солҳои 2022-2024 бо мақсади пайвастшавии инфрасохторӣ, мусоидат ба тиҷорат, ҳамкории энергетикӣ, устувории экологӣ ва эҷоди механизмҳои ҳамкории байниидоравӣ қабул карда шуд.
4. Барномаи минтақавии Рӯзномаи сабз барои Осиёи Марказӣ барои таъмини рушди иқтисодии "сабз" ва рушди устувор дар минтақа тавассути татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо мақсади татбиқи Рӯзномаи рушди устувор барои соли 2030, Конвенсияи чаҳорчӯбаи СММ

оид ба тағйирёбии иқлим аз 9 майи соли 1992 ва Созишномаи Париж аз 12 декабри соли 2015 қабул карда шуд.

5. Роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ зарурати диверсификатсияи роҳҳои тиҷоратиро дар шароити мураккаби геополитикии муосир таъкид намуданд. Дар ин замина, аҳаммияти Осиёи Ҷанубӣ ҳамчун самти алтернативии транзитӣ ва имконияти нави пайвастшавии иқтисодӣ махсусан қайд гардид. Илова бар ин, роҳбарон ба масъалаи амният ҳамчун унсури калидии ҳамкории минтақавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, зарурати таҳкими ҳамоҳангсозии мутақобила ва рушди механизмҳои муштараки муқовимат ба таҳдидҳои муосирро таъкид карданд. Дар ин замина, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба зарурати таҳкими ҳамоҳангсозӣ миёни ниҳодҳои махсус ва таъсиси механизмҳои мушаххаси муштарак ҷиҳати муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои амнияти минтақавӣ махсус даъват намуд [20, С.1-5]. Бояд довар шуд, ки ҳар як вохӯриро метавон марҳилаи таърихӣ дар наздик кардани кишварҳо ва тақвияти ҳамкории минтақавӣ номид, ки ба ваҳдат, эътимод, дастгирии мутақобила, ҳалли масъалаҳои байнидавлатӣ, субот ва пешрафт мусоидат кардааст.

Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2023. Ҷаласаи панҷуми вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ марҳилаи навбатии рушди раванди минтақагароӣ ва ташаббуси нав дар таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ба ҳисоб меравад, ки рӯзҳои 14–15 соли 2023 сентябр дар пойтахти Тоҷикистон — шаҳри Душанбе баргузор гардид. [14, С.1-7] Ҷаласаи мазкур чанд вижагиҳоро дар бар дошт: Аввал, ин мулоқот пас аз як соли низоъи марзии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон баргузор гардид ва аҳаммияти махсус дошт. Дуюм, он дар заминаи ду омили муҳими геополитикӣ — ҷанги Россия ва Украина ва ба сари ҳудрат омадани Толибон дар Афғонистон, ки ба идоракунии захираҳои оби минтақа таъсир мерасонанд, сурат гирифт. Сеюм, вохӯрӣ дар давраи таҳаввулоти инфрасохтории Авруосиё баргузор шуд, ки дар он Долони Миёна ва лоиҳаҳои муҳими роҳи оҳан нақши муҳим дошт.

Ҷаласаи панҷуми Вохӯрии машваратӣ дар шаҳри Душанбе аз ҷиҳати ҷиҳати муҳтаво ва натиҷаҳо нисбат ба вохӯриҳои қаблӣ тафовути назаррас дошт. Бояд ёдовар шуд, ки минтақа ҷойзаи дипломатии худро бо номи «Нишони сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» таъсис додааст. Агар дар мулоқоти сеюм ин ҷоиза ба Эмомалӣ Раҳмон дода шуда бошад, дар саммити Душанбе он ба президенти собиқи Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммедов супорида шуд. Ба ғайр аз ҷанбаи маросимӣ, ин иқдом нишонаи иродаи таъмини ҳамзистии осоишта дар минтақа арзёбӣ мегардад. [4, С.1-7] Дар маҷмуъ, мулоқоти машваратии Душанбе як қатор ҷанбаҳои муҳими институтсионализатсияи минтақагароии Осиёи Марказиро дар бар гирифт:

Якум, имзои Созишнома оид ба таҳкими алоқамандии нақлиёти заминӣ дар Осиёи Марказӣ ва Созишнома миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба самтҳои умумии сиёсати ҷавонон. Ҳамзамон, қабули Низомнома дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ барои мулоқотҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ**,** ки иҷрои созишномаҳои бадастомадаро назорат менамояд; [26, С.1-7] Дуюм, ҳузури президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев ҳамчун меҳмони фахрӣ нишон дод, ки Осиёи Марказӣ худро ҳамчун минтақаи кушод мебинад. Ба таври рамзӣ, ҳузури Илҳом Алиев дар Душанбе метавонад нишонаи он бошад, ки дар оянда меҳмонони дигари фахрӣ қабул шавад. Масалан, дар мулоқоти Чолпон-Ота-2022, Қосим-Ҷомарт Тоқаев пешниҳод кард, ки дар оянда Россия ва Чинро даъват кунанд, дар ҳоле ки дар саммити Душанбе Ш.Мирзиёев пешниҳод кард, ки мақомоти кунунии Афғонистонро барои муҳокимаи масъалаҳои об ва ҳамгироии ин кишвар ба равандҳои иқтисодии минтақавӣ даъват кунанд. [16, С.1-7] Дар ин росто, президенти Озарбойҷон Алиев таъкид кард, кишвари ӯ омода аст барои кӯмак ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар дастрасӣ ба бозорҳои Туркия ва Аврупо ҳамкорӣ кунад. Сеюм, дар саммити Душанбе аввалин ҷаласаи вазирони нақлиёти минтақавӣ баргузор гардид, ки бо Созишнома дар бораи тақвияти муносибатҳои нақлиёти заминӣ дар Осиёи Марказӣ анҷом ёфт. Ҳадаф дарёфти роҳи алтернативии тиҷоратӣ ва ташаккули механизмҳои мушаххас барои пешбурди долонҳои муассири нақлиётӣ барои ворид шудан ба бозорҳои Чин, Осиёи Ҷанубӣ, Ховари Миёна ва Иттиҳоди Аврупо буд. Дар ин росто, президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев низ дар ин саммит таъкид кард, кишвари ӯ омода аст барои кӯмак ба

кишварҳои Осиёи Марказӣ дар дастрасӣ ба бозорҳои Туркия ва Аврупо ҳамкорӣ кунад. [18, С.1-3]

Дар охири саммити Душанбе, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор намуданд, ки нишасти машваратии ҷашнии Душанбе боз як далели равшани иродаи қавии сиёсии кишварҳо ҷиҳати таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ ба манфиати халқҳои бародар мебошад. [3, С.1-2]

Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2024. Давраи дуюми рушди ҳамкориҳои прагматикӣ ва «регионализми нарм» аз 9 августи соли 2024, дар доираи Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар шаҳри Остонаи Қазоқистон баргузор гардид, оғоз ёфт. Нишасти мазкур, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев бори дигар ҳамчун меҳмони фахрӣ иштирок намуд, инчунин бо ҳузури намояндаи Маркази минтақавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои Осиёи Марказӣ Каха Имнадзе сурат гирифт, оғози марҳилаи нави вохӯриҳои машваратиро пас аз панҷ нишасти муваффақонае, ки аз соли 2018 инҷониб баргузор гардидаанд, нишон дод. Бори аввал масъалаи ташаккули имиҷ ва ҳувияти Осиёи Марказӣ ба баррасии расмии нишасти машваратӣ гузошта шуд. Қосим-Жомарт Тоқаев дар бораи «имиҷи нави Осиёи Марказӣ» дар сиёсати байналмилалӣ сухан ронд. Дар навбати худ, Шавкат Мирзиёев, бо истинод ба мақолаи Тоқаев таҳти унвони «Эҳёи Осиёи Марказӣ: дар роҳи рушди устувор ва шукуфоӣ», ба «оғози ташаккули ҳувияти умумиминтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» ишора намуд. [17, С.1-2]

Дар доираи Вохӯрии шашуми машваратӣ имзои «Консепсияи рушди ҳамкорӣ то соли 2040» аз ҷониби ҳамаи тарафҳо далели он аст, ки миёни кишварҳои минтақа сатҳи кофии эътимод ва дарки мутақобил ба вуҷуд омадааст, ки имкон медиҳад ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар давраҳои миёна ва дарозмуддат ба роҳ монда шаванд. Дар баробари ин, як рӯйдоди муҳим дар самти такмили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ тасдиқи «Нақшаи роҳ оид ба рушди ҳамкории минтақавӣ то соли 2027» маҳсуб меёбад. [23, С.1-2] Ҳадафи асосии ин санад беҳтар намудани ҳамоҳангсозии байниҳукуматӣ ва таҳкими назорат бар татбиқи ташаббусҳои пешниҳодшуда дар ин самт мебошад. Хусусиятҳо ва натиҷагириҳои Вохӯрии машваратии шашумро дар шаҳри Остонаи Қазоқистон метавон чунин хулосагирӣ намуд:

Якум, вазифаи калидӣ барои солҳои оянда муайян намудани заминаи умумӣ дар масъалаи институтсионализатсия ва ташаккули ҳувияти минтақавӣ мебошад. Дар ин замина, нишасти Остона ҳамчун оғози марҳилаи нав дар рушди давлатҳои Осиёи Марказӣ барои давраи миёнамуҳлат (2024–2028) арзёбӣ мегардад. Дуюм, нишасти охирин нишон медиҳад, ки кишварҳои минтақа дар таъсиси сохтори ягонаи институтсионалӣ шитоб намекунанд ва таҷрибаи гузашта ба назар гирифта мешавад. Таҷрибаи аввалини минтақаҳавӣ дар Осиёи Марказӣ (1992–2005) асосан аз рӯи принсипи «аз боло ба поён» амалӣ гардида, бе дарназардошти омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ сурат гирифта буд. Баръакс, раванди кунунии минтақаҳавӣ (аз соли 2017) бештар бо модели «аз поён ба боло» рушд ёфта, ба ташкили механизмҳои амалкунанда, самаранок ва устувор нигаронида шудааст, ки дар оянда метавонанд ба таъсиси сохтори ягона оварда расонанд. [24, С.168] Сеюм**,** пас аз нишасти шашум сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ як қатор санадҳои муҳимро ба имзо расониданд, аз ҷумла: Изҳороти муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ; Консепсияи рушди ҳамкории минтақавӣ «Осиёи Марказӣ – 2040»; Нақшаи роҳ оид ба рушди ҳамкории минтақавӣ барои солҳои 2025–2027; Нақшаи амал оид ба рушди ҳамкории саноатӣ барои солҳои 2025–2027; Ёддошти тафоҳум оид ба рушди марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ; Коммюнике оид ба натиҷаҳои нишасти аввали вазирони энергетика; Коммюникеи Остона оид ба нишасти дуюми вазирони нақлиёт; инчунин қарор дар бораи сарфарозгардонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ. [23, С.1-2] Чорум, таҳия ва қабули маҷмуи санадҳо таҳти унвони «Консепсияи рушди ҳамкории минтақавӣ – Осиёи Марказӣ 2040» гувоҳи он аст, ки дар минтақа пеш аз ҳама ба ташаккули механизмҳои устувор ва амалкунанда таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Ин санад аз 9 бахш иборат буда, дар бахши аввал зарурати таҳкими мавқеи байналмилалии минтақа ва истифодаи иқтидори ҳамкории минтақавӣ таъкид мешавад. Бахши дуюм ба рушди институтсионалии формати нишастҳои машваратӣ бахшида шуда, имкони табдили он ба як сохтори пурра минтақавӣ баррасӣ мегардад. Бахшҳои минбаъда масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсат ва амният, иқтисод, транзит

ва нақлиёт, захираҳои обу энергетика, муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин ҳамкориҳои фарҳангӣ ва гуманитариро дар бар мегиранд.

Вохӯриҳои машваратӣ дар соли 2025. Вохӯрии ҳафтуми машваратии саронии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озорбойҷон 16 ноябр соли 2025 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон баргузор шуд, ки идомаи мантиқии раванди институсионализатсия ва амиқгардонии дипломатияи минтақавӣ арзёбӣ гашта, доираи васеи масъалаҳои мубрами робитаҳои кишварҳои минтақа, дурнамои тавсеаи ҳамкорӣ дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими заминаи муносибатҳои дӯстӣ ва накуҳамсоягӣ, ҳамчунин, масъалаҳои рушди минбаъдаи фазои фарҳангӣ ва гуманитарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Нишасти навбатӣ ба марҳилаи татбиқи амалии санадҳо ва стратегияҳои қаблан қабулшуда, аз ҷумла «Осиёи Марказӣ – 2040» ва нақшаҳои роҳ барои солҳои 2025–2027, тамаркуз мекунад. Вижагиҳо ва натиҷагириҳои Вохӯрии машваратии ҳафтумро дар шаҳри Тошканд, Ӯзбекистон метавон чунин тавсиф намуд: **Якум,** татбиқи механизмҳои институтсионалӣ, аз ҷумла фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ ва фзоиши ҳаҷми савдои мутақобила то 20 миллиард доллари ИМА; **Дуюм,** таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, саноатӣ ва нақлиётӣ ва густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои энергетика, амният ва экология. Инчунин, таъсиси низоми ягонаи электронии ҳамлунақли борҳо, таҳияи стратегияи муштараки рушди низоми нақлиёт. Ташкили масирҳои муштараки сайёҳӣ, пешбурди бренди «Осиёи Марказӣ»; **Сеюм,** таҳияи Консепсияи амнияти минтақавӣ, субот ва рушди устувор дар Осиёи Марказӣ, инчунин муайянсозии феҳристи хатарҳои амниятӣ дар Осиёи Марказӣ ва тадбирҳои пешгирии онҳо барои солҳои 2026–2028; **Чорум,** рушди ҳамкориҳои гуманитарӣ, илмӣ ва таълимӣ ва тақвияти ҳамоҳангсозии сиёсатҳои минтақавӣ дар сатҳи вазоратҳо ва ниҳодҳои соҳавӣ; **Панҷум,** дар натиҷаи вохӯрӣ қарори таърихӣ дар бораи шомил намудани Ҷумҳурии Озарбойҷон ба ҳайати иштирокчиёни Вохӯриҳои машваратӣ қабул гардид.

Дар доираи ҷаласаи ҳафтуми Вохӯрии машваратии саронии давлатҳои Осиёи Марказӣ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ оид ба нақш ва мавқеи Вохӯрии машваратӣ андешаронӣ намуда, таъкид доштанд, ки минбари он бо эътимод мавқеи худро ҳамчун иштирокдори муҳимми равандҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ устувор мегардонад. [19, С.1-2] Ҳамзамон, Сарвари давлат дар доираи суханронии худ чунин пешниҳодҳоро иброз доштанд: - Ташаккули фазои ягонаи нақлиётӣ ва логистикии Осиёи Марказӣ; - Таъсис Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе; -Таъсиси як платформаи ягонаи рақамӣ барои рушди тиҷорати электронӣ; -Таъсиси як маркази байналмилалии инноватсия ва маориф дар Осиёи Марказӣ. [19, С.1-2]

Ҳамин тавр**,** вохӯриҳои машваратии соли 2025 на танҳо идомаи анъанаи муколамаи сиёсӣ мебошанд, балки марҳилаи муҳим дар гузариш аз ташаккули меъёрҳо ба татбиқи амалӣ ва амиқгардонии ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Ҳангоми таҳлили ҳамаҷонибаи нақши Вохӯриҳои машваратӣ дар рушди раванди минтақагроӣ, хулосаҳои илмии зерин ба даст оварда шуданд:

- дар натиҷаи ҳафт вохӯриҳои машваратӣ масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла субот, рушди устувор, эҳтиром, плюрализм, диверсификатсия ва созиш дар самти густариши ҳамкориҳои минтақавӣ баррасӣ гардида, барои пешбурди минтақагароӣ ва ҳамгироии минтақавӣ заминаи воқеӣ фароҳам оварда шудан;

- Вохӯриҳои машваратӣ сатҳи “субъекттивии” минтақаро дар арсаи байналмилалӣ таҳким дода, [2, С.1-10] ғайр аз ин, тавассути раванди мунтаззам ва муназзами раванди минтақагароӣ қойдаҳои ҳамкорӣ ва меъёрҳои рафтор танзим гардида, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудаанд. Масалан, Туркманистон дар ҳамаи сатҳҳои ҷаласаҳо ҳамчун иштирокчии фаъол ва комил табдил ёфтааст; вазъияти мураккаби марзӣ ба эътидол оварда шудаанд; - Вохӯриҳои машваратӣ боис гардида, ки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ пайваста беҳтар гардида, аз соли 2018 то соли 2025 зиёда аз 73% тиҷорати дохилиминтақавӣ афзоиш ёфта, ба 11 миллиард доллари ИМА омада расид. [6, С.1.] Дар росто, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон изҳор дошт, ки дар сурати истифодаи самараноки имконоти мавҷуда, гардиши мол дар минтақа метавонад дар ояндаи наздик ба 20 миллиард доллари ИМА расад. [9, С.1-3]

- Вохӯриҳои машваратӣ ташкили Шӯрои ҳамоҳангсозони миллиро ҳамчун механизми доимӣ барои омода ва татбиқ намудани мувофиқаҳои сарони давлатҳо ба роҳ монд;

- Вохӯриҳои машваратӣ тақвияти минбаъдаи заминаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ тавассути имзои Созишнома оид ба дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ ба хотири рушди Осиёи Марказӣ дар асри XXI, ки дар натиҷаи вохӯрии Чолпон-Ата соли 2022 ба имзо расид, таъмин намуд;

- Вохӯриҳои машваратӣ консепсияи ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказиро дар доираи форматҳои бисёрҷониба тасдиқ карда, заминаи ҳамоҳангсозии мавқеи кишварҳои минтақа дар майдонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла форматҳои «Осиёи Марказӣ плюс»-ро муайян намуд. Ҳуҷҷати муҳими барномавӣ Консепсияи рушди ҳамкориҳои минтақавӣ «Осиёи Марказӣ – 2040» мебошад, ки соли 2024 дар саммити Остона қабул гардид. Нақшаи амал оид ба рушди ҳамкориҳои саноатӣ барои солҳои 2025–2027 мебошад, ки аз ҷониби кишварҳои минтақа тасдиқ шудааст. Муколамаи занони роҳбари Осиёи Марказӣ ва Платформаи ҷавонони минтақа таъсис ёфтаанд. [28, С.1-3]

Хулоса. Дар маҷмуъ, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба як воситаи муҳими дипломатияи минтақавӣ табдил ёфтаанд. Ин формат ба кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки масъалаҳои калидии сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятиро дар фазои эътимод ва муколамаи созанда муҳокима кунанд. Ҳамзамон, вохӯриҳо дар таҳкими эътимоди байнидавлатӣ, ҳамоҳангсозии мавқеъҳо, рушди ҳамгироии минтақавӣ ва институтсионализатсияи ҳамкорӣ нақши муҳим доранд.

Мақолаи мазкур дар доираи мавзуи рисолаи илмии муаллиф таҳти унвони "Минтақагароӣ ҳамчун омили таҳаввули муносибатҳои байналмилалӣ дар мисоли Осиёи Марказӣ" омода карда шудааст.

Муқарриз:Шарипов А.- н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Aizada Nuriddenova What Happened at the Latest Central Asian Leaders' Meeting? The DIPLOMAT, July 23, 2022. // https://thediplomat.com/2022/07/what-happened-at-the-latest-central-asian-leaders-meeting/
2. Article of President of the Republic of Kazakhstan, Kassym-Jomart Tokayev "Renaissance of Central Asia: Towards Sustainable Development and Prosperity". 10.08.24.// https://www.gov.kz/memleket/entities/mfa-unesco/press/news/details/824213; [1, P.1.]
3. Fifth Consultative Meeting of Heads of State of Central Asia. 15.09.2023.// https://mid.tj/en/main/view/13362/fifth-consultative-meeting-of-heads-of-state-of-central-asia
4. Filippo Costa Buranelli, Central Asian Regionalism After the 5th Leaders' Meeting, The Diplomat, September 19, 2023 // https://thediplomat.com/2023/09/central-asian-regionalism-after-the-5th-leaders-meeting/
5. Filippo Costa Buranelli. 3rd Meeting of Central Asian Leaders: A Small Step Toward the Formation of a Regional Order? / The Diplomat, August 12,2021. https://thediplomat.com/2021/08/3rd-meeting-of-central-asian-leaders-a-small-step-toward-the-formation-of-a-regional-order/
6. Filippo Costa Buranelli. Continuity and Change in the New Cycle of Central Asian Consultative Meetings. The Diplomat. August 13, 2024// https://thediplomat.com/2024/08/continuity-and-change-in-the-new-cycle-of-central-asian-consultative-meetings/ [3, P.1.]
7. Huan Cao. Integration Process in Central Asia: The Interaction of Nationalism and Regionalism. Journal of Politics and Law; Vol. 17, No. 3; 2024. P.38-48. ISSN 1913-9047, E-ISSN 1913-9055 Published by Canadian Center of Science and Education
8. Jerzy Olędzki. Central Asia. The winding road to regional integration. 2021.Tashkent // https://instytutboyma.org/en/6060-2/?utm_source=[6, P.1.]
9. Участие в Шестой консультативной встрече глав государств Центральной Азии. 09.08.2024. Казахстан // https://www.president.tj/event/news/46800
10. Payvandov Kh.B. History and evolution of the regionalization process in Central Asia in the context of geopolitical changes. PUBLIC ADMINISTRATION Scientific and Political Journal Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. 2025 / №4/1 (75). P.501-507 [10, P.1.]
11. Payvandov Kh.B. The process of regionalization in Central Asia: capacities, restraining factors and perspective. Bulletin of the Tajik National University. (ISSN 2074-1847), #9.110 P. (109-117 p.) [11, P.1.]
12. Uzbekistan Hosts Second Consultative Meeting of Central Asian Leaders // https://eias.org/publications/op-ed/uzbekistan-hosts-second-consultative-meeting-of-central-asian-leaders/?utm_source
13. В Астане прошла первая консультативная встреча глав государств Центральной Азии / 15 марта 2018// https://eccis.org/news/8979/v-astane-prosla-pervaa-konsultativnaa-vstreca-glav-gosudarstv-centralnoj-azii
14. Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ. 15.09.2023, Душанбе. // https://www.mfa.tj/tg/main/view/13362/vokhurii-panjumi-mashvaratii-saroni-davlathoi-osijoi-markazi

15. Вусъати ҳамкориҳои минтақавӣ, муқовимат ба таҳдидҳои муосир ва ҳифзи муҳити зист – омилҳои ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ// 29.07.2021// https://mfa.tj/tg/berlin/view/8375/muloqoti-prokurori-generali-dar-olmon
16. Выступление Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева на Консультативной встрече глав государств Центральной Азии. 14.09.2023// https://president.uz/ru/lists/view/6658
17. Выступление Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева на Консультативной встрече глав государств Центральной Азии. 09.08.2024.// https://president.uz/ru/lists/view/7456
18. Ильхам Алиев принял участие в пятой Консультативной встрече глав государств Центральной Азии в Душанбе. 14 сентября 2023, // https://president.az/ru/articles/view/61059
19. Иштирок дар Вохӯрии ҳафтуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ. 17.11.2025, Ташкент.// https://mfa.tj/tg/main/view/17794/ishtirok-dar-vokhurii-haftumi-mashvaratii-saroni-davlathoi-osijoi-markazi
20. Иштирок дар Вохӯрии чоруми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ. 21.07.2022. Қирғизистон// https://www.president.tj/event/foreign_trips/26188
21. Пайвандов Х.Б. Регионализатсия ҳамчун падидаи рушди муносибатҳои байналхалқии муосир / Х.Б. Пайвандов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – No. 4 (81). – С. 137-150. [16, Р.1.]
22. Пайвандов Х.Б., Глобализатсия ва регионализатсия – падидаҳои хоси рушди муносибатҳои байналхалқии муосир. Маҷаллаи илмӣ, Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–Душанбе, 2023. №5 (202). Саҳ. 45-51. [17, Р.1.]
23. Под председательством Касым-Жомарта Токаева состоялась VI Консультативная встреча глав государств Центральной Азии. 9 августа 2024 года // https://akorda.kz/ru/pod-predsedatelstvom-kasym-zhomarta-tokaeva-sostoyalas-vi-konsultativnaya-vstrecha-glav-gosudarstv-centralnoy-azii-971327
24. Ризоён Ш. Потенциал и возможности регионализации в Центральной Азии: взгляд из Душанбе. Стр. 78-90. // Сборник статей международной конференции (Алматы, 15 июля 2024 г.) Отв. редактор И.А.Черных. – Алматы: Представительство Фонда Розы Люксембург в Центральной Азии, 2024. – 168 с.
25. Совместное Заявление по итогам Консультативной встречи Глав государств Центральной Азии. г. Туркменбаши, 6 августа 2021 года // https://www.akorda.kz/ru/sovmestnoe-zayavlenie-po-itogam-konsultativnoy-vstrechi-glav-gosudarstv-centralnoy-azii-672511
26. Совместное заявление по итогам Пятой Консультативной встречи Глав государств Центральной Азии. Душанбе, 15.09.2023 // https://www.mfa.tj/ru/main/view/13369/sovmestnoe-zayavlenie-po-itogam-pyatoi-konsultativnoi-vstrechi-glav-gosudarstv-tsentralnoi-azii
27. Сомонаи расмии Президенти Љумњурии Тољикистон (Манбаи электронї) URL: http://prezident.tj/all [19, Р.1.]
28. Шавкат Мирзиёев, Центральная Азия на пороге новой эпохи. Ташкент, 2025-12-10 // https://russian.news.cn/20251210/2357206a9356433190c6d9b8190efc0f/c.html

ВОХӮРИҲОИ МАШВАРАТИИ САРОНИ ДАВЛАТҲО ҲАМЧУН АБЗОРИ ДИПЛОМАТИЯИ МИНТАҚАВӢ ДАР ТАҲКИМИ МИНТАҚАГАРОИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳо ҳамчун абзори муҳими дипломатияи минтақавӣ дар таҳкими раванди минтақагароӣ дар Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди Муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамгироии минтақавӣ ба яке аз омилҳои муҳимми таъмини субот, амният ва рушди устувори иқтисодии давлатҳо табдил ёфтааст.Дар мақола заминаҳои ташаккул ва рушди формати вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳои минтақа баррасӣ гардида, аҳаммияти онҳо дар таҳкими муколамаи сиёсӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоди байнидавлатӣ ва ҳамоҳангсозии мавқеъҳои кишварҳои минтақа таҳлил карда мешавад.Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вохӯриҳои машваратӣ барои рушди ҳамкории иқтисодӣ, таҳкими амнияти минтақавӣ, густариши ҳамкории фарҳангӣ ва гуманитарӣ, инчунин баррасии масъалаҳои муҳими минтақавӣ, аз ҷумла истифодаи захираҳои обӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ мусоидат мекунанд.Хулоса карда мешавад, ки вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳо метавонанд ҳамчун механизми муассири дипломатияи минтақавӣ барои таҳкими ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва баланд бардоштани нақши минтақа дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ хизмат намоянд.

Калидвожаҳо: минтақагароӣ, дипломатияи минтақавӣ, вохӯриҳои машваратӣ, ҳамгироии минтақавӣ, Осиёи Марказӣ**,** ҳамкории байнидавлатӣ.

КОНСУЛЬТАТИВНЫЕ ВСТРЕЧИ ГЛАВ ГОСУДАРСТВ КАК ИНСТРУМЕНТ РЕГИОНАЛЬНОЙ ДИПЛОМАТИИ В УКРЕПЛЕНИИ РЕГИОНАЛИЗАЦИЯ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Данная статья посвящена анализу роли консультативных встреч глав государств как важного инструмента региональной дипломатии в укреплении процесса регионализма в Центральной Азии. В современных условиях развития международных отношений региональная интеграция становится одним из ключевых факторов обеспечения стабильности, безопасности и устойчивого экономического развития государств. В статье рассматриваются предпосылки формирования и развития формата консультативных встреч глав государств региона, а также анализируется их значение в укреплении политического диалога, повышении уровня межгосударственного доверия и координации позиций стран региона. Исследование показывает, что консультативные встречи способствуют развитию экономического сотрудничества, укреплению региональной безопасности, расширению культурно-гуманитарного взаимодействия, а также рассмотрению ключевых региональных вопросов, включая использование водных ресурсов и развитие транспортной инфраструктуры. В заключение делается вывод о том, что консультативные встречи глав государств могут выступать эффективным механизмом региональной дипломатии для

укрепления интеграции стран Центральной Азии и повышения роли региона в современной системе международных отношений.

Ключевые слова: регионализм, региональная дипломатия, консультативные встречи, региональная интеграция, Центральная Азия, межгосударственное сотрудничество.

CONSULTATIVE MEETINGS OF HEADS OF STATE AS A MACHANISIM OF REGIONAL DIPLOMACY IN STRENGTHENING THE REGIONALIZATION OF CENTRAL ASIA

This article is devoted to analyzing the role of consultative meetings of heads of state as an important instrument of regional diplomacy in strengthening the process of regionalism in Central Asia. In the contemporary context of the development of international relations, regional integration has become one of the key factors in ensuring stability, security, and sustainable economic development of states. The article examines the prerequisites for the formation and development of the format of consultative meetings of the heads of state in the region, and analyzes their significance in strengthening political dialogue, increasing the level of interstate trust, and coordinating the positions of regional countries. The study shows that consultative meetings contribute to the development of economic cooperation, strengthening regional security, expanding cultural and humanitarian collaboration, and addressing key regional issues, including the use of water resources and the development of transport infrastructure. In conclusion, it is argued that consultative meetings of heads of state can serve as an effective mechanism of regional diplomacy for enhancing the integration of Central Asian countries and increasing the role of the region in the modern system of international relations.

Keywords: regionalism, regional diplomacy, consultative meetings, regional integration, Central Asia, interstate cooperation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Пайвандов Хайриддин*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+ 992) 985 56 25 30**

Сведения об авторе: ***Пайвандов Хайриддин*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры международных отношений факультета международных отношений. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+ 992) 985 56 25 30**

Information about the author: ***Payandov Khayriddin*** **–** Tajik National University, associate Professor at the Department of International Relations Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+ 992) 985 56 25 30**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 25.06.2026
Аз тақриз баргашт: 27.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 28.09.2026

ТДУ: 327(575.3)

ҲАМКОРИҲОИ СИЁСИВУ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ СОЗМОНҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ: МАРҲИЛАҲО, МЕХАНИЗМҲО ВА НАТИҶАМАНДИИ ДИПЛОМАТӢ ДАР СОЛҲОИ 2003-2019

Самиев Х. Д., Сафарализода А.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар ибтидои асри XXI ҷаҳони араб дар сохтори муносибатҳои байналмилалӣ фазои дорои иқтидори назарраси молиявӣ, сармоягузорӣ ва таъсири сиёсӣ ҷойгоҳи муҳим касб намуд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити истиқлол сиёсати хориҷии бисёрсамтаро ташаккул медод, густариши муносибат бо ин гуруҳи давлатҳо як қисми табиии диверсификатсияи шарикони хориҷӣ гардид. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои воқеъбинӣ, мутавозинӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро ҳамчун пояи сиёсати хориҷии кишвар муқаррар намудааст [2].

Масъалаи методологӣ дар он аст, ки «ҷаҳони араб» ва «ҷаҳони ислом» як мафҳум нестанд. Созмони ҳамкории исломӣ танҳо созмони арабӣ набуда, доираи васеи давлатҳои мусулмонро муттаҳид месозад. Аз ин рӯ, иштироки Тоҷикистон дар СҲИ бояд ҳамзамон фаъолияти бисёрҷонибаи он дар ҷаҳони ислом ва яке аз роҳҳои густариши робитаҳо бо кишварҳои араб арзёбӣ шавад [6].

Дар адабиёти илмии мавҷуда масъалаҳои муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб бештар дар шакли таҳлили кишварҳои алоҳида, фаъолияти СҲИ ё ҳамкориҳои соҳавӣ баррасӣ шудаанд.

Мақсади таҳқиқ муайян намудани мантиқи таърихии рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб ва арзёбии он аст, ки чӣ гуна дипломатияи сиёсӣ ба институтҳо, санадҳо, механизмҳои молиявӣ ва лоиҳаҳои амалӣ табдил ёфтааст. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои муайян намудани заминаҳои сиёсӣ ва институтсионалии муносибатҳо, фарқгузорӣ байни сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба, таҳлили нақши СҲИ ва ниҳодҳои молиявии исломӣ; муайян намудани марҳилаҳои асосии рушди робитаҳо, арзёбии омилҳои мусоидаткунанда ва маҳдудкунанда; ва пешниҳод намудани меъёрҳои ченкунии натиҷамандии дипломатӣ гузошта шудаанд.

Методология ба принсипҳои таърихият ва объективият, инчунин усулҳои таърихӣ-хронологӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, системавӣ, институтсионалӣ ва таҳлили муҳтаво такя менамояд. Дар ҷанбаи назариявӣ аз функсионализм, неофунксионализм, байниҳукуматгароӣ ва конструктивизм истифода мешавад. Дэвид Митрани ҳамкории техникӣ ва соҳавиро ҳамчун заминаи коҳиши зиддиятҳои сиёсӣ баррасӣ менамояд [8, с. 21]. Эрнст Ҳаас паҳншавии таъсири ҳамкориро аз як соҳа ба соҳаҳои дигар шарҳ медиҳад [9, с.16]. Стэнли Ҳоффман ва Эндрю Моравчик, баръакс, нақши манфиатҳои миллӣ ва музокироти байниҳукуматиро таъкид мекунанд [1, с. 862; 11, с. 480]. Александр Вендт бошад, аҳаммияти ҳувият, меъёрҳо ва тасаввуроти муштаракро дар рафтори давлатҳо нишон медиҳад [10, с.394].

Дипломатияи бисёрсамтӣ ва дипломатияи бисёрҷониба мафҳумҳои ҳаммаъно нестанд. Бисёрсамтӣ хусусияти стратегии сиёсати хориҷӣ буда, муносибатҳои мутавозин бо марказҳо ва минтақаҳои гуногуни қудратро дар назар дорад. Бисёрҷониба бошад, шакли амалисозии дипломатия тавассути созмон, форум ё гуруҳи давлатҳо мебошад. Ҳамин фарқгузорӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб на ҳамчун маҷмӯи сафарҳо ва санадҳои ҷудогона, балки ҳамчун низоми дорои сатҳҳои гуногуни амал таҳлил карда шаванд.

Дар доираи мақола се сатҳи асосӣ ҷудо карда мешавад: якум, муносибатҳои мустақими байнидавлатӣ; дуюм, истифодаи платформаҳои бисёрҷониба, аз ҷумла СҲИ; сеюм, истифодаи институтҳои молиявию рушди байналмилалӣ. Таносуби ин се сатҳ муайян мекунад, ки сиёсати хориҷӣ то чӣ андоза аз сатҳи намояндагӣ ба натиҷаи устувор мегузарад.

Марҳилабандӣ дар таҳқиқ танҳо тақсимоти солҳо нест, балки бо нишонаҳои гардиши таърихӣ асоснок карда мешавад.

Марҳилаи аввал, солҳои 2003-2009. Ин давра бо густариши заминаҳои ҳуқуқӣ ва робитаҳои расмӣ, имзои санадҳои байнидавлатӣ ва фаъолшавии муносибатҳои дуҷониба тавсиф мешавад. Ҳадафи асосӣ дар ин марҳила ташаккули пояи институтсионалӣ ва густариши муколамаи сиёсӣ буд.

Марҳилаи дуввум, солҳои 2010-2014. Соли 2010 дар таҳаввули дипломатияи бисёрҷонибаи Тоҷикистон аҳаммияти хос дорад, зеро иҷлосияи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар Душанбе баргузор гардид ва Эъломияи Душанбе ҳамроҳ бо маҷмуи қарорҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ қабул шуд [2; 3]. Ин руйдод мавқеи Тоҷикистонро аз иштирокчии оддӣ ба мизбон ва шарики фаъол дар ташаккули рузномаи бисёрҷониба боло бурд.

Марҳилаи сеюм, солҳои 2015-2019. Қабули Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ дар соли 2015 марзи нави сифатӣ ба вуҷуд овард [1]. Дар ин давра дипломатияи иқтисодӣ, маблағгузории рушд, амният, инфрасохтор, маориф ва илм аҳаммияти бештар касб карданд. Хусусияти асосии марҳила пайваст гардидани дипломатияи сиёсӣ ба лоиҳаҳои мушаххаси молиявӣ ва зерсохторӣ мебошад.

Дар робита бо кишварҳои араб сатҳи дуҷониба барои имзои созишномаҳо, таъсиси намояндагиҳои дипломатӣ, сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои мушаххас аҳаммият дорад. Механизмҳои бисёрҷониба бошанд, имкони ҳамоҳангсозии сиёсӣ, рузномасозӣ, ҷалби маблағгузорӣ ва пайвастани масъалаҳои миллӣ ба барномаҳои байналмилалиро медиҳанд.

Таҳлили муносибатҳои Тоҷикистон ва Қатар нишон медиҳад, ки иродаи сиёсӣ ҳангоми ниҳодинашавӣ таъсири дарозмуддат мегирад. Таҳқиқоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки муносибатҳои дуҷониба ва чандҷонибаи Тоҷикистон бо Қатар дар давраи таҳқиқ тадриҷан аз сатҳи тамосҳои сиёсӣ ба шаклҳои институтсионалӣ ва иқтисодӣ гузаштанд [2, с. 90].

Аҳаммияти воқеӣ дар имконияти гузоштани масъалаҳо ба рӯзномаи бисёрҷониба, ҳамоҳангсозии мавқеъҳо ва ташаккули эътилофҳои мавзуӣ зоҳир мегардад. Эъломияи Душанбе ва қарорҳои иҷлосияи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷӣ дар соли 2010 аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон дар он марҳила ҳамчун мизбон ва иштирокчии фаъоли раванди сиёсӣ баромад кардааст [2; 3].

Дар таҳқиқоти мо ҳамкориҳои гуманитарӣ ва афзалиятҳои фаъолияти Тоҷикистон дар СҲИ ба таври ҷудогона таҳлил шудаанд [3, с. 147; 15, с. 312]. Дар мақолаи мазкур бошад, СҲИ механизми институтсионализатсия ва рузномасозии дипломатӣ арзёбӣ мегардад. Яъне, масъала на танҳо дар иштироки Тоҷикистон дар чорабиниҳои созмон, балки дар қобилияти истифодаи ин платформа барои пешбурди манфиатҳои миллӣ мебошад.

Яке аз нишонаҳои асосии натиҷамандии дипломатӣ табдил ёфтани робитаи сиёсӣ ба маблағгузорӣ ва лоиҳаҳои воқеӣ мебошад. Бонки исломии рушд дар ин раванд ҷойгоҳи муҳим дорад. То соли 2013 Бонк барои Тоҷикистон даҳҳо лоиҳаро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тасдиқ карда буд [4]. Ин далел нишон медиҳад, ки ҳамкорӣ аз сатҳи изҳороти сиёсӣ берун рафта, ба лоиҳаҳои зерсохторӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ гузаштааст.

Дар соли 2015 Бонки исломии рушд барои саҳмгузорӣ дар лоиҳаи CASA-1000 маблағгузорӣ ба Тоҷикистонро имзо намуд [5]. Дар соли 2016 Бонк инчунин маблағгузории лоиҳаҳои нави рушди инфрасохториро тасдиқ кард [6]. Аз ин рӯ, Бонки исломии рушдро метавон ҳамчун пули институтсионалии байни дипломатияи сиёсӣ ва рушди иқтисодӣ арзёбӣ намуд.

Дар ин замина дипломатияи иқтисодӣ бояд аз шакли умумии «ҷалби сармоя» ба дипломатияи лоиҳавӣ гузарад. Яъне, пеш аз музокироти сиёсӣ тарҳи техникӣ, асосноккунии иқтисодӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, интихоби шарики молиявӣ ва механизми мониторинги натиҷа омода карда шавад.

Барои раҳо шудан аз таҳлили русумотӣ дар мақола мафҳуми «натиҷамандии дипломатӣ» пешниҳод ва он бо чор меъёр чен карда мешавад:

Якум, ниҳодинашавӣ: оё робита ба механизми доимӣ табдил ёфт? Нишонаҳои он метавонанд сафорат, комиссияи муштарак, машварати доимӣ ё созишномаи амалкунанда бошанд.

Дувум, давомнокӣ: оё таъсири мулоқот ё санад баъди як рӯйдод идома ёфт? Нишонаҳои он барномаҳои чандсола, робитаҳои пайдарпай ва механизми такроршавандаи ҳамкорӣ мебошанд.

Сеюм, тавлиди уҳдадории нав: оё руйдоди дипломатӣ ба қабули санад, нақшаи амал ё шакли нави ҳамкорӣ овард?

Чаҳорум, натиҷаи моддӣ: оё қарор ба лоиҳаи воқеӣ, маблағгузорӣ, инфрасохтор ё барномаи иҷтимоӣ табдил ёфт?

Татбиқи ин меъёр ба мисолҳои воқеӣ нишон медиҳад, ки иҷлосияи СҲИ дар Душанбе ба қабули Эъломияи Душанбе ва қарорҳои соҳавӣ овард [2; 3], ҳамкории Бонки исломии рушд ба лоиҳаҳои молиявии мушаххас табдил ёфт [4], ва муносибатҳои Тоҷикистон бо Қатар тадриҷан хусусияти институтсионалӣ гирифтанд [2, с.90]. Ҳамин тариқ, мафҳуми пешниҳодшуда танҳо истилоҳи назариявӣ нест, балки воситаи муқоисаи натиҷаҳои дипломатӣ мебошад.

Ҷойгоҳи масъалаҳои амниятӣ дар муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб аз табиати фаромиллии таҳдидҳо бармеояд. Терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, вазъи Афғонистон ва дигар хатарҳо доираи ҳамкории танҳо дуҷонибаро маҳдуд месозанд. Қарорҳои сиёсии иҷлосияи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар Душанбе масъалаҳои сиёсӣ ва амниятиро ҳамчун бахши мустақили фаъолияти бисёрҷониба баррасӣ намуданд [3].

Афзалияти механизмҳои бисёрҷониба дар соҳаи амният дар он аст, ки онҳо муҳити ҳамоҳангсозии мавқеъ, мубодилаи таҷриба ва ташаккули муносибати дастаҷамъиро фароҳам месозанд. Ҳамзамон, чунин ҳамкорӣ бояд ба усули соҳибихтиёрӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такя намояд.

Ҷанбаи гуманитарӣ бояд механизми дарозмуддати устуворсозии муносибатҳо арзёбӣ шавад. Таҳқиқоти муаллиф оид ба ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистон бо СҲИ нишон медиҳад, ки маориф, фарҳанг, илм ва робитаҳои гуманитарӣ дар ташаккули фазои эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ нақши муҳим доранд [3, с. 147].

Робитаҳои донишгоҳӣ, табодули олимон ва донишҷӯён, омӯзиши забонҳо, тарҷумаи осори илмӣ ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ метавонанд муносибатҳои байнидавлатиро бо робитаҳои байниҷамъиятӣ пайваст кунанд. Арзиши ин самт дар дарозмуддат будани таъсири он аст, зеро муносибатҳои академӣ ва фарҳангӣ нисбат ба тағйироти кӯтоҳмуддати сиёсӣ устувортар мебошанд.

Ба омилҳои мусоидаткунандаи рушди муносибатҳо дипломатияи бисёрсамтӣ, узвияти Тоҷикистон дар СҲИ, муштаракоти таърихию фарҳангӣ, зарурати ҳамкории амниятӣ, иқтидори сармоягузории кишварҳои араб ва имкониятҳои гидроэнергетикию зерсохтории Тоҷикистон дохил мешаванд.

Ҳамзамон, дар робитаҳои мазкур маҳдудиятҳо низ вуҷуд доранд. На ҳар мулоқот ба механизми доимӣ табдил меёбад; на ҳар санади имзошуда ба лоиҳаи иҷрошуда меорад; ва самаранокии ҳамкорӣ аз сифати ниҳодёбӣ ва мудирияти марҳилаи иҷрои санадҳо вобаста мебошад. Аз ин ру, масъалаи асосӣ зиёд намудани шумораи санадҳо нест, балки баланд бардоштани сифати татбиқи онҳо мебошад.

Худи сатҳ ва сифати муколамаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб самти арабии дипломатияи тоҷикро дар марҳилаи имруза ва дурнамои он муайян менамояд. Тамоюли ҳоким дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон солҳои охир динамикаи мусбати онро нишон медиҳад. Дар ин бора боздидҳои расмиву давлата кории Президенти мамлакат ба кишварҳои араб, сафарҳои сардорони давлатҳои араб ба кишвари мо, ширкати васеи мақомоти раҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ниҳодҳои интегратсионии минтақавӣ, ба монанди инъиқоди тавофуқоти дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишвар бо мамолики арабӣ намунаи возеҳ буда метавонанд. Дар лаҳзаи кунунӣ равшан аст, ки кишварҳои араб барои ба шарикони асосии тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон табдил ёфтан талош доранд. Ҳарчанд ки ҳиссаи соҳибкорони араб дар иқтисодиёти Тоҷикистон чандон бузург нест, вале боло рафтани сатҳ ва миқёси ҳамкориҳо аз дурнамои мусбии ин

робитаҳо дарак медиҳанд. Таҳким ва рушди робитаҳои байни Тоҷикистон ва ниҳодҳои ҳамгароии минтақа, аз қабили СҲИ, ҷомеаи кишварҳои араб, Бонки исломии рушд ва … дигар созмону институтҳо ба Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки на танҳо пешниҳод ва ташаббусҳои хкдро амалӣ намояд, балки обруву эътибори байналхалқии худро ҳам боло барад.

Бо назардошти омилҳои зикршуда метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки робитаҳои чандҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар чаҳорчубаи иттиҳодҳои ҳамгароӣ марҳилаи нав дар таърихи имрузаи Тоҷикистон буда, тавсеаи ин ҳамкориҳо динамикаи мусбӣ дошта пешомадҳои хубе дорад.Назорат ба захираҳои энергетикӣ, инчунин хатсайрҳои имконпазири интиқоли онҳо унсури асосии сиёсати кишварҳои ҳамсоя дар робита бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Дар ин замина ҳудуди Тоҷикистон ҳамчун манбаи асосии захираҳои оби минтақа мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Гуфтан мумкин аст, ки то ибтидои асри XXI робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб фақат ба масъалаҳои таҳсилот ва туризм маҳдуд мешуд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо мамолики араб ва ҷалби сармояи онҳо дар ҳалли ҳадафҳои стратегӣ, ба вижа таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Бахусус, ҷалби сармояи чунин давлатҳои сарватмнади араб аз қабили Арабистони саудӣ, Кувайт ва Аморати муттаҳидаи араб баҳри татбиқи лоиҳаҳои ва барномаҳои саноатикунонӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Албатта омодагии сармоядорони араб барои ҳамкорӣ мустақиман аз суботи вазъи сиёсӣ дар кишвар, сатҳи коррупсияи давлатӣ, амалӣ гардидани қонунҳо ва иловаҳои қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ва имтиёзот ва сабукиҳои пешниҳодшаванда барои соҳибкорон вобастагӣ дорад. Аз тарафи дигар Тоҷикистон дар чанд масъала барои кишварҳои араб суди бештар биёрад. Аз ҷумла Тоҷикистон метавонад ба кишварҳои араб дар устуворшавии мавқеи исломи муътадил, арзишҳои исломӣ, ки метавонанд алтернативаи идеявии ифротгароии динӣ баромад кунанд, ҳамкорӣ ва мусоидат намояд. Кишварҳои араб ҳамчун марказҳои бонуфузи исломи «расмӣ» дар муқовимат ба неруҳои тундрави исломгаро ба ҳайси шарики асосӣ бо Тоҷикистон баромад кунанд.

Навгонии илмии мақола дар панҷ натиҷаи санҷишшаванда ифода меёбад:

1) солҳои 2003-2019 ҳамчун як раванди яклухт не, балки се марҳилаи дорои нишонаҳои институтсионалии фарқкунанда ҷудо карда шуданд;

2) дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба ҳамчун механизмҳои ивазкунандаи ҳамдигар не, балки ҳамчун ду сатҳи функсионалии як сиёсати хориҷӣ асоснок гардиданд;

3) нақши СҲИ аз «минбари намояндагӣ» ба механизми рӯзномасозӣ ва институтсионализатсияи ташаббусҳо шарҳ дода шуд;

4) меъёри «натиҷамандии дипломатӣ» бо чор нишондиҳандаи эмпирикӣ пешниҳод ва ба мисолҳои СҲИ, Бонки исломии рушд ва муносибатҳои Тоҷикистон бо Қатар татбиқ гардид;

5) маблағгузории рушди Бонки исломии рушд ҳамчун механизми табдили дипломатияи сиёсӣ ба натиҷаи иқтисодӣ муайян карда шуд.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар солҳои 2003-2019 аз марҳилаи густариши робитаҳои сиёсӣ ба ташаккули низоми бисёрсатҳаи дипломатӣ гузаштаанд. Ин низом муносибатҳои мустақими байнидавлатӣ, фаъолияти бисёрҷониба дар СҲИ ва механизмҳои молиявии рушди исломиро ба ҳам мепайвандад.

Натиҷаи дуюм ин аст, ки соли 2010 дар таҳаввули дипломатияи бисёрҷонибаи Тоҷикистон аҳаммияти институтсионалӣ дорад, зеро баргузории иҷлосияи 37-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии СҲИ дар Душанбе ва қабули Эъломияи Душанбе мавқеи кишварро аз иштирок дар созмон ба мизбонӣ ва иштирок дар ташаккули рӯзнома боло бурд [2; 3].

Натиҷаи сеюм ба робитаи дипломатия ва рушди иқтисодӣ марбут аст. Маводи Бонки исломии рушд нишон медиҳад, ки ҳамкории институтсионалӣ ба лоиҳаҳои мушаххаси рушди иқтисодӣ ва инфрасохторӣ табдил ёфтааст [4]. Аз ин рӯ, меъёри асосии арзёбии дипломатия набояд шумораи сафарҳо ё санадҳо бошад. Арзиши таърихии дипломатия дар

қобилияти он барои ба вуҷуд овардани институт, давомнокӣ, уҳдадории нав ва натиҷаи мушаххас зоҳир мегардад.

Таҳқиқоти мазкур дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ таҳти унвони «Ҳамкориҳои минтақавӣ ва равандҳои ҳамгироӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқии муосир» барои солҳои 2026-2030 омода карда шудааст.

АДАБИЁТ

1. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои дуҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар https://mfa.tj/tg/main/view/134/munosibathoi-tojikiston-bo-qatar (Санаи мурочиат: 18.05.2026).
2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (Санаи мурочиат: 20.04.2026).
3. Сафарализода А. Т. Самтҳо ва афзалиятҳои ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ дар ибтидои асри XXI / А. Т. Сафарализода // *Идоракунии давлатӣ*. – 2022. – № 1 (55). – С. 312–316.
4. Сафарализода А. Самтҳо ва пешомадҳои ҳамкориҳои гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ дар ибтидои асри XXI (аз оғози сиёсати «дарҳои кушода» то Консепсияи нави сиёсати хориҷии кишвар) / А. Сафарализода // *Муаррих*. - 2021. - № 2 (26). - С. 147-157.
5. Сафарализода А. Тоҷикистон ва Қатар: афзалият ва самтҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷониба / А. Сафарализода // *Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*. - 2020. - № 10. - С. 90-95.
6. Haas E. B. The Uniting of Europe: Political, Social, and Economic Forces, 1950-1957. - Stanford, CA: Stanford University Press, 1958. - Pp.552-558.
7. Hoffmann S. Obstinate or Obsolete? The Fate of the Nation-State and the Case of Western Europe // *Daedalus*. - 1966. - Vol. 95. - No. 3. - Pp. 862-915.
8. Islamic Development Bank. IDB Signs Financing Agreements for US$91 Million with Tajikistan and Togo [Electronic resource]. - 13 October 2015. - Islamic Development Bank.
9. Islamic Development Bank. IDB Trains Future Leaders, Spends US$4.6 Billion on Economic Development in the CIS Region [Electronic resource]. - 19 May 2013. - Islamic Development Bank.
10. Islamic Development Bank. IsDB Approves More than US$592 Million to Finance New Development Projects [Electronic resource]. - 16 November 2016. - Islamic Development Bank.
11. Mitrany D. A Working Peace System. - Chicago: Quadrangle Books, 1966. – Pp/221-226.
12. Moravcsik A. Preferences and Power in the European Community: A Liberal Intergovernmentalist Approach // *Journal of Common Market Studies*. - 1993. - Vol. 31. - No. 4. – Pp/ 473-524.
13. Organization of Islamic Cooperation. Dushanbe Declaration: The Thirty-Seventh Session of the OIC Council of Foreign Ministers. Dushanbe, Republic of Tajikistan, 18-20 May 2010. - OIC/37-CFM/2010/DUSHANBE-DEC/FINAL [Electronic resource]. - Organization of Islamic Cooperation. -
14. Organization of Islamic Cooperation. Resolutions on Political Issues Adopted by the Council of Foreign Ministers. Thirty-Seventh Session, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 18–20 May 2010 [Electronic resource]. - OIC/CFM-37/2010/POL/RES//FINAL. - Organization of Islamic Cooperation.
15. Wendt A. Social Theory of International Politics. - Cambridge: Cambridge University Press, 1999. – 429 p.

ҲАМКОРИҲОИ СИЁСИВУ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ СОЗМОНҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ: МАРҲИЛАҲО, МЕХАНИЗМҲО ВА НАТИҶАМАНДИИ ДИПЛОМАТӢ ДАР СОЛҲОИ 2003–2019

Дар мақола таҳаввули ҳамкориҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар чаҳорчӯбаи механизмҳои дуҷониба ва ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ дар солҳои 2003-2019 таҳлил мегардад. Соли 2003 таҳлили даврае интихоб шудааст, ки дар он дипломатияи бисёрсамтаи Тоҷикистон бо механизмҳои институтсионалии ҳамкорӣ бо ҷаҳони араб пайваст гардидааст. Мақсади таҳқиқ муайян намудани марҳилаҳои сифатии ин раванд, таносуби дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба, нақши Созмони ҳамкории исломӣ ва ниҳодҳои молиявии исломӣ, инчунин арзёбии дараҷаи табдил ёфтани иродаи сиёсӣ ба натиҷаҳои устувори институтсионалӣ ва лоиҳавӣ мебошад. Дар таҳқиқ усулҳои таърихӣ-хронологӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, институтсионалӣ, системавӣ ва таҳлили муҳтаво истифода шудаанд. Навгонии таҳқиқ дар пешниҳоди меъёри «натиҷамандии дипломатӣ» ифода меёбад, ки натиҷаи робитаҳоро аз рӯйи чаҳор нишондиҳанда дараҷаи ниҳодинашавӣ, давомнокии таъсир, тавлиди ӯҳдадориҳои нав ва табдил ёфтани қарор ба лоиҳа ё натиҷаи воқеӣ арзёбӣ менамояд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, кишварҳои араб, сиёсати хориҷӣ, дипломатияи бисёрсамта, Созмони ҳамкории исломӣ, Бонки исломии рушд, амният

ПОЛИТИЧЕСКОЕ И ДИПЛОМАТИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ В РАМКАХ РЕГИОНАЛЬНЫХ И МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ: ЭТАПЫ, МЕХАНИЗМЫ И ДИПЛОМАТИЧЕСКИЕ РЕЗУЛЬТАТЫ В 2003-2019 ГОДАХ.

В статье исследуется эволюция политико-дипломатического сотрудничества Республики Таджикистан с арабскими государствами в 2003-2019 гг. в рамках двусторонних и многосторонних механизмов. 2003 г. рассматривается не как формальная дата возникновения политики «открытых дверей», а как аналитическая граница

периода, в течение которого многовекторная дипломатия Таджикистана все более последовательно соединялась с институциональными механизмами взаимодействия с арабским миром. Научная новизна заключается в комплексном сопоставлении двустороннего и многостороннего уровней сотрудничества и применении категории «дипломатическая результативность». Последняя оценивается по четырем критериям: институционализация взаимодействия, продолжительность эффекта, способность порождать новые обязательства и трансформация политических договоренностей в реальные проекты и устойчивые результаты.

Ключевые слова: Таджикистан, арабские государства, внешняя политика, многовекторная дипломатия, Организация исламского сотрудничества, Исламский банк развития, безопасность

POLITICAL AND DIPLOMATIC COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH ARAB COUNTRIES IN THE FRAMEWORK OF REGIONAL AND INTERNATIONAL ORGANIZATIONS: STAGES, MECHANISMS AND DIPLOMATIC RESULTS IN 2003-2019

The article examines the evolution of political and diplomatic cooperation between the Republic of Tajikistan and Arab states in 2003–2019 through bilateral and multilateral mechanisms. The year 2003 is treated not as the formal beginning of Tajikistan's open-door policy but as an analytical starting point for examining the period in which multi-vector diplomacy increasingly became connected with institutional mechanisms of cooperation with the Arab world. The article introduces diplomatic effectiveness as an analytical category assessed through four criteria: institutionalization, durability, generation of new commitments, and the conversion of political agreements into concrete projects and sustainable outcomes.

Keywords: Tajikistan, Arab states, foreign policy, multi-vector diplomacy, multilateral diplomacy, Organization of Islamic Cooperation, Islamic Development Bank, institutionalization, diplomatic effectiveness, security, investment.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Самиев Холаҳмад Давлатович-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: +992 918 79 90 91.
Сафарализода Аваз-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: 903306161

Сведения об авторах: ***Самиев Холахмад Давлатович-*** Таджикский национальный университет, к.и.н., доцент, заведующий кафедрой зарубежного регионоведения. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Тел**.: +992 918 79 90 91.
Сафарализода Аваз- Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Тел**.: +992 903 30 61 61.

Information about authors: ***Samiev Kholakhmad Davlatovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Foreign Regional Studies. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** +992 918 79 90 91.
Safaralizoda Avaz **-** Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** +992 903 30 61 61.

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 27.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:94:355.1

НИЗОМИ СИПОҲДОРӢ ВА МАРЗБОНӢ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Асрориён Анушервон Ҷонибек
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Шоҳаншоҳии Сосониён аз давлатҳои муқтадири ҷаҳони асримиёна ба шумор мерафт ва мувозинати қувваҳоро бо Империяи Рум нигоҳ медошт. Дар давоми зиёда аз 400 сол ба тавоноӣ ва бузургиаш ном бароварда буд. Дар таърихи давлат муқовимати ду империя: Эроншаҳр ва Рум дар маркази диққат буд. Сиёсати ду давлат сарнавишти ду қитъаро муайян мекард. Барои мисол, дар ду муҳорибаи бузург, дар нахуст лашкари Румро торумор ва император кушта шуд. Инчунин, соли 260 шикасти румиҳо ва асир афтодани император Валериан барои Сосониҳо аҳаммияти бузурги сиёсӣ, таърихӣ ва равонӣ дошт. Ин падида дар ёдгории «Нақши Рустам» ҳак шуда, ки дар он Валериан дар назди Шопури I зонузада тасвир гардидааст. Дар асрҳои баъдина Шопури II (309–379) сарҳади давлаташро васеътар мекунад. Дар натиҷаи бастани шартномаҳои соли 363 вилоятҳои Байнаннаҳрайн, қисматҳои асосии Арманистон ва соли 387 Арманистони Ғарбӣ, Гурҷистони Ғарбӣ, Картли (Гурҷистони Шарқӣ) ва Албанияву Иберия ба Эрон гузашта, волиёнаш аз амалдорони Сосонӣ таъин мешаванд. Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он ба тавсеаи назаряивии масъалаи сипоҳдорӣ ва марзбонӣ мусоидат намуда, робитаи байни консепсияҳои назариявӣ ва амалии сиёсати марзбандиро мушаххас менамояд.

Аҳаммияти амалии он бошад, дар истифодаи натиҷаи таҳлил ҳангоми омӯзиши таҷрибаи сипоҳдорӣ ва марзбонии аҷдодӣ дар замони муосир арзёбӣ мешавад.

Мавод ва усулҳо. Интихоби методологияи таҳқиқот ба моҳияти мураккаб доштани мавзуъ вобаста буда, дар раванди таҳқиқи он методҳои таҳлил ва синтез, муқоисавӣ, таърихӣ ва таҳлили манбаҳои таърихӣ ва адабияти илмӣ истифода гардидаанд.

Дар натиҷаи истифодаи методҳои мазкур маълум гардид, ки авҷи тараққиёт ва шукуфоии давлати Сосониён ба замони Хусрави I Анушервон (531–579) рост меояд. Дар даврони ӯ сарҳади мамлакат боз ҳам васеътар гардида, Яман низ тасхир карда мешавад. Дар ҳоле, ки муқовимати Сосониён бо Шоҳаншоҳии Кушонӣ, ҷомеаи Ҳайтолӣ ва дигар қабилаҳои Осиёи Миёна хомӯш нашуда буд. Хусрави I барои таҳкими давлат ва лашкардорӣ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронд, ки манфиатовар буданд. Аз низоми дурусти идорот ва адлу дод буд, ки номи ӯ ва вазири донояш Бузургмеҳр ба адабиёт роҳ ёфт. Анушервон бо тафаккури солим сари андеша буд, ки раъиятро бо сиёсат, лашкарро бо солор ва раъйи савобро бо машварат метавон ба ростӣ ва дурустӣ анҷом дод. Муҳаммад Ғаззолӣ дар «Насиҳат-ул-мулук» ҳикоят мекунад: «Чунин гӯянд, ки Нушервони Одил дар айёми подшоҳии хеш хештанро бемор сохт ва устуворон ва аминонро бифармуд, то гирди подшоҳии ӯ бигарданд ва аз вайронаҳо хиште куҳна биоваранд, то бемории ӯро бад-он илоҷ кунанд. Ва ба мардумон чунон намуд, ки пизишкон дармони ӯ бад-он фармудаанд. Пас бигаштанд ва боз омаданд, гуфтанд: «Дар вилояти малик ҳеҷ ҷойи вайрон наёфтем ва на хишти куҳан» [1, с. 65-66].

Аммо авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба як аҳвол набуд. Дар замони Пирӯз моҷароҳои дарборӣ ва ҳаракатҳои мазҳабӣ боиси нооромиҳо мегардиданд. Дар аҳди Пирӯз (459–484) муқовимати Сосониён бо Ҳайтолиён боло гирифт. Дар ду муҳориба Сосониён шикаст хӯрданд. Дар набарди сеюм Пирӯз кушта шуд, ки воҳимаро миёни мардум ба вуҷуд овард. Дар замони пасин эътибори давлатдорӣ афзуда бошад ҳам, мубориза бо ҳамсоягон ва зуҳури туркон дар минтақа аз як тараф пояҳои давлатдориро сусту заиф гардонду аз тарафи дигар моҷароҳои дарборӣ ва нуфӯзи хеле баланди диндорон омили аз миён рафтани империяи муқтадир гардид. Дар аҳди Сосониён дини зардуштӣ ва мӯбадони он мақоми олиро дар ҷомеа ба даст оварда, соҳибсарват шуданд ва дар сиёсат нақши муҳим мебозиданд. Аз ҷумла, муғпат Картир афзалиятҳои зиёд дошт. Бо истифода аз он мавқеи динро мустаҳакамтар кард ва шумораи маъбадҳои оташро зиёд намуд. Маблағу маросими қурбониҳо дар итоати ӯ буданд. Дар замони шоҳаншоҳии Шопури I Картир маъбади бузурги оташро бино намуд ва дар аҳди Ҳурмузд Ардашер соҳиби «кулоҳу камар» шуд, ки нишонаи балантар гардидани мартабаи ӯ буд. Онҳо буданд, ки дар сиёсати давлатдорони

Сосонӣ таъсир мегузоштанд. Бино ба навиштаи В.Г. Луконин дар мағзи Шопур андешаи ғалатӣ давр мезад, ки барои тамоми Ғарб дини ягонае бисозад. Ин идеяро Картир пешво буд. «Мувофиқи маълумоти муаррихи бобулӣ Беросс Ардашери II муҷассамаи илоҳа Аноҳитаро барои эҳтиром дар Бобул, Шуш, Экбатон, Истахр, Бохтар, Димишқ ва Сардаҳ гузошт» [3, с. 132]. Вале бо дастовардҳои пайдарпайи ҷангӣ нақша ва ғояи тоза: эроникунонии сарзаминҳои забткарда ба ҷойи аввал баромад. Барои тезтар амалӣ кардани ҳадафҳояш дар ҳар ҳаракаташ ба сӯйи марзҳои дигар Шопур мӯбадонро бо худ ҳамроҳ мебурд.

Дар муддати 400 сол бо сабабҳои ҷангу забткориҳо марзҳо борҳо тағйир ёфтанд. Ҳарчанд дар мубориза бо хиониҳо, кидориҳо ва гуннҳо ҳокимони сосонӣ сиёсати дурандешона мебурданд, вале шикасти Пирӯз дар пайкор бо ҳайтолиён боиси аз даст рафтани вилоятҳои Шарқии Марв гардид. Дар охири салтанати Сосониён, ибтидои асри VII 12 шоҳаншоҳ иваз гардида, Яздигурди V пеши роҳи истилои арабро гирифта натавонист ва соли 632 милодӣ давлати Сосониён аз байн рафт [2, с. 8].

Анӯшервон аз таҳдиди ҳамсоягон, бавижа Хоқони турк сарҳади давлаташро бино ба навиштаи Табарӣ, бо деворҳои паҳну мустаҳкаму баланди сангӣ ва қалъаҳои зиёда устувор карда буд. Ин имкон медод бо 5 ҳазор ҷанговари пиёдаю савора мамлакатро аз ҳамлаи лашкари азим ҳифз кунад. Дар осори арзишманди «Шаҳристонҳои Эрон», ки бо навиштаҳои Мусои Хуриёнӣ мувофиқат мекунад, аз хусуси бунёди шаҳрҳои истеҳкомдор маълумот меравад. Аз шахсияти ҳокимоне (sar-xvatad), ки шаҳрҳо сохтаанд, санад фаровон дорад. Тибқи он Эроншаҳр ба чор қисмат шудааст. Ин гуна тақсимот ҷавобгӯи талаботи қисмбандии ҳарбӣ буд ва ҳар самт сипаҳбуди худро дошт. Чунин ислоҳот дар аҳди Хусрави I Анӯшервон ба вуқуъ пайваст. То ӯ тамоми Эрон як эронсипаҳбад дошт, ки аз назари ҳарбӣ тамоми кишвар итоаташ мекарданд. Аз ҷумла, дар ин манбаъ аз хусуси 5 манораи шаҳри Кумис сухан меравад. Кумис дижи бузурге буд, ки Яздигурди I бунёдаш намуд ва ба сифати истеҳкоми лашкари Эрон дар марзҳои шимолӣ истифода мешуд. То ҳукмронии Анӯшервон, дар замони шаклгирии давлатдории Сосониён, дар Тахористон ва сарзаминҳои паҳновари атрофии он Кушониён ҳукумат доштанд. Ва ба андешаи В. Г. Луконин шояд пас аз қарне онҳо ба Сосониён боҷ мепардохтанд. Ин нуқтаро дар манбаъҳои дигар дармеёбем. Аз замони Шопур (243 – 273) катибае пайдо шудааст, ки муттааллиқ ба соли 262 мебошад. Дар он омадааст: «…Ман сарвари Эроншаҳрам ва соҳиби шаҳри зерин мебошам: Парфия, Хузистон,… Марв, Ҳирот ва тамоми Апаршаҳр, Кирмон, Сакистон, Тӯристон, Мукрон, Параден, Ҳиндустон, Кушоншаҳр то Пашкибур ва дуртар то Кеш, Суғд ва (кӯҳҳои) Чоч…» [6, с. 13].

Тавоноӣ ва сиёсати берунаи Шоҳаншоҳони Сосонӣ дар заминаи лашкари разманда побарҷо буд. Сипоҳи Эроншаҳр расман «Артиши Рустам» (Rostam Spahe) номида мешуд ва дар заминаи эҳёи лашкардории Ҳахоманишӣ ва бардошт аз низоми ҳарбии Ашкониён ба вуҷуд омад. Таърихи артиш ба ду давра қисмат мешавад: то ислоҳоти ҳарбӣ (аз Ардашер то Хусрави Анӯшервон) ва пас аз ислоҳот (аз ҳукумронии Анӯшервон то шикасти давлат). Дар аҳди Ардашер артиш аз қисмҳои алоҳидаи амалдорону волиён иборат буд, ки дар мавриди ҷанг гирд меомаданд. Яъне, лашкари доимӣ вуҷуд надошт. Дар аҳди Нӯшервон сипоҳи доимӣ таъсис ёфт, ки натанҳо аз паҳлавонон, амалдорон, балки аз озодон ва деҳқонони хурди кишоварз ҳайати худро комил мекард. Ва либосу нигаҳдорӣ, афзори ҷангӣ, ғизо ва маош аз хазинаи шоҳ пардохта мешуд. Ба корҳои ҳарбӣ аз наврасӣ ҷалб мешуданд. Баъди ислоҳот Эронсипаҳбад – фармондеҳи кулли лашкар худи шоҳ буд ва Сипаҳбадон – фармондеҳон аз тарафи шоҳ таъин мешуданд. Мувофиқи маълумоте, ки дар даст дорем, марзбонон – ходимони олимақоми давлатро сатрапҳо меномиданд [13, с. 1409]. Дар баробари ин, Марзбон ё Каноранг – волиёни вилоятҳои хурд Марзбандон пайдо шуданд, ки аз ҳисоби амалдорони оддӣ ва ҳарбиён буданд. Пуштибонсолор, сардори гурдони шоҳ – Гурдони Ҷовидон буд. Агар қаблан пиёданизомон буданд, акнун ба саворанизомон бадал шуданд. Артиш аз radag (радаг) – 10 сарбоз, таҳм (tahm) 100 сарбоз, вашт (wash) 500 сарбоз, дирафш («dirfs») ҳазор сарбоз, гунд («gund») 5 ҳазор сарбоз радабандӣ шуда, мутаносибан фармондеҳашонро радабон, таҳмдор, ваштсолор, дирафшсолор ва гундсолор мехонданд. Сарфармондеҳи неруҳои мусаллаҳро Артишдорон-солор меномиданд.

Дар даврaҳои баъд саворагон (асворон) дар низоми ҳарбӣ нақши муҳим доштанд. Дар артиш филҳои ҷангӣ низ истифода мешуданд, ки пасон бо чанд иллат аз баҳраш гузаштанд [7, с. 24]. Акнун неруҳои зарбазан вазнинборон – саворон (асворон) шуҳрат пайдо карданд. Дар амалиётҳои ҷангӣ Сосониҳо киштиҳоро низ истифода мекарданд. Муҳандисон дар бунёди иншоотҳо ва пулҳои муввақатӣ аз рӯдхонаҳо амалҳои солеҳ доштанд. Киштиҳо дар кашондани афзору аслиҳа, таъмини ғизо ва аз соҳил ба соҳил дигар бурдани сарбозон нақши муҳим мебозиданд. Ба навъе артиши дарёгард низ ба вуҷуд омад.

Дар замони Сосониён, дар баробари он чӣ гуфта шуд, дар тақсимоти кишвар 4 иёлати сарҳадӣ мавҷуд буд. Ва барои ҳар як иёлате фармонравое мегумоштанд, ки марзбон унвон доштанд. Дар навиштаҷоти Шопури Саканшоҳ, яъне Шоҳи сакҳо, дар банди 8, дар Персепол ба тасдиқи сухани қаблӣ омадааст: «Фиристода аз ҳар тараф», ки чор иёлати сарҳадӣ аст. Он ҷо истилоҳи Patikos вомехӯрад, ки аз музофот паҳновартар буда, чор самти Эронро мефаҳмонад. Ин чаҳор марзбон дар мартаба қарини хонаводаи салтанатӣ буданд ва мисли онон лақабу унвони шоҳӣ доштанд. Ва дар ҷойи дигари «Донишномаи Маздаясно» Оргабаз низ омадаву ба тариқи зайл маънидод мешавад: «Ҳаргабаз. Дар асл маънии як фармондеҳи қалъаи (Арг) мустаҳкамро дошта ва баъд унвони як мансаби муҳими лашкарӣ шудааст. Ардашери Бобакон дорои ин мансаб буд. Ва чун ба подшоҳӣ расид, Аргабад лақаби махсуси хонаводаи салтанатӣ гардид ва олитарин мансаби лашкарӣ ба шумор рафт. «Муъарраби он Арҷбад шудааст» [1, с. 91].

Дар радифи онон марзбонони қаторӣ ва фурӯтар аз он низ буданд, ки бар вилояти тобеъ фармонравоӣ мекарданд. Ин нуқтаро солномаи суриёнӣ, ки аз хусуси шикасти портиён ахбор дорад ва қудрати Ардашери Бобакон аз ҷумла, дар он тасдиқ мешавад, ки: «Ҳине, ки форсҳо дар шаҳр ҳукмрон шуданд…ба ҷумлаи шоҳони шарқ пирӯз шуда, ба ҷояшон волиён ва марзбонҳоро таъин карданд».[121] Ёдгории паҳлавӣ «Корномаи Ардашери Бобакон» аз хусуси се оташи муқаддас – Оташи Фароб, оташи дин ва хизматгоронаш, яъне, коҳинон; Оташи Гушасп – оташи ҳарбиён, оташи артишгарон ва сипаҳбудон, «гардун – аспворон ва лашкариён» ва Оташи Бургин – Митҳри, ки барои вастриошан («варз кардан», «коркард, кишт» ва шудгори замин), яъне кишоварзу зироаткорон аст, маълумот медиҳад.

Дар баробари мӯбадон ашрофони ҳарбӣ низ мақоми худро дар низоми давлатдорӣ мустаҳкам карда буданд. Ҳарчанд, ки қисмати ҳарбиён аз табақаҳои миёна ва лашкари ёрирасон аз ҳисоби деҳқонон буданд.

Дар ин овон, «…ҳукмронону фармонравоёни навоҳии мухталифи Эрон, бавижа салотини мамолике, ки муҷовири сарҳадоти шарқӣ ва шимолӣ буданд, аҷаб лақабҳое ҳамроҳ бо номи вароз доштанд, монанди ҳукмравони Насо бо лақаби Вароз, ҳукмрони Ғарҷистон бо лақаби Варозбандак, ҳукмрони Ҳирот бо лақаби Варозон. Вароз ҳамон гуроз аст, ки дар аҳди қадим аломати зӯрӣ ва неру будааст. Дар адабиёти пешин исми номдорон бо вароз дар робита будааст. Монои Варозбанда, Вароздот, Вароздухт, Варозпирӯз, Варозмеҳр, Варознарсӣ ва ғайра» [4, с. 15].

Аз рӯйи маълумоти «Таърихи Табарӣ» ва дигар солномаҳои арабию форсӣ (ат-Табарӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Диноварӣ ва ҳаким Фирдавсӣ) пас аз муҳорибаи Сосониён бо ҳафталиҳо Баҳроми Гӯр (421–428) сарҳадро муқаррар карда, бародари худ Нарсиро ба Балх бо унвони «Марзбони Кушон» фиристод, ки валиаҳди Балх буд. Бино ба навиштаи ҳаким Фирдавсӣ бурҷи сангин – ҳамчун аломати сарҳад дар соҳили рости рӯди Омӯ, наздикиҳои шаҳри Фороб гузошта шуд. Балъамӣ дар ин маврид менависад: «Ва Нарсии бародарро ба расулӣ ба Хуросон бифиристод бо сипоҳ ва бифармуд, ки ба Балх бинишинад ва ҳадди турк донанд, то турк аз Ҷайҳун, аз он сӯй нарасад».

Вале, пасон аз рӯйи маълумоти таърихнигорон Сосониён дар муҳориба бо Ҳафталиҳо шикаст хӯрданд. Ин падида дар солҳои ҳукмронии Пирӯз (453–454 милодӣ) рух дод. Дар ин набард ҳафталиҳо бисёр шаҳристонҳо, аз қабили Тирмизу Висагирдро баргардонда, ба сарзамини Сосониён ворид шуданд. Аз рӯйи навиштаҳои Б. Ғафуров дар такя бо манбаъҳои хаттӣ, дар солҳои 459–484 муқовимати Сосониён бо Ҳафталиҳо ба авҷи аълои худ мерасад. Дар ин муддат, шоҳаншоҳи Сосонӣ Пирӯз ду маротиба ба шарқ ҳуҷум оварда, шикаст мехӯрад. Дар ин даврон, сарҳадҳо ба дараҷаи зарурӣ посбонӣ мешуданд. Мувофиқи маълумоти Балъамӣ (тарҷумони «Таърихи Табарӣ») соли 487 милодӣ миёни давлатҳо хатти сарҳад муайян карда мешавад. Манораи бузург аломати асосии марз буд. Ба қавли

таърихнигорон дар муҳорибаи дувум Пирӯз асир афтода, паймон ба шоҳи ҳафталиҳо Хушнавоз (Ахшунвар) баставу савганд хӯрда буд, ки то зинда аст, аз бурҷ намегузарад. Пас аз чанде, бино ба ахбори Табарӣ, Пирӯз барои он, ки паймоншикан нашавад, амр медиҳад, ки бурҷро ба 50 пилу 300 сарбоз бибанданд. Онҳо бурҷро мекашиданду Пирӯз аз қафо бо лашкараш мерафт. Аз ин амали Пирӯз огоҳ шуда, Хушнавоз чора меандешад. Як қисмати лашкар бо ҳамроҳии Пирӯз ба чоҳи бузург афтида, кушта мешаванд.

Чуноне маълум аст, ҳандақ яке аз намунаҳои ҳимояи сарҳад аст. Дар ҳамин муҳориба сарбозони Эрон бо шоҳаншоҳ Пирӯз ба ҳандақҳои амиқи рӯпӯшида афтоданд. Дар бораи ин ҳандақи пуроби рӯпӯшида Прокопи Кесарӣ (Византия) низ маълумот медиҳад. Ин корнома барои шоҳони дигар сабақи муҳими таърихӣ гардид. Ба қавли Прииски Понӣ ва Феофани Византӣ аз ин шикасти Пирӯз таассуроти амиқе дар аҳолии Эрон боқӣ монд. Ҳатто дар замони осоишта ягон нафаре наметавонист бо шуҷоат, бе тарсу ларз ба ҳафталӣ назар андозад ва ҳатто аз шунидани номи онҳо ба даҳшат меафтоданд.

Дар аҳди Шопур ва ворисонаш яке аз вазифаҳои муҳимми давлат бунёди иморатҳои истеҳкомдор: диж, қалъа ва шаҳр-қалъаҳо ба шумор мерафт, ки қудрати ҳарбии Сосониёнро намоиш медод. Ин дижҳо нуқтаҳои ба ҳам омадани лашкари Сосониён буда, юришҳо аз ин ҷо ибтидо мегирифтанд. Чунончи, Шопур I ба Хоразм ҳамла оварда, Гелон, Дайлам ва Гургонро забт кард. Ва он ҷо низ дижҳо бунёд кард. Писараш Варахран бо унвони Гелоншаҳ, волии Гелон ва вилоятҳои назди баҳри Мозандарон (Каспий) буд [1, с. 97].

Аз рӯи маълумоти солномаҳои суриёнӣ Шопури I дар сарҳади шарқӣ бар Пахлечаки тӯронӣ пирӯз шуд ва дар он ҷо Навшоҳпурро бино кард. Пасон, яке аз шаҳристонҳои зебое гардид, ки бо номи Нишопур шуҳрат ёфт. Маркази онро дижи истеҳкомдор, намунаи шаъну шуҳрати Шопур ва қудрати нерумандии Сосониён ташкил медод. Дар ин ҷанг Пахлечаки тӯр кушта шуд ва иқтидори давлати Шопур афзуд.

Пас аз устувор намудани сарҳадҳои шарқӣ Шопур ҳуҷумҳоро ба Рум оғоз кард. Ӯ дар юришҳо нахуст лашкари Валерианро шикаст дод. Дар ҷанг бо Император Валериан лашкари 70-ҳазора торумор ва ҳамаи фармондеҳон бо ҳамроҳии Валериан асир афтоданд. Дар юриши қаблиаш соли 244, ки тибқи ахбори солномаҳо нахустин буд, император Гордиан кушта шуд. Ин рухдод, ки дар адабиёти таърихӣ «бохти шармандавори румиён» унвон шудааст, обрӯ ва шуҳрати Шопуру Сосониёнро афзуд ва марзҳои давлат устувор гардиданд [9, с. 67].

Муқовимати тулонӣ бо империяи Византӣ, моҷароҳои дарбор ва наҳзатҳои мазҳабӣ иқтисоди кишварро хароб кард. Гурӯҳҳои марказгурез неруи тоза пайдо карданд. Дар овони ҳамлаи араб ба сарзаминҳои ориёӣ бо вожаҳои марзбонон ва асворон вомехӯрем. Дар муҳре, ки дар Эрмитажи давлатии Русия маҳфуз аст, В.Б. Ҳеннинг вожаеро бо унвони «асбаропат» хонд. Қисми аввали калима, ба андешаи ӯ аз форсии миёна «асбар», яъне «савор» мебошад. Қисми дуюми калима аз «пат»-и форсии куҳан, ба маънои «соҳиб» омадааст. Саранҷом «асбаропат» на ном, балки унвон буда, «сардори саворон» маънидод мешавад [16, с. 185]. (Дар адабиёти таҳлилӣ омадааст, ки асп аз решаи «Ас» ба маънии даванда ё тезтак мебошад. «Аспаборӣ» дар форсии бостон ба маънии нишаста бар асп аст, ки вожаҳои «асвор», «асворон» ва «савор» аз он реша аст».)

Дар яке аз геммаҳои кушонӣ номи соҳиб «харбалан» (яъне «харсавор») сабт шудааст. В.И. Лившитс таъкид мекунад, ки ин ном дар ду катибаи ҳиндӣ, ки аз Сарнатҳа (қарибии Банорас) ёфт шудаанд, вомехӯрад. Яке аз ин катибаҳо маълумот аз иморати ибодатгоҳи буддоӣ медиҳад. Дар байни донаторҳо ду сатрап wanaspara ва khara-pallano зикр мешавад. Шахси дуюм талаффӯзи номи ҳиндии касест, ки дар гемма сабт гардидааст, vanaspara бошад, аз wanaspar- и бохтарӣ бар меояд, ки маъноаш «зафардод» аст. Дар дуюмин катибаи kharapallano «Сатрапи аъзам» номида шудааст. Нек бингарем, ҳар ду ҳам як сифату унвонанд, вале аз мавқеъ, мақом ва шуҳрату шони ҳарду далелу дастак ба марзбонӣ мебошанд [9, с. 67].

Пас аз номи шоҳон аз ҷумлаи марзбонон аст, ки номаш дар таърих сабт шудааст – Фаррух писари Ҳурмӯз аз ватанпарастони даврааи аввал буд, ки аз номаш Румиён дар таҳлука меафтоданду дар бисёр муҳорибаҳо пирӯз шуда буд. Бисёр ҷасур, огоҳ ва бохирад буд. Ва сипаҳсолории Хуросону Озарбойҷонро ба уҳда дошт. Ҳаводиси ғалатие дар

муддати кӯтоҳ рух дод, ки ба суди давлатдории эрониён набуд. Пас аз кашмакашиҳои зиёди дарборӣ бо талоши Ҳурмӯз (падари Рустам) Озармидухт ба тахти эрон нишаст. Барои мустаҳкам кардани эътибори шаҳбону Ҳурмӯз ӯро ба издивоҷаш хост. Вале, Озармидухт ин амалро бо як низомӣ таҳқир дониста, ба қатлаш пинҳонӣ амр дод. Рустам ба хотири шони падар бо хашм ба пойтахт омад, Озармидухтро кӯр карду аз тахт биандохт ва ба ҷояш Пурондухт (хоҳари шаҳбону)-ро нишонд. Чун Рустами Достони «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ Рустами Фаррухзод низ имконияти ба тахт нишастанро дошт, вале парҳез кард. Дере нагузашта, дар моҷарои навбатӣ Пурондухт кушта шуд. Рустам пас аз ҷустуҷӯ яке аз набераҳои Хусрави Парвиз – Яздигурдро пайдо намуд ва ба тахт оварад. Дар ҳамин авзои ногувор лашкари араб ба марз наздик мешуд ва Рустам бо эҳсоси хатар аз ҳамлаи араб ба сарҳад омад. Ал-Яъқубӣ дар «Китобу-л-булдон» ҳикоя мекунад, ки чун араб ба марз наздик омад, сипаҳсолори сосонӣ «…Рустам кас назди Саъд фиристод ва аз вай хост яке аз ашхосеро назди ӯ гусел дорад. Саъд Муғира ибни Шаъбро бифиристод ва ӯ сӯи тахти Рустам рафт, то канори вай бинишинад. Асворон ӯро аз ин кор боздоштанд…». Бештари маъхазҳо менависанд, ки Рустам медонист, ки Эрон ба ҷанги бузург омода нест ва хоста буд бо арабҳо сулҳ кунанд. Вале шоҳ ба ин розӣ нашуд ва низ арабҳои хунхоҳу қудратталабу ғаниматҷӯ талош ба сарзамини сарватманд доштанд.

Дар ахбори таърихӣ сабт шудааст Рустами Фаррухзод ҳангоми ҳамлаи араб дар маҳалле қарор дошт, ки аз Куфа 15 фарсанг дур ва бо Қодасия машҳур буд. Дар аҳди Яздгурди савум дар соли 14 ҳичрӣ (635–636 милодӣ) муҳориба миёни эрониён бо сарварии Рустами Фаррухзод ва арабҳо бо сарварии Саъд ибни Ваққос даргирифт. Дар рӯзи нахуст эрониён ғалаба ба даст оварданд. Дар муҳориба пилҳои ҷангӣ ба кор рафтанд. Вале дар рӯзҳои пасин хиёнат содир шуд ва қисмате аз лашкар ба тарафи араб гузашт. Сипаҳбади эронӣ Баҳман дар рӯзи дувум кушта шуд ва ба араб аз самти Шом неруҳои тоза ворид шуданд. Дар ҳамон гирудорҳо хоинони эронӣ ба арабҳо асрори муборизаро бо филҳо фош карданд, ки ба хартуми филҳо тир биандозанд. Филҳои захмин ба самти лашкари сосонӣ ҳаракат карда, қисмати зиёдро зери по карданд. Пас аз панҷ рӯз муҳориба бо шикасти эрониён анҷомид. Рустами Фаррухзод низ кушта шуд. Дирафши Ковиён, ки намоди шавкату шони эрониён буд, ба дасти араб афтод. Ва бо ҳамин марзи Эрон шикаста шуд. Он замон халифа Умар буд. Дар «Шоҳнома» омадааст, ки пеш аз набард Рустам ба бародараш нома навишт ва оқибати ҳамлаи арабро пешгӯйи кард [15, с. 87].

Натиҷаҳои таҳқиқот. Ҳангоми таҳлили назариявӣ ва муқоисавии масъалаи мазкур, хулосаҳои илмии зерин ба даст оварда шуданд:

– мавриди баҳс аст, ки марзбонон бо чӣ афзоре мусаллаҳ буданд. Яқин аст бо силоҳе, ки хосси давронҳо буд. Тибқи нишондоди сарчашмаҳо ва ковишҳои бостоншиносон ҳар овон намунаи афзори ҷангии маъмулро дошт. Чуноне қаблан зикр шуд, ҳатто аспҳо низ бо зиреҳи хосса ҳимоя мешуданд. Дар Осиёи Миёна, дар асрҳои аввали милодӣ шамшери дарозу (то 1,2 м) калони дудамаи оҳанин дар муомила буданд, ки дастаи дарози миёнхамидаашон гулӯбанд надошт. Аз дигар навъҳои аслиҳа найза, табарзин, фалахмон ва ғайра машҳур буд;

– дар замони Сосониён, дар баробари он чӣ гуфта шуд, дар тақсимоти кишвар 4 иёлати сарҳадӣ мавҷуд буд. Ва барои ҳар як иёлате фармонравое мегумоштанд, ки марзбон унвон доштанд;

– вобаста ба давронҳо дар корхонаҳои аслиҳасозӣ афзорҳои гуногуннавъ ба роҳ монда мешуд;

– аслиҳаи дурзан – камон дар ҳамин давра такмил ёфт. Камони махсусу мураккабсохте маъмул гардид, ки аз панҷ қисм иборат буд ва бо пулакчаҳои устухонӣ ё шохӣ хотамкорӣ меёфтанд. Аз рӯи пажуҳишҳо ватани ин навъ камон Осиёи Марказӣ буда, пасон дар тамоми Эронзамин паҳн шуд. Аз асли воқеият ноогоҳ дар адабиёти ғарб «камони сосонӣ» унвон гирифтааст, ки саҳеҳ нест. Пешниҳоди дурустро олимони Шуравӣ кардаанд, ки «камони кушону сосонӣ» мебошад. Мувофиқ ба нигоштаҳои Б.А. Литвинский ин навъ камон аз Осиёи Марказӣ баромада, ба василаи сарматҳо то Ғарб, то Шотландия расид. Дар ҷануб дар Эрону Ҳиндустон ва дар шарқ дар Чин низ расм шуд. Тири ин камон аз чӯб ё аз най ва пайкони он аз оҳан буду чанд намуд дошт;

– маъмултаринаш пайкони оҳанин буд, бо се қираи барҷаста. Дар охирҳои ин давра, пайконҳои оҳанини мураккабсохт низ пайдо шуданд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо дар Варорӯд камони чочӣ, камони кӯтоҳхонаи хоразмӣ ва дарозгӯша маъмул буд. Ва тирро баробари филиз аз хаданг низ месохтанд. Дар кӯҳистон камон аз шохи нахчиру бузи кӯҳӣ соз карда мешуд. Ва зиреҳро аз пӯсти асп кунанд ва нотофта гиреҳ зананд [14, с. 189].

Хулоса. Ҳамин тавр, таърихи Сосониён ибратбахш аст. Дастовардҳои ин занҷираро наметавон ба миқдор баршумурд. Хосса дар сиёсат ва лашкардорӣ. Низоми идорот пасон ба давлатдорони пасин гузашт. Низоми ҳарбӣ ва марздорӣ хеле қавӣ буд, ки дар устувории империя нақши муҳим дошт. Пас аз шикасти давлатдории Сосонӣ тағйироти сифатӣ дар сиёсату бовар, тасаввуру тафаккур ба вуҷуд омад, ки бо ҳамлаи араб дар алоқамандӣ буд. Бо гузашти беш аз ду қарн давлатмардоне ба арсаи сиёсат омаданд, ки идомабахши анъанаҳои куҳани мардумони ориёӣ буданд. Онҳо давлатҳоеро таъсис доданд, ки дар бунёд аз анъанаҳои араб фарқ мекард. Мисли давлати Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғӯриён ва Ғазнавиён.

Мақолаи мазкур дар доираи мавзуи илмии муаллиф таҳти унвони «Масъалаи марз ва марзбандӣ дар таърихи халқи тоҷик (аҳди бостон то асри XI)», ки бо қарори Шурои олимони факултети таърихи ДМТ аз 26 январи соли 2024 таҳти №6 тасдиқ гардидааст, омода карда шудааст.

Муқарриз: Шарифзода Ҷ.С. – д.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Асрориён Ҷ., Асрориён А. Марз ва марзбонӣ (Аз аҳди бостон то а. Х1. – Душанбе: «Орбита», 2017. – 124 с.
2. Асрориён Ҷ. Авроқи рангини марзбонӣ // Дар китоби «Ҷабҳаи ҷасорат».- Душанбе: «Орбита», 2019.
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – 976 с.
4. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз, таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофияи таърихӣ. – Душанбе, 2006.
5. Геродот. История/ Перевод и прим.: Г.А. Страновского. – М.,1999. – 752 с.
6. Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Таҳлили забонӣ ва таърихии «тоҷик» бар мабнои осори кашфшуда. – Душанбе: Мега-принт, 2016. – 174 с.
7. Ксенофонт. Киропедия. – М., 1976. – 332 с.
8. Ктесий. История Персии // Под.ред. И.В. Пянкова. Средняя Азия в известия античного автора Ктесия. – Душанбе, 1975.
9. Қадиёнӣ А. Фарҳанги тавсифии таърихи Эрон. – Ҷ.3. – С. 1409.
10. Мероси хаттии бостон. – К.2. – Ҷ.1. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 478 с.
11. Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ. Сиҳоҳу-л-фурс. – Душанбе: Гулнақш, 2023. – 406 с.
12. Пянков И.В. Осиёи Миёна дар осори бостон. – Душанбе: «Ирфон», 1991. – 64 с.
13. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр–Граф, 2016. – 364 с.
14. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
15. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби I. – Лондон, 1999. – 240 с.
16. Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Дониш, 2006. – 578 с.
17. Шарипов Ҷ.С. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар омӯзиши таърихи тамаддун ва давлатдории ориёиҳо. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 228 с.

НИЗОМИ СИПОҲДОРӢ ВА МАРЗБОНӢ ДАР АҲДИ СОСОНИЁН

Муаллиф дар асоси манобеъи таърихӣ ва таҳлили осори муҳаққиқон низоми сипоҳдорӣ ва марзбонии шоҳаншоҳии Сосониёнро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додааст. Аз омӯзиши масъала бармеояд, ки дар муддати 400 сол бо сабабҳои ҷангу забткориҳо марзҳо борҳо тағйир ёфтанд. Ҳарчанд дар мубориза бо хиониҳо, кидориҳо ва гуннҳо ҳокимони сосонӣ сиёсати дурандешона мебурданд, вале шикасти Пирӯз дар пайкор бо ҳайтолиён боиси аз даст рафтани вилоятҳои Шарқии Марв гардид. Дар охири салтанати Сосониён, ибтидои асри VII 12 шоҳаншоҳ иваз гардида, Яздигурди V пеши роҳи истилои арабро гирифта натавонист ва соли 632 милодӣ давлати Сосониён аз байн рафт. Тавоноӣ ва сиёсати берунаи Шоҳаншоҳони Сосонӣ дар заминаи лашкари разманда побарҷо буд. Сипоҳи Эроншаҳр расман «Артиши Рустам» (Rostam Spahe) номида мешуд ва дар заминаи эҳёи лашкардории Ҳахоманишӣ ва бардошт аз низоми ҳарбии Ашкониён ба вуҷуд омад. Таърихи артиш ба ду давра қисмат мешавад: то ислоҳоти ҳарбӣ (аз Ардашер то Хусрави Анӯшервон) ва пас аз ислоҳот (аз ҳукумронии Анӯшервон то шикасти давлат). Дар аҳди Ардашер артиш аз қисмҳои алоҳидаи амалдорону волиён иборат буд, ки дар мавриди ҷанг гирд меомаданд. Яъне, лашкари доимӣ вуҷуд надошт. Дар аҳди Нӯшервон сипоҳи доимӣ таъсис ёфт, ки натанҳо аз паҳлавонон, амалдорон, балки аз озодон ва деҳқонони хурди кишоварз ҳайати худро комил мекард. Ва либосу нигаҳдорӣ, афзори ҷангӣ, ғизо ва маош аз хазинаи шоҳ пардохта мешуд. Ба корҳои ҳарбӣ аз наврасӣ ҷалб мешуданд. Баъди ислоҳот Эронсипаҳбад – фармондеҳи кулли лашкар худи шоҳ буд ва Сипаҳбадон – фармондеҳон аз тарафи шоҳ таъин мешуданд. Мувофиқи маълумоте, ки дар даст дорем, марзбонон – ходимони олимақоми давлатро сатрапҳо меномиданд.

Дар баробари ин, Марзбон ё Каноранг – волиёни вилоятҳои хурд Марзбандон пайдо шуданд, ки аз ҳисоби амалдорони оддӣ ва ҳарбиён буданд. Пуштибонсолор, сардори гурдони шоҳ – Гурдони Ҷовидон буд.

Калидвожаҳо: низом, шоҳаншоҳии Сосониён, сипоҳ, марз, ҳудуд, нуфуз, хусусият, қудрат, нақш, ислоҳот, густариш, сиёсат, мубориза, ҷанг.

СИСТЕМА ВОЕННОГО И ПОГРАНИЧНОГО УПРАВЛЕНИЯ В ГОСУДАРСТВЕ САСАНИДОВ

Автор, опираясь на исторические источники и анализ работ исследователей, изучил систему военного и пограничного управления Сасанидской империи. Из исследования следует, что на протяжении 400 лет границы империи многократно менялись в результате войн и завоеваний. Хотя правители Сасанидов проводили дальновидную политику в борьбе против китанов, кидаров и гуннов, поражение Пируза в войне с гаитянами привело к потере восточных провинций Мерва. В конце правления Сасанидов, в начале VII века, сменилось 12 шахов, Яздигурд V не смог предотвратить арабское вторжение, и в 632 году н.э. государство Сасанидов прекратило свое существование. Власть и внешняя политика шахов Сасанидов основывались на боевой армии. Ираншахрская армия официально называлась «Армией Рустама» (Ростам Спахе) и была сформирована на основе возрождения ахеменидской армии и упразднения ашкеназской военной системы. История армии делится на два периода: до военных реформ (от Ардашира до Хосрова Анушервана) и после реформ (от правления Анушервана до распада государства). Во время правления Ардашира армия состояла из отдельных подразделений чиновников и губернаторов, которые собирались в случае войны. То есть постоянной армии не существовало. Во время правления Нушервана была создана постоянная армия, состоявшая не только из борцов, чиновников, но и из вольноотпущенников и мелких крестьян. А их одежда, содержание, военное снаряжение, продовольствие и жалование оплачивались из царской казны. Они были вовлечены в военные дела с юных лет. После реформы Ирансипахбад – главнокомандующий армией – сам царь, а Сипахбаданы – военачальники, назначаемые царем. По имеющейся у нас информации, Марзбаны – высокопоставленные государственные чиновники – назывались сатрапами. В то же время появились Марзбаны, или Каноранги – губернаторы небольших марзбандских провинций, которые были из числа рядовых и военных чиновников. Пуштибансолар, глава царского Гурдана –Гурдан Джавидан.

Ключевые слова: система, Сасанидская империя, армия, граница, территория, влияние, особенности, власть, роль, реформа, экспансия, политика, борьба, война.

THE SYSTEM OF MILITARY AND BORDER ADMINISTRATION IN THE SASANID STATE

The author, drawing on historical sources and an analysis of scholarly works, examined the military and border administration system of the Sassanid Empire. The study reveals that over the course of 400 years, borders shifted repeatedly as a result of wars and conquests. Although the Sassanid rulers pursued a far-sighted policy in the fight against the Khitans, Kidars, and Huns, Piruz's defeat in the war with the Haitians led to the loss of the eastern provinces of Merv. By the end of Sassanid rule, in the early 7th century, 12 shahs had succeeded each other. Yazdigurd V was unable to prevent the Arab invasion, and in 632 CE, the Sassanid state ceased to exist. The power and foreign policy of the Sassanid shahs were based on a combat army. The Iranshahr army, officially called the «Army of Rustam» (Rostam Spahe), was formed through the revival of the Achaemenid army and the abolition of the Ashkenazi military system. The army's history is divided into two periods: before the military reforms (from Ardashir to Khosrow Anushervan) and after the reforms (from the reign of Anushervan until the collapse of the state). During Ardashir's reign, the army consisted of separate units of officials and governors, assembled in times of war. Thus, there was no standing army. During the reign of Nushervan, a standing army was created, consisting not only of wrestlers and officials but also of freedmen and small peasants. Clothing, upkeep, military equipment, food, and wages were paid for from the royal treasury. They were involved in military affairs from a young age. After the reform, the Iransipahbad–the commander-in-chief of the army–was the king himself, while the Sipahbadans–military leaders appointed by the king–were appointed. According to our information, the Marzbans–high-ranking government officials–were called satraps. At the same time, Marzbans or Kanorangs–governors of small Marzband provinces–emerged from among the rank-and-file and military officials. The Pushtibansolar, the head of the royal Gurdan–Gurdan Javidan.

Key words: system, Sasanian monarchy, army, border, territory, influence, characteristics, power, role, reform, expansion, politics, struggle, war.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асрориён Анушервон Ҷонибек*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърих. **Суроға**: 734025, Душанбе, Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **(+992) 934003636**, E-mail: **asroriyona-1992@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Асрориён Анушервон Джонибек*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры историографии и архивоведения, исторический факультет. **Адрес**: 734025, Душанбе, Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 934003636**, E-mail: **asroriyona-1992@mail.ru**

Information about the author: ***Asroriyon Anushervon Jonibek*** – Tajik National University, assistant department of historiography and archival studies, faculty of history. **Address**: 734025, Dushanbe, Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 934003636**, E-mail: **asroriyona-1992@mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 25.06.2026
Аз тақриз баргашт: 27.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:930.85(575.3)

РАНГҲОИ ПАРЧАМ ДАР ФАРҲАНГИ АНЪАНАВИИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН

Ақназаров Ҳ.М., Пирматова Г.Х.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Муқаддима. Яке аз унсурҳои муҳими фарҳанги маънавӣ ва моддии тоҷикони кӯҳистон рамзшиносӣ ва маънии рангҳо мебошад, ки дар шаклҳои гуногуни зиндагии анъанавӣ – либос, маросимҳо, ашёи рӯзгор ва махсусан рамзҳои муқаддас таҷассум меёбад. Рангҳои парчам, ки имрӯз ҳамчун нишонаи давлатдорӣ ва ҳувияти миллӣ пазируфта шудаанд, дар асл решаҳои амиқи таърихӣ ва фарҳангӣ доранд. Дар муҳити кӯҳистонии тоҷикон (аз ҷумла Бадахшон, Рашт ва дигар манотиқ), ҳар як ранг дорои маънои рамзӣ буда, бо ҷаҳонбинӣ, эътиқод ва таҷрибаи зиндагии мардум пайваст аст. Аз ин рӯ, омӯзиши рангҳои парчам дар заминаи фарҳанги анъанавӣ барои дарки амиқи худшиносии миллӣ аҳаммияти калон дорад.

Тавсифи мухтасари омӯзиши масъала. Бояд гуфт, ки масъалаи рамзшиносии рангҳо дар фарҳанги тоҷикон аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои этнография, фарҳангшиносӣ ва таърих то андозае мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аммо таҳқиқоти махсусе, ки маҳз робитаи рангҳои парчами миллӣ бо анъанаҳои фарҳангии тоҷикони кӯҳистонро фарогир бошад, нисбатан кам ба назар мерасад. Дар осори олимон бештар ба маънии умумии рангҳо, истифодаи онҳо дар либосҳои миллӣ, ороишот ва маросимҳо таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур ниёз ба баррасии муфассалтар дорад.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади мақолаи мазкур аз таҳлили маъно ва ҷойгоҳи рангҳои асосии парчам (сурх, сафед ва сабз) дар фарҳанги анъанавии тоҷикони кӯҳистон, муайян намудани решаҳои таърихӣ ва рамзии онҳо ва нишон додани робитаи байни анъанаҳои мардумӣ ва рамзҳои давлатӣ иборат мебошад.

Методҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот аз методҳои таърихӣ, муқоисавӣ ва этнографӣ истифода шудааст. Бо ёрии ин методҳо маълумотҳои марбут ба истифодаи рангҳо дар муҳити анъанавӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил гардида, байни маъноҳои қадимӣ ва маъноҳои муосири онҳо муқоиса ба амал оварда шудааст. Инчунин, методи ретроспективӣ барои баркарор намудани пайдоиш ва инкишофи маъноҳои рамзии рангҳо истифода гардид.

Таҳлил ва тавсифи адабиёти илмӣ. Дар омӯзиши масъалаи рамзшиносии рангҳо асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ аҳаммияти муҳим доранд. Аз ҷумла, дар корҳои этнографӣ ва фарҳангшиносии марбут ба тоҷикон, маънии рангҳо дар либосҳои миллӣ, оинҳо ва маросимҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Баъзе муҳаққиқон ба нақши ранги сурх ҳамчун рамзи ҳаёт ва мубориза, ранги сафед ҳамчун рамзи покӣ ва рӯшноӣ ва ранги сабз ҳамчун нишонаи табиат ва эҳё таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти мавҷуда бештар хусусияти умумӣ дошта, камтар ба хусусиятҳои маҳаллӣ, аз ҷумла фарҳанги тоҷикони кӯҳистон, равона шудаанд.

Муҳокимаронӣ. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рангҳои парчами миллӣ на танҳо рамзҳои сиёсӣ, балки идомаи анъанаҳои қадимаи фарҳангӣ мебошанд. Масалан, дар фарҳанги тоҷикони кӯҳистон ранги сурх аксаран бо шуҷоат, ҷасорат ва неруи ҳаёт алоқаманд аст; ранги сафед рамзи покӣ, ростӣ ва нияти нек маҳсуб мешавад; ранги сабз бошад, бо табиат, зиндагии нав ва умед пайваст мебошад. Ин маъниҳо дар расму оинҳо, либосҳои арӯсӣ, маросимҳои мавсимӣ ва дигар ҷанбаҳои зиндагии мардум ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, парчами миллӣ ҳамчун идомаи мантиқии ҳамин ҷаҳонбинӣ арзёбӣ мегардад.

Маҳдудиятҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот мушкилоти муайян, аз ҷумла маҳдуд будани сарчашмаҳои хаттӣ оид ба фарҳанги маҳаллии тоҷикони кӯҳистон ва бештар ба шакли шифоҳӣ ҳифз шудани маълумотҳо ба назар расид. Ин ҳолат имкони фарогир таҳлил намудани ҳамаи ҷанбаҳои масъалаи мавриди назарро маҳдуд месозад. Бо вуҷуди ин, маводи ҷамъоваришуда ва таҳлилгардида метавонад заминаи хубе барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт гардад.

Илми вексилология (парчамшиносӣ), ки яке аз риштаҳои ёрирасони илми таърих аст, дар бораи байраҳо ва илми байнисоҳавӣ - колористика (рангшиносӣ) оиди тафсири рангҳо маълумот медиҳанд. Доир ба парчамҳо ва омӯзиши ранг, табиат ва маънои он дар осори муҳаққиқони ҳар давр шарҳ дода шудааст. Рангҳо аз табиат то ашёи рӯзгор ҳамеша инсонро иҳота мекунанд. Маънои онҳо дар тули садсолаҳо таҳти таъсири фарҳанг, дин ва рӯйдодҳои таърихӣ шакл гирифтааст. Дар баъзе фарҳангҳо як ранги муайян рамзи шодӣ ва зиндагист, вале дар фарҳангҳои дигар метавонад нишонаи ғам ё маҳдудият бошад [7, с. 58-59]. Аз ин рӯ, Парчами миллӣ на танҳо нишони давлатдорӣ, балки таҷассумгари фарҳанги анъанавӣ ва ҳувияти миллӣ маҳсуб мешавад ва барои омӯзиши таърих ва фарҳанги тоҷикон ҳамчун сарчашмаи маънавӣ ва илмию этнографӣ аҳаммияти бузург дорад.

Рангҳои Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 ноябри соли 1992 аз ҷониби Иҷлосия 16-уми Шурои Олии Тоҷикистон қабул гардид [8, с. 65]. Вобаста ба таъриху фарҳанг, урфу одатҳо ва ахлоқу маънавиёти миллати тоҷик парчами миллии мо шомили рангҳои сурх, сафед, сабз ва зард (тоҷу ситарҳои он) аст, ки ин интихоби рангҳо тасодуфӣ нест. Ҳанӯз дар ҷомеаи ориёиҳо рангҳои сурх, сафед ва сабз рамзҳои се табақаи ҷомеаи аҳди бостони ориёиён: низомиён - ранги сурх, руҳониён – ранги сафед ва кишоварзону чорводорон – ранги сабз ё кабуд (нилӣ) маҳсуб мешуд, ки ҳар кадоме ҷойгоҳи вижае дар ҷомеа доштанд [10, с. 46].

Рангҳои парчами имрӯзаи мо низ маъноҳои хоси худро доро мебошад: Ранги сурх – ин нишонаи муборизаву ҷоннисории халқи тоҷик баҳри озодиву истиқлол ва инчунин фаровониву осудаҳолии мардуми мост. Ранги сафед – нишонаи сулҳу осоиштагӣ ва саодатмандиву хушбахтии халқи тоҷик мебошад, ки соҳиби таърихи тулонӣ, ниёгони бой ва фарҳанги барҷаста аст. Ранги сабз – нишони сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадияти мулки тоҷик мебошад [11, с. 210].

Пайдоиши рамзҳои ранга ва мазмуни он ба муносибати байни инсонҳо, воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти мардум ва фарҳангу маданияти байни онҳо вобастагӣ дорад. Ҳанӯз ҳам дар фарҳанги анъанавии бисёр минтақаҳои кӯҳистон матоҳои сурх, сафеду сабз дар ҷашни Наврӯз, тӯй ва маросимҳои миллӣ дида мешаванд. Такя ба адабиёти этнографӣ - дар рӯзгори кӯҳистониён анъанаҳое вуҷуд доштанд ва доранд, ки дар бораи нақши муҳим доштани ранг, дар ҳаёти мардум дарак медиҳанд. Масалан, дар Бадахшон (Рӯшон), мисли дигар ноҳияҳои тоҷикнишин Осиёи Марказӣ, дар рӯи либоси кӯдакон порчаҳои матои рангҳои гуногун медӯзанд. Ин ба боварие вобаста аст, ки ҳар қадар рангҳо дар либос бештар бошанд, ҳамон қадар хосияти муҳофизатии он қавитар мегардад [6, с. 27]. Ҳамчунин, рангҳои гуногун дар тӯй ва ҷашнҳои суннатӣ рамзи хушбахтӣ, бахту саодат ва ҳаёти пурфайзу баракат дониста мешуданд.

Дар баъзе минтақаҳо, барои муҳофизати кӯдакон аз чашми бад ва балоҳо, онҳо либоси бисёрранг мепӯшониданд ё риштаҳои ранга ба дасту пойи кӯдакон мебандиданд. Ғайр аз он, матоъҳои ранга дар ороиши хона ва ашёҳои рӯзгор низ истифода мешуданд — масалан, рӯймолҳо, болинҳо ва китфпӯшакҳо бо рангҳои пуршиддат оро дода мешуданд, ки ин рамзи ободӣ, зиндагии пуршукӯҳ ва эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ ҳисобида мешуд. Ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки рангҳо на танҳо эстетикӣ, балки маънавӣ ва муҳофизатӣ ҳам мебошанд, ва дар тамоми ҳаёти мардуми кӯҳистон нақши муҳим мебозанд.

Ранги сурх дар фарҳанги кӯҳистон рамзи ҷон, номус ва шуҷоат аст. Дар либоси мардумӣ, махсусан дар рӯймол, токӣ ё либоси арӯсҳо, ранги сурх ҳамчун рамзи ҳаёт, муҳаббат ва муҳофиз аз бадӣ истифода мешуд. Он инчунин, ба унсури оташ ва неруи офтоб иртибот дорад. Дар боварҳои мардумӣ, “сурх” рамзи хун ва қувваи зиндагӣ аст, ки мардонагӣ ва қаҳрамониро таҷассум мекунад. Тоҷикони Осиёи Миёна тибқи мушоҳидаи мардумшиносон, рангҳои сурх ва сафедро ҳамчун муҳимтарин хоси расму оинҳои арӯсӣ қайд мекунанд.

Дар Бадахшон либоси маросими тӯй сафеду сурх ба ҳисоб меравад, арӯс сар то по либоси сурх мепӯшаду домод бошад салла, ҷомаи сафедро ба бар мекард. Дар миёни аҳолии Осиёи Марказӣ боварҳои марбут ба хосиятҳои муҳофизатии ранги сурх хеле паҳн шудаанд: бидуни сабаб нест, ки дасти кӯдакро бо риштаи сурх мебанданд, то ӯро аз бемориҳо ҳифз кунанд [9, с. 243].

Дар фарҳанги суннатии тоҷикони кӯҳистон, сурх на танҳо рамзи муҳаббат ва ҳаёт, балки аломати неру, ҷасорат ва ҳамбастагии оилавӣ ва ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Ин нишон медиҳад, ки ранги сурх аз анъанаҳои қадимӣ то имрӯз ҳамчун рамзи муқаддас ва муҳим дар ҳаёти мардуми тоҷик ҳифз ва эҳтиром карда мешавад.

Ранги сафед дар фарҳанги тоҷикони кӯҳистон рамзи покӣ, садоқат ва нур аст. Либоси мардону занон, махсусан дар маросимҳои тӯй ва идҳои Қурбон ва Рамазон, бо ҷузъҳои сафед зеб дода мешуд. Дар Бадахшон гӯсфандеро, ки дар иди Қурбон забҳ мекунанд, баъди шустан бо матои сафед оро медиҳанд. Инчунин ҳангоми бурдани арӯс ба хонаи домод, ҳатман шир (сафед) менӯшонанд. Дар баъзе маконҳо дар ҷараёни муйбофии арӯс қатраи шир ба мӯй мепошанд. Дар ҷаҳонбинии мардум ин ранг ба унсури об ва барф алоқаманд аст, ки покӣ ва зиндагиро таъмин мекунад. Беҳуда мардум маҷоле намегӯянд: “дили пок сафедтар аз барф аст” [10, с. 69].

Ҳусайн Воиз Кошифӣ ба тавсифи ранги сафед ва гуногунранг дар асари машҳури худ “Футувватномаи султонӣ” чунин навиштааст: “...Бидон, ки рангҳои хирқа гуногунанд ва ҳар ранг ба ҳолате ишорат мекунад. Агар бипурсанд, ки ранги сафед аз они кадом тоифа аст, бигӯ: ранги сафед ранги рӯз аст ва аз они он касонест, ки дили эшон равшан бошад ва синаашон аз олудагиҳо пок. Ҳар касе ин рангро пӯшад, бояд чун субҳи содиқ бошад ва чун рӯз ба ҳамагон равшанӣ бахшад [5, с.189].

Дар байни тоҷикони кӯҳистон, нақшҳои сиёҳу сафед номи махсус доранд - балодуркунак (яъне дуркунандаи бадӣ) ё бар зидди “чашми бад”. Ба либосҳои бисёранг хосиятҳои ҳифз аз офатҳои гуногун ва бемориҳо нисбат дода мешуд. Тавре, ки М.С. Андреев хабар медиҳад, дар байни тоҷикон “овехтани ресмони гуногунранг, ки аз ду ришта - сафед ва сиёҳ - тоб дода шудааст, аз як сутун ба сутуни дигар дар утоқи зани ҳомила як василаи хеле муассир шуморида мешавад” [1, с. 55]. Дар Қаротегин ба кӯдак баъд аз чил рӯз ба дасту пояш дастпона ва марҷон меовезанд. Дар байни онҳо ҳатман марҷонҳои ранги сиёҳ бо нуқтаҳои сафед мавҷуданд, ки мувофиқи боварҳои маҳаллӣ, аз чашми бад ҳифз мекунанд [12, с. 191].

Дар байни тоҷикони Соҳ (водии Фарғона) либоси мотамии занони аз синни 60-сола боло, либоси сафед мепӯшиданд. Баъзан миёни рангҳое, ки дар маросимҳои дафну азо истифода мешаванд, аз ранги сурх низ ёд мешавад. Дар водии Фарғона, ҳамчунин дар дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, барои тайёр кардани таоми маросимӣ, орди сафед истифода мешавад, ки занон онро ҳамчун садақа аз ҳамсояҳо мегиранд. Зарфе, ки дар он хамир тайёр мекунанд, пешакӣ бо матои сафед мепечонанд.

Ҳамаи заноне, ки дар маросим ҳузур доранд ё иштирок мекунанд, сари худро бо рӯймоли сафед мепӯшонанд [6, с. 29]. Дар Бадахшон дар таҷлили ҷашнҳои бостонӣ аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Боҷаём ва маросими тӯй ҳатман аз орди сафед истифода мебаранд. Гарди орди сафедро ба китфи ҳамдигар ё меҳмон пошида, бахти нек орзу мекунанд. Ин анъана то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Агар саҳифаҳои таърихи ҳазор сол пеши худро варақгардон кунем, ранги сафед дар таърихи қиёмҳои мардумии сарзамини аҷдодии мо бар муқобили таҷовузгарон, гоҳе рамзи муборизаро низ ба худ гирифтааст. Дар асри VIII, хусусан солҳои 70-уми асри VIII, дар Хуросони Бузург (ки ҳудуди ҳозираи Эрон ва Афғонистонро дарбар мегирифт) як шӯриши муҳими маҳаллӣ бо сарварии Муқаннаъ рӯй дод.

Муқаннаъ ва пайравонаш ба зидди сармоядории арабҳо ва амирони Абумуслим Хуросонӣ, ки дар он замон қудрати калон доштанд ва таҳти ҳокимияти халифаи Аббосиён қарор доштанд, бархостанд. Яке аз ҷузъҳои шарҳи маънавӣ ва рамзии ин шӯриш ин буд, ки пайравони Муқаннаъ ҷомаҳои сафед мепӯшиданд, дар ҳоле ки халифаи Аббосиён ва намояндагони ӯ ҷомаҳои сиёҳ доштанд. Ин интихоб рамзӣ буд: сафед рамзи тозагӣ, росткорӣ ва адолат ва сиёҳ рамзи ҳокимияти Аббосиён ва муқобил ба мардум шуморида мешуд.

Ба далели рамзгузории ҷомаҳо, хуруҷи Муқаннаъ ва пайравонаш дар таърих бо номи “Сапедҷомагон” (ки аз калимаи форсии “сапед” – сафед ва “ҷома” – либос гирифта шудааст) маъруф шуд. Яъне ин ном маънои “Онҳое, ки ҷомаҳои сафед пӯшиданд” дорад ва таъкид мекунад, ки ин шӯриш на танҳо сиёсӣ, балки фарҳангӣ ва рамзӣ низ буд. Ин ҳодиса нишонаи муқовимати маҳаллӣ ва эҳёи таассуротҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар Хуросон аст, ки

бо сабаби рамзҳои визуалӣ – ранги ҷомаҳо – низ аз дигар гурӯҳҳои ҳоким фарқ карда мешуд.

Сафед дар маросими динӣ низ ҷойи муҳим дорад - он нур, покии руҳӣ ва баракати илоҳиро рамзӣ мекунад. Дар суннатҳои исломӣ сафед ранги муқаддас дониста мешавад, онро дар меъмории масҷидҳо, маросимҳои динӣ ва либос метавон дид [9, с. 243]. Ин нишон медиҳад, ки сафед на танҳо рамзи эстетикӣ ва зебоӣ, балки рамзи маънавӣ, муҳофизатӣ ва муқаддас дар фарҳанги кӯҳистониён мебошад, ки ҳазорсолаҳо боқӣ монда, ҳоло низ дар ҳаёти мардум ва маросимҳои анъанавӣ нақши муҳим мебозад.

Ранги сабз рамзи ҳаёт, табиат ва умед аст. Дар кӯҳистон ин ранг бештар ба кишти замин, баҳор ва ҳосилхезӣ пайваст дониста, мардум сабзро рамзи наврӯзӣ ва эҳё медонанд. Дар либоси мардумӣ ё зеварҳои арӯсӣ, ҷузъҳои сабз маънии зиндагии нав ва орзуи хушбахтӣ доштан аст. Ҳусайн Воиз Кошифӣ дар асари маъруфи худ «Футувватномаи султонӣ» рангу рамзҳои гуногунро ба таври рамзӣ ва маънавӣ шарҳ додааст. Дар ин асар, ранги сабз аҳаммияти махсус дорад.

Дар фарҳанги форсӣ-таърихӣ ва тасаввуфӣ, ки Кошифӣ низ ба он такя мекунад, сабз рамзи ҳаёт, рӯшноӣ, барорӣ ва фазилатҳои маънавӣ мебошад. Сабз инчунин рамзи тарбия ва маърифат, росткори ва ҳаёти маънавӣ ба шумор меравад. Дар «Футувватномаи султонӣ», ки асосан ба одоб ва ахлоқи фатувватӣ ва давлатдории султонӣ дахл дорад, сабз ҳамчун ранги маънавӣ баррасӣ мешавад, ки нишон медиҳад шахс бояд ба росткорӣ, поквиҷдонӣ ва ростинӣ риоя кунад: “Агар бипурсанд, ки ранги сабз аз они кадом тоифа аст, бигӯ: ранги сабз ранги сабза ва об аст ва аз они олиҳимматон ва зиндадилон, ки ин рангро бисёр дӯст доранд. Ҳар касе ин рангро пӯшад, бояд чун сабза хандону хуррам бошад ва монанди об ҳаётбахш ва дилпазир [4]. Байни мардуми собиқ деҳаи Сарези Рушон расме вуҷуд доштааст, ки ҳангоми ба сафар баромадан, ҳатман бояд либоси сабз пӯшанд. “Калонсолон таъкид мекарданд, ки ҳама либоси сабз бипӯшанд, зеро ҳангоми ба дигар ҷо сафар кардан, пӯшидани либоси сабз расм будааст...” [5, с. 179].

Дар миёни тоҷикони Қаротегин одати пӯшидани тумор (амулет) аз коҳи ҷав хеле паҳн будааст, ки онро одатан барои занон ва кӯдакон месозанд. Коҳро дар об тар мекунанд ва баъд ба рангҳои гуногун — бештар сафед, сурх, зард ва сабз - ранг менамоянд. Масалан, чунин одат вуҷуд дорад: вақте кӯдак ниҳоят гаҳвораро тарк мекунад, яъне тахминан дар синни дусолагӣ, аввалин бор дар умраш мӯяшро метарошанд. Мӯйҳои буридашударо ҷамъ карда, дар матое мепечонанд, ки ҳатман бояд ранги равшан дошта бошад (истифодаи матои сиёҳ ё ҳар ранги торик комилан манъ аст) ва сипас онро ба шохаҳои дарахти сабз овезон мекунанд (гоҳо дар зери он дарахт дафн мекунанд) [12, с. 189].

Дар байни мардуми Бадахшон ҳам чунин анъана зиёд дида мешавад, матои тумор бояд ҳатман рангси сурх, сафед ва сабз дошта бошад. Сабз дар фарҳанги исломӣ низ ранги муқаддаси зиндагӣ ва имон ба ҳисоб меравад. Он рамзи биҳишт, ҳаёти абадӣ ва покии маънавист. Дар Қуръон сабз ранги неъмат ва некрӯзӣ зикр мешавад, аз ин рӯ онро дар парчамҳои бисёр кишварҳои мусалмон дидан мумкин аст [10, с. 71]. Илова бар ин, сабз дар маросимҳои суннатӣ, ба мисли Наврӯз, тӯй ва дигар ҷашнҳои миллӣ, ҳамчун рамзи шукуфоӣ ва орзуи хушбахтӣ истифода мешавад. Дар зеварҳои арӯсӣ, ҷузъҳои сабз маънои ҳаёти нав, бахт ва ободии оилавиро таҷассум мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки сабз на танҳо рамзи эстетикӣ, балки рамзи маънавӣ, муҳофизатӣ ва нури ҳаёт дар фарҳанги тоҷикони кӯҳистон мебошад.

Ҳамин тавр, рангҳои Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо рамзи сиёсӣ набуда, онҳо реша дар фарҳанги анъанавии тоҷикони кӯҳистон доранд. Сурх неруи ҳаёт, сафед покию ҳақиқат ва сабз зиндагии ҷовидонаро ифода мекунад. Ин маъноҳо садсолаҳо пеш дар либос, нақшу нигор ва маросимҳои мардуми эронинажодҳо истифода мешуданд ва имрӯз дар парчами миллӣ таҷассум ёфтаанд. Рангҳои Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон — сурх, сафед ва сабз - танҳо унсурҳои сиёсии давлатӣ нестанд, балки ҳар як ранг решаҳои амиқи фарҳангӣ, таърихӣ ва динӣ дорад: сурх рамзи мубориза, шуҷоат ва неруи ҳаёт, сафед рамзи покӣ, садоқат ва осоиштагӣ, ва сабз рамзи умед, шукуфоӣ ва зиндагии ҷовидонаро ифода мекунад; ҳамаи ин маъноҳо, ки аз урфу одатҳо, маросимҳои суннатӣ ва боварҳои мардумӣ бармеоянд, нишон медиҳанд, ки Парчами миллии мо таҷассумгари фарҳанги ориёӣ ва ҳувияти миллӣ ва анъанавии тоҷикони кӯҳистон мебошад.

Рангҳои Парчами мо, ифодакунандаи фарҳанги ориёии мо мебошанд.

Файласуфи олмонӣ И.В. Гёте андешае хубе баён кардааст: “Баъзан, танҳо бо дидани таркиби шинохтаи рангҳо кофист, ки ба кадом гурӯҳи этникӣ тааллуқ доштани фарҳанги моддиро муайян кунем” [5, с. 190]. Ин ба он маъност, ки рангҳо, шаклҳо ва таркиби онҳо на танҳо зебоӣ доранд, балки ашё ва объектҳои моддӣ низ рамзи фарҳанг мебошанд. Масалан, тарҳ ва рангҳои як асбоб, либос, ё парчам метавонанд моро огоҳ созанд, ки ин чизҳо ба фарҳанги ориёӣ, арабӣ, ё дигар гурӯҳҳои этникӣ тааллуқ доранд.

Яъне, фарҳангро метавон тавассути ранг ва таркиби визуалӣ, ҳатто бидуни иттилооти дигар, фаҳмид. Рангҳо на танҳо эстетика доранд, балки ҳамчун рамзҳои фарҳангӣ амал мекунанд ва аз эҳсос, таърих ва хиради як халқ дарак медиҳанд. Таҳлили маъно ва истифодаи рангҳои сурх, сафед ва сабз дар Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки онҳо танҳо аломати давлатӣ ва сиёсӣ нестанд, балки амиқтарин решаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва маънавӣ доранд. Ин рангҳо таҷассумгари ҳувияти миллӣ, анъанаҳои суннатӣ ва ҷаҳонбинии тоҷикони кӯҳистон буда, дар маросимҳои суннатӣ, либосҳои мардумӣ ва боварҳои мардумӣ нақши муҳим мебозанд. Рангҳои сурх, сафед ва сабз рамзи ҳаёт, покӣ, неру, умед ва шукуфоӣ мебошанд ва пайванди қавӣ байни гузашта, имрӯз ва ояндаи миллати тоҷикро инъикос менамоянд.

Аз ин рӯ, Парчами миллӣ на танҳо нишони давлатдорӣ, балки таҷассумгари фарҳанги анъанавӣ ва ҳувияти миллӣ маҳсуб мешавад ва барои омӯзиши таърих ва фарҳанги тоҷикон ҳамчун сарчашмаи маънавӣ ва илмию этнографӣ аҳаммияти бузург дорад.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт таҳти унвони «Проблемаҳои мубрами илмҳои ҷамъиятӣ» барои солҳои 2026-2030 амалӣ карда шудааст.

Муқарриз: Махсудов А.М. - н.и.т., дотсенти ДОТ дар н.Рашт

АДАБИЁТ

1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. / Андреев М.С. - Сталинабад, 1953. Вып. 1. -С. 55.
2. Ақназаров, Ҳ. М. Маълумотҳои таърихӣ ва этнографии собиқ деҳаи Сарез / Ҳ. М. Ақназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – No. 4. – P. 58-63. – EDN AXDYNK.
3. Ақназаров, Ҳ. М. Сурудҳои тӯйи мардуми Бадахшон ва Зарафшон / Ҳ. М. Ақназаров, Б. А. Одинав // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. – No. 3(15). – P. 235-238. – EDN AWETQK.
4. Акназаров, Х. М. Историко-этнографические сведения бывшего села Сарез / Х. М. Акназаров // Молодежь и наука 2024: к вершинам познания : сборник статей II Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 11 апреля 2024 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2024. – С. 106-115. – EDN EIZCXY.
5. Ақназаров, Ҳ. М. Анъанаҳои хоси кишоварзӣ дар Қаротегин ва Бадахшон (охири асри XIX ва аввали асри XX) / Ҳ. М. Ақназаров, Ҷ. М. Саймуҳиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – No. 1. – P. 126-132. – EDN PBDDMU.
6. Айдаров Х. Интихоби арӯс дар оини мардуми Шуғнон дар охири асриXIX ва ибтидои асри XX. / Айдаров Х // Институти илмҳои гуманитарии ба номи аккадмик Баҳодур Искадаров. Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. - 2019. - № 3. – С. 250-256.
7. Ақназаров Ҳ.М., Саймуҳиддинов Ҷ.М. Масъалаҳои мубрами таърих ва мардумшиносии водии Рашт ва Кӯҳистони Бадахшон. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: «Ашуриён», 2026. – 168 с.
8. Бакеева, Д. А. Символика цвета как особый аспект познания мира / Д. А. Бакеева. - Текст : непосредственный // Молодой ученый. - 2011. - № 2 (25). - Т. 2. - С. 189-190. - URL: https://moluch.ru/archive/25/2624.
9. Васильцов. К.С. Цвет в культуре народов Центральной Азии // Электронная библиотека Музея антропологии и этнографии им. Петра Великого (Кунсткамера) РАН http://www.kunstkamera.ru © МАЭ РАН.
10. Гулов, А. А. Фалсафаи ранг / А. А. Гулов // Симург. – 2025. – No. 25. – P. 187-191. – EDN BOYGMQ..
11. Геральдика / Ю.Н.Коротков // Большая советская энциклопедия: [в 30 т.] / гл. ред. А. М. Прохоров.- 3-е изд.-М.: Советская энциклопедия, 1969—1978.
12. Қозидавлат Қоимдодов. Аз сӯзандагӣ ба созандагӣ. –Душанбе: Нашриёти “Шарқи Озод”. 1997. -С.67.
13. Мамадшерзодшоев У.Ш. Таърихи пайдоиш ва рушди ҳунари наққошӣ дар Бадахшон. / Мамадшерзодшоев У.Ш. // Институти илмҳои гуманитарии ба номи аккадмик Баҳодур Искандаров. Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. №1, 2020. С-242-253.
14. Охониёзов, В. Д. Символика цветов в персидско-таджикской суфийской поэзии / В. Д. Охониёзов. - Молодой учёный. -2010. - № 8 (19). - Т. 2. -С. 68–72.
15. Одинаев, Б. А. Фалсафа : Воситаи таълимӣ / Б. А. Одинаев. – Душанбе : Ашуриён, 2026. – 184 р. – ISBN 9789906991629.

16. Муллоҷонов С. Таърихи халки точик / Муллочонов А. - Душанбе: 2012. –С. 432 .
17. Таджики Каратегина и Дарваза / Под ред. Н.А. Кислякова и А.К. Писарчик. Душанбе, 1970. Вып. 2. С. 191.

РАНГҲОИ ПАРЧАМ ДАР ФАРҲАНГИ АНЪАНАВИИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН

Дар мақолаи мазкур масоили марбут ба маъно, пайдоиш ва ҷойгоҳи рамзии рангҳои Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарҳанги анъанавии тоҷикони кӯҳистон мавриди таҳлили амиқ қарор дода мешаванд. Бо такя ба маводи этнографӣ, таърихӣ ва адабиёти илмии муосир, нақши рангҳои сурх, сафед ва сабз на танҳо ҳамчун унсури давлатӣ, балки ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии маънавӣ ва моддии мардум баррасӣ мегардад. Муаллифон таъкид менамоянд, ки дар муҳити кӯҳистон, махсусан дар минтақаҳои Бадахшон ва Қаротегин, ҳар як ранг дорои маънои махсус ва таърихи тулонӣ мебошад. Ранги сурх бештар ба неру, ҷасорат, мубориза ва ҳифзи ватан ишора мекунад; ранги сафед рамзи покӣ, ростӣ ва нияти нек аст; ранги сабз бошад, ифодагари ҳаёт, табиат, рушд ва умеди оянда ба шумор меравад. Ин рангҳо дар либосҳои миллӣ, гулдӯзӣ, ороиши хона, маросимҳои тӯй ва дигар суннатҳои мардумӣ ба таври васеъ истифода мешаванд.Ҳамчунин нишон дода мешавад, ки ин рамзҳо танҳо ба давраи муосир тааллуқ надошта, решаҳои онҳо ба ҷаҳонбинии қадимаи ориёӣ ва анъанаҳои динӣ пайванд доранд. Аз ин рӯ, рангҳои парчам ҳамчун мероси фарҳангӣ аз насл ба насл интиқол ёфта, то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд. Дар натиҷа хулоса бароварда мешавад, ки рангҳои Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо нишони давлатдорӣ, балки таҷассумгари фарҳанги ғанӣ, арзишҳои таърихӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон мебошанд.

Калидвожаҳо: парчам, ранг, фарҳанги анъанавӣ, тоҷикони кӯҳистон, сурх, сафед, сабз, вексилология, рамзшиносӣ, этнография.

ЦВЕТА ФЛАГА В ТРАДИЦИОННОЙ КУЛЬТУРЕ ГОРНЫХ ТАДЖИКОВ

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные со значением, происхождением и символическим местом цветов Государственного флага Республики Таджикистан в традиционной культуре горных таджиков. Опираясь на этнографические, исторические материалы и современную научную литературу, анализируется роль красного, белого и зелёного цветов не только как государственного элемента, но и как неотъемлемой части духовной и материальной жизни народа. Авторы подчёркивают, что в условиях горной среды, особенно в регионах Бадахшана и Каратегина, каждый цвет обладает особым значением и длительной историей. Красный цвет чаще всего символизирует силу, мужество, борьбу и защиту Родины; белый цвет является символом чистоты, правдивости и добрых намерений; зелёный цвет, в свою очередь, олицетворяет жизнь, природу, развитие и надежду на будущее. Эти цвета широко используются в национальной одежде, вышивке, украшении жилища, свадебных обрядах и других народных традициях. Также отмечается, что данные символы не ограничиваются только современным периодом, а их корни уходят в древнее арийское мировоззрение и религиозные традиции. Таким образом, цвета флага, как культурное наследие, передаются из поколения в поколение и до настоящего времени сохраняют своё значение. В результате делается вывод, что цвета Государственного флага Республики Таджикистан являются не только символом государственности, но и воплощением богатой культуры, исторических ценностей и национальной идентичности таджикского народа.

Ключевые слова: флаг, цвет, традиционная культура, горные таджики, красный, белый, зелёный, вексиллология, символика, этнография.

THE COLORS OF THE FLAG IN THE TRADITIONAL CULTURE OF MOUNTAIN TAJIKS

This article examines issues related to the meaning, origin, and symbolic place of the colors of the State Flag of the Republic of Tajikistan in the traditional culture of mountain Tajiks. Based on ethnographic and historical materials as well as modern scientific literature, the role of the red, white, and green colors is analyzed not only as a state element but also as an integral part of the spiritual and material life of the people. The authors emphasize that in the mountain environment, especially in the regions of Badakhshan and Karategin, each color has a specific meaning and a long history. The red color most often symbolizes strength, courage, struggle, and the defense of the homeland; the white color represents purity, truthfulness, and good intentions; the green color, in turn, signifies life, nature, development, and hope for the future. These colors are widely used in national clothing, embroidery, home decoration, wedding ceremonies, and other folk traditions. It is also noted that these symbols are not limited to the modern period; rather, their roots are connected to ancient Aryan worldview and religious traditions. Therefore, the colors of the flag, as a cultural heritage, have been passed down from generation to generation and have preserved their significance up to the present day. In conclusion, it is determined that the colors of the State Flag of the Republic of Tajikistan are not only a symbol of statehood but also an embodiment of the rich culture, historical values, and national identity of the Tajik people.

Keywords: flag, color, traditional culture, mountain Tajiks, red, white, green, vexillology, symbolism, ethnography.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ақназаров Ҳамзалӣ Муборакқадамович*** - Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734025 шаҳри Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: **(+992) 900042566**. E-mail: **hamza.kurush90@mail.ru**

Пирматова Гулчеҳра Холмаҳмадовна – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рашт, кӯчаи Э. Муҳиддинов 63. Телефон: **+992 00-55-92-83**

Сведения об авторах: ***Акназаров Хамзали Мубараккадамович*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кафедра истории и методики ее преподавания, ассистент. **Адрес:** 734025 город Гарм, Республика Таджикистан, улица Э.Мухиддинова, 63. Телефон: **(+992) 900042566.** E-mail: **hamza.kurush90@mail.ru.**
Пирматова Гулчехра Холмахмадовна – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры социологии. **Адрес**: 734025, город Гарм, Республика Таджикистан, улица Е. Мухиддинова 63. Телефон**: +992 00-55-92-83**

Information about the authors: ***Aknazarov Khamzali Mubarakkadamovich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district, department of history and methods of its teaching, assistant. **Address:** 734025, Garm Street, Republic of Tajikistan, E. Muhiddinov, 63. Phone: **(+992) 900042566**. E-mail: **hamza.kurush90@mail.ru**
Pirmatova Gulchekhra Kholmakhmadovna – Tajik Pedagogical Institute in Rasht district, assistant of the sociology department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht district, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: **+992 00-55-92-83.**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 27.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:94 (5-191.2)

ЭТНОГЕНЕЗИ ОРИЁИҲО ДАР ОСИЁИ МИЁНА ДАР ПАРТАВИ ТАҲҚИҚОТИ АКАДЕМИК Ю. ЯЪҚУБОВ

Муродов Сунатулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Академик Ю. Яъқубов менависад, ки дар бораи таърихи пайдо шудани вожаи “ориёӣ”, “ориё” маълумоти дақиқ нест. Аз маъхазҳои хаттии ҳиндӣ маълум мешавад, ки ориёиҳо дар ҳазораи II-юми п.м. қисмати шимолии Ҳиндустонро ишғол намуда, ба мардуми муқимии онҷо-дравидҳо худро бо номи ориёӣ муарифӣ кардаанд. [3, с.7] Дар Авесто дар Миҳр ямт, ки яке аз қадимтарин бахши Ямтҳо мебошад, гуфта мешавад, ки Миҳри тавоно аз баландиҳои кӯҳи Хоро ба ҳамаи хонумҳои ориёӣ назора мекунад (Яшти 10, 13). Дар Хурдодяшт, банди 5, Обон Яшт, бандҳои 49, 58, 117, Тирияшт, бандҳои 6, 26, 61, Аштод Яшт банди 5, Зомиёташт, бандҳои 56, 69, Вандидов, Фаргарди 19, банди 39 бо вожаи Яйрия вомехӯрем, ки маънои кишвари Ориёнро дорад. [9, с. 414]

Дар замони истилои Искандари Мақдунӣ ноҳияи Ҳирот бо номи Ария-Ориён зикр мешавад. Номи Эрони имрӯза низ аз вожаи ориён реша дорад. Шоҳони Ҳахоманишиний худро ориёӣ ва ориёинажод меномиданд. Страбон Форсҳо, Модҳо, Бохтариҳо ва Суғдиҳоро ориёӣ меномидааст.

Ориёиҳо ба нажоди Ҳинду аврупоӣ мансубанд, забони онҳо низ як шохаи забонҳои Ҳинду аврупоӣ мебошад. Мушаххас маълум нест, ки ориёиҳо кай аз дигар халқҳои Ҳинду аврупоӣ: германҳо, романҳо, балтиҳо ва славияниҳо ҷудо шудаанд ва чаро худро ориёӣ гуфтаанд.

Скифҳо (сакоиҳо) ба монанди модҳо ва порсҳо худро ба нажоди ориёӣ нисбат медоданд (ариӣ алан). Бисёр номҳои шоҳони скифҳо бо калимаи ориёӣ оғоз меёбад: Ориёнтос, Ориёноисос, Ориёрамниёс ва ғайра. [12, с. 11]

Тоҷ, фарра, тилло, нуқра аз рамзҳои асосии нажоди ориёиҳо мебошад.

Аз ошноӣ бо сарчашмаҳо академик Ю. Яъқубов ба хулосае меояд, ки ориёиҳо дар замин худро ворисони Худо меҳисобиданд, аз ҳамин сабаб онҳо тоҷдор буданд, яъне номи ориёиҳо низ ба монанди вожаи “тоҷик” тоҷдориро ифода мекунанд. Вожаҳои “ориёӣ” ва “тоҷик” маънову мазмуни иҷтимоӣ доранд. Тилло ва нуқра рамзи покӣ, тозагӣ, ростии дини зардушти мебошад. [9, с. 419]

Мавод ва усулҳо. Интихоби методологияи таҳқиқот ба моҳияти мураккаб доштани мавзуъ вобаста буда, дар раванди таҳқиқи он методҳои таҳлил ва синтез, муқоисавӣ, таърихӣ ва таҳлили манбаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ истифода гардидаанд.

Ю. Яъқубов бо таҳқиқи забонҳои ориёӣ пардохта менависад, ки тибқи таҳқиқи забоншинос забонҳои ориёӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд. 1. Забонҳои дардҳо ва нуристониҳо 2. Забонҳои ҳинду ориёӣ 3. Ориёиҳо (эрониён), ки бо ду гурӯҳ: ғарбӣ ва шарқӣ шарқӣ суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва сакоихутанӣ дохил буда, имрӯз ин забонҳо аз байн рафтаанд, аммо бархе аз вожаҳояшон дар таркиби забони мо боқӣ мондаанд.

Ю. Яъқубов дар идомаи таҳқиқоти менависад, ки забони суғдӣ забони хаттии мардумони Ҳафтрӯд ва Сакоиҳои Қазоқистон буда, дар ибтидои асри миёна ва махсусан замони Сосониён мардуми ин диёрро суғдизабон гуфтаанд ва муҳаққиқон, пеш аз ҳама В.В. Бартолд онҳоро мустамликаи Суғдиён номидааст. Ба фикри академик Ю. Яъқубов ин ақидаи В.В. Бартолд комилан ғалат аст. Чунки дар Турон-Ҳафрӯд, Қазоқистон, Хутан аз қадим мардумони сакоии ориёинажод зиндагонӣ доштаанд ва забонашон ба забони суғдӣ наздик буд. Суғдиҳо, ки мардумони зироаткору ҳунарманд ва савдогари машҳури машриқзамин будаанд, сакоиҳо низ худро дар бархӯрд бо Туркон ва ғайри ориёиҳо ҳамчун Сӯғди муарифи намудаанд. Чунин падидаро мо дар тули таърих боз мебинем, мисли он ки муарихони замони Искандар мардумони ориёии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бохтариҳо, суғдҳо, хоразму сакоиҳоро форс номидаанд ва имрӯз ҳамсоягони мо инро баҳона намуда, даъво доранд, ки бошандагони Осиёи Миёна турканд ва забони форсиро ҳангоми забт намудани ин сарзамин ба мардуми маҳаллӣ таҳлил намудаанд.

Пас Ю. Яъқубов ба баррасии яке аз қадимтарин рамзҳои сувасти (салиб), ки рамзи офтоб, оташ ва дини аҷдодии мост, мепардозад ва менависад, ки аз замонҳои неолит дар зарфҳо ва осиёи зебу зинат, меҳроб ва дигар нақшу нигораҳои мо сувастӣ ба чашм мерасад. Дар бозёфтҳои бостоншиносӣ сувастӣ аз ҳазораҳои IV п.м. бо нақшҳои гуногун бештар шохшикаста вомехӯранд. Омӯзиши таърихи сувастӣ нишон медиҳад, ки ин вожа ориёӣ буда, дар забони санскрит дар шакли суастӣ боқӣ мондааст. Вожа аз ду бахши “су” ва “астӣ” иборат буда, маънои “ҳастии хуб”, “зиндагии хуб”-ро дорад. Вожаи ҳамрешаи он “сувар” маънои рушноӣ, офтобро дорад. Дар Саразм дар қабатҳои ба ҳазораи IV п.м. нисбат дошта, зарфҳои дастсозе ёфт шудаанд, ки дар рӯи зеварҳои онҳо бо рангҳои сиёҳу сурхи паст нақшҳои ҳандасавӣ кашида шудаанд. Яке аз онҳо салиб (крест) ва дигаре ба ҳамин сабки салибӣ шабоҳат дошта, аз чаҳор секунҷаи дар як марказ пайваст шуда иборат аст. Дар яке аз кӯзаҳои аз ёдгории сиалкаи назди Теҳрон ёфта, ки ба ҳазораҳои асри V-IV п.м. нисбат дорад, дар ҳалқаи шоҳо расми офтоб кашида шудааст. Куббаҳои шохаҳои такка шӯълаи офтобро инъикос мекунанд. [15, с. 79]. Ҳамин салиби чаҳорчиллак асоси нақшҳои маъбадҳои оташ-чаҳортоқро ташкил мекунад ва онро маъбадҳои буддоӣ (ступа), калисои масеҳӣ ва хатто масҷидҳо дар таҳри худ қабул кардаанд. Нақшҳои салибмонанд дар ёдгориҳои Эрон ва ҳамсоягони он, ки бо Байнаннаҳрайн алоқаманданд, зиёд вомехӯранд.

Муаллифи китоби “Нишон ва рамзҳо дар таърихи тамаддун” О. В. Вовк сувастиро “рамзи умумибашарӣ” ва аслан моли ҳиндуҳо номида, дар бораи он, ки онро ориёиҳо ба Ҳиндустон овардаанд, чизе намегӯянд. Тибқи навиштаи О. В. Вовк салиб аз ибтидо рамзи умумии коинот, осмон, ду хатти буриши баробарпаҳлӯ чаҳорсуи оламро нишон медод нишонаи ҳамбастагии болову поён-замину осмон ва ҳаёту марг, дар Сурия чаҳор унсури олами ҳастиро ифода менамуд. Дар Чин салиб дар дохили чаҳоркунҷаи баробарпаҳлӯ ҷой дода шуда, рамзи мувозинати заминро нишон медод. Дар Япония ироглифи сувастӣ самбули фаровонии замон дар зери офтоб мебошад. [4, с. 12]

Академик Ю. Яъқубов дар перомуни таърихи пайдоиш ва самбулҳои салиб ибрози назар намуда ва менависад, ки дар тамаддун ва дини ориёиҳо сувастии шикаста мурравақ буд. [9, с. 430]. Маҳз ҳамин сувастӣ рамзиофтобу оташ мебошад ва дар маъбадҳои оташ, аз ҷумла меҳроби оташ ин нишонаро дидан мумкин аст. Салиб аз дини меҳрпарастӣ (митроизм) ба масеҳӣ гузаштааст. Дар дини ориёиҳо сувастӣ рамзи офтоб ва ҳаракати он мебошад. Манои сувастӣ зиндагонии хуб дар зери осмони офтобӣ, чархи гардун, фалак аст. Ду намуд сувастӣ аст, яке шохшикаста-бахтовар ва дигаре марговар. Сувастӣ рамзи нажоди ориёиҳо мебошад, зеро дар қадим ориёиҳо офтобпараст буданд. Онҳо офтобро ҳамчун нури илоҳӣ мепарастиданд. Дар тамоми динҳои халқҳои ҷаҳон сувастӣ аз дини ориёиҳо қабул шуда, маънои офтобӣ, рӯшноӣ, хушбахтӣ, фаровонӣ ва ҳатто сулҳу салоҳ ва оромиро нишон медиҳад.

Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки Б.А.Литвинский бо қотеият ориёӣ будани аҳолии маҳаллии Осиёи Миёна то омадани ориёиҳои андроновиро рад менамояд. [15, с.57-60]. Аммо ақидаи академик Ю. Яъқубов бар он аст, ки аҳолии асосии Осиёи Миёнаро дар ҳазораи II пеш аз мелод ориёиҳои маҳаллӣ ташкил менамуданд. Вай менависад, ки ҳудуди сукунати онҳоро ба чаҳор бахш ҷудо кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хоси иқтисодӣ ва мадании худро доштанд. Онҳо дар ноҳияҳои зерин иқомат доштанд: 1).Соҳилҳои Арал (қабилаҳои маданияти Тозабоғоб); 2).Поёноби Зарафшон; 3).Фарғона ва гирду атрофи он (маданияти Қайроқум); 4).Ҳафтрӯд ва атрофи он. Гурӯҳе аз онҳо ба ҷануби Тоҷикистон ва Туркманистон нуфуз карда буданд.

Яке дигар аз масоиле, ки дар миёни ориёишиносони ҷаҳон мавриди баҳсу мунозира қарор дорад, масъалаи кадом гурӯҳои этникӣ будани “ зарфҳои хокистаранг” мебошад. Бархе аз муҳаққиқон дар он назаранд, ки ин намуди зарфҳо ба ориёиҳо таълуқ надоранд. Аз ҷумла Э.А. Грантовский дар “зарфҳои хокистаранг, зарфҳои рангиннақш ва Ҳиндуэроиҳо” ном мақолаи худ исбот кардани мешавад, ки ин намуди зарфҳо ба Ҳиндуориёиҳо муносибате надоранд. [5, с. 199-200] Ориёиҳо ба Осиёи Миёна ва Ҳиндустон дар ҳазораи II пеш аз мелод омадаанд. Онҳо дар саҳроҳои ҷанубии Поволже, Урал зиндагонӣ доштанд. Ватани азалии ҳиндуаврупоиҳо Аврупои Марказӣ мебошад. Маданияти Ҳисор, ҷанубии Осиёи Миёна, яъне Олтинтеппа, Ҷайтун ба ориёиҳо мансуб нестанд.

Дар робита ба ин назари Э.А. Грантовский академик Ю. Яъқубов аз мутааллиқ будани чунин зарфҳо ба ориёиҳо дифоъ намуда ва ин гуфтаҳои худро бо мисолҳои мушаххас исбот менамояд. Вай менависад, ки Э.Д. Грантовский дар омӯзиши зарфҳои хокистаранг ва нақшинии теппаи Ҳисор-III- ӣ Эрони Марказӣ Сиалка ва алоқамандии он бо осори Марғушу Бохтар мазмуну мундариҷаи нақшҳо диққат надодааст. Дар зарфҳои нақшин нақшҳои мавҷӣ ва рустании сӯзанбарг шояд ҳум тасвир шудааст. Дар нақшҳои рангини зарфҳои Сиалка бештар офтоб, бузи кӯҳӣ, мурғобӣ, асп, гов акс ёфтааст, ки хоси этиқодоти ориёиҳо мебошад. [9, с. 455]

Хуллас, дар муқобили онҳое, ки мегӯянд мардуми маҳаллии Осиёи Миёна ва Эрон то омадани ориёиҳои андроновӣ ғайриориёӣ, аз ҷумла дравидҳо буданд, бо овардани далелҳои мушахасу муътамад исбот менамояд, ки бошандагони бумии марзу бум ориёинажод будаанд. Аз ҷумла вай менависад, ки имрӯз аксарияти муҳаққиқони русзабон ақидаи онро доранд, ки гуё ориёиҳо ба Осиёи Миёна дар ҳазораи II п.м. омадаанд. Аммо аз чӣ бошад, ки дар сохтори антропологии мардумони Осиёи Миёна бо омадани андроновиҳо тағйироти ҷиддие ворид нагардид. Ин маънои онро дорад, ки мардуиони Осиёи Марказӣ ва андроновӣ аз як нажод буданд, яъне ориёиҳо аз қадим, ба ҳар ҳол, аз ҳазораи VI-V п.м. дар инҷо сукунат доштаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Ҳангоми таҳлили назариявӣ ва муқоисавии масъалаи мазкур, хулосаҳои илмии зерин ба даст оварда шуданд:

- Яъне аз далелҳои бумӣ бузони ориёиҳо дар Осиёи Миёна он аст, ки дар замони Авесто калимаҳои забони ғайри ориёӣ нест ва чи тавре дар боло зикр шуд, имрӯз дар таърихи халқи Тоҷик нашрҳои 1964, 1998 гуфта мешавад, ки саҳронавардон-андроновиҳо аз сндроҳои Қазоқистон ва ҷанубии Урал омаданд ва маданияти баланди кишварони водиҳои Мурғоб, Зарафшон ва Бохтаро қабул намудаанд, аммо забону дини худро ҳамчун халқи ҳукумрон бар маҳаллиён таҳил намудаанд. Агар ин фикр дуруст бошад, пас чаро ҳамаи вожаҳои кишоварзӣ сохтмонӣ ва фарҳангӣ ба забонӣ ориёӣ мебошад?

- Б.А. Литвинский мегӯяд, ки муҳоҷирон динашонро ба маҳаллиён қабулкунандаанд. Оини ориёиҳо оташпарастӣ буд, чи тавре ки аз маъбадҳои оташ маълум аст, дини маҳаллиён низ оташпарастӣ буд, чи тавр динашонро ҷорӣ намудаанд? Хулоса ин аст, ки ҳамаи урфиятҳои омадаҳо бо маҳаллиён як буданд. [1, с. 85-88]

- Ба фикри мо аз қадимулайём, ба ҳар ҳол аз ҳазораҳои IX-VIII п.м. ориёиҳо аз аврупоиён-ҳамнажодони худ дар Осиёи Хурд, ҳавзаи баҳри Сиёҳ, Балкан ҷудо шуда, ба ду гурӯҳ тақсим гардиданд. Яке дар соҳилҳои баҳри Сиёҳ боқимонда, авлоди онҳо кимериҳо, сониян скифу сарматҳо ба шарқ, то кули Байкал рафтанд, дигаре аз тариқи Осиёи Хурд ба Осиёи Миёна омада, маданияти Сиёлка, Ҳисор, Ҷайтунро ва сониян Намозгоҳу Олтинтеппа, Тонуру Онау дар Марғиён, Сафолтеппаву Ҷарқутан ва Кулулаву Даштиро дар Бохтар, Саразмро дар Суғд, Чустро дар Фарғона, бунёд намудаанд. Бахши дар саҳроҳои шимол буда, бештар ба чорводорӣ машғул будаанд ва бо кишоварзони ҳамдину ҳамхешии худ робитаҳои савдоӣ, иқтисодӣ, хешу табордории доими доштанд. [6, с. 86]

- Барои исботи ақидаи бумӣ будани иардумони ориёии аврупосимо натиҷаи кофтуковҳои бостоншиноси Америка ва Қазоқистон дар замони куҳҳои Дионсиян дар мавзеи Бегашӣ аҳмияти муҳим доранд. Дар инҷо дар бошишгоҳҳои асри биринҷ таҳқиқот бурда, маълум сохтанд, ки чорводорони мавсимӣ, дар тули асри биринҷ ва оҳан то асрҳои миёна дар якҷо мунтазам зиндагонӣ доштанд. Вобаста ба давру замон маданияти модии онҳо тағир ёфтааст, аммо худи онҳо аз ҳеҷ куҷо наомадаанд... Таҳқиқоти сарчашмаҳо барои ориёиён Доуран нишон доданд, ки чорводорон дар ҳамаи ҷойҳои мусоид барои нигоҳ доштани чорво зиндагонӣ доштанд ва сарҳади байни онҳо ва кишоварзонро ҷудо намудан мумкин нест. Дар ҷойҳои барои кишоварзӣ мусоид бумиён зиндагонӣ менамуданд ва бо чорводорон доду гирифт доштаанд. Ориёиҳои омада миқдоран кам буданд... Агар дурустар ба матни Авесто шинос шавем, мебинем, ки тамаддуни кишоварзӣ Осиёи Марказӣ моли ориёиҳои бум мебошад. [7 , с. 87]

- Таҳқиқоти маводи Сиалка (Эрони Марказӣ), Ҳисор I-III (Хуросон) нишон медиҳад, ки офарандагони онҳо ориёиҳо буданд. Модоме, ки ориёиҳо дар ҳазораи VII-V п.м. дар Эрон сокин буданд, онҳо аз ҳеҷ куҷо намеомаданд, онҳо як бахши мардуми буми Эрон кунуни, буданд. Аммо онҳо ғайр аз Митан то зуҳури Модҳо давлати тавоно ташкил карда

натавонистанд. Ориёиҳои Осиёи Миёна давлати бузурги Каёниёнро таъсис додаанд. Он зиёда аз 700-сол пойдор буд. [10, с. 88]

- Дар муқобили онҳое, ки мегӯянд мардуми маҳаллии Осиёи Миёна ва Эрон то омадани ориёиҳои андроновӣ ғайриориёӣ, аз ҷумла дравидҳо буданд, бо овардани далелҳои мушахасу муътамад исбот менамояд, ки бошандагони бумии марзу бум ориёинажод будаанд. Аз ҷумла вай менависад, ки имрӯз аксарияти муҳаққиқони русзабон ақидаи онро доранд, ки гуё ориёиҳо ба Осиёи Миёна дар ҳазораи II п.м. омадаанд. Аммо аз чӣ бошад, ки дар сохтори антропологии мардумони Осиёи Миёна бо омадани андроновиҳо тағйироти ҷиддие ворид нагардид. Ин маънои онро дорад, ки мардуиони Осиёи Марказӣ ва андроновӣ аз як нажод буданд, яъне ориёиҳо аз қадим, ба ҳар ҳол, аз ҳазораи VI-V п.м. дар инҷо сукунат доштаанд. [11, с. 89]

- Дар адабиёти таърихии асрҳои миёна Турон ва турониёнро ба туркон нисбат додаанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдасӣ, таърихномаҳои Табарӣ ва Балъамӣ турҳои ориёӣ турк муаррифӣ шудаанд. Ин боиси баҳсу мунозираи хоршиносони имрӯзаи Осиёи Миёна гардидааст. Аз ҷумла, олими ӯзбек Бӯрӣ Ахмедов менависад, ки маълумоти нодир марбут ба бошандагони Осиёи Миёна дар китоби зардуштиён «Авесто» мавҷуд аст. Дар он ҷо, дар бораи Суғд, Хоразм, Марв, Балх (Яшт 10), дар бораи туркҳо (тига) ва шоҳи афсонавии онҳо Афросиёб навишта шудааст (Готҳо, Фарвардин Яшт). Дар ин навиштааш Б. Ахмедов турҳоро турк номида, таърихи туркзабонҳоро дар Осиёи Миёна ба ҳазораи II-юми пеш аз милод мебарад. Олими тоҷик Ҳ. Мӯъминҷонов дар китоби «Турон гаҳвораи тамаддуни Ориён» -аш тамоми Осиёи Марказиро Турон номидааст, ки ба ақидаи Ю. Яъқубов ин комилан хато мебошад. «Зеро-менависад Ю.Яъқубов-ба Турон танҳо ноҳияҳои зисти чорводорони кӯчӣ, яъне Ҳафтрӯд шомил буд. Ҳ. Мӯъминҷонов Зардушт ва тамоми Каёниёнро туронӣ гуфтааст, ки асосе надорад. Ориёнвиҷро дар Турон ва рӯди Рангхаро ба рӯди Сир нисбат медиҳад. Ҳ. Муъмин ҷонов дар ҷойгир нашудани номҳои ҷуғрофии Авесто аз фаҳмиши субъективии худ, бидуни овардани далелҳои илмӣ кор гирифтааст».

- Ю. Яъқубов ба баҳсаш дар барои ҷои зисти турҳои ориёнажод идома дода ва менависад: Аз матнҳои авестоӣ бармеояд, ки туронӣ мардуми чорводорро меномиданд ва онҳо дар саҳроҳои шарқии дарёи Каспӣ, воҳаи дарёи Хоразм, заминҳои имрӯзаи Қазоқистон, водии Мурғоби Помир, Синду Мукрон ва Зобулистон зиндагонӣ менамуданд. Турониёни замони Авесто ҳудуди муайян надоштанд ва ҳама кӯчиён, аз он ҷумла қабоили паштуро низ туронӣ меномиданд. Ҷолиб аст, ки бо омадани туркҳои муғулнажод номи турониён ва Турон аз байн меравад. Ҳамин тавр, яке марзи Туронро Ҷайҳун, дигаре Сирдарё гуфтаанд, аммо таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки ба турҳо сакоиҳо, балуҷҳо, паштунҳо низ шомил буданд. Аз ҳамин лиҳоз, хати сарҳади Турону Эрон нисбӣ буд. Турҳо дар ҳама ҷойҳои барои чорводорӣ мусоид зиндагонӣ доштанд ва аз ҳамин лиҳоз марзи байни Ориён ва Турон нисбӣ буд.

Дар масъалаи муайян намудани нажоди турҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ духӯрагӣ ба чашм мерасад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» турониён ва шоҳи онҳо Афросиёбро турк гуфтааст. Аммо дар номае, ки Афросиёб аз тариқи фиристодааш ба номи Кайхусрав иншо намудааст, вай (Афросиёб) худро аз нишоди Фаридун гуфтааст: Зи тухми Фаридуни афсунгарам.

Ва дар ҷои дигар мегӯяд:
Зи роҳи падар шоҳ то Кайқубод,
Зи модар сӯи Тур дорад нажод. [1, с. 341]

Имрӯз аксари донишмандон бар он ақидаанд, ки ҳамаи турҳо ориёнажоданд ва ақидаи онҳое, ки турҳоро турк гуфта ва мегӯянд, пояи илмӣ надорад. Авестошиноси Шӯравӣ В.И. Абаев менависад, ки номҳои турҳо бешак ориёӣ (эронӣ) мебошад. [2, с. 342]

Авестошиноси олмонӣ Н. Нюберг бар он ақида аст, ки дар Авесто ҳеҷ чиз ғайри ориёӣ нест. [9, с. 395]

Авестошиноси эронӣ устод Пури Довуд менависад, ки турҳо ориёнажод ва ориёизабон буданд. Фаридун аз турҳо буд. Турҳо саҳрогардони чорводори ориёӣ буданд. Онҳо зироаткор набуданд ва шаҳрҳо насохтаанд, барои ба даст овардани ғанимат ба мулкҳои ориёиҳои бумӣ ҳуҷумҳои харобиовар мекарданд. Баъди пайдо шудани Зардушт ва ба дини яктопарастӣ даъват намудани ӯ, зиддият байни ориёиён ва турҳо зиёд шуд. Турҳо

аз дини аҷдодиашон-бутпарастӣ, офтобпарастӣ ва ниёпарастӣ даст накашиданд. Онҳо ба мубориза ба муқобили Зардушт ва дини овардаи ӯ бархостанд. Ориёиҳо бошанд, онҳоро ғайр дину миллати ориёӣ эълон намуданд. [14, с. 312]

Академик Ю. Яъқубов дар идомаи баррасии нажоди турҳо ба баҳси пайдоиши этнонимии турк мепардозад ва барои шинохти этноними турк ба мақолаи муҳаққиқи рус Д. Е. Еремеев «Турк этноним иранского происхождения» мурочиат менамояд. Д. Е. Еремеев менависад, ки туркҳо сакоиҳои турзабонро дар Муғулистон ва Олтой ба зери асорат дароварда, аз онҳо номи турро дар шакли турк барои худ қабул намуданд, аммо забони худро бо омезиши зиёди вожаҳои ориёӣ нигоҳ доштанд. Туркҳо, ки дар ҳолати ҷамеаи ибтидоӣ буданд, сохти ҷомеаи пешрафтаи чорводорӣ ва дигар урфу одати сакоиҳоро қабул менамоянд. [8, с. 130]

Дар идомаи тайиди назари Д. Е. Ермеев академик Ю.Яъқубов менависад: Он туркҳое, ки симои аврупоӣ доранд, онҳо турҳои ориёинажоде мебошанд, ки забони турконро қабул кардаанд. Туркҳои кунунии аврупоисимои Осиёи Хурд ҳамон қавмҳои эронӣ, юнониён мебошанд, ки дар он ҷо мезистанд ва забони туркиро қабул намуда, турк шуданд, ба монанди қисми зиёди тоҷикони ба зӯрӣ узбакшудаи Ӯзбекистон.

Аз назари академик Ю. Яъқубов вожаи “ориёӣ” ва “тоҷик” як маъноро доро мебошанд. Он мардуме, ки дар гузаштаи дур бо номи ориёӣ ёдмешуданд, номи кунуниашон тоҷик мебошад.

Хулоса. Академик Ю. Яъқубов дар мавриди ба кадом нажод тааллуқ доштани турҳо чунин аст: Аз матолиби дар боло овардашуда ба хубӣ бармеояд, ки турҳо аз қавми ориёиҳо буданд ва инро ҳамаи олимони соҳибфикр қабул доранд. Аммо баъзе намояндагони туркзабони муғулнажод, ки имрӯз дар заминҳои тороиён истиқомат доранд, кӯшиш мекунанд худро мардуми омада не, балки буми нишон диҳанд. Ин қабил «муҳаққиқон» чашм аз ҳақиқати таърихӣ пӯшида, турҳоро турк меноманд. Ҳол он, ки туркҳои асил ба нажоди зардпӯстони муғулнажодон дохил мешаванд.

Хулоса дар айни замон омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ақвоми ориёӣ масъалаи мубрами илми таърихнигорӣ маҳсуб ёфта, имкон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои норӯшани аҳди бостон мушаххас гардонида шавад. Зуҳури ҳеҷ тамаддунро набояд ба пешрафти ҳаёти иҷтимоии мардумони алоҳида нисбат дод. Яъне таъсири унсурҳои фарҳанги халқҳои ҳамсоя ба пешрафти ин ё он тамаддун ҳатман ба чашм мерасад, ки тамаддуни ориёӣ низ аз ин гуфтаҳо орӣ нест. Пешрафту шукуҳи тамаддун низ ба фарҳанги муштараки он вобаста аст. Чи қадаре, ки тамаддун доираи васеъро фаро гирад, ҳамон қадар шукуҳманду пешрафта мегардад. Ҳамин аст, ки таъсири тамаддуни ориёӣ то замони мо ба хубӣ эҳсос мегардад. Он на танҳо ба таърихи иҷтимоии қавмҳои ориёӣ, балки минбаъд дар сарнавишти халқҳои ғайрриориёӣ низ таъсири махсус расонид.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷик таҳти унвони “Таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони таърихӣ ва муосир” барои солҳои 2026-2030 амалӣ карда шудааст.

Муқарриз: Қаххори Расулиён – д.и.т., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Абаев В.И. Доистория индоиранцев в свете арио-уральских языковых контактов / В. И. Абаев // Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности (II тысячелетие до н. э.) : Труды Международного симпозиума по этническим проблемам истории Центральной Азии в древности, Душанбе, 17–22 октября 1977 г. / под редакцией М. С. Асимова [и др.]. – Москва : Наука, Главная редакция восточной литературы**,** 1981**.** –С. 85-88.
2. Абаев В. И. Скифский быт и реформа Зороастра / В. И. Абаев // Archiv orientální. – Прага, 1956**.** – Т. XXIV, № 1. – С. 23–56**.**
3. Барроу Т. Санскрит /Т. Барроу; перевод с английского Н. Лариной; редакция и комментарии Т. Я. Елизаренковой. – Москва : Прогресс, 1976**. –** 416 с**.**.
4. Вовк О. В. Знаки и символы в истории цивилизаций /О. В. Вовк. – Москва : Вече, 2005**. –** 383 с. : ил. – (Тайны веков). – ISBN 5-9533-0773-X..
5. Грантовский Э.А. «Серая керамика», «расписная керамика» и индоиранцы / Э. А. Грантовский // Этнические проблемы истории Центральной Азии в древности (II millennium до н. э.) : Труды Международного симпозиума по этническим проблемам истории Центральной Азии в древности, Душанбе, 17–22 октября 1977 г. / под редакцией М. С. Асимова [и др.]. – Москва : Наука, Главная редакция восточной литературы, 1981**. –** С. 245–273**.**

6. Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В. Миграции племен – носителей индоевропейских диалектов – с первоначальной территории расселения на Ближнем Востоке в исторические места их обитания в Евразии / Т. В. Гамкрелидзе, В. В. Иванов // Вестник древней истории. – 1981. – № 2 (156). – С. 11–33.
7. Дяконов И.М. О прародине носителей индоевропейских диалектов / И. М. Дьяконов // Вестник древней истории. – 1982. – № 3 (161). – С. 3–30 ; № 4 (162). – С. 11–25
8. Еремеев Д. Е. Тюрк» – этноним иранского происхождения? (К проблеме этногенеза древних тюрков) / Д. Е. Еремеева // Советская этнография. – 1990. – № 3. – С. 129–136.
9. Ёқубов, Ю. Давлати Каёниён / Юсуфшоҳ Ёқубов ; Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи А. Дониш. – Душанбе : Дониш, 2012. – 538 с.
10. Кузьмина Е.Е. Откуда пришли индоарии? Материальная культура племен андроновской общности и происхождение индоиранцев / Е. Е. Кузьмина ; ответственный редактор М. N. Погребова ; Российская академия наук, Министерство культуры Российской Федерации, Российский институт культурологии. – Москва : Восточная литература, 1994. – 464 с. – ISBN 5-02-017473.
11. Мандельштам, А. М. Памятники эпохи бронзы в Южном Таджикистане / А. М. Мандельштам ; Труды Таджикской археологической экспедиции Института археологии АН СССР и Института истории им. А. Дониша АН Таджикской ССР. – Ленинград : Наука, Ленинградское отделение, 1968. – 184 с. – (Материалы и исследования по археологии СССР / АН СССР ; № 145)
12. Основы иранского языкознания.- . [Кн. 1]. Древнеиранские языки / АН СССР, Институт языкознания ; редколлегия: В. С. Расторгуева (ответственный редактор) [и др.]. – Москва : Наука, 1979. – 388 с.
13. Парпола А. Маргиана и проблема ариев / А. Парпола // Российский этнограф. Альманах. – Москва : Институт этнологии и антропологии им. Н. Н. Миклухо-Маклая РАН, 1994. – Вып. 21. – С. 49–76.
14. Пури Довуд. Яштҳо. Дар 2 ҷилд. Ҷ. 1 / Иброҳим Пури Довуд. – Теҳрон : Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1999. – 575 с.
15. Тавҳидӣ Қ. Фан ва ҳунари сафолгарӣ / Камбиз Тавҳидӣ ; созмони таҳия ва тадвини китобҳои улуми инсонии донишгоҳҳо (САМТ). – Теҳрон : САМТ, 2007 (1386 ҳиҷрии шамсӣ). – **232 с**.
16. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Дар 9 ҷилд. Ҷ. 5 / Абулқосим Фирдавсӣ; таҳияи матн ва луғатномаи М. Н. Османов; муҳаррирон: А. Мирзоев, А. Афсаҳзод; Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон, Институти шарқшиносӣ. – Душанбе : Ирфон, 1965. – 490 с.

ЭТНОГЕНЕЗИ ОРИЁИҲО ДАР ОСИЁИ МИЁНА ДАР ПАРТАВИ ТАҲҚИҚОТИ АКАДЕМИК Ю. ЯЪҚУБОВ

Ю. Яъқубов бо таҳқиқи забонҳои ориёӣ пардохта менависад, ки тибқи таҳқиқи забоншинос забонҳои ориёӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд. 1.Забонҳои дардҳо ва нуристониҳо 2.Забонҳои ҳинду ориёӣ 3.Ориёиҳо (эроният), ки бо ду гурӯҳ: ғарбӣ ва шарқӣ шарқӣ суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва сакоихутанӣ дохил буда, имрӯз ин забонҳо аз байн рафтаанд, аммо бархе аз вожаҳояшон дар таркиби забони мо боқӣ мондаанд. Ю. Яъқубов дар идомаи таҳқиқоти менависад, ки забони суғдӣ забони хаттии мардумони Ҳафтрӯд ва Сакоиҳои Қазоқистон буда, дар ибтидои асри миёна ва махсусан замони Сосониён мардуми ин диёрро суғдизабон гуфтаанд ва муҳаққиқон, пеш аз ҳама В. В. Бартолд онҳоро мустамликаи Суғдиён номидааст. Ба фикри академик Ю. Яъқубов ин ақидаи В. В. Бартолд комилан ғалат аст. Чунки дар Турон-Ҳафрӯд, Қазоқистон, Хутан аз қадим мардумони сакоии ориёинажод зиндагонӣ доштаанд ва забонашон ба забони суғдӣ наздик буд. Суғдиҳо, ки мардумони зироаткору ҳунарманд ва савдогари машҳури машриқзамин будаанд, сакоиҳо низ худро дар бархӯрд бо Туркон ва ғайри ориёиҳо ҳамчун Сӯғди муарифи намудаанд. Чунин падидаро мо дар тули таърих боз мебинем, мисли он ки муарихони замони Искандар мардумони ориёии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бохтариҳо, суғдҳо, хоразму сакоиҳоро форс номидаанд ва имрӯз ҳамсоягони мо инро баҳона намуда, даъво доранд, ки бошандагони Осиёи Миёна турканд ва забони форсиро ҳангоми забт намудани ин сарзамин ба мардуми маҳаллӣ таҳлил намудаанд.

Калидвожаҳо: Таҳқиқот, ориёиҳо, забон, суғдӣ, таърих, ҳафтруд, Сосониён, тахористон, бостоншиносӣ, вожа.

ЭТНОГЕНЕЗ АРИЕВ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СВЕТЕ ИССЛЕДОВАНИЙ АКАДЕМИКА Я. ЯКУБОВА

Я. Якубов, изучавший арийские языки, пишет, что, по мнению лингвистов, арийские языки делятся на три группы: 1. дардские и нуристанские языки; 2. индоарийские языки; 3. арийские (иранские), которые делятся на две группы: западную и восточную: восточно-согдийскую, хорезмскую, бактрийскую и сахайско-хутанскую. Сегодня эти языки исчезли, но некоторые их слова сохранились в нашем языке. Яъќубова, это мнение В. В. Бартольда совершенно ошибочно. Потому что в Турон-Хафруд, Казахстан, Хутан с древних времен жили народы сакской арийской принадлежности, и их язык был близок к согдийскому. Согдийцы, будучи известными земледельцами, ремесленниками и торговцами Востока, саксы также представляли себя в контакте с тюрками и неарийцами как просвещённые согдийцы. Такое явление мы снова видим на протяжении истории, как например, историки времён Александра называли народы Центральной Азии, включая бахтарцев, согдийцев, хорезмийцев и саков, персами, и сегодня наши соседи используют это как предлог, утверждая, что жители Средней Азии были тюрками, а персидский язык они анализировали для местного населения во время завоевания этой земли. Затем Ю. Яъкубов рассматривает один из древнейших символов свастики (крест), который является символом солнца, огня и нашей древней веры, и пишет, что с неолитических времен свастика встречается на сосудах и красивой утвари, в храмах и в других узорах и изображениях. В археологических находках свастика с IV тысячелетия до н.э. встречается с

различными мотивами, часто разветвленная. Изучение истории свастики показывает, что это слово арийское и в санскрите сохранилось в форме сутсти. Слово состоит из двух частей «су» и «асти», означая «хорошее бытие», «хорошая жизнь».

Ключевые слова: Исследование, арийцы, язык, сугдийский, история, Герат, Сасаниды, Тахаристан, археология, термин.

THE ETHNOGENESIS OF THE ORIS IN CENTRAL ASIA IN LIGHT OF THE ACADEMIC RESEARCH OF YU. YAQUBOV

Yu. Yakubov, in the course of his research, writes that the Sogdian language was the written language of the peoples of Haftrod and the Kazakh Saka, and in the early Middle Ages, especially during the Sasanian period, the inhabitants of this area were called Sogdians, while researchers, primarily V. V. Bartold, referred to them as a colony of Sogdians. According to Academician Yu. Yakubov, V. V. Bartold's opinion is completely mistaken. Because in Turon-Hafrud, Kazakhstan, Khutan, peoples of Saka-Aryan origin have lived since ancient times, and their language was close to Sogdian. The Sogdians, being well-known farmers, craftsmen, and traders of the East, the Saks also portrayed themselves in contact with Turks and non-Aryans as enlightened Sogdians. We see this phenomenon again throughout history; for example, historians of Alexander's time called the peoples of Central Asia, including the Bactrians, Sogdians, Khwarezmians, and Sakas, Persians. Today, our neighbors use this as a pretext, claiming that the inhabitants of Central Asia were Turks, and they analyzed the Persian language for the local population during the conquest of this land. Because in Turon-Hafrud, Kazakhstan, Khutan, peoples of Saka-Aryan origin have lived since ancient times, and their language was close to Sogdian. The Sogdians, being well-known farmers, craftsmen, and traders of the East, and the Saks also presented themselves in contact with Turks and non-Aryans as enlightened Sogdians. We see this phenomenon again throughout history; for example, historians of Alexander's era called the peoples of Central Asia, including the Bactrians, Sogdians, Khwarezmians, and Sakas, Persians. Today, our neighbors use this as a pretext, claiming that the inhabitants of Central Asia were Turks, while the Persian language was imposed on the local population during the conquest of this land.

Keywords: Research, Aryans, language, Sogdian, history, Herat, Sassanids, Tokharistan, archaeology, term.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродов Суннатулло Маҳмадрачабович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **+992 987-144-381**

Сведения об авторе: ***Муродов Суннатулло Махмадраджабович*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **+992 987-144-381**

Information about the author: ***Murodov Sunnatullo Mahmadrajabovich*** - Tajik National University, candidate of Historical Sciences, Senior lecturer at the Department of History of the Tajik People. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 987-144-381**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 27.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:94 (57.3)

МАРҲИЛАИ ДУЮМИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДЕКАБРИ СОЛИ 1992 – ИЮНИ СОЛИ 1997): САМТИ ҶАНУБӢ

Назризода Д.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мураккабтарин ва тулонитарин низоъҳои дохилӣ дар фазои пасошӯравӣ ба шумор меравад. Раванди он на танҳо бо бесуботии шадиди сиёсӣ, балки бо милитаризатсияи густурдаи равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ, даргир шудани омилҳои гуногуни минтақавӣ ва берунӣ, ҳамчунин бо тағйирёбии шаклу усулҳои муқовимати мусаллаҳона ҳамроҳ гардид. Аз ин ҷиҳат, марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ, ки пас аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар декабри 1992 оғоз шуда, то имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар моҳи июни 1997 идома ёфт, таваҷҷуҳи махсуси илмиро ба худ ҷалб мекунад.

Бар хилофи марҳилаи ибтидоии низоъ, марҳилаи дуюм бо тағйир ёфтани вижагиҳои амалиётҳои ҷангӣ, болоравии нақши марказҳои минтақавии муқовимат ва ҷойивазкунии «маркази сангинӣ»-и муборизаи мусаллаҳона аз пойтахт ва ҷануби ҷумҳурӣ ба минтақаҳои канорӣ ва наздимарзии кишвар тавсиф меёфт. Яке аз самтҳои калидии авҷгирии низоъ самти ҷанубӣ буд, ки сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистон, ноҳияҳои ҷанубии вилояти Хатлон* ва ҳудуди вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)-ро фаро мегирифт. Дар ин самт муқовимати мусаллаҳона хусусияти тулонӣ касб намуда, бо шиддатнокии баланд фарқ мекард ва бо нақзи мунтазами сарҳади давлатӣ, иштироки гурӯҳҳои мусаллаҳи фаромарзӣ ва ҷалби фаъоли қувваҳои марзбонӣ ҳамроҳ мешуд.

Дар марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ самти ҷанубӣ аҳаммияти махсуси ҳарбӣ-сиёсӣ ва стратегӣ дошт. Аз як тараф, мухолифини мусаллаҳ онро ҳамчун минтақаи ташаккули нуқтаҳои нави таниш ва канали интиқоли қувва ва воситаҳо аз ҳудуди ҳамсарҳад арзёбӣ менамуданд. Аз тарафи дигар, барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қушунҳои марзбонии Россия назорат бар ин самт шарти муҳимтарини таъмини тамомияти арзии давлат ва субот бахшидани вазъ дар ноҳияҳои наздимарзӣ маҳсуб мешуд.

Метод ва усулҳо. Мақолаи мазкур ба таҳлили хусусиятҳои марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар самти ҷанубӣ бахшида шудааст. Дар кор хусусият ва динамикаи амалиётҳои ҷангӣ, шаклҳои асосии фаъолияти мусаллаҳонаи гурӯҳҳои мухолифин, нақши сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистон дар рафти низоъ, инчунин тадбирҳое, ки қувваҳои ҳукуматӣ ва қушунҳои марзбонӣ барои безарар гардонидани таҳдидҳои мусаллаҳона меандешиданд, баррасӣ мегарданд. Тадқиқот ба маводи воқеӣ такя намуда, имкон медиҳад таҳаввули муқовимати мусаллаҳона дар яке аз минтақаҳои пуртаништарини кишвар дар солҳои 1992–1997 пайгирӣ карда шавад.

Дар самти ҷанубӣ, махсусан дар тули сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, дар давраи баррасишаванда пайваста рӯйдодҳое ба амал меомаданд, ки дар аксари ҳолатҳо бо убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ вобаста буданд. Аммо дар марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ бархе ноҳияҳои наздимарзии Тоҷикистон, пеш аз ҳама қаламрави кӯҳии ноҳияи Шӯрообод (ҳоло ноҳияи Шамсиддин Шоҳин) вилояти Хатлон ба минтақаҳои даргирии мусаллаҳона бо иштироки гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин табдил ёфтанд.

Пас аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе воҳидҳои мусаллаҳи Фронти халқӣ ба қувваҳои ҳукуматӣ ҳамроҳ шуда, боқимондаҳо ба парокандашавӣ даъват шуданд. Ҷангҷӯёни мухолифин, сарфи назар аз мувофиқаҳои дар Хуҷанд ҳосилшуда, муқовимати мусаллаҳонаро идома доданд. Дар як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазъ ҳамоно ниҳоят шиддатнок боқӣ монд. 14 декабри 1992 раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар ҷаласаи муштараки президиумҳои Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони

* Дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 декабри соли 1992 дар бораи барҳам додани вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа ва таъсиси вилояти Хатлон бо маркази маъмурӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа қарор қабул шуда буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кард, ки дар минтақаҳои наздимарзии Айвоҷ ва Шаҳритуз амалан ҳар рӯз нақзи сарҳади давлатӣ сабт мегардад. Сарвари давлат гуфт: «Зиёда аз 30 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон сарҳадро вайрон карда, ба ҳудуди Афғонистон гузашт, ки он ҷо на шароити мӯътадили зиндагӣ ҳасту на таъминоти озуқаворӣ. Далелҳое мавҷуданд, ки аъзои гурӯҳҳои мусаллаҳ кӯдаконро маҷбуран ба силоҳ мубодила мекунанд. Кор то ҷое мерасад, ки афғонҳо бо таҳдиди силоҳ духтарон ва занони тоҷикро бо худ мебаранд. Мо бо чунин вазъ созиш карда наметавонем. Мо ба ҷониби Афғонистон барқия фиристодем ва қатъи чунин амалҳоро талаб кардем. Чораҳои дигар низ андешида мешаванд».[16]

Дар мавриди ба эътидол овардани вазъ Э. Раҳмонов таъкид кард, ки гурӯҳҳое ҳастанд ба ин раванд монеъ мешаванд: онҳо миёни аҳолӣ овозаҳои гуногун паҳн мекунанд, мардумро метарсонанд, ба дуздӣ, ғорат ва спекулятсия машғуланд. Гуфта шуд, ки ин гурӯҳҳо анбори сӯзишвории истгоҳи гармидиҳии Ҷанубу Ғарбии Душанберо тарконида, инчунин се пулро дар шоҳроҳи Кофарниҳон - Норак - Кӯлоб аз кор баровардаанд, ки барқарорсозии онҳо хароҷоти назаррасро талаб мекард.[16]

Дар ноҳияи заставаҳои комендатураи марзбонии Айвоҷ вазъ чандин бор мушкил гардид. Қисме аз гурезаҳо — тақрибан 10 ҳазор нафар — ба маҳалли пешинаи зисти худ дар ноҳияҳои Қубодиён ва Шаҳритуз баргаштанд. Тақрибан 20 ҳазор нафар аз ҷониби як гурӯҳи мусаллаҳ маҷбуран ба ҳудуди Афғонистон бурда шуданд. Қисми боқимондаи аҳолӣ, ки аз хатти низоми марзбонӣ гузашта буд, ба ноҳияҳои Ҷиликӯл ва Кумсангир кӯчида, дар он ҷо мақоми гурезаро гирифт.[15]

Дар моҳи декабри 1992 чанд рӯз ҷангҳои мавқеӣ миёни гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷонибдорони Фронти халқӣ ва воҳидҳои мусаллаҳ аз ноҳияи Ҷиликӯл идома ёфтанд, ки кӯшиши ишғоли пули Гаравтии аз болои дарёи Вахшро бо мақсади боз бастани ҳаракати роҳи оҳан анҷом медоданд. Дар аввали январи 1993 ноҳияи Панҷ пурра таҳти назорати қувваҳои ҳукуматӣ гузашт. Гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин, ки дар ин ноҳия амал мекарданд, сарҳади давлатиро убур намуда, ба ҳудуди Афғонистон гузаштанд.

Дар моҳи январи 1993 ҳамаи ноҳияҳои вилояти Хатлон, ки қаблан дар онҳо бархӯрдҳои мусаллаҳона рух медоданд, таҳти назорати қувваҳои ҳукуматӣ қарор гирифтанд. Бо вуҷуди ин, вазъи ноором дар ҳудуди ин ноҳияҳо, инчунин дар тули сарҳади Тоҷикистону Афғонистон боқӣ монд. Аз ин рӯ, 28 январи 1993 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармон «Дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати фавқулода дар ҳудуди ноҳияҳои сарҳадии Шаҳритуз, Қубодиён, Ҷиликӯл, Кумсангир, Панҷ, Фархор, Москва, Шурообод, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Мурғоб ва шаҳри Хоруғ»-ро қабул намуд.[8] Убурҳои ғайриқонунии сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистон аз ҷониби гурӯҳҳои мусаллаҳ сабабу ангезаҳои гуногун дошт. Масалан, 6 марти 1993 гурӯҳи афроди мусаллаҳ дар ҳудуди ноҳияи Москва 50 сар гӯсфанд ва чӯпон А. Одинаевро ба ҳудуди Афғонистон бурд. Шаби 7 ба 8 март дар ҳамон ноҳия гурӯҳи мусаллаҳи сенафара сарҳади давлатиро вайрон кард. Миёни вайронкунандагон ва марзбонон задухӯрд сар зад ва ҳар се боздошт шуданд.[7, 149-150]

22 март марзбонони отряди марзбонии Хоруғ дар қитъаи Ишқошим анбори бузурги муҳиммоти ҷангиро пайдо карданд, ки онҳоро аз Афғонистон оварда, дар яке аз ғорҳо пинҳон карда будаанд. Ҳамаи муҳиммот истеҳсоли хориҷӣ буд.Ҳодисаҳои гаравгонгирии марзбонони рус низ ҷой доштанд. Аз ҷумла, 5 апрели 1993 дар қитъаи яке аз заставаҳои отряди марзбонии Хоруғ, рӯбарӯи деҳаи афғонистонии Маймон, гурӯҳи ҷангҷӯёни мухолифини тоҷикистонӣ ва муҷоҳидони афғон 11 нафарро гаравгон гирифт: дах низомии марзбон ва як корманди мулкӣ - сокини Хоруғ. Ҳамаи гаравгонҳо маҷбуран ба ҷониби ҳамсарҳад бурда шуданд.[10] 8 апрел ҳамаи он гаравгонҳо аз Афғонистон ба Тоҷикистон баргардонида шуданд. 9 апрел намояндаи фармондеҳии қушунҳои марзбонии Россия дар Тоҷикистон изҳор дошт, ки ин низомиён 5 апрел дар ноҳияи Ванҷи ВМКБ аз ҷониби гурӯҳи мусаллаҳи зиддиҳукуматӣ бо сарварии мулло Абдуғаффор (А. Худойдодов) аз ҲНИТ рабуда шуда, баъдан дар ҳудуди Афғонистон нигоҳ дошта шудаанд.

Қисме аз гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифини тоҷик, ки дар ҳудуди Афғонистон қарор доштанд, нақшаҳои ҳамла ба ҳудуди Тоҷикистонро дар ҷануби минтақаи Кӯлоб таҳия мекарданд. Ҳамин тавр, 20 марти соли 1993 дар минтақаи Хоҷа (шимоли Афғонистон) то 300 ҷангҷӯи ҲНИТ бо сарварии мулло Абдураҳим ҷамъ омада буданд ва ҳаракати онҳо ба

самти Кӯлоб сурат мегирифт. Дар ҳамон минтақа, дар соҳили ҳамсарҳади дарёи Панҷ, иктишофи ҳавоӣ ҷамъоварии бузурги воситаҳои гузариш (қаиқҳо, салҳо, танаҳои дарахт)-ро сабт намуд.[7,169]

Дар охири марти соли 1993 вазъи оперативӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, махсусан дар самтҳои ноҳияҳои Панҷ ва Москва (ҳоло Ҳамадонӣ), пас аз оромии нисбӣ боз шиддат гирифт. Кӯшишҳои шикастани сарҳади давлатӣ аз ҷониби гурӯҳҳои мустаҳкамшудаи мухолифини тоҷик дар Афғонистон аз нав оғоз шуданд. Тибқи хабарҳои мухбирони рӯзномаи «Известия» А. Карпов, задухӯрдҳои воҳидҳои қушунҳои марзбонӣ бо гурӯҳи ҷангҷӯён, ки ба қитъаи муҳофизатшавандаи отряди марзбонии Москва ворид шуда буданд, рух дод. Тибқи маълумоти манбаъҳои гуногун, шумораи вайронкунандагон аз 60 то 100 нафарро ташкил медод. Дар рафти ҷангҳо онҳо тавонистанд чанд километр ба дарунтари вилояти Хатлон пеш раванд. Дар бархӯрдҳои мусаллаҳона онҳо тақрибан 40 нафарро кушта аз даст доданд. Маълумот дар бораи талафоти марзбонон оварда нашуд.[7,192]

Шаби 2 апрели соли 1993 гурӯҳи мусаллаҳи тақрибан 20-нафара дар қитъаи байни заставаҳои 15-ум ва 16-уми отряди марзбонии Москва дарёи сарҳадии Панҷро гузашт, аммо дар натиҷаи ҷанг бо марзбонон пароканда ва нобуд карда шуд. Ҳамзамон гурӯҳи дигар низ ба гузариш оғоз кард ва ба воҳидҳои марзбонӣ лозим омад ҷангро дар ду самт пеш баранд. Соати ҳафти субҳ гурӯҳи сеюми вайронкунандагон то 100 нафар бо дастгирии оташ аз ҷониби Афғонистон кӯшиши навбатии ҳамлаи мусаллаҳонаро анҷом дод; ҷанг то нисфирӯзӣ идома ёфт. То он вақт марзбонон тавонистанд назоратро дар қитъаи сарҳад барқарор кунанд. Ба минтақаи ҳодиса таъҷилан қувваи ёридиҳанда фиристода шуд. Дар ду рӯзи минбаъда гурӯҳҳои хурди муқобил ҷустуҷӯ ва нобуд карда шуданд, то бегоҳии 4 апрел амалиёт ба анҷом расид. Дар натиҷа зиёда аз 80 вайронкунандаи сарҳад нобуд, ду нафар асир ва миқдори зиёди силоҳу муҳиммот ғанимат гирифта шуд. Ҳамаи вайронкунандагон ҷангҷӯёни мухолифини тоҷик буданд, ки дар лагерҳои Афғонистон омодагӣ дида, инчунин муҷоҳидони афғон ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҷойҳои ҷанг намунаҳои силоҳу муҳиммоти истеҳсоли Чин, гранатомётҳои шӯравӣ ва автоматҳои истеҳсоли Югославия пайдо гардид. Шаби 9 апрели соли 1993 гурӯҳи мусаллаҳи мухолифин то 30 нафар аз ҳудуди Афғонистон дар тули ду соат аз намудҳои гуногуни силоҳи автоматӣ ба ҳудуди Тоҷикистон дар самти Шӯрообод (отряди марзбонии Москва) оташи шадид кушод. Дар ҷараёни тирборон ду норинҷаки аз РПГ партобшуда ба яке аз биноҳои заставаи марзбонӣ бархӯрд ва ду марзбон ҷароҳати сабуки резапорай гирифт. Ҳамзамон дар ҳамин самт наряди тақвиятёфтаи марзбонони Россия кӯшиши ҳамлаи мусаллаҳонаи то 20 ҷангҷӯи мухолифинро аз Афғонистон пешгирӣ кард. Дар задухӯрд қисми вайронкунандагони сарҳад нобуд шуда, боқимонда ба ҷониби Афғонистон ақиб нишаст.

Бегоҳии 10–11 апрел ҷангҷӯёни гурӯҳи мусаллаҳи мухолифин таҳти роҳбарии мулло Абдуғаффор (А.Худойдодов) аз Афғонистон ба комендатураи марзбонии «Қалъаи-Хумб»-и отряди марзбонии Хоруғ аз силоҳи автоматӣ оташ кушод. Марзбонон зарбаи ҷавобӣ зада, нуқтаи оташфишонии муқобилро нобуд карданд. Дар самти Шӯрообод 25–26 апрели соли 1993 гурӯҳи бузурги мусаллаҳи мухолифин хатти сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистонро убур кард. Дар натиҷаи бархӯрд бо қувваҳои ҳукуматӣ тақрибан 30 ҷангҷӯ нобуд шуда, қисми боқимонда муҳосира гардид. Ҷангҷӯён аз гурӯҳҳои мусаллаҳи мулло Абдуғаффор ва мулло Абдураҳим (А.Каримов) буда, дар лагерҳои махсуси Афғонистон барои роҳандозии ҷанги партизанӣ омодагӣ дида буданд. Ин гурӯҳ, ки дар деҳаи кӯҳии партофташудаи Реҷов (тақрибан ду километр дур аз хатти сарҳад) паноҳ бурда буд, талаботи қувваҳои ҳукуматиро дар бораи гузоштани силоҳ ва қатъи муқовимат қатъиян рад кард. Бино ба баъзе маълумот, дар таркиби он то 70 муҷоҳиди афғон ҳамчун зархарид меҷангид. Дар натиҷаи амалиёти қувваҳои ҳукуматӣ ва воҳидҳои марзбонӣ гурӯҳҳои мусаллаҳ нобуд ва қисми ночизе аз ҷангҷӯён бо шитоб ба он сӯи сарҳад ақиб нишаст.[7,230] Пас аз ин рӯйдодҳо раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов 27 апрели соли 1993 ба ноҳияи Шӯрообод сафар кард, то вазъро пас аз ҳамлаи гурӯҳҳои мухолифин, ки сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро гузашта буданд, аз наздик омӯзад.

Вазъ дар ин самт ҳамоно пуртаниш боқӣ монд. 3 майи соли 1993 қувваҳои ҳукуматӣ якҷо бо марзбонони Россия дар минтақаҳои маҳаллаҳои Шах, Ёл, Порвор ва Реҷов бо

гурӯҳи бузурги ҷангҷӯёни мухолифин, ки дар ин қитъа сарҳадро рахна карда буданд, ҷангиданд. Тибқи баъзе маълумот, шумораи ин гурӯҳ аз 200 то 300 нафар буд ва дар таркибаш шаҳрвандони Афғонистон низ мушоҳида шуданд. Дар ҷараёни амалиёт бо се мушаки «Стингер»-и истеҳсоли ИМА ҷанганда-бомбаандози Су-24-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зада афтонда шуд. Экипаж катапулт кард. Дар бархӯрдҳои маҳаллӣ беш аз 50 вайронкунандаи сарҳад ва ду ҷанговари қуввахои ҳукуматӣ ҳалок гардид.

Кормандони гурӯҳи оперативии Раёсати КДАМ дар вилояти Хатлон якҷо бо марзбонон 12 майи соли 1993 дар минтақаи яке аз заставаҳои отряди марзбонии Москва арсенали назарраси силоҳро ошкор карданд. Дар ҷараёни амалиёти бодиққат омодашуда, дар гирду атрофи деҳаи Шоҳони ноҳияи Шӯрообод ҳашт махфигоҳ (тайник)-и пинҳонкардашудаи муҳиммоти ҷангӣ муайян гардид. Аз онҳо 324 снаряди реактивии идоранашавандаи навъи «замин — замин», 300 метр сими бикфордӣ ва 5 кг аммонал гирифта шуд. Тибқи маълумоти оперативӣ, аз аввали апрел дар ноҳияҳои наздимарзии Тоҷикистон беш аз 20 махфигоҳи силоҳ ошкор гардидааст. Ба гуфтаи як мансабдори ҳарбӣ, ин силоҳ қаблан тавассути роҳҳои ғайриқонунӣ аз Афғонистон аз ҷониби мухолифини мусаллаҳ барои бурдани амалиёти ҷангӣ зидди ҳукумати ҷумҳурӣ интиқол дода шуда буд.[7,468] 16 июни соли 1993 дар ҳудуди ноҳияи Шӯрообод бархӯрди мусаллаҳона миёни марзбонон ва гурӯҳи мусаллаҳе, ки кӯшиши убури сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро дошт, рух дод. Дар натиҷа ду марзбон ҳалок, як нафар маҷруҳ ва як БМП (мошини ҷангии пиёданизом) аз кор баромад.

Ноҳияҳои наздимарзӣ инчунин аз ҷониби муҷоҳидони афғон тирборон мешуданд. Ду ҳафта пеш аз ин рӯйдодҳо, баъди тирборони навбатии маҳаллаҳои Тоҷикистон, роҳбарият дар Душанбе изҳороте пахш карда буд, ки дар он ба Кобул ҳушдор дода мешуд: барои ҳифзи шаҳрвандони Тоҷикистон ва таъмини амнияти давлати мустақил чораҳои қатъӣ андешида хоҳанд шуд. Дар посух, мувофиқи изҳороти расмӣ, 25 июни соли 1993 аз ҳудуди Тоҷикистон ба вилояти шимолии Афғонистон — Қундуз — зарбаи артиллерӣ зада шуд, ки дар натиҷа дар байни афғониҳо кушта ва захмиён ба қайд гирифта шуда, чанд иншоот хароб гардид. Дар робита ба ин, мақомоти расмии Кобул ба ҳукумати Тоҷикистон эътироз баён карда, изҳор намуданд, ки ният доранд мушкилоти мавҷударо тавассути муколамаи сиёсӣ ҳал намоянд.[7,323]

Бояд зикр кард, ки ин зарбазаниҳо низ пеш сарҳадшиканиҳоро нагирифтанд. 1–2 июли соли 1993 гурӯҳи ҷангҷӯёни мухолифин боз аз Афғонистон ба ҳудуди Тоҷикистон ворид шуд. Дар ҷангҳои шадид қисми асосии гурӯҳ нобуд гардид ва ба бархе вайронкунандагони сарҳад муяссар шуд ба Афғонистон баргарданд. Бо вуҷуди ин, қисми хурд дар минтақаи кӯҳии ноҳияи Шӯрообод, дар қитъаи масъулияти отряди марзбонии Москва паноҳ бурд. Ин гурӯҳ дар вайронаҳои қишлоқи Вории ноҳияи Шӯрообод муҳосира шуд ва чораҳои безарар гардонидани он андешида шуд. Аз 1 то 5 июл дар қитъаҳои отрядҳои марзбонии Москва ва Панҷ дар ҷараёни бархӯрдҳо, ҳадди ақал, то 20 вайронкунандаи мусаллаҳ кушта ё захмӣ гардид.Бузургтарин ҳодиса саҳари барвақти 13 июли соли 1993 рух дод: воҳидҳои мусаллаҳи мухолифини тоҷик ва муҷоҳидони афғон бо шумораи зиёда аз 200 нафар, сарҳади давлатиро вайрон карда, аз Афғонистон ба заставаи марзбонии 12-уми отряди марзбонии Москваи гурӯҳи қушунҳои марзбонии Россия дар Тоҷикистон ҳамлаи густурда анҷом доданд. Дар ҷанг 22 марзбон, аз ҷумла, 17 шаҳрванди Федератсияи Россия, се шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қушунҳои марзбонӣ хизмат мекарданд ва ду марзбон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳалок шуданд. Ҳамчунин се низомии полки мототирандози Кӯлоби дивизияи 201-ум ҳалок гардиданд. Застава пурра дар оташ сӯхта нобуд шуд. Илова бар ин, ҷангҷӯён қишлоқи Сариғорро дар ҳудуди Тоҷикистон ғорат карда, сӯзонданд.[3;1]

Ҳодисаҳои вайрон кардани сарҳад аз тарафи гурӯҳҳои калони силоҳдор дар ноҳияҳои дигари вилояти Хатлон идома ёфтанд. 14 сентябри 1993 ду гурӯҳи ҷангҷӯёни мухолифин бо шумораи то 75 нафар аз як самти отряди марзбонии Панҷ сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистонро рахна карда, дар мавзеи наздимарзии Гайдара паноҳ бурданд. Минтақа аз ҷониби марзбонони Россия ва воҳидҳои махсуси КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра муҳосира шуд. Дар ҷараёни задухӯрд панҷ ҷангҷӯ нобуд ва ду нафар боздошт гардид. Ҳангоми ҷустуҷӯйи маҳал ду минаи зиддипиёда ва чор минаи зиддитанкӣ ошкору безарар

карда шуда, пулемёт ва зарядҳо барои гранатомёти дастии зиддитанкӣ ёфт шуданд. Тибқи нишондоди боздоштшудагон, ҷангҷӯёне, ки сарҳадро ғайриқонунӣ гузашта буданд, сокинони Шаҳритус буда, дар лагерҳои махсуси Қундуз ва Тахор омодагӣ дида, вазифа гирифта буданд лагери пойгоҳӣ ташкил кунанд ва дар ҳудуди Тоҷикистон амалҳои террористӣ анҷом диҳанд.[7,468] Дар миёнаи сентябри соли 1993 70 ҷангҷӯи мухолифин сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро гузашта, ба ноҳияи Шаҳритуз ворид шуданд. Аз онҳо 30 нафар ихтиёран ба қувваҳои ҳукуматӣ таслим шуданд, қисми боқимонда нобуд гардид. Дар яке аз қитъаҳои отряди марзбонии Панҷ 16 январи соли 1994 гурӯҳи мусаллаҳи тақрибан 20-нафара кӯшиши убури сарҳадро намуд. Дар натиҷаи тирпаронӣ бо марзбонон, гурӯҳ 10 нафар талаф дода, ба ҳудуди Афғонистон ақиб нишаст.

Вазъияти ноҳияи Шӯробод дар соли 1994 ҳам аз ҳисоби сарҳадшикании гурӯҳҳои мусаллаҳ нигаронкунанда буд. 21 феврали ҳамон сол аз ҷониби вулусволии Шаҳрибузурги вилояти Бадахшони Афғонистон ба самти қишлоқҳои Порвор, Сариғор, Саринамок ва Анҷироби ноҳияи Шӯрообод тирпаронӣ бо снарядҳои реактивӣ сурат гирифт. Ҳамзамон гурӯҳи мусаллаҳе, ки дар таркибаш шаҳрвандони Афғонистон (тобеи фармондеҳ Корӣ Ҳамидулло) ва ҷангҷӯёни мухолифини исломии тоҷик таҳти роҳбарии А. Каримов (мулло Абдураҳим) буданд, дар ноҳияи заставаи 12-уми отряди марзбонии Москва сарҳади давлатиро убур кард. Гурӯҳ бо марзбонони Россия ва воҳидҳои хадамоти амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанг оғоз намуд.

Тобистони соли 1994 вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон дубора шиддат гирифт. Бегоҳии 18 августи соли 1994 гурӯҳи ҷангҷӯён то 200 нафар аз Афғонистон ба ду постгоҳи заставаи 12-уми отряди марзбонии Москва, воқеъ дар минтақаи баландии Турғ, ҳамла оғоз кард. Ин постгоҳҳо пешакӣ соатҳои тулонӣ аз снарядҳои реактивӣ тирборон шуда буданд. Дар ҷараёни амалиёти ҷангӣ ҳафт марзбони рус ҳалок ва сенздаҳ нафар маҷруҳ шуд. Ҳамлаҳои шабона аз ҷониби марзбонон ва захираҳои махсус бо дастгирии оташфишонии артиллерӣ баргардонида шуданд. 19 август дар қитъаи заставаи 12-ум амалиёти ҷангӣ идома дошт. Дар нимаи аввали рӯз ҷангҳо дар минтақаи баландии Турғ қатъ гардиданд, зеро ҷангҷӯён, бо таҳаммули талафот, ба ҳудуди Афғонистон ақиб нишастанд.Дар ҷаласаи муштараки президиумҳои Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 19 августи соли 1994 баргузор шуд, шиддатёбии вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон баррасӣ гардид. Сарвари давлат Э. Раҳмонов таъкид намуд, ки новобаста аз кӯшишҳои анҷомёфта барои ҳалли осоиштаи мушкилот, дар рӯзҳои охир вазъ дар сарҳад боз мураккаб шудааст. Ба гуфтаи ӯ, дастаҳои мухолифини мусаллаҳ ва ҳомиёни хориҷии онҳо талош доранд суботи сиёсиро дар Тоҷикистон халалдор кунанд; онҳо зидди қушунҳои марзбонии Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ мустақаранд, ва ҳам зидди Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон амалиёти ҷангиро фаъол мегардонанд. Афзоиши нави зӯроварӣ, амалҳои террористӣ, диверсия ва гаравгонгирӣ аз ҷониби мухолифин ҳамчун канорагирӣ аз усулҳои сиёсӣ барои ҳалли низоъ арзёбӣ гардид.[9] Иҷрокунандаи вазифаи фармондеҳи гурӯҳи қушунҳои марзбонии Федератсияи Россия дар Тоҷикистон полковник В. Новиков ба рӯзноманигорон хабар дод, ки шаби 18 август тақрибан 300 нафар мусаллаҳи мухолифин дар қитъаи отряди марзбонии Москва ба марзбонон оташ кушоданд. Ба онҳо на танҳо муҷоҳидони афғон, балки зархаридони араб низ кумак мерасонданд. Танҳо дар шаби 18 август марзбонон 15 ҳамларо аз ҷониби гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин, ки кӯшиши гузаштан аз сарҳади давлатиро доштанд, баргардониданд. Дар натиҷа миёни марзбонони рус кушта ва маҷруҳон ба қайд гирифта шуданд. Ба ин нигоҳ накарда ҳамлаҳои гурӯҳҳои яроқнок дар ин самт такрор ёфтанд. Пас ан чанд рӯз - 24 августи соли 1994 марзбонони Россия дар қитъаи отряди марзбонии Москва амалиёти бузургмиқёси безараргардонии воҳидҳои мусаллаҳи мухолифинро дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон идома доданд. Бо неруи панҷ гурӯҳ, бо дастгирии авиатсияи қушунҳои марзбонӣ ва қувваҳои сулҳҳоҳи дастаҷамъии ИДМ, ҷангҷӯён аз баландиҳои афзалиятдошта ронда шуданд. Онҳо, ақиб нишаста, аз бархӯрди рӯбарӯ бо марзбонон канорагирӣ мекарданд. Дар минтақаҳои ҷанг зиёда аз даҳ ҷасади ҷангҷӯён, чанд дастгоҳи партоби мушак, тӯпҳои бепасрав ва миқдори зиёди муҳиммот ошкор гардид. Дар ҷараёни амалиёт гурӯҳи ҷангҷӯён, аз ҷумла як зархариди араб, дастгир шуд. Ҳамчунин тақрибан 100 снаряди реактивӣ ва миқдори зиёди силоҳи тирандозӣ ёфт шуд. Қушунҳои

марзбонӣ низ талафот доданд. Бар асари таркиш дар мина, лейтенанти калон Ю. Чернявский аз ҷароҳатҳо фавтид, боз ду низомии қушунҳои марзбонӣ дар ҷанг ҷароҳатҳои марговар гирифтанд.

Фаъол гардидани амалиёти ҷангӣ дар сарҳад ва талафоте, ки марзбонони рус ва шаҳрвандони Тоҷикистон (хизматкарда дар қушунҳои марзбонии Федератсияи Россия) мебардоштанд, сабаби омадани сарфармондеҳи қушунҳои марзбонӣ А. Николаев ва муовини вазири корҳои хориҷии Россия А. Чернишев ба Душанбе гардид.

Фармондеҳии қушунҳои марзбонии Федератсияи Россия 31 августи 1994 ахбори расмӣ дар бораи вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон пахш кард. Тибқи арзёбии фармондеҳӣ, дар рӯзҳои наздик ҳамлаҳои васеъро ба заставаҳои 12-ум ва 15-уми отряди марзбонии Москва интизор шудан мумкин аст. Пресс-бюрои қушунҳои марзбонии Россия хабар дод, ки дар самти Шӯрообод қуввaҳои мухолифини тоҷик мутамарказ шудаанд, то дар ҳудуди Тоҷикистон платсдарм гирифта, баъдан ба самти Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа пешравӣ кунанд. Тибқи маълумоти Хадамоти федералии марзбонии Россия, ба назди сарҳади Тоҷикистон гурӯҳи ҷангҷӯён бо шумораи то 550 нафар оварда шудааст, ки дар таркибаш тақрибан 100 зархариди араб ва покистонӣ мавҷуд аст. Илова бар ин, дар наздикии сарҳад дастаи муҷоҳидони афғон ошкор гардид.

Дар иттилои паҳнгашта фармондеҳии қушунҳои марзбонӣ нисбат ба амалҳои мақомоти расмии Кобул изҳори таассуф намуд, ки ба арзёбии онҳо, амалан пуштибонии мухолифини тоҷикро пинҳон намекунанд. Дар он рӯзҳо дар вилоятҳои Самангон ва Тахори Афғонистон то 3000 ҷангҷӯ дар лагерҳои махсус омода мешуданд ва онҳоро дастурдеҳон аз Арабистони Саудӣ, Покистон ва чанд кишвари дигар таълим медоданд.

Воҳидҳои қушунҳои марзбонии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 сентябри соли 1994 дар маҳалли Сариғори ноҳияи Шӯрообод бо гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин амалиёти ҷангӣ анҷом дода, онҳоро аз ду баландии бартаридошта, ки назди сарҳад рӯбарӯи деҳаи афғонистонии Ёлур ҷой доштанд, ақиб ронданд. Дар натиҷаи ҷанги кӯтоҳ марзбонон як пулемёт, як тӯпи артиллерӣ, чор автомат ва миқдори зиёди тир ғанимат гирифтанд.

Дар натиҷаи таркиши фугаси идорашаванда бо қуввaи 500 кг, ки 16 сентябри 1994 дар минтақаи баланди Турғ, назди қишлоқи Сариғори ноҳияи Шӯрообод, дар ҳудуди заставаи 12-уми отряди марзбонии Москва рух дод, ҳашт марзбон ҳалок гардид; яке аз онҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Ҳодисаҳо бо истифодаи силоҳи ҷангӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии ВМКБ низ рӯх медоданд. Субҳи 21 сентябри 1994 дар қитъаи заставаи 7-уми отряди марзбонии Хоруғ тирпаронӣ миёни марзбонони рус ва гурӯҳи даҳнафараи ҷангҷӯёне сурат гирифт, ки бо сал аз соҳили афғонии дарёи Панҷ гузашта буданд. Дар бархӯрди оташфишонӣ ду вайронкунандаи сарҳад нобуд ва чор нафар маҷруҳ шуданд. Боқимонда ба ҳудуди ҳамсарҳад ақиб нишастанд. Бояд гуфт, ки пас аз имзо шудани созишномаи Теҳрон дар бораи оташбас (сентябри соли 1994) ҳолатҳои вайрон кардани рӯй медоданд. Сардори департаменти иттилооти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Саидов 8 декабри соли 1994 изҳор дошт, ки танҳо дар давраи аз 20 октябри соли 1994 то имрӯз ҷангҷӯёни мухолифин зиёда аз 50 маротиба шартҳои созишномаи оташбасро нақз кардаанд. 34 кӯшиши рахнаи гурӯҳҳои мусаллаҳ аз сарҳади Тоҷикистону Афғонистон сабт гардида, инчунин тақрибан 20 ҳолати тирборон кардани заставаҳо, постгоҳҳои муваққатӣ ва нарядҳои марзбонӣ қайд шудааст. Амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба аҳолии осоиштаи ҳудудҳои наздимарзӣ идома дошт. Дар як қатор ноҳияҳои наздимарзӣ — Дарвоз, Ванҷ ва шаҳри Хоруғ - чорабиниҳо барои сохтани мавқеъҳои мудофиавӣ атрофи заставаҳо ва дар хатсайрҳои ҳаракати захираҳои марзбонӣ гузаронда мешуд, паноҳгоҳҳо бо силоҳ ва муҳиммот таҷҳиз мегардиданд.[2]

Дар қитъаи отряди марзбонии Қалъаи-Хумб 11 декабри соли 1994 ҷангҷӯёни мухолифини тоҷик, ки аз Афғонистон ворид шуда буданд, алайҳи марзбонони рус амалиёти мусаллаҳона анҷом доданд. Марзбонони рус муҳофизати сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро тибқи созишномаи байнидавлатии Тоҷикистону Россия, инчунин созишномаҳои доираи ИДМ ичро мекарданд. Амалҳои вайронкунандагони сарҳад бо дастгирии оташ аз ҷониби деҳаи афғонистонии Мой-Май, ҳамчунин аз ақиб — дар қитъаи роҳи Қалъаи-Хумб — Хоруғ анҷом дода шуд. Дар натиҷа як марзбони рус кушта ва ҳашт

низомӣ ҷароҳатҳои дараҷаҳои гуногун гирифтанд; талафот дар техника низ ба қайд гирифта шуд.Дар ҳамин рӯз ҷангҷӯёни мухолифини тоҷик якҷо бо зархаридони афғон нисбат ба аҳолии осоиштаи ноҳияи Дарвоз амалҳои зӯроварона анҷом доданд. Деҳаҳои Курговат ва Пошхарв ғорат шуданд, 12 нафар аз рӯйхати пешакӣ тартибдодашуда гаравгон гирифта шуданд. Дар деҳаи Тогмай муовини комиссари ҳарбӣ ва зоотехники калони ноҳия дастгир шуда, ба Афғонистон интиқол дода шуданд.

Муҳокима. Ҳамин тариқ, дар самти ҷанубӣ дар соли 1993 ҳангоми рахнаҳои мусаллаҳона аз сарҳади Тоҷикистону Афғонистон марзбонони рус 106 маротиба ба задухӯрдҳои ҷангӣ даромадаанд. Зиёда аз 300 маротиба нарядҳо ва заставаҳо тирборон шуданд. Соли 1994 306 кӯшиши рахнаи гурӯҳҳои ҷангҷӯён пешгирӣ шудааст. Дар натиҷаи фаъолияти хизматӣ-ҷангӣ аз вайронкунандагони сарҳад тақрибан 80 тӯпу дастгоҳҳои партоби снарядҳои реактивӣ, 6 миномёт, миқдори зиёди гранатомётҳо, силоҳи тирандозӣ ва намудҳои гуногуни муҳиммот мусодира гардид; 40 махфигоҳ бо силоҳ, муҳиммот ва озуқа ошкор ва нобуд карда шуд. Дар ду сол аз гурӯҳи Қушунҳои марзбонии Россия дар Тоҷикистон ҳангоми амалиётҳои ҷангӣ 62 нафар кушта ва 108 нафар маҷруҳ гардид.[5]

Гурӯҳҳои муссалаҳи мухолифин ба ғайр аз сарҳадшиканӣ дар марзҳои дохили ҷумҳурӣ ҳам баъзан бар зидди марзбонон амалиётҳои ҷангӣ мегузарониданд. Аз ҷумла, 2 январи соли 1995 гурӯҳи мусаллаҳи постгоҳи марзбонии «Курговат»-и заставаи 6-уми отряди марзбонии Қалъаи-Хумб ҳангоми ҳаракат ба сӯи деҳаи Токмай, ки дар он ҷо гурӯҳи мухолифин чор сокини маҳаллиро гаравгон гирифта буд, ба муҳосира афтод. Ҷанг сар шуд ва дар натиҷа шаш марзбон ҳалок ва ҳамон қадар маҷруҳ гардид; як БТР дар мина таркид. Баъди як рӯз, ҳангоми расидан ба маҳалли бархӯрд, ҷангҷӯёни мухолифин ба самти Афғонистон ронда шуданд ва дар ҷойи фоҷиа ҷасади чаҳор марзбони кушташуда ёфт гардид.[5;4]

7 апрели 1995 дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, дар ҳудуди ГБАО, миёни марзбонони рус ва ҷангҷӯёни мухолифин бархӯрди мусаллаҳона рух дод. 12 апрел директори Хадамоти федералии марзбонии Федератсияи Россия А. Николаев дар нишасти матбуотӣ шиддатёбии вазъро дар сарҳад ба «фаъолшавии фармондеҳони саҳроии радикалӣ» вобаста донист. Марзбонон, ки аз 7 апрел 34 нафар талаф дода буданд, бо «тадбирҳои пешгирикунанда» посух доданд: чор чархбол ба мавқеъҳои мухолифин зарбаҳои бомбавӣ зад. А. Николаев рӯйдодҳоро дар Тоҷикистон ҳамчун кӯшиши мухолифин барои «нигоҳ доштани режими беҳокимиятӣ дар ноҳияҳои таҳти назорат ва бо зӯр тағйир додани вазъ пас аз он ки дар кишвар ҳокимияти қонунӣ устувор шудааст» шарҳ дод. Ӯ иддаоро рад кард, ки гӯё бар хилофи созишномаҳои Теҳрон марзбонон ба интиқоли қисмҳои мунтазами қувваҳои ҳукуматӣ ба Помир мусоидат мекунанд, гуфт сухан дар бораи марзбонони тоҷик меравад, ки чанд ҳазор нафари онҳо дар гурӯҳи қушунҳои марзбонии Россия хизмат мекунанд.[6]

13 апрели 1995 дар деҳаи Поршнев, воқеъ дар 2 километр шимоли Хоруғ, миёни дастаҳои худмуҳофизати Бадахшон ва марзбонони рус бархӯрд ба амал омад. Сабаби бархӯрд рад шудани гузаронидани колоннаи автомобилии марзбонон аз Ванҷ аз ҷониби мухолифин буд. Ҷанг якуним соат идома кард; аз ҳар ду ҷониб кушта ва захмиён ба қайд гирифта шуданд.[11] 10 октябри 1995 дар дараи Гилвич аз ҳудуди Афғонистон аз камин ба мошини «ЗИЛ-31», ки низомиён ва озуқаро ба Дашти-Язғулом мебурд, тир холӣ карданд. Дар натиҷа 7 низомӣ ҳалок ва 5 нафар маҷруҳ шуданд. Захираҳои постгоҳҳои марзбонии Дашти-Язғулом ва Шипад, ки ба ҷойи ҳодиса расиданд, маҷбур шуданд ба ҷанг дароянд. Хадамоти федералии марзбонии Федератсияи Россия ин ҳодисаро амали ҷиноятқорона донист, ки ба бесубот кардани вазъ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва халалдор кардани даври 5-уми музокироти миёни тоҷикон равона шудааст.[17]

Ба иттилои муовини вазири амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Абдуллоев, аз 1 январ то 1 октябри 1995 ҷангҷӯёни мухолифини тоҷик 183 маротиба созишномаи оташбаси муваққатиро вайрон кардаанд: 136 нақз дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва 47 нақзи дигар дар дохили кишвар.[13] Дар аввали декабри соли 1995 гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин ноҳияи Шӯроободро боз ноором карданд. 1 ва 2 декабр қувваҳои ҳукуматӣ дар ин ноҳия ҳамлаи пешравона анҷом доданд. Авиатсия, техникаи зиреҳпӯш ва дастгоҳҳои «Град» истифода гардид.[12] 4 декабр марзбонони рус тирборони пуршиддати воҳидҳои

мухолифинро, ки дар ҳудуди Тоҷикистон, дар ноҳияи заставаи 12-уми отряди марзбонии Москва қарор доштанд, оғоз карданд.[14] 6 декабр постгоҳи марзбонии «Турғ» дар тули 3 соат аз Афғонистон мавриди тирборони мушакӣ қарор гирифт: ба постгоҳ тақрибан 25 снаряди реактивӣ партофта шуд. Зери тирборон инчунин ду гурӯҳи иктишофии марзбонони рус, ки дар наздикии пост вазифаи ҷангиро иҷро мекарданд, монданд: ба онҳо 5 снаряд партоб шуд. Бо оташи ҷавобӣ мавқеъҳои ҷангҷӯён нобуд карда шуданд.[18]

Тирборони заставаи 12-уми отряди марзбонии Москва аз қаламрави Афғонистон дар охири декабр аз нав оғоз шуда, чанд рӯз идома ёфт. 1 январи 1996 фармондеҳии Гурӯҳи қушунҳои марзбонии Россия дар Тоҷикистон ба роҳбари Миссияи нозирони доимии СММ ва роҳбарияти Комиссияи муштараки оштишавӣ изҳорот фиристод, ки дар он далелҳои тирборони мунтазами заставаи 12-ум зикр шуда буданд. Тибқи маълумоти фармондеҳӣ, аз 31 декабри 1995 ба ин тараф ба застава зиёда аз 60 снаряди реактивӣ партоб гардида, чор марзбон ҷароҳати сабук гирифтаанд. Сарфи назар аз ин изҳорот, тирборон аз субҳи 23 январ аз нав оғоз шуд: постгоҳҳои стратегӣ дар ҳудуди застава таҳти оташи шадид қарор гирифта, аз ҷониби ҷангҷӯёни мухолифин аз ҳудуди наздимарзии Тоҷикистон зиёда аз 30 снаряди реактивӣ партоб гардид.[20]

28 июни 1996 марзбонони отряди марзбонии Хоруғ роҳбари гурӯҳи мухолифин Х. Абулҳасанро ҳамроҳ бо се ҷонибдори мусаллаҳ боздошт карданд. Дар посух, ҷонибдорони Х. Абулҳасан се шахси масъул аз маъмурияти ВМКБ ва сохторҳои қудратии вилоятро гаравгон гирифтанд, инчунин шаби 29 июн ҳайати шахсии раёсати корҳои дохилии вилоятро бесилоҳ карданд. Ҳамзамон ҷангҷӯён дар худи Хоруғ ва рӯбарӯи отряди марзбонӣ блокпостҳо гузошта, озодии фаврии фармондеҳи саҳроии худ ва ҳамаи ҷангҷӯёни боздоштшударо талаб карданд. Пас аз музокирот бо намояндагони расмии Душанбе таҳти роҳбарии муовини раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон К. Қоимдодов, ки ба Хоруғ омада буданд, ҷонибдорони фармондеҳи боздоштшуда гаравгонҳоро озод карданд. Баъдан музокирот бо иштироки намояндагони фармондеҳии қушунҳои марзбонии Россия идома ёфт. Созиш ҳосил шуд, ки ҷангҷӯён блокпостҳоро мебардоранд ва силоҳҳои гирифташударо бармегардонанд. 30 июн марзбонон боздоштшудагонро ба намояндагони милисаи маҳаллӣ супориданд, пас аз он Х. Абулҳасан озод шуд. То субҳи 1 июл аз 40 автомати рабудашуда 10 адад баргардонида шуд.[19]

Ҳодисаҳои вайрон кардан сарҳади давлатии Тоҷикистон ва талабҳои созишнома дар бораи оташбас то давраи ба имзо расонидани созишномаи умумии сулҳ идома доштанд.

Хулоса. Таҳлили марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад ба хулоса омад, ки ин марҳила на танҳо бо тулонитар будан, балки бо тағйири сифатии хусусияти муқовимати мусаллаҳона фарқ мекард. Пас аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низои мусаллаҳона анҷом напазируфт, балки тағйир ёфта, шакли амалиётҳои ҷангии аз лиҳози минтақавӣ фарқкунанда касб кард, ки ҳам минтақаҳои шарқии кишвар ва ҳам камари тулонии наздимарзиро дар самти ҷанубӣ фаро гирифт. Самти ҷанубӣ дар марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ дар сохтори низоъ аҳаммияти вижа пайдо кард. Сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистон ба яке аз омилҳои калидии бесуботсозии вазъ табдил ёфт, ки дар он фаъолияти мусаллаҳонаи гурӯҳҳои мухолифин хусусияти низомманд ва тулонӣ дошт. Нақзи мунтазами сарҳад, бархӯрдҳо бо марзбонони Россия ва қувваҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин истифодаи релефи мушкили кӯҳӣ нуқтаҳои устувори таниш эҷод карда, раванди суботбахшии вазъро дар ноҳияҳои наздимарзӣ душвор мегардонид.

Бар хилофи самти шарқӣ, ки дар он амалиётҳои ҷангӣ бештар хусусияти дохилиҳудудӣ доштанд, самти ҷанубӣ бо унсури равшани фаромарзӣ тавсиф меёфт. Ин омил боиси ҷалби қушунҳои марзбонӣ гардид ва ба низоъ андозаҳои иловагии ҳарбӣ-сиёсӣ бахшид, ки бо таъмини сарҳади давлатӣ, ҳифзи тамомияти арзии ҷумҳурӣ ва пешгирии густариши муқовимати мусаллаҳона берун аз ҳудуди он алоқаманд буданд.

Боқӣ мондани вазъи мураккаби оперативӣ дар самти ҷанубӣ то анҷоми ҷанг далолат медиҳад, ки маҳз ноҳияҳои наздимарзӣ яке аз фазоҳои осебпазиртарин ва конфликтзои марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ буданд. Дар маҷмуъ, рӯйдодҳои баррасишуда имкон медиҳанд самти ҷанубӣ ҳамчун унсури муҳимтарини динамикаи низои мусаллаҳона дар

Тоҷикистон дар солҳои 1992–1997 арзёбӣ гардад, ки ба раванди умумии ҷанг ва шароити минбаъдаи ҳалли сулҳомез таъсири назаррас расонидааст.

Таҳқиқоти мазкур дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ таҳти унвони «Ҳамкориҳои минтақавӣ ва равандҳои ҳамгироӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқии муосир» барои солҳои 2026-2030 омода карда шудааст.

Муқарриз: Шарипов А.Н. – н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Белых В. «Черные тюльпаны» летят из Душанбе. /В. Белых. // Известия, 1993, 17 июля.
2. Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане от 16 августа 1993 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un.org/ru/events/missions/past/unmotrep.htm (Дата обращения 12.01.2026);
4. Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане от 4 февраля 1995 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un.org/ru/events/missions/past/unmotrep.htm (Дата обращения 12.01.2026);
5. Князев А. Соглашение о прекращении огня нарушено боевиками оппозиции. /А.Князев. // Независимая газета, 1995, 11 января.
6. Минасян Л. Министерство обороны игнорирует просьбы пограничников о помощи? / Л.Манасян. // Независимая газета, 1995, 14 апреля.
7. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости (хроника событий). Том 3. Год 1993-й. / Д. Назриев, И. Сатаров. – Душанбе, 2006. – 903 с.
8. Народная газета, 1993, 30 января.
9. Народная газета, 1994, 21 августа.
10. Независимая газета, 1993, 7 апреля.
11. Панфилов О. Ведутся переговоры между пограничниками и оппозицией. / О. Панфилов. // Независимая газета, 1995, 15 апреля.
12. Панфилов О. Делегации проводят консультации. / О. Панфилов. // Независимая газета, 1995, 5 декабря.
13. Панфилов О. Оппозиция приняла решение отпустить семнадцать военнопленных. / О. Панфилов. // Независимая газета, 1995, 31 октября.
14. Панфилов О. Правительство препятствует расследованию. / О. Панфилов. // Независимая газета, 1995, 6 декабря.
15. Признаки разрядки // Народная газета, 1992, 19 декабря.
16. Совместное заседание // Народная газета, 1992, 18 декабря.
17. Таджикистан // Независимая газета, 1995, 12 октября.
18. Таджикистан // Независимая газета, 1995, 8 декабря.
19. Таджикистан // Независимая газета, 1996, 2 июля.
20. Таджикистан // Независимая газета, 1996, 25 января.

МАРҲИЛАИ ДУЮМИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДЕКАБРИ СОЛИ 1992 – ИЮНИ СОЛИ 1997): САМТИ ҶАНУБӢ

Мақола ба таҳлили марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (декабри 1992 – июни 1997) дар самти ҷанубӣ бахшида шудааст. Дар маркази таваҷҷуҳ динамикаи муқовимат дар камари сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ҷануби вилояти Хатлон ва ҳудуди ГБАО қарор дорад. Бо такя ба маводи воқеӣ нишон дода мешавад, ки нақзи сарҳад, ҳамла ба заставаҳо, рахнаҳо ва задухӯрдҳо бо иштироки гурӯҳҳои мухолифин хусусияти тулонӣ ва низомманд пайдо карданд. Мақола рӯйдодҳои солҳои 1993–1996, аз ҷумла ҳамлаи 13 июли 1993 ба заставаи 12-ум, инчунин тадбирҳои нируҳои ҳукуматӣ ва қушунҳои марзбонии Россияро барои безараргардонии таҳдидҳо шарҳ медиҳад. Таъкид мешавад, ки соли 1993 марзбонон 106 маротиба ба задухӯрд даромада, зиёда аз 300 бор тирборон дидаанд; соли 1994 бошад 306 кӯшиши рахна пешгирӣ шудааст. Дар ду сол талафот 62 кушта ва 108 маҷруҳро ташкил дод. Хулоса мешавад, ки унсури фаромарзӣ ва релефи кӯҳӣ самти ҷанубиро ба минтақаи осебпазир табдил дода, то анҷоми ҷанг вазъи мураккаби оперативиро нигоҳ дошт.

Калидвожаҳо: марҳилаи дуюм, ҷанги шаҳрвандӣ, самти ҷанубӣ, сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин, қушунҳои марзбонӣ, заставаи марзбонии 12-ум, қувваҳои сулҳовар.

ВТОРАЯ ФАЗА ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН (ДЕКАБРЬ 1992 Г. – ИЮНЬ 1997 ГГ.): ЮЖНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ

Статья посвящена анализу второй фазы гражданской войны в Республике Таджикистан (декабрь 1992 г. – июнь 1997 гг.) на южном направлении. В центре внимания — динамика вооружённого противостояния в приграничной зоне таджикско-афганской государственной границы, на юге Хатлонской области и на территории ГБАО. На основе фактического материала показано, что нарушения границы, нападения на заставы, вооружённые прорывы и боестолкновения с участием оппозиционных групп приобрели затяжной и системный характер. Рассматриваются события 1993–1996 гг., включая нападение 13 июля 1993 г. на 12-ю заставу, а также меры правительственных сил и российских пограничных войск по нейтрализации вооружённых угроз. Отмечается, что в 1993 г. пограничники 106 раз вступали в боевые столкновения и более 300 раз подвергались обстрелам; в 1994 г.

предотвращено 306 попыток прорыва. За два года потери составили 62 убитых и 108 раненых. Делается вывод, что трансграничный фактор и горный рельеф превратили южное направление в одну из наиболее уязвимых зон конфликта, где сложная оперативная обстановка сохранялась до завершения войны.

Ключевые слова: вторая фаза, гражданская война, южное направление, таджикско-афганская граница, вооружённые формирования оппозиции, пограничные войска, 12-я пограничная застава, миротворческие силы.

THE SECOND PHASE OF THE CIVIL WAR IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (DECEMBER 1992 – JUNE 1997): THE SOUTHERN DIRECTION

The article analyzes the second phase of the civil war in the Republic of Tajikistan (December 1992–June 1997) with a focus on the southern direction. Attention is centered on the dynamics of armed confrontation in the border zone along the Tajik–Afghan state frontier, in southern Khatlon Region, and in the territory of the Gorno-Badakhshan Autonomous Oblast (GBAO). Using factual evidence, the study shows that border violations, attacks on border posts, armed breakthroughs, and clashes involving opposition groups became prolonged and systematic. The article examines developments in 1993–1996, including the 13 July 1993 assault on the 12th outpost, as well as measures taken by government forces and Russian border troops to neutralize armed threats. It is noted that in 1993 border troops engaged in combat 106 times and were shelled more than 300 times; in 1994, 306 breakthrough attempts were prevented. Over two years, losses amounted to 62 killed and 108 wounded. The article concludes that the cross-border factor and mountainous terrain made the southern direction one of the most vulnerable conflict zones, where a difficult operational situation persisted until the end of the war.

Keywords: second phase, civil war, southern direction, Tajik–Afghan border, armed opposition formations, border troops, 12th border outpost, peacekeeping forces.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назризода Давлаталӣ Ҳайдар*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, докторанти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail: **1211.2020.navra.vara@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Назризода Давлатали Хайдар*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, докторант кафедры международных отношений. Адрес: 734025. , г. Душанбе, Республика Таджикистан проспект Рудаки, 17. E–mail: **1211.2020.navra.vara@gmail.com**

Information about the author: ***Nazrizoda Davlatali Haidar*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Doctoral Student at the Department of International Relations. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E–mail: **1211.2020.navra.vara@gmail.com**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 29.06.2026
Аз тақриз баргашт: 27.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:93:792(092)

НАҚШИ ХАЙРӢ НАЗАРОВА ДАР ТАЪРИХИ ТЕАТРИ ТОҶИК

Муҳаббатова Г.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Таърихи рушди фарҳанг ва санъати тоҷик дар асри ХХ бо равандҳои амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие алоқаманд аст, ки пас аз таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омаданд. Дар ин марҳила яке аз масъалаҳои муҳим ҷалби занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мешуд. Агар то ибтидои асри ХХ иштироки занон дар фаъолияти фарҳангӣ ва махсусан ҳунари саҳнавӣ маҳдуд бошад, пас дар шароити нав барои иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва рушди санъати миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам гардиданд.

Театри касбии тоҷик ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми фарҳангӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии ҷомеа ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан нақши муассир бозид. Маҳз тавассути саҳнаи театр масъалаҳои озодии зан, иштироки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳифзи арзишҳои маънавӣ инъикос мегардиданд. Дар ин раванд фаъолияти ҳунарпешагони зан аҳаммияти хосса пайдо намуда, онҳо на танҳо иштирокчиёни ҳаёти фарҳангӣ, балки муаррифгарони тағйироти иҷтимоии замони худ буданд.

Яке аз чунин шахсиятҳои барҷаста Хайрӣ Назарова мебошад, ки фаъолияти чандинсолаи ӯ бо таърихи ташаккул ва рушди театри касбии тоҷик иртиботи зич дорад. Ӯ дар қатори насли ҳунарпешагони маъруфи тоҷик тавонист дар саҳна симои занони тоҷикро бо хусусиятҳои миллӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии онҳо таҷассум намуда, дар рушди фарҳанги миллӣ саҳми назаррас гузорад. Аз ин рӯ, омӯзиши фаъолияти эҷодии Хайрӣ Назарова на танҳо барои таърихи театр, балки барои таҳқиқи нақши занон дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ дорад.

Мақсади асосии мақола таҳқиқи нақши Хайрӣ Назарова дар таърихи театри тоҷик ва муайян намудани саҳми ӯ дар рушди фарҳанги миллӣ, ташаккули театри касбӣ ва иштироки занон дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ мебошад. Дар доираи ин мақсад вазифаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор мегиранд: таҳлили заминаҳои таърихии ташаккули театри тоҷик дар солҳои аввали фаъолияти он; муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми Хайрӣ Назарова дар рушди театри касбии тоҷик; омӯзиши нақшҳои асосии офаридаи ҳунарпеша ва аҳаммияти онҳо дар инъикоси мақоми зан дар ҷомеа; арзёбии саҳми Хайрӣ Назарова дар рушди фарҳанги миллӣ ва таърихи ҳаракати фарҳангии Тоҷикистон.

Дараҷаи коркарди масъала. Таърихи театри тоҷик ва фаъолияти ҳунармандони он дар асарҳои муҳаққиқони соҳаи таърих ва санъатшиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Масъалаҳои ташаккул ва рушди театри тоҷик дар корҳои илмии муҳаққиқон, аз ҷумла М. Раҳмонов, Н. Нурҷонов, А. Муҳаммадҷонов, С. Умаров ва дигарон баррасӣ шудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо марҳилаҳои асосии ташаккули театри касбии тоҷик, фаъолияти Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ, рушди драматургияи миллӣ ва саҳми ҳунармандони маъруф дар пешрафти санъати саҳнавӣ таҳлил гардидааст.

Ҳамчунин дар осор ва мақолаҳои бахшида ба таърихи фарҳанги Тоҷикистон фаъолияти як қатор ҳунарпешагони маъруф, аз ҷумла Гулчеҳра Бақоева, София Тӯйбоева, Муҳаммадҷон Қосимов, Абдуқаҳҳор Бурҳонов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, нақши Хайрӣ Назарова дар аксари таҳқиқот танҳо дар доираи маълумоти умумӣ оид ба фаъолияти театр зикр гардида, омӯзиши ҳамаҷонибаи саҳми ӯ ҳамчун намояндаи насли занони ҳунарманди тоҷик ва иштирокчии равандҳои фарҳангии асри ХХ ба таври алоҳида анҷом наёфтааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи фаъолияти Хайрӣ Назарова ҳамчун шахсияти фарҳангӣ ва таърихӣ, ки дар ташаккули театри миллӣ ва баланд гардидани мақоми иҷтимоии занон саҳми арзанда гузоштааст, аҳаммияти муҳими илмӣ дошта, зарурати омӯзиши минбаъдаро тақозо менамояд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси сарчашмашиносии мақоларо асарҳои илмӣ оид ба таърихи театри тоҷик, таърихи фарҳанги Тоҷикистон, маводи нашрияҳои даврӣ, хотираҳои ҳамзамонон ва адабиёти марбут ба фаъолияти Хайрӣ Назарова ташкил медиҳанд. Дар

таҳқиқот инчунин маълумоти овардашуда дар осори муҳаққиқони театри тоҷик ва маҷмуаҳои таърихию фарҳангӣ истифода гардидааст.

Ҳангоми таҳқиқ усулҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ ва хронологӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Усули таърихӣ барои муайян намудани шароити сиёсӣ ва фарҳангии рушди театр, усули муқоисавӣ барои арзёбии ҷойгоҳи Хайрӣ Назарова дар байни ҳунармандони ҳамасраш ва усули таҳлилӣ барои омӯзиши саҳми ӯ дар рушди фарҳанги миллӣ истифода шуданд. Татбиқи ин усулҳо имкон дод, ки фаъолияти Хайрӣ Назарова на танҳо ҳамчун фаъолияти ҳунарӣ, балки ҳамчун падидаи муҳими таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирад.

Маданияти халқи тоҷик гарчи таърихи бой дошта бошад ҳам, танҳо дар натиҷаи Инқилоби Октябр ва сохти Шуравӣ руз аз руз тараққӣ карда, ба дараҷаи ҳозира расид.

Тоҷикон дар натиҷаи муборизаи қаҳрамононаи худ маданияти миллии худро на танҳо нигоҳ дошта тавонистанд, балки онро боз ҳам тараққӣ доданд.

Санъати халқи тоҷик танҳо баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр дар шароити Ҳокимияти Шуравӣ ба роҳи ҳақиқии касбӣ даромада, дастраси оммаи васеи меҳнаткашони тоҷик гардид ва нашъунамо ёфт.

Барои он, ки дар ҷумҳурӣ театри касбӣ ташкил ёбад, дигар масъалаҳои сохтмони маданиро ҳал кардан лозим буд. Аввалин ва ҷиддитарин вазифаи сохтмони маданӣ ин саводнок кардани аҳолӣ буд, зеро аксарияти он савод надошт, махсусан занони босавод ниҳоят кам буданд.

Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон Комиссариати Халқии Маорифи Ҷумҳурӣ тобистони соли 1929 ба ташкил намудани аввалин дастаи касбӣ шурӯъ кард.

Дар мавсими аввалин коллективи театр аз 13 нафар: 4 ҳунарманд, 2 ҳунарпеша, 5 мусиқинавоз, режисёр ва директор иборат буд[3, с.78-79]. Дар рӯзи 12 солагии Инқилоби Октябр, 7 ноябри соли 1929 пардаи аввалин театри Давлатии тоҷик кушода шуд[10, с.12-13]. Ба кори театри ҷавони тоҷик ҳаваскорони боистеъдод ҷалб карда шуданд. Мушкили норасоии кадрҳо Театри давлатии академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутиро маҷбур намуд, ки охири солҳои чилум чанд ҷавонро аз театрҳои музофотӣ ҷустуҷӯй намуда, ба дастаи ҳунариаш ҳамроҳ намояд. Аммо иҷрокунандагони нақшҳои духтарон ва занҳои ҷавон ҳоло ҳам намерасиданд. Хушбахтона, бозёфте ба даст омад. Гули хӯдруе пайдо шуд ва ин Хайри Назарова буд.

Духтарон ва занони пешқадам ба кори театр ҷалб карда мешуданд. Якумин зане, ки дар саҳнаи театр баромад карда буд - ин Гулчеҳра Бақоева буд. Занони бисёре аз Гулчеҳра Бақоева ибрат гирифта, дар кори театр иштирок мекардагӣ шуданд. Соли 1951 Театри ба номи Лоҳутӣ бо намоишномаҳои худ “Саодат” ва “Аршин мол олан” дар шаҳри Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар) сафари ҳунарӣ дошт. Азбаски хобгоҳи муносиб ёфт нашуд, ҳунарпешагони Театри драмавӣ-мусиқии Қурғонтеппа ҳамкасбони худро дар манзилашон ҷой доданд. Хайри Назарова бо модараш дар манзилашон, Туҳфа Фозилова, Гулчеҳра Бақоева ва Қумри Дустматоваро ҷой карданд. Барои ин духтараки ҷавон мулоқот бо санъаткорони мумтози тоҷик мароқангез буд.

Суҳбат дар атрофи санъат, маҳорат, намоишҳои нахустини театри касбӣ шавқу ҳаваси Хайриро нисбат ба театр боз ҳам афзуд.Табиист, ки дар рӯзҳои аввали ташкил ёфтани худ театр ба камбудиҳои зиёди ташкилӣ-хоҷагӣ ва эҷодӣ рӯ ба рӯ гашт. Дар рӯзҳои аввал театр барои ба саҳна гузоштани спектаклҳои мураккаб қодир набуд. Дар соли 1930 шумораи кормандони театр ба 32 нафар ва дар соли 1933 ба 57 нафар расид[2, с.15-16]. Акнун, ки ҳайати театр ба қадри имкон мукаммал шуд, масъалаи репертуар ҳамчун масъалаи асосии фаъолияти театр боқӣ мемонд. Дар рӯзҳои аввали мавҷудияти театр ба он Театри русии коргарони ҷавони Сталинобод, ки дар солҳои 1928-1929 вуҷуд дошт, ёрии калон мерасонад. Дар мавсими солҳои 1930-1931 ҳунарпеша Софя Туйбоева ва режисёр Ф.Умаров, ки то ин вақт дар театри ба номи Ҳамза Ҳакимзода кор мекарданд ва каме баъдтар аз театри Бухоро ҳунарманд ва режисёр Миркарим Саидов омаданд. Барои роҳбарӣ намудан ба кори эҷодии театр дар ҳайати режисёрон М.Саидов, Ф.Умаров ва Ҳ.Маҳмудов коллегияи режисёрӣ ташкил гардид. Аз байни ҷавонони боистеъдод ба театр М.Қосимов, А.Саидов, Ҳ.Мардонов, Ф.Исматов, Ҳ.Урунов, А.Бурҳонов, М.Халилов, Л.Латифов ва каме дертар О.Зиёев, Х.Раҳматуллоев, С.Бақоева, Х.Саидахмедов, Б.Ҳамидов, Н.Ғиёсов ва дигарон

дохил гардиданд.Театри ҷавон имконият пайдо кард, ки ба асарҳои калони драмавӣ зиёдтар машғул шавад. Дар навбати аввал театри ҷавони тоҷик дар ин давра ҳанӯз аз касбият хеле дур буд. Роҳбарони воқеии соҳибкасб, коргардонҳо, ҳунармандони ботаҷрибаи дорои маълумоти махсуси театрӣ доштагӣ дар театр фаъолият надоштанд. Сабаби дигари суст инкишоф ёфтани драматургия аз он иборат буд, ки жанри нав буд ва барои ҳамин қувваи асосии нависандагони тоҷикро ба қадри зарурӣ ба худ ҷалб карда наметавонист. [3, с.76]

Албатта ин сабабҳо на танҳо ба инкишофи драматургия, балки ба тараққиёти театри ҷавони тоҷик ҳам халал мерасонд. Дар натиҷаи кӯшиши кормандони театр ва нависандагон дар солҳои 1929-1930 якчанд асаре аз забони халқҳои бародарӣ тарҷума шуда буд. Дар саҳнаи театр песаҳои таблиғотӣ ба монанди: “Бой ва Одина”, “Октябр”, “Сангинбой” ба саҳна гузошта шуданд. Вале барои тараққиёти ояндаи театр асарҳои калони драмавӣ лозим буд. Театр онҳоро меҷӯст ва ҷавононро даъват мекард, ки асарҳои драмавӣ эҷод намоянд. Яке аз аввалин ташаббускорон - муаллими мактаби Сталинобод Акмал Аминзода буд, ки ӯ дар июли соли 1929 барои театри тоҷик песаи чорпардагии “Наврӯз ва Гулчеҳра”-ро навишт. Ин аввалин асари ҷиддӣ ва дар айни замон асари ба қонуну қоидаҳои драматургӣ наздик буд. Спектакл дар муддати як сол дар саҳнаи театр намоиш дода шуд ва танҳо баъд аз саҳна гузоштани спектакли “Ду коммунист”-и К.Яшин (31 январи соли 1931) аз репертуар бароварда шуд [8, с.3].

Ба саҳна гузошта шудани “Марги руза”, “Эшони фиребгар”, “Макри Эшон”, “Наврӯз ва Гулчеҳра”, ки жанри нави адабиёти тоҷик ба ҳисоб мерафт, ба ҳамаи камбудиҳо ва норасогиҳои худ нигоҳ накарда, аҳаммияти калони тарбиявӣ доштанд.

Дар мавсими театрии солҳои 1930-1931 дар фаъолияти театр дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд. Ба театр як гурӯҳи актёрони ботаҷриба аз театрҳои Ӯзбекистон ва як қисми хатмкунандагони студияи театрии Москва шомил шуданд. Хатмкунандаи Институти театрии Москва Я.Таналский ба вазифаи роҳбари бадеии театр таъин шуд.

Вале масъалаи мавҷуд набудани репертуар мисли пештара ба кори театр монеъ шуда монд. Аввалин бор дар соли 1931 песаи драматурги ӯзбек К.Яшин бо номи “Ду коммунист” аз тарафи Муинзода бо забони тоҷикӣ тарҷума гардида, 31 январи соли 1931 ба саҳна гузошта шуд. Нақшҳои асосиро дар ин спектакл М.Саидов, М.Қосимов, Ш.Бақоев, Исмоилов ва дигарон бозиданд. Спектакли “Ду коммунист” то моҳи январи соли 1935 зиёда аз 48 маротиба нишон дода шуд [4, с.12]. Худи ҳамон сол песаи “Балво” –ии Д.Фурманов ва Н.Ноливанов, ки Пайрав Сулаймонӣ тарҷума карда буд, ба саҳна гузошта шуд.

Дар мавсими соли 1931-1932 коллективи театр дар болои песаи “Муфаттиш”-и Н.Гогол кор кард. Вале бори аввал ин асар танҳо дар соли 1946 ба тамошобинони тоҷик пешниҳод карда шуд. Масъалаи рушдии театр ва драматургия доимо дар маркази диққати ташкилоти ҳизбӣ ва эҷодӣ меистод. Мувофиқи нишондод ва бо иштироки фаъолонаи КМҲК (б) Тоҷикистон дар марти соли 1933 пленуми якуми комитети ташкилоти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуда гузашт. Пленум махсусан ба масъалаҳои драматургия ва театр бахшида шуда буд. Пленум дар бораи омӯзиши фаъолияти драматургҳои ҷавон, нашри асарҳои драматургҳо, ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани асарҳои беҳтарини драматургони шуравӣ ва классикон, беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти назариявӣ оид ба драматургия ва театр қарорҳои дахлдор кабул карданд. [8, с.3]

Шурои Комиссарони Халқии ҷумҳурӣ 19 июли соли 1933 ба мақсади ба рӯи саҳна овардани беҳтарин асарҳои театрӣ озмун эълон карданд, ки он соли 1934 ҷамъбаст гардид. Дар натиҷаи ин озмун песаи “Вахш”-и Ғанӣ Абдулло ҷойи якум, песаҳои “Ҳукм”-и М.Турсунзода, “Ҷанговарон”-и Ҳ. Карим ҷойи дуюм ва песаи “Восеъ”-и С.Саидмуродов ҷойи сеюмро ишғол намуданд [3, с.78-79]. Дар сафи драматургони тоҷик номи муаллифони ҷавон ба миён омаданд, ки онҳо дар атрофи театр муттаҳид шуда, барои он асарҳои хуб меофариданд. Ба қатори ин гуна ташаббускорон нависандагон М.Турсунзода, С.Улуғзода, А.Деҳотӣ, А.Пирмуҳаммадзода, С.Ғанӣ, С.Саидмуродов, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил ва дигарон дохил мешуданд. Театр махсусан ба драматургияи рус хеле рағбат дошт. Песаҳои “Даъвати ҳаёт”-и Биль-Белосерковский, “Бачаи бегона”-и Шкваркин, “Платон Кречет”-и А.Корнейчук, “Рубарукунӣ”-и бародарон Тур ва Шейнин ва асарҳои драматургони русро театр ба саҳна гузошт.

Дар миёнаи солҳои 30-юм дар байни коллективи эҷодии театр омӯзиши сиёсии ҳунармандон, инчунин омӯзиши таърихи театр, адабиёт, маҳорати актёрӣ ва грим оғоз шуд. Коргардонҳо махусусан ба маҳорати ҳунармандон аҳаммияти калон медоданд. Ба сифати спектакли намунавӣ песаи Шиллер “Макр ва муҳаббат” интихоб шуд. Дар ин хизмати коргардон Е.И.Мителманро қайд кардан зарур аст. Е.Мителман дар соли 1936 ба вазифаи режисёри Театри драмавии тоҷик таъин мешавад. Аввалин спектакле, ки коргардон Е.И.Мителман ба саҳна гузошта буд, “Макр ва муҳаббат”-и Шиллер буд[6, с.8-9]. Спектакли “Макр ва муҳаббат” дар аввали соли 1937 ба саҳна гузошта шуда буд. Ин спектакл барои ба саҳна гузоштани спектакли “Отелло”-и Шекспир тачрибаи хубе буд.

Дар солҳои 1934-1937 песаҳои “Ҳукм”-и М.Турсунзода, “Вахш”-и Ғ.Абдулло (1935) “Бригада”-и М.Саидов (1934), “Раъно”-и С.Саидмуродов, “Соли 1916”-и Ҳ.Карим ва Дунган (1936), “Қушунҳо дар дарвозаи Бухоро”-и С.Улуғзода (1936), “Туҳмат”-и С.Саидмуродов ва И.Исмоилов ва дигар песаҳо навишта шуданд, ки аксарияти онҳоро театр ба саҳна гузошт.

Дар байни спектаклҳои миллии театр, ки дар ин давра ба саҳна гузошта шудаанд сухан ронда, пеш аз ҳама спектакли “Соли 1916”, “Шодмон” ва “Калтакдорони Сурх”-ро номбар кардан лозим аст. Спектали “Соли 1916” аз тарафи коргардон М.Саидов хеле бо маҳорат ба саҳна гузошта шуд. Ҳунармадон А. Саидов, Х. Раҳматуллоев, А. Сулаймонов ва дигарон нақшҳои худро дар ин спектакл бо маҳорат бозӣ карданд. Яке аз спектаклҳои мароқовари ҳамин давра спектакли “Алқасар”-и Г.Мидивани буд, ки он дар бораи муборизаи қаҳрамононаи ватандӯстони Испания ба муқобили режими фашистии Франко нақл мекунад. Спектакли “Алқасар” аз тарафи режисёр Е. Мителман 21 феврали соли 1938 ба саҳна гузошта шуд[9, с.42-46]. Асари С. Саидмуродов ва Исмоилов “Туҳмат”, ки аввалин бор режиссёр Саидмуродов онро 1-май соли 1938 ки ба саҳна гузошт, яке аз беҳтарин спектаклҳои ҳамон давра мебошад. Дар ин спектакл ҳунармандон Г.Бақоева, А.Бурҳонов, М.Розиқов, С.Туйбоева, А.Саидов маҳорати баланди ҳунарии худро нишон доданд.

Ташкилоти ҳизбии Тоҷикистон соҳаҳои гуногуни санъати миллиро, махсусан театри драмавии ҷумҳуриро доимо зери ғамхорӣ қарор дода буданд. Ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ санъати миллиро аз таъсироти унсури боқимондаи реаксионӣ тоза намуда, душвориҳо ва камбудиҳои ин соҳаи фарҳангро бартараф карда, тараққиёти нави театри тоҷикро таъмин намуд.

Анҷумани 3-юми Ҳизби Комунистии Тоҷикистон дар бораи тараққиёти минбаъдаи санъати театрӣ ва мусиқӣ дар ҷумҳурӣ нишондоди қатъӣ дод. 13 августи соли 1937 Шурои комиссарони Халқӣ ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон “Дар бораи инкишофи санъати театрӣ-мусиқӣ дар Тоҷикистон” қарори махсусе қабул карданд. Дар асоси ҳамин қарор театри муттаҳида, ки соли 1934 то инҷониб якҷоя буд, ба ду театр - театри мусиқавӣ ва драмавӣ ҷудо карда шуд. Дар натиҷаи ин чорабиниҳо театри драмавӣ аз ҷиҳати ташкилӣ ва эҷодӣ мустаҳкам гардид. Барои боз ҳам беҳтар шудани фаъолияти онҳо ҳукумати Тоҷикистон маблағҳоии иловагӣ ҷудо намуд.

Баъд аз қарори номбурда дар ҳаёти театр ва драматургияи тоҷик дигаргуниҳои ҷиддӣ ба миён омад. Театр ва драматургони тоҷик тачрибаи бойи ин театрҳо ва драматургияи ҷумҳуриятҳои бародариро омӯхта, дар фикри он буданд, ки масъалаҳои мубрами давронро дар асарҳои эҷодкардаашон равшан ва ҳақиқӣ тасвир кунанд.

Песаи “Соли 1916”-и Ҳалим Карим ва Дунган, “Туҳмат”-и С.Саидмуродов ва Исмоилов, “Восеъ”-и Ғ.Абдулло, “Санавбар”-и Р.Ҷалил, “Ватандӯстон”-и С.Ғанӣ ва Ф.Ниёзӣ, “Пионер” дар сарҳад”-и Х.Обидӣ ва А.Усмонов, “Пионери содиқ”-и С.Саидмуродов ва “Суҳайлӣ”, “Шодмон”-и С.Улуғзода ва ниҳоят ба майдон омадани песаи “Калтакдорони Сурх”-и С.Улуғзода намунаи беҳтарини асарҳои драмавии тоҷик, маҳсули қалами драматургҳои тоҷик дар ҳамин давра мебошанд. Ҳамаи ин песаҳоро театри драмавӣ ба саҳна гузошта буд. Спектакли “Соли 1916” яке аз саҳифаҳои таърихии муборизаи халқи тоҷикро дар бар мегирифт, песаи “Ватандӯст” бошад аз муборизаи халқ бар зидди душманони дохилӣ ва хориҷӣ, далерӣ ва ҳушёрии сарҳадчиёни сурх нақл мекард. Песаи “Шодмон”, ки онро С.Улуғзода навиштааст, дар ҳаёти театр ва драматургияи тоҷик саҳифаи нав кушод. Спектакли “Шодмон” аввалин спектакле буд, ки ба таври реалистӣ дар

бораи ҳайёти колхозчиёни пахтакор нақл мекард. Спектаклро моҳи ноябри соли 1933 режисёр М.Саидов хеле мароқовар ва дилчасп ба саҳна гузошта буд[11, с.471].

Дар нимаи дуюми солҳои сиюм бо мақсади аз ҷиҳати ташкилӣ ва эҷодӣ мустаҳкам гардонидани фаъолияти театр, барои тайёр намудани кадрҳои эҷодӣ як қатор чорабиниҳо дида шуданд. Ҳайати эҷодии театр хеле афзуда, бештар аз 60 нафар ҳунармандро дар бар мегирифт. Соли 1937 дар назди Институти театрии Москва студияи театрии тоҷикӣ кушода шуд, ки ба он зиёда аз 20 нафар ҷавонони болаёқати тоҷик барои таҳсил фиристода шуда буданд. Моҳи декабри соли 1939 ҷумҳурӣ даҳсолагии Театри драмавиро қайд кард. Дар рӯзҳои ҷашн ба тамошобинон спектаклҳои “Шодмон” “Отелло”, “Балво” нишон дода шуда буд. Ҳукумати Тоҷикистон хизматҳои кормандони театрро ба назар гирифта, ба он унвони фахрии Театри академӣ дод. Ба як гурӯҳ кормандони театр унвони ҳунарманди хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон ва ба театр ба таври расмӣ номи шоир А.Лоҳутӣ дода шуд[9, с.42-46].

Ҳамин тариқ, дар охири солҳои сиюм Театри драмавии ба номи А.Лоҳутӣ яке аз театрҳои беҳтарини ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба шумор мерафт. Комёбиҳои эҷодии Театри драмавии ба номи А.Лоҳутӣ моҳи апрели соли 1941 дар Москва дар Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик намоиш дода шуд. Театр ба тамошобинони пойтахт спектаклҳои: “Калтакдорони Сурх”-и С.Улуғзода, “Рустам ва Суҳроб”-и А.Пирмуҳаммадзода ва Валкенштейн “Отелло”-и Шекспирро намоиш дод. Актёрони боистеъдоди тоҷик М.Қосимов, А.Бурҳонов, С.Туйбоева, Ҳ.Раҳматуллоев, Г.Бақоева бо бозии худ тамошобинони пойтахтро мафтун сохтанд.

Президиуми Шурои Олии ИҶШС хизматҳои намоёни театри Академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи А.Лоҳутиро ба назар гирифта, онро бо ордени Байрақи Сурхи меҳнат мукофотонид. Ба ҳунарманди беҳтарини театр М.Қосимов номи артисти халқии ИҶШС дода шуд[10, с.15-16]. Вақте ки мо дар бораи муваффақиятҳои театр сухан меронем, хизмати барҷастаи яке аз асогузорони Театри драмавии ба номи А.Лоҳутӣ режисёр, драматург ва ҳунарманди пурмаҳорати тоҷик марҳум М.Саидовро қайд кардан лозим аст. М.Саидов якумин ҳунарманде буд, ки маълумоти махсуси театрӣ дошт. Истеъдоди баланд, ҷаҳонбинии васеъ, навоварии саҳнаи театр, хоксорӣ, серталабӣ ба худ ва ба дигарон, чунин буданд хислатҳои наҷибонаи ҳунарманди намоён ва режиссёри боистеъдод М.Саидов. Марги бемаҳал дар соли 1940 ин устоди калонро аз байни мо бурд. Дар солҳои ҷанг театр песаҳои “Ба ҷанг”-и Ёқубҷонов ва Зелеранский (18 октябри соли 1941), “Дили модар”-и Ҷ.Икромӣ, “Матросҳо”, “Давом дорад”-и Бруштейн ва “Матросҳо аз Қаторро”-и Ф.Волф, ки аз тарафи режиссёр Е.Мителман дар саҳна гузошта шуд[3, с.78-79].

Репертуари театр, гарчи дар замони ҷанг асосан аз мазмуни ҳарбӣ иборат бошад ҳам, вале дар баробари ин театр кори худро аз рӯи асарҳои классикӣ давом медод. Жанри ҳаҷвӣ ҳам дар ин давра зарур арзёбӣ мешуд. Барои ҳамин дар давраи ҷанг театр як қатор асарҳои ҳаҷвиро низ ба саҳна гузошт. Аз репертуари классикии театр дар қатори песаи “Чашмаи гусфандон”-и Лопе-де-Вега (7 ноябр соли 1942, коргардон В.Кансел) “Касалии калбақӣ” Молер (марти соли 1944) низ ба саҳна гузошт.

Бояд қайд кунем, ки ба жанри ҳаҷвӣ театр асосан дар солҳои ҷанг муроҷиат кард ва ҳунармандони театр тамоми нозукиҳои ин жанрро ба хубӣ аз худ намуданд. Аз ҳамин сабаб ҳам комедияи “Майсара”-и асари Ҳ Ҳакимзода ва “Арӯси панҷсума”-и Урдуболи аз тарафи режиссёр А.Саидов моҳирона ба саҳна гузошта шуда, аз тарафи ҳунармандон бо маҳорати калон рӯи саҳна оварда шуд. Ҳунармандони номдори ҷумҳурӣ А.Бурҳонов, Г.Бақоева, Л.Латифов, Саидмаҳмадов, Б.Ҳомидов дар жанри ҳаҷвӣ қувваи эҷодии худро санҷида, аз ин санҷиш бо муваффақият баромаданд.

19 июни соли 1948 театр асари драматурги машҳури рус А.Н.Островский “Духтари бебисот”-ро ба саҳна гузошт. Коргардон Е.Мителман, рассом М.Шипулин нагузоштанд, ки ин асари зебо бо тамоми хислатҳои наҷибонаи худ аз саҳнаи театр бо таври бояду шояд садо диҳад. Соли 1952 ба муносибати 100-солагии рӯзи вафоти Н.В.Гогол театр “Муфаттиш”-ро аз сари нав ба саҳна гузошт. Мутаасифона, ба ғайр аз песаи номбаршуда асарҳои дигари классикони рус, ба монанди асарҳои оламшумули Горкий, Чехов, Осторовский, Грибоедов ва дигарон ба саҳнаи театр гузошта нашудаанд. [9, с.42-46]

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳақиқатан ҳам фаъолияти ҳамаҷонибаи театр оғоз мешавад. Тамошобин дар саҳнаи он асарҳои гуногуни замонавӣ, классикӣ, асарҳои драматургони ҷумҳуриҳои бародариро торафт бисёртар мебинанд. Яке аз хусусиятҳои беҳтарини фаъолияти театр дар ин давра аз он иборат буд, ки дар баробари ташвиқ намудани асарҳои беҳтарини драматурони тоҷик, песаҳои драматургҳои намоёни ҷумҳуриҳои бародариро ба саҳна гузошта, тамошобинони тоҷикро бо намудҳои беҳтарини асарҳои драмавӣ ва фарҳанги миллии ин ҷумҳуриҳо ошно кард.

Театр кори худро аз рӯи асарҳои классикон давом дода, дар давраи баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ песаҳои “Муфаттиш”-и Гогол, “Ромео ва Ҷулета” ва “Шоҳ Лир”-и Шекспир, “Хизматгори ду хуҷа”-и Голдони, “Соҳиби меҳмонхона”-и Молер ва дигар асарҳоро ба саҳна гузошта буд. Дар солҳои баъд аз ҷанг театрро як мавзуи мароқовар - мавзуи мубориза барои сулҳ, демократия ва сотсиализм ба худ ҷалб намуд.

Театр дар рӯзҳои аввали баъ ази ҷанг песаи “Сӯиқасди маҳкумшудагон”-и Н.Вертаро ба саҳна гузошт. Песаи В.Сабко “Дар паси фронти дуюм”, ки аз саҳнаи театр нишон дода шуд,и макру ҳилла ва паймоншикани монополизми Америкаро фош мекунад. “Овози Америка”-и Б.Лаврентев дар назди тамошобин ду Америкаро нишон медиҳад.

Муваффақиятҳоеро, ки театр дар ин давра ба даст оварда буд, апрели соли 1954 дар Москва дар Даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик намоиш дод. Аз рӯи песаи Ғ.Абдулло, Ш.Қиёмов “Тӯфон”, ки дар он образи ҷовидонаи Ленин тасвир ёфтааст ва он аввалин маротиба дар рӯзи ҷашни чилсолагии Инқилоби Октябр соли 1957 намоиш дода шуд. Дар Фестивали умумииттифоқии театрҳо, ки дар он намоишномаи “Туфон” намоиш дода шуд, иштироккунандагони он, аз ҷумла М.Қосимов, А.Бурҳонов, С.Туйбоева бо дипломи дараҷаи якум ва унвони Лауреати фестивал сарфароз гардиданд. Дар солҳои баъд дар ин чорабиниҳо драматург Ф.Ансорӣ песаҳои “Имтиҳон,” “Ҳаёт ва ишқ”, ба маърази намоиш гузошта буд[12, с.261].Дар арафаи 1100-солагии зодрӯзи Абуабдуллоҳ Рудакӣ, соли 1958 театр аз рӯи песаи С.Улуғзода спектакли “Рӯдакӣ”-ро ба саҳна гузошт. Спектакли “Рӯдакӣ” беҳтарин спектакли ин давра ба шумор меравад. Дар баробари беҳтар намудани мавзуи репертуари театр хизматрасонии мадании он ба аҳолии шаҳру деҳот низ хеле беҳтар гардид. Дар муддати чор сол, яъне аз соли 1955 то охири соли 1958 театр 30 асари навро ба саҳна гузошт. Дар ҳамин давра театр қариб ҳазор спектаклро ба 283 ҳазор нафар тамошобинон пешниҳод намуд. Театр соли 1930 ҳамагӣ 120 спектакл ва консерт нишон дода буд, вале дар соли 1958 он ба 250 спектакл расид.Дар солҳои 1959-1960 коллективи театр спектаклҳои “Қурбон” (Р.Тагор), “Раъду барқ” (Бо Цзюй) “Чинори гуё”-и Б.Раҳимзода ва С.Саидмуродов, “Қонуни нонавиштаи”-и Пистоленко, “Виҷдон”-и С.Ғанӣ ва Мителман ва як қатор спектаклҳои дигарро ба саҳна гузошт [9, с.42-46].

Яке аз нақшҳои офаридаи Х.Назарова дар Театри ба номи А.Лоҳутӣ ин Ҷамила аз намоишномаи “Бой ва хизматгор мебошад, ки яке аз асарҳои беҳтарини саҳнавии интихобкардаи театр мебошад ва дар баробари “Хизматори ду хоҷа”-и К.Галдони қариб 300 маротиба намоиш дода шудааст. Инчунин яке аз нақшҳои марказиро аз намоишномаи В.Шекспир “Ромео ва Ҷулетта” ба Хайри Назарова месупоранд. Бо воситаи заҳматҳои устодони ғамхору серталаб Е.Мителман, Х.Раҳматуллоев, Ш.Қиёмов ва дӯстону ҳамкорони пуртаҷриба ба монанди С.Туйбоева, Хайрӣ Назарова аз уҳдаи нақши Ҷулета хеле сарбаландона мебарояд. Табиат қаду басти нозук, зебоии ӯро маҳз барои иҷрои нақши Ҷулета офарида буд. Аз рӯзи ба саҳнаи тоҷик қадам гузоштани Хайрӣ Назарова дар барномаи театр асарҳои хуби дорои характери миллӣ ба саҳна гузошта шуданд, ки дар онҳо симои духтарони тоҷик дар маркази диққат буд. Хайри Назарова дар саҳна тули қариб чил сол қисмати занони тоҷик, узбек, қазоқ, қирғиз, озар, арман ва ҳиндиро инъикос намуд. Онҳо дар маҳал ва замонҳои гуногун ҳаёт ба сар бурдаанд, вале ҳамаашон дар азму талоши ҳуқуқи худ,бахти хеш, шараф ва номус болу пар мезаданд, адолат ва ҳақиқатро орзу мекарданд. Ҳунарпеша соли 1964 барои хизматҳои шоёнаш сазовори унвони баланди Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон гардид. Ӯ тамоми умр, ба ибораи Арбоби бузурги театр К.С.Станиславский, “Санъатро дар худ дӯст дошт, на худро дар санъат” маҳз барои ҳамин Хайри Назарова мегуфт, ки театр ҳаёти ман аст. Ӯ ба ин ҳақ ҳам дошт, зеро ҳаёт ба ӯ барои ҳамин мақсад дода шуда буд.

Хулоса. Таҳлили таърихии рушди театри касбии тоҷик нишон медиҳад, ки ин раванд на танҳо ҳамчун падидаи фарҳангӣ, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми дигаргуниҳои иҷтимоии асри XX арзёбӣ мегардад. Дар ин замина ҷалби занон ба фаъолияти театрӣ ва иштироки онҳо дар ташаккули санъати саҳнавӣ яке аз дастовардҳои муҳимми даврaи нав ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои таҳқиқ собит менамоянд, ки Хайрӣ Назарова ҳамчун намояндаи насли аввалини ҳунарпешагони зан дар театри тоҷик дар раванди ташаккул ва инкишофи он нақши назаррас бозидааст. Фаъолияти эҷодии ӯ на танҳо дар ғанигардонии репертуари театр ва офариниши образҳои саҳнавӣ, балки дар инъикоси тағйироти иҷтимоии замон ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон дар ҷомеа аҳаммияти муҳим дошт. Аз нуқтаи назари таърихӣ, фаъолияти Хайрӣ Назарова ҳамчун як ҷузъи раванди умумии модернизатсияи ҷомеаи тоҷик дар асри XX арзёбӣ мегардад, ки дар он театр ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва тарбияи фарҳангӣ нақши калидӣ бозидааст. Ӯ бо маҳорати баланди ҳунарӣ ва садоқат ба касб тавонист симои занони тоҷикро дар саҳнаи театр воқеъбинона ва таъсирбахш инъикос намояд. Ҳамин тариқ, омӯзиши нақши Хайрӣ Назарова на танҳо барои таърихи театри тоҷик, балки барои таҳқиқи масъалаи иштироки занон дар равандҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ дошта, барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти таърихию фарҳангшиносӣ замина фароҳам меорад.

Таҳқиқоти мазкур дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДМТ таҳти унвони «Таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони таърихӣ ва муосир » барои солҳои 2026-2030 омода карда шудааст.

Муқарриз: Равшанзод М. – н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Абдушукурова, Т. Хайрӣ Назарова. Зане, ки театр маънии зиндагиаш буд / Т. Абдушукурова // Ҷумҳурият. - 2024. - 7 август (№ 150)
2. Афсаҳзод, А. Зиндагӣ дар саҳна / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Адиб, 1984. - С. 75.
3. Бақоева, Г. Артисткаи халқии Республика. Озмоиши ҳаёт /Г. Бақоева //Шарқи Сурх. - 1956. - № 1. - С. 78–79.
4. Гольбрайх, Е. Ҳунар дар ҷабҳа / Е. Гольбрайх // Адабиёт ва санъат. - 1989. - 25 май (№ 21). - С. 12.
5. Демидчик, Л. А. Зарождение и становление таджикской драматургии (1929–1941 гг.) / Л. А. Демидчик // Таджикская драматургия и театр: сборник статей. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. - С. 76.)
6. Иброҳимов, Ҷ. Садои дил ё худ порчае аз саҳнаи зиндагии Ҳунарпеша М. Исоева / Ҷ. Иброҳимов // Занони Тоҷикистон. - 1984. - № 2. - С. 8–9.
7. Маҳмадов, А. Дунёи театр / А. Маҳмадов. - Душанбе: [б. и.], 1988. - С. 38.
8. Мирзоев, К. Мақоми театр / К. Мирзоев // Маориф ва маданият. - 1975. - 19 апрель. - С. 3.
9. Назаров, М. Санъати халқи тоҷик / М. Назаров. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. - С. 42–46.
10. Нурҷонов, Н. Муҳаммадҷон Қосимов / Н. Нурҷонов. - Сталинобод : Нашрдавтоҷик, 1960. - С. 12-16.
11. Нурджанов, Н. Х. История таджикского советского театра (1917–1941 гг.) / Н. Х. Нурджанов; АН Таджикской ССР, Институт истории им. Ахмада Дониша. - Душанбе: Дониш, 1967. - С. 471.
12. Нурджанов, Н. Х. Таджикский театр: Очерк истории / Н. Х. Нурджанов; под общей редакцией профессора Г. Гояна. - Москва: Искусство, 1968. - С. 261.
13. Сайфуллоев, А. Гули ғайрат, гули кор / А. Сайфуллоев // Занони Тоҷикистон. - 1984. - № 4. - С. 18–19.
14. Ҷӯрабекова, М./ М. Ҷӯрабекова // Паёми Душанбе. - 1991. - 7 март.

НАҚШИ ХАЙРӢ НАЗАРОВА ДАР ТАЪРИХИ ТЕАТРИ ТОҶИК

Мақолаи мазкур доир ба нақши Хайрӣ Назарова дар баланд бардоштани саҳми занон дар театр бахшида шудааст. Бояд ҳаминро ққайд намуд, ки дар ҷумҳурӣ нақши занон дар пешрафти санъати театрӣ дар ҷамъият сол аз сол меафзояд. Яке аз хусусиятҳои беҳтарини фаъолияти театр дар ин давра аз он иборат буд, ки дар баробари ташвиқ намудани асарҳои беҳтарини драматургони тоҷик, пиесаҳои драматургҳои намоёни ҷумҳурияҳои бародарӣ низ ба саҳна гузошта шуда, тамошобини тоҷикро бо намудҳои беҳтарини асарҳои драмавӣ ва фарҳанги миллии ҷумҳуриҳои дигар ошно кард. Таҳлили таърихии рушди театри касбии тоҷик нишон медиҳад, ки ин раванд на танҳо ҳамчун падидаи фарҳангӣ, балки ҳамчун ҷузъи муҳими дигаргуниҳои иҷтимоии асри XX арзёбӣ мегардад. Дар ин замина ҷалби занон ба фаъолияти театрӣ ва иштироки онҳо дар ташаккули санъати саҳнавӣ яке аз дастовардҳои муҳимми даврaи нав ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои таҳқиқ собит менамоянд, ки Хайрӣ Назарова ҳамчун намояндаи насли аввалини ҳунарпешагони зан дар театри тоҷик дар раванди ташаккул ва инкишофи он нақши назаррас бозидааст. Фаъолияти эҷодии ӯ на танҳо дар ғанигардонии репертуари театр ва офариниши образҳои саҳнавӣ, балки дар инъикоси тағйироти иҷтимоии замон ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон дар ҷомеа аҳаммияти муҳим дошт.

Калидвожаҳо: санъат, театр**,** занон, тамошобинон, асар, спектакл, маданият.

РОЛЬ ХАЙРИ НАЗАРОВОЙ В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО ТЕАТРА.

Данная статья посвящена роли Хайри Назаровой в процесс повышения вклада женщин в развитие театрального искусства. Следует отметить, что в республике роль женщин в развитии театрального искусства в обществе возрастает с каждым годом. Одной из ярких особенностей работы театра в этот период стало то, что наряду с пропагандой лучших произведений таджикской драматургии, он ставил пьесы выдающихся драматургов братских республик, знакомя таджикских зрителей с лучшими образцами драматургии и национальной культурой этих республик. Исторический анализ развития таджикского профессионального театра показывает, что этот процесс оценивается не только как культурный феномен, но и как важная составляющая социальных изменений XX века. В этом контексте вовлечение женщин в театральную деятельность и их участие в формировании исполнительских искусств рассматривается как одно из важных достижений новой эпохи. Результаты исследования доказывают, что Хайри Назарова, как представительница первого поколения женщин-актрис таджикского театра, сыграла значительную роль в его формировании и развитии. Ее творческая деятельность имела большое значение не только для обогащения театрального репертуара и создания сценических образов, но и для отражения социальных изменений того времени и повышения социального статуса женщин в обществе.

Ключевые слова: искусство, театр, женщины, зрители, творчество, спектакль, культура.

РОЛЬ ХАЙРИ НАЗАРОВОЙ В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО ТЕАТРА

Данная статья посвящена роли Хайри Назаровой в процесс повышения вклада женщин в развитие театрального искусства. Следует отметить, что в республике роль женщин в развитии театрального искусства в обществе возрастает с каждым годом. Одной из ярких особенностей работы театра в этот период стало то, что наряду с пропагандой лучших произведений таджикской драматургии, он ставил пьесы выдающихся драматургов братских республик, знакомя таджикских зрителей с лучшими образцами драматургии и национальной культурой этих республик. Исторический анализ развития таджикского профессионального театра показывает, что этот процесс оценивается не только как культурный феномен, но и как важная составляющая социальных изменений XX века. В этом контексте вовлечение женщин в театральную деятельность и их участие в формировании исполнительских искусств рассматривается как одно из важных достижений новой эпохи. Результаты исследования доказывают, что Хайри Назарова, как представительница первого поколения женщин-актрис таджикского театра, сыграла значительную роль в его формировании и развитии. Ее творческая деятельность имела большое значение не только для обогащения театрального репертуара и создания сценических образов, но и для отражения социальных изменений того времени и повышения социального статуса женщин в обществе.

Ключевые слова: искусство, театр, женщины, зрители, творчество, спектакль, культура.

THE ROLE OF KHAYRI NAZAROVA IN THE HISTORY OF TAJIK THEATER

This article examines the role of Khayri Nazarova in the process of increasing women's contributions to the development of theatrical art. It is worth noting that the role of women in the development of theatrical art within the republic's society has been growing year by year. A distinctive feature of theater operations during this period was that, alongside promoting the finest works of Tajik drama, theaters staged plays by prominent playwrights from sister republics, thereby introducing Tajik audiences to the best examples of drama and the national cultures of those republics. A historical analysis of the development of professional Tajik theater reveals that this process is regarded not merely as a cultural phenomenon but also as a crucial component of the social changes that took place in the 20th century. In this context, the involvement of women in theatrical activities and their participation in shaping the performing arts are viewed as significant achievements of the new era. Research findings demonstrate that Khayri Nazarova -as a representative of the first generation of Tajik actresses-played a pivotal role in the formation and development of the theater. Her creative work was significant not only for enriching the theatrical repertoire and creating memorable stage characters but also for reflecting the social changes of the time and elevating the social status of women in society.

Keywords: art, theater, women, audience, creativity, performance, culture..

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мухаббатова Гулнора Ҳомидовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърихи халки точик. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17 . Телефон**:918737409**

Сведения об авторе: ***Мухаббатова Гулнора Хомидовна*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918737409**

Information about the author: ***Muhabbatova Gulnora Khomidovna*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Tajik People. **Address:** 734025, Dushanbe, Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 918737409**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 29.06.2026
Аз тақриз баргашт: 27.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:94,372-893

ЗАРДӮЗИЮ ЗАРГАРӢ УНСУРҲОИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН

Файзуллозода Ш. Ф.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Муқаддима. Дар даврони истиқлолият Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, баҳри аз нав эҳё намудани анъанаҳои сирф тоҷикӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки аз қадим миллати мо онро худ кашф намудаву ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда буду бо сабабҳои гуногун дар арафаи нестшавӣ қарор доштанд, иқдомҳои гуногунро ба роҳ монданд. Хуҷанд ҳамчун яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ аз даврaҳои Суғд то асрҳои миёна маркази муҳими ҳунармандӣ ба шумор мерафт. Нақши занони Тоҷикистон дар рушди ҳунарҳои мардумӣ барои ҳифзи мероси фарҳангӣ ва рушди иқтисоди кишвар бузург мебошад.

Занони ҳунарманд дар пешбурди фарҳанги мардумии тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд. Ҳунарҳои мардумӣ дар кишвари мо баёнгари миллати меҳнатдӯсту ҳунарпарвари тоҷик буда, пайвандгари насли имрӯза ба гузаштаи таърихи башариятанд. Имрӯз бо дарки ин муҳиммият дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марказҳои гуногуни омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ фаъолият доранд. Дар ин марказҳо сокинон ба омӯзишу фаъолият ҷалб шудаанд. Дар Хуҷанд ва атрофи он занон нақши калидӣ дар ҳифз ва интиқоли ин ҳунарҳоро доранд.

Заргарӣ ва зардӯзӣ - ду ҳунари анъанавӣ ва муҳим дар фарҳанги мардумии тоҷик, аз ҷумла дар Хуҷанд ва минтақаи Суғд, ки асрҳо боқӣ монда, ҳамчун бахши мероси фарҳангӣ эҳё ва рушд меёбанд. Заргарӣ («ювелирӣ») — ҳунари таҳияи маснуоти ороишӣ аз металлҳо (аз ҷумла тилло ва нуқра), сангҳои қимматбаҳо ва дигар мавод мебошад.[8,с.10.] Ин касб аз қадимтарин касбҳои амалии инсон ба шумор меравад ва нишонаҳои он аз даврaҳои аввалини таърих маълум шудаанд; аввалин намунаҳои маснуоти заргарӣ ба асри биринҷӣ тааллуқ доранд. Ҳунари заргарии тоҷикон як қисми муҳим ва шодоб дар санъати мардумони Осиёи Миёна аст.[10, с.130] Ин санъат дорои анъанаҳои амиқи ҳунарӣ ва устодии баланд мебошад. Сайр кардани таърихи санъати заргарӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин ҳунар бар асоси илму фарҳанги нав ва тамосҳои фарҳангӣ ва этникӣ бо халқҳои дигар сохта ва рушд ёфтааст.

Чунон ки шумо зикр кардед, зиёда аз ҳар чиз, дар заргарии тоҷикон муҳити рамзӣ ва сакралӣ мавҷуд аст. Зинаи аввалин ё пайдоиши заргарии тоҷикон дар асл ҳамчун ашёи магӣ ва муҳофизаткунанда аз нозукеҳию фалаҷ ва хуршеди табиӣ оғоз ёфтааст. Аммо бо вуқӯи замон, заргарӣ на танҳо нақши символии худро баробар нигоҳ дошт, балки маъзад ҳам ба самти зебоӣ ва эстетика равона шуд.

Барои рушди санъати заргарӣ дар Тоҷикистон, ки бояд бо истифодаи манбаҳои табиии бой, аз ҷумла ҷузъҳои гаронбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, такон дода шавад, тадбирҳои ҷиддӣ лозим аст.[23, с.60] Тағйирот дар тарҳрезӣ, омезиши усулҳои қадимӣ ва замонавӣ ва истифодаи технологияҳои муосир метавонанд санъати заргарии тоҷиконро ба сатҳи нав бирасонанд.

Агар заргарони муосир ба тарҳҳои нави эҷодӣ рӯй ованд ва бо истифодаи усулҳои аслии қадимии заргарӣ ин санъатро эволютсия диҳанд, метавонанд дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ муваффақ шаванд.

Ҳунари заргарӣ дар ҳаёти мардум ҳамчун рамзи зебоӣ, нуфуз, ва ҳифзи руҳи инсон (ба мисли ороишоти муҳофизатӣ) ҷой дорад. Заргарон на танҳо зебоии ашёҳоро месозанд, балки рамзҳо ва нишонаҳои фарҳангӣ ва ҳастиро дар ашёҳои худ ҷой медиҳанд. Дар шаҳри Хуҷанд ва минтақаи Суғд ин ҳунар дар маросимҳо, намоишҳо ва ҳамоишҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла дар намоишгоҳҳои маҳаллӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ зиёд ба намоиш гузошта мешавад[15, с.254]. Ҳунари зардӯзӣ барои оро додани ҷомаҳо, сару либосҳои занона ва мардона, ҷиҳозҳои маросимӣ, либосҳои арӯсӣ ва дигар ашёҳои муқаддас ва тантанавӣ истифода мешавад. Дар баъзе минтақаҳои миллӣ, ин навъи дӯзандагӣ қисми

ҷудонашавандаи ҷашну таблиғот, бахусус рӯзҳои ид ва маросимҳои оилавӣ мебошад. Ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла заргарӣ ва зардӯзӣ, дар Хуҷанд дар чаҳорчӯби намоишҳо ва барномаҳои фарҳангӣ рушд меёбанд. Ин чорабиниҳо на танҳо маҳорати ҳунармандонро намоиш медиҳанд, балки барои эҳёи анъанаҳои миллӣ, ҷалби ҷавонон ба ин соҳа ва афзудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ мусоидат мекунанд. Дар намоишгоҳҳои маҳаллӣ ташкили курсиҳои омӯзишӣ ва дастгирии ҳунармандон тавассути грантҳо низ ҷараён дорад. Зардӯзӣ (аз калимаи форсӣ — «зард» [тилло] ва «дузӣ» [дӯзандагӣ]) маънояш «дӯзидани бо тилло» мебошад — як навъ гулдӯзи махсусест, ки бо истифодаи риштаҳои тиллоӣ, нуқраӣ ва дигар унсурҳои ороишӣ рӯи матоъҳои гаронбаҳо ба нақшу нигорҳо оро дода мешавад.[19, с.95] Техникаи зардӯзӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон, аз ҷумла дар Хуҷанд, таърихи тулонӣ дорад. Он аз сабқати умумии зардӯзии форсӣ ва маркази Осиё сарчашма мегирад ва дар гузашта ҳамчун ҳунари олии ороиш дар асотири салтанатҳо ва рӯйпӯшҳои расмӣ истифода шудааст.

Методи татқиқот. Ин мақола дар асоси методологияи комплексӣ бо таҳлили систематикӣ пешниҳод шудааст. Равиши системавӣ ин методе,ки аз унсурҳои ҳамоҳанг мақсадҳо мазмун, усулҳо, воситаҳо, шаклҳо ,воситаҳо, натиҷаҳо ӣӯбаррасӣ мешаванд. Равиши фаъолиятмандона нақши фаъоли омӯзанда дар эҳёи ҳунар таъкид шудааст. Инчунин методи таҳлил ва муқоиса пешниҳод шудааст. Ҳунарҳои заргарӣ ва зардӯзӣ дар Тоҷикистон қисми фарҳанги миллӣ ва мероси фарҳангии халқ ба шумор меоянд. Ҳардуи онҳо дар баробари дигар ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун рамзи тамаддун ва шинохти миллӣ арзёбӣ мешаванд.[20, с.45] Дар кишвар чорабиниҳои ҳунарӣ ва фестивалҳо доир мегарданд, ки барои тарғиби онҳо ва омӯзиши технологияҳои аслӣ мақсад доранд, ки ин ҳунарҳо эҳё гарданд. Таърих гувоҳ аст, ки зану модари тоҷик дар ҳама давру замон посдори оину анъанаҳои муқаддаси халқу миллат ба шумор меравад.

Натиҷагирӣ. Яке аз нишонаҳои асосӣ ва хосаи муаррифгари фарҳангу тамаддуни миллатҳои мухталифи дунё либоси милли онҳост ва вақте сухан аз либоси миллӣ меравад. Соли сипаришуда се намояндаи Тоҷикистон дар Фестивали байналмилалии ҳунари заргарӣ ҷойҳои ифтихорӣ ба даст оварданд. Онҳо ҳайати ҳакамонро бо зардузии тиллоӣ мафтун сохтанд. Кори онҳоро хабарнигори «МИР 24» Азиза Азиззода* арзёбӣ намуд.

Асарҳои Салима Каримова* ҳакамонро ба ҳайрат оварданд. Дар номинатсияи «Беҳтарин устои зардузии тиллоӣ» ӯ дар байни ҳунармандони 58 кишвари ҷаҳон ҷои аввалро соҳиб шуд. Ҳамаи корҳои Салима ба ҳамин меъёр ҷавобгӯянд. Ӯ ҳунари худро аллакай 22 сол боз меомӯзонад ва беш аз 300 занро тарбия кардааст. Имрӯз ҳадаф дорад санъати зардузиро дар кишвар эҳё намояд.

Барои Нарзи Каландарова иштирок дар фестивали Бухоро аввалин сафари кориаш шуд, ҳангоме ки дар зарфи ним аср ашёҳои зардузии ӯ худро дар бисёр кишварҳо муаррифӣ кардаанд. Ҳунари дӯхт ба ӯ ба мерос расидааст: ҳанӯз дар дарбори амири Бухоро ҷиянбибии Нарзи устои зардузӣ буд. Духтари усто зардузиро пешаи хеш гардонда, фармоишҳои калон мегирад ва дигаронро меомӯзад. Онҳо барои дӯхтани либосҳо, тӯппӣ, болишт ва қолинҳо фармоиш қабул мекунанд. Орнаменти зардузӣ одатан аз композитсияҳои гулӣ ва баргӣ - дарахтҳо, гулҳо ва меваҳо - таркиб меёбад.

Бар асоси русуми арӯсии тоҷикон, рӯйандоз ва тӯппӣ аз атрибутҳои ҳатмианд. Барои зардузии чунин маҷмуа ба усто 15 рӯз лозим мебошад. Дӯхтани чапони мардона бошад, як моҳ вақт мегирад; аз рӯйандози занона онро на танҳо нақши зардузӣ, балки доштани остинҳо низ фарқ мекунад.

Ҳоло ҳам усто ҳунари бобоиро эҳё карда, бовар дорад, ки наббоки дастӣ арзишаш бештар мегардад. Ҳунармандони тоҷик Тоҷикистонро дар Фестивали байналмилалии «Ҳунари зардуӯзӣ ва заргарӣ» дар Бухоро намояндагӣ карданд. Фестивал аз 21 то 25 май баргузор шуд; 288 ҳунарманд аз кишвар ва 112 намоянда аз 58 давлат ширкат доштанд. Тоҷикистонро аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оила устоёни заргар Шарипов Дилмурод, Чӯраева Малика, Кристина Илясь* ва устоёни зардӯз Каландарова Нарзӣ,

* Сӯҳбат бо Азиза Азиззода
* Сӯҳбат бо Салима Каримова
* Сӯҳбат бо Шарипов Дилмурод, Чӯраева Малика, Кристина Илясь

Каримова Салима, Бобоева Наима муаррифӣ карданд. Ҳамзамон конфронси илмӣ ва намоиши муд баргузор шуд, ки дар он Хуршед Сатторов кишварро намояндагӣ намуд. Ҳадаф — муаррифии бештари ҳунарҳои миллии тоҷик ва тақвияти ҳамкорӣ миёни устоён аст. Ҳоло бошад сафи занҳои заргар аз нав афзоиш ёфта истодааст. Матлуба Ниёзоваи* 35 – сола дар баробари тарроҳӣ, дӯзандагӣ, попурдӯзӣ, зардӯзӣ ва гулдӯзӣ боз ба мӯҳрабофию заргарӣ машғул аст. Матлуба Ниёзова* сокини шаҳри Хуҷанд мебошад ва ӯро маҳз шавқу завқи кӯдакона ба дунёи ҳунар овардааст. Ӯ дар хурдсоли пораҳои матоъро гирифта барои лухтакҳояш курта медӯхтаасту, рӯи матоъи сафед бо дугонаҳояш гулдӯзӣ мекардаанд. Матлуба бештар кашидани эскизи куртаҳо ва гулҳои рангоранг барои гулдӯзиро меписандид. Аз ин рӯ пас аз хатми мактаб ба Коллеҷи рассомии шаҳри Хуҷанд дохил мешавад, то ки дар ҷодаи эҷодкорӣ худашро сайқал диҳад.

“Завқи баландамро ба ҳунар волидонам диданду, маслиҳат доданд, ки ба колеҷи рассомӣ дохил шавам. Дар коллеҷ мувофиқати рангҳо ва дурусту бехато кашидани эскизҳоро хубтар аз худ кардам. Дигар тамоми ҳунарҳоро худомӯзи намудаам, ғайр аз попуридӯзӣ”, – мегӯяд Матлуба.

Бо худомӯзӣ ҳам ҳунарманд шудан мумкин қайд намуд ҳунарманд. Матлубахон Ниёзова алакай аз синни 15 солагӣ барои наздикону ҳамсояҳо курта медӯхт, барои наварӯсон болиштҳои гулдӯзиву тоқиҳои зардӯзӣ омода мекард. Аз ҳамон замон ӯ алакай ёрдамчии волидон буд. Ҳунарманд кайд намуд ,ки “Ман доим ба мӯдҳои замонавӣ аҳаммият медиҳам. Дидам, ки попурзанӣ ба мӯд даромад, дар ҳол аз пайи омӯхтанаш шудам. Саноат ном зани ҳунармандро пайдо намуда, ба наздаш барои омӯзиши попуризанӣ рафтам. Дар муддати кутоҳ ҳамаи нозукиҳои попурзаниро ёд гирифтаму барои худам мошинаи попуридӯзи харида муштарӣ пайдо намудам. Дарҳол овозаи попурдӯзиҳои ман паҳн шуду, муштариён бе танаффус ба наздам либос меоварданд. Баъзан ҳатто шабамро сари мошина рӯз мекардам”, – қайд намуд Матлуба.

Матлуба ҳоло ҳам курта медӯзад ҳам мувофиқи он ҷавоҳирот омода месозад. Ӯ услуби хоси худро дорад, ҷавоҳироти омодасохтаашро бештар бо мӯҳра оро медиҳад, ки хеле зебо ба чашм мерасад. Ба ин кор ӯро ҷавоҳироти ҳунармандони ҳиндӣ илҳом бахшидаанд.

“Аз хурдиам тамошои филмҳои ҳиндиро меписандидам. Маро бештар ҷавоҳироте, ки ҳунармандон дар гӯшу гарданашон овехта буданд, ҷалб менамуд. Рӯзе ба худ гуфтам, ки бояд заргариро омӯзаму ҳамингуна ҷавоҳиротҳо барои муштариёнам омода созам. Алакай, ки мӯҳрабофиро метавонистам, заргарӣ бароям он қадар мушкил набуд. Бо мудатти вақт тахайюлотам ба кор даромаду маҳсули эҷоди худамро омода кардам”, – мегӯяд ҳунарманд. Матлубахон эҷодкори ҷӯё асту, доим дар талоши омӯзиш аст, кӯшиш мекунад, ки аз мӯд қафо намонаду, талаботи муштариёнашро ба ҷо орад.

Барои боз ҳам сайқал додани донишу ҳунараш ба ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров бо ихтисоси санъати тасвирӣ ва технология дохил шуда ин даргоҳро бо муваффақият хатм менамояд. Ин ҳунарманд мувофиқи куртаҳои духтааш ҷавоҳирот омода месозад. “Бештар барои арӯсон курта ва ҷавоҳироти ба якдигар мувофиқро омода месозам. Барои омода намудани як комплект ҷавоҳирот 2–3 ҳафта вақт сарф мекунам. Эскизи ҷавоҳиротро аввал рӯи коғаз кашида, сангу мӯҳраҳоро мешуморам, баъдан ба сохтан оғоз мекунам”, – мегӯяд Матлубахон. Ба гуфти худи ҳунарманд ӯ хушбахт аст, ки соҳибҳунар асту аз ҳамин ҳисоб нони ҳалол мехӯрад. Ҳунар ба ҳаёти ман зебоӣ ва хушбахтӣ овард. Беҳуда намегуфтаанд, “беҳунар мурдаҷону зиндабадан аст”.

Маҳсули дастранҷи Матлубахонро ба ғайр аз мизоҷони бешумораш, боз дар чорабиниву намоишҳои шаҳриву вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ истифода мебаранд. Ӯ дар озмунҳои зиёди сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро ишғол намудааст. Матлубахон маҳсули дастонашро дар сайтҳои иҷтимоӣ ба намоиш мегузорад, одамон аз ҳар гӯшаи Тоҷикистон ва хориҷ тариқи ин шабакаҳо ба ӯ фармоиш медиҳанд. Матлубахон

* Сӯҳбат Матлуба Ниёзова

* Сӯҳбат бо Матлубахон Ниёзова

Ниёзова* дар зиндагӣ ва ҳунаромӯзӣ чунин шиор дорад: “Ба як зан ҳам 40 ҳунар кам аст”. Ӯ бо дарки масъулият ҳунарҳои худро ба духтарони Коллеҷи тибби шаҳри Хуҷанд омӯзонида истодааст.

Ҳамин тавр, инъикоси анъанаҳои миллӣ дар офаридан осори ҳунарҳои мардумӣ ба инкишофи ҳисси худшиносӣ, ватандориву ифтихори миллӣ мусоидат менамояд. Ҳар як усто мекӯшад, ки фармоиши мизоҷашро ба таври олӣ пешниҳод намояд.[12.37] Зардӯзии омоданамудаи ҳар минтақа бо нақшу нигори хеш аз якдигар фарқ мекунад, аммо дар маҷмуъ ҳадафи ҳама зардӯзон як аст.

Мафтуна Шерова*, сокини - шаҳри Истаравшан айни ҳол ба ҳайси омӯзгори ҳунарҳои миллӣ ва тайёр намудани косибони зардӯз аз ҳисоби ҷавонон дар Муассисаҳои таълимии коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан ба даҳ нафар шогирд нозукиҳои ин касби аҷдодамонро меомӯзонад.[14] Онҳо аллакай ҷомаву камзӯл тоқиҳои мардонаву занона камарбанд, пешрнабанд, болишт, мӯзаҳои мардонаву занона пойафзоли занона ва дигар ашёҳоро медӯзонад.

Дӯхти ҳар як ҷиҳози фармоишӣ усулҳои хоси худро дорад. Мафтуна бо тамоми нозукиҳо аз уҳдаи он мебарояд. Ҳар як қисмати матоъро рӯи дӯкон ҷо ба ҷо намуда, гулкашӣ мекунаду мувофиқи завқи мизоҷ зардӯзӣ менамояд. Ҳунари ин бонуи чирадастро дар шаҳри Истаравшан ва гирду атрофи он қадр мекунанд. Ин аст, ки зардӯзиҳои нотакрори ӯ ҳаводорони бешумор дорад.

Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши ҳунармандӣ бахусус дар деҳот, хеле бузург аст. Ҳунари зардӯзӣ бароям меросӣ нест, болки машғулиятест, ки тули шаш сол ба он меҳр бастаам зардӯзӣ ҳунари дӯхтани нақшу гулҳо тавассути риштаҳои заррину мисин ва муҳраву пулакчаҳои рахшон дар матоъҳои махмалу балот ва ғайра мебошад. Дар оғози кор рӯи қоғаз нақшҳои гунонунро тасвир мекунем ва нақшҳоро бурида, қолаби нақшро болои матои аз чор тарафаш бар дӯкон басташуда насб карда, ба дӯхтанаш шурӯъ мекунем. [21]

Ҳунари зардӯзӣ навъҳои гулдӯзӣ ва заминдӯзӣ дорад. усули заминдӯзӣ мураккабу нозук буда, заҳмати зиёдро талаб мекунад. Масалан, барои дӯхтани як ҷомаи зардӯзишуда, ду моҳ заҳмат мекашем. Нархи як ҷома мувофиқи матоъ ва тарзи дӯхташ аз 2000 то 2500 сомонӣ арзиш дорад. Ба суроғи мо навхонадорон ва падароне, ки писарашонро хатнасур мекунанд, омада, аз рӯи завқашон моли омоданамударо мехаранд.

Дар бозор ҳам ҳаводорони маҳсули ин ҳунар зиёданд, гуфт Мафтуна Шерова, омӯзгори муассисаи давлатии таълимии коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан. Воқеан ҳам айни ҳол бо тараққӣ намудани илму техника як қатор амалҳое ки пештар дасти иҷро мешуданд, тавассути компютерҳо низ тарҳрезӣ мешаванд. Ҳадаф аз пешниҳоди омӯзиш дар дастгоҳҳои замонавӣ ҷиҳати рушди ҳунармандӣ ва таъсири он ба ҷавонон омӯзонидани ҳунарҳои аҷдодӣ, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад.

Хусусиятҳои техникию амалӣ ин ҳунари заргарӣ кор бо металлҳо, сангҳои қимматбаҳо, нақшу нигорҳо ва тарҳрезии маҳсулоти дастӣ буда зардӯзӣ бошад истифодаи риштаҳои тиллоӣ нуқрагӣ, нақшҳои барҷаста ва орнаментҳои анъанавӣ да р рӯи матоъ, асосан бархати, атлас ва дигар матоъҳои гаронбаҳоро дар бар мегирад.[18.60] Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо тасдиқ мекунанд, ки заргарӣ ва зардӯзӣ на танҳо ҳунарҳои дастӣ ҳастанд, балки унсурҳои муҳим дар ташаккули шинохти фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ дар Хуҷанд ва тамоми Тоҷикистон мебошанд.

Барои зардӯзӣ бештар атлас, адрас, бахмал ва матоъҳои абрешимӣ истифода мешуданд. Нақшҳо асосан гулдор, ситорашакл ва геометрӣ мебошанд. Заргарӣ ва зардӯзӣ дар Хуҷанд танҳо ҳунаранд , балки қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб мебошанд. Либосҳои арӯсӣ бо зардӯзӣ оро дода мешуданд, арӯсро бо гӯшвор, гарданбанд ва дастпонаҳои заргарӣ зинат медиҳаанд.[22, с.105] Бисёр ашёҳои заргарӣ аз модар ба духтар мегузаштанд ва ҳамчун сармояи оила нигоҳ дошта мешаванд. Миқдор ва сифати зардӯзӣ ё заргарӣ мақоми иҷтимоии соҳиби онро нишон медод. унари заргарии тоҷикон

* Сӯҳбат бо Матлубахон Ниёзова

* Сӯҳҳбат бо Мафтуна Шерова

саҳифаи барҷастаи санъати халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар он анъанаҳои ғании бадеӣ, маҳорати баланд ва завқи нозук таҷассум ёфтаанд. Барои заргарони муосир ин ҳунар як ганҷинаи усулҳои нозуки техникӣ, маҳорати истифодаи мавод, инчунин ороишнокии шакл ва ранг мебошад. Ҳунари заргарии тоҷикон дорои анъанаҳои амиқест, ки решаҳои он ба тамаддунҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ мерасанд.[23, с.127]

Санъати заргарии ниёгони тоҷикон аз замонҳои бостон дар ҷараёни рушди робитаҳои тулонии этникӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии байни халқҳои минтақа ташаккул ёфтааст. Дар раванди муколамаи фарҳангҳо анъанаҳои заргарии ниёгони тоҷикон ғанӣ гардидаанд. Бо вуҷуди он ки ҳунари заргарӣ мисли дигар намудҳои санъати ороишӣ-амалӣ то андозае хусусияти устувор дорад, он ҳамеша зери таъсири ҳамкории фарҳангӣ қарор мегирифт.[8, с.12] Образҳои воқеии мушаххас дар шакли рамзҳои шартӣ-ороишии бозтафсиршуда дар зеварҳо инъикос меёфтанд, ки дар либоси қадим ҳамчун тумор ва муҳофиз истифода мешуданд. Дар бораи аҳаммияти бузурги зеварҳо дар либос инчунин рушди илми омӯзиши хусусиятҳои табобатӣ ва сеҳрноки сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо шаҳодат медиҳад, ки ба таври васеъ дар ороиши либос истифода мешуданд. Ба ақидаи мардум, ин сангҳо аз бемориҳо, чашми бад, ҷодугарӣ, раъду барқ муҳофизат мекарданд ва бахт меоварданд.

Ҳамин тариқ, дар ибтидо маҳсулоти заргарӣ ҳамчун ашёи маросимӣ-сеҳрнок ба вуҷуд омада, инсонро аз таъсири манфии қувваҳои табиат муҳофизат менамуданд. Функсияи муқаддас (сакралӣ) аз оғоз дар зеварҳо хеле қавӣ буд ва то имрӯз дар баъзе намудҳои маҳсулоти заргарӣ аҳаммияти худро пурра аз даст надодааст.

Дар либоси асрҳои миёна ва суннатӣ инчунин вазифаи рамзӣ нақши муҳим дошт, ки нишондиҳандаи вазъи молиявии шахс, синну ҷинс, мавқеи иҷтимоӣ, касб ва мансубияти маҳаллиро ифода мекард. Бо мурури замон аҳаммияти эстетикии зеварҳо афзуда, вазифаи сакралӣ-сеҳрнок суст мегардид, аммо тамоман аз байн намерафт.

Хулоса. Дар фарҷом бояд таъкид намуд, ки Тоҷикистон дорои захираҳои хеле ғанӣ барои рушди истеҳсоли заргарӣ мебошад. Сухан дар бораи захираҳои металлҳои қиматбаҳо - тилло, нуқра, платина, инчунин сангҳои ороишӣ меравад. Кишвари мо бо конҳои бойи сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, аз қабили ёқут, шпинели ноб, александрит, фирӯза, амазонит, турмалин, гранат, булӯри кӯҳӣ, лазурит ва ғайра машҳур аст. Аммо, мутаассифона, дар ҳунари заргарии муосири тоҷикон имрӯз ҳам мушкилоти технологӣ вуҷуд дорад ва ҳам норасоии ғояҳои наву тоза ва равишҳои муосир дар тарҳрезии зеварҳо эҳсос мешавад. Истеҳсоли заргарӣ дар кишвар қариб рушд намекунад, маҳсулоти он миёни аҳолӣ талаботи зиёд надорад. Ба бозор асосан зеварҳои якнавохт ворид мешаванд, гуногунрангӣ дар тарҳ вуҷуд надорад, сифати иҷро баланд нест ва қисми зиёди онҳо аз кишварҳои ҳамсоя оварда мешаванд.

Дар ҳоле ки заргарони тоҷик - заргарон - бо такя ба анъанаҳои бостонии ҳунари заргарӣ ва ҳамзамон истифодаи равишҳои муосири дизайн метавонистанд зеварҳое офаранд, ки ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори хориҷӣ талаботи зиёд пайдо кунанд. Хеле хуб мешуд, агар заргарони муосир дар баробари технологияҳои нав баъзе усулҳои аслии қадимаи сохтани зеварҳоро низ истифода баранд, зеро ин ба маҳсулот хусусияти нодир ва такрорнашаванда мебахшад.

Мақолаи мазкур дар доираи рисолаи докторӣ муаллиф таҳти унвони «Саҳми занони Тоҷикистони Шимолӣдар рушди ҳунарҳои мардумӣ ва касбии асрҳои XX -XXI», ки дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров протоколи №6 аз санаи 30.01.2020 тасдиқ карда шудааст, омода гардидааст

Муқаррриз: Муҳаббатова Г.Ҳ. – н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 513.
2. Ершов Н. Н. Ремесла таджиков Дарваза (по материалам Гармской этнографической экспедиции 1954 г.) // Известия Отделения общественных наук АН Таджикской ССР. — 1958. — № 10–11. — С. 3–5.
3. Ершов Н. Н. Сельское хозяйство таджиков Ленинабадского района Таджикской ССР перед Октябрьской революцией (историко-этнографический очерк) // Труды Института археологии и этнографии. — Т. XXVIII. — Сталинабад: Изд-во АН Таджикской ССР, 1960. — 165 с

4. Ершов Н. Н. Домашние промыслы и ремесла // Таджики Каратегина и Дарваза. — Вып. 1. — Душанбе: Дониш, 1966. — С. 195–291
5. Закон Республики Таджикистан «О народных художественных промыслах» //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2003 год, №8, ст.466).Принят Маджлиси намояндагон 25 июня 2003 г. Одобрен Маджлиси милли - 16 июля 2003г.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунарҳои дастӣ” (аз якуми августи соли 2003, №43). // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. — 2003. — № 8. — Мод. 466.
7. Кильчевская Э. В. Находки ювелирных изделий из Шахристана / Э. В. Кильчевская, Н. Н. Негматов // Советская археология (СА). — 1964. — № 3. — С. 238–246
8. Массов Р. Санъати мардуми Тоҷикистон. – / Р. Массов. — Душанбе, 2005. — 13 с.
9. Мукимова С. Народные ремесла Таджикистана (производственные, инженерные и утилитарно-бытовые постройки и сооружения XIX – XX вв.) / С. Мукимова, С. Мамаджанова, Р. Мукимов. — Душанбе, 2018. — 274 с.
10. Мирбабаев А. К. Историческое наследие Худжанда / А. К. Мирбабаев. — Душанбе: Ирфон, 1995. — 159 с.
11. Народное прикладное искусство таджиков. /состав. А.К. Писарчик. - Душанбе: Изд. «Дониш», 1987. - 46 с.
12. Одинааев Б.Р. История развития керамического производства Таджикистана в XX–XXI вв.: автореф. дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / Одинаев Бахтиёр Эргашевич. — Душанбе, 2015. — 35 с.
13. Писарчик А. К. О народно-прикладном искусстве Таджикистана // Труды Академии наук Таджикской ССР. Институт истории, археологии и этнографии. — Душанбе, 1958./
14. Ремесла Таджикистана: Специальный проект «Азия-Плюс» в партнерстве с Союзом ремесленников Таджикистана (2017–2023 гг.). — URL: https://asiaplustj.info/projects/remesla-tajikistana (дата обращения: 04.03.2025). — Электронный ресурс)
15. Роҳатов Г. Аз таърихи рушди анъанаҳои ҳунарии халқи тоҷик / Г. Роҳатов, Н. Роҳатова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. — 2018. — № 4. — С. 253–259
16. Рузиев М. Народные умельцы / М. Рузиев. — Душанбе: Ирфон, 1983. — 70 с.
17. Рузиев М. Ура-Тюбе — город мастеров / М. Рузиев // Мероси ниёгон. — 1992. — № 1. — С. 59–62.
18. Улуғзода С. Достонҳои «Шоҳнома» / С. Улуғзода. — Душанбе: Маориф. — Кит. 1. — 1975; Кит. 2. — 1977.
19. Хакимов А. А. Изобразительно-орнаментальные образы и мотивы прикладного искусства // Художественная культура Средней Азии IX–XIII веков. — Ташкент: Фан, 1983. — С. 90–102.
20. Хошимова Ш. Народные промыслы и их возрождение / Ш. Хошимова // Ученые записки Худжандского государственного университета. Серия гуманитарно-общественных наук. — Худжанд, 2021. — № 2 (67). — С. 44–48.
21. Художественные промыслы таджиков // Культура и искусство: [сайт]. — URL: https://culture-art.ru (дата обращения: 04.03.2025). — Электронный ресурс.
22. Чвырь Л. А. Опыт классификации ювелирных украшений (проблема типологии на примере таджикских серег) // Костюм народов Средней Азии. — Москва: Наука, 1979. — С. 103–113.
23. Чвырь Л. А. Таджикские ювелирные украшения / Л. А. Чвырь. — Москва: Наука, 1977. — 125 с.
24. Чвырь Л. А. Ювелиры-ремесленники и местная традиция в Таджикистане (Ювелирные украшения Гарма и Куляба) // Советская этнография (СЭ). — 1972. — № 1. — С. 39–51.

ЗАРДӮЗИЮ ЗАРГАРӢ УНСУРҲОИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН

Дар мақола зардӯзӣ ва заргарӣ ҳамчун падидаҳои муҳими фарҳанги суннатии тоҷикон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.. Нақши ин ҳунарҳо дар ташаккули ҳувияти миллӣ, нигоҳдошти мероси ғайримоддӣ ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ аз насл ба насл баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, масъалаи ҳифз ва рушди ҳунарҳои мардумӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳлил карда мешавад. Дар шароити муосири рушди ҷомеа масъалаи ҳифзи мероси фарҳангии миллӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла зардӯзӣ ва заргарӣ, ҳамчун шаклҳои муҳими эҷодиёти халқӣ, на танҳо арзиши эстетикӣ, балки аҳаммияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ доранд Дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳдиди аз байн рафтани ҳунарҳои суннатӣ афзоиш меёбад, ки ин зарурати омӯзиш, ҳифз ва рушди илмии онҳоро тақозо менамояд. Дастгирии давлатии ҳунарҳои мардумӣ ва ҷалби насли ҷавон ба онҳо метавонад ба эҳёи арзишҳои фарҳангӣ мусоидат намояд. Омӯзиши илмии ин ҳунарҳо барои дарки амиқи худшиносии миллӣ ва пойдории фарҳангӣ зарур мебошад.Зардӯзӣ ва заргарӣ дар фарҳанги тоҷикон таърихи қадима дошта, дар ҷараёни ташаккули ҷомеа ҳамчун воситаи ифодаи завқи бадеӣ ва ҷаҳонбинии мардум хизмат намудаанд. Ин ҳунарҳо дар муҳити иҷтимоӣ на танҳо нақши ороишӣ, балки вазифаи рамзӣ ва маънавӣ низ иҷро мекунанд. Интиқоли дониш ва таҷрибаи ҳунармандӣ аз насл ба насл яке аз омилҳои асосии ҳифзи анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: зардӯзӣ, заргарӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ҳувияти миллӣ, мероси фарҳангӣ, худшиносӣ, пойдорӣ.

ЗОЛОТОШВЕЙНОЕ ИСКУССТВО И ЮВЕЛИРНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В ТРАДИЦИОННОЙ КУЛЬТУРЕ ТАДЖИКОВ

В статье золотошвейное искусство и ювелирное дело рассматриваются как важные явления традиционной культуры таджиков в рамках научного анализа. Раскрывается роль этих ремёсел в формировании национальной идентичности, сохранении нематериального культурного наследия и передаче культурных ценностей от поколения к поколению. Также анализируется проблема сохранения и развития народных ремёсел в условиях глобализации. В современных условиях общественного развития вопрос охраны национального культурного наследия приобретает

особую значимость. Народные ремёсла, в частности золотошвейное искусство и ювелирное дело, как важные формы народного творчества обладают не только эстетической ценностью, но и социальной и культурной значимостью. В условиях глобализации возрастает угроза исчезновения традиционных ремёсел, что обуславливает необходимость их научного изучения, сохранения и развития. Государственная поддержка народных ремёсел и привлечение молодого поколения к ним могут способствовать возрождению культурных ценностей. Научное изучение этих ремёсел необходимо для глубокого понимания национального самосознания и культурной устойчивости. Золотошвейное искусство и ювелирное дело в культуре таджиков имеют древнюю историю и на протяжении формирования общества служили средством выражения художественного вкуса и мировоззрения народа. Эти ремёсла в социальной среде выполняют не только декоративную, но и символическую и духовную функции. Передача знаний и ремесленного опыта из поколения в поколение является одним из основных факторов сохранения национальных традиций.

Ключевые слова: золотое шитьё, ювелирное дело, народные ремёсла, национальная идентичность, культурное наследие, самосознание, устойчивость.

THE ART OF GOLD EMBROIDERY AND JEWELRY ELEMENTS OF NATIONAL IDENTITY IN TRADITIONAL TAJIK CULTURE

The article presents an academic analysis of gold embroidery and jewelry-making as significant phenomena of the traditional culture of the Tajik people. It examines the role of these crafts in shaping national identity, preserving intangible cultural heritage, and transmitting cultural values from generation to generation. The issue of safeguarding and developing traditional crafts in the context of globalization is also explored.In the contemporary stage of social development, the preservation of national cultural heritage has gained particular importance. Folk crafts, including gold embroidery and jewelry-making, as essential forms of popular creativity, possess not only aesthetic value but also social and cultural significance. In the context of globalization, the threat of the disappearance of traditional crafts is increasing, which necessitates their scholarly study, protection, and development.State support for folk crafts and the involvement of the younger generation can contribute to the revitalization of cultural values. Academic research into these crafts is essential for a deeper understanding of national identity and cultural sustainability. Gold embroidery and jewelry-making have an ancient history in Tajik culture and throughout the development of society have served as means of expressing artistic taste and the worldview of the people. These crafts fulfill not only decorative but also symbolic and spiritual functions within the social environment. The transmission of knowledge and craftsmanship from generation to generation is one of the key factors in preserving national traditions.

Keywords: gold embroidery, jewelry making, folk crafts, national identity, cultural heritage, self-awareness, resilience.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзуллозода Шафоат Файзулло*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои таърих, дотсенти факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: **(+992) 92 - 990 -14 - 45.** E-mail: **shafoat2603@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Файзуллозода Шафоат Файзулло*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и права. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, переулок Мавлонбеков 1. Телефон: **(+992) 92 - 990 -14 - 45.** E-mail: **shafoat2603@mail.ru**

Information about the author: ***Fayzullozoda Shafoat Fayzullo*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Faculty of History and Law. **Address:** Khujand,735700, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov lane 1. Phone: (+**992) 92 – 990 - 14 - 45.** E-mail: **shafoat2603@mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 28.08.2026
Ба чоп тавсия шуд:30.09.2026

ТДУ:94(575.3)

ШУҶОАТ ВА ҶАСОРАТИ ҶАНГОВАРОНИ САРГАҲИ ЗАРАФШОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)

Қараев Ф. К., Ирматова Ш.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муқаддима.Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 барои кулли шаҳрвандони кишвари Шуравӣ имтиҳон ва санҷиши тақдирсоз ба ҳисоб мерафт. Хурсандиовар аст, ки аҳолии ин давлати интернатсионалӣ аз ин имтиҳону санҷиш бо сарбаландӣ гузаштанд. Аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қатори дигар шаҳрвандони кишвари Шуравӣ аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар набардҳои хунин иштирок намуда, нақши созандаи худро гузоштанд. Аз ин рӯ ғалаба бар фашизм ғалабаи на танҳо русҳову беларусҳо ва дигар халқҳост, балки инчунин ғалабаи тоҷикон, алалхусус аҳолии саргаҳи Зарафшон низ мебошад [5, с. 24].

Тавсифи мухтасари омӯзиши масъала. Аҳаммияти илмии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пас аз марҳалаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳли қалам вазифадор гардиданд, ки аз шуҷоату ҷасорати фарзандони кишвар дар майдони ҳарбу зарб асар, достон, ҳикоя, очерк иншо намоянд [3, с. 51]. Доктори илмҳои таърих, профессор Аҳрор Мухторов аз зумраи муҳаққиқонест, ки бо таҳқиқоту бозҷӯйиҳои худ дар байни аҳли қалам маҳбубияти хосеро пайдо намудааст. Натиҷаи заҳмат ва бозҷӯйиҳои зиёди олими варзида имконият дод, ки соли 1969 очеркеро бо номи “Ойгул аз Шинг аст” дар ҳафтаномаи “Комсомоли Тоҷикистон” ба табъ расонад [11, с. 78]. Муаррихи ҷавон ва умедбахши тоҷик Фарҳод Қараев дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи хеш “Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ” дуруст қайд намудааст, ки “ҳанӯз 31 марти соли 1941 як гурӯҳи ҳомиёни Ватан, ки аз шаҳру деҳоти ноҳияҳои Мастчоҳ, Фалғар (Айнӣ) ва Панҷакент дар ҳайати полки 125-уми дивизияи 6-ум ба хизмати Ватан рафта буданд. Таърих гувоҳ аст, ки дар мудофиаи қалъаи Брест ҷанговарони дивизияи 6-ум Муъмин Абдуллоев, Д. Ахмедов ва даҳҳо муҳофизони дигар нақши ҳалкунанда бозидаанд” [12, с. 55].

Тавсифи мухтасари омӯзиши масъала. Аҳаммияти илмии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пас аз марҳалаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳли қалам вазифадор гардиданд, ки аз шуҷоату ҷасорати фарзандони кишвар дар майдони ҳарбу зарб асар, достон, ҳикоя, очерк иншо намоянд [3, с. 51]. Доктори илмҳои таърих, профессор Аҳрор Мухторов аз зумраи муҳаққиқонест, ки бо таҳқиқоту бозҷӯйиҳои худ дар байни аҳли қалам маҳбубияти хосеро пайдо намудааст. Натиҷаи заҳмат ва бозҷӯйиҳои зиёди олими варзида имконият дод, ки соли 1969 очеркеро бо номи “Ойгул аз Шинг аст” дар ҳафтаномаи “Комсомоли Тоҷикистон” ба табъ расонад [11, с. 78]. Муаррихи ҷавон ва умедбахши тоҷик Фарҳод Қараев дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи хеш “Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ” дуруст қайд намудааст, ки “ҳанӯз 31 марти соли 1941 як гурӯҳи ҳомиёни Ватан, ки аз шаҳру деҳоти ноҳияҳои Мастчоҳ, Фалғар (Айнӣ) ва Панҷикент, дар ҳайати полки 125-уми дивизияи 6-ум ба хизмати Ватан рафта буданд. Таърих гувоҳ аст, ки дар мудофиаи қалъаи Брест ҷанговарони дивизияи 6-ум Муъмин Абдуллоев, Д. Ахмедов ва даҳҳо муҳофизони дигар нақши ҳалкунанда бозидаанд” [12, с. 55].

Мақсади тадқиқот. Мақсади мақолаи мазкур аз нишон додани шуҷоат ва ҷасорати ҷанговарони саргаҳи Зарафшон (водии Зарафшон – ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ, Мастчоҳ) дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании 1941-1945 дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва хотиравӣ мебошад.

Методҳои тадқиқот.Сарфи назар аз тадқиқотҳои зиёди таърихӣ оид ба ин мавзуъ, ҳанӯз камбудиҳо мавҷуданд, зеро баъзе ҳуҷҷатҳо ва ёдгориҳои ҷангӣ пурра ба гардиши илмӣ ворид нашудаанд. Аз ин рӯ дар мақолаи мазкур аз методҳои тавсифӣ, ретроспективӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст.

Таҳлил ва тавсифи адабиёти илмӣ. Дар навбати аввал бояд дар бораи асари доктори илмҳои таърих, профессор Аҳрор Мухторов «Ойгул аз Шинг аст» [11, с. 78] зикр кард, ки дар он шуҷоати бонуи тоҷик Ойгул Муҳаммадҷонова тавсиф шудааст. Ба масъалаҳои

иштироки тоҷикон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ инчунин асарҳои Ф. Қараев [12, с. 55], А. Раҳматуллоев, Ҳ. Дӯстов [9, с. 78], Р.А. Абдулҳаев [4, с. 22] ва дигарон бахшида шудааст. Бояд қайд кард, ки бисёре аз ин корҳо дар замони Шуравӣ бо руҳияи идеологӣ сурат гирифтаанд, аммо асарҳои давраи истиқлолият кӯшиш карданд, ки аз чунин сохти классикӣ канорагирӣ кунанд.

Муҳокимаронӣ. Мавзуи иштироки тоҷикон, аз ҷумла сокинони саргаҳи Зарафшон, дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун як масъалаи илмӣ дар ҳар давру замон дар зери назари муҳаққиқон қарор доштааст. Вале чуноне, ки мебинем, таҳқиқоти махсус оид ба саргаҳи Зарафшон то ҳол пурра анҷом наёфтааст. Дар натиҷаи тадқиқоти мазкур, аҳаммияти муҳими давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва нақши ҷанговарони ин минтақаро мушоҳида кардан мумкин аст. мавзу

Маҳдудиятҳои тадқиқот.Дар давоми коркард, таҳлил ва навиштани ин мақола, бисёр будани адабиётҳои ба мавзуи мазкур наздик буда ва ё қисман омӯхта шуда ба мо имконият намедиҳад, ки ҳамаи онро таҳлил намоем. Вале бояд қайд кард, ки адабиётҳо ва манбаъҳои муҳим, асоси мақолаи мазкур мебошанд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот муайян гардид, ки пас имрӯз аҳолии ин минтақаи таърихии Тоҷикистони азиз низ дар баробари аҳолии дигари собиқ давлати ИҶШС иди Зафарро мутантан ҷашн мегиранду дар оянда низ ҷашн хоҳанд гирифт. Аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани воқеаҳои даҳшатноки давр беш аз 70586 ҳазор нафар фарзандони ин водии бостонӣ баҳри дифои Ватани хеш ба ҷабҳа рафта аксари онҳо бо шуҷоату далерии худ дар майдонҳои ҳарбу зарб ҷон ба коми марг супориданд. Аҳолии ин диёри бостонӣ то оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қисмҳои ҳарбии кишвари хеш адои хизмат менамуданд, донишҷӯёну шахсоне, ки дар мактабҳои олӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Шуравӣ таҳсили илм доштанд, аз рӯзҳои аввали лашкар кашидани қувваҳои аҳриманӣ яроқ ба даст гирифта, баҳри дифои Меҳан ба ҷабҳа рафтанд.

Роҳбарияти давлати Шуравӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар назди аҳли қалам вазифа гузошта буданд, ки аз шуҷоату ҷасорати фарзандони кишвар дар майдони ҳарбу зарб асар, достон, ҳикоя, очерк иншо намоянд [3, с. 51]. Аҳолии ин водии бостонӣ бо номи фарзандони далеру шуҷоъи худ Ашур Меликов-Иван тоҷик, И.П. Разин, С. Понфилов, Ойгул Муҳаммадҷонова, дорандаи ду ордени дараҷаи 1,2 “Шараф” омӯзгори деҳаи Артуч Холмирзоев Қаноат, Насрулло Баҳодуров (иштирокчии набарди ҷанги Брест) Муллоҷонов М, Ортиқов Қудратбердӣ, Рӯзиқул Исмоилов ва ҳазор-ҳазор фарзандони диловару ҷасури ин водӣ ифтихор дорад. Гурдофариди шуҷоъи тоҷик Ойгул Муҳаммадҷоноваи тоҷик аз зумраи ҳамин гуна қаҳрамонон аст [7, с. 25]. Гурдофариди тоҷик яке аз аввалин бонуи тоҷик аст, ки дар амалиётҳои ҳарбу зарб ба гирифтани ордени “Ленин” мушарраф гардидааст. Ҳанӯз дар рафти амалиётҳои ҷангӣ аз шуҷоату ҷасорати ин гурдофариди тоҷик аҳли қалам очерку мақолаҳо ба табъ расондаанд. Бо гузашти вақт ва ба ҳаёти осоишта қадам мондани ҷомеа дар назди аҳли қалам вазифа гузошта шуд, ки дар асару достон, очерку мақолаҳои худ корномаи ҷангии ҷавонони кишвари хешро муаррифӣ намоянд. Яке аз ҳамин гуна қурбоншудагони ҷабҳаи озодии Ватан лочиндухтари деҳаи Шинги ҷамоати Шинги шаҳри Панҷакент Ойгул Муҳаммадҷонова мебошад. Аз шуҷоату ҷасорати ин гурдофариди тоҷик аҳли қалами кишвар асару достонҳои зиёде офаридаанду то кунун офарида истодаанд [8, с. 28].

Доктори илмҳои таърих, профессор Аҳрор Мухторов аз зумраи муҳаққиқонест, ки бо таҳқиқоту бозҷӯйиҳои худ дар байни аҳли қалам маҳбубияти хосеро пайдо намудааст. Натиҷаи заҳмат ва бозҷӯйиҳои зиёди олими варзида имконият дод, ки соли 1969 очеркеро бо номи “Ойгул аз шинг аст” дар ҳафтаномаи “Комсомоли Тоҷикистон” ба табъ расонад [11, с. 78].

Фарзандони фарзонаи саргаҳи Зарафшон низ дар қатори ҳазорон ҳазор ҳомиёни Ватани хеш аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ худро ба ҷабҳаи мубориза даъватшуда меҳисобиданд. Собиқадори соҳаи маорифи шаҳру деҳоти Панҷакент Раззоқов Отабердӣ ҳанӯз соли 1939 ба сафи Артиш даъват шуда буду ҷанги зидди фашистонро дар ҳудудҳои Ҷумҳурии Украинаи Ғарбӣ истиқбол гирифт. “Ҳанӯз дар рафти амалиётҳои ҷангии рӯзи аввал ӯ бо тупи зидди танкии худ даҳҳо фашистонро нобуд кард.

Аммо дар рафти амалиётҳои нобаробар ҳайати ҷанговарони қисми низомии ӯ ба муҳосира афтоданд. Раззоқов Отабердӣ бо як қисми ҷанговарон бо азобу душвориҳои зиёд бо 11 нафар сарбозони шуҷоъ аз муҳосираи душман баромаданд. Дар роҳи фирор ҳайати дастаи ҷанговарон бо роҳбарии Раззоқов амбори аслиҳаи душманро нобуд сохта, пас он ба ҳайати қисми низомии хеш пайвастанд” [13, с. 2].

Ҳайати ҷанговарони давлати Шуравӣ барои ҳар як порчаи замини кишвари хеш ба муқобили душман истодагарӣ мекарданд. Мудофиаи қалъаи Брест яке саҳифаҳои дурахшони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст, ки он аз 22 июн то 20 июли 1941 давом кард. Мувофиқи маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар мудофиаи қалъаи Брест намояндагони беш аз 30 миллату халқҳои собиқ давлати Шуравӣ иштирок намудаанд. Муаррихи ҷавон ва умедбахши тоҷик Фарҳод Қараев дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи хеш “Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ” дуруст қайд намудааст, ки “ҳанӯз 31 марти соли 1941 як гурӯҳи ҳомиёни Ватан, ки аз шаҳру деҳоти ноҳияҳои Мастчоҳ, Фалғар (Айнӣ) ва Панҷакент, ки дар ҳайати полки 125-уми дивизияи 6-ум ба хизмати Ватан рафта буданд.Таърих гувоҳ аст, ки дар мудофиаи қалъаи Брест ҷанговарони дивизияи 6-ум Муъмин Абдуллоев, Д. Ахмедов, ва даҳҳо муҳофизони дигар нақши ҳалкунанда бозидаанд” [12, с. 55].

Аз ин хотир бо боварии том метавон гуфт, ки ҷавонони саргаҳи Зарафшон аз ҷумлаи муҳофизони шуҷоъи қалъаи Брест буданд. Тирамоҳи соли 1941 ҷангҳои шадиди душман барои соҳиб шудани маркази давлати Шуравӣ шаҳри Масква оғоз ёфт, ки душман ҳарчӣ зудтар мехост маркази асосии давлати ИҶШС-ро тассаруф намояд. Аз ин рӯ душман қувваҳои низомии таҷрибадошта ва бо техникаи навтарин мусаллаҳшударо ба Москва сафарбар намуд. Адолф Гитлер нақшаи истило намудани Москваро ба яке аз генералҳои пуртаҷриба ва дӯсти наздики худаш Отта Фон Бок вогузошта буд. Набардҳои хунин дар шаҳру атрофи Москва ба амал омад. Он рӯзҳо дар саросари кишвари Шуравӣ даъвати роҳбари сиёсии В.Т.Ключков “Россия паҳновар аст, ақибнишини нанговар дар пас Москваи ба ҷон баробар” вирди забонҳо гардида буд. Дар қатори муҳофизатчиёни шаҳри Москава фарзандони шуҷоъу далери тоҷик ҳам мардонавор ҷангиданд. Шоистаи ифтихор аст, ки дар муҳорибаи назди Москва сокини ноҳияи Зафаробод- Айнӣ Сӯҳроб Идиев низ иштироки фаъолона дошт. Ӯ дар ҳайати артиши 49-уми зарбазан дар муҳорибаи шидидтарини назди Москва иштирок карда аз худ шуҷоати ҷанги нишон дод. Барои ҷасорати ҷангӣ ӯ бо ордени “Барои шуҷоат” сарафроз гардонда шудааст. Роҳи ҷангии омӯзгори соҳибтаҷрибаи ноҳияи Айнӣ низ аз муҳорибаи назди Москва оғоз мегардад. Дивизияе, ки ӯ дар ҳайати он хизмат мекард, шаҳри Минск ва Москваро муҳофизат мекард. “Летенант Рӯзиев Э. командири взводи тӯпчиён буд. Ҷанговарони взводи ӯ ба муқобили душман мардонавор меҷангиданд. Онҳо имконият надоданд, ки душман пеш ҳаракат кунад. Ҷанговарони шуҷоъ барои аз худ нишон додани ҷасорати ҷангӣ дар ин амалиётҳо бо якчанд орденҳо аз ҷумла “Барои шуҷоат”, “Ситораи сурх” ва дигар орденҳо сарафроз гардонда шудааст” [14, с. 2].

Ҷанги оғознамудаи душмани инсоният аҳолии диёри кӯҳистони Мастчоҳро низ дар канор гузошта натавонист. Ҳамаи аҳолии қобилияти ҷангӣ доштаи ин ноҳияи кӯҳистон аз рӯзҳои аввали шунидани ин хабари бад ба ҳимояи ватани хеш бархостанд. Яке аз ҳомиёни шуҷоъи Ватани хеш сокини деҳаи бостонии Худгифи кӯҳистони Мастчоҳ Муллоҷонов Муллокӯчакбой мебошад. Соли сеюми ҷанги хонумонсӯз мерафт, алангаи оташи ҷанг ҳамаро ба коми худ мекашид. Тобистони соли 1943 Муллоҷонов Муллокӯчакбой дар қатори ҳазорон муҳофизони Ватан ба ҷабҳаи мубориза рафт. Аз шуҷоату ҷасорати ин фарзанди диёри хеш аҳли қалами кишвар очерку мақолаҳои зиёдеро ба табъ расониданд. Муллокӯчакбой ҷавони ҷасур ва ғаюр буд. Ӯ то ба ҳимояи Ватан рафтанаш дар кӯҳистони Зарафшон касбӣ чупонӣ ба уҳда гирифта буду бо яроқу туфанг низ ошнойӣ дошт. Ногуфта намонад, ки хело шикорчии моҳир низ буд. Аз навиштаҷоти дӯстону шогирдон ва наздикони эшон огоҳ шудем, ки Муллоҷонов Муллокӯчакбой тобистони соли 1943 ба ҳимояи Меҳан рафта дар аввал дар ҳайати полки тирандозии №741-уми захиравӣ нозукиҳои илми ҳарбиро аз худ кардааст [3, с. 51]. Маврид ба зикр аст, ки эшон то ба дифои Меҳан даъват шудан таҷрибаи истифода аз силоҳи оташфишонро низ доштааст.

Пас аз якчанд моҳи озмоиш Муллоҷонов Муллокӯчакбой ва чанд нафар ҳамроҳони эшонро бо ҳайати двизияи №128 полки №141-ум тирандозии пиёдагард гузаронидand. Дар рафти амалиётҳои ҷангӣ бо душманони кишвараш дар ҳарбу зарбҳои шаҳри Писков аз худ ҷуръату ҷасорат ва ҷонфидойиҳои зиёде нишон додааст. Иқлими сарди Россия аз як тараф ва аз тарафи дигар захми пояш ӯро азият медод [6, с. 50]. Бо тавсияи духтурони қисми низомӣ Муллокӯчакбой бо чанд нафар ҳамяроқонаш дар беморхонаи ҳарбӣ табобат гирифтанд. Пас аз ду моҳи табобат ҷанговари шуҷоъро ба муҳлати як моҳ ба хонаашон ҷавоб додаанд. Як моҳ бистарӣ гардид. Захмҳои бардоштаи Муллокӯчакбой низ шифо ёфтанд. Аскари шуҷоъ ва ҳомии Ватан боз ба ҳимояи Ватани азизаш рафт. Муллокӯчакбой дар озод намудани шаҳру деҳоти Украина аз худ диловарӣ нишон дод. Овозаи мергани шуҷоъ ба тезӣ ба тамоми қисми низомӣ паҳн шуд. Фармондеҳи фронти якуми Украина Маршали Иттиҳоди Шуравӣ И.В.Конов ба мергани шуҷоъ Муллоҷонов Муллокӯчакбой номаи шодошӣ навишт, ки дар ин матни нома аз хизматҳои фарзанди фарзонаи тоҷик ситоиш карда мешавад: “Рафиқи азиз Муллоҷонов М. Шумо дар муҳорибаҳои ҷангӣ зидди истилогарони гитлерӣ шуҷоату корнамоӣ зоҳир намуда, дар озод намудани хоки муқаддаси Ватан саҳми бузург гузоштаед. Маҳз бо шуҷоату мардонагии Шумову ҳамяроқонатон гурӯҳҳои калони артиши немисҳо дар Митомир, Ровно, Проскуров, Винитиси, Тринопов ва бисёр дигар ҳудудҳои кишвар бар зиддӣ душманони истилогар мардонавор ҷангида онҳоро аз ин ҳудудҳо дур сохтаед [8, с. 28].

Шумо ва ҳамяроқонатон дар озод намудани кишвари Полша, Чехсловакия низ шуҷоати ҷангӣ нишон додаед, ки Ватан аз чунин фарзандони содиқи худ ифтихор дорад” [15, с. 33].

Дар ин қисмат муаллиф айёми тифлӣ, фаъолияти корӣ ва баъдан ба ҳайси чупон кор кардани Муллоҷонов Муллокӯчакбойро ба қалам додааст. Давраи дуюми фаъолияти қаҳрамон ин ҳаёти давраи ҷангии ӯро дар бар мегирад, ки ин қисмат нисбат ба қисмати аввал калонҳаҷм буда, он бо дарназардошти факту рақамҳо ва хотироти ҳамяроқону дӯстони Муллокӯчакбой ба нашр расидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки соли сеюми ҷанг мерафт. Вазъи нооромии кишвар ҳамоно ҳукмфармоӣ дошт. Душманони инсоният ҳарчанд ба нокомиҳо дучор гардида бошанд ҳам, ҳамоно мекӯшиданд, ки мавқеъҳои ишғолкардаашонро аз даст надиҳанд. Комитети Давлатии Мудофиаи кишвар дар саросари Шуравӣ сафарбаркунии оммавиро эълон намуд.

Дар моҳи майи соли 1943 М.Муллокӯчакбой бо 83 нафар ҳамдиёраш ба ҳимояи Ватан даъват шуд. Муллоҷонов М. ва ҳамроҳони ӯ дар аввал барои аз худ намудани таҷрибаи ҷангӣ дар шаҳри Петропавловский дар ҳайати полки №714-уми захиравӣ хизмати ҳарбиро оғоз намуданд. Пас аз худ кардани нозукиҳои илми ҳарбӣ ва ошноӣ падо кардан бо тарзи истифодаи яроқ Муллокӯчакбой ва чанд нафар ҳамроҳонаш ба ҳайати двизияи №128-уми полки 141-уми тирандоз шомил гардиданд. Муллокӯчакбой дар баробари санъати ҷангиро аз худ кардан дар байни ҳамяроқон ҳамчун мергани бомаҳорат шуҳрат пайдо намуд. Аз ин рӯ ӯ дар аввалин задухӯрдҳо аз худ маҳорату тавонмандии ҷангӣ нишон дод. Дар рафти амалиётҳои ҷангӣ Муллоҷонов М. аз пояш сахт маҷруҳ гардид. Пас аз гирифтани табобат боз ба майдони ҳарбу зарб баргашт [11, с. 78].

Дар рафти амалиётҳои ҷангӣ барои озод намудани шаҳри Кенисберг аз худ шуҷоати ҷангӣ нишон дода, сазовори ордени “Ҷанги Бузурги Ватанӣ” дараҷаи 1 гардид. Муллокӯчакбой дар озод намудани Прусия, Типиаз, Аленбург, Летсен аз душман шуҷоати ҷангӣ нишон додааст, ки бо ифтихорномаи фармондеҳи армияи 3-юми Беларусия сарафроз гардонида шудааст. Дар саргаҳи муборизаву муқовиматҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ лаҳзаеро наметавонем пайдо кунем, ки дар он фарзандони фарзонаи диёри кӯҳистони Зарафшон иштирок накардаву ҷасорати ҷангӣ нишон надода бошанд. Беш аз 7 ҳазору 800 нафар сокинони ин диёри бостонӣ дар маҳви душманони ғаддори инсоният дар набардҳо иштирок намуда, баъзе аз ин родмардон дар роҳи ҳимояи марзу буми Ватан дар сангарҳои он умри гаронбаҳояшонро фидо намуданд. Муаррихони варзидаи кишвар Мухторов А., Раҳматуллоев А ва Дӯстов Ҳ. соли 2005 бахшида ба ҷашни 60-умин солгарди ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ китоберо бо номи “Школа мужество и патриотизм” нашр намуданд. Муаллифони китоби мазкур аз ҳаёти давраи ҷангии ҷавонони кишвар мисолҳо оварда зикр менамояд, ки “мо ягон муҳорибаи ин солҳоро наметавонем пайдо намоем, ки

дар он ҷавонони ҷумҳурӣ иштирок накарда, шуҷоати ҷангӣ нишон надода бошанд” [9, с. 78].

Муаллифони асари мазкур аз шуҷоат ва ҷасорати ҷангии ҷавонони кишвар дар набардҳо ва ақибгоҳи фронт далелҳои фаровонеро овардаанд. Муаллифони асар саҳми ҷавонони кишвари хешро дар пешрафти хоҷагии халқ ва қаҳрамониҳои онҳоро дар майдони муборизаҳо хело хуб таҳлил намудаанд.

Яке аз қисматҳои асари мазкур “Диловарии баҳодурони тоҷик дар ҷабҳа” ном дорад, ки он яке аз қисматҳои калонтарини асари мазкур буда, 28 саҳифаро дар бар мегирад. Муаллифони асар дар боби амалиётҳои ҷангии муҳорибаи назди Москва фикру мулоҳизаҳояшонро баён намуда, зикр менамоянд, ки муҳорибаи Москва, яке аз ҷангҳои шадидтарини ин солҳо ба ҳисоб меравад. Дар ҳаминҷо шиори ватандӯстонаи халқу миллатҳои давлати Шуравӣ “Марг бар фашизм”, “Москва пойтахти мо”, “Ҳама чиз барои фронт ва ҳама чиз барои ғалаба” садо медод. Муаллифони асар дар бораи шуҷоату ҷасорати аскарони кишвари хеш фикру мулоҳизаҳояшонро баён намуда, зикр намудаанд, ки дар қатори дигар халқу миллатҳои давлати Шуравӣ фарзандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳимояи пойтахти давлати худ бархостанд. Яке аз қисмҳои ҳарбие, ки дар барқарории сохти нав сиёсӣ дар ҳудуди кишвари мо нақши арзандае гузошта, ҳамзамон тақрибаи хуби ҷангӣ дошт, дивизияи овозадори 20-уми кӯҳгарди тоҷик буд, ки он ба ҳайати қисми якуми савораи фронти Ғарбӣ шомил буду дар амалиётҳои ҷангии нази Москва иштирок карда аз худ шуҷоати ҷангӣ нишон додааст [10, с. 55]. Муаллифони асар бо ифтихор аз рафти амалиётҳои ҷангии ҳайати ҷанговарони 20-ум фикру мулоҳизаҳояшонро баён карда, зикр менамоянд, ки ҳайати аскарони дивизияи савораи кӯҳгарди тоҷик дар амалиётҳои назди Москва аз худ шуҷоати ҷангӣ нишон доданд ба 5 ҳазор ҳайати ҷанговарони ин қисми низомӣ муйясар гардид, ки сазовори ордену медалҳо гарданд.

Воқеан муҳорибаи назди Москва яке аз муҳорибаҳои тақдирсози ин солҳои фоҷиабор ба ҳисоб меравад. Дар рафти амалиётҳои ҷангӣ ба ҳайати ҷузъу томҳои кишвари мо муяссар гардид, ки 11 ҳазор деҳа, 60 шаҳру ноҳияро аз дасти душман озод намоянд. Муаллифони асар бо ифтихор аз рафти амалиётҳои ҷангии ин муҳорибаҳо фактҳои аҷиб оварда, зикр менамоянд, ки агар ҷузъу томҳои кишвари Шуравӣ дар ин амалиётҳо ҷасоратмандона аз сарзаминҳои ишғолшуда ҳимоя намекард, ин маънои мағлубиятро пазируфтан буд. Аз ин рӯ онҳо аз тамоми имконияти дар ихтиёрдоштаашон истифода мебурданд, то ки дар ин амалиётҳо ғолибият ба даст оранд. Яке аз омилҳои дигар ғолибиятро муаллифони асар дар дӯстии халқу миллатҳои кишвари Шуравӣ мебинанд. Дар охир муаллифони асар қайд менамоянд, ки пирӯзии ҷузъу томҳои кишвари Шуравӣ дар назди Москва ба рафти амалиётҳои минбаъдаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таъсири калон расонд [4, с. 22].

Муаллифони асари мазкур бо ифтихор аз шуҷоату ҷасорати ҷавонони кишвари хеш сухан ронда, қайд намуданд, ки муҳорибаи назди Масква орзӯву ормонҳои шикастнопазири қувваҳои ҳарбии Германияи фашистиро барбод дод. Соли 2015-ум халқҳои сулҳпарвари сайёра 75-умин солгарди пирӯзии халқу миллатҳои кишвари Шуравиро бо шукӯҳу шаҳомати зиёд ҷашн гирифтанд. Профессор Абдулҳаев Р.А. мақолаи навбатии худро бо номи “Корнамойии фарзандони болооби Зарафшон дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ” [4, с. 22] ба нашр расонид. Мақолаи мазкур аз 18 саҳифа иборат буда, он аз ҳаёти даври ҷангии сокинони болооби Зарафшон, ки дар солҳои пурошуби ҷанг ба муқобили душманони кишвари хеш ҷангида, аз худ шуҷоати ҷангӣ нишон додаанд, маълумот медиҳад. Муаллифи мақола аз шуҷоату ҷасорати фарзандони саргаҳи Зарафшон фактҳои ҷолибе оварда зикр менамояд, ки дар оғози ҷанг сарбозони шуҷоъ ва далери кишвари Шуравӣ ҳангоми ҳуҷуми девонавори душман барои ишғоли қалъаи Брест ба ғосибон муқобилияти сахт, шуҷоатнокӣ ва қаҳрамонии бемислу монанд нишон доданд, ки дар байни онҳо сокини ноҳияи Фалғар, (Айнӣ) Насрулло Баҳодуров сокини деҳаи Рарз низ буд. Муаллифи мақола аз шуҷоати ҷангии ин фарзанди шуҷоъ сухан ронда қайд намудааст, ки “Насрулло Баҳодуров дар амалиётҳои навбатии Смоленск, Минск, Москва низ ширкат варзида, ҷасорати ҷангӣ нишон додааст. Дар рафти амалиётҳои ҷангии соли 1942 ӯ сахт ярадор гардида, пас аз табобат боз ба ҷабҳа рафта, дар ҳайати дивизияи №279-уми то

анҷоми ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ соли 1945 бар зидди душманони кишвар ҷангидааст” [10, с. 57].

Муаллифи мақола аз шуҷоати фарзандони саргаҳи Зарафшон факту рақамҳои бешумор оварда зикр менамояд, ки “сокини деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ иштирокчии ду набард аст. Ӯ қабл аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар амалиёти ҷангӣ бар зидди финҳо иштирок намудаву таҷрибаи кофии ҷангӣ дошт. Баъди сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳайати полки №178-уми дивизияи 320-уми пиёдагарди артиши зарбазани Ҷанубу Ғарбӣ бар зидди душманони кишвараш ҷангида аз худ қаҳрамониҳои зиёде нишон додааст. Дар амалиётҳои ҷангии соли 1943 барои озод намудани вилояти Смоленск қаҳрамонона ҳалок гардидааст” [2, с. 132].

Мақола аз ҳаёти давраи ҷангии ҷавонони саргаҳи Зарафшон, ноҳияҳои Панҷакент, Мастчоҳ, Фалғар мисолҳои таъсирбахш оварда қайд менамояд, ки ҷавонони саргаҳи Зарафшон дар амалиётҳои ин солҳо иштирок намуда аз худ шуҷоати ҷангии бемисл нишон доданд. Муаллифи мақола амалиётҳои назди Москваро амалиётҳои тағдирсози ин солҳои фоҷиабор меномад, зеро бо мақсади тассаруфи шаҳри Москва душманони инсоният аз тамоми имкониятҳои дар ихтиёр доштаашон истифода намуданд, то ки муҳимтарин шаҳри стратегиро ба даст ованд. Пойтахти кишвари Шуравӣ дар зери хатар буд. Душман ба самти Москва зиёда аз 51 дивизияи хуб мусаллаҳшудаи худро сафарбар карда умед дошт, ки бо чунин қувваи азими ҳарбӣ онҳо дер ё зуд Москваро ба даст меоранд. Гитлерчиён умед доштанд, ки ба маркази кишвари Шуравӣ лашкар кашидани онҳо дар дохили ин кишвар ҷанги граждани рӯй медиҳад, зеро давлати Шуравӣ аз халқу миллатҳои гуногун иборат буд. Аз рӯзҳои аввали сар шудани муҳорибаи Москва ҳамаи халқу миллатҳои давлати Шуравӣ ҳама як тан ба ҳимояи маркази кишварашон баромаданд. Муҳорибаи Москва беш аз 6 моҳ идома ёфт.

Дар ғалабаи оламшумули халқу миллатҳои давлати Шуравӣ дар назди Москва саҳми фарзандони Ҷумҳурии Тоҷикистон кам нест. Аз шуҷоату ҷасорати фарзандони саргаҳи Зарафшон дар набардҳои назди Маскав аҳли қалами кишвар амсоли профессор Мухторов А, Ҳотамов Н.Б. Раҳимов С.Сечкина А.П. ва муаррихи ҷангномонавис Ф.Қараев, н.и.т. Ҳакимов Н ва чандин нафар муаллифони дигарро метавон ном гирифт, ки аз шуҷоату матонати фарзандони кишвари хеш дар муҳорибаи назди Москва таҳқиқот гузаронида асару мақолаҳои зиёдеро ба нашр расонидаанд. Аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани ин воқеаҳои ҳузнангез аҳолии саргаҳи Зарафшон дар қатори дигар шаҳрвандони кишвари хеш ба ҳимояи Ватан рафтанд. Аксари ин ҳомиёни дар роҳи озодсозии Меҳан аз дасти душманони беинсоф дар сангарҳои мубориза бо зиндагӣ хайрхуш намуданд [14, с. 170].

Дар рафти амалиётҳои ҷангии ин солҳо ба се тан фарзандони ин диёри бостонӣ муаяссар гардид, ки сазовори Унвони олии Ватан –Қаҳрамони ватани худ ва дигар кишварҳо гарданд. Яке аз ҳамин гуна фарзандони шуҷоъи Ватан зодаи деҳаи Пастиғави ноҳияи Мастчоҳ Ашӯров Мелик-Иван тоҷик мебошад. Ашӯр Меликов қабл аз оғози ҷанги хонумонсӯз омӯзгор буд. Ӯ солҳои 1932-1933 шунавандаи курси яксолаи муаллимтайёркунии солҳои 1933-1934 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва солҳои 1934-1939 донишҷӯйи техникуми кооперативии шаҳри Ленинобод –Хуҷанд будааст [3, с. 56]. Баҳори соли 1939 ба сафи артиши Шуравӣ даъват мешавад. Чанд вақт аз хизмати ҳарбӣ гузашта буд, ки вазъи сиёсии кишвари Шуравиро душмани он Германияи фашистӣ ва ҳаммаслаконаш ноором сохта шартномаи сулҳи 23 августи соли 1939 ба муддати 10 сол бар зидди якдигар ҳуҷум накарданро дағалона вайрон намуда, дар якҷоягӣ бо ҳаммаслаконаш ба хоки Иттиҳоди Шуравӣ ҳуҷум кард, ки дар таърих бо номи Ҷанги Бузурги Ватанӣ шуҳрати оламгир дорад.

Ҷанги оғознамудаи душманони инсоният 5 сол тул кашид. Ашӯр Меликов, ки то оғози ин воқеаҳои ҳузнангез дар сафи қувваҳои мусаллаҳ адои хизмат мекарду таҷрибаи хуби ҷангиро аз худ карда буд, аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар майдони набардҳо бо душманон меҷангид. Ашӯр Меликов дар амалиётҳои Смоленск бар зидди душманони давлати худ ҷангида бо шуҷоату диловариаш номашро ҷовидонӣ гардонид. Дар рафти ин амалиётҳо сахт маҷруҳ гардид. Пас аз муддате табобат боз ба майдони ҷанг баргашта, дар амалиётҳои ҷангии соли 1943 ширкат намуд, ки дар таърих бо номи “Муҳорибаи Курс” ёдоварӣ карда мешавад [13, с 80]. Ашӯр Меликов командири тӯпи зидди танкӣ буд. Дар

рафти амалиётҳои ҷангии Курск аз снаряди душман сахт ярадор гардида беҳуш шуд, ки баъдан ба дасти гитлерчиён асир меафтад. Ашӯр Меликов чанд вақт дар лагери ҷазодиҳии Майдонек асир буд. Ҷанговари ҷасур ва шуҷоъ ҳамеша имконият меҷуст, ки аз асорат раҳойӣ ёбад. Ашӯр Меликов ва чанд нафар ёронаш дар роҳи ба лагер рафтан раҳо ёфта дар наздикии Юзефов ба як гурӯҳи артиши сурх ва отрияди партизанҳои поляк, ки дар ақибгоҳи душман ҷангҳои партизанӣ мебурданд, ҳамроҳ мешаванд. Бинобар тачрибаи хуби ҷангӣ доштан Ашӯр Меликовро ба ҳайси командири гурӯҳи партизанҳои полковник Андрей Флис таъин намуданд. Гурӯҳи партизание, ки Ашӯр Меликов роҳбариашро ба уҳда дошт, бар зидди душманон ҷангҳои шадиде намудаанд. Дар ин набардҳо Ашӯр Меликов ва ҳамяроқонаш шуҷоату ҷасорати ҷангӣ нишон додаанд, ки бо ордену медалҳо қаҳрамониҳояшон қадрдонӣ гардидааст [7, с. 25].

Хулоса. Корномаи ватандӯстони ҷавонмардони саргаҳи Зарафшон собит менамояд, ки аҳолии ин водии бостонӣ дар таъмини ғалаба бар фашизм дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми бузург гузоштааст. Гуфтан мумкин аст, ки шуҷоату ҷасорати ҷанговарони ин минтақа яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи Ҷанги Бузурги Ватании халқи тоҷик мебошад. Барои мухтасар хулоса кардани манзараи умумӣ метавон гуфт, ки аз рӯзҳои аввали ҷанг то пирӯзии комил, фарзандони саргаҳи Зарафшон дар қатори дигар халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар муҳорибаҳои Брест, Москва, Курск, Кенисберг ва дигар набардҳои тақдирсоз иштирок намуда, ифтихори Ватани худ гардиданд. Бешубҳа, саҳми ин гурӯҳи ҷанговарон дар таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ то ҳанӯз пурра арзёбӣ нашудааст ва таҳқиқоти минбаъдаро талаб мекунад.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърих халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» барои солҳои 2024-2029 таҳти унвони «Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар соҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» амалӣ карда шудааст.

АДАБИЁТ

1. Абдулҳаев Р.А. Корнамойии фарзандони болооби Зарафшон дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ/ Р.А. Абдулҳаев. - Душанбе, 2015. –С. 2.
2. Сафар Раҳмон. Ҳазору як корнома. Қ.1 / С. Раҳмон. -Душанбе, 1995. –С.132.
3. Каримов О.К. История исторической науки Таджикистана: автореферат дис. ... д-ра. ист. наук / О.К. Каримов. - Душанбе, 2002. - 51с.
4. Курбанов Ф. Народное образование в Таджикистане в годы Великой Отечественной войны (1941 – 1945): автореферат дис. … канд. ист. наук / Ф.Курбанов. - Душанбе, 1979. -22 с.
5. Караев Ф.К. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны в исторической литературе 60 – 80-х гг. XX. автореферат дис. . канд. ист. наук / Ф.К. Караев. - Душанбе, 2003. -24 с.
6. Караев Ф.К. Истография и история Таджикистана в перод Великой Отечественной войны (1941 – 1945) : автореферат дис. ... д-ра. ист. наук / Ф.К. Караев. - Душанбе, 2025. - 50с.
7. Махмадова, М.Ш. Возрождение национального самосознания в таджикской публицистике периода Великой Отечественной войны (1941 – 1945): автореферат дис. ... канд. филолог. наук / М.Ш. Махмадова. - Душанбе, 2018. -25 с.
8. Караев Ф.К. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) с. 28.
9. Мухторов А., Школа мужество и патриотизм / А.Мухторов, А.Раҳматуллоев, Ҳ.Дӯстов. - Душанбе, 2005. - С.78.
10. Нарзи Одилов. Интиқом / Н. Одилов. – Душанбе: Ирфон, 1982.-С-55.
11. Содиқов М. Марди майдон / М. Содиқов. - Хуҷанд, 2014. -С-33.
12. Тоҷикистони сурх.-1943, 20 июн. -С.2.
13. Ҷавонони Тоҷикистон. 1967, 7- март.
14. Савельев В.М., Советская интеллигенция в Великой Отечественной войне /В.М.Савельев, В.П. Савин. -М., 1974.- 170 с.
15. Сечкина А.П. Фарзандони шарафманди Тоҷикистон (бо забони русӣ)/ А.П. Сечкина. - Душанбе, 1968.- С.75-82.

ШУҶОАТ ВА ҶАСОРАТИ ҶАНГОВАРОНИ САРГАҲИ ЗАРАФШОН ДАР СОЛҲИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)

Дар рафти амалиётҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мо ягон муҳорибаи ин солҳои пурошубро наметавонем пайдо намоем, ки аҳолиҳои саргаҳи Зарафшон дар он иштирок карда, аз худ шуҷоати ҷангӣ нишон надода бошанд. Муаллифони мақолаи мазкур аз корнамоиҳои ҷангии фарзандони саргаҳи Зарафшон сухан ронда, қайд менамоянд, ки аз рӯзҳои аввали оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳолиҳои саргаҳи Зарафшон низ дар қатори дигар ҳомиёни ватан ба ҳимояи ватан рафтанд. Аксари ин ҳомиён ватан дар роҳи истиқлолият ба даст овардан дар набардҳои хунини он ҷон нисор карданд. Аз рӯзҳои аввал то анҷоми ин воқеаи ҳузнангез

беш аз 9 ҳазор аҳолиҳои ин водӣ ба мисли дигар ҳомиёни Ватан яроқ ба даст гирифта, ба ҷабҳа рафтанд. Дар мавриди шуҷоату ҷасорати родмардони саргаҳи Зарафшон аҳли қалами кишвар таҳқиқотҳои зиёдеро ба анҷом расониданду то кунун таҳқиқот гузаронида истодаанд. Муаллифони и мақола дар асоси маводи бойгонӣ ва хотироти пайвандони ҳамяроқашон қаҳрамонони набардҳои ин солҳои пурошуб мақолаи хешро ба табъ расонидаанд. Мақолаи мазкур метавонад, роҳнамову роҳкушойи минбаъдаи ин мавзуъ бошад.

Калидивожаҳо: Ҷанги Бузурги Ватанӣ, саргаҳи Зарафшон, Истиқлолият, Ватан, шуҷоату ҷасорат, набардҳои хунин, ҳомиён, қаҳрамонони набардҳо.

МУЖЕСТВО И ОТВАГА ВОИНОВ ЗАРАФШАНСКОГО КРАЯ ВО ВРЕМЯ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945)

В ходе операций в период Великой Отечественной войны мы не можем найти ни одного сражения этих бурных лет, в котором жители Зарафшанского края не принимали бы участия и не проявляли бы своего военного мужества. Авторы данной статьи, говоря о военных подвигах детей Зарафшанского края, отмечают, что с первых дней Великой Отечественной войны жители Зарафшанского края также отправились защищать Родину вместе с другими защитниками Родины. Большинство этих защитников Родины погибли в кровопролитных боях на военных полях сражения. С первых дней до конца этого трагического события более 9 тысяч жителей этой долины, как и другие защитники Родины, взяли в руки оружие и пошли на фронт. Писатели страны провели и продолжают проводить многочисленные исследования относительно изучения истории храбрости и мужества героев Зарафшанского края. Авторы данной статьи написали данную статью основываясь на архивных материалах и воспоминаниях родственников участников войны, героев сражений этих бурных лет. Статья может служить ориентиром для дальнейшего изучения данной темы.

Ключевые слова: Великая Отечественная война, верховья Зарафшана, независимость, Родина, храбрость и мужество, кровопролитные сражения, защитники, герои сражений.

THE COURAGE AND BRAVERY OF THE WARRIORS OF THE ZARAFSHAN REGION DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945)

Throughout the operations of the Great Patriotic War, there was not a single battle in which the residents of the Zarafshan region did not participate or fail to demonstrate military valor. The authors of this article highlight the heroic deeds of the people of the Zarafshan region, noting that from the very first days of the war, they - alongside other defenders of the Motherland- went to defend their country. Many of these defenders perished in the bloody battles on the front lines. From the onset of this tragic conflict until its conclusion, more than 9,000 residents of the valley took up arms and went to the front. Writers across the country have conducted, and continue to conduct, extensive research into the bravery and valor of the heroes from the Zarafshan region. This article is based on archival materials and the recollections of the relatives of war participants and battlefield heroes from that turbulent era. It serves as a foundation for further study of this subject.

Keywords: Great Patriotic War, upper Zarafshan, independence, Motherland, bravery and valor, bloody battles, defenders, battlefield heroes.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Қараев Фарҳод Қурбонович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** доктори илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **933131041**

Ирматова Шоира Солиевна **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айни, 67. Телефон: **979021313.**

Сведения об авторах: ***Караев Фарход Курбонович*** - Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, доцент. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **933131041**

Ирматова Шоира Солиевна – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67. Телефон: **979021313.**

Information about the authors: ***Karaev Farkhod Kurbonovich*** **-** Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Associate Professor of the Tajik National University. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **933131041.**

Irmatova Hsoira Solievna - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant, Department of History of the Tajik People. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Khatlon region, st. Ayni, 67. Phone: **979021313**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 28.06.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

УДК: 316.44

ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ КОМПЛЕМЕНТАРНОСТЬ КАК ФАКТОР СТОЙЧИВОСТИ СОЦИАЛЬНОЙ СТРАТИФИКАЦИИ: ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЙ ПОДХОД

Холматова Л.Ю.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Введение. Проблематика социальной стратификации традиционно занимает центральное место в социологическом и социально-философском знании, поскольку именно через стратификационные структуры проявляются фундаментальные противоречия современного общества, связанные с распределением ресурсов, власти и социального престижа. В условиях усложнения социальных систем и трансформации институтов особую значимость приобретает анализ факторов, обеспечивающих устойчивость стратификационных различий, несмотря на экономические, политические и культурные изменения.

Одним из таких факторов выступает институциональная комплементарность – теория, получившая развитие в рамках неинституциональной и сравнительно-политэкономической теории. Несмотря на активное использование данного понятия в экономической социологии и политической экономии, его потенциал для анализа социальной стратификации до настоящего времени остается недостаточно реализованным. В этой связи целью настоящей статьи является теоретико-методологическое обоснование институциональной комплементарности как системного механизма устойчивости социальной стратификации.

Степень разработанности проблемы. Теоретические основы исследования институционального взаимодействия прослеживаются в трудах множества научных деятелей. Например, А. Богданов сосредоточился на экономических системах и их взаимосвязях с социальными структурами, а также на роли институтов в управлении [4]; Н. Бор рассматривал динамику институциональных изменений в контексте социальных и экономических процессов [5]; идеи Ч. Дарвина о естественном отборе нашли аналогии в экономических теориях, в частности, в вопросе о том, как институты эволюционируют [17]; Ф. Кенэ акцентировал внимание на связи между экономическим развитием и социальными институтами [19]; О. Ланг изучал социальные и культурные аспекты, влияющие на институциональные изменения [21]; К. Маркс критиковал капиталистические институты и обсуждал их влияние на классовую борьбу и экономическое развитие [24]; А. Фергюсон исследовал развитие цивилизации и экономических институтов в контексте социальных изменений [28].

Развитие отдельных направлений в данной области стало возможным благодаря работам таких ученых, как Ф.Бродель, который рассматривал экономику как часть социокультурного контекста и исследовал долгосрочные структурные изменения [7]; Д. Бьюкенен, разработавший теорию общественного выбора и исследовавший влияние институтов на политические решения [11]; И. Валлерстайн, представивший мир-системный анализ и обсуждающий роль институтов в глобальной экономике [12]; а также Т. Веблен, который исследовал взаимоотношения между экономикой, обществом и институтами с акцентом на маркеры статуса и потребления [14].

Таким образом, концепция институциональной комплементарности (дополнительности) является центральной для понимания устойчивости и эволюции социально-экономических систем. Согласно данной теории, функциональная эффективность одного института напрямую детерминирована наличием и конфигурацией другого. Вклад ключевых исследователей в развитие этой области можно классифицировать по нескольким направлениям.

Теоретический фундамент был заложен М.Аоки, который формализовал понятие комплементарности через теорию игр. Он доказал, что институты образуют устойчивое равновесие, где стратегические решения в одной области повышают предельную полезность правил в другой [2]. Классическим примером такой комплементарности выступает японская модель, сочетающая систему пожизненного найма и специфическую структуру корпоративного управления.

Представитель школы регуляции Р.Буайе дополнил этот анализ понятием «институциональной иерархии», утверждая, что доминирующий институт, например, режим накопления капитала, принудительно подстраивает под себя остальные элементы системы [8]. В свою очередь, Б.Амабле расширил типологию социально-экономических моделей, выделив пять типов капитализма и показав, что их различие обусловлено уникальными блоками комплементарных связей между рынком труда, финансовым сектором и системой образования [1].

Наиболее влиятельную операциональную модель предложили П.Холл и Д.Соскис. В рамках парадигмы «Многообразия капитализма» (Varieties of Capitalism) они выделили:

Либеральные рыночные экономики (LME): где комплементарность строится на гибком рынке труда и фондовом финансировании.

Координируемые рыночные экономики (CME): где эффективность достигается за счет синергии долгосрочного банковского кредитования и системы защиты занятости [29].

Именно Холл и Соскис обосновали тезис об «институциональном сравнительном преимуществе»[29], согласно которому страны специализируются на тех видах инноваций, которые поддерживаются их набором комплементарных институтов.

Исследователи В.Стрик и К.Крауч (часто упоминаемый как К. Кроче в русскоязычной литературе) привнесли в анализ социологическое измерение. Они обратили внимание на то, что комплементарность не всегда является продуктом рационального проектирования [20],[27]. Крауч ввел понятие «функциональной эквивалентности» и «суплементарности», указывая, что институты могут не только усиливать, но и компенсировать недостатки друг друга [20].

М.Хёпнер сосредоточился на политических аспектах, изучая, как организованные интересы (профсоюзы, союзы работодателей) защищают комплементарные связки институтов от внешних шоков [32]. Его исследования демонстрируют, что разрушение отдельного звена системы — например, вследствие либерализации финансовых рынков — может привести к масштабному кризису всей национальной модели.

Современный этап развития теории представлен работами Г.Джексона и Р.Дига. Они критикуют статичный взгляд на комплементарность как на фактор, препятствующий изменениям. В их исследованиях показано, «что в условиях глобализации институты способны к «дрейфу» и «гибридизации»»[18]. Где дрейф - это процесс, при котором формальные правила остаются прежними, но их реальное содержание меняется. Гибридизация — это заимствование отдельных элементов из других систем. [18, с.51]

Таким образом, Диг и Джексон анализируют, как элементы различных моделей могут сочетаться, создавая новые, более адаптивные формы институционального дизайна, что особенно актуально для анализа трансформационных экономик в середине 2020-х годов.

Следовательно, развитие теории институциональной комплементарности прошло путь от математического моделирования устойчивых состояний (Аоки) до многофакторного анализа политических и социальных процессов (Хёпнер, Стрик), что позволяет сегодня использовать этот инструментарий для объяснения дивергенции национальных путей развития в условиях глобальной нестабильности.

Выход за экономические рамки, распространение исследования на другие институциональные уровни общественного устройства рассматривается в лучшем случае как перспективное направление. Тем самым теряется важная первооснова комплементарности, на которую указывает значение латинского корня термина.

Непосредственный источник Complementum переводится как дополнение, довершение. Существенно поясняют его контекстуальное понимание родственные понятия. Compleo – наполнять, выполнить, завершить; complector – обхватывать, обнимать, схватывать, ловить, понимать, содержаться; complexio – совокупность, система, связь. Итак, обобщая, можно сказать, что речь идет о завершении определенного процесса, получении целостного результата, целого. Целостность, которая, прежде всего, характеризуется тем, что не целое предопределяется частями, а наоборот, части зависят от целого.

Когда речь идет об институциональной системе, термин «комплементарность» обозначает единство, взаимодополняемость и взаимозависимость, охватывающую не только экономические,

но и весь спектр социальных институтов, формирующих социальную структуру. Основой этой целостности является национальная культура. Ценности, обычаи и традиции, которые передаются от поколения к поколению в процессе повседневной жизни, представляют собой неявное знание и служат базой для формирования «целого», вокруг которого складываются и определяются особенности экономических институтов. Рассматривая институциональную комплементарность как целостное явление, охватывающее весь комплекс институтов социального взаимодействия, мы можем значительно углубить понимание трансформационных изменений в развивающихся экономиках. Закономерности комплементарного взаимодействия между институтами оказывают значительное влияние на успех реформ.

Само понятие институциональная комплементарность предполагает установление как минимум двух типов взаимосвязи. С одной стороны, это отношения институциональных компонентов – частей системы между собой, с другой – их взаимодействие в рамках системы в целом. Каждый из них выполняет свою роль в обеспечении согласованного функционирования системы, имеет свои специфические черты и требует разных подходов в случае изменения соответствующих институтов. Более того, институциональная комплементарность в рамах системы обеспечивает возможность её дифференциации, выделения из окружающей среды, устойчивого существования и развития. Без учета этой специфики успешная трансформационная политика невозможна.

С социально-философской точки зрения институциональная комплементарность раскрывает глубинные основания социальной стратификации как формы упорядочивания социального мира. Она выступает не только как структурный, но и как нормативный механизм, задающий рамки социальной справедливости, допустимого неравенства и социальной легитимности. В этом смысле институциональная комплементарность позволяет рассматривать стратификацию как результат исторически обусловленного согласования институтов, а не как следствие исключительно экономических или индивидуальных факторов.

Исследование механизмов устойчивости социальной стратификации требует обращения к «структурной точке зрения», заложенной в «Тектологии» А. А. Богданова. Развивая и корректируя исторический материализм К. Маркса, Богданов предложил рассматривать общество как организационный комплекс, где формы общественного сознания не просто отражают базис, но оказывают на него «активное обратное организующее влияние» [3, с.116].

С этой позиции социальная стратификация — это не статичный срез неравенства, а результат тектологического соответствия материальных и идеологических институтов. Комплементарность (дополнительность) здесь выступает как форма «цепного сцепления», где институты образования, права и культуры функционально подобраны таким образом, чтобы минимизировать дезорганизующие факторы и сохранять системное равновесие.

Если Богданов описывает макроструктуру, то М.Аоки раскрывает механизмы устойчивости через микроуровень индивидуальных стратегий. Он определяет «институты как самоподдерживающиеся ментальные модели» [2, с.235]. Социальная стратификация обретает жесткость через механизм стратегической комплементарности. Агенты выбирают свои жизненные траектории, включая инвестиции в определенный тип образования, исходя из ожидаемой стабильности правил в смежных институтах, таких как система найма и пенсионное обеспечение. В результате возникает ситуация институционального равновесия, при которой даже формальное изменение отдельного закона, например введение квот на мобильность, нейтрализуется инерцией всех остальных комплементарных узлов, возвращающих систему в исходное состояние. Неравенство становится «естественным», так как оно вписано в когнитивные карты всех участников процесса.

Системно-генетически устойчивость иерархии в середине 2020-х годов объясняется через теорию П.Холла и Д.Соскиса. Они доказали, что национальные экономики генерируют специфические «матрицы стратификации», которые обеспечивают странам институциональные сравнительные преимущества:

Либеральные рыночные экономики (LME): Здесь стратификация поддерживается через комплементарность рыночного образования и гибкого трудового права. Это создает высокую

поляризацию, где «победители» получают доступ к закрытым элитарным сетям, а «проигравшие» попадают в ловушку прекаризации.

Координируемые рыночные экономики (CME): по В.Стрику и М.Хёпнеру, иерархия закрепляется через тесную связь профессиональных стандартов и социальных гарантий. Здесь неравенство менее выражено в доходах, но более ригидно в статусных позициях, закрепляя индивида в его профессиональной «касте» [33].

Таким образом, П.Холл и Д.Соскис постулирует, что социальная стратификация устойчива тогда, когда институты образуют согласованные кластеры. В таких системах возникают «институциональные барьеры», которые делают вертикальную мобильность затруднительной:

Связка «Собственность — Право»: Гарантирует сохранение активов внутри определенных страт.

Связка «Образование — Статус»: Превращает культурный капитал в механизм легитимации привилегий.

Устойчивость здесь понимается как функциональное соответствие, а именно, институты «подстраховывают» друг друга, блокируя радикальные изменения.

Б. Амабль подчеркивает, что «институциональная комплементарность никогда не является продуктом случайной эволюции, представляя собой результат осознанного политического дизайна доминирующих социальных блоков»[1, с.139]. Устойчивость стратификации в этой модели обеспечивается способностью институтов налогообложения, права собственности и семейной политики формировать устойчивые союзы интересов. Генезис жесткой иерархии напрямую связан с созданием таких связок, которые делают любую попытку перераспределения ресурсов не только экономически невыгодной, но и технически невозможной без фатального разрушения системной целостности.

Согласно Б. Амаблю, «данное равновесие не является политически нейтральным, так как оно отражает фундаментальный компромисс доминирующих социальных групп» [1, с.140]. Институциональные блоки сконструированы таким образом, что любая попытка изменить профиль неравенства, в частности через налоговую реформу, неизбежно сталкивается с инерцией комплементарных узлов, таких как сегрегация жилья или закрытые профессиональные сообщества. Это системное сопротивление в конечном итоге возвращает структуру общества в исходное стратифицированное состояние.

Современная модель стратификации, согласно исследованиям К. Крауча и Г. Джексона, «демонстрирует поразительную способность к адаптации через механизм институционального дрейфа — трансформацию реальных функций института при сохранении его внешней формальной оболочки» [20, с.257]. Наглядным примером здесь служит институт высшего образования: сохраняя внешнюю массовость, он приобретает полярную ценность для разных слоев населения. Если для элит образование по-прежнему выступает эффективным социальным лифтом, то для низших слоев оно зачастую превращается в своеобразное «хранилище избыточной рабочей силы», не гарантирующее реального повышения статуса.

В противовес теории полной конвергенции, Г. Джексон и Р. Диг доказывают, что современные системы склонны к гибридизации [18]. В этой модели доминирующие социальные группы не разрушают старые институты, а дополняют их новыми элементами в рамках процесса институционального «бриколажа». Это проявляется в интеграции гибких цифровых платформ в жестко регулируемые рынки труда, а также в сочетании государственных гарантий для элит с перекладыванием рыночных рисков на прекариат. Подобная конфигурация позволяет системе сохранять гибкость, не меняя при этом ключевых бенефициаров социальной структуры.

На современном этапе институциональная комплементарность выступает не статичным «замком», а динамичным «адаптивным каркасом». Устойчивость стратификации обеспечивается способностью системы поглощать внешние шоки, включая технологические сдвиги и процессы глобализации, через избирательную перестройку связей между институтами. Гибридные институты позволяют элитам извлекать выгоду из преимуществ глобальных рынков, в то время как локальные институты продолжают выполнять функцию социального контроля и стабилизации нижних страт. Таким образом, комплементарность становится фактором

динамической устойчивости, при которой изменения на периферии системы лишь укрепляют её иерархический центр.

Следовательно, институциональная комплементарность остается фундаментальным фактором воспроизводства социальной иерархии, однако её природа претерпела качественные изменения. От жесткой фиксации статусов общество перешло к модели «текучей» устойчивости. Современный исследователь должен учитывать, что за внешними институциональными трансформациями — цифровизацией и реформами управления — зачастую скрывается глубокая комплементарность, направленная на сохранение существующего социального порядка.

В условиях 2026 года социальная иерархия сохраняет стабильность именно за счет гибридизации: новые цифровые платформы и методы алгоритмического управления не разрушают традиционные классовые барьеры, а комплементарно встраиваются в них. Это формирует многослойную стратификацию, где классическое деление дополняется новыми разрывами, такими как цифровое неравенство, экологический статус и эксклюзивный доступ к технологиям искусственного интеллекта. Комплементарность позволяет системе абсорбировать инновации, обращая их на пользу воспроизводства статус-кво.

Материалы и методы. Методологически исследование институциональной комплементарности в контексте социальной стратификации требует междисциплинарного подхода, сочетающего элементы неоинституционализма, исторического институционализма и системного анализа. Такой синтез позволяет рассматривать социальную структуру как результат долгосрочных институциональных процессов, а не как следствие исключительно экономических факторов.

Применение структурно-функционального анализа дает возможность выявить роль отдельных институтов в поддержании стратификационного порядка, в то время как исторический институционализм акцентирует внимание на временной динамике и преемственности социальных процессов. Системный подход, в свою очередь, делает возможным глубокий анализ комплементарных связей между институтами, формирующими устойчивые социальные конфигурации. Использование данного методологического инструментария позволяет преодолеть дихотомию между структурными и агентными интерпретациями (индивидуальным действием), демонстрируя, что персональные стратегии социальной мобильности реализуются строго в рамках институционально заданных ограничений.

С позиций синергического подхода социальная стратификация может рассматривать как самоорганизующаяся система, в которой институциональная комплементарность выполняет функцию аттрактора социального порядка. Она стабилизирует систему, снижает энтропийные эффекты трансформаций и препятствует радикальным изменениям социальной иерархии. Такое понимание позволяет интерпретировать институциональную комплементарность не только как структурный, но и как динамический механизм устойчивости социальной стратификации.

Таким образом, в рамках неоинституционального подхода социальная стратификация рассматривается как результат устойчивого и взаимно согласованного функционирования ключевых социальных институтов. Концепт институциональной комплементарности фиксирует такую форму институционального взаимодействия, при которой правила и практики различных сфер общественной жизни взаимно усиливают друг друга, формируя целостную и устойчивую социальную конфигурацию.

Экономические, образовательные, политико-правовые и социокультурные институты образуют комплементарный комплекс, в рамках которого социальные позиции воспроизводятся не изолированно, а системно. Образование обеспечивает дифференцированный доступ к культурному капиталу, рынок труда закрепляет неравенство доходов и статусов, государственные институты формируют формально равные, но фактически асимметричные условия участия, а культурные и религиозные нормы легитимируют социальную иерархию [7],[8]. В результате социальная стратификация приобретает характер институционально закреплённого порядка, устойчивого к фрагментарным реформам и внешним изменениям.

Одной из ключевых функций институциональной комплементарности является легитимация стратификационного неравенства. Согласованность институтов способствует формированию устойчивых когнитивных и нормативных представлений о социальной иерархии

как естественном и социально оправданном порядке. Через образовательные стандарты, правовые нормы и доминирующие культурные нарративы социальные различия интерпретируются как следствие индивидуальных усилий, традиции или «социальной целесообразности», что снижает критический потенциал общественного сознания. В этом смысле институциональная комплементарность выполняет функцию символического воспроизводства стратификации, маскируя структурные источники неравенства.

Обсуждение. Институциональная комплементарность формирует устойчивые барьеры социальной мобильности. Даже при формальном расширении каналов вертикальной мобильности (образование, предпринимательство, государственная служба) их реальная доступность остаётся селективной и структурно ограниченной. Социальная мобильность в подобных условиях носит частный и контролируемый характер, не затрагивающий фундаментальные основания стратификационного порядка. Это позволяет системе адаптироваться к изменениям без утраты структурной устойчивости.

В постсоветских обществах, включая Таджикистан, институциональная комплементарность приобретает особую специфику, связанную с сочетанием модернизированных институтов и устойчивых традиционных практик. «Модернизационные тенденции в таджикистанском обществе демонстрируют его стремление к развитию и адаптации к современным вызовам. Эти трансформации идут рука об руку с сохранением уникального культурного наследия» [30, с. 124]. Анализ таких процессов в контексте Таджикистана позволяет выявить, как институциональные сетки структурируют вертикальную и горизонтальную иерархию общества и препятствуют радикальным изменениям, даже при значительных социально-экономических трансформациях.

Социально-экономическая ситуация в Таджикистане показывает сложный баланс между прогрессом и структурными ограничениями. За последние годы уровень бедности существенно снизился, а доля среднего класса значительно выросла. Тем не менее устойчивые проблемы остаются: недостаточное создание рабочих мест в рамках внутреннего рынка, ограниченный доступ к высокопроизводительным работам, значительные региональные и гендерные различия в участии рабочей силы. Эти факторы укрепляют экономическое неравенство и препятствуют формированию широких возможностей социальной мобильности.

Кроме того, в Таджикистане сохраняется выраженное неравенство доступа к образованию и инфраструктуре, что усугубляет стратификационные различия между городскими и сельскими районами. Дискрепансии в образовательных возможностях оказывают прямое влияние на возможные траектории социальной мобильности и закрепляют институциональные различия, которые трансформируются в социальные барьеры.

Сафарова С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар таҳлили фалсафии таърихи тафаккури инсоният, мафҳумҳои «ватан», «сарзамини аҷдодӣ» ва «ҳувияти ҷомеа» ҳамеша мавқеи марказиро ишғол намудаанд. Ин мафҳумҳо дар фарҳанги маънавӣ ва фалсафии мардуми Эрони Шарқӣ, ки дар он ҷо тамаддуни қадимии тоҷикон рушд кардааст, мақоми хосса доштаанд. Аз замонҳои қадим-давраи эҷоди «Авесто» (ҳазорсолаи I пеш аз милод) оғоз карда, унсурҳои равшани эҳсоси ватандӯстиро дар пояҳои мафкураи тоҷикони бостон, ки дар асотир, ахлоқ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва эътиқодҳои фалсафӣ ва динӣ ифода ёфтаанд, пайгирӣ кардан мумкин аст.

Ватандӯстӣ дар фарҳанги бостонии тоҷику форс тавассути муқаддас донистани сарзамини аҷдодӣ, парастиши ҳимоятгарони ҷомеа, амри ахлоқии хидмат ба ватан, идеяи ягонагии ҷомеаи ориёӣ ва эътирофи сарнавишти таърихии мардум ҳамчун масъулияти дастаҷамъӣ зоҳир мешуд.Таърихшиносии муосир таъкид мекунад, ки маҳз дар қаламравҳои Суғд, Бохтар, Хоразм ва Марғиёна намунаҳои аввалини мафҳумҳои ҳамбастагии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, ки хоси мардуми тоҷик мебошанд, ташаккул ёфтаанд. Ҳадафи мақолаи мазкур таҳлили фарогири равандҳои ташаккул ва инкишофи ғояҳои ватандӯстӣ дар фалсафаи тоҷику форси давраи бостон, бо такя ба мероси «Авесто», таълимоти зардуштӣ ва тамаддунҳои Бохтару Суғд мебошад.

Мавод ва усулҳо.Хусусияти бисёрҷанба ва моҳияти мураккаби мавзуи таҳқиқ зарурати истифодаи заминаи гуногунҷабҳаи методологиро тақозо намуд. Дар рафти пажӯҳиш усулҳои таҳлилу синтез, методи таърихӣ, функционалӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва герменевтикӣ ба таври васеъ ба кор гирифта шудаанд. Методологияи таҳқиқоти мазкур бар истифодаи маҷмуи усулҳои муосири илмӣ-назариявӣ асос ёфтааст, ки имкони баррасии ҳамаҷонибаи мавзуро фароҳам меоранд. Махсусан:

- Методи таърихӣ ҷиҳати омӯзиши таҳаввули ғояҳои ватандӯстӣ дар давраи бостон аз ташаккули «Авесто» то истилои араб (ҳазорсолаи I то милод - асрҳои VII-VIII милодӣ) истифода гардид.
- Герменевтикӣ барои тафсири матнҳои муқаддаси «Авесто» (Готҳо, Яштҳо, Вандидод) ва таҳлили рамзҳои фалсафии онҳо дар заминаи ҷаҳонбинии дуализми Аша ва Дурӯҷ ба кор гирифта шуд.
- Методи муқоисавӣ-таърихӣ имкон дод, ки тасаввуроти ватандӯстии тамаддунҳои Бохтар ва Суғд бо навиштаҷоти юнонӣ (Геродот), чинӣ ва арабии асрҳои миёна муқоиса карда шаванд.
- Методи функционалӣ барои муайян кардани нақши арзишҳои ахлоқии «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» дар ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳифзи сарзамин истифода шудааст.
- Методи низомӣ ҷиҳати баррасии фалсафаи зардуштӣ ҳамчун як низоми воҳид, ки ахлоқ, дин, сиёсат ва муборизаи байни некиву бадиро муттаҳид месозад, ба кор гирифта шуд.

Ин равиши комплексии методологӣ имкон медиҳад, ки на танҳо ҷанбаҳои назариявии афкори фалсафии бостонӣ, балки механизмҳои таъсири онҳо ба ташаккули шуури ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии тоҷику форс дар тули ҳазорсолаҳо муайян карда шаванд.

Мафҳумҳои "ватан", "сарзамини аҷдодӣ" ва "ҳувияти ҷомеа" дар фарҳанги маънавӣ ва фалсафии мардуми Эрони Шарқӣ, ки дар он ҷо тамаддуни қадимии тоҷику форс рушд кардааст, мавқеи махсусро ишғол мекарданд. Аз замонҳои қадим - давраи Авесто (ҳазорсолаи I пеш аз милод) оғоз карда, унсурҳои равшани эҳсоси ватандӯстиро дар пояҳои мафкураи тоҷику форси бостон, ки дар асотир, ахлоқ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва эътиқодҳои фалсафӣ ва динӣ ифода ёфтаанд, пайгирӣ кардан мумкин аст.

Ватандӯстӣ дар фарҳанги бостонии тоҷику форс, тавассути муқаддас кардани сарзамини аҷдодӣ, парастиши ҳимоятгари ҷомеа, амри ахлоқии хидмат ба ватан, идеяи ягонагии ҷомеаи ориёӣ ва эътирофи сарнавишти таърихии мардум ҳамчун масъулияти

дастаҷамъӣ зоҳир мешуд [4, с.46]. Таърихшиносии муосир таъкид мекунад, ки маҳз дар қаламравҳои Суғд, Бохтар, Хоразм ва Марғиёна намунаҳои аввалини мафҳумҳои ҳамбастагии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, ки хосси бисёре аз мардуми Эрон, аз ҷумла тоҷикон мебошанд, ташаккул ёфтаанд.

Асосҳои фалсафӣ - мафкуравӣ ва ватандӯстӣ дар «Авесто» - қадимтарин ёдгории ҷаҳонбинии ориёӣ ва матни муқаддаси дини зардуштӣ - дар баробари таълимоти ахлоқӣ, **оламшиносӣ** ва иҷтимоӣ, дорои меъёрҳои амиқи ватандӯстӣ мебошад. Ватандӯстӣ дар «Авесто» танҳо эҳсоси муҳаббат ба сарзамин маҳдуд намешавад, балки ҳамчун мафҳуми фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҷаҳонбинӣ баромад намуда, бо муборизаи нуру торикӣ, некию бадӣ ва масъулияти инсон дар низоми ҳастӣ робитаи зич дорад.

Ҷаҳоншиносии авестоӣ яке аз заминаҳои асосии ташаккули андешаи ватандӯстӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷаҳонбинӣ олам ҳамчун майдони муборизаи ду неруи муқобил - Аша (тартибу низом, ҳақиқат, адолат ва покӣ) ва Дурӯҷ (бадӣ, бесарусомонӣ) - тасвир мегардад. Дар ҷаҳонбинии авестоӣ ватан, обу хок ва сарзамини зисти инсон ба ҳайси бахше аз олами Аша дониста мешаванд. Аз ин рӯ, ҳимояи ватан баробар бо ҳифзи Аша, яъне ҳифзи низоми ҷаҳонӣ (коинотӣ) мебошад [11, с.150].

Мафҳуми «Айрян Ваеҷа» - ватани муқаддаси ориёиён яке аз аввалин ифодаҳои фалсафии идеяи ватан дар матнҳои Авасто ба шумор меравад. Айрян Ваеҷа ҳамчун сарзамине тавсиф мешавад, ки Аҳуро Маздо ба одамон додааст. Ин сарзамин на танҳо қаламрав, балки фазои муқаддасе аст, ки дар он инсон бояд Аша - тартибот, ҳақиқат ва ҳамоҳангиро нигоҳ дорад. Аз ин рӯ, муҳофизати ватан амри муқаддас ва амали зидди қувваҳои торикӣ дониста мешуд.

Дар «Вандидод» омадааст: «Бигзор инсон заминро ҳамчунон ки ҳақиқатро пос медорад, ҳифз намояд». Ватандорӣ ҳамчун фарзи динии зардуштӣ бо Спента Армаити - язати замин, рамзи Модар-Замин, таҳаммул, садоқат ва покизагӣ - алоқаманд аст [1, с.67].

Дар «Авесто» эҳтиром ба замин ва ҳифзи он яке аз муҳимтарин вазифаҳои инсонӣ шуморида мешавад ва кор кардан дар замин, обод кардани кишвар, ҳифзи марзу бум аз ифлосӣ ва харобшавӣ на танҳо амали иҷтимоӣ, балки ибодат ва иҷрои вазифаи маънавӣ дониста мешуд.

Пайравӣ аз Аша барои инсон ду самти асосии масъулиятро муайян мекунад: аввал - риояи гуфтори нек, пиндори нек ва кирдори нек, ки пояи ахлоқи ватандорӣ ба шумор меравад; дувум - ҳифзи сарзамин аз неруҳои бадӣ, аз ҷумла девҳо, дурӯғгуён, таҷовузкорон ва носипосон, ки ҳамчун анҷоми воҷиботи муқаддаси ҳар як пайрави роҳи ҳақ баррасӣ мегардад.

Дар «Яшти 19» ва «Вандидод» таъкид мешавад, ки ҳар кас замини худро ҳифз намояд, ба Аша наздик мегардад. Қаҳрамонҳои «Авесто» - Каршаспа, Траэтаона (Фаридун), **Ҷамшед** ва дар анъанаҳои баъдии Рустам - ҳамчун рамзҳои ҳимоятгарони кишвар ва ҷомеаи ориёӣ баромад мекунанд. Онҳо бо девҳо ва неруҳои бадӣ мубориза мебаранд, тартиботи оламро ҳифз мекунанд ва адолату сулҳро барқарор месозанд.

Дар матнҳои авестоӣ сарзамини ориёӣ аз ҷиҳати мазҳабӣ муқаддас дониста мешавад. Дар «Вандидод» возеҳ таъкид мегардад, ки замини ориёӣ бояд аз бемориҳо, риёкорӣ, душманони беруна ва девҳо ҳифз карда шавад.

Ҷомеашиносии авестоӣ низ бо мафҳуми ватандорӣ иртибот дорад ва ватан ҳамчун ҷомеаи поку адолатманд тасвир мешавад. Дар «Авесто» ватан на танҳо замин, балки низоми иҷтимоӣ ва ахлоқӣ буда, покӣ, ростӣ, адолат, меҳнат ва тарзи зиндагии дуруст ҳамчун талаботи ватандорӣ зикр мегарданд.

Меҳнат ҳамчун омили муҳими ватандорӣ яке аз шиорҳои асосии таълимоти «Авесто» ба шумор меравад.

Дар «Вандидод» таъкид мегардад, ки беҳтарин амалҳои инсонӣ кишт кардан, сохтмони манзилу деҳа, афзун намудани чорво ва обод сохтани кишвар аст. Ободонии ватан на танҳо ибодат, балки нишонаи ахлоқи олии инсонӣ арзёбӣ мешавад**.** [1, с.120].

Муносибати фалсафии инсон ва замин дар «Авесто» ҳамчун робитаи фарзанд бо Модар - Замин тасвир мешавад. Спента Армаити рамзи ин Модар-Замин буда, эҳтиром ва садоқати инсон ба сарзаминро муҷассум месозад. Муносибат бо замин (ватан) бояд бо эҳтиром, муҳаббат, садоқат ва нигоҳдории покизагӣ амалӣ гардад. Дар «Вандидод» ифлос

кардани замин, вайрон намудани деҳаҳо ва манзилҳо аз азимтарин гуноҳҳо шуморида мешавад. Ин таъкид ба таври фалсафӣ нишон медиҳад, ки ватан ҳамчун арзиши муқаддас ва уфуқи масъулияти ахлоқии инсон дар тафаккури авестоӣ ҷойгоҳи вижа дорад.

Арзишҳои ахлоқии ватандорӣ дар асоси матнҳои «Авесто» аз инҳо иборатанд: садоқат ба ватан ва мардум, ҳифзи марзу бум аз неруҳои бад, иҷрои масъулиятҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, меҳнату ободсозии замин, покдилии маънавӣ ва ростгӯӣ, инчунин мубориза бар зидди дурӯғ, бесарусомонӣ ва зулм. Ин арзишҳо дар фалсафаи зардуштӣ ҳамчун меҳвари ахлоқи инсони комил баррасӣ мешаванд [2, с.70].

Фалсафаи ватандорӣ дар Авесто дар доираи ҷаҳонбинии дуализми Аша ва Дурӯҷ ташаккул меёбад. Ватан ҳамчун ҷузъи муқаддаси тартиботи ҷаҳонӣ арзёбӣ мешавад ва муҳофизату ободонии он вазифаи ахлоқӣ, маънавӣ ва мазҳабии ҳар як инсон ба ҳисоб меравад.

Ватандорӣ дар Авесто дорои решаҳои ҷаҳоншиносӣ, асосҳои ахлоқӣ, маъниҳои иҷтимоӣ ва мазҳабӣ буда, ҳамчун яке аз арзишҳои ҳастишиносии мардуми ориёӣ баррасӣ мегардад.

Бояд зикр намуд, ки дифоъ аз ватан ҳамчун як вазифаи динӣ ва ахлоқӣ дарк карда мешуд. Категорияи Аша ҳамчун асоси ахлоқии ватандорӣ ба ҳисоб мерафт. Хизмат ба Ватан маънои ҳифзи ҷомеа, барқарор кардани адолат, муқовимат ба бесарусомонӣ (Друз - дурӯғ, бадӣ) ва иштирок дар корҳои созандагиро дорад.

Ба гуфтаи Мэри Бойс «Аша пояи ҳувияти форсҳо аст, ки арзиши шахсро бо хидмати ӯ ба ҷомеа муайян мекунад». Нақшҳои ватандӯстона дар Готҳои Зардушт чунин дарҷ шудааст, ки Готҳо дар бораи вазифаи марди ҳақиқӣ дар нигоҳубини замин, тақвияти ҷомеа ва ҳифзи он аз беадолатӣ таъкид мекунад. «Заминро бо амалҳои нек тақвият диҳед, зеро дар ин қуввати мардум аст». [6, с.42].

Ҳувияти ватандӯстӣ дар ҷомеаҳои қадимаи Бохтар (Тахористон) ва Суғд бар асоси тасаввуроти ибтидоии ҳиндуориёӣ дар бораи замини аҷдодон, вафодорӣ ба ҷомеа, фарҳанг, забон ва анъанаҳои динӣ шакл гирифтааст. Ин тамаддунҳо, ки дар қаламрави Тоҷикистон ва минтақаҳои ҳамҷавор ҷой доштанд, шаклҳои ибтидоии ҳувияти дастаҷамъиро ташаккул доданд. Бохтар (дар водии Амударё, Балх-Тахор) ҳамчун «дарвоза» байни Эрон, Ҳиндустон ва даштҳои шимолӣ хизмат мекард. Суғд (водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё) маркази савдои байниқитъавӣ ва ҳалқаи асосии Роҳи Абрешим маҳсуб мешуд. Ин мавқеъҳои муҳими мудофиавӣ, аҳолиро водор мекарданд, ки заминҳои худро аз ҳамлаҳои қабилаҳои бодиянишин ҳифз намоянд, низоми иҷтимоии устуворро нигоҳ доранд ва ҳисси ягонагиву ҳамбастагиро тақвият бахшанд. [3, с.54].

Ҳам бохтариҳо ва ҳам суғдиён ба халқҳои эронии шарқӣ мансуб буда, забони ягонаи бунёдӣ, бовариҳои динӣ ва ҷаҳоншиносӣ (аз ҷумла зардуштия ва маросимҳои маҳаллӣ), инчунин низоми умумии арзишҳо (оила, насаб, замин ва суннатҳои аҷдодӣ) - ро доро буданд. Пойдеворҳои фалсафӣ ва ҷаҳонбинӣ - замини аҷдодон - ҳамчун мафҳуми муқаддас арзёбӣ мешуд.

Дар ҷаҳоншиносии онҳо замине, ки қабила дар он зиндагӣ мекунад, ҷузъи Аша (тартиб ва ҳақиқат) маҳсуб меёфт ва ҳимояи он вазифаи муқаддаси ҳар фард буд. Дар миёни бохтариҳо ва суғдиён як қоидаи бостонӣ роиҷ буд, ки мувофиқи он «заминҳои ҷомеа фазои муқаддас» шумурда мешуданд. [15, с.80]. Хусусияти ватандории ибтидоӣ дар он вақт ҳанӯз давлатӣ набуда, балки насабӣ, ҷомеавӣ, маҳаллӣ - теппавӣ (марзӣ) буд. Мазмуни чунин ватандӯстӣ ҳимояи деҳа ва заминҳои обёришаванда, нигоҳдории манбаъҳои об, ҳимояи шарафи насл мебошад.

Ватандӯстӣ дар тамаддуни тобохтарии давлатдории ибтидоӣ низ вуҷуд дошт. Бохтар яке аз марказҳои қадимаи фарҳанги шаҳрӣ, тамаддуни зироаткорӣ, ташаккули ҳокимияти мутамарказ буд. Давлатдории навоянда ташкилоти низомӣ, ризоияти иҷтимоӣ, вафодорӣ ба ҳоким (оғози шакли давлатӣ - ватандорӣ) - ро талқин мекард. Идеологияи кишвари Балх ҳамчун «модаршаҳр» - маркази руҳонии форсҳо ва маҳалли ривоҷ гирифтани суннатҳои аввали зардуштӣ - маъруф буд.

Аз рӯи ривоят, Зардушт дар ҳамин ҷо таблиғ кардааст ва мафҳумҳои «Хизмат ба кишвар - хизмат ба ҳақиқат» ва «Ҳимояи Балх - ҳимояи хварра (шуҳрати илоҳӣ)» аз ҳамин замина бармеоянд. Ҷасорати низомии Бохтариён дар он ҷо зоҳир мешуд: найзаандозони

тавоно, муҳофизони воҳа ва посдорони роҳҳои байни Эрон ва Ҳиндустон. Ватандӯстӣ дар ин замон ба шакли хизмати ҳарбӣ, ҳимояи шабакаҳои обёрӣ ва пешгирии ҳамлаҳои скифҳо, сакоиҳо ва тохарҳо амалӣ мегаштанд. Ватандӯстӣ дар тамаддуни Суғд ин ҳувияти шаҳрӣ ва ҳамбастагии шаҳрвандӣ буд. Шаҳрҳои Суғд (Самарқанд/Мароқанд, Бухоро, Панҷакент) дорои низоми худидоракунӣ буданд, ки марказҳои муҳимми иқтисодӣ ҳисоб меёфтанд.

Шакли ватандӯстии шаҳрвандӣ дар ин ҷо бар асоси ҳифзи шаҳр, вафодорӣ ба ҷомеа ва эҳтироми худоёни маҳаллӣ ташаккул меёфт. Аҳолӣ дар он замон бо савдогарӣ машғул буданд. Суғдиён бо вуҷуди робитаҳои густурда то Чин ва Византия забон, одатҳо, хат ва фарҳанги худро нигоҳ медоштанд. Ҳатто дар маҳаллаҳои Роҳи Абрешим онҳо ҷамоатҳои қавмӣ месохтанд ва нишонаи ҳувияти қавии миллии хешро зикр менамуданд. **Онҳо** созмони низомӣ ташкил мекарданд ва барои дифои шаҳр нигаҳбонони шаҳрӣ, таҷрибаи дифои қалъаҳо, суннатҳои ҷасорати ҳарбӣ вуҷуд доштанд, ки дар тасвирҳои Панҷакент инъикос ёфтааст. Ҳифзи шаҳр ин амри шараф, фарзи аҷдодӣ, «васияти худоён» шумурда мешуд. Бохтар ва Суғд марказҳои муҳимми зардуштӣ буданд [7, с.78].

Аз ин таълимот арзишҳое сарчашма мегиранд, ки ба ҳифзи замин аз бенизомӣ, пок нигоҳ доштани обу хок, мубориза бо неруҳои вайронкор ва эҳтироми оташҳои насабӣ равона шудаанд. Дар баробари зардуштия, ҳамчунин як қатор маросимҳои маҳаллӣ мавҷуд буданд, аз ҷумла маросими Митра, маросими Вахш, маросими Сиёвуш ва маросими ниёгон.

Ҳамаи онҳо эҳсоси муҳаббат ба замини худ, масъулият дар назди худоёни миллатро тарбия мекарданд. Зуҳуроти иҷтимоии ҳувияти ватандӯстӣ, фидокорӣ барои ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Манобеи хаттӣ нишон медиҳанд, ки марг дар роҳи шаҳр шарафи бузург буд, ҷанговарон пеш аз рафтан савганд месупориданд, оилаҳои қаҳрамонҳо аз ҷониби ҷомеа дастгирӣ мешуданд.Ҳамкории дастаҷамъона ва ёриҳои мутақобила дар шароити зироаткории обёрӣ, аҳаммияти калон дошт ва сохтмони ҷамъиятии ҷӯйборҳо, ҳимояи якҷояи деҳа ва нигоҳдории сохторҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт. Ин омилҳо шаклҳои ибтидоии ҷомеаи шаҳрвандиро ба вуҷуд оварданд.

Хусусиятҳои асосии ҳувияти ватандӯстӣ дар Бохтар ва Суғд бар пояи таълимоти динӣ - фалсафаи зардуштӣ, суннатҳои миллӣ ва фарҳангӣ, ташкили шаҳриву насабӣ ва муборизаи ҳазорсолаи мардум барои ҳифзи замин ва хоҷагии худ шакл гирифтааст. Он дар намуди фарҳанги дифои Ватан**,** эҳтиром ба замини аҷдодон, ҳифзи забон ва суннатҳо, идеалҳои ҷасорати ҳарбӣ ва масъулияти ҷамъиятӣ зуҳур мекунад. Ин пояҳо асоси ватандӯстии тоҷикон ба шумор мераванд ва то имрӯз дар тафаккури миллӣ ҳузури устувор доранд.

Ҳувияти ватандӯстона дар тамаддуни аввали Бохтар ва Суғд ташаккул ёфта буд. Бохтар ҳамчун маркази ташаккули худшиносии ҳудудӣ ба ҳисоб мерафт. Тибқи таҳқиқоти Гиршман, Бохтар яке аз қадимтарин марказҳои давлатдорӣ, созмони сиёсӣ ва ҳувияти фарҳангӣ буд [12, с.67].

Аввалин мафҳумҳои "баҳран" ҳамчун мансубияти қабилавӣ ва минтақавӣ маҳз дар ин ҷо ташаккул ёфтаанд. Ҳимояи Бохтар дар манбаъҳо ҳамчун фазилат ва вазифа пешниҳод шудааст.

Суғдиён фалсафаи ҷомеа ва ҳамбастагиро рушд доданд ва онҳо дорои низоми пешрафта ва ақидаҳо дар бораи ҳамкории дастаҷамъона буданд. Ҳуҷҷатҳои суғдӣ аз куҳи Муғ (асрҳои VII - VIII) чунин мегӯянд: "Ҳар як шахс вазифадор аст, ки барои замин ва мардуми худ дифоъ кунад." [13, с.45].

Ин ҳуҷҷатҳо эҳсоси хуб инкишофёфтаи масъулият, дастгирии мутақобила байни аъзои ҷомеа ва омодагии дифоъ аз Суғдро аз таҳдидҳои беруна нишон медиҳанд. Мафҳуми «сарзамини аҷдодӣ» дар анъанаҳои суғдӣ ташаккул ёфтанд. Дар фарҳанги суғдӣ замин ҳамчун фазои хотира, мероси аҷдодон ва манбаи қувваи маънавӣ арзёбӣ мешуд.

Ба гуфтаи Бартольд "суғдиён бо эҳсоси бениҳоят қавии худшиносии ҷамоавӣ ва минтақавӣ фарқ мекарданд" [5, с.45].

Зардуштия ҳамчун фалсафаи ахлоқӣ мебошад, ки вазифаи дифоъ аз Ватанро фаро мегирад. Тасвири қаҳрамон-мудофиакунанда - Траэтаон, Кавӣ, Ям, ҳисоб мешаванд. Қаҳрамонони асотири қадимии форсҳо нақши муҳофизони заминро аз бесарусомонӣ - Тур ва Даҳак бозидаанд. Ин мубориза мундариҷаи фалсафӣ дошт ва муборизаи рӯшноӣ ва тартибот бар зидди бадӣ буд. Дар яштҳо омадааст, ки «Қаҳрамон вақте қавӣ аст, ки

заминро бо адолат дифоъ кунад» [2, с.102]. Мафҳуми «хварра» маънои «ҷалоли мардум» - ро дорад. Хварра рамзи файз, дурахшонӣ ва ҷалол буда, қудрати мардум, сарнавишти давлатдорӣ ва ягонагии ҷомеаро ифода мекунад.

Снесарев таъкид мекунад, ки мафҳуми «хварра», яъне ҷалол ва фарри илоҳӣ, ки ҳамчун неруи ҳимоякунанда ва бахти муайянкунандаи мардум фаҳмида мешавад, бо ғояи сарнавишти ҷамъият ва рисолати таърихии он робитаи зич дорад. 15, с.50].

Ватандӯстии ҳарбӣ ва меҳнатӣ ин ҳарду шакл баҳои баланд мегирифтанд ва ҷанговар ҳамчун муҳофизи замин, деҳқон ҳамчун нондиҳандаи ҷомеа буданд. Аҳура Маздо мегӯяд, ки "Ҳеҷ амали бузургтар аз кишт кардани замин ва ҳифзи он вуҷуд надорад".

Зардуштия ҳамчун фалсафаи ахлоқӣ ҳам заминаи тарбиявӣ дорад ва ҳам вазифаи муҳофизати Ватанро ба ӯҳда мегирад. Вай қадимтарин низоми ахлоқӣ ва маънавӣ барои эрониёни шарқӣ маҳсуб меёбад, ки дар он масъалаҳои вазифаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи замини аҷдодӣ, ҷойгоҳи асосӣ доранд. Таълимоти Зардушт инсонро ҳамчун муборизи фаъол барои ҳақиқат (Аша) ва муқобили бенизомӣ ва бадӣ (Дурӯҷ) муаррифӣ мекунад, ки ҳамин асоси ҳувияти меҳанпарастии ахлоқиро ташаккул медиҳад. [14, с.88]. Вазифаи ахлоқӣ ҳамчун пояи ҷаҳонбинии зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Дар маркази фалсафаи зардуштӣ шиори маъруф меистад: «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек». Ин сегона вазифаи ҳар инсонро муайян мекунад ва зиндагӣ бояд мувофиқи қоидаи ҳақиқат (Аша), мубориза бо дурӯғ, бадӣ ва беадолатӣ, нигоҳ доштани ҳамоҳангӣ дар ҷомеа ва табиат сурат гирад.

Аз ин рӯ, иҷрои вазифаи ахлоқӣ - ҳифзи тартиботи ҷомеа ва замини аҷдодон буд**.** Муҳофизати Ватан ҳамчун вазифаи муқаддас дар таълимоти Зардуштия ба ҳисоб мерафт. Дар зардуштия Ватан (замин, об, маскан) як ҷузъи тартиботи ҷаҳонӣ (коинотӣ) ба ҳисоб меравад. Ҳимояи он на танҳо вазифаи иҷтимоӣ, балки **рисолати динӣ ва ахлоқӣ** мебошад.

Дар матнҳои «Авесто» таъкид мешавад, ки ҳифзи кишвар аз ҳамлаҳо барои Аша, вайронкунандагони масканҳо ба пайравони Друз баробар дониста мешаванд, ҷанговаре, ки замини худро муҳофизат мекунад, «нури Аҳуромаздаро тақвият медиҳад».

Пас, ватандӯстӣ танҳо эҳсос нест, балки қоидаи ҷанги руҳонӣ маҳсуб меёбад. Замин ва меҳнат ҳамчун ҷузъҳои вазифаи ахлоқӣ, ҳамчунин парастиши замин (Спента Армаити) талаб мекунад, ки ҳифзи замин ва обҳо, пешгирӣ аз вайроншавии ҷомеа ва барқарор кардани ҳосилхезӣ таъмин карда шаванд. Ҳар як зироаткор, меъмор ва муҳофизи ҷӯйборҳо қисми вазифаи низоми ҳастӣ - ро иҷро намуда, баракати ҷаҳонро афзоиш медиҳад. Ахлоқи низомӣ дар таълимоти зардуштӣ идеали қатъии ҷанговарро ташаккул медиҳад, ки мувофиқи он ҷанговар бояд ростқавл, муҳофизи заифон ва вафодор ба ҳақиқат бошад. Ҷанговарон ҳамчун «муборизони нур» маҳфузанд. Марг барои ҳимояи замини аҷдодӣ амали бошараф аст, ки ба якпорчагии инсон бо Аша мебарад. Мубориза бо бадӣ низ ҳамчун шакли ватандорӣ ба шумор мерафт.

Таълимоти Зардушт меомӯзад, ки бадӣ фаъол ва таҷовузкор аст, бинобар ин шахси нек наметавонад бетараф бошад. Инсон бояд ҷомеаро муҳофизат кунад, бар зидди вайронкунандагони тартибот бархезад, ягонагӣ ва ҳамоҳангии миллати худро ҳифз намояд. Пас, ватандорӣ маънои ҷаҳоншиносӣ пайдо мекунад, яъне мубориза барои Ватан иштирок дар набард байни неку бад мебошад.

Зардуштия фалсафаест, ки дар он вазифаи ахлоқӣ**,** масъулияти шаҳрвандӣ **ва** муҳофизати Ватан ба як низоми ягона табдил меёбанд. Ҳифзи замини аҷдодон, нигоҳ доштани тартибот, мубориза бо бесарусомонӣ ва вайронкорӣ - ин иҷрои Аша ва иҷрои баландтарин вазифаи руҳонии инсон аст [1, с.117].

Ҳувияти дастаҷамъӣ ҳамчун пояи фалсафии ватандӯстӣ ба ҳисоб мерафт. Мафҳуми "бародарии ориёӣ" дар ҷаҳонбинии қадимии тоҷикӣ мардумро ҳамчун як ҷомеаи ягонаи маънавӣ (airyô šayantô) мефаҳмид. Онро забон, маросимҳо, анъанаҳо ва хотираи муштараки таърихӣ ба ҳам мепайвандад. Ба гуфтаи Виденгрен, ҳувияти ориёиҳо бар асоси ягонагии сарзамин, ҳамрешагӣ ва якпорчагии меъёрҳои ахлоқӣ ташаккул ёфта буд. Ғояҳои давлатдорӣ бошад, дар доираи сохтори қабилавӣ тадриҷан инкишоф ёфтанд [8, с.200].

Ватандӯстӣ бо садоқат ба қабилаи худ, эҳтиром ба пиронсолон ва нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ муайян карда мешуд. Ниҳодҳои давлатии Ҳахоманишӣ ва Кушонӣ

мафҳумҳои хидмат ба давлат, ҳифзи ҷамоатҳо ва ягонагии маънавии кишварро таҳия мекарданд.

Куруши Кабир дар навиштаҷоташ чунин гуфтааст: «Кишвари ман сарзамине мебошад, ки аз ҷониби худоён дода шудааст ва ман вазифадорам онро ҳифз кунам». Аз ин рӯ, зардуштия барои халқҳои ориёӣ яке аз аввалин низоми фалсафии ватандӯстӣ ба ҳисоб рафта, таъсири он аз Бохтару Суғд то даврони Сомониён ва аз он то ба имрӯз идома дорад. [7, с.76].

Таҳқиқи густурдаи манбаъҳои бостонию шарқӣ нишон медиҳад, ки ғояи ватандӯстӣ яке аз пояҳои асосии ҷаҳонбинии тоҷикони қадимро ташкил медод. Ин арзишҳо, ки сарчашмаи онҳо дар фарҳанги ориёӣ ва таълимоти зардуштӣ ҷой дорад, дар тули садсолаҳо дар қаламрави Бохтар, Суғд ва дигар манотиқи форсҳо ба шаклҳои гуногуни иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ зуҳур кардаанд. [10, с.176].

Дар байни муаллифони Юнони қадим Геродот мақоми махсус дорад, зеро навиштаҳои вай ба таври мустақим ба хислат, рафтор ва низоми иҷтимоии мардуми Осиёи Марказӣ дахл доранд ва барои дарки заминаҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии ҳувияти ҷамъиятӣ аҳаммияти назаррас мебошанд.Ӯ бохтариёнро халқи далер ва содиқ медонад, ки далерӣ ва садоқаташон на танҳо хислатҳои шахсӣ, балки рукнҳои асосии ҳувияти ҷамъиятӣ ва ватандӯстӣ мебошанд; шиносоӣ ва омӯзиши амалҳои онҳо намунаи ибрат барои ташаккули ахлоқ ва масъулияти шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад.

Ин таъкид дорои чор паҳлуи муҳим аст: далерӣ - ҳамчун меъёри маънавии мардонагӣ ва ҳимоятгарии ҷомеа; вафодорӣ - ҳамчун арзиши иҷтимоӣ нисбат ба сарзамин, подшоҳ ва анъанаҳо; ташкилоти низомӣ, ки далели ҷомеаи босуботу мутамарказ мебошад; ва меъёрҳои фалсафӣ, ки далерӣ ва вафодориро бо ҷаҳонбинии зардуштӣ алоқаманд сохта, нишонаи ҳифзи Аша дар ҷаҳони инсонӣ ба шумор мераванд. [9, с.40]

Ҳамин хусусиятҳо нишон медиҳанд, ки дар Бохтари қадим Ватан на танҳо макони зист, балки падидаи муқаддаси иҷтимоӣ ва ахлоқӣ будааст. Хабарнигорон ва сафарнависони чинӣ, ки дар асрҳои I-VII ба сарзаминҳои Суғд ташриф меоварданд, суғдиёнро ҳамчун халқе бо фарҳанги рушдёфтаи шаҳрсозӣ ва ҳисси баланди масъулияту пайвандӣ ба ҷомеаи худ тавсиф кардаанд.

Онҳо менависанд, ки суғдиён ба шаҳрҳои худ ниҳоят содиқанд, дар ҳимояи қалъаҳо ва роҳҳо тачрибаи васеъ доранд, дар тиҷорату муошират фаъолу мутамаддан мебошанд, низоми ҳамбастагии ҷамоавӣ доранд, ки ҷомеаро аз ҳамлаҳои берунии бодиянишинон ҳифз мекунанд.

Ин тавсифҳо нишон медиҳанд, ки ватандӯстӣ дар Суғд ҳамчун сармояи маънавӣ амал мекард ва ба ташкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири мустақим дошт.

Манбаъҳои арабии асрҳои VIII-X, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ», «Ахбори Армини», «Ал-Масолик ва-л-мамолик» ва дигарон ба интизоми ҳарбӣ, иродаи қавӣ ва пойдории мардуми Суғд дар муқобили таҳдидҳо таъкид мекунанд. Тибқи ин манбаъҳо мардум бо амри воҳид муттаҳид мешуданд, ҳифзи Ватан вазифаи динӣ ва ахлоқӣ дониста мешуд, шаҳриён дар дифоъ айб намедиданд ва ҳар сокини ҳаёти қалъанишин ба ҳимоят омода буд. Ин бешубҳа идомаи анъанаи қадимист, ки решааш дар таълимоти зардуштӣ ҷой дорад.[5, с.80]

Аз ҷамъбасти манбаъҳои гуногуни бостонӣ метавон хулоса кард, ки ташаккули ғояи ватандӯстӣ дар миёни тоҷикони қадим на як падидаи тасодуфӣ, балки натиҷаи равандҳои дарозмуддати фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Дар **тамаддунҳои Суғд ва Бохтар бошад** низоми мукаммали худшиносии ҷамъиятӣ ташаккул ёфт, ки бар се асос устувор буд: **ҳифзи замин,** зеро замин ҳамчун неъмати илоҳӣ ва пояи зиндагии одамӣ қабул мешуд; ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки тавассути шаҳр, қабила, ҷамоат ва фарҳанг таъмин мегашт; **п**ойдории фарҳангӣ**,** ки суннат, забон ва расму оинҳоро аз асрҳо ба асрҳо мерасонид. [4, с.47].

Ба ин хотир, ватандӯстии тоҷикони қадим хусусияти маҷмуъӣ дошт ва он дар баробари шинохти фарҳангӣ, иҷрои вазифаҳои ҳарбӣ ва хислати шахсӣ, ҳамчунин омилҳои динӣ ва фалсафиро муттаҳид менамуд. Дар маҷмуъ, омезиши манбаъҳои гуногун - аз «Авесто» то таърихнигории юнонӣ, аз гузоришҳои чинӣ то асарҳои арабӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои суғдӣ - нишон медиҳад, ки тафаккури сиёсӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии тоҷикони

қадим дар ташаккули ақидаҳои шарқӣ оид ба ватандӯстӣ нақши муассир доштааст. Ватандӯстӣ ҳамчун арзиши олӣ бо категорияҳои динӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ пайванд ёфта, ба як меъёри устувори зиндагии ҷамъиятӣ табдил ёфтааст.

Ин мероси ғанӣ имрӯз низ барои фаҳмиши худшиносии миллӣ ва ҳувияти фарҳангии тоҷикон, аҳаммияти хосса дорад.

Натиҷаҳои тадқиқот.Натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва қиёсии масъалаи мавриди назар имкон медиҳанд, ки хулосаҳои илмии зерин манзур гарданд:

* Ҷаҳоншиносии авестоӣ ҳамчун заминаи ташаккули ватандӯстӣ. Таҳқиқот нишон дод, ки дар «Авесто» олам ҳамчун майдони муборизаи ду неруи муқобил - Аша (тартибу низом, ҳақиқат, адолат ва покӣ) ва Дурӯҷ (бадӣ, бесарусомонӣ) тасвир мегардад. Ватан, обу хок ва сарзамини зисти инсон ба ҳайси бахше аз олами Аша дониста мешаванд. Аз ин рӯ, ҳимояи ватан баробар бо ҳифзи низоми ҷаҳонӣ (коинотӣ) мебошад. Мафҳуми «Айрян Ваеҷа» - ватани муқаддаси ориёиён ҳамчун фазои муқаддасе, ки дар он инсон бояд Ашаро нигоҳ дорад, яке аз аввалин ифодаҳои фалсафии идеяи ватан мебошад.

* Арзишҳои ахлоқии ватандорӣ дар таълимоти зардуштӣ. Муайян гардид, ки дар фалсафаи зардуштӣ ватандӯстӣ тавассути принсипҳои «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» ба амал татбиқ мегардад. Садоқат ба ватан, ҳифзи марзу бум аз неруҳои бад, меҳнату ободсозии замин, покдилии маънавӣ ва мубориза бар зидди дурӯғу зулм ҳамчун вазифаҳои асосии ахлоқӣ баррасӣ мешаванд. Дар «Вандидод» таъкид мегардад, ки беҳтарин амалҳои инсонӣ кишт кардан, сохтмони манзилу деҳа ва обод сохтани кишвар аст. Ободонии ватан на танҳо ибодат, балки нишонаи ахлоқи олии инсонӣ арзёбӣ мешавад.

* Ватандӯстӣ дар тамаддунҳои Бохтар ва Суғд. Тадқиқот собит намуд, ки дар Бохтар (Тахористон) ва Суғд шаклҳои ибтидоии ҳувияти дастаҷамъӣ ташаккул ёфтаанд. Бохтар ҳамчун маркази ташаккули худшиносии ҳудудӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар он мафҳумҳои «баҳран» (мансубияти қабилавӣ ва минтақавӣ) ва ҳимояи замин ҳамчун фазилат пешниҳод шудааст. Дар Суғд, бошад, фалсафаи ҷомеа ва ҳамбастагӣ рушд ёфта, ҳуҷҷатҳои суғдӣ аз кӯҳи Муғ (асрҳои VII-VIII) вазифаи ҳар шахсро барои дифоъ аз замин ва мардуми худ таъкид мекунанд. Мафҳуми «сарзамини аҷдодӣ» дар ин ҷо ҳамчун фазои хотира, мероси аҷдодон ва манбаи қувваи маънавӣ арзёбӣ мешуд.

* Мафҳуми «хварра» ҳамчун рамзи ягонагии ҷомеа. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар фалсафаи бостонӣ мафҳуми «хварра» (фарри илоҳӣ) ҳамчун неруи ҳимоякунанда ва бахти муайянкунандаи мардум фаҳмида мешуд. Хварра рамзи файз, дурахшонӣ ва ҷалол буда, қудрати мардум, сарнавишти давлатдорӣ ва ягонагии ҷомеаро ифода мекунад. Ин мафҳум бо ғояи сарнавишти ҷамъият ва рисолати таърихии он робитаи зич дошта, ҳувияти ватандӯстонаро тақвият мебахшид.

* Ватандӯстӣ ҳамчун вазифаи ахлоқӣ дар фалсафаи зардуштӣ.Тадқиқот собит намуд, ки дар маркази фалсафаи зардуштӣ иҷрои вазифаи ахлоқӣ - ҳифзи тартиботи ҷомеа ва замини аҷдодон қарор дорад. Муҳофизати Ватан ҳамчун вазифаи муқаддас ба ҳисоб мерафт, зеро Ватан (замин, об, маскан) як ҷузъи тартиботи ҷаҳонӣ мебошад. Ҷанговаре, ки замини худро муҳофизат мекунад, «нури Аҳуромаздаро тақвият медиҳад». Марг барои ҳимояи замини аҷдодӣ амали бошараф дониста мешуд, ки ба якпорчагии инсон бо Аша мебарад. Аз ин рӯ, ватандорӣ маънои ҷаҳоншиносӣ пайдо карда, иштирок дар набарди байни неку бад мебошад.

* Шаҳодати манбаъҳои юнонӣ, чинӣ ва арабӣ. Таҳлили манбаъҳои хаттӣ нишон дод, ки Геродот бохтариёнро халқи далер ва содиқ тавсиф кардааст, ки далерӣ ва садоқаташон рукнҳои асосии ҳувияти ҷамъиятӣ ва ватандӯстӣ мебошанд. Сафарнависони чинӣ (асрҳои I-VII) суғдиёнро ҳамчун халқе бо ҳисси баланди масъулият ва пайвандӣ ба ҷомеа, ки дар ҳимояи шаҳрҳо таҷрибаи васеъ доранд, тавсиф кардаанд. Манбаъҳои арабӣ (асрҳои VIII-X) низ ба иродаи қавӣ ва пойдории мардуми Суғд дар муқобили таҳдидҳо таъкид намуда, ҳифзи Ватанро вазифаи динӣ ва ахлоқӣ донистаанд.

Хулоса.Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки ғояҳои ватандӯстӣ дар фалсафаи тоҷику форси давраи бостон яке аз пояҳои асосии ҷаҳонбинии онҳоро ташкил додаанд. Дар ин замон, ватандӯстӣ на танҳо ҳамчун эҳсоси муҳаббат ба сарзамин, балки ҳамчун категорияи амиқи фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ҷаҳонбинӣ баррасӣ мегардид, ки бо муборизаи нуру торикӣ, некию бадӣ ва масъулияти инсон дар низоми ҳастӣ робитаи зич дошт.Таҳлили

«Авесто» ва таълимоти зардуштӣ нишон дод, ки ватандӯстӣ тавассути муқаддас кардани сарзамини аҷдодӣ, амри ахлоқии хидмат ба ватан (тавассути «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек»), эътирофи вазифаи муқаддаси ҳифзи замин ва идеяи ягонагии ҷомеаи ориёӣ зуҳур мекард. Мафҳумҳои «Аша» (тартиботи ҷаҳонӣ), «Айрян Ваеҷа» (ватани муқаддас), «Спента Армаити» (Модар-Замин) ва «хварра» (фарри илоҳӣ) пояҳои асосии ин системаи фалсафиро ташкил медоданд.

Дар тамаддунҳои Бохтар ва Суғд ин ғояҳо дар шакли ҳувияти ҳудудӣ, ҳамбастагии шаҳрвандӣ, ҳифзи шабакаҳои обёрӣ, далерӣ дар муборизаҳои низомӣ, садоқат ба ҷомеа ва нигоҳдории фарҳанг, забон ва суннатҳои аҷдодӣ таҷассум ёфтаанд. Манбаъҳои юнонӣ, чинӣ ва арабӣ ин хислатҳоро тасдиқ намуда, бохтариён ва суғдиёнро ҳамчун халқҳои далер, содиқ, бомаърифат ва дорои ҳисси баланди масъулият дар назди Ватан тавсиф кардаанд.

Ин мероси ғанӣ, ки дар тули ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтааст, имрӯз низ барои фаҳмиши худшиносии миллӣ, ҳувияти фарҳангӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Тоҷикистони муосир аҳаммияти хосса дорад. Қобили тазаккур аст, ки ин ғояҳои бостонӣ, ки дар таълимоти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идома ёфтаанд, заминаи устувори таърихиро барои ташаккули шуури миллӣ, эҳтиром ба таърих ва ҳифзи арзишҳои фарҳангии тоҷикон фароҳам меоранд. Эҳтимол меравад, ки омӯзиши ин мероси бостонӣ дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва ватандӯстонаи ҷомеа самарабахш хоҳад буд.

Мақолаи мазкур дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДМТ зери унвони «Ташаккули сифати нав дар инкишофи ҷомеа ва инсон» барои солҳои 2026-2030, ки бо қарори Шурои олимони ДМТ, аз 26.12.2025 сол, таҳти № 6 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Муқарриз: Шамсиддинов Ҷ.Ш. -н.и.ф., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Авесто. Вандидод. Теҳрон. - Анҷуман, 1976. - 304.с
2. Авесто. Яштҳо. Теҳрон.- Суруш, 1970. -102. с.
3. Авесто. Гата. Ясна. Душанбе. - Ирфон, 1991. - с. 54.
4. Аскари Фаридун. Таърихи Бохтар ва Суғд. / Фаридун Аскари. - Душанбе: Дониш, 1998. с. 46-48.
5. Бартольд В.В. Туркистон дар давраи ҳуҷуми муғулҳо. / В.В. Бартольд. - М.: Наука.-1963. 760.с.
6. Бойс М. Зардуштиён: эътиқод ва равишҳои динии онҳо. / М. Бойс. - Лондон: Роутледж, 1979. - С.42-45.
7. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. / Ғафуров Бобоҷон.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- 976 с.
8. Виденгрен Г. Таърихи Эрони бостон. / Г. Виденгрен. - Ню Йорк: Библиотека Персика Пресс, 1998. 411 С.
9. Геродот. Таърих. / Геродот.- М.: Наука, 1982. - Китоби VII. - 218.с.
10. Гиршман Р.Бохтар: Таърихи империяи фаромӯшшуда. / Р. Гиршман. - Лейден: Брилл, 1964.- С 175-208.
11. Литвинский Б. Таърихи тамаддунҳои Осиёи Марказӣ. / Б. Литвинский Б.- Ҷилди. II. - Париж: ЮНЕСКО, 1999. 573.с.
12. Хоҷаев А.С. Таърихи тамаддуни Бохтари кадим. / А.С. Хоҷаев А.С. -Душанбе: Ирфон, 2005. - С. 67–70.
13. Ҳуҷҷатҳои суғдӣ аз кӯҳи Муғ.-М.: Восточная литература, 1962.- С.45-47
14. .Ҳеннинг В.Б. Адабиёти зардуштӣ ва ривоятҳо. / В.Б. Ҳеннинг. - Лондон: Лунд Ҳамфрис, 1950.
15. Снесарев Г.П. Консепсияҳои динӣ ва кайҳоншиносии эрониёни бостон. / Г.П. Снесарев. - М.: Наука, 1983.
16. Сафарова С.Д. Идеи патриотизма в трудах выдающихся мыслителей. / *С.Д. Сафарова.*-//«Инсон ва озодии ӯ»(маҷмуи мақолаҳо). Душанбе,2018.С.63-68.
17. Сафарова С.Д. Фалсафаи Ватандӯстӣ. / *С.Д. Сафарова.* - // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, - Душанбе, 2019. №5 - С.169-175. - ISSN 2074-1847.
18. Сафарова С.Д. Ватандӯстӣ ҳамчун арзиши маънавӣ ва нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ. / *С.Д. Сафарова.* - // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2024. №12 - С.141-144. - ISSN 2074-1847.

ИДЕЯҲОИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ФАЛСАФАИ ТОҶИКОНИ ДАВРАИ БОСТОН

Дар ин мақола муаллиф ғояҳои ватандӯстиро дар ҷаҳонбинии тоҷикон аз давраи қадим, аз ҷумла давраи Авесто, то фарҳанги дерини Суғд ва Бохтар таҳлил мекунад. Бо такя ба манбаъҳои аввала ва дуюмдараҷа - Авесто, ҳуҷҷатҳои Суғдӣ, муаллифон ва таҳқиқоти қадим ва муосир (Бойс, Виденгрен, Литвинский, Гиршман ва дигарон) - мақола моҳияти мафҳумҳои Ватан, ҳуввияти дастаҷамъона, вазифаи иҷтимоӣ, ҳифзи замин ва ягонагии ҷомеаро ошкор мекунад. Таваҷҷуҳи махсус ба категорияҳои фалсафӣ ва ахлоқии арта/аша (ҳақиқат ва тартиб), хваранаҳ (ҷалоли илоҳӣ) ва аирян ваеҷаҳ (сарзамини ориёиҳо), ки ташаккули шуури ватандӯстонаи тоҷикони қадимро ташаккул доданд, равона карда шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки фарҳанги маънавии минтақа - Суғд, Бохтар, Марғиёна ва Хуросон - шаклҳои ибтидоии худшиносии миллӣ, ки бар эҳтиром ба сарзамини аҷдодон, ҳамбастагии ҷамъият, шуҷоати низомӣ ва

ӯҳдадориҳои динӣ ва ахлоқӣ устувор буданд, ташаккул додааст. Дар мақола инчунин таъкид шудааст, ки ватандӯстии қадимаи тоҷикон яке аз аввалин намудҳои сабтшудаи ҳувияти ҳудудӣ ва маънавӣ дар Шарқ аст.

Калидвожаҳо: ватандӯстӣ, фалсафаи қадимаи тоҷикон, Авесто, Суғдиёна, Бохтар, ҳувият, ватан, анъанаи ориёӣ, зардуштӣ.

ПАТРИОТИЧЕСКИЕ ИДЕИ В ДРЕВНЕЙ ТАДЖИКСКОЙ ФИЛОСОФИИ.

В данной статье автор анализирует идеи патриотизма в мировоззрении таджиков с древнейших времен, включая период Авесты, до древней культуры Согда и Бактрии. На основе первичных и вторичных источников - Авесты, согдийских документов, античных авторов, современных исследований (Бойс, Видегрен, Литвинский, Гиршман др.) - раскрывается сущность представлений о Родине, коллективной идентичности, социальном долге, защите земли и единстве общины. Особое внимание уделено философско-этическим категориям *arta/asha* (истина и порядок), *xvarənah* (божественная слава), *airyana vaejah* (земля ариев), которые определяли формирование патриотического сознания древних таджиков. Показано, что духовная культура региона - Согда, Бактрии, Маргианы, Хорасана - развивала ранние формы национального самосознания, основанные на почитании земли предков, общинной солидарности, воинской доблести и религиозно-нравственных обязанностей. В статье также аргументируется, что патриотизм древних таджиков является одним из самых ранних зафиксированных типов территориальной и духовной идентичности на Востоке.

Ключевые слова: патриотизм, философия древних таджиков, Авеста, Согд, Бактрия, идентичность, Родина, арийская традиция, зороастризм.

PATRIOTIC IDEAS IN ANCIENT TAJIK PHILOSOPHY

In this article, the author analyzes the ideas of patriotism in the worldview of Tajiks from ancient times, including the Avesta period, to the ancient culture of Sogd and Bactria. Drawing on primary and secondary sources - the Avesta, Sogdian documents, ancient authors, and modern research (Boyce, Widengren, Litvinsky, Ghirshman, and others) - the article reveals the essence of notions of the homeland, collective identity, social duty, land protection, and community unity. Particular attention is paid to the philosophical and ethical categories of arta/asha (truth and order), xvarənah (divine glory), and airyana vaejah (land of the Aryans), which shaped the formation of the patriotic consciousness of ancient Tajiks. It is shown that the spiritual culture of the region - Sogdiana, Bactria, Margiana, and Khorasan - developed early forms of national self-awareness based on reverence for the land of ancestors, communal solidarity, military valor, and religious and moral obligation. The article also argues that ancient Tajik patriotism is one of the earliest recorded types of territorial and spiritual identity in the East.

Key words: patriotism, ancient Tajik philosophy, Avesta, Sogdiana, Bactria, identity, homeland, Aryan tradition, Zoroastrianism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарова Сайлинисо Додиевна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: +992 900054500**. E-mail**: niso.safarova@yandex.com**

Сведения об авторе: ***Сафарова Сайлинисо Додиевна***- Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 900054500**. E-mail**: niso.safarova@yandex.com**

Information about the author: ***Safarova Sailiniso Dodievna*** Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences,docent of the university department of philosophy of Tajik National University. Address: Tajikistan, **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 900054500**. E-mail**: niso.safarova@yandex.com**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 28.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ 1(092)

НАҚШИ ИЛМ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ АЗ НИГОҲИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ

Сулаймонзода Баҳманёр Саидиҳсон
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқаддима. Дар ин мақола баҳспардозиҳо атрофи нақши илм дар таҳкими худшиносии миллӣ аз нигоҳи Абунасри Форобӣ равона шуда, асоси матолиби онро зинаи гузариш аз дониш ба илм ва низоми илмӣ ташкил дода, натиҷаҳои он то дараҷаи тақсиму таснифи илм дар афкори илмии Форобӣ мерасад.

Мақола аз муқаддима панҷ зербанди тасвибӣ – равзанаи шинохти мафҳуми илм; ҷойгоҳ ва нақши илм назди Абунасри Форобӣ; таҳкими пояҳои илм ва таснифи он аз диди Абунасри Форобӣ ва таъсири он ба руҳияи бедории дигар халқиятҳо; ҳувият ва худшиносии миллӣ дар таълиқоти илмии таъсиргузори Абунасри Форобӣ; хулоса ва рӯйхати адабиёт (15 номгӯй) иборат аст.

Дар мақолаи таҳияшуда мубрамияти таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки илм назди ниёгони мо ҷойгоҳи хоса доша, дар раванди ташаккулёбӣ заминаҳои пайдоиш ва таҳкими қонунҳои хосро пушти сар намуда, дар шарқи асримиёнагӣ оид ба ин масъала нахуст мутафаккири тоҷик – Абунасри Форобӣ гомҳо ба ҷой гузошта, ба ин восита, манзалати маърифатии аҷдодии хешро ҳифозат намуда, ҳамзамон, ба рушди ганҷури маънавиёти башарият таъсири мусбат расонидааст.

Равзанаи шинохти мафҳуми илм. Илм яке аз куҳантарин саҳаҳои фаъолияти маънавии инсон аст. Таърихи он ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, зодаи табъу завқи ягон миллат нест ва дар заминаи ҷусторҳои пайваста арзи ҳастӣ намуда, тақвият меёбад. «Илм як соҳаи махсуси фаъолияти одамист, ки ба вуҷуд овардан ва аз ҷиҳати назарӣ мураттаб сохтани донишҳои объективиро дар бораи воқеият вазифаи худ медонад» [13, с. 554].

Дар шароити рушди бесобиқаи технологияи инфарматсионӣ дарку фаҳмиши илм ҳамчун низоми устувор, ки таърихи муайянро дорост, мафҳумҳои аниқи ба вуҷудойии онро талаб мекунад. Аз рӯйи таърихи тадриҷии омӯзишу пажуҳиш илмро агар баррасӣ кардан хоҳем, ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузашта аҳаммият дода, асоси онро аз дониш ва ё маҷмуи донишҳо мепиндорем, зеро танҳо донишҳо ба вазъу ҳолати илм, меъёрҳо ва принсипҳои илмӣ замина шуда метавонанд.

Чунончи мафҳуми дониш (знание, **knowledge**) – огоҳӣ ва шинохтро ифода намуда, илм (наука, **science**) дониши ба даст омадаест ба воситаи омӯзишу мушоҳидаҳо ва ё таҷриба, ки бо талабот низоми муайянро тақозо менамояд. Дар ин ҳолат, илм дорои равандҳо ва нақшҳо буда, «домани он (илм) фарох аст ва ҳар кас дар ин самт ба таври худ фарзу тахмин мезанад. Вале далелҳои таърихӣ ва ахбори сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки воқеияти илмӣ ранги дигар дорад» [5, с. 54].

Пас, илм шакли асосии дарки олам ба ҳисоб рафта, вазифаи он моҳияти ҳодисаву ашёи оламро ба таври ратсионалӣ ошкор ва роҳҳои истифодаи дурусти онҳоро таҳқиқ кардан аст. Ба маънои томаш илм ифодакунандаи фаъолияти серсоҳа ва гуногунвазифаи инсон ва муҳимтарин воситаи таҳқиқ, муайян намудани ҳадафу вазифаҳо ва тамоюлоти фаъолияти инсон дар заминаи ҷаҳонбинӣ дониста мешавад.

Илмро ҳамчун мафҳуми зеҳнӣ нахуст мутафаккирон – Фалес, Пифагор ва Анаксимандр барои ба даст овардани ҳикмати назарии Мисри Қадим истифода намуда, ба ин васила, тавонистаанд, ки маълумоти фаровонеро аз худ намуда, ҳамзамон, ҳикмати назариявии худро побарҷо намоянд. Баъдтар ин равиш ҳамвора бо фалсафаи Арасту густариш ёфта, «низоми тавлидкунандаи донишҳо вобаста ба маҳоратҳо эътироф шуд» [9, с.78].

Чунонки мебинем илм аз қолаби касбшавандаги инфиродӣ берун баромада, хусусияти умумифарогирро касб намуда, равиши он тақсиму таснифро роиҷ гардонидааст. Масалан, ҳангоми мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро масъалагузорӣ намудан ва иқдоми худро пешниҳод кардан зарурат пеш меояд, ки маълумоти захиравӣ, таҳлилу тасниф, арзёбӣ ва натиҷаҳоро

дар самти муайян роҳандозӣ намоем ва ба воситаи низоми илмӣ мақсадҳои тарҳрезишударо бо исботи хулосаҳои илмӣ баррасӣ намоем.

Албатта, ин равиш имрӯз бесобиқа ташаккул ёфтааст, аммо аввалин нуктаҳо дар ин самт аз сарзамини шарқи асримиёнагӣ маншаъ гирифта, таҳқиқоте, ки муҳаққиқон дар ин самт анҷом додаанд бисёр хубу боарзишанд. Аз ҷумлаи мутафаккирони дастболо ва пешомад дар ин раванд Абунасри Форобӣ дониста мешавад, ки дар ташаккули назарияи илмӣ саҳми беандоза таъсиргузор дорад.

Ҷойгоҳ ва нақши илм назди Абунасри Форобӣ. Абунасри Форобӣ (870-950) яке аз саромадони илмии Машриқзамин ба ҳисоб рафта, дар замони зиндагии худ ба омӯзишу пажуҳиши илмҳо пардохта, «муҳимтарин масъалаҳое, ки ба илм марбутанд мавриди назар қарор дода, зина ба зина ин мубрамиятро дар заминаи осораш такмил намудааст» [4, с. 64].

Дуруст аст, ки то Форобӣ Абубакри Розӣ (865-925) ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда буд, вале метавон гуфт, ки Форобӣ ба он хотир ба ин равиш аввалин шуда, ном баровардааст, ки ӯ дар фарҳангистони «Байт-ул-ҳикма» ҳамчун тарҷумону муҳаққиқ ва таҳиягари китобҳои илмӣ машғул шуда, бо донишҳои фавқулода таълифоте ба мерос гузоштааст, ки имрӯз сарчашмаи илми башарият дониста мешаванд. Бешубҳа, ин раванд имкониятҳоро фароҳам меорад, ки муқаррароти илм дар якҷоягӣ бо мафҳумҳои соҳавӣ истилоҳотро ташаккул дода, дар таҳкими онҳо мусоидат намояд.

«Аз нигоҳи Форобӣ мафҳумҳо ва матолиби илмӣ заминаи устувори донишҳои таърихӣ буда, нуктаҳои аслӣ ва соҳавии муайяне мебошанд» [15, с. 98], ки дар давоми муддатҳо пажуҳишгарони соҳибтамаддун кӯшиш намудаанд, ки дар баёни матолиби илмии таҳқиқшаванда таърифоти хоса пешниҳод намоянд. Дар ҳолати амалишавии чунин вазъ, илм ягона низомеро мемонад, ки ба воситаи он на аъзои як ҷомеа, балки тамоми халқияту миллатҳо иртиботу ҳамоҳангӣ барқарор намуда, барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ заминаҳои хуберо фароҳам оваранд.

Ин матлаб асоси таҳқиқоти Форобиро ташкил дода, ҷойгоҳ ва манзалати илм ба таври хоса назди ӯ хеле боло эътироф гардида аст. Тасдиқи гуфтаҳо дар он аён мешавад, ки ӯ то давраи камолот вобаста ба вазъи иҷтимоӣ илмҳои замонашро азбар намуда, муддатҳо ба корҳои маъмурии Сомониён машғул буд.

Вале бо хондани китобҳои Арасту ва дарки афкори фалсафӣ-илмии ӯ комилан тарки фаъолият намуда, то охирин лаҳзаҳои ҳаёташ бидуни хонавода ва ҷойи зисти муайян сарсупурдаи илм буд ва онро баҳри башарият ба мерос гузошт, ки ин албатта, аввалин туҳфаи таъсиргузори ӯ ба инсоният мебошад. «Андешаи Форобӣ оид ба тафсилоти таълимоти илмӣ шоёни таҳсин аст. Инсон, гӯё дар раванди шинохт мавқеи асосиро ишғол мекунад: аз як тараф, ҳиссиёти ӯ, аз тарафи дигар, дар ӯ қувваи ақлонӣ ба вуҷуд меояд. Ин ду ҷанба, бо тафаккури тадричӣ дар як самт ба ҳам омада, илм ва амалияи инсонро тавсеа мебахшанд...» [11, с. 100].

Бо назардошти ин гуфтаҳо Форобӣ ҳастии воқеиро дар илм дарёфта, дар баробари ҷаҳонбинӣ ва тақвияти зеҳнӣ ба таҳияи андешаҳо мепардозад ва нахуст ба таснифи илмҳо асос мегузорад ва ҷойгоҳи онҳоро бо талаботи замон муқаррар намуда, ҳамзамон, иртибот ва фаъолияти муштараки онҳоро муайян мекунад. Ӯ натиҷаи илмро василаи тарбияи ақл ва асоси ҳама хушбахтӣ ва саодат медонад. Ба андешаи мутафаккир хоҳиш ва талоши инсон барои расидан ба саодат равиши пайвастаест, ки тамоми қуввaҳоро сафарбар мегардонад. Аз ин рӯ, дар олами объективӣ муҳимтарин чиз он аст, ки инсон бояд ба роҳи дарёфти дониши комил ва илми натиҷабахш, ки худ хушбахтии олӣ аст, қадам гузорад. Барои расидан ба саодати абадӣ, саволе зеҳни Форобиро такон медиҳад, ки саодат чист ва оё онро ба воситаи илм аз худ кардан мумкин аст?

Дастрасӣ доштан ба саодат ва ё саодатманд будан аз нигоҳи Форобӣ интихоби бошууронаи ахлоқии муайяне бунёд аз илм доштан аст, ки тамоми қуввaҳои маънавиро бо мутамарказият ба самти дурусти иҷтимоӣ сафарбар менамояд. Ҳамин тавр, метавон собит намуд, ки Форобӣ дар консепсияи маърифати худ оид ба чигунагии илм, доираи нақши он, майлу хоҳиш нисбати он ва таъсирпазирию таъсиргузории он баҳс намуда, сабабҳои амалӣ шудани андешаҳои худро бо далелҳо баррасӣ менамояд. Муҳаққиқи муосир – Худойдодзода Ф.Б. чунин мепиндорад, ки «илм ва маданияти ибтидоии асримиёнагии Шарқи Наздик ва Миёнаро марҳалаи муҳимми инкишофи маданияти ҷаҳонӣ донистан

дурусттар ва ба воқеият наздиктар аст. Зеро ба воситаи мутафаккирон (Форобӣ ва Ибни Сино) дар он ҷо ҳаёти идеявии саодатмандона ҳам хусусиятҳои ба худ хос дошт» [12, с. 55].

Таҳқиқоти анҷомёфта дар ин самт собит намуд, ки Форобӣ дар робита ба анъанаҳои фалсафаи арастуӣ, вале бо методологияи хос дар доираи мактаби худӣ, модели мушаххаси ташаккули ақлгароӣ ва арзишшиносиро таҳия кардааст, ки дар фалсафаи миллӣ аввалин маротиба мафҳуми илм дар як низоми маърифатӣ бо натиҷаҳои самарабахш баррасӣ мегарданд. Муаллими сонӣ дар муқаддимаи китоби «Эҳсо-ул-улум» менависад: «Бар онем, ки дар ин китоб илмҳои машҳурро як-як баршумурем... Матолиби ин китоб аз он ҷиҳат судманд аст, ки чун одамӣ бихоҳад илме аз ин улумро фаро гирад ва дар он ба пажуҳиш бипардозад... ва ӯро аз ин пажуҳиш чӣ суде ҳосил мешавад...» [10, с 36].

Аз ин гуфтаҳо ба осони муайян кардан мумкин аст, ки «Эҳсо-ул-улум» дар он замон ва ҳатто имрӯз нақши як доиратулмаорифи фаромарзро мемонад, ки дар он мутафаккир ба таърифи на як илм, балки миқдоре аз улум пардохта, нахустин санги бинои ин корро пай афканда ва маҳз ҳамин китоб сабаб шудааст, ки баъд аз ӯ муаллифони ин гуна китобҳои илмӣ дар Шарқу Ғарб кори ӯро пайгирӣ ва тақвият бахшидаанд.

Ба андешаи З.Сафо ин гуногунрангии пурмазмун дар илм ва пешрафти тамаддуни бостонии аҷам бинобар фаъолияти муштарки онҳо ба вуҷуд омада, «ба ин маънӣ таърихи афкори илмии аҷамиён таърихи таркибии анъанаҳои рангоранги маданӣ ва баҳраваршавии дутарафаи тамаддунҳо ва замонҳои мухталиф аст» [6, с. 76], ки ҳамчун қувваи пуриқтидор метавонад дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ нақши арзанда дошта бошад.

Таҳкими пояҳои илм ва таснифи он аз диди Абунасри Форобӣ ва таъсири он ба руҳияи бедории дигар халқиятҳо. Абунасри Форобӣ аз ҷумлаи аввалин мутафаккироне маҳсуб мешавад, ки ба масъалаи илм ва таснифоти он осори мондагоре аз худ боқӣ гузоштааст. Китоби «Эҳсо-ул-улум»-и ӯ вобаста ба ҷойгоҳи илмиаш диққати пажуҳишгарони ин соҳаро ҷазб намуда, заминаи хуберо барои дигар китобҳо ҳамчун донишнома – «Ҷавамеъ-ул-улум», «Расоили Ихван-ус-сафо», «Шифа», «Ақсом-ул-улум-ал-ақлиййа» ва ғайра фароҳам сохтааст. Форобӣ дар ин асари худ самтҳои афзалиятноки илми асримиёнагиро таҳлил карда, ба онҳо таърифи мушаххас дода, барои тавсеа бахшидани онҳо мафҳум ва истилоҳоти нав таълиф намудааст.

Чунонки мураттибони рисолаҳои фалсафии Форобӣ қайд мекунанд, «ҳадафи асосии китоб номбар кардани илмҳо нест, балки баррасии мазмуни бахшҳо ва қисматҳои ҳар кадоми онҳост, то ба хонанда имкон диҳад, ки мазмуни илмро дарк намуда, ҳамзамон, илмҳоро муқоиса кунад ва муайян намояд, ки кадоме аз онҳо фоиданоктар, боварибахштар ва асоснок аст» [1, с. 191].

Форобӣ дар ин асари арзишманд – «Эҳсо-ул-улум» мазмуни мафҳумҳои илмиро ба шакли реалӣ-ратсионалӣ тасниф намуда, китобро бо муқаддимаи фарогир ва панҷ қисмати асосӣ таркиббандӣ намуда, ҷойгоҳ ва авлавияти ҳар як илмро муайян намуда, таъсири онҳоро дар рушди донишҳои миллӣ ва фаромиллӣ бо далелҳои муътамад исбот намудааст. Маврид ба ёдоварӣ аст, ки он панҷ қисмат илмҳои болозикр ба қисматҳои фаннӣ тасниф шуда, дар навбати худ ҳар яке онҳоро муаллиф дар дохили худ тасниф намудаанд, ки инҳоянд:

Якум, илми забон аст ва он бар панҷ қисмат ҷудо шудааст: илми забон, мафҳумҳои муфрад, мафҳумҳои мураккаб, қонунҳои истифодаи навишт ва хониши дуруст.

Дуюм, илми мантиқ, ки он низ бар панҷ қисм тасниф шудааст: илми мантиқ, фоидаи илми мантиқ, ҷойгузинии дурусти мавзуоти илми мантиқ, алоқамандии илми мантиқ бо дигар илмҳо ва ҷойгиршавии категорияҳо дар қисматҳои илми мантиқ.

Сеюм, дар раддабандии ин қисмат илми риёзӣ ҷойгир шуда, он дар навбати худ аз ҳафт қисм иборат аст: илми ҳисоб (математика), илми ҳандаса (геометрия), илми манозир (оптика), илми нуҷум (ситорашиносӣ), илми мусиқӣ, илми асқол (вазн) ва илми ҳиял (механикаи татбиқӣ).

Чаҳорум, илми табииёт ва илоҳиёт аст, ки он ҳам ба самти илмҳои табиӣ-илоҳӣ нигаронида шудааст.

Панҷум, вобаста ба сиёсати замон ва тарси мутаассибон Форобӣ ба илмҳои замонаш таваҷҷуҳ намуда, дар ин қисмат илмҳои маданӣ, фиқҳ ва каломро ҷойгир намуда, ба таври хеле мухтасар маълумот пешниҳод намудааст.

Дар маҷмуъ, мутафаккир илмҳоро ҳангоми тансиф дар панҷ боби асосӣ ва бисту ду зербоб, ки ҳамагӣ тавсифгари илмҳои замонаш буданд, дар асоси сарчашмаҳои бунёдӣ таълиф ва тақвият бахшидааст. Маврид ба ёдоврист, ки то таҳияи «Эҳсо-ул-улум» Форобӣ «Рисола ат-танбиҳ ’ало сабили са’одат» («Рисола андар расидан ба саодати абадӣ»)-ро таълиф намуда, дар он китоб нахуст ба таври пайгирона мафҳумҳо ва истилоҳоти илмиро дар қолаби илмӣ дароварда тавсеа бахшидаааст.

Дар ин ҳолат, гуфтан мумкин аст, ки таҳияи чунин асари энсиклопедӣ тасодуфӣ набуда, раванди тадриҷии рушди илмӣ аст, ки маншаи асосии онро афкори фалсафӣ-илмии юнониён ва хосатан эронитаборони фарҳангистони Гундишопур тасаввур кардан мумкин аст. Чунонки худи Фороб иброз медорад «матолиби ин китоб аз он ҷиҳат судманд аст, ки чун одамӣ бихоҳад, илме аз ин улумро фаро гирад ва дар он ба пажуҳиш бипардозад... ва ӯро дар пажуҳиш чӣ суде ҳосил мешавад ва ба чӣ сармояе мерасад ва аз чӣ фазилате баҳравар хоҳад шуд» [10, с. 87].

Донистани ин мафҳумҳо боис мегардад, ки инсон барои аз худ намудани ҳама навъҳои илм бо огоҳӣ натиҷаҳои хуб бардорад ва илмро маншаи ҳама фаъолиятҳо пиндорад. Агар ба натиҷаҳои ин раванд дар таснифоти Форобӣ рӯ оварем, дармеёбем, ки ӯ ба ин кор дониста манзалати илмро тақвият бахшидааст ва чи тавре ки аз таҳқиқоти муҳаққиқони ин соҳа бармеояд онҳо – хусусан аврупоиҳо аз ин таснифоти Форобӣ таъсирпазир буда, дар ин самт, Л.Бауэр қайд кардааст: «Исбот шудааст, ки таъсири китоби «Эҳсо-ул-улум» ба таҳқиқоти ҳамаи файласуфони лотинзабон, хусусан, Гундисолинус хеле таъсиргузор будааст ва дар ин хусус гуфтан мумкин аст, ки тамоми китоби «Тақсими фалсафа»-и ӯ аз ин китоб иқтибос шудааст» [14, с. 204].

Абунасри Форобӣ бо таълифи мондагораш ба ҳавзаҳои илмии на танҳо Ховари Миёна, балки фаротар аз ин, ба тамаддуни арабу дигар тамаддунҳои асримиёнагии лотинзабон таъсири бесобиқа гузоштааст. Маҳз китоби «Эҳсо-ул-улум»-и ӯ дар асри XII ба забони лотинӣ тарҷума шуд ва солиёни зиёд китоби рӯйимизии донишмандони ин минтақа маҳсуб мешуд. Дар заминаи ин китоб, ки ба шумориши илмҳо ва ҷойгоҳи онҳо равона шудааст дар Ғарб дар асрҳои миёна таълифоти зиёда аз ҷониби донишмандон – Гундисолинус, Аммониус, Исҳоқи Исроилӣ, Изодор Эшвелӣ, Син Бойич, Герорд Кримонаӣ, Тулайтила, Баид, Формер, Венсон де Бова, Роҷер Бекон, Бинус Восн, Агустиун, Бойсиус ва ғайра сурат гирифта, «ҳатто дар соли 1931 дар Қоҳира 1932 мелодӣ дар Мадрид тарҷума ва таҳқиқ шудааст» [7, с. 35].

Дар баробари тарҷума ва таҳқиқ шудан ин асар дар шакли муқоисавии матнҳо низ таҳқиқ шудааст, ки ин авлавияти ҷойгоҳи афкори фалсафӣ-илмии тоҷиконро дар асрҳои миёна нишон медиҳад.

Агарчи Форобӣ дар ин китоб кӯшиш кардааст, ки илмҳои замони худро ба риштаи таҳқиқ кашидаву ба ин васила ҷомеаро ба пиндори ратсионалӣ ташвиқ намояд, ин раванд, аз доираи асримиёнагии шарқӣ берун баромада, ба афкори донишмандони ғарбӣ таъсир расонида, ҳатто то кунун дар салтанати илмии ҷаҳонӣ заминаи таъсиргузор боқӣ монда, асоси ҳувият ва худшиносии миллӣ дониста мешавад.

Ҳувият ва худшиносии миллӣ дар таълиқоти илмии таъсиргузори Абунасри Форобӣ. Мусаллам аст, ки аксарияти мутафаккирони асримиёнагӣ ва имрӯзаи тоҷик Форобиро пешоҳанги илму маърифат ва тарбиятгари башарӣ дониста, ҷойгоҳ ва нақши ӯро дар рушди ҳувият ва худшиносии миллӣ бесобиқа донистаанд ва дар ин гуфтор ба фикри шахсии мо шубҳае нест. Омӯзиши афкори фалсафӣ ва илмии Форобӣ ҳанӯз аз замонҳои пешин мавриди таваҷҷуҳи хосаи муҳаққиқон қарор гирифта, андешамандони зиёде то кунун аҳаммияту эътибори заминавии онро таҳаввулоте дар илми ҷаҳонӣ донистаанд.

Таҳқиқоти зиёде дар ин самт бо аҳаммиятҳои илмии хоса ба анҷом расидаанд, ки ҳамагӣ дар таҳким ва устувории ҳувият ва худшиносии миллии замони истиқлол саҳмгузор буда метавонанд.

Мавзуоти таҳқиқкардаи мутафаккир дорои хосияти илмӣ буда, ба вазифаҳои умумифалсафӣ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои он имконият медиҳанд, ки имрӯз таҳияи муназзами афкори ратсионалӣ дар самтҳои гуногунҷанбаи илмӣ роҳандозӣ карда шаванд: «Дар таҳқиқ исбот шудааст, ки Муаллими сонӣ ҳамчун яке аз поягузорони илм дар Шарқ, на танҳо масъалагузории илмиро ба роҳ мондааст, балки бо таҳлили асосӣ таҳаввулоти илмиро ба

муҳити замонаш мутобиқ сохта, дар ин замина, таълифоти пурмуҳтавое ба мерос гузоштааст» [8, с. 22].

Чунончи қаблан зикр намудем, Форобӣ дертар ба илм ворид гардид ва сарфи назар аз ин таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мутафаккир илмро асоси инкишофи зеҳну маърифат дониста, ҳамеша кӯшиш намудааст, ки баҳри пойдорӣ ва устувории ҳувият ва худшиносӣ эътибори аввалиндараҷа диҳад. Шояд хонандаи ин сатрҳо савол диҳад, ки Форобӣ андешаи худро ба истиснои якчанд шеър дигар бо забони арабӣ баён намудааст ва ин чи гуна ҳимоят аз асолату худшиносӣ аст? Воқеият ҳамин аст.

Вале бояд як нуктаро ба инобат гирифт, ки замони зиндагии мутафаккир замони даргириҳо ва ошубҳои динӣ буд ва дар айни замон сиёсат ҳам ғуломи занҷираи ҳамин падидаҳо гардида буд. Аз ин рӯ, на як Форобӣ, балки тамоми мутафаккирон ин пайроҳаро ба таври иҷборӣ шоҳроҳ қабул намуда, кӯшидаанд на ба шакли мафҳум, балки ба мазмуни он диққат дода, илмҳои замонашонро тақвият бахшанд. Сарфи назар аз оне ки таълифоти Форобӣ ба забони арабӣ навишта шудаанд, ӯ ҳангоми китобат ба ҷумлабандии тоҷикӣ-форсӣ аҳаммияти ҷиддӣ додааст. Масалан, дар забони арабӣ хабар дар аввал ва мубтадо дар охир меояд, вале дар тоҷикӣ баръакс аст, ки ин ҳолат дар осори Форобӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Масалан: «Zaidun talaba al-kitoba (Зайд китобро талаб мекунад)» [3, с. 37].

Ин равиш асоси мафҳумпардозиҳои Форобиро ташкил дода, ӯ ба ҳамин равиш сохтори методологии илмро тавсеа мебахшад ва кӯшиш менамояд, ки қонунмандии илмиро дар осори худ мукаммал намуда, ҳамзамон, пайвастани илмҳоро тавассути мафҳумҳо ҳамчун рисолати ҳувияти миллӣ донад ва дар таҳкими худшиносии илмӣ ва фалсафаи баъдӣ саҳмгузор бошад.

Хулоса, муҳимтарин самт дар ҳаёти иҷтимоии Форобӣ илм аст. Аз нигоҳи ӯ олим бояд дорои ҷаҳонбинии густурда бошад ва мафҳумҳои омӯхташударо пайваста мукаммал намояд. Чунонки аз осори бисёрҷанбаи илмии Форобӣ ва таҳқиқоти анҷомёфта дар бораи ӯ бармеояд, мутафаккир илмро на ҳамчун абзор, балки воситаи расише ба маърифати илмӣ ва ҳақиқати пойдор дониста, тамоми осорашро баҳри иттиҳоди ҷомеа ва хубии ҳаёти маишии инсоният таҳия намуда, манфиати илмро аз нигоҳи ӯ дар рушди худшиносии миллӣ чунин қаламдод кардан мумкин аст:

1. Вобаста ба рушди техника ва бархурди тамаддунҳо дар замони муосир нигоҳи илмии Форобиро заминае дар ташаккули илми ватанӣ ва худогоҳии миллӣ донистан ва барои ғанӣ гардонидани матолиби илмӣ (мафҳуму истилоҳот ва категорияҳо) асос эътироф намудан, амри муҳим ва зурурист;

2. Китоби «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ, ки дар панҷ боб ва бисту ду зербоб ба шумориши илмҳо ва таснифи онҳо таҳия шудааст, самтҳои густурдаи илмӣ-маърифатӣ дошта, муҳаққиқони имрӯзи ватанӣ метавонанд ҳар яке аз ин илмҳоро чун ӯ тасниф намуда, илми ватаниро тавсеа бахшанд;

3. Бояд эътироф намуд, ки Форобӣ дар тамоми осораш методологияи илмиеро ба кор бурдааст, ки асоси онро принсипҳои ратсионалӣ ташкил медиҳад ва ин равиш дар замони имрӯз низ дар шакли рушд истифода мешавад ва ба таҳкими рисолати ҳар шахси ватандӯсту худшинос заминаҳои устувори илмиро фароҳам меорад;

4. Мусаллам аст, ки ниёгони мо яке аз пешомадони илми ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафтанд ва бо таҳияи осори илмии пурмуҳтавояшон оламро тасхир намуда буданд. Муҳаққиқони имрӯз низ бояд ин роҳро пеша намуда, анъанаи накуи гузаштагонро густариш дода, ба ояндагон маърифати побарҷое ба мерос монанд.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «ДБЗХТ ба номи С.УлуГзода» барои солҳои 2025-2028, таҳти унвони «Таҳқиқи гояҳои миллатсозӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик ва ташаккули консепсияи худшиносии миллӣ» амалӣ карда шудааст.

Муқарриз: Амондуллоев Б.- н.и.ф., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Аль-Фараби, А. Философские трактаты [Текст] / Абунаср аль-Фараби; пер. с арабского. – Алма-Ата: «Наука», 1972. – 429 с.

2. Аль-Фараби, А. Историко-философские трактаты [Текст] / Абунаср аль-Фараби; пер. с арабского. – Алма-Ата: «Наука», 1985. – 634
3. Ал-Форобї, А. Ал-таълиќот [Матн] / Абунаср ал-Форобї. – Теҳрон, 1372 ҳ. – 198 с.
4. Насыров, Р.Н. Фараби о рациональном познании [Текст] / Р.Н. Насыров // Обществ, науки в Узбекистане. – 1973. – №6. – С. 64-66.
5. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби дуюм) [Матн] / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: «Ирфон», 2002. – 260 с.
6. Сафо, З. Торихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ [Матн] / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон, 1345 ҳ. – 451 с.
7. Симома Ф. Ҷойгоҳи «Эҳсо-ул-улум»-и Абунасри Форобӣ дар ҳавзаҳои илмӣ [Матн] / Ф.Симома // Маърифати илмӣ. – Дубай, 2020. – С. 33-39.
8. Сулаймонов Б.С. Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ Шерозӣ [Матн]: дис... д-ри илм. фалсафа / Б.С.Сулаймонов. – Душанбе , 2025. – 472 с.
9. Фарфириюс. Исоғуҷӣ [Матн] / Фарфириюс; таҳқиқ ва таълиқи Муҳаммад Хонсорӣ. – Қоҳира: «Дор-ул-маориф», 1383 ҳ. – 231 с.
10. Форобӣ, А. Эҳсо-ул-улум [Матн] / Абунасри Форобӣ; аз арабӣ тарҷумаи Ҳусейн Хидев Ҷам; аз форсӣ баргардон ва таҳқиқи Б.С. Сулаймонов. – Душанбе: «Олами дониш», 2023. – 151 с.
11. Хазиев, В.С. Мировоззрение Ал-Фараби [Текст]: дис... канд. филос. наук / Хазиев Валерий Семенович. – Уфа, 2015. – 162 с.
12. Худойдодзода Ф. Б. Развитие силлогистики Аристотеля в логическом учении Ибн Сины. Диссертация на соискание ученой степени доктора философских наук. Душанбе 2020..
13. Энсиклопедияи советии тоҷик [Матн] / М.С. Осимї (сармуҳаррири илмї). Ҷ. II. – Душанбе, 1980. – 634 с.
14. Baur, Dr. Beiträge zur Geschichte der Philosophie des Mittelalters [Text] / Dr. Baur. – Münster, 1903, – 452 p.
15. Zimmermann, F.W. Al-Farabi's Commentary and Short Treatise on Aristotle's De Interpretatione [Text] / F.W. Zimmermann. – Oxford: British Academy and Oxford University Press, 1981. – 440 p.

НАҚШИ ИЛМ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ АЗ НИГОҲИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ

Муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки нақши илмро дар таҳкими худшиносии миллӣ аз нигоҳи Форобӣ дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ва бо далелҳои илмӣ исбот намояд. Дар таҳқиқ исбот шудааст, ки дар сарзамини Шарқ Форобӣ аз аввалин файласуфоне ба ҳисоб меравад, ки ба ин масъалаи мубрам – шинохти бевоситаи илм рӯ оварда, рисолаю китобҳо аз қабили «Рисола андар расидан ба саодати абадӣ» ва «Эҳсо-ул-улум»-ро таҳия намудааст. Дуруст аст, ки асоси ҳамаи таҳқиқотро таъсирпазирию таъсиргузорӣ ташкил медиҳад. Ин ҳолат дар таҳия ва тадвини китобҳои Форобӣ, ки аввалин иҷдом ба ҳисоб меравад хеле хуб ба назар мерасад. Форобӣ аз фалсафаи Юнону Эрон дар таҳқиқоташ баҳравар гардида, тавонист бо таҳияи осори мондагораш ба рушди маърифати томоми башарият таъриргузор гардида, дар ин радиф, нақши осори ӯро метавон маншаи асосии афкори фалсафӣ-илмии Шарқу Ғарб ва ҳатто замони муосир донист. Бо назардошти гуфтаҳои боло нақши илм дар маънавиёт воло баробараразиш эътироф гардида, метавон асолати мутфаккирони худиро фарҳгсолору тамаддунофар эътироф намуд. Ин рисолат дар такя ба асолати миллӣ наслҳои ояндаро аз омилҳои хатарзо бо тақвияти илмии ин донишмандон берун месозад ва таъсирашро ба илммеҳварӣ густариш мебахшад. Хулоса, нақши илм дар таҳкими худшиносии миллӣ ба таври хеле назаррас дар мақола нишон дода шуда, ҳамзамон, роҳҳои ба даст овардани манфиатҳои илмӣ дар ин замина асоснок гардонида шудаанд.

Калидвожаҳо: илм, тасниф, тақсим, фалсафа, таъсир, дониш, афкори фалсафӣ, Форобӣ, ҷойгоҳи илм, нақши илм, таъсири илм, Эҳсо-ул-улум, худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ.

РОЛЬ НАУКИ В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБУНАСРА ФАРАБИ

В статье автор попытался на основе достоверных источников и научных обоснований доказать роль науки в укреплении национального самосознания, с точки зрения Фараби. Исследования доказали, что Фараби является одним из первых философов на Востоке, кто обратился к этому важному вопросу – прямому признанию науки, и написал такие трактаты и книги, как «Трактат о достижении вечного счастья» и «Классификация наук». Действительно, в основе всех исследований лежат понятия эффективности и влияния. Это очень хорошо показано при разработке и редактировании произведений Фараби, которые считаются одними из первых его творений. Фараби в своих исследованиях увлекался философией Греции и Ирана и, создавая свои труды, смог повлиять на развитие знаний всего человечества и в этом смысле роль его произведений можно считать главным источником философской научной мысли Востока и Запада и даже нового времени. Принимая во внимание вышеизложенное, можно оценит роль науки в развитии духовности и признать их равноценными, а также можно признать оригинальность мыслителей культурными и цивилизованными. Учитывая вышеизложенное, роль науки в духовности признается столь же ценной, а оригинальность мыслей и творений наших мыслителей может быть признана культурной и цивилизаторской. Эта миссия, основанная на национальной самобытности, защитит будущие поколения от опасных факторов, укрепляя научные знания этих ученых и расширяя их влияние на науку. В заключение, в статье очень убедительно показана роль науки в укреплении национального самосознания, а также обоснованы пути достижения научных результатов в этом контексте..

Ключевые слова: наука, классификация, деление, философия, влияние, знание, философская мысль, Фараби, место науки, роль науки, влияние науки, Классификация наук, национальное самосознание, национальная идентичность.

THE ROLE OF SCIENCE IN DEVELOPING NATIONAL SELF-KNOWLEDGE FROM THE POINT OF VIEW OF ABUNASRI FARABI

In the article, the author tried to prove the role of science in strengthening national self-awareness from the point of view of Farabi based on reliable sources and with scientific evidence. The research proved that Farabi is one of the first philosophers in the East, who turned to this important issue - the direct recognition of science, and wrote treatises and books such as «Treatise on the Attainment of Eternal Happiness» and «Classification of sciences». It is true that the basis of all research is effectiveness and influence. This situation is very good in the development and editing of Farabi's books, which is considered the first creation. In his research, Farabi was fond of the philosophy of Greece and Iran and, developing his tireless works, was able to influence the development of knowledge of all mankind and in this sense, the role of his works can be considered the main source of philosophical and scientific thought of the East and West, and even of modern times. Taking into account the above, the role of science in spirituality has been recognized as the most valuable, and the originality of cultural and civilized thinkers can be recognized. This mission, relying on the national identity, removes the future generations from the dangerous factors with the scientific reinforcement of these scientists and expands its influence on science. It is concluded, that the role of science in strengthening national self-awareness is shown in the article in a very significant way, and at the same time, the ways of obtaining scientific benefits in this context are justified.

Keywords: science, classification, division, philosophy, influence, knowledge, philosophical thought, Farabi, place of science, role of science, influence of science, Classification of sciences, national self-awareness, national identity.

Сулаймонзода Баҳманёр Саидиҳсон – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: **(+992) 880588550**

Сулаймонзода Бахманёр Саидихсон – доктор философских наук, доцент, заведующий кафедрой философии и политологии Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзоды. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мухаммадиева, 17/6. Телефон: **(+992) 880588550**

Sulaymonzoda Bahmanyor Saidihson **–**Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda, Doctor of Philosophical Sciences, Associate Professor, Head of the Chair of Philosophy and Political Sciences. **Address:** 734019, Dushanbe,Republic of Tajikistan Muhammadiev Street, 17/6. Phone: **(+992) 880588550**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 29.06.2026
Аз тақриз баргашт: 29.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:167/168

ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИФИ АҚЛ ВА ЗЕҲН (ҲУШ, ЗАКОВАТ) ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Тӯрабоева Д. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Муқаддима. Ақл ва зеҳн (ҳуш, заковат) дар таърихи фалсафа ҳамчун мақулоте ташаккул ёфтаанд, ки вижагиҳои тафаккурро дар марҳалаи муайяни рушди таърихӣ ё мантиқии он ифода менамоянд. Маърифатшиносӣ наметавонад худро дар таҳқиқи донишҳо бо муқобилгузории навъҳои ҳиссӣ ба ақлӣ, таҷрибавӣ ба назариявии ин донишҳо маҳдуд созад. Ба он бешубҳа лозим меояд, ки моҳияти худи назарияро амиқтар мавриди омӯзиш қарор дода, тафаккурро амиқтар бисанҷад ва дар он дараҷаҳои сифатӣ, гусастагӣ-ногусастагии давомнокро пайдо намояд.

Аз ин зарурат дар таърихи фалсафа умуман ва дар таърихи фалсафаи тоҷику форс тамоюли ба қисмҳо ҷудо кардани тафаккури назариявӣ, дар он пайдо кардани нуктаҳои алоҳидаи асосие, ки дараҷаи дарки воқеияти айниро аз тариқи тафаккур ифода мекунанд, ба миён омад ва дар ин ҳол фалсафа на танҳо дар гузоштани фарқи байни лаҳзаҳои гуногуни сифатии тафаккур таваққуф карда наметавонист. Фалсафа вазифа ба миён мегузорад, ки муносибати байни онҳо муайян шавад ва аз ин рӯ, ташаккули мақулаҳои он дар мисоли ақл ва ҳуш (заковат) дар таърихи фалсафаи тоҷику форс раванди дуру дароз ва мураккаб буда, тазодҳои низоми фалсафиии онро инъикос мекунад.

Дар китобҳои луғатшиносӣ ва фарҳангҳои муҳовараи умумӣ таърифҳои гуногуни зеҳн мавҷуданд. Мафҳуми «ҳуш» дар забони форсӣ ва забони умумӣ ба маънои зиракӣ, огоҳӣ, шуур, ақл ва фаросат аст [7]. Дар ҳамин росто, равоншиносон ба таърифи «ҳуш» аз зовия ва дидгоҳҳои хоссашон пардохтаанд. Чун вожаи «ҳуш» ба забони арабӣ дахл надорад, бояд дар адабиёти фалсафӣ, ки асосан ба ин забон навишта шудаанд, бояд вожаеро дарёфт, ки ба баррасии ин мавзуъ бипардозем. Муодили он дар забони арабӣ мафҳуми «зако» (ذكاء) ва ё «фитна» (فطنة) аст, ки дар бораи он дар луғатшиносиҳои арабӣ ташреҳоти мутаносиби он оварда шудааст. Забоншиноси араб Мансур Ал-Азҳарӣ дар «Таҳзиб-ул-луға» чунин овардаааст: «Тезҳушӣ (зако) ва зиракӣ дар фаҳм, яъне фаҳми комил аз матлабе, ки пазириши он дар зеҳни шахс зуд ва тез сурат гирад» [1, 184]. Ин манзур дар «Лисон-ул-араб» ба тарзи зерин шарҳ дода шудааст: «Зако суръати дарк ва тезфаҳмӣ, яъне тезҳушӣ ва зиракӣ аст» [6, 287].

Ҳадафи асосии мақола. Қобили зикр аст, ки сатҳи ҳуш ё зеҳни одамон гуногун аст, ҳуш чизест, ки ҳам бо кайфият ва ҳам аз ҷиҳати каммият (микдор) фарқ мекунад. Тафовути миқдориаш дар он аст, ки баъзе одамон нисбат ба дигарон бо масъалаҳо бештар иҳотаанд ва тафовути кайфиаш дар он аст, ки баъзе одамон масъаларо нисбат ба дигарон тезтар дарк мекунанд ва ба маъноҳои он амиқтар сарфаҳм мераванд ва нисбат ба дигарон ба дарк ва азхудкунии масъала майли бештар доранд.

Маънии ақл дар манобеи исломӣ густурдатар аз маънои ҳуш аст. Дар таъбири мутафаккирону муҳаддисон ақл маъноҳои зиёд дорад, масалан, муҳадиси маъруф Шайх Ҳурри Омулӣ дар интиҳои боби «Воҷибияти итоат ба ақл ва мухолифат бо ҷаҳл» мегӯяд: «Бо ҷустуҷӯ дар аҳодис се маънии ақл пайдо мешавад: аввалан, нерӯе, ки ба воситаи он хубиҳою бадиҳо, тафовутҳо ва заминаҳои онҳо шинохта мешаванд ва ин меъёри таколифи шаръӣ аст; дуюм, малакае, ки ба интихоби хубиҳою бадиҳо ва парҳез аз бадиҳо фаро мехонад; сеюм, тааққул ва донистан, аз ин ҷо, он дар муқобили ҷаҳолат (нодонӣ) гузошта шудааст, на дар баробари ҷунунӣ ё девонагӣ. Истифодаи бештари «ақл» дар ҳадисҳо ба маънои дуюм ва сеюм аст» [9, 208-209]. Бо ҷустуҷӯ ва тафаккур дар мавриди мавориде, ки вожаи «ақл» ва вожаҳои марбут ба он дар ҳадис омадааст, маълум мешавад, ки ин вожа гоҳе дар бораи пайдоиши дарки инсон ва гоҳе дар бораи натоиҷи идроки ӯ корбурд шуда ва дар ҳар ду маврид корбурди мухталиф дорад.

Ин ихтилофҳо ва гуногунии тафсирҳо ва фаҳмиши маъно ва моҳияти «ақл» ва «ҳуш» минбаъд дар таълимоти фалсафӣ ва динии мутафаккирони исломӣ ва аз ҷумла тоҷику форс доманаи бештар густурда пайдо карданд. Ин раванд махсусан дар асрҳои миёна, ҳангоме

ки тарҷумаи асарҳои файласуфони юнонӣ ба забони арабӣ оғоз ёфтанд, боз ҳам амиқтар гашт. Духӯрагӣ ва иштибоҳи мутафаккирону муфассирон дар тафсири мафҳумҳои ақлу ҳуш ба далели он буд, ки меҳвари ақл ва меҳвари ҳуш ногузир ба ҳам мепайвандand ва як як нафъ чорраҳаеро ташкил медиҳанд, ки ҳам муҳим ва ҳам зарур аст аст. Ин меҳварҳо ва ё равишҳо, ки бидуни ягон сарчашмае, ки аз он метавонад барояд, аз чанд мафҳумҳои дигар ҳосил мешавад, ки ҳар кадоми онҳо маънои вожаи юнонии атиқаи «ақл» ва «ҳуш»-ро шарҳ медиҳанд ва ин мафҳумҳои атиқа ба фалсафаи исломӣ тавассути ин тарҷумаҳо роҳ ёфтанд. Пеш аз ҳама, ин – логос (калом, сухан) аст. Логос дар тӯли таърихи фалсафа маъноҳои гуногун пайдо кардааст.

Ин раванд аз Гераклит оғоз ёфт, ки логосро ақли ҷаҳонӣ ё қонуни куллии ҳоким бар ҳастӣ медонист. Аз нигоҳи раввоқиён (стоикҳо), ки ақоид ва афкори Гераклитро мукаммал кардаанд, логос ҷавҳари ягона, бунёдӣ ва бениҳоятест, ки тамоми оламро раҳнамоӣ мекунад ва табиатро ҳамчун сайқалдиҳандаи қонуни умумӣ, яъне қонуни куллӣ ва фарогири ҳамаи ашё ва падидаҳо аст, медонад. Дар байни маъноҳои бешуморе, ки барои калимаи логос баррасӣ кардаанд, суфастоиён логосро ҳамчун қобилияти суханронии умумӣ истифода бурданд. Таҳаввули ин вожа ба гунае нест, ки метавон гуфт ба як масири болоравӣ ё поинравии хат меравад, аммо гуфтан мумкин аст, ки ин ин сайр ба самти як чизи дар ҷараён ва шудан аст ва он чизе нест, ҷуз аз наздиктар шудани маънои ин вожа (логос) ба калом, сухан. А.К. Винюкова менависад: «Дар логоси Гераклит мо яке аз аввалин кӯшишҳои инсонро барои дидани ваҳдат дар гуногунрангӣ, ки бо логос мусаллаҳ шуда, бо теғи ақл ҷаҳонро сӯрох мекунад, мушоҳида менамоем. Пас аз дарки он, ки «як ҳама чиз аст», мо аз тафаккури ғайрифаъол ба тафаккур фаъол ҷаҳиш мекунем... Бо Гераклит гузариши инъикос аз чизи намоён ба ноаён, аз падида ба мафҳум шуруъ мегардад. Тухми ақл, ки дар логосҳо ниҳон аст, дертар тамоми хоки маънои онро бо решаҳои худ печида хоҳад кард. Аз ин рӯ, тамоми таърихи минбаъдаи рушди ин мафҳум – интишор ёфтани унсури ақлонӣ аст» [4, 141].

Дараҷаи омузиши масъала. Муаллиф бо такия ба манобеъи илми дидгоҳи ту мутафаккиро вобаста ба мавзуи гузошташуда баррасӣ намуда, мутакко бар он аст, ки Афлотун идома медиҳад, логос ҳамон *нус* ё ақл аст, ки суратҳои мавҷудотро дар *масал* шакл медиҳад ва масал ҳамон логос аст. Ба ғайр аз ин, «Арасту дар аксари вақтҳо истилоҳи «логос» -ро ба маънои «таъриф» ё «ақлоният дар маҷмуъ», баъзан – таносуби математикӣ ва ё бурҳон истифода мебарад» [8, 446]. Ҳамин тавр, дар Дар Юнони қадим логос дар баробари қабули маъноҳои сершумор аз қабили ақл, гуфтор, калом (сухан), таъриф, таносуб ва ғайра, комилан ягонтои онҳоро ифода намекунад. Суфастоиён батадриҷ аз логос ба унвони сухан ва гуфтугӯ истинод карда, Филони яҳудӣ онро ба паёмбар баробар медонистаанд. Дар дини масеҳӣ онро ба Исои Масеҳ нисбат дода, Каломи Худо номидаанд.

Дар ислом, масалан барои Ибни Арабӣ логос, яъне калом - инсони комил ва ҳақиқати сухани Худо буда, ба мазмуни логоси насронӣ монанд аст. Ибни Арабӣ дар «Фусус-ул-ҳикам» ба таври умум ҳам ба калом ва ҳам ба инсони комил ишора мекунад. Аз бисту ҳафт боби он, ки ҳар кадомашон бо номи Худо (Калом) оғоз мешавад, боби аввал дар бораи Одам, ба таври қобили мулоҳиза ба инсони комил дахл дорад. Ба таври мухтасар дар боби Одам инсони комилро чунин тавсиф мекунад: чун Худои Мутаъол мехост зоти худро дар ҷузъи олам (инсони комил) бубинад, Одамро (инсони комил) офарид. Чун ин одамро мавҷуд тавсиф мекунад, вай оинаи ҳақиқат аст. Ба ибораи дигар, ҳақиқат дар ин мард комилан мушоҳида мешавад. Гузашта аз ин, азбаски Худо дунёро бе руҳ ва чун оинаи зангногир дид, инсони комилро, ки Каломи ҷудокунанда ва фарогир аст, ҳамчун руҳи ҷаҳон (инсони бузург) офарид. Ҳамчунин инсони комил мисли гавҳараки чашм барои Ҳақ аст ва ба василаи ӯ ҳақиқат ба офариниш мутаваҷҷеҳ аст. Худо ин инсонро халифаи худ дар рӯи замин муқаррар кард [5-48-56]. Логоси Ибни Арабиро метавон аввалин ақл, нуси Афлотун, ақли умумибашарӣ (логос)-и стоиён номид, аммо бештар ба каломи куллӣ наздикӣ дорад. Ибни Арабӣ аз ин дидгоҳ ба «Логос» ба ҷуз унвони инсони комил унвонҳои дигаре низ додааст, аз қабили «қутб», «ҳақиқати воқеият», «ҷавҳари аввал» ва ғайра.

Дар маҷмуъ, файласуфони юнонӣ қобилияти тафаккур, яъне қобилияти дарки ғайриҳиссии ҳастӣ ва муносибатҳоро бо мавҷудоти дигари олам логос меномиданд. Дар соҳибият ба логос таърифи мушаххаси инсон нуҳуфта аст: ӯ мавҷудест, ки логос дорад ва

калимаи логос маънои «тавозун» ва инчунин «калом»-ро дорад. Ғояи юнонӣ дар бораи логос ҳам маънои таносуби инсонро нисбат ба худ, ҷаҳон ва худоён ва ҳам ишора ба калимаро дар маънои муносибатҳои иҷтимоӣ дар бар мегирад. Логос тавозун аст, зеро инсон дар худ чизе дорад, ки ба худоён монанд аст ва он *нус* аст. Аммо ӯ ҳеҷ гоҳ бо худоён айният дошта наметавонад, зеро нуси ӯ паҳнои номаҳдуд надорад. Бо вуҷуди ин, инсон танҳо бо муносибат додани хеш ба он, бо андозагирии хеш бо он метавонад воқеан логоси худро ба даст орад. Ҳамин тариқ, логос ҳамчун таҷассуми маҳдуди нус муаррифӣ мешавад. Аммо логос - калима низ ҳаст. Дар инсон калом ба нутқ, *дианоийя* табдил меёбад, ки он ба қавли Афлотун «суҳбати беовоз дар дохили нафс бо худ аст, ки мо онро тафаккур меномем» [10, 403]. Ҳамин тавр, дар ниҳояти ин мубоҳиса дианоийя ҳамчун дониши бурҳонӣ-истидлолӣ ва дискурсивӣ ба мабодии аввалия вобаста аст, ки дарки онхо масъалаи вазифаи қувваи олӣ - нус мебошад.

Сарчашмаҳои ва усулҳои таҳқиқот. Сарчашмаҳои асосии мақола ин осори фалсафии файласуфон ва таҳқиқотҳои олимони дохили ва хориҷи доир ба мавзуъи мазкурро ташкил медиҳад. Гузариши китобати матнҳо аз юнонӣ ба лотинӣ интиқоли вазифаи нус (nous)-ро ба интеллект - зеҳн (intellectus) ва вазифаи дианоийяи логос (logos dianoeticus)-ро ба ақл (ratio) таъмин мекунад. Тафаккури асримиёнагӣ дар чаҳорчӯби ин ҷуфти интеллектуалӣ-таносуб рушд мекунад, мувофиқи муқоисаи машҳуре, ки Боэтсий дар «Осоиш бо фалсафа» муқаррар кардааст: «Пас, [ашёи] табииро метавон бо ёрии *ҳуш* (rationabiliter)), *ақли риёзӣ* - бо ёрии илм (disciplinaliter) ва илоҳиётро - бо ёрии *зеҳн* (intellectualiter) баррасӣ кард» [3.с.147]. Чун камоли ақл дар шинохти ҳақиқат аст ва зеҳни инсонӣ, ки ба ҷаҳони ҳассос пайваста аст, наметавонад ба маърифати комили ҳақиқат ноил шавад, ба ҷуз аз «ҳаракати муайяне, ки дар он аз як истилоҳ ба истилоҳи дигар мегузарад, то дар бораи чизе донишро аз маълум ба номаълумӣ ба даст орад», бояд савол гузошт, ки ин ҳаракат дар куҷо анҷом меёбад. Муаллифи ин сатрҳо идома медиҳад: «Монанди он ки ҳаракат ба сукун ҳамчун ибтидо ва интиҳо иртибот дорад, пас ақл ҳам ба зеҳн (ҳуш) монанди ҳаракат ба сукун, ҳамчун тавлид аз ҳастӣ муносибат дорад» [11.с. 15].

Ҳамин тариқ, дар таърихи фалсафаи юнониёни атиқа ба тадриҷ тафовути байни ақл (ratio) ва зеҳн ё ҳуш (intellect) гузошта мешавад, ҳарчанд мубоҳисаҳо дар атрофи он то имрӯзҳо низ идома доранд, аммо ба иллати маҳдудияти ҳаҷм ва ҳадафи таҳқиқотамон аз баррасии минбаъдаи он худдорӣ мекунем. Барои мо муҳим он аст, ки ба иллати таъсири файласуфони атиқа ва тарҷумаи осори онҳо дар Гунди Шопур ва Бағдод (чуноне ки дар бахши аввали ин таҳқиқот зикр намудем) дар афкору осори мутафаккирони тоҷику форси давраи асримиёнагӣ на танҳо назарияҳо ва ғояҳои алоҳида, балки мафҳумҳою истилоҳоти фалсафии юнонӣ ё дар шакли аслӣ ва ё тарҷумавии онҳо ворид гаштанд. Ин нуқтаи назар ба мафҳумҳои ақл ва ҳуш низ дахл дорад**.**

Натиҷа. Ба ақидаи Форобӣ, ақл дар тамоми шаклҳои фаязони хеш (даҳ навъи ақл) ба шарофати ашёи маъқул ё тааққулшаванда вуҷуд дорад, ки ин ашё (бе он ки аз ҷониби ақл маърифат гарданд) дар шакли субстратҳои эҳтимолии маъриатшаванда вуҷуд доранд. Қобилияти ақлонии инсон ба як маъно хазинаи сувари маъқул мебошад, ки ба ду навъ тақсим мешаванд: он ҷавҳарҳои ғайримоддӣ, ки моҳияти онҳо дар як вақт субъект ва объекти ашёи маъқули билфеъл мебошад ва онҳое, ки танҳо аз сабаби робитаи хеш бо модда билқувва қобили тааққул мебошанд. Форобӣ дар «Рисола фи ақл»-и хеш навиштааст, ки нафси оқила аз ҷисм бо амал, хирад ва андешааш ҷудо мешавад; он бо модда ё бадан танҳо аз роҳи беруна ва муваққатан мепайвандад, зеро ҳадафи он он ба воситаи ақл бо олами олӣ пайваст шудан аст. Ҳамин тариқ, нафси оқила миёнарави байни олами олӣ, ки аз Мавҷуди аввал аст ва олами таҳт-ул-қамар бармеояд, ки сарчашмаи бевоситаи он ақли фаъол ҳамчун ақли алоҳидаи охирӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, вақте ки Форобӣ дар бораи ақл андеша меронад, ӯ дар бораи моҳияти худии табии он ҳарф мезанад, харчанд ақл дар тафсири эпистемологии Форобӣ он нисбат ба зеҳн (ҳуш) маънии васеътар дорад. Ба ақидаи ӯ, дар мавриди мафҳуми «ақл», ки аз ҷониби ҷомеа истифода мешавад ва одамон ҳангоме ки шахсро *оқил* (*ʻāқил*) тавсиф мекунанд, он ба таври равшан ба корбарии ақл (*таʻаққул*) ё ҳукм баровардани солим дар муайян кардани он ки кадом чиз дуруст аст ё на, маъмулан айёрӣ ё маккорӣ номида мешавад [13.с.71]. Ақл тамоми хусусиятҳои зеҳн ё заковатро дар бар мегирад, дар ҳоле ки зеҳн - имкони истифодаи ақл дар ҳаёт аст. «Заковат

чизест, ки одамон онро ақл меноманд ва чун ин қобилият дар инсон бошад, ӯро соҳибақл мегӯянд» [14.с. 33]. Ҳангоме ки инсон ба кор бурдани зеҳнашро дар амалияи маърифатӣ ё иҷтимоӣ оғоз мекунад, вай истифодаи мустақими ақли худро зоҳир мекунад. Ҳарчанд Форобӣ дар ин ҷо мафҳуми ҳуш ё заковатро ба кор намебарад, аммо таҳти мафҳуми *маъқул* моҳияти ҳуш ё заковат – на амали ба кор бурдани он дар ҳаёт равшан шуда, он танҳо оғози татбиқи он дар фаъолият аст.

Муҳокима. Тавсифҳои зеҳнии инсон (қобилиятҳои заковати вай) дар ҳамроҳӣ бо татбиқи амалии он тасвири умумии ақлро таъмин мекунад. Масалан, агар шахс дорои заковати баланд бошад, аммо ба кирдори паст даст мезанад, рафтори ӯро боақлона номидан мумкин нест. Форобӣ менависад: «Ҳангоме ки ақл (разум) дар ҳақиқат мавҷудоти маъқул (умопостигаемое)-ро касб мекунад, ки онҳо сувари он ба ҳадде ҳастанд, ки таҳти маърифати ақл қарор мегиранд, дар он ҳол ақл, ки онро пештар ақли би-л-феъл меномидем, ба ақли мустафод табдил меёбад. Агар [ҳангоми шинохт] мавҷудоте касб шаванд, ки сувари моддӣ нестанд ва ҳеҷ гоҳ чунин набудаанд, ҳангоми маърифат дорои вуҷудият мегарданд, ба маънои дигар, онҳо ба тааққул (умопостижение)-и ҳастиашон оғоз менамоянд, ки то маърифати он ин ҳастӣ дар вуҷудашон ҳастӣ дошт» [11, 18]. Мо дар ин ҷо ба мафҳумҳои ақл ва маъқул, ки дар тарҷумаи фавқуззикри русии онҳо ҳамчун «разум» ва «умопостигаемое» дода шудаанд, таваҷҷуҳ намуда, қайд мекунем, ки дар тарҷумаи дигари он ки ба қалами Т. Иброҳим тааққул дорад, мутаносибан «разум» ва «интеллегибелии» оварда шудаанд [12, 971] ва таъбири маънои «таақул»-и Форобӣ дар тарҷума ҳарчанд ихтилоф дошта бошад ҳам, аммо ба он далолат мекунад, ки зоҳиран ҳуш ё зеҳн (интеллект) бо корбасти ақл (разум) бармеояд. Аммо дар баробари ин, дар тафсири Т. Иброҳим низ маънои ин ду мафҳум аз нигоҳи Форобӣ дақиқ нест ва дар ҳолатҳои зиёд онҳоро бо ҳам як мешуморад: дар ҷое ӯ менависад, ки Аввал – зеҳн (ум)- и би-л-феъл аст, зеро Он – ғайримоддӣ мебошад, дар ҳоле ки модда модда чизест, ки ба сурат ба маънои аслиаш моне эҷод мекунад. Умуман, Т. Иброҳим байни зеҳн (ум, интеллект) ва ақл (разум) фарқе нагузошта, дар поварақи ҳамин саҳифа дар шарҳи онҳо онҳоро дар шакли арабии мафҳуми «ақл» («عقل») муттаҳид намуда, ақли би-л-феъл (عقل بالفعل) -ро дар матни таҳқиқоташ «зеҳн (ҳуш)-и би-л-феъл» («актуальный ум») тарҷума кардааст ва дар ихтилофи фаҳмиши ин ду мафҳум ноҷӯрии иловагӣ ворид намудааст.

Аммо Форобӣ зикр кардааст, ки мафҳуми «ақл» ба чанд маъно корбаст шудааст, ки ҳар кадоми онҳо тафсири алоҳидаро тақозо мекунад. Ба ақидаи ӯ тафсири аввал дар он ифода меёбад, ки дар гуфтори маъмулӣ ба кор меравад, агар касе дар бораи шахс ҳарф зада, ӯро боақл меномад.

«Нитсше иллати асосии ақибмонии ҷомеаи Аврупоро аз густариши дини масеҳият ва ба мубаллиғони сиёсӣ табдил ёфтани рӯҳониён нисбат медиҳад.»[17.С.66]

Тафсири дуюм чунин аст, ки мутакаллимон пайваста дар бораи он баҳс мекунанд ва ҳар кадоми онҳо ақл ва зеҳнро ба таври худ мефаҳманд ва он ба маънои ақлест, ки дар рисолаи «Ал-Бурҳон»-и Арасту оварда шудааст. Тафсири чорум аз ҷониби Арасту дар китоби шашуми «Этика» зикр шудааст. Сипас, Форобӣ ба таҳлили ҳар яке аз ин тафсирҳои ақлӣ бо тафаккури хоси методологии худ шуруъ мекунад. Ақл, ки дар гуфтори ҳаррӯза нисбат ба инсон истифода мешавад. Дар бораи навъи аввали ақл, вақте ки дар тарҳрезии корҳои бад истифода мешавад, ҳеҷ кас шубҳа намекунад, ки агар шахс ақли худро барои ҳадафи зараровар истифода мебарад, ақли паст дорад. Дар ин ҳол, амалҳои ӯ аз ақл дур хоҳад буд ва ҳеҷ кас чунин шахсро боақл гуфта наметавонад, балки ӯ бадкирдорест, ки зеҳн ё ҳуши баланд ва заковати хуби худро барои максадхои манфӣ мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳамин тариқ, Форобӣ ба хулосае меояд, ки тафсири умумии ақл моро ба синтези зарурии он бо накӯкорӣ бурда, шарҳ медиҳад, ки «фақат шахсе инсони оқил аст, ки бозаковату ҳушёр ва ҳамзамон шахси некӯкор бошад, ки сифатҳои шахсиашро барои анҷом додани аъмоли нек ва ё дурӣ ҷустан аз аъмоли ношоиста татбиқ менамояд. Чунин шахс боақл аст» [11, 5].

Дар мавриди маънои истилоҳи «ақл», ки онро мутакаллимон ба кор мебаранд ва ба амалҳои муайяне ишора мекунанд, ки ба ақл нисбат дода ва ё инкор карда шудаанд, ба қавли Форобӣ, онҳо танҳо ба маънои «акл» дар ин замина чизеро дар назар доранд, ки ба таври умум ва ё бештар аз ҷониби ҷомеа пазируфта мешавад. Ӯ ихтилофи доимии онҳоро

дар мавриди маънои аслии зеҳн (интеллект) ва чӣ гуна бо ақл иртибот доштани онро қайд намуда, таъкид мекунад, ки «ҳар кас [ақлро] ба таври худ мефаҳмад ва мегӯянд: «Ин чиз ба он тааллуқ дорад, ки ақл инкор мекунад» ё: «Ин чизест, ки ақл онро рад мекунад», ё ин ки «онро намепазирад» [11, 7]. Форобӣ ин гуна муносибатро нисбат ба яке аз муҳимтарин ҷавҳарҳои табиати инсон, ки зеҳн (интеллект) аст, намепазирад. Ӯ бо такя ба навиштаҳои Арасту кӯшиш мекунад, ки дидгоҳи мутакаллимҳоро оид ба ақл ба таври объективӣ таҳлил намояд: «Мутакаллимҳо бар ин бовар буданд, ки мафҳуми ақл, ки дар бораи он байни худ баҳс мекунанд, маҳз ҳамон ақлест, ки онро Арасту дар китоби «Бурҳон» ё [ба ҳар ҳолат] чизе ба монанди хамин зикр кардааст. Аммо агар далелҳои аввалинеро, ки онҳо пешбарӣ мекунанд, баррасӣ кунем, пас маълум мешавад, ки ҳамаи онҳо далелҳои маъмуланд. Аз ин рӯ, ҳангоми баёни фикр онҳо як андешаро ба роҳбарӣ гирифта, дар асл кори дигарро ба иҷро мерасонданд» [11, 10].

Дар ин ҷо Форобӣ кӯшиш мекунад, ки ин навъи заковатро ба ақли би-л-феъл, ки ҳанӯз табиати инсонӣ ба даст наовардааст, танҳо ба ягон шакли иртиботот бо нафси инсонӣ пайваст намояд. Чунин заковат дониши навро на тавассути фарзияҳои тахминии мантиқӣ, балки пеш аз ҳама, дар раванди маърифатии ақлонӣ ба даст орад. Форобӣ ҳангоми қиёси зеҳнӣ ба бевосита дарк шудани дониш таваҷҷуҳ намуда, таъкид мекунад, ки иртиботи ирфонии мавриди баҳс ҳузури шайъро ба донишманд дар лаҳзаи дарки он фаро мегирад. Ин нуктаро Д.Л. Блэк, профессори донишгоҳи Торонто бо такя бар ақидаи Форобӣ дар бораи ақл ва зеҳн (ҳуш) чунин шарҳ додааст: «Ҳамон тавре ки ман шайъро танҳо дар сурати мавҷуд будани он дар майдони босиравии ман дида метавонам, ман ҳамчунин он ашёро танҳо дар ҳолате медонам, ки агар он дар зеҳни ман тавре мавҷуд бошад, ки ҳоло бошуурона дар бораи он андеша меронам» [15, 11-45]. Мушоҳида кардан мумкин аст, ки Форобӣ ақл ва зеҳн (ҳуш)-ро бештар на ба ҳайси қобилияти татбиқи натиҷаҳои амалҳои мантиқӣ дар тафаккур, балки ҳамчун як лаҳзаи будиши шахсро бо воқеияти бевоситаи худ медонад. Ба шарофати ин воқеият шахс ин қобилияти аввалиашро дар шакли чунин ақле, ки онро Арасту дар асараш «Аналитикаи дуюм» тавсиф додааст, мегирад.

«Ақл», ки онро Форобӣ дар пайравии Арасту аз китоби шашуми «Этика»-и ӯ баён намудааст, таваҷҷуҳи махсусашро ба тафсири худ дар бораи мафҳумҳои ақлу заковат додааст. Ба навъи ҷоруми фаҳмиши заковат (интеллект), ки онро Арасту дар «Этика»-и худ додааст, Форобӣ мувофиқат дошта, аз тафсири ӯ пайравӣ намудааст. Дар «Этика» Арасту зеҳн, ҳуш ё заковат (интеллект)-ро ҷузъи нафс мефаҳмад, ки он «ба таҷрибаи тӯлонӣ ниёз дорад ва охирӣ дар давоми муддати дароз ба даст омада, дар он тавассути ҳукмҳои мантиқӣ тақвият меёбад» [11, 10]. Чунин заковат барои шуур имконият фароҳам меорад, ки дар бораи чӣ гуна шинохт шудани ашё ва чиро қабул кардани он равшантар ва дақиқтар хулоса барорад. Илова бар ин, ин навъи зеҳн ё заковат метавонад амалҳои заковатхоҳи (интеллегибелий)-ро ба ашёи қобили идрок табдил диҳад, ки он ба ташаккули ақли мустафод мусоидат мекунад. «Вале сарфи назар аз ин, Ибни Арабь баъзе “мулоҳизот”- ро нисбати фалсафаи исломӣ баён кардааст, ки аксари онҳо бо самтҳои эпиместологии ин илм робита доранд» [11.с.101].

Агар ақле, ки Арасту дар «Аналитикаи дуюм» тавсиф кардааст, дар ҷараёни шинохт ба сифати як навъ пояи ибтидоии маърифат амал кунад, пас ақле, ки дар «Этика» тавсиф додааст, як навъ идомаи ақли аввал аст, ки дар ҷараёни шинохти минбаъда ихтилофҳои бештар ва бештар равшанро дарбар мегирад. «Ҳамудуддини Кирмонӣ тамоми аҳкоми диниро дар таносуб бо аъмоли воқеии инсон дар рӯи замин арзиёби намудааст ва инсонро хизматгори дин.»[16.с.44]

Дар ин раванд ақли дуюм бештар инкишоф меёбад, ба ғайр аз ин, афзоиши муайянро дар назар дорад. Форобӣ навиштааст, ки чунин ақлу заковат дар тамоми умри инсон меафзояд, ҳукмҳое, ки қаблан баррасӣ мешуданд, қувват мегиранд ва ҳамеша ба онҳо ҳукмҳои нав илова мешаванд ва агар шахсе дар истифодаи чунин ақлу заковат ба маҳорат ноил шуда бошад, ҳукмҳои ӯ муътамад дониста мешаванд, зеро чунин шахс дар масъалаҳои баррасишуда соҳибнуфуз хоҳад буд. Форобӣ дар ин ҷо шарҳ медиҳад: «Мафҳуми соҳибнуфузии чунин [шахсе] маънои онро дорад, ки агар ӯ ба чизе ишора кунад, андешаи ӯ бидуни баҳс пазируфта мешавад ва ба сагҷиш эҳтиёҷ надорад. Дастурҳои ӯро, гарчанде ки ба ягон далел асос наёфта бошанд ҳам, қобили қабул буда метавонад. Ба қавли доншманди

тоҷик Зиеёва З. Чун аст, ки «Ибни Арабӣ дар пайрезии ҷаҳонбинии худ ба дунболи маърифати ҳасти ва вуҷуд мебошад, вале пардохтани онҳо ба вуҷуд, сарфан аз фалсафа варзидани хумк ва ва берӯҳ нест, балки дар ҳастӣ амре қудсӣ ва илоҳӣ мебошад, кибоиси "Ҳайбат"-и ориф гаштааст» [12.с.119]

Бешубҳа, осори Форобӣ яке аз саҳмҳои барҷастатарин дар тафсири мафҳуми ақл ва ӯ талош дорад, ки ба таври мушаххас шаш навъи асосиии мафҳуми истилоҳи «ақл» тавзеҳ диҳад, ки дар атрофи дидгоҳҳои мухталиф тафсир меёбад. «Пеш аз ҳама, ӯ «ақл»-ero баррасӣ менамояд, ки ба воситаи он инсонро соҳиби заковат ва ҳуш мешуморанд»[13.С.168]. Сипас, чуноне қаблан зикр намудем, ӯ ақлро аз дидгоҳи илоҳиётшиносон таҳлил мекунад ва сипас ақлро, ки Арасту дар рисолааш бо номи «Ал-Бурҳон» зикр кардааст, онро ҳамчун нерӯи нафсе тавсиф мекунад, ки ба инсон имкон медиҳад, бидуни ниёз ба ҳукмҳо ва қиёсҳои мантиқӣ дар муқаррароти куллӣ, ҳақиқӣ ва зарурӣ ба боварӣ ва яқин бирасад. Форобӣ инчунин ба он ҷузъи нафс ишора мекунад, ки ба ҳукмҳо ва қиёсҳои марбут ба фаъолияти ирода эътимод пайдо мекунад. Сипас дар бораи ақле ҳарф мезанад, ки дар он аз чаҳор дидгоҳ баррасӣ мешавад: *ақли би-л-қувва*, *ақли би-л-феъл*, *ақли мустафод ва ақли фаъол*. Ӯ тавзеҳ медиҳад, ки ақли фаъол аз ҷисм ҷудо аст, он иллати заковату зеҳн аст ва иртиботи он бо ақли би-л-қувва монанди муносибати офтоб бо чашм аст. Ба ин маънӣ, чашм зеҳн аст, ки ба таъбири Форобӣ, ба мунаввар кардани он аз тариқи ҷустори ҳақиқат ва дониш ниёз дорад, чунон ки чашм барои дидан ба нури офтоб ниёз дорад. Вай бо ин ташбеҳ саъй меварзад, ки аҳамияти маърифати ақлонӣ ва ҷустуҷӯи донишро барои расидан ба ҳақиқат нишон бидиҳад, зеро ҷанбаҳои метафизикиеро ошкор месозад, ки барои шарҳи сохтори маърифати ирфонӣ дар доираи назарияи худ саъй намояд. Ба қавли донишманди тоҷик Қубоншоев И: «Кирмонӣ дар он ҷо ки барои инсонҳо зиндагии дигар, ҳаёти пас аз ин. Зиндагии аз осоиши маҳз, осоиши сафои хотир ва лаззатҳои поённопазири он пешбинӣ мекунанд, дар бораи ҳамин иқлими хок сухан мегӯяд; зиндагие, ки ваймуҷассам месозад, зиндагии ҷовидонии ақл аст» [15.с.12].

Ӯ зеҳнро яке аз фазилатҳои қувваи нотиқаи фикрии нафс медонад ва тавзеҳи ин ки инсон дорои ачзо ё ба таъбири дақиқтар, қуввaҳои гуногун аст ва ҳар яки ин қуввaҳо дорои фазоили худашон ҳастанд. Яке аз онҳо қувваи нотиқа аст ва ба воситаи ҳамин қувва инсон аз ғайри худаш мумтозтар мешавад. Худи қувваи нотиқа, ба ақидаи Форобӣ, дорои ду қувваи фаръӣ аст: қувваи назарӣ ва фикрӣ. Фазилатҳои қувваи нотиқаи назарӣ иборатанд аз ақли назарӣ, илм ва ҳикмат ва фазилатҳои қувваи нотиқаи фикрӣ иборатанд аз ақли амалӣ, тааққул, зеҳн ҷавдати паъй (некандешӣ) ва гумони саҳҳеҳ [13, 5].

Бо ин ҳама, бояд қайд кард, ки дар таълимоти Форобӣ мафҳумҳои зеҳн (ҳуш) ба шакли консептуалӣ зикр нашудаанд ва моҳияти онҳо, чуноне ки дар боло шарҳ додем, аз таъбири ақли даҳгона бармеояд.

Дар қайҳоншиносӣ Ибни Сино ба зинанизоми нузул ва судури нафс (эманатсия)-и навафлотунӣ дар таълимоти Форобӣ пайравӣ мекунад, аммо бо он тафовут, ки ҷараёни нузули ақлҳо ба тавлиди ақл, нафс ва ҷисм дар сатҳҳои гуногун то ақли фаъол, ки худи он масъулияти сабабиятро дар олами зери қамар ба дӯш дорад, асос меёбад. Қобили қайд аст, ки Форобӣ ягона сарчашмаи эҳтимолии таълимоти Ибни Сино дар бораи ақл ва зеҳн (заковат) набуд ва дар таълимоти ӯ назарияҳои Афлотуну Арасту ва навафлотуниён синтез карда шудааст: «Ибни Сино ба шарҳи худ дар бораи вазифаҳои ақли фаъол тавассути омезиши вазифаҳои ақли фаъоле, ки онро Плотин дар байни ақли кайҳонии навафлотунӣ ва кайҳонӣ тақсим карда буд, расидааст» [16, 91].

Арасту, чуноне ки дар боло зикр кардем, дар байни ақли фаъол ва нури офтоб ташбеҳ мегузорад. Нур бояд чизе би-л-феъл бошад; ҳузури он низ шарти идроки рангҳост. Он рангҳоро би-л-феъл ва фоилии онҳоро ҳамчун объекти идрок имконпазир мегардонад; ва ба ин васила шарти зарурии дарки ранг аст. Айнан ҳамин тавр фаъолияти ақл (=зеҳн)-и фаъол шарти зарурии фаъол гардондани имкониятҳои нафс, махсусан тафаккур дар бораи ашё мебошад. Ба эътиқоди Арасту, ақли фаъол бояд ҳамеша дар ҳоли тафаккур бошад, зеро он фоил аст. Аз ин рӯ, ақли фаъол низ мисли Худо метавонад ҳастии ҷудогона дошта, абадӣ бошад, пас мақоми ақли фаъол дар нафс то андозае монанди Худо ва дар умум дар олам аст; ҳардуи онҳо бил-феъл холис буда, ҳастии онҳо бо роҳҳои мухталифи худ, шарти амалисозии қувваи мушаххасе мебошад, ки ба онҳо иртибот дорад. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар

нест, ки баъзан ҳардуи онҳоро иштибоҳан айни ҳамдигар мешуморанд. Аммо ақли фаъол метавонад хусусияти илоҳӣ дошта бошад, аммо он худаш - Худо нест [2, 187]. Ин ақл аз модда ҷудо ва омехтанашуда буда, дар табиати аслии худ як навъ фаъолият аст. Он дар тааққул ва тафаккури хеш фосила надорад. Фақат дар ҷудоӣ аз модда он комилан ба зоти худаш вуҷуд дорад, дар ҳоле ки ақли ғайрифаъол фанопазир аст.

Хулоса. Аз нукоти фавқуззикр хулоса кардан мумкин аст, ки дар таъриф ва тавзеҳи мафҳумҳои ақл ва зеҳну ҳушу заковат мутафаккирони машшоӣ ҳам аз таълимоти файласуфони Юнони қадим ва ҳам мутафаккирони ақлгарои исломӣ, ки аксарашон аз табори форсу тоҷик будаанд, баҳра гирифта, онҳоро дар доираи мантиқ ва қонунҳои он таъбир додаанд. Ин таъбирот аз тафсирҳои фақеҳону илоҳиётшиносӣ билкул фарқ дошта, дар онҳо ҷанбаи ақлгароӣ ва инсонмеҳварӣ бештар ба чашм мерасад.

Таҳқиқоти мазкур дар мувофиқа бо нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДДХа номи академик Б. Ғафуров барои солҳои 2026-2030, бо номи "Хусусиятҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавии халқи тоҷик: таърихи ташаккул ва рушд дар давраи истиқлолият" амалӣ карда шудааст.

Муқарриз: Қурбоншоев И. Ҷ. – н.и.ф., дотсенти ИФС ба номи .Баддинови АМИТ

АДАБИЁТ

1. Азҳарӣ М. А. Таҳзиб-ул-луға. Ҷ. 10. – Бейрут, 1421 ҳ. қ. – 696 с.
2. Аристотель. Сочинения: в 4 т. Т. 1. – М.: Мысль, 1976. – 550 с.
3. Винюкова А. К. Убывание Логоса: от Гераклита к Аристотелю // Вестник Русской христианской гуманитарной академии. – 2013. – Т. 14, вып. 4. – С. 139–144.
4. Ибн Арабӣ М. Фусус-ул-ҳикам. – Ал-Қоҳира, 2016. – 344 с.
5. Ибн Манзур М. М. Лисон-ул-араб. Ҷ. 12. – Бейрут, 1414 ҳ. қ. – 492 с.
6. Луғатномаи Деҳхудо. Ҳуш [Электронный ресурс]. – URL: https://vajehyab.com/dehkhoda/%D9%87%D9%88%D8%B4-3 (дата обращения: 04.07.2024).
7. Новая философская энциклопедия: в 4 т. Т. 2. – М.: Мысль, 2010. – 634 с.
8. Омулӣ Ҳ. Васоил-уш-шиъа. Ҷ. 15. – Қум. – 390 с.
9. Платон. Сочинения: в 4 т. Т. 2. – СПб.: Изд-во Олега Абышко, 2007. – 625 с.
10. Аль-Фараби. О разуме и науке / пер. с араб. – Алма-Ата: Наука, 1975. – 136 с.
11. Аль-Фараби. Трактат «О разуме» / пер. с араб., предисл. и коммент. Т. Ибрагима // Ориенталистика. – 2019. – Т. 2, № 4. – С. 954–982.
12. Зиеева З. И. Табиати метафизикии олам аз нигоҳи Ибни Арабӣ / З. И. Зиеева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – № 1. – С. 101–106. – EDN RNXBKJ.
13. Зиеева З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Сино ва Ибни Арабӣ / З. И. Зиеева // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М. В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – Т. 2, № 1 (22). – С. 118–132. – EDN IVAFZC.
14. Зиеева, З. И. Учение Икбала о природе и сущности человека / З. И. Зиеева // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3-5. – С. 167-171. – EDN UHIZYP.
15. Қурбоншоев И. Д. Философия Хамудуддина Кирмани / И. Д. Қурбоншоев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2025. – № 3 (281). – С. 10–15. – EDN IAJZCH.
16. Қурбоншоев И. Ҷ. Дин ва дунёи инсон аз дидгоҳи Ҳамудуддини Кирмонӣ / И. Ҷ. Қурбоншоев // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2024. – № 2 (30). – С. 42–46. – EDN HLPIKB.
17. Қурбоншоев И. Ҷ., Шерматов К. М. Таҳлили фалсафии андешаҳои Фридрих Нитсше дар бораи низоми ҷомеадорӣ ва давлат / И. Ҷ. Қурбоншоев, К. М. Шерматов // Ахбори Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баховaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2026. – № 2. – С. 65–72. – EDN ATROE

Муқарриз: Қурбоншоев И. Ҷ. – н.и.ф., дотсент, ИФС АМИТ

ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИФИ АҚЛ ВА ЗЕҲН (ҲУШ, ЗАКОВАТ) ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Мақола ба баррасӣ ва таҳлили моҳият ва таносуби мафҳумҳои ақл, зеҳн, ҳуш, ва заковат дар осори машшоиёни шарқӣ ва бахусус таълимоти фалсафии мутафаккирони бузурги тоҷику форс Форобӣ ва Ибни Сино бахшида шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки мутафаккирони машшоӣ дар таърифи ақл ва зеҳн, ҳушу заковат аз таърифи Арасту ва файласуфони дигари Юнони қадим ва инчунин мутафаккирони ақлгарои исломӣ баҳра гирифтаанд. Таъбироти ин мафҳумҳо гуногунанд, аммо, дар маҷмуъ маънии ақл дар манобеи исломӣ густурдатар аз маънои ҳуш аст. Мафҳуми ақл дар таърифи машшоиёни шарқӣ маротиби сегона дошта, онҳо хусусиятҳои заковатро низ дар бар гирифтаанд, ки он маъмулан дар мафҳуми «тааққул» ва ифода мегардад ва зеҳнро бошад, яке аз фазилатҳои қувваи нотиқаи фикрии нафс медонанд.

Калидвожаҳо: ақл, зеҳн, ҳуш, заковат, ақлгароӣ, тафаккур, мутааккирон, тафсир, логос, нус.

ТРАНСФОРМАЦИЯ ОПРЕДЕЛЕНИЯ РАЗУМА И ИНТЕЛЛЕКТА (УМА, ПРОНИЦАТЕЛЬНОСТИ) В УЧЕНИИ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

Статья посвящена рассмотрению и анализу сущности и взаимосвязи понятий разума, интеллекта, сознания и интеллекта в трудах восточных философов, и в частности в философском учении великих таджикских и персидских мыслителей Аль-Фараби и Ибн Сины. Следует отметить, что философы Средневековья при определении разума, интеллекта, сознания и интеллекта опирались на определения Аристотеля и других философов Древней Греции, а также исламских рационалистов. Интерпретации этих понятий различаются, но в целом значение разума в исламских источниках шире, чем значение сознания. Понятие разума в определении восточных ученых имеет три уровня, они также включают в себя характеристики интеллекта, который обычно выражается в понятии «интеллект», и рассматривают интеллект как одну из добродетелей интеллектуальной силы души.

Ключевые слова: разум, интеллект, ум, проницательность, рационализм, мышление, мыслители, интерпретация, логос, нус.

TRANSFORMATION OF THE DEFINITIONS OF REASON AND INTELLECT (MIND, INSIGHT) IN THE TEACHINGS OF TAJIK-PERSIAN THINKERS

This article examines and analyzes the essence and interrelationships of the concepts of reason, intellect, consciousness, and intelligence in the works of Eastern philosophers, particularly in the philosophical teachings of the great Tajik and Persian thinkers Al-Farabi and Ibn Sina. It should be noted that medieval philosophers, when defining reason, intellect, consciousness, and intelligence, relied on definitions by Aristotle and other ancient Greek philosophers, as well as Islamic rationalists. Interpretations of these concepts vary, but in general, the meaning of reason in Islamic sources is broader than that of consciousness. The concept of reason, as defined by Eastern scholars, has three levels. They also include characteristics of the intellect, which is usually expressed in the concept of "intellect," and consider intelligence as one of the virtues of the intellectual power of the soul.

Key words: reason, intellect, intelligence, insight, rationalism, thinking, thinkers, interpretation, logos, nous.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турабоева Дилобар Ҳасановна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров, номзади илмҳои фалсафа, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734003, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков 1. Телефон: **+992 (3422) 6-52-73**. **ORCID -0000-0002-1234-5678**

Сведения об авторе:*Турабоева Дилобар Хасановна* - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат философских наук, исполняющая обязанности доцента общеуниверситетской кафедры философии.**Адрес:** 734003, г. Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова, 1**.Телефон: +992 (3422) 6-52-73. ORCID: 0000-0002-1234-5678.**

Information about the author: ***Turaboeva Dilorab Hasanova*** - Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, is a Candidate of Philosophical Sciences (PhD equivalent) and Acting Associate Professor of the University-wide Department of Philosophy. **Address:** 734003, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue, 1. **Phone: ++992 (3422) 6-52-73. ORCID: 0000-0002-1234-5678.**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 30.06.2026
Аз тақриз баргашт: 31.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ: 008:316.7

ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ФАРҲАНГИ ОММАВӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР: РОБИТА ВА ТАЗОДҲО

Саидов А.Ғ.
Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Дар илми фарҳангшиносӣ аз рӯйи таснифоти умумӣ, фарҳанг бо дарназардошти тамоми ҷанбаҳояш ба чор навъ: фарҳанги этникӣ, миллӣ, минтақавӣ ва умумибашарӣ тақсим мешавад. Ҳар навъи фарҳанг хусусиятҳои хоси худро дошта, дар раванди тараққиёти ҷомеа сифатҳои нав пайдо менамояд. Фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ аз ҷумлаи навъҳои фарҳанг мебошанд, ки дар таърихи муосири Тоҷикистон баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ робитаҳои гуногунро дорад. Аз як тараф, фарҳанги оммавӣ ҳамчун василаи паҳнсозии арзишҳо [17, с. 66], намунаҳои рафтор, тарзи ҳаёт ва меъёрҳои нав баромад намуда, ба шуури иҷтимоии ҷомеа таъсири фарогир мерасонад. Аз ҷониби дигар, фарҳанги миллӣ ҳамчун маҷмуи арзишҳои таърихӣ, маънавӣ, забонӣ ва эстетикии миллат кӯшиш менамояд, ки ҳувияти худро ҳифз ва бозтавлид кунад.

Фарҳанги миллии халқи тоҷик дар тули таърихи чандҳазорсолаи худ бар пояи анъанаҳои устувори маънавӣ, осори адабӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва санъатӣ ташаккул ёфтааст. Осори бузургони адабиёти классикӣ, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон ҳамчун мероси адабию пояи ҷаҳонбинии миллӣ ва худшиносии фарҳангӣ хизмат мекунанд. Ҳамон тавре, ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ин мерос то имрӯз дар зеҳни фарҳангии ҷомеа нақши калидӣ дошта, меъёрҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва зебоишиносии миллатро муайян месозад. Дар муқоиса бо ин, фарҳанги оммавӣ бештар ба талаботи бозор, завқи оммавӣ ва истеъмоли зуд нигаронда шудааст. Он тавассути телевизион, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, мусиқии сабук, синамои тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои фарҳанги визуалӣ паҳн гардида, аксаран хусусияти умумиҷаҳонӣ дорад [5, с. 184]. Маҳз ҳамин умумиҷаҳонӣ будани фарҳанги оммавӣ боис мегардад, ки он сарҳадҳои миллӣ ва этникиро нисбатан камранг созад [14, с.74].

Робитаи байни фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик бештар дар шакли таъсири мутақобила зоҳир мегардад. Дар як қатор ҳолатҳо унсурҳои фарҳанги миллӣ ба муҳтавои фарҳанги оммавӣ ворид мешаванд [15, с.24]. Масалан, истифодаи оҳангҳои фолклорӣ дар мусиқии муосир, муроҷиат ба образҳои таърихӣ ва рамзҳои миллӣ дар кино ва санъати тасвирӣ, ё таблиғи либосҳои миллӣ тавассути васоити рақамӣ. Ин раванд метавонад ҳамчун шакли мутобиқшавии фарҳанги миллӣ ба талаботи замон арзёбӣ гардад. Барои таҳқиқи робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ маҳз чунин гуногунандешии назариявӣ аҳаммияти калидӣ дорад, зеро ин ду падида дар доираи як таърифи маҳдуд шарҳ додашаванда нестанд. Вобаста ба равиши интихобшуда, фарҳанг ё ҳамчун низоми арзишҳо ва маъниҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад, ё ҳамчун маҷмуи шаклҳои фаъолияти инсонӣ ва намунаҳои рафтори таърихӣ ташаккулёфта [15, с.24]. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ на ҳамчун мафҳумҳои комилан муқобил, балки ҳамчун зинаҳо ва шаклҳои гуногуни зуҳури фарҳанг дар ҷомеаи муайян таҳлил карда шаванд.

Равиши тавсифӣ, ки дар корҳои Боас Ф. ва Кребер А. истифода шудааст, фарҳангро пеш аз ҳама ҳамчун воқеияти иҷтимоии мушаххас меомӯзад. Дар ин равиш таваҷҷуҳ ба урфу одат, расму ойин, тарзи зиндагӣ, забон, санъат ва таҷрибаи рӯзмарраи ҷомеа равона мегардад. Ин усул барои таҳлили фарҳанги миллӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро фарҳанги миллӣ маҳз дар шаклҳои зиндагии ҳамарӯза, дар анъанаҳои устувор ва хотираи таърихии мардум таҷассум меёбад. Аз ҳамин нуқтаи назар, фарҳанги миллии халқи тоҷик ҳамчун маҷмуи арзишҳо ва шаклҳои зиндагие баррасӣ мешавад, ки дар тули таърих ташаккул ёфта, тавассути забон, адабиёт, фолклор, ойинҳои мардумӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ интиқол меёбад.

Дар баробари ин, равиши арзёбӣ-методологӣ, ки дар таҳқиқоти Межуев В. [8], [9, с. 15] инкишоф ёфтааст, фарҳангро ҳамчун маҷмуи далелҳо ва низоми арзишҳо ва маъниҳои иҷтимоӣ маънидод мекунад. Дар ин ҷо фарҳанг ҳамчун шакли худшиносии ҷомеа, ифодаи идеалҳо, ҳадафҳо ва тамоюлҳои рушди иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Маҳз дар доираи ҳамин

равиш масъалаи фарҳанги миллӣ ҳамчун омили ҳифзи ҳувият ва фарҳанги оммавӣ ҳамчун механизми стандарткунонии шуури ҷамъиятӣ ба миён меояд. Фарҳанги оммавӣ дар ин маврид на танҳо маҷмуи маҳсулоти фарҳангӣ, балки шакли махсуси таъсиррасонӣ ба шуури иҷтимоӣ дониста мешавад, ки арзишҳоро ба шакли содда, дастраси умум ва аксаран тиҷоратӣ пешниҳод мекунад.

Методҳо. Аз нигоҳи методологӣ, робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ маҳз дар буриши ин ду равиш, яъне тавсифӣ ва арзишӣ равшантар ошкор мегардад. Агар равиши тавсифӣ имконият диҳад, ки унсурҳои мушаххаси фарҳанги миллӣ ва оммавӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ муайян карда шаванд, пас равиши арзишӣ имкон медиҳад, ки маъно ва самти таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ таҳлил гардад. Дар шароити муосир фарҳанги оммавӣ бо истифода аз механизмҳои муосири иртиботӣ, аз қабили ВАО ва фазои рақамӣ, ба соҳаҳое ворид мегардад, ки қаблан бештар ба фарҳанги миллӣ тааллуқ доштанд. Ин раванд дар сатҳи тавсифӣ ҳамчун омезиши шаклҳо ва дар сатҳи арзишӣ ҳамчун рақобати маъниҳо зоҳир мешавад.Бо такя ба таҳлилҳои зикршуда метавон гуфт, ки гуногунрангии таърифҳои фарҳанг камбудӣ набуда, баръакс, имконияти методологӣ барои омӯзиши робитаи фарҳанги миллӣ ва оммавӣ мебошад. Маҳз ҳамин номуайянии зоҳирии мафҳумӣ шароит фароҳам меорад, ки ҳар ду падида дар ҳамбастагӣ, таъсири мутақобила ва низоъҳои дохилии онҳо баррасӣ шаванд. Аз ин рӯ, истифодаи ҳамзамони равишҳои гуногуни илмӣ имкон медиҳад, ки фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ ҳамчун унсурҳои як раванди ягонаи фарҳангии ҷомеаи муосир таҳлил гарданд [13, с. 222-225].

Дар асоси равишҳои назариявӣ ва методологии болозикр, робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавиро метавон дар чанд ҷанбаи асосӣ баррасӣ намуд. Ин ҷанбаҳо ҳамбастагии ин ду падидаро нишон дода, мураккабии таъсири мутақобилаи онҳоро дар шароити ҷомеаи муосир равшан месозанд.

Ҷанбаи якум ҷанбаи арзишӣ-маънавӣ мебошад. Фарҳанги миллӣ пеш аз ҳама ба низоми арзишҳои таърихӣ, ахлоқӣ ва маънавии миллат такя мекунад, ки дар тули асрҳо ташаккул ёфтаанд. Фарҳанги оммавӣ бошад, арзишҳоро ба шакли содда, умумфаҳм ва аксаран истеъмолӣ пешниҳод менамояд [11, с.16-18]. Робитаи ин ду дар он зоҳир мегардад, ки фарҳанги оммавӣ арзишҳои миллиро паҳн ва оммавӣ месозад, вале ҳамзамон хатари тағйири муҳтавои аслии онҳоро низ ба вуҷуд меорад.

Ҷанбаи дуюм ҷанбаи коммуникатсионӣ мебошад. Фарҳанги миллӣ анъанавӣ тавассути механизмҳои классикии интиқоли фарҳанг, аз қабили оила, мактаб, адабиёт ва ойинҳо интиқол меёфт. Дар замони муосир фарҳанги оммавӣ бо истифода аз ВАО, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба канали асосии интиқоли арзишҳо табдил ёфтааст. Дар натиҷа, фарҳанги миллӣ маҷбур аст барои ҳифзи мавқеи худ аз ҳамин воситаҳои оммавӣ истифода барад.

Ҷанбаи сеюм ҷанбаи шаклӣ-эстетикӣ мебошад. Фарҳанги миллӣ дорои шаклҳои анъанавии ифода, аз ҷумла фолклор, мусиқии суннатӣ, либоси миллӣ ва санъати классикӣ аст. Фарҳанги оммавӣ ин шаклҳоро ба қолабҳои муосир мутобиқ намуда, онҳоро бо услубҳои нав пешниҳод мекунад. Ин раванд метавонад ҳам ба эҳё ва ҳам ба соддагардонии зебоишиносии миллӣ оварда расонад.

Ҷанбаи чорум ҷанбаи иҷтимоӣ-идентификатсионӣ мебошад. Фарҳанги миллӣ ҳамчун омили асосии худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ хизмат мекунад. Фарҳанги оммавӣ бошад, бештар ба ташаккули ҳувияти умумиҷаҳонӣ ё гурӯҳӣ нигаронда шудааст [4, с.355]. Робитаи онҳо дар он аст, ки шахс ҳамзамон ҳам узви ҷомеаи миллӣ ва ҳам иштирокчии фазои фарҳанги оммавӣ мегардад, ки ин ҳолат ба шаклгирии ҳувияти гибридӣ мусоидат мекунад [6. с.6].

Ҷанбаи панҷум ҷанбаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ мебошад. Фарҳанги оммавӣ зич бо бозор ва иқтисоди фарҳанг алоқаманд аст. Унсурҳои фарҳанги миллӣ дар ин раванд метавонанд ба маҳсулоти тиҷоратӣ табдил ёбанд, масалан, дар соҳаи сайёҳӣ, мӯд ё саноати фароғат. Ин ҳолат аз як тараф ба паҳншавии фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад, аз ҷониби дигар, хатари молигардонии арзишҳои маънавиро ба миён меорад.

Ҷанбаи шашум ҷанбаи танзимкунанда-сиёсӣ мебошад. Давлат тавассути сиёсати фарҳангӣ муносибати байни фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавиро танзим менамояд. Фарҳанги оммавӣ метавонад ҳамчун василаи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ истифода

шавад [16, с.17], дар ҳоле ки фарҳанги миллӣ ҳамчун пояи идеологии ваҳдати иҷтимоӣ ҳифз мегардад. Робитаи ин ду дар сиёсати фарҳангӣ бештар дар шакли ҳамгироӣ ва назорат ифода меёбад.

№	Ҷанба	Фарҳанги миллӣ	Фарҳанги оммавӣ	Шакли робита
1	Арзишӣ-маънавӣ	Арзишҳои таърихӣ ва ахлоқии устувор	Арзишҳои содда ва истеъмолӣ	Оммавигардонӣ ва тағйири маъно
2	Коммуникатсионӣ	Интиқоли анъанавӣ (оила, мактаб)	ВАО ва фазои рақамӣ	Истифодаи воситаҳои умумӣ
3	Шаклӣ-эстетикӣ	Шаклҳои суннатии ифода	Қолабҳои муосир ва стандартӣ	Мутобиқсозӣ ва соддагардонӣ
4	Идентификатсионӣ	Ҳувияти миллӣ	Ҳувияти умумиҷаҳонӣ	Ташаккули ҳувияти гибридӣ
5	Иқтисодӣ-тиҷоратӣ	Арзиш ҳамчун мерос	Арзиш ҳамчун маҳсулот	Тиҷораткунонӣ
6	Танзимкунанда-сиёсӣ	Пояи ваҳдати иҷтимоӣ	Василаи таъсиррасонӣ	Ҳамгироӣ ва назорат

Лозим ба ёдоварист, ки дар аввали солҳои бистуми асри гузашта консепсияи гуманистии Бахтин М. тадриҷан шакли маъмули худро пайдо кард, ки дар он ғояи фарҳанг бо салтанати маънавӣ пайваст мешуд. Аз нуқтаи назари Бахтин, фарҳанг маҷмуи шаклҳои зоҳирӣ, маҳсулоти моддӣ ва раванди маънавӣ ва ахлоқӣ мебошад, ки шахсият ва ҷомеаро ба ҳам мепайвандад. Ин назария ба таҳлили робитаи фарҳанги миллӣ ва оммавӣ аҳаммияти калидӣ дорад, зеро он равандҳои таъсири дуҷониба ва ҳамгироии онҳо ба зеҳни инсон ва ҷомеаро равшан мекунад [2].

Бахтин таъкид мекунад, ки фарҳанг бояд зиндагии маънавию ахлоқии инсонро беҳтар созад. Дар ин замина, фарҳанги миллӣ, ки асоси ҳувияти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқии мардумро ташкил медиҳад, наметавонад аз таъсири фарҳанги оммавӣ ҷудо бошад. Фарҳанги оммавӣ, ки аксаран ба шаклҳои умумфаҳм ва васеъ паҳншаванда, стандартизатсияшуда ва ба талаботи бозор мутобиқ аст, арзишҳои миллиро бо истифода аз механизмҳои муосир, яъне шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва ВАО ба шуури ҷомеа ворид мекунад. Ин раванд ҳам заминаи ҳамгироӣ ва ҳам манбаи низоъ байни ду падида мешавад: аз як тараф, унсурҳои фарҳанги миллӣ дар шаклҳои муосир паҳн мешаванд; аз дигар тараф, маъно ва мазмуни аслии арзишҳои миллӣ метавонад таҳриф ё соддагардонида шавад.

Ҳамин тавр, назарияи гуманистии Бахтин равиши таҳлилии ахлоқӣ ва диалогиро пешниҳод мекунад, ки барои робитаи фарҳанги миллӣ ва оммавӣ муҳим аст. Муколамаи ҳақиқӣ ва дарки «дигар» асоси таъсири фарҳанг ба шахсият мебошад. Фарҳанги миллӣ тавассути анъанаҳо, забон, адабиёт ва ойинҳои мардумӣ арзишҳои худро интиқол медиҳад, вале фарҳанги оммавӣ ин арзишҳоро ба шаклҳои дастрас ва васеъ паҳншуда мутобиқ мекунад. Танҳо тавассути диалог ва муоширати ахлоқӣ метавон таъсири фарҳанги оммавиро ба маъно ва арзишҳои миллӣ ба таври созанда ва эҷодӣ самаранок гардонд [2]. Ин раванд дар замони муосир, ки ҷаҳонишавӣ ва васоити ахбори омма таъсири қавӣ доранд, аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Фарҳанги миллӣ наметавонад аз таъсири оммавӣ ҷудо бошад, вале метавонад онро ҳамчун механизми паҳнкунии арзишҳо ва маърифати фарҳангӣ истифода барад. Ба ҳамин маънӣ, робитаи байни фарҳанги миллӣ ва оммавӣ раванди мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад, ки ҳамгироӣ, рақобат ва ҳамзамон ҳамкориро дар бар мегирад.

Аммо, инро бояд илова намуд, ки робитаи бисёр мураккаб доштани фарҳанги миллӣ бо фарҳанги оммавӣ, мантиқан маънои онро дорад, ки робитаи мазкур дар баробари доштани ҷанбаҳои созанда, паҳлуҳои манфиро низ фаро мегирад [3. с. 405]. Ҷанбаҳои манфии ин раванд пеш аз ҳама ба сатҳи худшиносии миллӣ таъсир мерасонанд, зеро

фарҳанги оммавӣ бо хусусияти универсалӣ, стандартизатсияшуда ва тиҷоратии худ арзишҳои миллӣ ва таърихиро тадриҷан канор мегузорад ё ба қолабҳои умумӣ мутобиқ месозад. Дар чунин шароит эҳтимоли тамоюл ба ассимилятсияи фарҳанги миллӣ зиёд мегардад.

Яке аз омилҳои асосии ин раванд соддагардонии арзишҳои фарҳангӣ дар доираи фарҳанги оммавӣ мебошад. Арзишҳои миллӣ, ки дар асл дорои муҳтавои таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ мебошанд, дар фазои фарҳанги оммавӣ аксаран ба рамзҳои зоҳирӣ ва шаклҳои визуалӣ табдил меёбанд. Дар натиҷа, мазмуни маънавии онҳо заиф шуда, танҳо ҷиҳати намоишӣ ва истеъмолии онҳо боқӣ мемонад. Ин ҳолат ба шаклгирии тасаввуроти сатҳӣ дар бораи фарҳанги миллӣ, махсусан дар байни насли ҷавон, оварда мерасонад. Ҷанбаи дигари манфии робитаи фарҳанги миллӣ ва оммавӣ дар заъиф гардидани нақши анъанаҳо ҳамчун механизми интиқоли фарҳанг зоҳир мегардад. Агар фарҳанги миллӣ бештар ба меросбарории наслҳо, хотираи таърихӣ ва таҷрибаи зиндагии ҷамъиятӣ такя кунад, фарҳанги оммавӣ ба истеъмоли зуд ва тағйирёбандаи маҳсулоти фарҳангӣ равона шудааст. Ин фарқият боис мегардад, ки арзишҳои миллӣ на ҳамеша қобили рақобат бо маҳсулоти ҷолиб ва динамикии фарҳанги оммавӣ бошанд. Дар чунин шароит анъанаҳо тадриҷан аҳаммияти иҷтимоии худро аз даст дода, ҷойи худро ба шаклҳои муваққатӣ ва гузарандаи фарҳангӣ медиҳанд. Лозим ба тазаккур аст, ки фарҳанги оммавӣ ба тағйири меъёрҳои ахлоқӣ ва рафтории ҷомеа таъсир мерасонад. Дар ҳолате, ки фарҳанги миллӣ меъёрҳои ахлоқиро ҳамчун арзишҳои устувор ва роҳнамоҳои ҳаётӣ пешниҳод мекунад, фарҳанги оммавӣ аксаран онҳоро ба шаклҳои нисбӣ ва тағйирёбанда табдил медиҳад. Дар натиҷа, меъёрҳои ахлоқии миллӣ зери таъсири қолабҳои бегона қарор гирифта, маънои аслии худро гум менамоянд. Ин раванд ба суст шудани ҳамбастагии иҷтимоӣ ва косташавии масъулияти маънавии шахсият дар назди ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар заминаи равандҳои зикршуда, ассимилятсияи фарҳангӣ ҳамчун хатари воқеӣ зуҳур мекунад. Ассимилятсия на ҳамеша шакли ошкоро дорад; он аксаран дар сатҳи шуур, завқ ва интихоби фарҳангӣ ба таври пинҳонӣ сурат мегирад. Вақте ки шахс маҳсулоти фарҳанги оммавиро бидуни таҳлили интиқодӣ қабул мекунад, тадриҷан арзишҳо, меъёрҳо ва рамзҳои фарҳанги миллӣ аз майдони шуури ӯ канор мераванд. Дар натиҷа, худшиносии миллӣ суст гардида, эҳсоси тааллуқ ба фарҳанги миллӣ коҳиш меёбад.

Дар асоси таҳлилҳои болозикр, ҷанбаҳои манфии робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавиро метавон ба таври низомманд дар ҷадвали зерин нишон дод. Ҷадвал паҳлуҳои асосии таъсири манфии фарҳанги оммавиро ба фарҳанги миллӣ, махсусан ба худшиносии миллӣ инъикос менамояд.

№	Ҷанбаи манфӣ	Моҳият ва зоҳиршавӣ	Таъсир ба фарҳанги миллӣ	Оқибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ
1	Соддагардонии арзишҳо	Табдил ёфтани арзишҳои сирф миллӣ ба шаклҳои зоҳирӣ ва истеъмолӣ	Косташавии мазмуни маънавӣ ва рамзии фарҳанг	Шаклгирии фаҳмиши сатҳӣ аз фарҳанги миллӣ
2	Стандарткунонии фарҳанг	Ҳукмронии қолабҳои умумиҷаҳонӣ ва якнавохт	Аз байн рафтани гуногунрангии миллӣ	Камранг шудани фарқияти фарҳангӣ
3	Заъифшавии анъанаҳо	Коҳиши нақши меросбарории наслҳо	Гусастагии пайванди таърихӣ	Коҳиши хотираи фарҳангӣ
4	Тағйири меъёрҳои ахлоқӣ	Нисбӣ гардидани меъёрҳои ахлоқии миллӣ	Сустшавии низоми ахлоқии суннатӣ	Коҳиши масъулияти иҷтимоӣ
5	Ассимилятсияи фарҳангӣ	Ҷабида шудани унсурҳои миллӣ ба фарҳанги оммавӣ	Аз даст рафтани ҳувияти миллӣ	Косташавии худшиносии миллӣ

6	Бартарияти истеъмолгарой	Афзалият ёфтани завқи бозорӣ	Камаҳаммият шудани арзишҳои маънавӣ	Ғалабаи муносибати утилитарӣ
7	Таъсири яктарафаи иттилоотӣ	Бартарии маҳсулоти хориҷии фарҳанги оммавӣ	Коҳиши нуфузи фарҳанги миллӣ	Вобастагии фарҳангӣ
8	Заифшавии забони миллӣ	Ивазшавии қолабҳои забонӣ	Коҳиши истифодаи забони модарӣ	Хатари гум шудани мероси забонӣ

Натиҷа. Дар доираи таҳлили ҷанбаҳои манфии робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ, андешаҳои намояндагони фалсафа ва фарҳангшиносии асри XX аҳаммияти назариявии махсус доранд [10, с.348]. Таҳлилҳои онҳо имкон медиҳанд, ки хусусияти иҷтимоӣ, идеологӣ ва ахлоқии фарҳанги оммавӣ амиқтар дарк гардад. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, фарҳанги оммавӣ пеш аз ҳама ҳамчун маҳсули фаъолияти касбии ҳунармандон ба вуҷуд меояд, яъне он аз ҷониби мутахассисоне офарида мешавад, ки техника ва усулҳои истеҳсоли маҳсулоти фарҳангиро хуб медонанд, аммо на ҳамеша дорои илҳоми эҷодӣ ва ғояи баланди маънавӣ мебошанд. Маҳз ҳамин хусусият боис мегардад, ки фарҳанги оммавӣ бештар ба талаботи бозор ва истеъмоли оммавӣ мутобиқ шуда, ба кам кардани талошҳои зеҳнӣ ва тафаккури интиқодии истеъмолкунанда равона гардад [12, с. 255]. Дар ҳамин замина, М. Вебер ин гурӯҳи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони фарҳанги оммавиро бо иборaи машҳури худ ҳамчун «мутахассисони бе руҳ ва истеъмолкунандагони (истифодабарандагон) бе дил» тавсиф кардааст. Ин таъбир нишон медиҳад, ки дар фарҳанги оммавӣ фаъолияти эҷодӣ ва маънавӣ ҷойи худро ба механизми техникӣ ва истеъмолии фарҳанг медиҳад. Барои робитаи фарҳанги миллӣ ва оммавӣ чунин раванд хатарнок аст, зеро фарҳанги миллӣ бар илҳоми эҷодӣ, таҷрибаи таърихӣ ва маънои амиқи арзишҳо такя мекунад, дар ҳоле ки фарҳанги оммавӣ бештар ба шакл ва самаранокии бозорӣ нигаронида шудааст [18, с. 59].

Дар илми иҷтимоӣ мавқеъе низ вуҷуд дорад, ки фарҳанги оммавиро ҳамчун воситаи фиреби омма арзёбӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, дар ҷомеа ҳамеша табақае мавҷуд аст, ки намояндагони зиёиёнро дар бар мегирад ва онҳо ба қуллаҳои дониш ва фарҳанг тамоюл доранд. Ин гурӯҳ, ба ақидаи муҳаққиқон, вазифадор аст муҳити зарурии маънавию зеҳниро дар ҷомеа ба вуҷуд оварад ва ҳамчун ҳомили фарҳанги олӣ баромад намояд. Маҳз ҳамин зиёиён ба муқобили табдил ёфтани инсон ба «одами якандоза (якранг)» муқовимат мекунанд. Ин мафҳумро Г. Маркузе - намояндаи мактаби фалсафии Франкфурт барои тавсифи падидаи иҷтимоии асри XX истифода бурдааст. Ба андешаи ӯ, «одами якандоза» шахсест, ки дар зоҳир хушбахт аст, вале шуури ғуломона дорад ва қобилияти тафаккури интиқодиро аз даст додааст.

Дар идомаи ин баҳс, Т. Адорно - дигар намояндаи мактаби Франкфурт мафҳуми «индустрияи (саноат)-и фарҳанг»-ро пешниҳод мекунад. Ӯ бар он аст, ки «индустрияи фарҳанг» шакли қасдонаи ҳамгироии истеъмолкунандагон аз боло мебошад. Ба ақидаи Адорно, фарҳанги оммавӣ фарҳанги «паст» ва «баланд»-ро, ки дар тули асрҳо аз ҳам ҷудо буданд, ба як сатҳи умумӣ меорад ва ин раванд ба ҳар ду ҷониб зарар мерасонад. «Индустрияи фарҳанг» бо шуур ва зеҳни ноогоҳи омма ошкоро бозӣ мекунад, завқи содда, ҳатто таҳрифшударо таблиғ менамояд ва ба ин васила инсонро аз асли маънавии худ дур месозад. Аз нигоҳи Адорно, «индустрияи фарҳанг» як навъ хиёнат ба инсон мебошад, зеро он озодии зеҳнӣ ва қобилияти тафаккури интиқодии ӯро маҳдуд месозад [7. С. 326].

Дар ҳамин замина, Маркузе умеди раҳоӣ аз таъсири фишоровари фарҳанги оммавиро ба «авангарди» фарҳангӣ мебандад, яъне ба гурӯҳҳои эҷодие, ки қобилияти шикастани қолабҳои стандартӣ ва эҷоди шаклҳои нави тафаккури фарҳангиро доранд [7. с. 326-328]. Барои фарҳанги миллӣ чунин мавқеъ аҳаммияти махсус дорад, зеро маҳз неруи эҷодии зиёиён ва намояндагони фарҳанги олӣ метавонад арзишҳои миллиро аз ҳалшавӣ дар ҷараёни фарҳанги оммавӣ ҳифз намояд.

Бо вуҷуди ин, дар илм мавқеъҳои мӯътадилтар низ вуҷуд доранд. Муҳаққиқон Г. Сельдес ва Д. Уайт бар онанд, ки дар фарҳанги оммавӣ ҷанбаҳои судманд низ ҷой доранд.

Ба ақидаи онҳо, фарҳанги оммавӣ ба одамони одӣ иттилооте медиҳад, ки барои ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо аҳаммият дорад. Илова бар ин, ҳатто агар фарҳанги оммавӣ дар баъзе шаклҳо вулгарӣ ҳам бошад, таъсири манфии онро мутлақ шуморидан дуруст нест, зеро инсон худ интихоб мекунад, ки кадом маҳсулоти фарҳангиро қабул намояд [1, с. 288]. Д. Уайт таъкид мекунад, ки фарҳанги оммавӣ «ба тарзи худ инсонро дилхуш мекунад, фароғат мебахшад ва ҳатто маърифат медиҳад» ва аз ин рӯ, айбдор кардани он дар ҳама гуна нуқсонҳои ахлоқӣ ё иҷтимоӣ асоси кофӣ надорад [1 с. 290]. Ин баҳсҳои назариявӣ бори дигар нишон медиҳанд, ки фарҳанги оммавӣ падидаи яктарафа нест. Аммо дар робита ба фарҳанги миллӣ, махсусан дар ҷомеаҳое, ки раванди худшиносии миллӣ ҳанӯз дар марҳилаи таҳким қарор дорад, таъсири фарҳанги оммавӣ метавонад бештар хусусияти манфӣ дошта бошад. Зеро дар чунин шароит фарҳанги оммавӣ шаклҳои истеъмолии фарҳангро паҳн мекунад ва метавонад арзишҳои миллиро зери фишори қолабҳои умумиҷаҳонӣ қарор диҳад. Аз ин рӯ, истифодаи таҳлилҳои Вебер, Маркузе, Адорно, Сельдес ва Уайт барои таҳкими мавзуи робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ имкон медиҳад, ки ин раванд ҳамчун масъалаи мураккаби иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ дарк карда шавад.

Хулоса. Ҳамин тариқ, таҳлили робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ дар замони муосир нишон медиҳад, ки ин равобит хусусияти бисёрсатҳавӣ, мураккаб ва зиддиятнок дорад. Фарҳанги миллӣ ҳамчун маҷмуи арзишҳои таърихӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва рамзии миллат бар пояи хотираи таърихӣ, забон, анъанаҳо ва таҷрибаи ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, нақши асосӣ дар худшиносии миллӣ ва устувории иҷтимоӣ иҷро менамояд. Дар муқобили он, фарҳанги оммавӣ ҳамчун падидаи хоси ҷомеаи индустриалӣ ва пасоиндустриалӣ, бештар ба механизми бозор, стандартизатсия ва истеъмоли оммавӣ такя намуда, тавассути воситаҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири густурда мерасонад. Дар ҷараёни таҳқиқ равшан гардид, ки гуногунрангии равишҳои назариявӣ ва методологӣ дар фарҳангшиносӣ имкон медиҳад робитаи фарҳанги миллӣ ва оммавӣ ҳамчун муқобилияти шаклҳо ва таъсири мутақобилаи маъниҳо таҳлил гардад.

Равишҳои тавсифӣ ва аксиологӣ нишон медиҳанд, ки фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ дар як фазои ягонаи иҷтимоӣ амал карда, ҳамзамон ҳамдигарро тағйир медиҳанд. Маҳз дар ҳамин буриш масъалаи ҳифзи арзишҳои миллӣ, забон, анъана ва меъёрҳои ахлоқӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Таҳлили консепсияи гуманистии Бахтин М. собит сохт, ки фарҳанг пеш аз ҳама падидаи маънавӣ ва ахлоқист ва берун аз зиндагии воқеии инсон вуҷуд дошта наметавонад. Ин равиш робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавиро аз зовияи диалог, муошират ва дарки «дигар» баррасӣ гардад. Фарҳанги миллӣ танҳо дар шароите метавонад дар фазои фарҳанги оммавӣ ҳузури фаъол дошта бошад, ки арзишҳои он ба таври огоҳона ахлоқӣ пешниҳод гарданд, на ҳамчун маҷмуи рамзҳои зоҳирӣ ва истеъмолӣ.

Ҳамзамон, таҳлилҳои намояндагони мактаби Франкфурт ва дигар муҳаққиқон нишон доданд, ки фарҳанги оммавӣ ба сустшавии тафаккури интиқодӣ, соддагардонии арзишҳо ва шаклгирии шуури истеъмолгароёна мусоидат менамояд. Падидаҳои «индустрияи фарҳанг» ва стандартизатсияи завқи зебоишиносӣ хатари воқеии ассимилятсияи фарҳанги миллиро ба вуҷуд меоранд, махсусан дар ҷомеаҳое, ки раванди худшиносии миллӣ ҳанӯз ба дараҷаи устувор нарасидааст.

Дар чунин шароит, фарҳанги миллӣ тадриҷан хусусияти аслии худро аз даст дода, ба унсури канорӣ дар фазои фарҳанги оммавӣ табдил меёбад.Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон дод, ки фарҳанги оммавиро наметавон комилан падидаи манфӣ арзёбӣ кард. Он дорои имкониятҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва ҳатто маърифатӣ мебошад, ки дар сурати истифодаи огоҳона ба паҳншавӣ ва муаррифии арзишҳои миллӣ мусоидат менамояд. Аммо ин имкониятҳо танҳо дар ҳолате ба натиҷаи мусбат мерасанд, ки сиёсати фарҳангии ҳадафманд, сатҳи баланди маърифати фарҳангӣ ва нақши фаъоли зиёиён таъмин гардад. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки ояндаи робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ аз тавозуни оқилона миёни ҳифзи арзишҳои аслӣ ва ҳамгироии интиқодии унсурҳои муосир вобаста аст.

Мақола дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва

соҳибкории Тоҷикистон юарои солҳои 2025-2030 зери унвони "Ҷанбаҳои назариявӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва фарҳангии рушди сайёҳии соҳибкорӣ дар ҷомеаи имрӯза" таълиф гардидааст.

Муқарриз:Мирзода Ф. – н.и.с., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Багдасарьян Н.Г. Культурология: учебник для бакалавров / Н.Г. Багдасарьян. М., 2011, с. 290.
2. Бахтин М.М. Архитектоника поступка // Социологические исследования. 1986. № 2. С. 15.
3. Библер В.С. От наукоучения к логике культуры. Два философских ведения в XXI век. М. 1991. С. 405.
4. Блуммер Г. Коллективное поведение // Психология масс. Самара. 1998. С. 355.
5. Кукаркин А.В. Буржуазная массовая культура: Теории. Идеи. Разновидности. Образцы. Техника. Бизнес. М., 1985, с.106.
6. Лебон Г. Психология масс //Психология масс. Самара. 1998. С. 6.
7. Мареева Е.В. Культурология. Теория и история культуры. М., 2008, с. 361.
8. Межуев В. М.Философия культуры. Эпоха классики. М. 2003. С. 39-41.
9. Межуев В. М. Проблемы философии культуры: Опыт историко-материалистического анализа. М. 1984. 325 с.
10. Ортега-и-ГассетХ. Эстетика, философия культуры. М. 1991. С. 348.
11. Петрова С. И. О толковании понятия "потребность" в разных науках // Вестник ИМСИТ. 2017. № 2 (70). С. 16-18.
12. Петрова С. И. О смысле и значении категории "потребность" // Бюллетень науки и практики. 2017. № 6 (19). С. 255-259.
13. Петрова С. И. Культурные процессы //Бюллетень науки и практики. 2016. № 7 (8). С. 222-225.
14. Пронькина А.В. Массовая культура как культурологическая категория // Вестник Рязанского государственного университета имени С. А. Есенина. 2012, № 1 (34), с. 74.
15. Флиер А. Я. Массовая культура и ее социальные функции // Общественные науки и современность. 1998. № 6. С. 24-37.
16. Фрейд З. Массовая психология и анализ человеческого «Я» // Психология масс. Самара. 1998. С. 17.
17. Чавчавадзе Н. З. Человек — культура — ценность //Вопросы философии. 1981. № 6. С. 66-67.
18. Швецова А.В., Норманская А.В. Массовая культура как проблема современного общества: общетеоретический анализ // Вестник Московского государственного университета культуры и искусств. 2016, № 6 (74), с. 59.

ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ФАРҲАНГИ ОММАВӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР: РОБИТА ВА ТАЗОДҲО

Дар мақола робитаи фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҷомеаи муосир таҳлил мегардад. Муаллиф фарҳанги миллиро ҳамчун пояи худшиносии миллӣ, ҳувият ва хотираи таърихии ҷомеа баррасӣ намуда, фарҳанги оммавиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангии вобаста ба механизми бозор ва истеъмоли оммавӣ таҳлил мекунад. Дар асоси равишҳои фалсафӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла ақидаҳои намояндагони мактаби Франкфурт (Г. Маркузе, Т. Адорно) ва таҳлилҳои муосир, ҷанбаҳои мусбат ва манфии таъсири фарҳанги оммавӣ ба фарҳанги миллӣ ошкор карда мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба хатарҳои ассимилятсияи фарҳангӣ, сустшавии худшиносии миллӣ ва стандартизатсияи арзишҳои фарҳангӣ равона шудааст. Ҳамзамон, мақола нишон медиҳад, ки фарҳанги оммавӣ метавонад дар сурати сиёсати фарҳангии ҳадафманд ҳамчун воситаи муаррифӣ ва интиқоли арзишҳои миллӣ хизмат намояд. Хулоса бар он аст, ки тавозуни оқилона байни ҳифзи фарҳанги миллӣ ва истифодаи интиқодии имкониятҳои фарҳанги оммавӣ шарти муҳими рушди устувори фарҳангӣ мебошад.

Калидвожаҳо: фарҳанги миллӣ, фарҳанги оммавӣ, худшиносии миллӣ, ҷаҳонишавӣ, индустрияи фарҳанг, ассимилятсияи фарҳангӣ.

НАЦИОНАЛЬНАЯ КУЛЬТУРА И МАССОВАЯ КУЛЬТУРА В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ: ВЗАИМОСВЯЗЬ И ПРОТИВОРЕЧИЯ

В статье анализируется взаимосвязь национальной и массовой культуры в условиях глобализации и современного социокультурного развития. Национальная культура рассматривается как основа национального самосознания, исторической памяти и духовной устойчивости общества, тогда как массовая культура анализируется как феномен, формируемый рыночными механизмами и ориентированный на массовое потребление. На основе философско-культурологических подходов, включая идеи представителей Франкфуртской школы (Г. Маркузе, Т. Адорно), выявляются как позитивные, так и негативные аспекты влияния массовой культуры на национальную культуру. Особое внимание уделяется проблемам культурной ассимиляции, утраты национальной идентичности и стандартизации ценностей. В то же время подчеркивается, что массовая культура при целенаправленной культурной политике может выступать средством распространения и популяризации национальных культурных ценностей. Делается вывод о необходимости формирования сбалансированной модели взаимодействия национальной и массовой культуры в условиях глобализации.

Ключевые слова: национальная культура, массовая культура, национальное самосознание, глобализация, индустрия культуры, культурная идентичность.

NATIONAL CULTURE AND MASS CULTURE IN THE CONTEMPORARY WORLD: INTERRELATIONS AND CONTRADICTIONS

The article examines the relationship between national culture and mass culture in the context of globalization and contemporary sociocultural transformations. National culture is analyzed as the foundation of national identity, historical memory, and spiritual continuity of society, while mass culture is considered a phenomenon shaped by market mechanisms and mass consumption. Based on philosophical and cultural approaches, including the ideas of the Frankfurt School representatives (H. Marcuse, T. Adorno), the study identifies both positive and negative aspects of the influence of mass culture on national culture. Particular attention is paid to the risks of cultural assimilation, the weakening of national self-awareness, and the standardization of cultural values. At the same time, the article argues that mass culture, when supported by a purposeful cultural policy, can serve as an effective tool for promoting and disseminating national cultural values. The study concludes that a balanced and critical interaction between national and mass culture is essential for sustainable cultural development in the era of globalization.

Keywords: national culture, mass culture, national identity, globalization, culture industry, cultural assimilation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидов Абдуҷаббор Ғафурович*** – Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**,**ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ. **Суроға:** 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **559003304**

Сведения об авторе: ***Саидов Абдуджаббор Гафурович*** - Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **559003304**

Information about the author: ***Saidov Abdujabbor Ghafurovich*** - Institute of tourism of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, assistant of the department of humanities and natural-mathematical sciences. **Address:** 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5. Phone: **559003304**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 28.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ: 1(091).8 (575.3)

ОЗОДАНДЕШӢ ВА ҲАҚИҚАТНИГОРӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Абдуллоев К.Қ.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқаддима. Истиқлоли давлатӣ яке аз бузургтарин ва арзишмандтарин дастовардҳои давлату миллат ба ҳисоб рафта, он дар эҳё ва ташаккули дигарбораи миллати тоҷик ҳамчун молику соҳиби фарҳанг ва тамаддуни воло нақши хеле назаррас дорад. Миллати куҳанбунёди тоҷик, ки дорои таърих, тамаддун ва фарҳанги пурғановат аст «дар ҳама давру замонҳо ба мероси гаронбаҳои гузаштаи худ арҷ гузошта... осори хаттиву шифоҳӣ симои барҷаставу тобноки онҳоро ситоиш менамояд» [7, с. 3].

Гиромидошти таърих, фарҳанг, забон ва арҷ гузоштан ба дастовардҳои илмиву фарҳангии ниёкон ва ба наслҳои оянда мерос гузоштани он аз дарки баланди масъулиятшиносии ҳар фарди ҷомеа дарак дода, дар тақвият ва густариши ҳувияти миллӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ нақши назаррас мебозад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъулият ва ҳисси баланди миллӣ қайд намудаанд, ки «ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳимми истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад» [6, с. 121].

Дар ин замина, таҳқиқу такмил ва эҳёи афкори фалсафии ниёгон беш аз пеш аҳаммияти баланди илмиву амалӣ касб намуда, дар тақвияти худшиносиву худогоҳии миллати тоҷик ва гузашта аз ин, дар ҳифзу нигаҳдошти истиқлоли давлатӣ ва муаррифии арзишҳои фарҳангӣ-илмӣ ба ҷаҳониён заминаи мусоиде фароҳам хоҳад овард.

Аз зумраи чунин фарзона фарзандони миллати тоҷик Абуалӣ ибни Сино ва Насируддини Тусӣ ба ҳисоб мераванд, ки ҳамчун донишмандони энсиклопедист ва мутафаккирони ҳамадон бо осори рангин ва гаронбаҳои хеш дар ташаккули ҷанбаҳои мухталифи илм ва фалсафаи на танҳо Шарқ, балки тамоми башарият, нақши назарраси пурғановат гузоштаанд.

Шоёни зикр аст, ки мутафаккирони асримиёнагии тоҷик дар тули таърих бо ҳикматпарварӣ ва тафаккури ақлонии худ дар боло бурдани сатҳи маънавиёти инсоният саҳми назаррас гузоштанд. Ин равияи ҳикматпарварӣ ва инсонмеҳварӣ, ки решаҳои амиқи фарҳангӣ ва фалсафӣ дорад, то имрӯз идома ёфта, ҷузъи ҷудонашавандаи худшиносии миллӣ боқӣ мондааст. Муаррихи олмонӣ Бурхард Брентес ин равандро таҳқиқ намуда, чунин мегӯяд: «Тоҷикон дар мисоли Ибни Сино фарҳанги баландпояи халқҳои Осиёи Марказиро ташаккул дода, ҳамзамон, ҳазорсолаҳо боз онро ҳифз менамояд» [8, с. 238].

Дар ҳамин шакл метавон шахсияти Насируддини Тусиро муайян намуд, ки новобаста ба вазъи ногувори иҷтимоӣ тавонист дар меҳвари равандҳои номутаносиб қарор бигирад ва дар такя ба асолати хеш ҷомеаро муттаҳид созад. Тусишиноси озарбойҷонӣ Р. Дениз дар ин хусус чунин мегӯяд: «Тусӣ, ки ақлу заковати фавқулода дошт, бо тамоми умури муҳимтарини давлатӣ сарукор дошта, тамоми қишрҳои ҷомеа, хусусан олимон пуштибонии ӯро пайваста эҳсос мекарданд» [3, с. 122].

Насируддини Тусӣ дар соҳаҳои гуногун таълифот ба ҷой гузошта, асари «Асос ул-иқтибос»-и ӯ, ки бо тоҷикӣ (форсӣ) таҳия шуда буд «пас аз китоби «Шифо» мукаммалтарин асар дар илми мантиқ дониста мешавад» [13, с. 12].

Шахсият ва маърифати тадриҷии Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ. Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино 16 – уми августи соли 980 дар деҳаи Афшана, ки аз тобеияти Бухоро буд, ба дунё омада, соли 1037 дар Ҳамадон вафот кардааст. Тақрибан дар синни шашсолагӣ хонаводаи Ибни Сино аз деҳаи Афшана ба шаҳри Бухоро кӯч баст. Он замон Бухоро на танҳо маркази сиёсӣ ва фарҳангии тоҷикон, балки яке аз муҳимтарин марказҳои илмӣ ва маърифатии ҷаҳони мутамаддини асри X ба шумор мерафт. Маҳз дар ҳамин муҳити пурбори илмӣ ва фарҳангӣ заминаи рушди истеъдод ва ҷаҳонбинии фалсафии Ибни Сино гузошта шуд.

Абуҷаъфар Муҳаммад Ҳасани Тусӣ соли 1201 дар шаҳри Тус таваллуд шуда, соли 1275 дар сарзамини Ироқ дунёро падруд гуфтааст. Илмҳои шариат ва адабро назди падар омӯхт

ва илми фиқҳ, мантиқ, фалсафа ва риёзиётро назди донишманди замонаш Камолиддин Муҳаммад Соҳиб азбар кардааст. Барои такмили илму маърифат Тусӣ ба ҳавзаҳои илмии Нишопур рӯ оварда, аз ҷумла, китоби «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Синоро назди Фаридуддин Домодии Нишопурӣ омӯхт.

Мусаллам аст, ки муҳити сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва адабии Шарқ нақши ҳалкунанда дар ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии онҳо дошт. Бо вуҷуди ин, мутафаккирон дар вуҷуди худ эҳсоси нокомилии маърифатӣ мекарданд, яъне дарк менамуданд, ки дониши инсонӣ ҳанӯз ба камоли мутлақ нарасидааст ва «барои расидан ба ҳақиқат талоши бештари ақлӣ ва зеҳнӣ зарур аст» [10, с. 12]. Аз ин рӯ, ба хотири аз бар намудани илмҳои замони худ, ба кишварҳои дигар ҳиҷрат намуда, забонҳои арабӣ, ибрӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва чанде аз забонҳои маъмули замонро аз худ намудаанд. Маҳз, ҳамин забондонӣ ва ҷаҳонбинии илмии онҳо буд, ки ба мавқеи иҷтимоиашон таъсир намуда, онҳоро баъд аз ал-Киндӣ ва Форобӣ яке аз машҳуртарин намояндагони мактаби илмиву фалсафии «машшоия (пайравони фалсафаи ақлгароии Арасту)» маъруф намуд.

Агар сохтори иҷтимоиро ба инобат гирем, замони зиндагӣ ва фаъолияти Ибни Сино басо мураккаб ва пуртаниш буд. Он даврараро метавон давраи зулматҳои эътиқодӣ ва ихтилофҳои мазҳабӣ номид, ки дар он фитнаҳои мазҳабӣ, ихтилофоти фикрӣ ва маҳдудиятҳои тафаккури озод роҳи рушди илм ва маърифатро то ҳадде баста буданд. Таҳриму мамнуъиятҳои мазҳабӣ, инчунин, фишорҳои иҷтимоиву сиёсӣ имкон намедоданд, ки ҷомеа ба таври озод ба илм рӯ оварад ва ҳақиқати маърифатиро ҷӯё гардад.

Дар чунин муҳити пурихтилоф Ибни Сино бо иродаи қавӣ ва зеҳни равшани худ тавонист роҳи хоси маърифат ва ҳикматро боз намояд. Танҳо Ибни Сино ва ба монанди ӯ, фидоиёни ин миллат бо ҷоннисориҳои пайваста, тавонистаанд, ки бар зидди ин қолабҳои догматикӣ истодагарӣ намуда, барои озодии баён, густариши тафаккури алтернативӣ ва умуман, барои густариши идеяи инсонмеҳварӣ мубориза баранд.

Аммо замони Тусӣ бо мафкурасозии иҷтимоиаш баръакси раванди аввала аст. Дар ин вақт каме озодӣ мушоҳида мешуд ва хоса Тусӣ бо вуҷуди арҷ гузоштан ба афкори эътиқодӣ ба аслу моҳият ва заковати фитрӣ таваҷҷуҳи хоса дошт. Ба назари ӯ, инсон махлуқи фавқуттабиӣ, дорои арзишҳо ва маҳоратҳост ва зиндагии ӯ на қолабӣ, балки ихтиёрию бунёдӣ аст.

Албатта, ин ҳама талошу кӯшишҳои пайвастаи мутафаккирон дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, заминаҳои бунёдии худро доранд:

- якум, таъсири мактабҳои шарқии қадима – Зардуштия, Зарвония, Монавия, Маздакия (Эрон), Браҳмания, Ҷайния, Буддоия (Ҳинд) ва мактабҳои сиёсӣ-фарҳангии Бобулистону Мисри қадим;

- дуюм, таъсири афкори илмӣ-фалсафии мактабҳо ва равияҳои гуногуни Юнони қадим, хусусан, Арасту;

- сеюм, назария ва амалияи афкори замони хеш, ки ҳамеша ӯро дар ҳолати мутаноқиз ба ҳайрат меовард ва ин ҳайратзадагӣ боис гардид, ки мутафаккирон ба омӯзишу пажуҳиши амиқи фалсафа дар муқоиса бо илмҳо ва манотиқи дигар бипардозанд.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки пажуҳиши мушаххаси осори ҳарду мутафаккир далолат бар он мекунад, ки заминаи муҳимми андешаҳои фалсафии онҳоро сарчашмаҳои бунёдӣ ва ратсионализми субъективӣ ташкил медиҳад. Тавре ба назар мерасад, Ибни Сино зимни пайгирии дилхоҳ масъалаи фалсафӣ дар «Китоб-уш-шифо» аввал назари олимон ва файласуфонро ҳамчун назарияи фалсафӣ атрофи масъалаи мавриди назар пешниҳод намуда, баъдан дар ин замина, бо баёни андешаҳои хеш аҳкоми матолибро ба баррасӣ мекашад. Ин гуна таҳқиқотро Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» ва «Ахлоқи Носирӣ» матраҳ месозад.

Дар баробари ин, ҳангоми таҳлил ва баррасии осори фалсафии Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ ба мавридҳое дучор омадан мумкин аст, ки онҳо ба таври мунаққидона нисбат ба андешаҳои мутафаккирони Юнон, махсусан Арасту, назар меафкананд. Яъне, бо вуҷуди он ки мутафаккирон намояндаи мактаби илмиву фалсафиеанд, ки пайравони он дар асоси таълимоти Арасту низоми андешаи худро бунёд кардаанд, дар афкори ҳардуи онҳо ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки аз баъзе назариёт ва принсипҳои Арасту рӯй гардонда, мавқеи мустақил ва ҷадидро ифода мекунанд.

Ин нукта гувоҳи он аст, ки машшоиёни шарқӣ на пайрави тақлидгаро, балки таҳлилгари озодандеш ва офарандаи низоми нави фалсафӣ ба ҳисоб мераванд. Масалан, Ибни Сино новобаста аз оне ки дар муқаддамаи «Мантиқи машриқия» аз хидматҳои бузурги Арасту дар рушди илми фалсафа ёдовар мешавад, пайравони ӯро дар масъалаи оне ки «умрашонро сарфаи таҳқиқи мавзуоти нодуруст – мутаассибона кардаанд» [13, с. 238], зери тозиёнаи танқид қарор додааст. Ин оҳанги озодандешӣ ва ҳақиқатталабӣ, ки маншаи онро илмҳои бунёдӣ ташкил медиҳад, аз Ибни Сино оғоз ва ба ӯ хатм намеёбад, яъне мутафаккирони эронитабори он замон пешомадони маърифати замони хеш маҳсуб мешуданд. Ба ҳама фикру мулоҳизаҳои Муаллими аввал Тусӣ низ розӣ нашуда, дар баъзе ҳолат барои исботи воқеият ӯро зери танқид қарор медиҳад, масалан дар шинохти бурҳони мантиқӣ чунин менависад: «Маводи бурҳон содиқ бувад ва маводи шеър ҷумла козиб (дурӯғ – К.А.)... Ин ҳукм ҷуз дар бурҳон содиқ нест» [5, с. 350].

Дар баробари ҷасорати маънавии мутафаккирон, метавон шоҳкории яке аз файласуфон ва табиатшиносони Шарқ – Абурайҳон Беруниро мисоловарӣ намуд, ки афроди мутаассибу узлатгаро ва пайравони ифротигарои Арастуро мазаммат намуда, қайд менамояд: «Камбудии чунин одамон дар он аст, ки онҳо бо ҷиддияти аз ҳад зиёд ҳар гуна фикри Арастуро ҳимоя намуда, имкони мавҷудияти хатоҳоро дар гуфтаҳои ӯ рад месозанд, гарчанде худ медонанд, ки ӯ дар илму дониш яке аз саъйкунандагону заҳматкашони бузург аст, вале на як сутуни ори аз хато» [1, с. 135].

Новобаста аз шебу фароз ва нобасомониҳои давр мутафаккирон тавонистанд баҳри наслҳои баъдӣ осори арзишманди илмиро ба мерос гузорад. Ибни Сино дар муддати начандон ҳаёти тулонӣ осоре ба монанди «Донишнома», «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Лавоҳиқ», «Китоб-ул-ахлоқ», «Ҳикмат-ул-машриқия», «Мубоҳисот», «Донишнома», «Ал-қонун фӣ ат-тиб», «Китоб-ул-ҳидоя», «Китоб-ул-ҳайвон», «Махориҷ-ул-ҳуруф», «Ишорот ва танбеҳот»-ро таҳия ва эҷодӣ намуда, дар ҳамин радиф Насируддини Тусӣ китобҳои «Асос-ул-иқтибос», «Шарҳ-ул-ишорот», «Равзаи таслим», «Таҷрид-ул-мантиқ», «Ахлоқи Носирӣ» ва ғайра бо фарогирии тамоми риштаҳои илмҳои замонашон, аз қабили мантиқ, фалсафа, табииёт, риёзиёт, ҳандаса, нуҷум, илоҳиёт, ахлоқ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, забоншиносӣ, назмшиносӣ ва тиб аз камолоти маънавии мутафаккирон дарак дода, дар пурғановат намудани хазинаи илмии на танҳо форсу тоҷик, балки тамоми башарият нақши мондагор ва арзишманде гузоштаанд.

Яке аз бузургтарин пешниҳодҳои Насируддини Тусӣ дар самти фалсафа он аст, ӯ дар китоби «Ахлоқи Носирӣ» мӯшикофона дар хусуси идроки олии инсон таваҷҷуҳ намуда, асоси онро «ҳиссиёти зоҳира ва ботина» шумурда, дар маҷмуъ, бунёди ҳардуро аз панҷ қисматӣ маҳсуб медонад, ки онҳо: «... биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ, басовиш ва ҳисси ботинии муштарак, тахайюл, тасаввур, таваҳҳум, ва зикр» [15, с. 47], ки ин албатта, яке аз нахустин гомҳо дар алоқамандии маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ дониста мешавад.

Тавре болотар низ ишора намудем осори арзишманди Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ на танҳо дар таҳкими соҳоти мухталифи илми Машриқзамин заминаи мусоид фароҳам овард, балки дар рушд ва такомули афкори илмиву фалсафии Шарқу Ғарб таъсири назарраси илмӣ гузоштаанд.

Ҷойгоҳи Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ дар рушди афкори фалсафаи миллӣ. Фалсафаи машшоияи хирадгаро дар қолаби як низоми фалсафии хос ба василаи мутафаккирони тоҷику форс бо сиришти комилан истидлолӣ ба вуҷуд омадааст. Агар асосгузори ин мактаб ал-Киндӣ маҳсуб шавад ҳам, вале ба ҳадди ниҳоӣ расонидани марзҳои маънавии ин мактаби иҷтимоии инсонмеҳвар аз ҷониби Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ амалӣ карда шудааст. Дуруст аст, ки классикон дар шинохти афкори фалсафӣ нахуст ба категорияҳои мантиқӣ, қиёсу бурҳон рӯ меовардаанд, ки албатта, маншаи ин равиш ба Форобӣ ва Ибни Сино мансуб аст.

Тусӣ ба машшоиёни пешин пурра такя намекард ва дар таҳқиқоташ озодию ихиёрро асос медонист ва ҳамчун давомдиҳандаи фалсафаи худӣ, ки маншаи онро афкори ратсионалии фарҳангистони «Гундишопур» ва дигар мактабҳои миллии болозикр ташкил медиҳанд, амал мекард. Насируддини Тусӣ ин равандро такмил намуда, ҳамчун риёзидони варзида, дар таҳқиқи масъалаҳои миқдорӣ ба сохти як масъалаи сифатӣ риёзӣ аз тавоноӣ ва ҳунармандии вижа бархурдор буд. Оид ба ин масъала, Брокилмон менависад: «Тусӣ

арзишҳои муҳим ва фаровонеро дар илми риёзӣ ва фалак ба кор бурдааст ва муаллафоти гузаштагон (Форобӣ ва Ибни Сино –К.А.)-ро баъд аз ситоишу сарзаниш тарҷума ва таҳрир кардааст. Ӯ аввалин донишмандест, ки мусалласотро илми мустақил ва дорои методологияи хос номид. Таълифоти Хоҷаи Тусӣ дар риёзиёт аз замони худаш то кунун дар мактабҳои шарқӣ ҷузъе аз китобҳои дарсии донишҷӯён шуморида мешаванд» [2, с. 35].

Маврид ба ёдоварӣ аст, ки дар шинохти ҳикмат ва илмҳои дақиқ машшоиёни шарқӣ кӯшиш намудаанд, ки дастовардҳои фалсафиашон танҳо ба хотири эътироф, шинохт, озодӣ, баробарии инсоният ва ҳаёти осоиштаи онҳо нигаронида шавад. Аз ин ҷост, ки онҳо побанди ҳеҷ мутафаккире ва ё мактабе набуда, афкори фалсафии хешро бо баёни анъанаи “пиндори нек”, такмилу тарвиҷ мебахшиданд.

Бо такмил ёфтани фалсафаи озодандешӣ ва инсонмеҳварӣ, ки асоси он аз ҳувият ва худшиносӣ маншаъ мегирад, назарияи иҷтимоии арсимиёнагии шарқиро боз ҳам дақиқтар ва боэътимодтар мегардонад. Бояд қайд кард, ки Ибни Сино дар муқоиса бо Насируддини Тусӣ таҳқиқоташро махсус ба ҷониби фалсафаи иҷтимоӣ мутаваҷҷеҳ насохтааст, аммо бешубҳа, онтологияи машшоияи шарқиро беҳтар ва пурратар пешниҳод кардааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти фалсафии Ибни Сино барои мо на таҳлилҳои мустақими марбут ба фалсафаи тамаддун, балки роҳу усулҳои мантиқии андешаронӣ ва хулосабарориро пешкаш менамояд. Маҳз ҳамин равиши мантиқӣ ва методологии ӯ боис гардид, ки андешаҳояш на танҳо ба фалсафаи исломӣ, балки ба тамоми таърихи фикри башарӣ таъсири амиқ расонанд. Дар ин росто, «Тусӣ барои ошкор намудани афкори таҳқиқшавандаи илмӣ аз методологияи мантиқӣ истифода карда, вазифаҳо ва ҳадафҳоро ба шакли риёзӣ матраҳ намудааст» [9, с. 12], ки ин албатта, роҳи дурусти таҳқиқ аст. Ин раванд дар фаъолияти илмии аксарияти мутафаккирон ва таҳлилгарони иҷтимоии баъдӣ низ мушоҳида мешавад, ки аз мантиқи таҳлил, усули истидлол ва тарзи фикрронии мутафаккирон баҳра гирифтаанд.

Таъсирпазирии Насируддини Тусӣ аз таълимоти Ибни Сино хеле зиёд аст, вале аҳаммияти фалсафаи машшоӣ ҳангоми суханронӣ дар бораи ҷанбаҳои иҷтимоӣ-антропологӣ натиҷаи муроҷиати мустақими ӯ ба ин фанни илмӣ набуда, балки ба шарофати андешаҳои ақлонӣ-онтологӣ ва антропологии худи ӯст, ки барои ояндагон маншаъ ва ё худ асоси таҳқиқот дониста мешавад. Ақоиди ин мактаб дар робита бо дин ва фалсафа барои ташаккули назарияи мукаммали иҷтимоии тамаддун заминаи хеле мусоид фароҳам овард ва «ин робитаро Шайхурраис бо тавзеҳи густурдаи ҷойгоҳ ва нақши инсони комил ҳанӯз баррасӣ намуда буд» [4, с. 54].

Ба андешаи ӯ, инсони комил бо ду ҷанбаи мухталифаш барои таъсиси унсурҳои алоҳида ва муҳимми фалсафа, дар маҷмуъ, мусоидат карда метавонад. Ҷанбаи аввал шарҳи моҳияти дониш ва касби он ва сонӣ, ҳолати касбшавандагии дониш мебошад. Барои ҷавоб гардонидан ба саволҳо Ибни Сино назарияи қудрати инсонӣ – ақл ва навъҳои онро бо тасниф пешниҳод карда, ақли фаъолро, ки тамоми пайкори инсонӣ аз он сарчашма мегирад чунин таъриф мекунад: «Ақли фаъол дар муносибати байни тафаккури инсон ва ашёи воқеӣ миёнаравӣ мекунад. Он тафаккурро бо донишҳои мантиқӣ, мафҳуму истилоҳот ва муқаррароти таҷридии қабулшуда таъмин менамояд» [11, с. 56].

Дар ин хусус системаи маърифатии Насируддини Тусӣ, чунонки дар боло ишора намудем, аз системаи гносеологии Ибни Сино тафовути зиёд дорад: Ақли Кул, Нафси Кул, ақли инсон ва нафсҳои ҷузъии мавҷудот. Агар Ибни Сино мавҷуди аввалро Худо номида бошад, Насируддини Тусӣ бар он таъкид мекунад, ки: «Ва мавҷуди аввал, ки ба ибдои маҳз бе тавассут аз амр дар вуҷуд омад, Ақли аввал аст....» [14, с. 32].

Бо назардошти низоми гносеологии Ибни Сино ва Н. Тусӣ имконияти бо ҳам овардани шаклҳои маърифатӣ зарурат пеш омадааст. Масалан, кадом вақт мо тавонем аз вазъу ҳолати маърифату мушаххасоти он ва равиши интиқолёбандагии он дарак диҳем. Ҳамзамон, аз иқтидори нафс ва вуҷуди ғайримоддию ғайриҷисмонии он метавон иртибот дароварем. Сарфи назар аз ин мушкилоту мӯшикофиҳо мутафаккирон моддиётро монеаи густариши тафаккур намепиндоранд. Ин ҳолат шоёни таҳқиқ аст, зеро онҳо дар маърифати хеш тафовутҳоро на он қадар тезу тунд, балки бо масъалагузориҳои илмӣ ва бунёдӣ маънидод мекунанд.

Ҳамин тавр, Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ масъалагузориҳои илмияшонро бо он равише ба фарҷом мерасонанд, ки асоси ҳамаи муваффақиятҳоро ақле устувор мегардонад, ки аз донишҳои муътамад сарчашма гирифта бошад. ба андешаи онҳо бо ин раванд инсон дар асоси муносибату мушоракатҳои ақлӣ дорои қудрат мегардад. Бо ин нуқтаи назар мутафаккирон талош варзидаанд, ки дониши инсонро, дақиқтараш, донишҳои фалсафиро, омезиш диҳанд ва бо ин роҳ ягонагии ин ниҳоди маърифатро асоснок созанд.

Бо назардошти ин, фалсафаи машшоияи шарқӣ дар ҷараёни ташаккули худ аз бисёр ҷиҳатҳо хусусияти ҳамгироёна дорад. Ӯ бо истифода аз иқтибосҳо, муқоиса ва таҳлили интиқодӣ миёни мактабҳои гуногуни фалсафӣ, аз андешаҳои мутафаккирони Юнон то мактабҳои ақлгароии шарқӣ, низоми мукаммали андеша ба вуҷуд овард. «Андешаи онҳо ба таълимоти пешиниён ва баъдинагон омехта гардида, як заминаи хуберо барои падид омадани фалсафаи нав ба вуҷуд овард» [16, с. 176], ки он хусусияти дунявӣ ва ақлонӣ дорад.

Хулоса, Абуалӣ ибни Сино ва Насируддини Тусӣ яке аз саромадони фалсафаи тоҷику форс дар ташаккул ва такомули фарҳанг ва тамаддуни башарият саҳми арзанда гузоштаанд. Мутафаккирон умри на чандон тулонию пурбаракаташонро масрафи илм намуда, ба ин васила, дар таърихи тамаддуни башар ҷовидона ёдоварӣ мешаванд.

Бо сароҳат гуфтан мумкин аст, ки афкори илмӣ-фалсафии мутафаккирон дорои арзиши баланди илмӣ буда, тақвиятбахшандаи тамоми соҳаҳои мухталифи илми муосир ба ҳисоб мераванд. Хушбахтона имсол дар ҷумҳурӣ 1045-солагии Ибни Сино таҷлил гардид ва умед дорем, ки шахсияти Тусӣ низ бо чорабиниҳои илмии сатҳӣ дар ҳамин шакл баргузор мегардад.

Мо хуб медонем, ки ин шахсиятҳои қавиирода ва донишмандони асили тоҷик бо матонат, истеъдод ва ҷасорати фикрии худ ба қуллаҳои баландтарини илми ҷаҳонӣ расидаанд ва номи накуи онҳо дар Шарқ ва Ғарб бо эҳтиром ва бузургӣ ёд мешаванд. Мероси гаронбаҳо ва шахсияти нотакрорашон аз ҳар як фарди ҷомеаи мо масъулияти бештар, худшиносии амиқтар ва қадршиносии ҷиддитарро талаб мекунад.

Тадқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода таҳти унвони «Таълимоти фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мутафаккирони Шарқу Ғарб ва аҳаммияти онҳо дар муҳити ҷомеаи муосир» барои солҳои 2026-2030 амалӣ карда шудааст.

Муқарриз: Маҷидов Д.Ҳ. – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

АДАБИЁТ

1. Бируни, А. Избранные произведения [Текст] / Абурайхан Бируни. – Ташкент, 1987. – Т. VII. – 345 с.
2. Броккелман К. Та’рих ал-адаб ал-‘араби [Матн] / К.Броккелман. Т. 5. – Каир, 1980.
3. Дениз, Р. Насирэддин Туси – ученый, опередивший века [Текст] / Р. Дениз. – Баку: «ММ-С», 2013. – 404 с.
4. Диноршоев, М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. Душанбе, 2017. – 354 с.
5. Ибни Халдун. Муқаддима [Матн] / Ибни Халдун. – Теҳрон, 2010. – 742 с.
6. Раҳмон, Э. Масъулият барои фардои миллат [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2003. – 121 с.
7. Раҳмон, Э. Пажуҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз // Симпозиуми байналмилалии илмӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, (22.10.) 2019.
8. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 364 с.
9. Сино, А. Аш-шифо // Мадхал [Матн] / Абуалӣ ибин Сино. – Қоҳира, 1989. – 656 с.
10. Сино, А. Ишорот ва танбеҳот маъа шарҳ Насируддин Тусӣ [Матн] / Абуалӣ ибн Сино; таҳқиқ ва таълиқ Сулаймон Дунё. – Қоҳира: «Дор-ул-маърифа», 1960. – Ҷ. I. – 284 с.
11. Сино, А. Китоб-ул-ҳидоя [Матн] / Абуалӣ ибн Сино. – Қоҳира, 1965. – 335с.
12. Сино, А. Мантиқ-ул-машриқийин [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. – Бейрут: «Ал-ҳамро», 1982. – 69 с.
13. Тусӣ, Н. Асос-ул-иқтибос [Матн] / Насируддин Тусӣ. – Теҳрон: «Донишгоҳи Теҳрон», 1374 ҳ. – 628 с.
14. Тусӣ, Н. Равзаи таслим ё тасаввурот аз каламоти Хоҷа Насируддини Тусӣ [Матн] / Насируддини Тусӣ; муалл. сарс. барг. ва тавз. Ш.Х. Карамхудоев, М. Мабатқадамов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 246 с.
15. Тусӣ, Н. Ахлоқи Носирӣ [Матн] / Насируддин Тусӣ. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2009. – 388 с
16. Sharif, M.M. A History of Muslim Philosophy [Text] / M.M. Sharif. – Wiesbaden, 1963. – 902 p.

ОЗОДАНДЕШӢ ВА ҲАҚИҚАТНИГОРӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Дар мақола масъалаҳои мубрами фалсафӣ-иҷтимоӣ ва мантиқии Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ баррасӣ гардида, вобаста ба тарҳрезии мақола нахуст ҷойгоҳ ва манзалати мутафаккирон ва таҳқиқи осори фалсафии онҳо дар назар дошта шудааст. Муаллиф зимни таҳқиқи осори

файласуфони машшоӣ нишон медиҳад, ки онҳо бо вуҷуди фарқи забон-фалсафа ва мактабҳои фалсафӣ, ба як ҳақиқати умумӣ тавассути ҷустуҷӯҳои ратсионалӣ мерасанд ва ҳастии ратсионалиро раванде мепиндоранд, ки мазмуни мафҳуми он асоси тафаккури дуруст дониста мешавад. Дар таълимоти Ибни Сино ва Насириддини Тусӣ ҳақиқат ва озодӣ сабаби асосии ҳастии инсоният дониста шудааст, ки субъектро бевосита ба воқеият мерасонад. Мутафаккир барои ошкор кардани ин категорияҳои фалсафӣ пайваста усули ақлу тафаккурро истифода менамояд, то ҳақиқати матолибро ошкор созад. Аз таҳлилҳои мақола бар меояд, ки мутафаккирон тавассути афкори пурғановати хеш афкори фалсафии асримиёнагиро густариш бахшида, ин ҳолати ташаккул дар замони истиқлол метавонад ягона рушддиҳандаи фалсафаи миллӣ маҳсуб шавад.Хулоса, муаллиф дар мақола аз шахсият, ҷойгоҳ ва таъсири мутақобила ба илм дар замони имрӯз фикрашро ҷамъбаст намуда, фаласафаи Ибни Сино ва Насириддини Тусиро заминаи афкори баланди миллӣ бо баррасиҳои илмӣ асос мепиндорад.

Калидвожаҳо: фалсафа, забон, мантиқ, тафаккур, озодӣ, ҳақиқат, Ибни Сино, Насириддини Тусӣ, осор, фалсафаи миллӣ, худшиносӣ, илм.

СВОБОДОМЫСЛИЕ И ПРАВДИВОСТЬ В ФИЛОСОФСКОЙ МЫСЛИ АБУАЛИ ИБН СИНЫ

В статье рассматриваются актуальные философские, социальные и логические вопросы творчества Ибн Сины и Насириддина Туси на основе исторических источников. В связи с замыслом статьи впервые рассматривается положение и позиция Авиценны и Насириддина Туси и изучение их философских трудов. Исследуя творчество Ибн Сины и Насириддина Туси, автор показывает, что мыслители, несмотря на различия в языке и философии, философских школах, приходят к единой истине посредством рациональных поисков и рассматривают рациональное бытие как процесс, концептуальное содержание которого считается основой правильного мышления.В учении Ибн Сины и Насириддина Туси истина и свобода считаются главной причиной существования человечества, ведущей субъекта непосредственно к реальности. Для раскрытия этих философских категорий мыслители последовательно используют метод разума и мышления, раскрывая истину субъекта.Анализ статьи показывает, что Ибн Сина и Насириддин Туси посредством своей богатой мысли расширили средневековую философскую мысль, и это состояние становления в период независимости можно считать единственным развитием национальной философии.В заключение автор подводит итог своим размышлениям о личности, месте и влиянии науки в наши дни и считает философию Ибн Сины и Насириддина Туси основой высокой национальной мысли с научной точки зрения.

Ключевые слова: философия, язык, логика, мышление, свобода, истина, Ибн Сина, Насириддин Туси, сочинение, национальная философия, самопознание, наука.

FREETHINKING AND TRUTHFULNESS IN THE PHILOSOPHICAL THOUGHT OF ABUALI IBN SINA AND NASIRUDDIN TUSI

The article examines the current philosophical, social and logical issues of Ibn Sina and Nasiruddin Tusi's work based on historical sources. In connection with the idea of the article, the position of Avicenna and Nasiruddin Tusi and the study of their philosophical works are considered for the first time. Exploring the work of Ibn Sina and Nasiruddin Tusi the author shows that the thinkers, despite the differences in language and philosophy, philosophical schools, come to a single truth through rational searches and consider rational existence as a process, the conceptual content of which is considered the basis of correct thinking.In the teachings of Ibn Sina and Nasiruddin Tusi, truth and freedom are considered the main reason for the existence of humankind, leading the subject directly to reality. To reveal these philosophical categories, the thinkers consistently use the method of reason and thinking, revealing the truth of the subject.The analysis of the article shows that Ibn Sina and Nasiruddin Tusi, through their rich thoughts, expanded medieval philosophical thought, and this state of formation during the period of independence can be considered the only development of national philosophy.
In conclusion, the author summarizes his reflections on the personality, place and influence of science in our days and considers the philosophy of Ibn Sina and Nasiruddin Tusi to be the basis of high national thought from a scientific point of view.

Keywords: philosophy, language, logic, thinking, freedom, truth, Ibn Sina, Nasiruddin Tusi, composition, national philosophy, self-knowledge, science.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоев Карокатулло Қурбоналиевич*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. Суроға: 734019, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: **(+992) 900088301**

Сведния об авторе: ***Абдуллоев Карокатулло Курбоналиевич*** – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, ассистент кафедры философии и политологии. **Адрес:** 734019, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мухаммадиева, 17/6. Телефон: **(+992) 900088301**

Information about the author: ***Abdulloev Karomatullo Kurbonalievich*** – assistant of the Department of Philosophy and Politology Tajik International University of foreign Languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev str., 17/6. Phone: **(+992) 900088301**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 28.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:1 (540):297

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ИСЛОҲОТХОҲӢ ДАР ҶОМЕАИ МУСУЛМОНИ ҲИНДУСТОН (АСРҲОИ XVIII, XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX)

Каримов Раҳим
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа

Муқаддима. Баъд аз вафоти намояндаи Темуриёни Ҳинд-Аврангзеб, ки дар соли 1707 иттифоқ афтод, вазъи сиёсии кишвар рӯз аз рӯз буҳронӣ шудан гирифт ва дар таърихи Ҳиндустон дигаргуниҳои куллӣ ва сарнавиштсоз ба вуқуъ пайвастанд. Пас аз чанде империяи Темуриёни Ҳинд суқут кард ва мустамликадорони Британия тадриҷан қувват ёфтанд. Ҳинд аз як кишвари пурқудрату тавоно ба мустамликаи заифи омодакунандаи маводи хом табдил ёфт ва ҷомеаи он ба буҳрони амиқи маънавию иҷтимоӣ гирифтор шуданд. Чунин шароити буҳронии вахим зарурати таҷдиди назар ба арзишҳои динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро ба миён овард, ки бо номи "Ҷараёни ислоҳотхоҳӣ" ёд мешавад.

Дар масъалаи таҳлили ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар Ҳинд муҳаққиқони зиёди даврони Шуравӣ, ба мисли Р.Б. Рибакова[10], Костюченко В.С. [6] Мезентсева О.В. [7] ва Э.Н. Комарова[5] кор кардаанд. Қисман, ин масъалаҳо дар осори донишмандони тоҷик, ба мисли С.Аҳмадов[3] ва Зиёев И.Ғ.[4] баррасӣ шудаанд. Аммо заминаҳои ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар ҷомеаи мусулмони Ҳиндустон ба таври системавӣ дар ин асарҳо таҳлил нашудааст ва дар мақолаи мавриди назар кӯшиш мешавад ин халои маънавӣ ба андозаи тавон рафъ гардад.

Заминаҳои таърихӣ-иҷтимоии ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар Ҳинд бо шаклу шеваҳои гуногун оғоз шуда, ҳадафҳои мухталиферо дар дунбол дошт ва сабабҳои ташаккули тафаккури ислоҳотгароӣ низ дар ин кишвар гуногун мебошад. Аз муҳимтарин омилҳои ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар ин минтақа суқути империяи Темуриёни Ҳинд, аз даст додани қудрати сиёсии кишвар, таъсири фарҳангу маорифи Ғарб ба тафаккури иҷтимоии мардуми ин сарзамин ва ба миён омадани буҳрони иҷтимоӣ ва динӣ маҳсуб мешавад.

Ҳамзамон аз ҷониби намояндагони ин ҷунбишҳои ислохотхоҳ як кӯшиши ҳамзистии ислом бо ҷаҳони муосир ва илму техникаи нав ба миён омад. Афкори ислоҳотхонаи муслиҳони иҷтимоии асри XIX ва ибтидои асри XX Ҳинд симои сиёсӣ ва фарҳангии қорраро ба куллӣ тағйир дод ва дар таҳаввули фикрии мардуми Осиёи Ҷанубӣ низ таъсири назаррас гузошта, дар ташаккули шуури сиёсӣ ва истиқлолхоҳии мардуми оғози асри XX ин кишвар нақши калидӣ гузошт.

Мақсади мақола таҳлили бунёдии омилҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки ба ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳии муслиҳони иҷтимоии мусулмони Ҳинд мусоидат намудааст, мебошад. Инчунин муаллиф назди худ мақсад гузоштааст, ки шароити таърихии зуҳури тафаккури ислоҳотхоҳии намояндагони чунин ҷунбишҳои иҷтимоиро муайян намояд, робитаи онро бо ташаккули шуури миллӣ мушаххас созад ва хусусиятҳои асосии тафаккури ислоҳотхоҳиро нишон диҳад.

Объекти таҳқиқро равандҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Ҳинд ва предмети онро заминаҳои таърихӣ-иҷтимоии ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар Ҳинд ташкил медиҳад.

Мавод ва усулҳо. Дар раванди гузаронидани таҳқиқи мавриди назар якчанд гурӯҳи маводҳо омӯхта шуданд ва истифода гардиданд. Ба гурӯҳи аввал сарчашмаҳои аввалия вобаста ба мавзуъ, ба гурӯҳи дуюм осори пажӯҳандагони раванди ислоҳотхоҳиву маорифпарварии Ҳинд, ба гурӯҳи сеюм маводи интернетӣ ва сомонаҳои расмӣ, ки бевосита ба мавзуъ дахл доранд ва ба гурӯҳи чаҳорум таҳқиқоти сотсиологиву динӣ шомил аст. Дар ҷараёни таҳқиқ аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлил ва синтез, усули муқоисавӣ ва герменевтикӣ истифода шуд.

Натиҷаҳо. Истифодаи маводи дастрас ва усулҳои таҳқиқ имкон дод, ки заминаҳои таърихӣ-иҷтимоии ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар ҷомеаи мусулмони Ҳиндустони асри XIX ва ибтидои асри XX таҳлилу баррасӣ шаванд, раванди ташаккулёбии ҷунбишҳои

ислоҳотхоҳона ва омилҳои он муайян гардад, нақши муслиҳони иҷтимоӣ ҳамчун омили калидии зуҳури ин ҷунбишҳо нишон дода шавад, ки онҳо на танҳо ба инкишофи шуури сиёсии мардуми Ҳинд мусоидат намуданд, балки барои ташаккули ҳаракатҳои сиёсӣ ва озодихоҳии онҳо низ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Муҳокима. Заминаҳои асосии истилои Ҳинд аз ҷониби Англия ба тиҷорат бастагӣ дорад. Ширкати Ост-Индияи Британия, ки дар солҳои 1600-1874 фаъолият намудааст, бо дастури малика Елизаветаи I ҳуқуқи истисноии тиҷорат бо Шарқро ба даст овард ва тавассути фаъолияти ин ширкат англисҳо тавонистанд марказҳои тиҷорӣ бунёд намуда, иқтисоди Ҳиндро, ки мусулмонон идора мекарданд, ба худ вобаста намоянд[14]. Баъд аз ба буҳрон гирифтор шудани империяи Темуриёни Ҳинд англисҳо тадриҷан ба корҳои сиёсӣ низ дахл карданд. Соли 1757 неруҳои мусаллаҳи англисӣ, ки амнияти ширкатро таъмин менамуданд, зери роҳбарии Роберт Клайв бо ҳокимияти маҳаллии Банғола дар набард шуданд ва онро шикаст дода, аз он пас танҳо ба тиҷорат машғул нашуданд, балки аз мардуми ин навоҳӣ андоз низ ҷамъ намуда, даромади хуби изофӣ касб карданд[2, с. 283-285]. Минбаъд Банғола ба сифати пойгоҳи асосии онҳо барои истилои ояндаи Ҳинд истифода шуд. Дар ин масъала усулҳои истило намудани англисҳо ҷолиб аст. Масалан, ҳукумати Британия қарор қабул намуд, ки мувофиқи он иттиҳоди тобеъ (ҳокимони маҳаллии Ҳинд) бояд артиши англисиро бо маблағи худ нигоҳ доранд ва дар иваз "амнияташон таъмин карда мешавад", ки имрӯз ҳам абарқудратҳо аз ин усул дар Ховари Миёна ба таври густурда истифода мебаранд.

Мардуми озодихоҳи Ҳинд ба истисмори англис борҳо муқовимат нишон додаанд, ки муҳимтарини онҳо соли 1857 ба вуҷуъ пайваст, ки дар он ҳазорон ҳиндуву мусулмон ширкат доштанд ва он дар таърих бо номи “Шӯриши сипоҳиён” ёд мешавад. Вале азбаски шӯришгарон барномаи мушаххаси миллӣ надоштанд, Британия аз ин моҳирона истифода намуд ва идораи Ҳинд мустақиман ба дасти Малика Виктория ва ҳукумати Британиё гузашт [15].

Ҳинд, ки яке аз бойтарин давлатҳои ҷаҳон ба ҳисоб мерафт, ба як кишвари камбизоат ва таъминкунандаи ашёи хом барои саноати Англия табдил ёфт. Англисҳо барои манфиати худ ва ҳамзамон ором намудани мардуми маҳаллӣ дар Ҳинд роҳи оҳан, телеграф ва низоми таълимии ғарбӣ ҷорӣ намуданд. Ҳудуди сиёсии кишвар низ тағйироти чашмрас намуд, сарҳадҳои муосири Ҳинд, Покистон ва Бангладеш маҳсули ҳамон давраанд. Забони англисӣ ва низоми ҳуқуқии ғарбӣ имтиёз касб намуд. Барои роҳаттар идора намудани Ҳинд англисҳо низоми таълимии худро ҷорӣ карданд, ки ҳадафи асосиашон тарбияи хизматчиёни содиқ буд. Аммо зиёиҳои бо ин низоми таълими Ҳинд тарбияёфта бо ғояҳои озодӣ, деморкатия ва ҳуқуқи башар шинос шуда, ҷаҳонбиниашон ва талаботашон дигар шуд ва ин усули англисӣ натиҷаи баръакс дод.

Зулм ва фишори мустамликадории англис чун яке аз омилҳои бедории миллии ҳиндуҳо баромад намуда аст. Мардуми Ҳинд дарк намуданд, ки барои муқовимат ба Британия ҷомеа бояд аз дарун тағйир ёбад. Дар ҷомеаи ҳиндӣ яке аз сернуфузтарин гурӯҳҳои эътиқодӣ мусулмонон маҳсуб мешуданд. Ҷомеаи мусулмони ҳиндӣ бо такя ба ратсионализми ғарбӣ ба ислоҳи афкори динӣ кӯшиш намуданд. Дар ин миён дар Ҳинд матбаа ташкил карда мешавад, ки он дар тафаккури иҷтимоӣ инқилоби иттилоотиро ба вуҷуд овард. Нақши рӯзномаҳо дар ташаккули тафаккури ислоҳотталабии ҷомеаи ҳиндӣ ниҳоят назаррас аст. Дар ин давра нашрияҳое ба забонҳои ҳиндӣ, форсӣ, англисӣ, банголӣ, гуҷаратӣ ва ғайра фаъол шуданд, ки ба минбари асосии тарғиби ғояҳои ислоҳотгароӣ табдил ёфтанд.

Ногуфта намонад, ки пас аз шикасти шӯриши соли 1857 дар Ҳинд вазъи сиёсии кишвар ба буҳрони ниҳоят шадиде рӯ ба рӯ гардид ва сулолаи Темуриёни Ҳинд, ки аз мусулмонон пуштибонӣ мекард, барҳам хӯрд. Охирин намояндаи ин сулола Баҳодуршоҳи II аз ҷониби мустамликадорони британиёӣ асир гирифта мешавад ва ба Бирма бадарға шуд ва дар он ҷо соли 1862 ба таври мармуз вафот кард[2, с. 327].

Ислоҳгароии динӣ дар миёни мусулмонони Ҳинд дар нимаи дуюми асри XIX дар як давраи бисёр ҳассос ва сарнавиштсоз оғоз ёфт. Ин ҷунбишҳо асосан бо мақсади мутобиқ кардани ислом ба шароити нави таърихӣ ва наҷоти мусулмонон аз қафомондагӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ин давра дар миёни мусулмонони Ҳинд хурофот ба авҷи баланд расида буд

ва онҳо аз низоми нави таълимӣ канорагирӣ мекарданд ва аксари онҳо омӯхтани илмҳои муосирро бидъат ва ҳаром меҳисобиданд, ки ин боиси ақибмонии онҳо нисбат ба ҷомеаи ҳиндӣ ва аз даст додани мансабҳои давлатӣ мегашт. Ба ин масъала муҳаққиқони зиёде таваҷҷуҳ намуда, ба таври гуногун онро шарҳ додаанд. Яке аз сабабҳои асосии аз назари раҳмати англисҳо дур мондани мусулмонон ва ба мансабҳои давлатӣ нарасидани онҳо дар он буд, ки мусулмонҳо бар хилофи ҳиндуҳо, дар аввал аз омӯзиши забони англисӣ ва низоми нави таълимии Британия даст кашиданд: «Мусулмонон аз низоми нави таълимӣ, ки аз ҷониби ҳукумати Британия ҷорӣ шуда буд, даст кашиданд ва дар натиҷа, аз корҳои давлатӣ маҳрум гаштанд. Дар ҳоле ки ҳиндуҳо бо азхуд кардани забони англисӣ зинаҳои хидмати давлатиро ишғол мекарданд, мусулмонон дар низоми кӯҳнаи худ боқӣ монда, қудрат ва нуфузи иҷтимоии худро аз даст доданд»[12, с 161-163].

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, ҳарчанд роҳбарони империяи Темуриёни Ҳинд туркталбор буданд, аммо забони форсӣ дар мамлакат нуфузи бештар дошт, на туркӣ ва то соли 1835 дар ин қаламрав чун забони расмии коргузорӣ мавриди истифода қарор дошт ва мусулмонон дар вазифаҳои калидии идоракунӣ даст доштанд. Вале англисҳо пас аз суқути империяи Темуриёни Ҳинд ва дар сиёсати идорӣ нуфузи асосӣ касб намудан, дар соҳаи маорифи ин кишвар ислоҳот гузарониданд ва забони форсӣ ба англисӣ иваз шуд. Дар натиҷа мусулмононе, ки танҳо дар мадрасаҳо таҳсил карда буданд ва забони англисӣ намедонистанд, “бесавод" ҳисобида шуда, аз вазифаҳои идоракунӣ ронда шуданд.

Равшанфикрони мусулмон мушоҳида намуданд, ки пайравони динҳои дигари ин минтақа дар заминаи ислоҳи масоили динӣ як қатор мушкилоташонро ҳаллу фасл намуда, ба комёбиҳо низ ноил гардида истодаанд. Аз ин рӯ, онҳо низ ба таблиғи илму маърифат пардохта, ҷаҳлу нодониро асоси ақибмонии мусулмонон қаламдод менамуданд ва хостгори дар асоси ислоҳи динӣ ба ислоҳи иҷтимоӣ расидан буданд. Ин вазъият баъдан замина гузошт, ки ислоҳотхоҳони мусулмони Ҳинд ҷунбишҳои ислоҳотхоҳона таъсис диҳанд ва мусулмононро ба омӯзиши илмҳои муосир тарғибу ташвиқ намуда, аҳаммияти амалии онро фаҳмонанд.

Ҳама ҷунбишҳои ислоҳотхоҳонаву озодихоҳонаи Ҳинд якмаром набуданд. Намояндагони баъзеи ин ҷунбишҳои ислоҳхоҳӣ ба арзишҳо ва қоидаҳои динӣ сахт пойбанд буда, бо ҷидду ҷаҳд мекӯшиданд анъанаҳои диниро ҳифз намоянд ва ҳарчан худро муслиҳи иҷтимоӣ меҳисобиданд, бо ислоҳот ва тағйироти муосир бо эҳтиёт муносибат мекарданд. Яке аз аввалин ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии Ҳинд дар ибтидои асри XIX ҷунбиши Фароизӣ маҳсуб мешавад, ки соли 1818 дар Бангола таъсис ёфта, минбаъд дар манотиқи дигари ҷаҳони ислом интишор ёфта буд, аз бисёр ҷиҳат дорои хусусиятҳои фавқуззикр аст. Мувофиқи нишондоди Полонская “асосгузори он Ҳоҷӣ Шариаттуллоҳ даъват мекард, ки ислом аз таъсироти ҳиндуия пок карда шуда, ба покии аввалини эътиқод баргардонида шавад” [9, с. 35]. Номи ин ҷунбиш аз калимаи арабии «фариза» гирифта шуда, ҳадафи асосиаш даъват ба иҷрои қатъии фарзҳои динӣ буд. Аммо илова ба иҷрои вазифаҳои фарзии динӣ мусулмононро даъват менамуд, ки бар зидди зулми заминдорони ҳинду ва мустамликадорони англис муборизa баранд ва онро низ аз ҷумлаи фароиз меҳисобид. Намояндагони ин ҷунбиш дар заминаи принсипҳои муборизa ба зидди ширк ва бидъатҳое, ки ба фарҳанги мусулмонони Ҳинд ворид шуда буданд, танзими ҷашну маросимҳо, ҳаром ҳисобидани масруфиятҳои бодабдабаву ноҷо дар тӯю азо ва ғайра ва ҳимояи ҳуқуқи деҳқонони мусулмон дар баробари зулми заминдорони калон фаъолият менамуданд. Азбаски принсипҳои ин ҷунбиш хусусияти ратсионалистӣ дошт, сарфи назар аз баъзе ақоиди догматикӣ, дар андак вақт рӯшанфикрони зиёдеро тавонист дар атрофи худ муттаҳид намояд ва он танҳо ҳамчун як ҷараёни мазҳабӣ набуда, заминаи фикриро барои ислоҳотхоҳони баъдии Ҳинд, аз ҷумла Сайид Аҳмадхон, Шиблии Нуъмонӣ, Муҳаммад Иқбол ва ғайра ба вуҷуд овард. Ғайр аз инҳо ҳам бисёр ислоҳотхоҳони баъдӣ ин моделро барои муттаҳид кардани ҷомеаи парокандаи мусулмонони Ҳинд истифода бурданд.

Ин ҷунбиш бештар ҷанбаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошт ва деҳқонони камбизоатро ҳимоя мекард. Пас аз қувват ёфтани ин ҷунбиш ва нуфузи бештар касб намудани пайравонаш Муҳсин Муҳаммад, писари Ҳоҷӣ Шариатуллоҳ ба ҷунбиш ранги комилан сиёсӣ дода, эълон намуд, ки «Замин аз они Худост» ва набояд ба заминдорони мустабид андоз супорид. Чунин тарзи тафаккур дар руҳияи ислоҳотхоҳони Ҳинд мафҳуми озодии иқтисодӣ ва

муқовимат ба истибдодро тақвият бахшид. Ҳамзамон ин ҷунбиш ба масоили худшиносии мусулмонони табақаи поёнӣ мусоидат намуд. Аммо андешаи Муҳсин Муҳаммад, ки комилан ҷудо будан аз фарҳанги ғарбиро тарғиб менамуд, бо руҳи замон мувофиқ набуд. Вале сарфи назар аз иштибоҳоте, ки намояндагони ин ҷунбиш доштанд, он аввалин такон барои бедории оммаи мусулмони Ҳинд дар баробари зулми дохилӣ ва хориҷӣ буд.

Посух ба фишори мустамликадорони Британия, инчунин омезиши фарҳанги ғарбӣ бо фарҳанги мардуми Ҳинд чун сарчашмаҳои асосии ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии асрҳои XIX ва аввали XX ба ҳисоб меравад. Аксари муҳаққиқон ин ҷунбишҳоро ба ду самти асосӣ: эҳёгароӣ ва модернизатсия ҷудо намудаанд. Дар меҳвари назариёти эҳёгароён бозгашт ба исломи ноб ҷойгоҳи асосӣ дорад. Онҳо дар заминаи таълимоти исломи ибтидоӣ мехостанд ислоҳот дар дин ворид намуда, ба ин васила дар муносибатҳои иҷтимоӣ низ дигаргуниҳои мусбат ба вуҷуд оранд. Азбаски аксари намояндагони ин самт дар доираи ҷаҳонбинии динӣ маҳдуд мондаанд, дар афкори онҳо афъоли хусусияти тундгароиву радикалӣ низ мушоҳида мешавад, ки баъдтар мустамликадорон аз ин борҳо бар зидди худи онҳо моҳирона истифода бурдаанд. Ҷонибдорони модернизатсия бошанд, кӯшиши омезиши арзишҳои исломӣ бо илмҳои муосир намуда, талаби баромадани мусулмонон аз доираи догматикаи динӣ менамуданд.

Иддае аз онҳо даъво намуданд, ки ислом бо хурофот ва расму оинҳои маҳаллии ҳиндувона омехта шудааст, онро аз ин олудагиҳо тоза бояд намуд ва баргашт ба дини замони паёмбари исломро таблиғ менамуданд. Дар асоси ин ҷаҳонбинӣ соли 1866 ҷунбиши “Дор-ул-улум”-и Девбанд оғоз шуд, ки бештар ба ҳифзи суннатҳои динӣ таваҷҷуҳ дошт. Ин мазмунро яке аз муҳаққиқони маъруфи ин мавзуъ Барбара Меткалф чунин қаламдод намудааст: «Таъсиси мадрасаи Девбанд дар соли 1866 на танҳо як иқдоми таълимӣ, балки посухи стратегӣ ба суқути ҳокимияти мусулмонон дар Ҳинд пас аз шӯриши соли 1857 буд. Ин ҷунбиш кӯшиш мекард, ки тавассути эҳёи илмҳои динӣ ва рад кардани ҳамкорӣ бо маъмурияти Британия, истиқлолияти маънавии ҷомеаро ҳифз намояд»[16, с. 87].

Намояндагони ин мадрасаи динӣ назди худ мақсад гузоштанд, ки бояд олимони диние тарбия намоянд, ки тавонанд исломро аз таъсири фарҳанги ғарбӣ муҳофизат кунанд. Мувофиқи нишондоди иддае аз муҳаққиқон, ки масоили идеологии мактаби Девбандро таҳқиқ намудаанд: «ҳадафи асосии худро Академия дар омода кардани теологҳои (уламои) босавод медид, ки тавоноии муқовимат ба таъсири фарҳанги ғарбӣ ва низоми таълиму тарбияи Британияро дошта бошанд. Пешвоёни Девбанд кӯшиш мекарданд, ки ҳувияти исломӣ ва арзишҳои суннатиро ҳифз намоянд ва мактабро ба маркази муқовимати маънавӣ ба мустамликадорӣ тавассути эҳёи меъёрҳои классикии шариат табдил диҳанд»[2, с. 385].

Намояндагони мактаби Девбанд даъвои пайравӣ аз мазҳаби ҳанафӣ дошта бошанд ҳам, бештар аз усули муҳофизакоронаи Ғаззолӣ пуштибонӣ менамуданд ва ақоиди худро дар асоси сарчашмаҳои асосии ислом-Қуръону ҳадис, баён менамуданд. Тадриҷан, ин мактаб ба яке аз марказҳои ислоҳоти мазҳабӣ ва таълими фиқҳу ҳадис дар Ҳинд гардид, ки тавонист дар наздаш аз манотиқи гуногуни мусулмоннишин пайравон гирд оварад.

Мактаби Девбанд ҳам на танҳо ҳамчун як мактаби фиқҳӣ, балки ҳамчун як ҳаракати муқовимат бар зидди истеъмори англис ва ҳифзи ҳувияти мусулмонони Ҳинд ба вуҷуд омадааст. Муассисҳои ин ҷунбиш Мавлоно Муҳаммад Қосими Нанотавӣ ва Мавлоно Рашид Аҳмади Гангуҳӣ ба мардуми мусулмони кишварашон эълон намуданд, ки мусулмонҳо имрӯзҳо қудрати сиёсиро аз даст додаанд ва хавфи аз байн рафтани фарҳангу динашон ба миён омадааст. Онҳо ба ин назар буданд, ки мусулмонҳо аз ҳар ҷониб зери фишор қарор доранд, ки таъсири динҳои дигар, миссионерҳои масеҳӣ ва ғосибони англисӣ дар ин бештар аст. Барои кам намудани ин фишорҳо ва озодона кору фаъолият намудан онҳо бояд омӯзиши махсус дошта бошанд. Муассисони Девбанд низоми таълими ин мадрасаро тавре ба роҳ монда буданд, ки аз мадрасаҳои суннатии онвақта фарқ мекард. Масалан, мадориси он давраи Ҳинд аз ҳукумати Британия кӯмаки молӣ дарёфт мекарданд, аммо муассисҳои мадрасаи Девбанд тасмим гирифтанд, ки аз ҳукумати Британия ҳеҷ гуна кӯмаки молӣ нагиранд. Мадраса танҳо бо хайрияи мардуми мусулмон, бо закот ва садақаи онҳо идора мешуд, то истиқлолияти фикрии худро ҳифз кунад. Ҳамзамон дар ин мадраса диққати асосӣ ба илмҳои тафсиру ҳадис ва фиқҳ равона гардида, забони урду ҳамчун

забони таълим ва муошрати мусулмонони Ҳинд аз ҷониби намояндагони ин мактаб ба таври васеъ тарғиб мегардид, ки ҷойгоҳи забони форсиро хеле маҳдудтар намуд.

Чи тавре пештар ишора гардид, мадрасаи Девбанд ба масоили сиёсӣ низ аз оғози таъсис таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошт. Ба масоили сиёсӣ таваҷҷух намудани онҳо дар мавриди зиддият бо истеъмори Англя ва мухолифат ба тақсими Ҳинд мушаххастар инъикос мешавад. Зеро иддае аз мударрисони Девбанд чун пешвоёни ҳаракати озодихоҳии Ҳинд шинохта шуда, бо Конгресси миллии Ҳинд ҳамкорӣ мекарданд ва яке аз муҳимтарин аҳдофашон рондани англисҳо аз кишварашон буд. Ин мазмунро Полонская чунин ифода намуда: «Бисёре аз мударрисони намоён ва дастпарварони Девбанд пешвоёни эътирофшудаи ҳаракати озодихоҳии миллии Ҳиндустон гардиданд. Бархилофи баъзе гурӯҳҳои дигари мусулмонӣ, уламои Девбанд қотеона бар зидди мустамликадории Британия баромада, барномаи зиддиимпериалистии Конгресси миллии Ҳиндро дастгирӣ мекарданд. Фаъолияти онҳо дар доираи "Ҷамъияти уламои Ҳинд" мадрасаро ба маркази муҳими сиёсии мубориза барои истиқлолияти Ҳиндустони воҳид табдил дод»[9, с. 124].

Дигар, бештари мударрисону шогирдони Девбанд баъдтар дар соли 1947 низ ба масъалаи таъсиси Ҷумҳурии исломии Покистон назари манфӣ доштанд. Онҳо мавқеи худро равшан иброз дошта буданд, ки сиёсати «чудоӣ андозу ҳукмронӣ кун!»-и англис бо манофеи умумимиллии Ҳинд мувофиқ нест ва мехостанд мусулмонон дар Ҳинди муттаҳид зиндагӣ кунанд ва тақсими кишварро оғози муноқишаву зиддиятҳои нав ва зуъфу бесуботии Ҳинд меҳисобиданд.

Имрӯзҳо мадрасаи Девбанд ба як шабакаи ҷаҳоние табдил ёфта, чандин зербахшҳо дар кишварҳои гуногуне, ба мисли Покистон, Бангладеш, Афғонистон ва ҳатто Африқои Ҷанубиву Британия доранд, ки аксари онҳо аз доираи таълимоти динӣ фаротар фаъолият мекунанд ва ба сиёсӣ шудани исломи муосир мусоидат намуда истодаанд. Масалан, ҷунбиши «Ҷамоати таблиғ», ки дар кишварҳои гуногуне, махсусан Тоҷикистон, фаъолияташ мамнуъ аст, аз паҳншудатарин ҳаракатҳои таблиғотии исломӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки бунёдгузори он Мавлоно Муҳаммад Илёс Кандеҳлавӣ аз фақеҳони маъруфи Девбанд буд. Ӯ бо дарназардошти бад шудани вазъи сиёсиву иҷтимоии мусулмонони Ҳинд соли 1920 ин ташкилотро таъсис дод. Айни замон ҷунбиши «Ҷамоати таблиғ» дар бештар аз «150 кишвари ҷаҳон, бо беш аз 80 млн пайрав фаъолият мекунад»[13], аз доираи фикрии Девбанд сарчашма гирифтааст.

Сабаби аслии зуд интишор ёфтани ҷунбиши Девбандӣ дар он буд, ки онҳо кӯшиши озодихоҳӣ аз зери зулму истибдоди аҷнабиён доштанд. Аммо баъдтар ҳадафу барномаҳои онҳо тағйир ёфт ва онҳо чун василаи ба бесуботӣ овардани ҷомеаҳои муайян хидмат мекунанд. Мактаби Девбандӣ имрӯзҳо ба чандин ҷабҳаҳо тақсим мешаванд, ки баъзеашон сирф хусусияти иртиҷоӣ касб намудаанд ва ҳамчун идеологияи ташаккулдиҳандаи ҷараёнҳои ифротӣ баромад мекунанд ва бо назариёти иддае аз ҷараёнҳои ифротӣ, ба мисли салафия хеле наздикӣ доранд.

Дигаре аз ҷунбишҳои озодихоҳии Ҳинд таҳти унвони «Ҷунбиши Алигарҳ» маъруф аст, ки ташаккулёбиаш ба номи Сайид Аҳмадхон (1817–1898) бастагӣ дорад. Баъзе аз сарчашмаҳо нисбати Сайид Аҳмадхон ба ин назаранд, ки ӯ: “нахустин мутаҷаддиди муҳим дар таърихи Ҳинди исломӣ” [8, с. 373] аст. Ӯ ба ин бовар буд, ки бе омӯзиши илмҳои муосир ояндаи мусулмонон норавшан аст ва “маҳаки ҳаққонияти таъолими динӣ интибоқи (мутобиқат.–К.А.) онҳо бо меъёрҳои ақли табиӣ аст” [8, с. 373]. Ӯ соли 1875 Коллеҷи Муҳаммадии англисӣ-шарқиро дар Алигарҳ таъсис дод, ки баъдтар бо номи Донишгоҳи Алигарҳ шуҳрат ёфт. Сайид Аҳмадхон мисли Форобӣ[1, с. 47] кӯшиш мекард нишон диҳад, ки миёни ваҳй ва илм зиддияте вуҷуд надорад. Ин назари ӯро муҳаққиқон чунин таҳлил намудаанд: «Сайид Аҳмадхон муътақид буд, ки Ислом дини фитрат (табиат) аст ва миёни "гуфтори Худо", ки Қуръон аст ва "кори Худо", ки табиат ва қонунҳои он мебошад, ҳеҷ гуна тазоду зиддияте вуҷуд дошта наметавонад. Агар дар зоҳир миёни ояти Қуръон ва ҳақиқати илмӣ (қонуни табиат) ихтилофе ба назар расад, пас бояд он оятро таъвил кард, зеро кори Худо наметавонад бар зидди гуфтори Ӯ бошад» [11, с. 522].

Дар таърихи мусулмонони Ҳинд ҷунбиши «Алигарҳ» аз муҳимтарин ва бонуфузтарин ҷунбишҳои модернистӣ ҳисобида мешавад, ки ба замми дар доираи идеологияи динӣ баромад намудан, хусусиятҳои прогрессивӣ низ дошт. Муҳимтарин ҳадафи Сайид

Аҳмадхон ошно намудани мусулмонон бо илмҳои муосири ғарбӣ ва забони англисиро омӯзонидани онҳо ба ҳисоб мерафт, то ба ин васила тавонанд ба мансабҳои давлатӣ бирасанд ва аз ҳуқуқҳои сиёсии худ дифоъ карда тавонанд.

Хулоса, заминаҳои таърихӣ-иҷтимоии ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар ҷомеаи мусулмони Ҳиндустон гуногунҷанба буда, он маҳсули фишори мустамликадорони хориҷӣ ва буҳрони иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии дохилӣ буд. Он аз кӯшишҳои поксозии дин оғоз ёфта, то ба шакли модернизми илмӣ омада расидааст. Дар таҳаввули афкори ислоҳотхоҳонаи мардуми Ҳинд омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҷойгоҳи хос дошта, бо зулму истибдоди мустамликадорӣ алоқаманд бошанд ҳам, он дар заминаи таъсири илму фалсафаи пешрафтаи Ғарб ва мероси фарҳанги маънавии Шарқ шакл гирифтааст. Аз ин рӯ, он ифодакунандаи аҳдофу ормонҳо ва тарзи тафаккури мардуми гуногунэътиқоду гуногунанъанаи ин сарзамин буда, сарчашмаҳои ин тафаккур исбот карданд, ки ҷомеаи суннатӣ метавонад бидуни аз даст додани ҳувияти худ, роҳи модернизатсияро пеш гирад. Ҳарчанд, ҷунбишҳои ислоҳотхоҳи Ҳинд аз якчанд ҷиҳате, ба мисли ислоҳи дин, маърифатгароӣ, таъсири маориф, илм, сиёсат ва қонунҳои ғарбӣ ва бедории шуури миллӣ хусусиёти умумӣ касб намудаанд, аммо баъзеи ин ҷунбишҳо аз ислоҳи фарҳангӣ ба ислоҳи сиёсӣ гузаштанд, ки ҷавобе ба буҳрони муҳити иҷтимоӣ-сиёсии замонашон ва фишорҳои пай дар пайи мустамликадорон буд. Инчунин, Маҳз ҳамин тафаккур заминаи асосии ҳаракатҳои озодихоҳии минбаъдаи Ҳинд гардид ва пояҳои муҳками истиқлоли ин кишварро гузошт.

Муқарриз:Аҳмадов Саид – д.и.ф., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Амондуллоев, Б.С. Форобӣ ҳамчун поягузори машшоияи шарқӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4. [Матн] / Амондуллоев Б.С. –Душанбе, 2022. –С. 41-52.
2. Антонова, К. А., Бонгард-Левин Г. М., Котовский Г. Г. История Индии (Краткий очерк). [Текст] / Антонова К. А… –М.: Мысл, 1973. –558 .
3. Ахмедов, Саид. Философия калама в современном исламе. [Текст] / Саид Ахмедов. –Душанбе, 2004. –224 с.
4. Зиёев, И.Г. Философия религии Мухаммада Икбала. [Текст] / И. Г. Зиёев. –Душанбе, 2014. –304 с.
5. Комаров, Э. Н. Введение в историю отечественной общественной мысли Индии: (С последней четверти XVIII в. до начала XX в.). [Текст] / Э. Н. Комаров; АН СССР. Ин-т востоковедения. — Москва: Наука, 1984. — 215 с.
6. Костюченко, В. С. Классическая веданта и неоведантизм. [Текст] / В. С. Костюченко; АН СССР, Ин-т философии. — Москва : Наука, 1983. — 272 с.
7. Мезенцева, О. В. Мир индуизма: (Идейные течения Нового времени). [Текст] / О. В. Мезенцева ; Рос. акад. наук, Ин-т философии. — Москва: ИФРАН, 1994. — 189 с.
8. Моҷид, Фахрӣ. Сайри фалсафа дар ҷаҳони ислом// Зери назари Насруллоҳ Пурҷаводӣ. Тарҷума аз арабӣ Муртазо Асъадӣ ва ҳайати мутарҷимон. [Матн] / Моҷид, Фахрӣ. –Маркази нашри донишгоҳӣ, 1389 [2011]. –437 с.
9. Полонская, Л. Р. Мусульманские течения в общественной жизни Индии и Пакистана (критика «мусульманского национализма»). [Текст] / Полонская, Л. Р. — М.: Издательство восточной литературы, 1963. –326 с.
10. Рыбаков, Р. Б. Буржуазная реформация индуизма / Р. Б. Рыбаков ; АН СССР, Ин-т востоковедения. — Москва: Наука, 1981. — 183 с.
11. Шариф, М. М. Таърихи фалсафа дар ислом / Зери назари М. М. Шариф; тарҷума зери назари Насруллоҳ Пурҷаводӣ. [Матн] / Шариф М. М. — Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1362. — Ҷ. 2. –950 с.
12. Hunter, W. W. The Indian Musalmans: Are they bound in conscience to rebel against the Queen? / W. W. Hunter. – London: Trübner and Co., 1871. –214 p.
13. http://en.m.wikipedia.org/Джамаат Таблиг. (санаи мурочиат 30-04-2026)
14. http://en.m.wikipedia.org/Midhat_Pasha. Британская Ост-Индская компания.
15. http:// Tacoma. gov. Parkstaccoma// victorias-birthday.
16. Metcalf, B. D. Islamic Revival in British India: Deoband, 1860–1900 / B. D. Metcalf. – Princeton: Princeton University Press, 1982. –386 p.

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОИИ ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ИСЛОҲОТХОҲӢ ДАР ҶОМЕАИ МУСУЛМОНИ ҲИНДУСТОН (АСРҲОИ XVIII, XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX)

Дар мақолаи мавриди назар равандҳои мураккаби пайдоиш ва рушди ҷунбишҳои ислоҳотхоҳӣ дар миёни мусулмонони Ҳиндустони асрҳои XVIII, XIX ва итидои асри XX баррасӣ мешавад. Муайян карда шуд, ки заминаҳои таърихӣ-иҷтимоии ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар Ҳинд гуногун буда, бо ҳадафҳои мухталифе рӯйи кор омадааст. Аз муҳимтарин омилҳои ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар ин минтақа суқути империяи Темуриёни Ҳинд, аз даст додани қудрати сиёсии кишвар, таъсири фарҳангу маорифи Ғарб ба тафакури иҷтимоӣ, ба миён омадани буҳрони иҷтимоӣ ва динӣ маҳсуб мешавад. Маълум гардид, ки дар ин давра эҳсоси зарурати таҷдиди назар ба арзишҳои динӣ-фалсафӣ ҳамчун омили асосии бедории фикрӣ хизмат

намуда, гурӯхе аз муслиҳони иҷтимоӣ кӯшиши омезиши арзишҳои исломӣ бо илмҳои муосир намуданд. Муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки тафаккури ислоҳотхоҳии ин давра танҳо хусусияти динӣ надошта, балки як аксуламали стратегӣ барои ҳифзи ҳувияти миллию мазҳабӣ ва ҳамгироӣ бо ҷаҳони муосир буд. Маҳз ҳамин ислоҳот заминаи асосии ташаккули худшиносии сиёсии мусулмонони Ҳиндро дар асри XX фароҳам оварда, онҳоро ба истиқлоли сиёсӣ расонид.

Калидвожаҳо: Ҳиндустон, ислоҳотхоҳӣ, асрҳои XVIII-XIX, эҳёгароӣ, модернизм, истилои Британия, ҷомеаи мусулмонӣ, озодихоҳӣ, дин, истибдод.

ИСТОРИКО-СОЦИАЛЬНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ РЕФОРМАТОРСКОГО МЫШЛЕНИЯ В МУСУЛЬМАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ ИНДИИ (XVIII, XIX И НАЧАЛО XX ВЕКОВ)

В данной статье рассматриваются сложные процессы возникновения и развития реформаторских движений среди мусульман Индии в XVIII, XIX и начале XX веков. Было установлено, что историко-социальные предпосылки формирования реформаторского мышления в Индии были разнообразны и преследовали различные цели. К важнейшим факторам формирования реформаторской мысли в этом регионе относятся падение империи Тимуридов Индии, утрата политической власти в стране, влияние западной культуры и образования на общественное сознание, а также возникновение социального и религиозного кризиса. Выяснилось, что в этот период осознание необходимости пересмотра религиозно-философских ценностей послужило основным фактором интеллектуального пробуждения, и группа социальных реформаторов предприняла попытку синтеза исламских ценностей с современными науками. Автор приходит к выводу, что реформаторское мышление этого периода носило не только религиозный характер, но и было стратегической реакцией на сохранение национальной и религиозной идентичности, а также интеграции в современный мир. Именно эти реформы заложили основу для формирования политического самосознания мусульман Индии в XX веке и привели их к политической независимости.

Ключевые слова: Индия, реформаторство, XVIII-XIX века, возрождение, модернизм, британское завоевание, мусульманское общество, свободолюбие, религия, деспотизм.

HISTORICAL AND SOCIAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF REFORMIST THOUGHT IN THE MUSLIM SOCIETY OF INDIA (18TH, 19TH, AND EARLY 20TH CENTURIES)

This article examines the complex processes of the emergence and development of reformist movements among the Muslims of India during the 18th, 19th, and early 20th centuries. It is established that the historical and social prerequisites for the formation of reformist thought in India were diverse and emerged with various objectives. Among the most significant factors in the formation of reformist thinking in this region are the fall of the Indian Timurids, the loss of political power in the country, the influence of Western culture and education on social thought, and the emergence of social and religious crises. It became evident that during this period, the perceived need to re-evaluate religious and philosophical values served as a primary driver for intellectual awakening, leading a group of social reformers to attempt to blend Islamic values with modern sciences. The author concludes that the reformist thought of this era was not solely religious in nature but acted as a strategic response to preserve national and religious identity and integrate with the modern world. These reforms provided the essential foundation for the formation of the political self-awareness of Indian Muslims in the 20th century, ultimately leading them to political independence.

Key words: India, reformism, 18th-19th centuries, revivalism, modernism, British conquest, Muslim society, freedom-seeking, religion, despotism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримов Раҳим*** – Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа, мушовири ректор, номзади илми фалсафа. **Суроға:** 434042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Навоӣ, х 6; E-mail- **inoyatullohkarimov79@gmail.co**m. Телефон**: (+992) 985176666**

Сведения об авторе: ***Каримов Рахим*** - Исламский институт Таджикистана имени Имама Азама Абу Ханифы, советник ректора кандидат философских наук. **Адрес:** 434042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Навои, 6. E-mail- **inoyatullohkarimov79@gmail.co**m. Телефон**: (+992) 985176666**

Information about the author: ***Karimov Rahim*** – Islamic Institute of Tajikistan after Imam Azam Abu Hanifa, Advisor to the Rector, Candidate of Philosophical Sciences. **Address:** 434042, Dushanbe, Republic of Tajikistan Navoi Avenue, 6.
E-mail- **inoyatullohkarimov79@gmail.co**m. Phone: **(+992) 985176666**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 28.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

УДК:37.018.43

ЦИФРОВАЯ ПЕДАГОГИКА КАК НОВОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ НАУКИ: ПРЕДПОСЫЛКИ СТАНОВЛЕНИЯ, СУЩНОСТЬ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

Каримова И.Х.
Академия образования Таджикистана

Введение. В современном мире цифровые технологии стали неотъемлемой частью повседневной жизни человека. Они изменили способы общения, получения информации, профессиональной деятельности и социальной активности. Образование как важнейший общественный институт также не могло остаться в стороне от этих изменений. Сегодня цифровые технологии уже не воспринимаются только как дополнительные инструменты, помогающие преподавателю сделать урок или занятие более наглядным. Они постепенно меняют саму организацию образовательного процесса, характер взаимодействия между педагогом и обучающимся, а также подходы к пониманию качества образования. Именно эти изменения стали причиной появления нового научного понятия - «цифровая педагогика».

Лидер Нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно подчеркивал важность цифровизации образования, внедрения информационных технологий и подготовки кадров для цифровой экономики. В частности, он дал указание Министерству образования и науки «уделять первоочередное внимание вопросам повышения квалификации и переподготовки учителей, развития дополнительного образования, укрепления статуса учителя в обществе, привлечения учащихся и преподавателей к использованию информационных технологий, **цифровизации сферы образования,** подготовки учителей и пересмотра профессиональных стандартов для учителей» [10; 8].

На первых этапах внедрения компьютерных технологий в образование основное внимание исследователей было сосредоточено на технической стороне вопроса, т.е. на оснащении образовательных организаций компьютерами, создании электронных учебных ресурсов, использовании информационно-коммуникационных технологий. В этот период технологии рассматривались преимущественно как средство повышения эффективности уже существующей системы обучения.

Однако развитие цифрового общества привело к тому, что прежнего понимания роли технологий в образовании стало недостаточно. Современная цифровая среда изменила не только способы передачи информации, но и саму логику образовательного процесса. Появились новые формы обучения, цифровые образовательные платформы, QR – коды в учебниках, системы анализа учебных данных, адаптивные технологии и инструменты искусственного интеллекта. Все это потребовало не только технического освоения новых возможностей, но и глубокого педагогического осмысления происходящих изменений.

На наш взгляд, именно в этом заключается отличие цифровой педагогики от простого использования цифровых технологий в обучении. Она рассматривает цифровую среду не только как набор инструментов, но как новое пространство педагогического взаимодействия, в котором меняются цели, содержание, методы и результаты образования.

Обзор литературы. Следует отметить, что в современной научной литературе пока отсутствует единое определение цифровой педагогики. Это связано с тем, что данное направление находится в стадии активного формирования. Одни исследователи связывают ее преимущественно с применением цифровых технологий в образовательном процессе, другие рассматривают ее как развитие цифровой дидактики, третьи видят в ней новое направление педагогической науки, отражающее изменения образования в цифровую эпоху [9; 4; 12].

Полагаем, что наиболее полным является подход, согласно которому цифровая педагогика должна рассматриваться как самостоятельное направление педагогической науки, изучающее

закономерности обучения, воспитания и развития личности в условиях цифровой образовательной среды. В рамках данной статьи предлагается следующее определение:

Цифровая педагогика - это направление современной педагогической науки, изучающее закономерности организации образовательного процесса в условиях цифровой среды, особенности педагогического взаимодействия, возможности использования цифровых технологий и искусственного интеллекта для развития личности обучающегося, повышения качества образования и формирования компетенций, необходимых человеку XXI века.

Отсюда следует, что, появление цифровой педагогики связано не с самим фактом распространения технологий, а с более глубокими изменениями в обществе и образовании. Она является ответом педагогической науки на новые условия развития человека, когда знания становятся более доступными, образовательные траектории - более индивидуальными, а процесс обучения приобретает непрерывный и цифровой характер.

Для образовательной системы Республики Таджикистан вопросы цифровой трансформации образования приобретают особое значение. Современные исследования таджикских ученых показывают, что внедрение цифровых технологий требует не только технического оснащения образовательных организаций, но и подготовки педагогов, способных использовать цифровые ресурсы в соответствии с задачами личностного развития обучающихся. В этом контексте цифровая педагогика становится важным научным направлением, позволяющим осмыслить новые условия образовательного процесса [1].

Актуальность развития цифровой педагогики для системы образования Республики Таджикистан. В условиях современного развития общества вопросы цифровой трансформации образования становятся актуальными для всех стран мира. Республика Таджикистан также находится в процессе постепенного перехода к цифровой модели развития, что требует нового осмысления роли образования, подготовки педагогических кадров и организации образовательного процесса.

Для Таджикистана развитие цифровой педагогики имеет особое значение, поскольку связано не только с внедрением современных технологий, но и с решением более широких задач повышения качества образования, расширения доступа к знаниям и подготовки специалистов, способных работать в условиях цифровой экономики.

Научная новизна исследования заключается в теоретическом осмыслении цифровой педагогики как самостоятельного направления современной педагогической науки. В статье уточняется содержание понятия «цифровая педагогика», раскрываются причины ее формирования в условиях цифровой трансформации общества, определяются ее основные структурные компоненты и перспективные направления развития.

Особое внимание уделяется пониманию цифровой педагогики не как совокупности технических средств обучения, а как научного направления, исследующего изменения образовательного процесса под влиянием цифровой среды при сохранении ведущей роли человека и педагогического взаимодействия.

Объектом цифровой педагогики является образовательный процесс в условиях цифровой образовательной среды.

В отличие от традиционной образовательной среды, цифровая среда включает не только преподавателя и обучающегося, но и различные цифровые ресурсы, образовательные платформы, интеллектуальные системы, электронные базы данных и инструменты коммуникации. Все эти элементы начинают влиять на организацию обучения и требуют педагогического анализа.

Предметом цифровой педагогики являются закономерности организации обучения, воспитания и развития личности в условиях цифровой образовательной среды, а также способы эффективного педагогического взаимодействия с использованием цифровых технологий.

Методологическую основу исследования составляют системный, деятельностный, компетентностный и личностно ориентированный подходы. В статье использованы методы анализа научной литературы, сравнения различных теоретических подходов, обобщения и концептуального моделирования. Исследование цифровой педагогики является закономерным ответом педагогической науки на изменения, происходящие в обществе. Сегодня важно не

только научиться использовать цифровые технологии в образовании, но и понять, каким образом они меняют саму природу педагогического процесса и какие новые возможности открывают для развития человека.

Практическая значимость исследования заключается в том, что материалы могут быть использованы при разработке образовательных программ подготовки и повышения квалификации педагогических кадров, при проектировании цифровой образовательной среды образовательных организаций, а также при дальнейшем изучении вопросов цифровой трансформации образования.

Представленные положения могут стать основой для разработки методических подходов к использованию цифровых технологий и искусственного интеллекта в образовательной практике.

Сегодня образование является одним из важнейших факторов социально-экономического развития страны. От качества подготовки подрастающего поколения зависит способность общества отвечать на новые вызовы, связанные с технологическими изменениями, развитием науки, производства и международного сотрудничества. В этих условиях традиционная система образования постепенно дополняется новыми цифровыми возможностями. Электронные образовательные ресурсы, дистанционные формы обучения, цифровые платформы и современные средства коммуникации становятся частью образовательной практики [6;4].

Однако сам процесс цифровизации образования не может ограничиваться только техническим оснащением образовательных учреждений. Наличие компьютеров, доступа к Интернету и цифровых платформ является необходимым условием, но не гарантирует повышения качества обучения. Главным фактором успешной цифровой трансформации остается педагог, который способен грамотно использовать технологии для достижения образовательных целей. Именно поэтому для Таджикистана особенно актуальным становится развитие цифровой педагогики как научного и практического направления.

Одной из главных задач развития цифровой педагогики в Таджикистане, на мой взгляд, является формирование цифровой компетентности педагогических кадров. Современный учитель должен обладать не только глубокими знаниями по своему предмету, но и понимать возможности цифровой образовательной среды. Ему необходимо уметь выбирать подходящие цифровые инструменты, создавать электронные учебные материалы, организовывать онлайн-взаимодействие и использовать технологии для развития самостоятельности обучающихся.

При этом цифровая компетентность педагога не должна сводиться только к техническим навыкам. Важнее сформировать способность понимать педагогический смысл использования технологий.

Иными словами, вопрос заключается не только в том, чтобы научить учителя пользоваться цифровыми инструментами, а в том, чтобы помочь ему стать специалистом, способным проектировать современный образовательный процесс [6].

Расширение образовательных возможностей в условиях Таджикистана является одним из важных преимуществ цифровой педагогики для Таджикистана, появляется возможность расширения доступа к качественному образованию. Особенности географического положения страны, наличие отдаленных и горных районов создают определенные трудности в обеспечении равного доступа к образовательным ресурсам. И в этой ситуации цифровые технологии могут стать дополнительным механизмом преодоления территориальных ограничений.

Использование цифровых образовательных ресурсов позволяет получать доступ к современным учебным материалам, участвовать в дистанционных образовательных программах, обмениваться опытом между педагогами разных регионов и обеспечивать непрерывное профессиональное развитие учителей. Мы видим, что цифровая педагогика может рассматриваться не только как технологическое направление, но и как средство повышения образовательного равенства [3].

Какова же роль цифровой педагогики в подготовке специалистов для будущего? Развитие экономики и общества требует подготовки специалистов, которые способны работать в условиях постоянных изменений. Молодое поколение должно обладать не только профессиональными знаниями, но и цифровыми компетенциями, необходимыми для современной жизни и трудовой деятельности. В связи с этим образовательная система Таджикистана сталкивается с важной

задачей - это необходимость готовить не просто пользователей технологий, а людей, способных осмысленно применять цифровые возможности для решения профессиональных и социальных задач. Именно цифровая педагогика позволяет связать технологическое развитие с педагогическими целями, обеспечивая подготовку личности, готовой к жизни в цифровом обществе. Выделю особенности развития цифровой педагогики в Таджикистане.

При развитии цифровой педагогики необходимо учитывать национальные особенности образовательной системы. Для Республики Таджикистан важны ряд направлений [8]. Это и развитие цифровой инфраструктуры образовательных организаций, и повышение уровня цифровой грамотности педагогов и создание качественных электронных образовательных ресурсов, и развитие исследований в области цифровой педагогики, и, что очень важно, подготовка специалистов, способных сочетать педагогические знания и цифровые компетенции. В этой связи особое значение имеет сохранение национальных образовательных ценностей. Цифровизация не должна означать отказ от культурных традиций, воспитательной функции образования и роли учителя как наставника. Напротив, задача заключается в том, чтобы использовать современные технологии для укрепления качества образования и развития личности обучающегося.

Отсюда следует, что для Республики Таджикистан развитие цифровой педагогики является объективной необходимостью, связанной с современными изменениями в обществе, экономике и системе образования.

Цифровая педагогика позволяет рассматривать цифровизацию не только как технический процесс, но и как важное педагогическое направление, ориентированное на повышение качества образования, развитие профессиональной компетентности педагогов и подготовку личности, способной успешно действовать в условиях цифрового мира [7].

На наш взгляд, именно сочетание современных технологий, профессионализма педагога и национальных образовательных ценностей может стать основой успешного развития цифрового образования в Таджикистане.

Иҷрои кор бо муносибатҳои дар боло қайд шуда муқоисаи унсурҳои асл бо ҳамдигар, маҳорат ва малакаи биниши ҷузъҳои дуюмдараҷаи манзара ва ҷузъҳои асосиро дар назар дорад. «Барои он, ки муносибатҳои хислати сояҳо ва рангҳои табиатро дуруст дар сатҳи тасвирӣ ифода намоем, мо бояд аввал муайян кардани онҳоро ёд гирем, ё тавре ки рассомон мегӯянд, онҳоро бубинем», - навиштааст рассоми советӣ А.П. Яшухин [15, с. 31].

Дар раванди муайян кардани дараҷаи бузургии рангҳо донишҷӯ бояд донад, ки чиро муқоиса бояд кард, чи тавр манзараро ба шакли рангҳои асосӣ тақсим кард, ки ин дар донишҷӯён ташаккул додани мусаввирии манзаранигорӣ мебошад ва маҳорати аввалия ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаи ибтидоии таълими манзаранигорӣ методҳои гуногуни санъати тасвирӣ истифода мешаванд. Яке аз ин методҳо, ки дар омӯзиши ибтидоии манзаранигорӣ истифода мешаванд ин «контражур» мебошад.

Дар санъати тасвирӣ бо мақсади ифоданок гардонидани объекти тасвиршаванда аз бисёр методҳо ва воситаҳо истифода мебаранд. Яке аз онҳо ба истилоҳи забони русӣ «контражур» мебошад, ки аслан «контражур [фр. A contra – муқобили равшанӣ] – фото ё кино суратгирӣ, дар он вақт сарчашмаи равшанӣ (асосан аз рӯи сюжет) дар қафои суратгирӣ ҷойгир мебошад» [14, с. 249].

Таҷрибаи рассомон нишон додааст, ки истифодаи методи контражур дар манзаранигорӣ бояд дар марҳалаи ибтидоии омӯзиш қарор дода шавад. дар мусаввирии манзаранигорӣ аз асл барои донишҷӯён муносибатҳои гуногун ва қонуниятҳои равшанию тирагӣ, дурнамои фазогӣ ва ғайраро ошкор мекунад. Он дар донишҷӯён таҳлил карда тавонистани рангҳои табиат, тақсим карда тавонистани рангҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро дар донишҷӯён ба зудӣ инкишоф медиҳад.

Аз сабаби он, ки донишҷӯён таҷрибаи кофӣ дар манзаранигории бо методи контражур надоранд, диққати худро ба масъалаҳои асосии манзаранигорӣ ҷалб накарда ҷузъиёти манзараро ҷамъбаст мекунанд, дар ин ҳолат ҳам равшанӣ ва ҳам тазоди ранг дар мавқеи охир боқӣ мемонад. Афзалияти ин метод дар он аст, ки донишҷӯён қонуниятҳои тасвири мусаввирӣ ва тасаввуротеро, ки барои оянда дар фаъолияти корӣ зарур мебошанд, масалан: тафсилот (коркарди муфассали ҷузъиёти тасвир), абрис (расми хомакӣ), ранг ва хелҳои он (равшани баланд ва тираи паст), тасвири тобишӣ, соя, таносуб, мувофиқат, нимсоя, тобиш, мусаввара ва ғайраро меомӯзанд. Инчунин, манзаранигории бо методи контражур ба донишҷӯён яклухтии аслро меомӯзад.

«Афзалиятнокии нигоҳи яклухт дар раванди муқоиса кардани муносибатҳои равшанию тирагӣ дар асарҳои рассм-омӯзгор Г.В. Беда бо истилоҳи «нигоҳи васеъ» муфассал оварда шудааст» [2, с. 159].

Дар он раванде, ки донишҷӯ бар зидди равшанӣ истода манзараи табиатро тасвир мекунад, офтоб ба чашми ӯ метобад, ӯ хоҳ - нохоҳ чашмашро нимроғ мекунад ва дар натиҷа донишҷӯ манзарароро бо ҳама ҷузъиёташ яклухт ва пурратар мебинад. Хосияти асосии самаранокии манзаранигории контражур дар он мебошад, ки омӯзгор бояд худаш амалан ба шогирдони худ нишон диҳад ва марҳилаҳои дурусти тасвири онро возеҳ фаҳмонад. Дар натиҷа донишҷӯён нисбатан ба методи мазкур шавқманд мешаванд ва фаъолона бо назардошти риояи қонуниятҳои санъати тасвирӣ ва маслиҳатҳои муфиди омӯзгор ба кор шурӯъ менамоянд.

«Донишҷӯён ба таҳлили табиат шурӯъ мекунанд, инчунин вариантҳои дигари манзарароро ичро мекунанд, суробро беҳтар ҳис мекунанд, бо муносибатҳо кор мекунанд, ки ин бо таъсири донишҳои қаблан гирифташуда ба раванди дарки табиат вобаста аст» [9, с. 155].

Ҳамин тавр, афзалияти ин методи санъати тасвирӣ дар он мебошад, ки донишҷӯён бо шавқу ҳавас дар машғулиятҳои манзаранигорӣ иштирок мекунанд. Ичрои кор бо методи контражур ба донишҷӯён имкон медиҳад қонунҳое, ки онҳо бояд донанд ва маҳз дар марҳилаи ибтидоӣ онҳо зарур мебошанд ифоданок дида метавонанд. Масалан: таҳлили пурраи манзара, тақсимоти он ба мавқеи наздик ва дур, тағйирёбии ранг ва тобиш аз ҳисоби равшании пурқувват, биниши яклухти мавзеи тасвиршаванда, кор бо муносибатҳои равшанию тирагӣ, ва ғайра.

Таҳлилҳо оид ба назарияи ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ нишон дод, ки онҳо бояд ба якчанд салоҳиятҳо, ба монанди: салоҳияти умумии педагогии махсус, бадеӣ дарк ва фарқ карда тавонистани ранг ва тобишҳои он, дурнамои фазоӣ, манзаранигорӣ аз асл, омехта карда тавонистани рангҳои гарм ва хунук, афкандаи равшанӣ ва соя, мусаввирӣ, чеҳранигорӣ ва ғайра.

Ю.А. Полуянов салоҳиятҳои бадеиро чунин тавсиф додааст: «Ин салоҳиятҳо нисбатан унверсалӣ буда, дар маҷмуъ, дар муносибати инсон ба ҳаёт, санъат, касб ва ғайраҳо зоҳир мешавад. Салоҳиятҳои тасвирӣ ба намуди мушаххаси санъат: рассомӣ, графика, санъати ороишӣ-амалӣ ва ғайра самтгузор мебошанд» [11, с. 36].

Олимони соҳаи салоҳиятнокӣ зиёда аз шаст салоҳиятҳои педагогиро номбар кардаанд, ки барои омӯзгор асосӣ мебошанд:

1) Салоҳияти педагогии умумӣ ва махсус (дар рафти фаъолияти педгогӣ бо назардошти донишҳои заминавии педагогӣ – психологӣ самаранокӣ ва натиҷаҳои раванди омӯзишро пешгӯӣ кардан)

2) Салоҳиятҳои таҳия кардан (нақшаи тақвимӣ, нақшаи машғулиятҳо, дарс, дарсҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо, саёҳатҳо ва ғайра)

3) Салоҳиятҳои муайян кардани сифатҳои шахсиятии донишҷӯён (қобилият, тафаккур)

4) Салоҳиятҳои муайян кардани руҳияи хонанда, кӯшишу ғайрат, андом, нутқ, ҳаракат ва ғайра)

5) Салоҳияти таҳқиқотӣ (истифодаи методҳои муассири таълим, омӯзиши таҷрибаи муаллимони пешқадами дигар муассисаҳои таҳлимӣ, омӯзиши хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ва берун аз он муайян намудани низоъҳо байни хонандагон ва пешгирии он ва ғайра).

6) Салоҳиятҳои иртиботӣ (бо мақсади расидан ба самаранокии маводи таълим робитаҳои нутқӣ-эҳсосӣ ва ғайра).

7) Салоҳияти ташкилӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака оид ба муносибат бо хонандагон, гурӯҳ ва маъмурият дар раванди чорабиниҳои беруназсинфӣ ва ғайра).

Салоҳиятҳои педагогӣ ҳамаи салоҳиятҳои омӯзгори ояндаи санъати тасвириро ба назар гирифта наметавонад, зеро таълим ба дониш ба фаннҳои ҷудогона вобаста мебошад. Ташаккули салоҳияти омӯзгори ояндаи санъати тасвирӣ аз методҳо, шаклҳо ва шароитҳои педагогии муассисаҳои таълимии олӣ вобастагӣ дорад, ки ҳолат ва нишондиҳандаҳои пайдо шудани онҳоро донистан зарур аст.

Олими Рус Н.Д. Левитов дар салоҳияти педагогӣ чунин хусусиятҳоро дар назар дорад: «фаҳмиши хонанда, пешниҳоди дониш ба хонанда, тафаккури эҷодӣ, зиракии педагогӣ (босуръат ва дуруст интихоб кардани амалҳои оқилонаи таълимӣ-методӣ), салоҳиятҳои ташкилӣ, алоқамандӣ ва салоҳиятнокиро таъкид мекунад» [10, с. 33].

Сохтори салоҳиятҳои педагогиро олим-педагоги рус Ф.Н. Гонобалин чунин шарҳ додааст: «Дидактикӣ, рефлексивӣ-мушоҳидакорӣ нисбати хонанда, фаҳмидани ӯ, каммуникативӣ – таъсир ба хонанда,серталабӣ ва одоби педагогӣ (маданият ва соҳибкасбӣ), салоҳиятҳои ташкилӣ, гуфторӣ –пурмӯҳтавоӣ, образнокӣ ва боваринок будани нутқ» [6, с. 32].

Натиҷагирӣ нишондиҳандаи асосии мавҷуд будани салоҳиятҳои омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ ин тасвиркунӣ мебошад, ки бояд дар онҳо намоён бошанд, масалан: баланд будани шавқу завқ ба фаъолияти тасвиркунӣ, маҳорат ва малакаи ифоданокӣ дар композитсияи тасвиршаванда, хусусиятҳои хоси он, шабоҳат, мутаносиб карда тавонистани шаклҳо, тафаккури образнок, интихоби рангҳо, дарки равшанӣ ва ғайра.

Яке аз салоҳиятҳои мураккабе, ки донишҷӯён барои соҳиб шудани он вақт ва қувваи зиёди худро масраф мекунанд, ин салоҳияти манзаранигорӣ мебошад.

Оид ба салоҳиятҳои тасвиркунӣ В.С. Кузин чунин ақида иброз кардааст: «салоҳияти тасвиркунӣ дар таҷрибаи мутобиқ зоҳир мешаванд, дар заминаи онҳо хусусиятҳои фаъолияти олии низоми асаб хобидаанд,ки дар афзалияти низоми аввалин сигналҳо ифода ёфтааст, салоҳияти тасвиркунӣ бо ҳам алоқаманд ва барои сатҳи инкишоф мувофиқати онҳо сабаб мегардад. Ташаккули салоҳиятҳои тасвиркунӣ танҳо дар раванди истифодаи амалии донишҳои махсус имконпазир аст» [8, с. 101].

«Шартҳои ташаккули салоҳиятнокии манзаранигорӣ дар таълим истифодаи амалии донишҳои махсус дар муҳити мусоиди эҷодӣ ҳамроҳ бо эҳтиётккории педагогӣ мебошад. Расмкашӣ аз рӯи хотира, тасаввур ва тахайюлот яке аз тарзҳои ташаккули салоҳиятҳои тасвиркунӣ, мустаҳкамкунии дониш, фаъолгардонии кор бо асл ва ҳалли супоришҳои эҷодӣ ва воситаи дарёфткунии дараҷаи инкишофи сифатҳои барои фаъолияти муваффақи педагогӣ ва эҷодӣ мебошад» [13, с. 169].

Хулоса. Маҳсулнокии машғулиятҳои манзаранигорӣ аз он вобаста мегардад, ки донишҷӯёни ихтисоси мазкур иҷрои вазифаҳои таълимӣ бо шавқу завқ, самаранoктар кор мекунанд, диди онҳо ба табиат бо баробари омӯхтани методҳои таълим ва қоидаҳои манзаранигорӣ тамоман дигар мешавад. Ҳангоми амалӣ гардонидани методи контражур хосиятҳое, ки бояд донишҷӯи ихтисоси санъати тасвирӣ донад, пурра ба назар менамоянд: дида тавонистани равшанӣ, яклухтӣ, тобиши асосӣ, дурнамои тобишӣ он, тағйирёбии ранг ва сояҳо дар марҳилаҳои гуногуни рӯз тавассути равшанӣ, тазодҳо ва ғайра. Истифодаи методҳои контражур дар раванди омӯзиши манзаранигории омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ хеле муфид мебошад, масалан дар шакли корҳои ибтидоии содда ва тасвири манзараҳои мураккаб кӯмак мекунанд.

Мақолаи мазкур тибқи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳти унвони «Муаммоҳои мубрами таълими санъати тасвирӣ, мусаввирӣ ва ҳунарҳои халқӣ дар омодагии касбии омӯзгорони оянда» омода карда шудааст.

АДАБИЁТ

1. Азизов А.А., Ашӯрова Т.А., Тоирова М.М. (мураттибон). Луғати тафсирии мафҳумҳои педагогӣ-психологӣ (китоби дарсӣ) – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. -312с.
2. Беда Г.В. Основа изобразительной грамоты. – М.: Просвещение, 1981. – 272 с.
3. Беда Г.В. Основы изобразительной грамоты. – М.: Просвещение, 1989. – 192 с.: ил. – (Б-ка учителя изобр. Искусства).
4. Болонский процес. Основополагающие материалы: Пер. с анг./сост. А.К. Бурцев, В.А. Звонова. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 88 с.: ил
5. Ғаниева М.А. Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ [Текст]: дис. ...канд. пед.наук: 13.00.08 / М.А. Ганиева. - Худжанд, 2023. – 178 с.
6. Гоноболин Ф.Н. О некоторых психических качествах учителя // Вопросы психологии, 1975. - №1. – С. 25-29.
7. Ефремов О.Ю. Педагогика. Учебное пособие. – СПб.: Питер, 2010. – 352 с.
8. Кузин В.С. Изобразительное искусство и методика его преподавания в начальных классах. М.: Просвещение, 1984. – 319 с.

9. Кузин В.С. Психология живописи. Издание 4-е, исправленное. – М.: Оникс, 2005.
10. Левитов Н.Д. Проблема экспериментального изучения компетентностей // Проблемы компетентностей. – М.: изд-во АПН СССР, 1962. – С. 33.
11. Полуянов Ю.А. Изобразительное искусство: содержание, методика и организация занятий в начальной школе: пособие для учителей. М.: ИНТОР, 1997. – 148 с.
12. Ростовцев Н.Н. Развитие творческих компетентностей на занятиях рисованием [Текст]: Учеб. Пособие для студентов худож. - граф. фак. пед. ин-тов / Н.Н. Ростовцев, А.Е. Терентьев. — М.: Просвещение, 1987. – 176 с.
13. Словарь инностранных слов. -17-е изд., испр. – М.: Рус. яз., 1988. – 608 с.
14. Унковский А.А., Смирнов Г.Б. Пленэр (прак-тика по изобразительному искусству). – М.: Просвещение, 1981.
15. Яшухин А.П. Живопись. Учебное пособие для учащихся педучилищ. – М.: Просвещение, 1985.

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МАНЗАРАНИГОРИИ МУСАВВИРӢ ДАР ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба ташаккули салоҳияти манзаранигории мусаввирӣ дар омӯзгорони оянда санъати тасвирӣ баррасӣ шудааст. Қайд мешавад, яке аз салоҳиятҳои марказии омӯзгорони оянда фанни санъати тасвирӣ, ки ба зумраи касбӣ дохил мешавад, маҷмуи донишу маҳорати манзаранигорӣ маҳсуб мегардад. Ташаккули нопурраи салоҳияти зикршуда боиси он мегардад, ки ин гуна омӯзгор наметавонад барои хонанда заминаи воқеӣ ё муносиб гузорад, надоштани малакаҳои кор дар гурӯҳ, фаъолияти тарбиявӣ, малакаҳои нигоҳдории диққат ва ташаккули шавқи маърифатии донишҷӯёнро ошкор намояд. Собит шудааст, ки ҳангоми расмкашӣ бевосита донишҷӯён дар шароити мухталифи рӯшноӣ, ҳолатҳои табиӣ фаъолият бурданро меомӯзанд, ки аз донишҷӯ ҳангоми қабули қарорҳо оид ба усулҳо ва воситаҳои тасвир, фаъол сохтани малакаҳои тасвир аз рӯйи хотира ва ғайра фаъол шуданро тақозо мекунад. Ҳамаи ин зуҳуроти фаъолнокии касбии донишҷӯро дар назар дорад. Муаллифон ба он хулоса омаданд, ки омӯзгорони оянда санъати тасвирӣ дар ичрои вазифаҳои таълимӣ бо шавқу завқ, самараноктар кор мекунанд, диди онҳо ба табиат бо баробари омӯхтани методҳои таълим ва қоидаҳои манзаранигорӣ тамоман дигар мешавад. Дар раванди истифодаи методи контражур хусусиятҳое, ки дарк кардани онҳо ба омӯзгорони оянда санъати тасвирӣ зарур аст, равшан дида мешавад: таҳлили равшанӣ, соя нимсоя, ранг ва тобишҳои он, тағйирёбии ранг ва сояҳо дар марҳилаҳои гуногуни рӯз тавассути равшанӣ, тазодҳо ва ғайра. Истифодаи методҳои контражур дар раванди омӯзиши манзаранигории омӯзгорони оянда санъати тасвирӣ хеле муфид мебошад, масалан дар шакли корҳои ибтидоии содда ва тасвири манзараҳои мураккаб кӯмак мекунанд.

Калидвожаҳо: санъати тасвирӣ, салоҳият, манзаранигории мусаввирӣ, метод, контражур**,** ранг, тасаввурот, тафаккури эҷодӣ, идрок.

ФОРМИРОВАНИЕ КОМПЕТЕНЦИЙ В ПЕЙЗАЖНОЙ ЖИВОПИСИ У БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА

В данной статье рассматривается формирование компетенций в пейзажной живописи у будущих учителей изобразительного искусства. Отмечается, что одной из центральных компетенций будущих учителей искусства, относящейся к профессиональной сфере, является совокупность знаний и навыков в области пейзажной живописи. Неполное формирование вышеупомянутой компетенции приводит к тому, что такой учитель не может обеспечить ученику реалистичную или надлежащую основу, не обладает навыками командной работы, раскрывает образовательную деятельность, навыки удержания внимания и развитие интеллектуального любопытства учащихся. Доказано, что при непосредственном рисовании учащиеся учатся работать в различных условиях освещения и природных условиях, что требует от них принятия решений о техниках и инструментах рисования, требует активации навыков изображения по памяти и т. д. Все это влечет за собой профессиональную деятельность ученика. Авторы пришли к выводу, что будущие учителя искусства работают более увлеченно и эффективно при выполнении педагогических задач, а их взгляд на природу полностью меняется по мере изучения методик преподавания и принципов пейзажной живописи. В процессе использования метода контражур становятся очевидными качества, которые должны понимать будущие учителя изобразительного искусства: анализ света, тени и полутени, цвета и его оттенков, изменение цвета и оттенков в разное время суток под воздействием света, контрастов и т. д. Использование методов контражура в процессе пейзажной живописи для будущих учителей искусства очень полезно; например, они помогают в простой подготовительной работе и изображении сложных пейзажей.

Ключевые слова: изобразительное искусство, компетенция, пейзажная живопись, метод, контражур, цвет, воображение, творческое мышление, восприятие.

FORMATION OF COMPETENCIES IN LANDSCAPE PAINTING IN FUTURE FINE ARTS TEACHERS

This article examines the formation of competencies in landscape painting among future fine arts teachers. It is noted that one of the central competencies of future art teachers related to the professional sphere is a set of knowledge and skills in the field of landscape painting. Incomplete development of the above-mentioned competence leads to the fact that such a teacher cannot provide the student with a realistic or appropriate foundation, lacks teamwork skills, reveals educational activities, attention span skills and develops students' intellectual curiosity. It has been proven that when drawing directly, students learn to work in various lighting and natural conditions, which requires them to make decisions about drawing techniques and tools, requires the activation of image skills from memory, etc. All this entails the student’s professional activity. The authors concluded that future art teachers were more engaged and effective in their teaching tasks, and that their

view of nature changed completely as they learned teaching techniques and the principles of landscape painting. In the process of using the counter -a -jour method, the qualities that future teachers of fine arts must understand become obvious: the analysis of light, shadow and penumbra, color and its shades, the change in color and shades at different times of the day under the influence of light, contrasts, etc. The use of counter -a- jour methods in the process of landscape painting is very useful for future art teachers; for example, they help with simple preparatory work and the depiction of complex landscapes.

Key words: fine arts, competence, landscape painting, method, backlight, color, imagination, creative thinking, perception.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он**Суроға**: 735700, , шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистонгузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **927474115**
Ғанизода Малика Абдуқодир – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқӣ. **Суроға**: 735700, , шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистонгузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **92 784 95 85**

Сведения об авторах: ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** **– –** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1. Телефон: **927474115**
Ганизода Малика Абдукодир – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры изобразительного искусства и народных промыслов. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1. Телефон: **92 784 95 85**

Information about the author***: Azizov Abdulatif Abduhalimovich*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Technology and Methods of Teaching. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1, Phone: **927474115**
Ghanizoda Malika Abduqodir a - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Fine Arts and Folk Crafts. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1, Phone: **92 784 95 85**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 29.06.2026
Аз тақриз баргашт: 28.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:371.02

ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТ ВА СИФАТҲОИ МУҲИММИ КАСБИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ-КАСБӢ

Азизов А.А., Дадобоева М.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Муқаддима. Ташвиқоти ғояи инсониятпарварӣ, ки ба инкишофи маънавии донишҷӯён таъсир мерасонад, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ доимо амалӣ гардонида мешавад. Мувофиқи ақидаҳои олимон инсонпарварӣ яке аз шартҳои зарурии ташаккули шахсияти хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он, ки ҷавонони муосир ҳамчун захираи стратегии давлат ҳисобида мешаванд, онҳо бояд дарк намоянд, ки онҳо на танҳо ояндаи давлати худ ё объекти таъсир, балки механизми асосии пешбарандаи давлат ва ҷамъият мебошанд.

Дар низоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ муошират дар инкишофи хонанда заминаи асосиро мегузорад, ки моҳияти он амалӣ гардонидани муносибатҳои тарафайн мебошад. Олим Б.Г. Ананйев муоширатро аз чунин намудҳои фаъолият, ба монанди меҳнат ҷудо намуда ақидаи худро баён намудааст: «дар ҳар сатҳ ва бо ҳар мураккабии рафтори шахс, байни маълумот дар бораи одамон ва муносибатҳои байнишахсӣ, муошират ва худтанзимкунии амалҳои шахс дар раванди муошират вобастагии мутақобила вуҷуд дорад; тағйирёбии ҷаҳони ботинии худи шахс ба амал меояд» [1. с. 81].

Муаллиф муоширатро ҳамчун раванди психологӣ таҳлил намуда ҷанбаи зоҳирии онро қайд кардааст: «фаҳмиши иштирокчиён аз якдигар, муносибатҳои байнишахсӣ, худтанзимкунии амалҳои шахс дар асоси донишҳои бадастоварда ва табдили ҷаҳони ботинии онҳо» [1. с. 21].

Олими дигари рус В.Н. Мясишев муоширатро «ҳамчун раванди таъсири мутақобила байни афроди мушаххасе, ки якдигарро ба таври муайян инъикос мекунанд, бо якдигар робита доранд ва ба якдигар таъсир мерасонанд, баррасӣ мекунад» [9. с. 71]..

Аз иқтибоси боло муайян мешавад, ки муошират аз се ҷузъи асосӣ иборат аст: инъикоси иҷтимоӣ, муносибати муассирӣ ва тарзи рафтор, ки субъекти он шахсият аст. Аз рӯи ақидаи А.А. Бодалев раванди муошират, «як навъи муоширати байни одамон аст, ки дар он охиринҳо на танҳо ҳамчун объектҳо ва субъектҳои таъсиррасонӣ, балки ҳамчун объектҳо ва субъектҳои маърифат низ нисбат ба якдигар амал мекунанд» [2. с.3]. Аз назари мо муаллиф тасдиқ кардааст, ки ба даст овардани натиҷаи мусбат дар муошират он вақт муяссар мешавад, ки аз ҷониби тарафайн маърифати муошират риоя карда шавад.

Я.Л. Каломенский муоширатро «ҳамчун рафтори шахсӣ мефаҳмад, ки тавассути он муносибатҳои байнишахсӣ пайдо мешаванд, ташаккул меёбанд ва инкишоф меёбанд. Ғайр аз ин, аз нигоҳи олим, муносибатҳо инъикоси шахсан муҳимми муассирӣ, тахайюлӣ ва зеҳнии (маърифатии) якдигар мебошанд, ки ҳолати ботинии онҳоро ифода мекунанд ва ба мутақобила имкон медиҳанд» [7.с.52].

Дар синну соли наврасӣ муошират ниҳонӣ – шахсиятӣ ва номуташаккилӣ - гурӯҳӣ фаъолноктар мегарданд. Аз рӯи нуқтаи назари Д.И. Фелдштейн, «фаъолияти бисёрҷониба ва васеъшуда ба фаъолияти пешбар табдил меёбад, ки тағйиротро дар хусусиятҳои равонии шахсияти наврас ва ҷавонон муайян мекунад» [13. с. 101].

Аз гуфторҳои олимон бармеояд, ки фаъолият сабаби он мегардад то шахсият бо мақсади ба танзим овардани муносибат бо дӯстону рафиқон, калонсолон мусоидат мекунад. Албатта дар ин раванд агар ниёзҳои муоширатӣ ва маърифатӣ ба манфиатҳои иҷтимоӣ асос ёфта бошад. Бо баробари ин дар натиҷа ташаккули маҳоратҳои муоширатӣ ва маърифатии хонандагони таҳсилоти касбӣ ба вуҷуд меояд. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ҳолати дар хонанда мавҷуд будани низоми муоширатии ташаккулёфта ба назар расад, ин маънои онро дорад, ки дар хонанда ҷузъҳои ҷудогонаи хусусиятҳои шахсият инкишоф ёфтааст.

Олими тавонои тоҷик Ш.А. Шарофов дар китоби худ, ки «Муошират ва худшиносӣ» номгузорӣ шудааст чор намуди муоширатро ҷудо намудааст: «-муошират маъноӣ (бо истифодаи мафҳумҳои якмаъноӣ амалӣ мегардад); - муошират эҳсосотӣ (калимаҳое, ки

дар вақти ин муошират истифода мешаванд, метавонад эҳсосоти муайянро ба вуҷуд оваранд); - муошрати тимсолӣ (чунин ташкил карда мешаванд, ки калимаҳои истифодашаванда дар назари ҳамсӯҳбат «образи дидашаванда»-ро ба вуҷуд меоранд; - муошрати ассотсиативӣ (гардонидани образро бо ассотсиатсияҳои мухталиф таъмин мекунад)» 17.с.8].

Дар раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ, муошрати «одам - касб» аз рӯи ақидаи Т.В. Кудрявсев ва В.Ю. Шегурова, «бо ҷалби донишҷӯён ба фаъолиятҳои таълимии махсус ташкилшуда, ки ба кори воқеии касбӣ наздиканд, ба вуҷуд меояд» [8.с. 25]. Аз сабаби он, ки хонанда дар ин раванд фаъол иштирок мекунад, дар бораи касби интихобшудаи худ маълумотҳои ҷолиби диққатро соҳиб мешавад, ки он ба фаъолияти касбии ояндаи хонанда таъсири мусбат мерасонад ва ба ташаккули сифатҳои касбӣ, маҳорат ва малакаҳои муошратӣ ва касбӣ - машваратӣ оварда мерасонад.

Бо мақсади пурра таҳлил намудани муаммои мазкур адабиётҳои назариявии педагогӣ - психологӣ истифода мешаванд, ки самти асосии фаъолияти касбиро муайян мекунанд: таҳлили тафовутҳои инфиродӣ дар хонандагон; мавҷуд будани қобилиятҳои гуногун дар вобастагӣ ба касбҳои ҷудогона; татбиқи донишҳои психологӣ ба фаъолияти касбӣ. Нишонаҳои «хусусияти предмет» (ё объект, ки бисёртар ба кор меояд) дар вобастагӣ аз сатҳи «одам шудан»- и он дар асоси тақсимоти касбҳо ба намуди субъект - объект хобидааст, ки объект метавонад ҳама чиз, ба ғайр аз одами зинда бошад, ва субъект - субъективӣ, объект, ки субъекти он одами зинда ба ҳисоб меравад: «субъекти таваҷҷуҳ, эътироф, хизмат ва табдил дар ин ҷо низомҳои иҷтимоӣ, ҷомеаҳо, гурӯҳҳои аҳолӣ, одамони синну соли гуногун» [6. с.45].

Мувофиқи таснифоти касбҳо, ки олими рус Е.А. Климов пешниҳод кардааст мо диққати худро ба навъи касбҳои «одам - одам» (одамҳо, гурӯҳҳо, коллектив, умумияти одамон), ки асоси он муносибатҳои субъект - субъективӣ ба ҳисоб меравад. Ба касбҳои ин навъи касб, фаъолияти касбии ингуна касбҳо: идоракунии истеҳсолӣ, роҳбарӣ ба одамон, таълиму тарбия, хизматрасонии маишӣ, хизматрасонии маълумотӣ, хизматрасонии маълумотӣ, хизматрасонии бадеӣ, маданият, тиб ва ғайраро дохил кардан мумкин аст.

Вобаста ба ин, ғояҳои К.К. Платонов ва консепсияи Ҷ. Ҳолланд наздик мебошанд: «дар бораи муқоисаи эҳтимолии сохтори касби додашуда бо сохторҳои шахсияти инфиродӣ, инчунин принсипи риояи касб аз ҷониби шахс ва мавқеи имконияти инкишофи сифатҳо ва қобилиятҳои муҳимми касбӣ, ки барои касб заруранд, асос ёфтааст» [10.с.72].

Яке аз масъалаҳои зарурии психологияи меҳнатӣ, ки ба камёбиҳои касбӣ аз қобилиятҳои коргар ё хизматчии оянда вобаста аст ва инкишофи сифатҳои шахсӣ, ки ба касб нигаронида шудааст имконпазир аст. Барои ҳалли ин муаммо психологияи меҳнатӣ ба назарияҳои С.Л. Рубинштейн ва Б.М. Теплов, ки дар бораи қобилиятҳои махсуси меҳнатӣ ироа шуданд, такя мекунад. С.Л. Рубинштейн, «қобилиятро ҳамчун як ташаккули мураккаби синтетикӣ муайян мекунад, ки доираи васеи маълумотро дар бар мегирад, ки бидуни он шахс қодир ба ягон фаъолияти мушаххас нест ва хосиятҳое мебошанд, ки танҳо дар раванди фаъолияти муташаккилона ба таври муайян инкишоф меёбанд; ҳамчун як низоми фаъолиятҳои умумии зеҳнӣ, ки дар шахс мустаҳкам шудаанд» [11.с.17].

Аз рӯи нуқтаи назари Б.М. Теплов қобилият аз рӯи се нишонаҳо муайян карда мешаванд: «қобилиятҳо хусусиятҳои инфиродии равонӣ мебошанд, ки як шахсро аз шахси дигар фарқ мекунанд; он хусусиятҳое, ки бо иҷрои бомуваффақияти як фаъолият ё якчанд фаъолият алоқаманданд; қобилиятҳоро ба дониш, малака ва қобилиятҳое, ки шахс аллакай инкишоф додааст, кам кардан мумкин нест» [13.с.39]. Ақидаи олим дар он мебошад, ки ин се қобилиятҳо маҳаки асосии сифатҳои зарурӣ барои интихоби касб мебошад.

Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани қобилиятҳо, ки ба намудҳои касбҳои гуногун тааллуқ дорад боиси он мегардад, ки мо қобилиятҳои махсуси ба шахсият нигаронидаро муайян созем. Масалан, олимон Л.Д. Столяренко, В.Е. Столяренко қобилиятро ба ду гурӯҳи калон тақсим мекунанд: «1) қобилияти табиӣ дар асоси вобастагии биологӣ, ки ба аломатҳои қобилияти модарзодӣ алоқаманданд. 2) қобилияти махсус, ки пайдоиши таърихӣ - ҷамъиятӣ доранд, зиндагӣ ва инкишофро дар муҳити иҷтимоӣ таъмин мекунад. Қобилиятҳои ба худ хоси одамон ба умумӣ ва махсус ҷудо мешаванд» [12.с.117]

Дар раванди муайян кардани қобилиятҳои умумӣ дар фаъолиятҳои касбӣ ва нишондиҳанадҳои асосӣ дар татбиқи он сабаб мегардад, ки ба ҳар як шахсият дар фаъолияти касбӣ мусоидат мекунад ва ҳамчун қобилиятҳо шахсро аз шакли дигар фарқ мекунонад. Олими соҳаи психология Е.А. Климов барои соҳиб шудан ба комёбӣ дар ҳама соҳаҳои фаъоляити касбӣ қобилиятҳои умумиро зарурӣ ҳисоб мекунад. Ба ақидаи муаллиф қобилияти махсусро бояд ба ду гурӯҳ ҷудо кард: «байниичтимоӣ (иртиботӣ ва иҷтимоӣ-ташкилӣ) ва асоснокӣ (фаврӣ-иҷроишӣ); гностикӣ (ташхисӣ ва эҷодӣ)» [5.с.88]

Қобилиятро дар раванди як намуди ҷудогонаи фаъолияти касбӣ муайян карда К.К. Платонов таъкид кардааст, ки ин ҷузъи сохтори ҷамъият дар маҷмуъ мебошад ва ба ин хусусиятҳои шахсият нотарсӣ, ғамхории беғаразона, эҷодкорӣ ва ғайра дохил мешаванд. Дар таҳқиқотҳои қобилият ин самти мазкурро ба шахсиятӣ-фаъолиятӣ дохил кардан мумкин аст.

Сохтори сифатҳои муҳимми фаъолияти касбиро К.К.Платонов ба чор самт ҷудо кардааст: «самти шахсият; таҷриба (дониш, малака, қобилият); хусусиятҳои инфиродии вазифаҳои руҳии инфиродӣ ҳамчун шаклҳои инъикос; хусусиятҳои мизоҷ» [10.с.112].

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки барои ба таври автоматӣ омӯхтани фаъолияти касбӣ, қобилиятҳои касбӣ дар иҷрои он ва инкишофи ояндаи он зарур мебошад, ки дар охир малакаҳои чандир ба вуҷуд меоянд.

Ба муаммои қобилият олим В.Д. Шадриков муносибати «функсионалӣ – генетикӣ»-ро коркард кардааст. Ташаккулёбии ин қобилиятҳо қобилияти мафҳуми иртиботӣ ва маърифатӣ мебошад, ки дар давоми ҳаёти шахсият инкишоф меёбад. Қобилиятҳоро олим ба монанди хусусиятҳои низоми функсионалӣ муқаррар мекунад ва ӯ таъкид мекунад, ки онҳо супоришҳои зеҳниро дар раванди фаъолияти касбӣ иҷро мекунанд. Бо баробари ин, онҳо сатҳи ифоданокӣ доранд ва дар раванди омӯзиши вазифаҳои фаъолияти касбӣ бомуваффақият татбиқ мешаванд.

Ба ҳамин тарз, қобилиятҳо монанди низоми сифатҳои шахсият ва инкишофи онҳо ҳамчун раванди пайдоиш тавсиф дода мешавад. Қобилиятҳо асосан нақши хусусиятҳои муайяни вазифаҳои касбиро иҷро мекунанд, вазифаҳои функсионалии фаъолияти зеҳниро амалӣ мегардонанд. Якчанд намудҳои қобилиятҳоро олимони соҳа тавсиф додаанд: педагогӣ - қобилияти таъсир расонидан ба шахси дигар бо мақсади таълиму тарбия; математикӣ - қобилияти аз худ кардани усулҳои математикии тафаккур, техникӣ - қобилияти аз худкардани техника ва илмҳои техникӣ; санъат - қобилияти хаёлоти эҷодӣ, тафаккури образнок; адабию забоншиносӣ - қобилияти фаъолияти адабӣ, донистани забонҳо; ташкилотчигӣ - маҳорати ташкил кардани ягон кор ё роҳбарӣ кардан ба одамон ва ғайра. Қобилиятҳои дар боло зикршуда ҳам ба намуди қобилиятҳои умумӣ ва ҳам ба намуди қобилиятҳои махсус дохил мешаванд. «Қобилиятҳои махсус аз ҷониби В.Д. Шадриков ҳамчун қобилиятҳои умумӣ, ба даст овардани хусусиятҳои самаранокӣ таҳти таъсири талаботи фаъолияти муайяни касбӣ баррасӣ мешаванд» [15. 102].

В.Н. Дружинин ба қобилиятҳои умумӣ диққат дода онро ҳамчун хусусияти психикии инсон муайян мекунад. Ӯ се намуди аз ҳама асоситарини таҷрибаро баррасӣ кардааст: ҳосил кардан, татбиқ ва табдилдиҳӣ. Ин намудҳо ва методҳои коркарди таҷриба дар ҳама фаъолияти касбӣ ба назар мерасад. Муаллиф тазаккур медиҳад, ки ҳар як шахсият барои соҳиб шудан ба касб, пеш аз ҳама дониш лозим аст ва ба даст овардани донишро ӯ “қобилияти омӯхтан” қобилияти татбиқи таҷрибаро “қобилияти ақлӣ” ва қобилияти табдил додани таҷрибаро “эҷодкорӣ” номидааст. Хулоса қобилиятҳои умумӣ дар ин муносибат бо фаъолияти психикии шахсият ҳамроҳ шуда, на дар намудҳои фаъолияти касбӣ, балки дар намудҳои қобилияти умумии фаъолияти касбии шахсият пайдо мешавад.

Метод. Мувофиқи қонуниятҳои педагогӣ - психологӣ ташаккули қобилият ба сифатҳои муҳимми касбии хонандагон чунин методҳоро истифода мебаранд: мушоҳида - мушоҳидаи хонандагон дар раванди кори амалӣ ва дигар чорабиниҳои таълимӣ бо мақсади муайян намудани сифатҳои ҳиссиётӣ - идрокӣ, қобилияти ба хотир гирифтан, психомуҳаррикӣ. Сӯҳбат - сӯҳбати беихтиёрона берун аз машғулиятҳои таълимӣ хонанда - омӯзгор бо мақсади муайян намудани қобилиятҳои ба касб нигаронидашуда, дарёфтани сифатҳои касбӣ ба монанди меҳнатдӯстӣ, қавиродагӣ, ташкилотчигӣ, таҳаммулпазирӣ, дониши мукаммал оид ба касби интихобшуда, маҳорат ва малака, қобилиятҳо нисбат ба

касб. Муҳокима – дар машғулиятҳои амалӣ истифода бурда мешавад, ки ин методи таълим як воситаи фаъол гардонидани хонандагон дар раванди ҳалли масъалаҳои технологӣ ва эҷодӣ истифода бурда мешавад. Ба ғайр аз методҳои дар боло зикршуда боз дигар методҳои таълимиро барои муайян кардани қобилиятҳои хонандагон истифода мебаранд ба монанди масъалагузорӣ, шартдиҳӣ, фаҳмонидадиҳӣ, намоишдиҳӣ, дастурамал ва ғайра.

Як гурӯҳи олимон ба монанди В.Н.Дружинин эҷодкорӣ ва ақлро ба қатори қобилиятҳои умумӣ дохил мекунанд: «зеҳн ҳамчун қобилияти ҳалли масъалаҳои иртиботӣ ва маърифатӣ дар асоси донишҳои мавҷуда; эҷодкорӣ ҳамчун қобилияти умумии эҷодкорӣ» [4.с.16].

Ба андешаи мо, сифатҳои муҳимми касбӣ бояд сифатҳои психоизиологӣ бошад. В.Н.Дружинин ва В.Д. Шадриков сифатҳои фаъолияти касбии мутахассисро тавсия медиҳанд: «қобилияти ҳиссиётӣ – идрокӣ, қобилияти тақсим карда тавонистани диққат, қобилияти ба хотир гирифтан, қобилияти психомуҳаррикӣ».

Сохтори сифатҳои муҳимми касбии шахсият, ки бевосита дар раванди фаъолияти касбӣ иштирок мекунанд, тавсияи қобилиятҳои мутахассисро дар фаъолияти касбӣ, ки дар боло оварда шудааст, барои фаҳмиши мӯҳтавои онро эзоҳ медиҳем: қисматҳои ҳиссиётӣ, ки дар раванди фаъолият, назоратро таъмин мекунад (сифатҳои ҳиссиётӣ- идрокӣ; яке аз қисматҳои марказӣ, ки танзимро нигоҳ медорад (қобилияти ба хотир гирифтан) мебошад; қисматҳои ҳаракатӣ, ки ба раванди ичрои фаъолияти касбӣ мусоидат мекунад (психомуҳаррикӣ). Аммо маълум нест, ки муаллифон сифатҳои ангезандаи шахсиятро дар сохтори сифатҳои муҳимми касбӣ ҳамроҳ накардаанд.

Чуноне, ки ҳамагон медонанд шахсият дар раванди фаъолияти касбӣ мувофиқ гардонидани сифатҳои шахсияти худро ба фаъолияти дар наздаш истода равона мекунад.

Дар вобастагӣ ба он, ки сифатҳои муҳимми касбии шахсият ба бомуваффақият азхудкуии касб нигаронида мешавад, Л.Н.Шестякович чунин сифатҳоро пешниҳод карадааст: «сифатҳои умумии корӣ, ки ангезаи мусбат ва хислатҳои мусбати шахсиятро таъмин мекунанд (меҳнатдӯстӣ, дақиқӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаббускорӣ ва ғайра); сифатҳои махсусе, ки аз хусусиятҳои касб вобастаанд (инҳо аксар вақт психофизиологӣ мебошанд)» [16.с.48].

Ин сохтори дар боло зикршуда ба фаҳмиши мо танҳо ягонагии тарафҳои амалиётӣ ва сабабии фаъолиятро нишон медиҳад. Олимони дигари соҳаи мазкур В.Д.Брагина ва Ф.З.Кабиров сифатҳои муҳимми касбиро ба се гурӯҳ тақсим кардаанд, ки ба сохтори болоӣ монанд мебошанд: ихтисосҳои маҳдуд, ки барои ичрои чунин корҳо мутахассисони баландихтисос лозим аст; ташкилӣ чунин касбҳо ба шахсиятҳои қобилияти ташкилотчигӣ дошта алоқаманд мебошанд; ахлоқӣ (сабабнокӣ).

Олимони соҳаи мазкур сифатҳои муҳимми касбиро чунин муайян кардаанд, ки самаранокии фаъолияти касбӣ ва бадаст овардани комёбиҳо дар соҳаи худ, ба сифатҳои инфиродии субъекти фаъолият, қобилиятҳои шахсии онҳо вобаста мебошад. Инчунин, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ин раванд фаъолияти пурсамари қобилиятҳои умумӣ ва мушаххас зарур аст.

Аз сабаби он, ки фаъолияти касбӣ шарти муҳимми ташаккули қобилиятҳо ба шумор меравад ва муайян кардани онҳо вобаста ба рушди сифатҳои касбии шахсият, шарти пешакии интихоби касби ҳар як хонанадаи низоми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мебошад.

Натиҷагирӣ. Бо ҳамин, метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми шахсият аз хусусиятҳои психологии ӯ ва рушди онҳо, ба монанди меҳнатдӯстӣ, қавиродагӣ, ташкилотчигӣ, пуртоқатӣ, даиқиққорӣ, дониши мукаммал оид ба касби интихобшуда, маҳорат ва малака, қобилиятҳо нисбат ба касб ва ғайра вобаста мебошад. Рушди ин сифатҳои муҳимми касбӣ ба инкишофи хислатҳои касбӣ мусоидат мекунад ва ба ин раванди махсуси касбӣ самаранок таъсир мерасонад. Ба назари мо, барои дастгирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар рушди фаъолияти касбӣ ва сифатҳои муҳимми касбӣ санҷишҳои амалии қобилиятҳои вобаста ба касби интихобшуда, худинкишофдиҳӣ барои хислатҳои касбӣ гузаронида шаванд.

Инкишофи сифатҳои муҳимми касбӣ шахсият ин раванди мураккаб мебошад, ки тамоюли бисёрҷанбагӣ дорад. Ба он ҷанбаҳои зерин дохил мешавад: дарки муҳимми он, зарурияти истифодаи методҳои гуногун дар инкишофи сифатҳои муҳимми касбӣ, ба даст

овардани дониш, маҳорат ва малака оид ба касби интихобшуда, худтаҳлилкунӣ ва худбаҳодиҳии қобилиятҳои ба касб нигаронидашуда; таҳлили амалии мувофиқ будани хусусиятҳои шахсии хананда ба талаботҳои касби интихобкарда; чорабиниҳои зарурӣ аз болои инкишофи сифатҳои касбии муҳим.

Хулоса вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ дар шароити инкишофёфтаи мамлакат - бомуваффақият баланд бардоштани дониш, маҳорат, малака, қобилиятҳои махсус ва умумии хонандагон мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо дар доираи мафҳумҳои психологӣ ба қонуниятҳо ва шароитҳои ташаккули қобилият ва сифатҳои муҳимми касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ ҳамчун шахсияти мутахассиси оянда, сифатҳои муҳимми касбии онҳо мебошад.

Барои ба даст овардани муносибатҳои дар боло зикршуда омӯзиши қобилиятҳои маърифатӣ ва иртиботии хонандагон ба ҳисоб меравад, чунки маҳз он ҳамчун нишондиҳандаи инкишоф ва худинкишофдиҳии онҳо ҳамчун субъекти фаъолияти касбӣ хизмат мекунад.

Хонандагон дар ибтидо ба машғулиятҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва баъд дар фаъолияти касбӣ иштирок карда дар бораи касби худ тасаввуроти комилан мувофиқ ба даст меоранд, инчунин дар бораи худ ҳамчун шахсияти мутахассиси оянда. Дониш дар бораи худ ва шахсони гирду атроф ба хонандагон барои танзим кардани рафтор ва фаъолият дар вобастагӣ бо талаботҳои гурӯҳҳои касбӣ ва ҷамъият ёрӣ мерасонад. Ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ - иртиботӣ ҳамчун таълими малакаҳои дарк кардани байни шахсиятӣ дар раванди мубоҳиса ҳамчун ҳамкории гурӯҳӣ амалӣ мегарад.

Мақолаи мазкур тибқи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи технология ва методикаи таълими он барои солҳои 2025-2030 дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳти унвони «Роҳҳои такмили салоҳиятнокии касбии мутахассисони ояндат технология ва дизайнерони маҳсулоти дӯзандагӣ» омода карда шудааст.

АДАБИЁТ

1. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания / Б.Г. Ананьев. СПб., 2008.
2. Бодалев А.А. Личность и общение / А.А. Бодалев // Избранные труды / А.А. Бодалев. М., 1983.
3. Бодалев, А.А. Об одаренности человека как субъекта общения / А.А. Бодалев // Психология. 1999. № 1/14. Минск : Адукацыя и выхаванне. С. 24–28.
4. Дружинин В.Н. Психология и психодиагностика общих способностей / В.Н. Дружинин. М., 1994.
5. Климов Е.А. Некоторые психологические принципы подготовки молодежи к труду и выбору профессии / Е.А. Климов // Вопросы психологии. 1985. № 4. С. 5–8.
6. Климов Е.А. Психология профессионального самоопределения / Е.А. Климов. Ростов-н/Д., 1996.
7. Коломинский Я.Л. Психология взаимоотношений в малых группах (общие и возрастные особенности) : учеб. пособие / Я.Л. Коломинский. 2-е изд., доп. Минск, 2000.
8. Кудрявцев Т.В. Психологический анализ динамики профессионального самоопределения личности / Т.В. Кудрявцев В.Ю. Шегурова // Вопросы психологии. 1983. № 2. С. 26–29.
9. Мясищев В.Н. О взаимосвязи общения, отношения и отражения как проблеме общей и социальной психологии // Социально-психологические и лингвистические характеристики форм общения и развития контактов между людьми / В.Н. Мясищев. Ленинград, 1970.
10. Платонов К.К. Структура и развитие личности / К.К. Платонов. М., 1986.
11. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии // Избранные психологические труды : в 2 т. / С.Л. Рубинштейн. М., 1989.
12. Теплов Б.М. Способности и одаренность / Б.М. Теплов // Проблемы индивидуальных различий. М., 1961.
13. Столяренко Л.Д. Психология: Краткий курс лекций/Л.Д. Столяренко, В.Е. Столяренко. - 4-е изд., перераб. и доп.- М.:Издадельство Юрайт, 2011.-173с.
14. Фельдштейн Д.И. Психологические основы общественно-полезной деятельности подростков / Д.И. Фельдштейн. М., 1984.
15. Шадриков, В.Д. Проблемы системогенеза профессиональной деятельности / В.Д. Шадриков. М., 1982.
16. Шестакович Л.Н. Психологические предпосылки успешного овладения профессией учащимися профтехучилищ / Л.Н. Шестакович // Вопросы психологии. М., 1980. № 1. С. 148–154.
17. Шарофов Ш.А. Муошират ва худшиносӣ. Хуҷанд: Меъроҷ, 2013 – 304 с.

ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТ ВА СИФАТҲОИ МУҲИММИ КАСБИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ-КАСБӢ

Дар мақола муаммои ташаккули қобилият ва сифатҳои муҳимми касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ баррасӣ шудааст. Қайд карда шудааст, ки фаъолият сабаби он мегардад то шахсият бо мақсади ба танзим овардани муносибат бо дӯстону рафиқон, калонсолон мусоидат мекунад. Албатта дар ин раванд агар ниёзҳои муоширатӣ ва маърифатӣ ба манфиатҳои иҷтимоӣ асос ёфта бошад. Собит меравад, ки якчанд намудҳои қобилиятҳоро олимони соҳа тавсиф додаанд: педагогӣ - қобилияти таъсир расонидан ба шахси дигар бо мақсади таълиму тарбия; математикӣ - қобилияти аз худ кардани усулҳои математикии тафаккур, техникӣ - қобилияти аз худкардани техника ва илмҳои техникӣ; санъат - қобилияти хаёлоти эҷодӣ, тафаккури образнок; адабию забоншиносӣ - қобилияти фаъолияти адабӣ, донистани забонҳо; ташкилотчигӣ - маҳорати ташкил кардани ягон кор ё роҳбарӣ кардан ба одамон ва ғайра. Барои асоснок гардонии матлаби баёнгардида дар мақола аз асарҳои олимони шинохта васеъ истифода бурда шудааст. Таъкид шудааст. ки сохтори сифатҳои муҳимми касбии шахсият, ки бевосита дар раванди фаъолияти касбӣ иштирок мекунанд, тавсияи қобилиятҳои мутахассисро дар фаъолияти касбӣ, ки дар боло оварда шудааст, барои фаҳмиши мӯҳтавои онро эзоҳ медиҳем: қисматҳои ҳиссиётӣ, ки дар раванди фаъолият, назоратро таъмин мекунад (сифатҳои ҳиссиётӣ-идрокӣ; яке аз қисматҳои марказӣ, ки танзимро нигоҳ медорад (қобилияти ба хотир гирифтан) мебошад; қисматҳои ҳаракатӣ, ки ба раванди иҷрои фаъолияти касбӣ мусоидат мекунад (психомуҳаррикӣ). Муаллифон хулоса кардаанд, ки ҳалли ташаккули қобилият ва сифатҳои муҳимми касбии хонандагон дар доираи мафҳумҳои психологӣ ба қонуниятҳо ҳамчун шахсияти мутахассиси оянда ба даст оварда мешавад.

Калидвожаҳо: ташаккул, қобилият, сифатҳои муҳимми касбӣ, муошират, касбинтихобкунӣ, таснифоти касбҳо, психологияи меҳнатӣ, таҳсилоти ибтидоӣ- касбӣ, метод.

ФОРМИРОВАНИЕ ВАЖНЫХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ И КАЧЕСТВ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ

В статье рассматривается проблема формирования важных профессиональных навыков и качеств учащихся начальных профессиональных учебных заведений. Отмечается, что деятельность способствует формированию личности с целью регулирования отношений с друзьями, товарищами и взрослыми. Конечно, в этом процессе коммуникативные и познавательные потребности основываются на социальных интересах. Доказано, что учёными в этой области выделено несколько типов способностей: педагогические - способность влиять на другого человека в целях обучения и воспитания; математические - способность владеть математическими методами мышления; технические - способность владеть техникой и техническими науками; художественные - способность к творческому воображению, образному мышлению; литературно-лингвистические - способность заниматься литературной деятельностью, знание языков; организационные - способность организовывать какую-либо работу или руководить людьми и т. д. Для обоснования высказанного тезиса в статье широко использованы работы известных ученых. Подчеркивается, что структуру важных профессиональных качеств личности, непосредственно вовлеченных в процесс профессиональной деятельности, рекомендации по способностям специалиста в профессиональной деятельности, приведенные выше, мы объясним вам для понимания их содержания: сенсорные компоненты, обеспечивающие контроль в процессе деятельности (сенсорно-перцептивные качества); один из центральных компонентов, поддерживающий регуляцию (способность запоминать); моторные компоненты, способствующие процессу выполнения профессиональной деятельности (психомоторные). Авторы пришли к выводу, что решение задачи формирования важных профессиональных способностей и качеств студентов достигается в рамках психологических концепций и закономерностей как личности будущего специалиста.

Ключевые слова: формирование, способности, важные профессиональные качества, коммуникация, выбор профессии, классификация профессий, психология труда, начальное профессиональное образование, методология.

DEVELOPING IMPORTANT PROFESSIONAL SKILLS AND QUALITIES IN STUDENTS OF PRIMARY VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article examines the development of important professional skills and qualities in students of primary vocational education institutions. It is noted that these activities contribute to the development of personality, helping them manage relationships with friends, peers, and adults. Of course, in this process, communicative and cognitive needs are based on social interests. It has been proven that scientists in this field have identified several types of abilities: pedagogical—the ability to influence another person for the purposes of teaching and upbringing; mathematical—the ability to master mathematical methods of thinking; technical—the ability to master technology and technical sciences; artistic—the ability for creative imagination and imaginative thinking; literary-linguistic—the ability to engage in literary work and knowledge of languages; organizational—the ability to organize work or manage people, etc. To support this thesis, the article draws extensively on the work of renowned scholars. It emphasizes that the structure of important professional qualities of an individual directly involved in professional activity, as well as the recommendations for a specialist's abilities in professional activity, presented above, will be explained to you for your understanding: sensory components that ensure control during activity (sensory-perceptual qualities); one of the central components that supports regulation (the ability to remember); and motor components that facilitate the process of performing professional activity (psychomotor). The authors concluded that the solution to the problem of developing important professional abilities and qualities of students is achieved within the framework of psychological concepts and patterns as the personality of a future specialist.

Key words: formation, abilities, important professional qualities, communication, choice of profession, classification of professions, labor psychology, initial vocational education, methodology.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, , шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистонгузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **927474115**
Дадобоева Мавлуда Абдуқаҳоровна – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, , шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистонгузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

Сведения об авторах: ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** **– –** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1. Телефон: **927474115**
Дадобоева Мавлуда Абдукахоровна **–** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1.

Information about the authors*:* ***Azizov Abdulatif Abduhalimovich*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Technology and Methods of Teaching. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1, Phone: **927474115**
Dadoboeva Mavluda Abdukahorovna a - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Technology and Methods of Teaching. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1,

Мақола ба редаксия ворид шуд: 29.06.2026
Аз тақриз баргашт: 29.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:37.018.4

ШИНОСОИИ ХОНАНДАГОНИ КАМТАВОНИЗЕҲНӢ БО МЕТОДИКАИ МЕҲНАТИ КАЛОНСОЛОН

Салямова Д. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар мактаби ёрирасон хонандагон ба кори олегофренопедагог таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, кӯшиш мекунанд, ки дар бозӣ ва ҳаёти ҳаррӯза ба онҳо тақлид кунанд. Онҳо то синни даҳсола малакаҳои оддии меҳнатии нигоҳубини худ, риояи тозагӣ ва тартибот, нигоҳубини ниҳолҳоро ба осонӣ азхуд мекунанд.

Хонандагони синфи чоруми мактаби ёрирасон дар хизмати гурӯҳ вазифаҳои оддиро бомуваффақият иҷро карда, барои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда масъулият ҳис карда, душвориҳои меҳнатиро бартараф карда метавонанд [8, с.29].

Пешгуфтор. Барои ташаккул додани муносибати мусбӣ ба меҳнат ва ташаккул додани одатҳо ба он хеле муҳим аст, ки хонандагон намунаи воқеии олегофренопедагогро бубинанд ва бевосита бо кори онҳо тамос гиранд.

Тайёрии психологиро ба меҳнат дар хонандагон танҳо дар ҷараёни фаъолият тарбия кардан мумкин аст. Мактаби ёрирасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳои заруриро барои тарбияи хонандагон фароҳам овардааст, ки ин характери алоҳидаи ҷамъиятӣ дорад. Аз ин рӯ, шароит муҳайё кардан лозим аст, ки дар он хонандагон намунаҳои рафтори олегофренопедагогро истифода баранд.

Роҳҳои гуногун барои расидан ба ин ҳадаф вуҷуд доранд.

Якум ин ба хонандагон корҳои гуногуни олегофренопедагогро нишон дода, моҳияти онро шарҳ медиҳад.

Дуюм, ташкили бевоситаи фаъолияти муштараки олегофренопедагог ва хонандагон ба андозае, ки шароити мактаби ёрирасон имкон медиҳад [7,56].

Шиносоӣ бо меҳнати олегофренопедагог ба он равона карда шудааст, ки ба хонандагон дар бораи меҳнат тасаввуроти мушаххас пайдо карда, ба он эҳтиром гузорад, ба онҳо қадршиносиро омӯзонад, инчунин шавқу рағбат ва муҳаббатро ба меҳнат бедор намояд. Дар баробари ин, вазифаи таъсиррасонӣ ба рафтори хонандагон, эҷод кардани хоҳиши софдилона ва бодиққат кор кардан ҳал карда мешавад [1,77].

Дар ҳалли масъалаи эҳтимолияти ба хонандагон наздик кардани меҳнати олегофренопедагог ва фароҳам овардани шароите, ки хонандагон аз ибрати олегофренопедагогашон истифода бурда тавонанд, роҳҳои гуногун имконпазир аст. Ба кори олегофренопедагог наздик кардани хонандагон ба меҳнати олегофренопедагог дар фаъолияти муштараки ӯ ва хонандагон роҳандозӣ карда мешавад. Корҳои якҷояи байни фаъолиятҳои олегофренопедагог (омӯзгори камтавонизеҳнҳо) ва хонандагонро мо дар назар дорем, ки он на танҳо барои кори ташкилотчӣ ё инчуни вазифаи роҳбариро дорад, балки ҳамчун иштироккунандаи бевоситаи рафти таълими меҳнатро дар худ муҷаҳас менамояд. [4,240].

Методҳо. Дар муассисаҳои таҳсилоти ёрирасон усули мушоҳидаи кори истифода бурда мешавад. Ба хонандагони камтавонизеҳн нишон дода мешавад, ки мураббӣ чӣ гуна амалҳои гуногунро иҷро мекунанд: хӯрок тайёр мекунанд, либос мешӯянд, ҷиҳозҳоро тоза мекунад ва бозичаҳоро таъмир мекунанд, майдонро тоза мекунанд.

Мушоҳидаи меҳнати олегофренопедагог барои инкишофи хонандагон аҳаммияти калон дорад. Ин ба онҳо барои беҳтар фаҳмидани олами атроф ёрӣ мерасонад, шавқу ҳавасро ба фаъолияти олегофренопедагог бедор мекунад ва ба меҳнат муносибати мусбатро ташаккул медиҳад. Аммо, танҳо мушоҳидаҳо кофӣ нестанд. Усулҳои фаъолтари таъсиррасониро ба инкишофи хонандагони камтавонизеҳн истифода бурдан лозим аст. Кори олегофренопедагогро ба хонандагон наздик кардан лозим аст. Ҳар он чизе, ки аз нуқтаи назари гигиена ва педагогика имконпазир аст, беҳтараш бояд дар ҳузури хонандагон анҷом дода шавад [5,223].

Агар мураббии махсус кори ғайриоддиеро анҷом диҳад, хонандагон ба он диққат медиҳанд (шӯстани тирезаҳо, бо чангкашак тоза кардани гилем), вале ҳамин ки ин ҷараёнҳо якчанд маротиба такрор мешаванд, хонандагон ба онҳо пай намебаранд. Аз ин рӯ, ҳама чизест, ки эҳтимолан дар кори олегофренопедагог мавҷуд аст (дар ин ҳолат, дар кори мураббии махсус) ба хонандагон таъсири намоён намерасонад [11,163].

Хонандагони синфи якум то ҳол аз мисоли фаъолияти дигарон омӯхтани чизи муфидро душвор меҳисобанд. Мураббӣ хонандагонро ба раванди коре, ки ӯ иҷро мекунад, ҷалб мекунад, ба онҳо дастурҳои амалӣ медиҳад ва ҳамкориҳои асосиро ба роҳ мемонад. Вақте ки хонандагони камтавонизеҳни синфи якум имконияти мустақилона амал карданро пайдо мекунад, вай дар бораи кори мураббӣ тасаввуроти мукаммалтар мегирад ва ба онҳо тақлид мекунад.

Ҳамин тавр, мураббии махсус ва олегофренопедагог бо ибрати шахсӣ ба хонандагон таъсир расонда метавонад ва дар айни замон ташкилотчии синфи якуми мактаби ёрирасон шуда, ба онҳо кор карданро ёд медиҳад. Ба ҳамаи хонандагон маҳорати омӯзондан, кори онҳоро ташкил кардан ва дар меҳнат худ иштирок кардан, ҳамаи инро дар як вақт ба ҷо овардани мураббӣ душвор аст. Мураббии махсусе, ки дар як вақт танҳо бо чанд хонандагони камтавонизеҳн дар тамос аст, метавонад ин корро кунад. Аммо барои ин зарур аст, ки мураббии махсус аз олегофренопедагог дастури дахлдор гирад [8,303].

Ҳамкории мураббии махсус бо хонандагон чӣ гуна таъсири тарбиявӣ дорад ва дар кадом шароит самаранок хоҳад буд? Дар синфи якум ба кори мурабияи махсус ҷалб намудани хонандагон пеш аз ҳама ба азхудкунии малакаҳо таъсир мерасонад. Агар ин амалҳо барои хонандагон имконпазир мебуданд, пас онҳо маҳз он чизеро, ки мураббӣ мекунад, такрор мекунанд 15,18].

Мураббии махсус пора-пораҳои рӯи мизро бо хасу хошок руфта мебарад. Хонандагон инро мисли ӯ тамошо мекунанд ва ҳамин корро такрор мекунанд. Мураббии махсус дастархонро мепеҷонад ва онҳо низ онро мепечонанд, ба ин кор хонандагони камтавонизеҳнро (ёздаҳсола) ҷалб мекунад. Ин хонандагон дастархони навбатиро бо дигараш, пас аз таконидан ё ҷамъ кардан ба ҳамон тарзе, ки мураббии махсус истифода бурд, иҷро менамоянд.

Ба хонандагон муносибати эмотсионалии мураббӣ ба кор таъсири калон мерасонад. Тақлид кардани хонандагон ба суръати хушҳолӣ, пурқувватии кори мураббии махсус ва меҳнатдӯстии ӯ дар хонандагон майли кор карданро бедор мекунад [10,251].

Мураббии махсус пагоҳӣ бо матои нам дару тирезаҳоро пок мекунад. Лоларо даъват мекунад: «Латтаро гиру рафро пок кун». Лола бо майли том ба кор сар мекунад. Амриддин (ҳафтсолаю ёздаҳмоҳа) омада мушоҳида мекунад ва шумо мехоҳед... Ана, барои шумо «латта» аст, - мегӯяд мураббии махсус. Амриддин қаноатманд шуда, ба пок кардани баргҳо шурӯъ мекунад. Бо ин равиш, ҳолатҳое вуҷуд надорад, ки хонандагон аз пешниҳоди мураббии аз кор даст кашанд, аксар вақт худи хонандагон хоҳиш мекунанд, ки ба онҳо ягон намуди супориш диҳад.

мураббии Дар вақти кор баъзе хонандагон парешон шуда, ба бозӣ шурӯъ мекунанд. Муҳим аст, ки онҳо майлу хоҳиши меҳнат кардан дошта бошанд. Таъсири мураббии махсус ба хонандагон масъалаи маданияти кори ӯро ба миён мегузорад, то ки хонандагон аз даврони хурди мактабӣ намунаи меҳнати оқилона ташкил карда шаванд.

Дар аввал мураббии махсус барои омода кардани каҳва, чой ва нушокӣ дода, як-ду пиёла мегирад сипас якбора 6-8 пиёла мегирад. Хонандагони мактаби ёрирасон ҳануз аз ин техника истифода бурда натавонанд ҳам, намунаи меҳнати боандеша ва оқилонаро мебинанд. Агар мураббии махсус косаи холиро ба даст гирад, хонандагон ин усули меҳнатиро зуд азхуд мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳатто як намунаи хеле хуби мураббии махсус на ҳамеша ба рафтори хонандагон аз сабаби ноустувории диққати онҳо ва натавонистани он чизе, ки муҳим аст, таъсир мерасонад.

Мо бояд роҳҳои гуногунро истифода барем, то диққати хонандагони камтавонизеҳнро ба хусусиятҳои амалҳои мураббӣ ҷалб кунем. Ба олегофренопедагог фаҳмонидани нутқ дар бораи рафтори онҳо нақши муҳим мебозад. Ҷумлаҳои олегофренопедагог ба хонандагони камтавонизеҳн кӯмак мекунад, ки моҳияти амал ва маънои корро беҳтар дарк кунад [9,312].

Мураббии махсус гулро дар вақти тоза кардан, хонандагон дар паҳлуяш кор мекунанд. Ба кори худ саргарм шуда, аз кирдори мураббии махсус пай намебаранд. Вай ба гуфтан шурӯъ мекунад: - Баргро ҳам аз болояш, ҳам аз тарафи дигар, ҳам пояро хуб пок мекунам.ва ғайра. Барг тамоман, пурра тоза мешавад. Хонандагон гуш мекунанд, ба мураббии махсус нигоҳ мекунанд ва кушиш мекунанд, ки бодиққаттар кор кунанд.

Ин гуна ҷумла ҳангоми кор бо хонандагони хурди мактабӣ хеле муҳим аст. Аммо, аксар вақт ин техникаи ғайримустақим кофӣ нест. Диққати хонандагонро ба амали мураббӣ равона кардан лозим аст. - Ана, - мегӯяд мураббӣ, - холаи Шарифа истаконро (снакан) чӣ тавр пок мешӯяд. Бубинед, ки чӣ тавр ман хасуро нигоҳ медорам. Ҳамин тавр шумо нонрезаҳоеро мерӯфтаед [12,108].

Хонандагонро ба ғайр аз корҳои ҳаррӯзаи рӯзгор бо корҳое шинос кардан лозим аст, ки дар дохили девори мактаби ёрирасон сурат мегирад, вале характери ҳодисавӣ дорад. Метавонед ба хонандагон нишон диҳед, ки дуредгар чӣ тавр ҷиҳоз ва бозичаҳоро таъмир мекунад, дӯзанда либос медӯзад, рангмол деворҳоро чӣ тавр ранг мекунад, суфтагар кордҳоро чӣ тавр тез мекунад, шишагар шиша мегузорад ва ғайра [13,120].

Хонандагони даҳсолаи мактаби ёрирасон ба кори хона камтар шавқу рағбат доранд, вале аз он истифода бурдан лозим аст, зеро дар ҷараёни ин кор диққати хонандагон ба чунин чиҳатҳо, монанди ташкили меҳнат, масъулиятшиносӣ, мутаносибии гурӯҳ ва ғайра ҷалб карда мешавад [7,450].

Дар ҷараёни саёҳат хонандагон дар гулдон тухми мешинонанд ё дар ҷои худ ниҳол шинонданд. Баъд ниҳолҳоро эҳтиёткорона ба кат мегузаронд, Хуршед навдаро шикаст. Нигора ӯро сарзаниш мекунад, олегофренопедагог мефаҳмонад, ки Шумо онро тасодуфан мекоред ва барои ҳамин шикастед. Дар ҷараёни мушоҳидаи кори олегофренопедагог дар хонандагон тасаввурот дар бораи аҳаммият ва муҳимияти он ташаккул меёбад. Коре, ки дар назди хонандагон анҷом дода мешавад, барои онҳо ибрат шуда метавонад [18,76].

Мураббӣ ҳангоми саёҳат ба гармхонаҳо диққати хонандагонро ба тартиботи умумӣ ва тозагӣ ҷалб мекунад, шишаро тавре мешӯянд, ки нурҳои офтоб ба хубӣ даромада, ниҳолҳоро гарм кунанд, тахтаҳои дарахтҳоро бодиққат печонда, ба роҳҳо рег мепошанд.

Дар вақти мушоҳида кардани кори алафдарав кори дӯстона ва муташаккилона ва ёрии ҳамдигарии онҳо таъкид карда мешавад. Дар хонандагон ҳисси ҳавасмандгардонии натиҷаҳои меҳнатро бедор кардан лозим аст. Чӯби хокистарии ноҳамвор ба чӯби дурахшони ҳамвор мубаддал мешавад, ин ҳама бо кумаку дастгирии якдигар ба анҷом мерасад.

Дар синни даҳсолагӣ дар мактаби ёрирасон хонандагон имкониятҳои инкишоф додани маҳорат ва қобилият меҳнатӣ хеле васеъ мешаванд. Дар синни ёздаҳсолагӣ бошад, хонандагон малакаҳои зиёдеро азхуд карда, дар нигоҳубини худ ва иҷрои ӯҳдадориҳои асосии гурӯҳӣ мустақиланд [16,98].

Хонандагон ба кор таваҷҷуҳи афзоянда зоҳир мекунанд ва он дар ҳаёти онҳо торафт бештар ҷой гирифта, тадриҷан аз бозӣ ҷудо мешавад.

Ба шарофати ин, аҳаммияти намунаи олегофренопедагог ба таври назаррас меафзояд, ки метавонад ба хонандагони синни даҳсола назар ба хонандагони синни ҳафтсола сахттар расонад. Хонандагони синни даҳсола бо намудҳои зиёди меҳнати коргарони мактаби ёрирасон шинос карда, ба қобилият иштироки онҳо дар ин кор ҷалб кардан мумкин аст.

Муносибатҳои хонандагони ёздаҳсола чунон мустаҳкам мешаванд, ки ташкили бештар гуногуни фаъолияти муштараки олегофренопедагог ва хонандагон имконпазир мегардад. Дар синфи сеюми мактаби ёрирасон хонандагон дар машғулиятҳои гуногун, аз ҷумла меҳнат фаъолона иштирок мекунанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба олегофренопедагог тақлид кунанд ва мехоҳанд муфид бошанд. Бинобар ин машғулиятҳои якҷояро тавре ташкил кардан зарур аст, ки хонандагон дар онҳо фаъолона иштирок карда тавонанд.

Дар синни даҳсолагӣ мактаби ёрирасон нақши олегофренопедагог бештар мешавад, зеро хонандагон мустақил ва муташаккил мешаванд. Олегофренопедагог на танҳо ба ҷараёни меҳнат роҳбарӣ мекунад, балки дар он фаъолона иштирок карда метавонад [14,386].

Дар синфи сеюм ва чоруми мактаби ёрирасон ба шӯстани чизҳои майда-чуйда, тайёр кардани баъзе табақҳо мунтазам гузаронда мешавад. Мураббӣ корҳоро байни хонандагон тақсим мекунанд, ба онҳо кори лозимиро мефаҳмонанд, ба онҳо усулҳои (чӣ тавр собун кардани ҷомашӯӣ, пӯсти сабзавот ва ғ.) нишон медиҳанд. Фаъолияти хонандагонро назорат мекунанд ва фикру мулоҳизаҳо медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, худи олегофренопедагог бо хонандагон хеле кам кор мекунанд, гарчанде ки ин дар синфи дуюм имконпазир аст. Бештари вақт, мураббии махсус дар кор фаъолона иштирок мекунад, аммо вай мустақилона, бидуни тамос бо хонандагон ва бидуни ҳамкорӣ бо онҳо амал мекунад.

Натиҷаҳо. Ҳангоми интихоб намудҳои кору фаъолияти меҳнатӣ мо барои ҳамкории олегофренопедагог ва хонандагони нуқсонҳои ақлидошта, кушиш менамоем, ки принсипҳои зеринро ба истифодабарӣ қарор диҳем:

-фаъолияти меҳнатии хонандагон новобаста аз нуқсони ақлидоштанашон бояд табиӣ сурат гирифта ба ҳаёти онҳо нақши калидӣ дошта бошад;

- фаъолияти меҳнатии хонандагон бояд аз нуқтаи назари педагогӣ, психологӣ ва гигиенӣ ба талабот мувофиқ бошад;

Ҳангоми интихоб кардани вазифаҳои дар пешистода, пеш аз ҳама ҳамкорӣ байни одегофренопедагог ва хонандагони дорои нуқсони руҳӣ ва ақлӣ муҳим мебошад, зеро фаъолияти принсипҳои талаботи гигиенӣ ба рананди педагогию психологӣ мувофиқат менамояд. Хонандагони нуқсонҳои ақлию руҳидошта бояд он вазифаҳое, ки барои онҳо душвор менамояд ё онҳоро нороҳат месозад, ба онҳо хастаги меоварад, инчунин амалҳои хеле якрангро талаб мекунанд, худдорӣ намоянд. Инчунин бояд ба назар гирифт, ки олегофренопедагог ва хонандагон бо ҳамдигар чӣ гуна муносибат мекунанд ва ин ҳамкорӣ кадом шаклҳоро мегирад. Шаклҳои ҳамкорӣ ба мазмуни кор, синну соли хонандагон, инчунин шумора ва хайати иштирокчиёни ҷараёни меҳнат вобаста аст.

Хонандагон ҳар қадар хурдтар бошанд, барои ташкил ва тарбия ҳамон қадар диққати олегофренопедагог талаб карда мешавад ва барои иштироки бевосита дар меҳнат ҳамон кадар имконият кам мешавад. Чӣ қадаре ки хонандагон калонтар бошанд ва шумораи онҳо камтар бошад, олегофренопедагог ҳамон қадар фаъолтар буда метавонанд. Бинобар ин зарур аст, ки дар кори гурӯҳи тамоми гурӯҳ на танҳо олегофренопедагог, балки дигар коргарони мактаби ёрирасон ҳам иштирок кунанд.

Шахси калонсол худро пурра ба кор бахшида наметавонад. Ин миқдор ва мураккабии кореро, ки вай иҷро карда метавонад, маҳдуд мекунад. Дар синфҳои ибтидоӣ олегофренопедагог одатан вазифаҳои мураккабтару вақт талаберо ба ӯҳда мегиранд, ки саъю кӯшиши ҷисмонӣ, маҳорат ва қобилияти махсусро талаб мекунанд. На танҳо аз чиҳати мазмун тақсимоти меҳнат, балки ба ҳам пайвастани дараҷаи фаъолияти олегофренопедагог ва хонандагон, дараҷаи иштироки онҳо дар меҳнат муҳим аст. Ин ба хонандагони камтавонизеҳн кӯмак мекунад, ки таҷрибаи олегофренопедагогро бигирад ва мустақилияти худро инкишоф диҳад [1,66].

Хулоса. Маҷмуи самараноки фаъолияти педагогӣ байни олегофренопедагог ва хонандагон метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад. Дар давоми баъзе корҳо, асосан олегофренопедагог амал мекунад, хонандагон ба ӯ дар иҷрои баъзе амалиётҳо кӯмак мекунанд. Чунин муносибатҳо бештар барои синфи ибтидоӣ хосанд, аммо инчунин метавонанд дар синфи сеюм ва чорум, вақте ки олегофренопедагог корҳои мураккабро иҷро мекунад, масалан, таъмири ҷиҳозҳо, онро хонандагони камтавонизеҳн такрор мекунад. Дар ин ҷо ҳамкорӣ дар шакли оддӣ пайдо мешавад, фаъолияти хонандагон маҳдуд аст.

Вақте, ки олегофренопедагог ба кор шурӯъ карда, тадриҷан онҳоро ҷалб мекунад ва баъд ба онҳо имкони мустақилона амал карданро фароҳам меорад, хонандагон хеле фаъолтар мешаванд [13,129].

Дар амал мушоҳида мешавад, ки олегофренопедагог дар кори гурӯҳӣ иштирок карда, дар ҳузури хонандагон корҳои мураккабтарро иҷро мекунад. Аммо ин кор аксаран алоҳида сурат мегирад, ба он хонандагон ҷалб карда намешаванд, ба амалиёти онҳо олегофренопедагог роҳбарӣ намекунад. Дар чунин мавридҳо олегофренопедагог бояд

ҳамаи хонандагонро идора кунад, ки дар сурати мавҷуд будани гурӯҳҳои гуногуни камтавонизеҳнгӣ (дараҷаи сабук ва миёна) корӣ ин хеле мушкил аст.

Барои оқилонатар ташкил кардани ҳамкории мазмуни кор, шумораи зергурӯҳҳои хонандагон ва шумораи олегофренопедагогро, ки дар кори умумӣ иштирок мекунанд, гуногун кардан лозим аст. Диққати махсус бояд ба роҳнамоии хонандагон аз ҷониби олегофренопедагог дода шавад.

Таносуби байни кор бо хонандагон ва идора кардани фаъолиятҳои гуногун вобаста ба синну соли хонандагон ва хусусияти кор фарқ мекунад. Мушоҳида ба кори синфи сеюми мактаби ёрирасон ва тақлид кардан ба ӯ (ва ҳангоми кори якҷоя на як намоиш, балки таъсири дуру дарози мисол) ба хонандагон барои азхуд кардани маҳорат ёрӣ мерасонад. Тавассути тақлид хонандагон бисёр усулҳои мураккаби таъмири бозичаҳо ва асбобҳои ёрирасонро меомӯзанд. Амалҳои олегофренопедагог, ки табиатан ва такроран дар назди хонандагон иҷро мешавад, дар онҳо тақлиди фаъолро ба вуҷуд меорад.

Дар байни усулҳои шифоҳӣ истифодаи адабиёти бадеии хонандагон ҷои махсусро ишғол мекунад. Мутолиаи асарҳои бадеӣ дар ташаккули тамоюли меҳнатии хонандагон нақши муҳим дорад. Китоби хонандагон ба туфайли ҳиссиёт, образнокӣ ва зиндагии худ хонандагонро ба меҳнат ва шавқу ҳавас ва эҳтиром ба меҳнат бедор карда метавонад.

Воситаҳои аз ҳама самарабахши шинос кардани хонандагон бо кори олегофренопедагог мушоҳидаҳо ва саёҳатҳо мебошанд. Барои мушоҳида чунин намудҳои меҳнатеро интихоб кардан лозим аст, ки аҳаммияти тарбиявӣ дошта, ба хонандагон фаҳмо бошад, инчунин онҳоро ба рафтори меҳнатии олегофренопедагог тақлид карданро водор намояд.

Дар синни даҳсолагии мактаби ёрирасон хонандагон аллакай манфиати иҷтимоии меҳнати худро дарк карда метавонанд. Онҳо ифтихор доранд, ки дар кор бо олегофренопедагог иштирок мекунанд ва аз саҳмгузорӣ дар кори умумии мактаби ёрирасон ва кӯмак ба олегофренопедагог қаноатмандӣ мегиранд.

Хонандагон, ки на танҳо аз раванди меҳнат лаззат мебаранд, балки фоидаи онро барои худ, дигарон ва кори умумиро мефаҳманд, ба меҳнати олегофренопедагог, мурабияҳои махсус ва калонсолон бештар қадр хоҳанд кард. Онҳо ба кор тайёрии психологиро тадричан инкишоф медиҳанд.

Таҳқиқоти мазкур тибқи нақшаи Барномаи дурнамои фаъолияти илмӣ- таҳқиқотии кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2025-2030 таҳти унвони "Шароитҳои педагогӣ-психологии иҷтимоишавии кӯдакон дар низоми таҳсилоти фарогир" амалӣ карда шудааст.

Муқарриз: Рамазонова Р.С. – н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи Садридин Айнӣ

АДАБИЁТ

1. Веретенникова С. А. Ознакомление дошкольников с природой. М., Просвещение, 1980.
2. Винарская Е.Н. Раннее речевое развитие ребенка и проблемы дефектологии: Периодика раннего развития. Эмоциональные предпосылки освоения языка. - М., 2005.
3. Воспитание детей в средней группе детского сада. Сост. Г. М. Лямина. М., Просвещение, 1982. Воспитание и обучение в детском саду. Под ред. А. В. Запорожца и Т. А. Марковой. М., Педагогика, 1976.
4. Гридина Т.А. Мотивационная рефлексия в детской речи: лингвокреативный аспект. Психолингвистические аспекты изучения речевой деятельности. - Екатеринбург, 2004. – Вып.
5. Гридина Т.А. Онтолингвистика: Язык в зеркале детской речи. - М., 2013.
6. Иматова Л. Асосњои методикаи тањќиќи инкишофи нутќи мураттаби кўдакон. Душанбе.-2012. 134с
7. Иматова. Л. Рангинкамон. Барномаи тарбия таълим ва инкишофи кўдакон. Душанбе.2012. 143с
8. Коновалова Н.И. Психодиагностика речевой способности.- Екатеринбург, 2015. «Своя игра»: ребенок в мире языка Коновалова Н.И. Сакральный текст как лингвокультурный феномен. -Екатеринбург, 2007.
9. Крупская Н. К. О дошкольном воспитании. М., Просвещение, 1973.
10. Лепская Н.И. Язык ребенка (онтогенез речевой коммуникации). -М., 1997.
11. Лурия А.Р. Язык и сознание. - М., 1979. Николенко С.В., Николина Н.А. Слово в детской картине мира. Международная конф. «Ребенок в современном мире». Мир ребенка и его язык. - СПб., 1993. - Т. 3. Новоселова С.Л. Генетически ранние формы мышления М.; Воронеж, 2002.
12. Маҷидова Б., Қурбонова Г.А. Масъалаи психологияи бозӣ дар таҳқиқотҳои Л.С.Вигодский. [Матн]. Б.Маҷидова., Г.Қурбонова. Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ. Душанбе. 2009-96с.
13. Маҷидова.Б., Дадобоева М. Асосҳои логопедия. Душанбе. 2018. 138с.

14. Мирзоева С. Бозӣ ва мавқеи он дар инкишоф додани захираи луғавии хонандагони имконияти маҳдуд синфҳои ибтидоӣ. Сборник статей. Актуалные проблемы современной науки. Душанбе-2020. С. 145-147
15. Нарзуллоева М., Давлатова Н. Бозиҳои миллӣ дар боғчаи бачагон. [Матн]. М.Нарзуллоева, Н.Давлатова. Кӯлоб. 1993-23с.
16. Рамазонова Р. Асосҳои дефектология. Душанбе-2018. 180с
17. Рамазонова Р. МирзоеваС., Салямова Д. Усулҳои кор бо кудакони боздории рушди равони Душанбе, Ирфон, 2020- 129с.
18. Турсунов Н.Н. Бозӣ машғулиятҳо дар боғчаи бачагон. [Матн]. Н. Н. Турсунов. Душанбе. 1986.-87с.

ШИНОСОИИ ХОНАНДАГОНИ КАМТАВОНИЗЕҲН БА МЕТОДИКАИ МЕҲНАТИ КАЛОНСОЛОН

Интихоби моҳирона мундариҷаи машғулият барои шиносоӣ бо муҳити зист омили муҳими ташаккули тамоюли мусбати меҳнатӣ дар хонандагони мактаби ёрирасон мебошад. Дар ҷараёни шинос кардани хонандагон бо меҳнати олегофренопедагог бояд ба назар гирифта шавад, ки маълумот ба хонандагон чӣ тавр расонда мешавад ва олегофренопедагог аз кадом усулҳо истифода мебарад. Самараноктарин усулҳо ин воситаи аёнӣ, аз қабили мушоҳида ва саёҳат мебошанд, ки возеҳияти ақидаҳо ва амалишавии донишро таъмин мекунанд. Аммо, тасвирҳои биноӣро талаб мекунанд. Минбаъд дар суҳбату ҳикояҳои олегофренопедагог фикру мулоҳизаҳои гирифташуда равшану мукаммал ва пурра карда мешаванд. Олегофренопедагог дар таҳсилоти ибтидоии мактаби ёрирасон усулҳои шифоҳӣ метавонанд нақши муҳимтар бозанд. Дар муассисаҳои ёрирасон хонандагон супоришҳои гуногунро мунтазам иҷро мекунанд, вале олегофренопедагог дар ҳузури хонандагон кам кор мекунанд. Тайёр кардани мавод барои машғулиятҳо, таъмир ва сохтани бозичаю дастурҳо, таъмири хурди ҷиҳозҳо ва газвор одатан дар набудани хонандагон сурат мегирад. Дар синфи якум вазифаи ташкилотчигӣ ва педагогии олегофренопедагог бартарӣ дорад. Дар соли дувум қобилиятҳои иҷро намудани як қисмати меҳнат аз рӯи хусусияти раванди меҳнат, қобилият ва мураккабии он вобаста аст. Кори якҷоя ба инкишофи хонандагон таъсири калон расонда, системаи тарбияи меҳнатиро, ки дар мактаби ёрирасон гузаронда мешавад, пурра мекунад.

Калидвожаҳо: бозӣ, шиносоӣ, хонандагон, камтавонизеҳн, мактаб, махсус, методика, меҳнат, калонсолон, олегофренопедагог, мураббӣ таҳсилот, ибтидоӣ.

ОЗНАКОМЛЕНИЕ УМСТВЕННО- ОТСТАЛЫХ УЧАЩИХСЯ С МЕТОДИКОЙ ТРУДА ВЗРОСЛЫХ

Умелый подбор содержания урока для ознакомления с окружающей средой является важным фактором формирования позитивной трудовой ориентации у учащихся специального учебного заведения. В процессе ознакомления учащихся с работой учитель олигофренопедагог должен учитывать, как информация передается учащимся и какие методы использует учитель олигофренопедагог Наиболее эффективными методами являются наглядные пособия, такие как наблюдение и путешествие, которые обеспечивают ясность идей и применение знаний. Однако они требуют визуальных образов. Далее, в беседах и рассказах учитель олигофренопедагог уточняет полученные идеи, дополняет и расширяет. В начальном образовании учитель олигофренопедагог в специальном учебном заведении отмечает более важную роль словесных методов. В вспомогательных учебных заведениях учащиеся регулярно выполняют различные задания, но учитель-олигофренник редко работает в присутствии учеников. Подготовка материалов для занятий, ремонт и изготовление игрушек и пособий, мелкий ремонт оборудования и текстиля обычно происходит в отсутствие учеников. На первом курсе преобладают организационные и педагогические функции учителя-олигофренника. На втором курсе способность выполнять часть работы зависит от характера трудового процесса, его возможностей и сложности. Совместная работа оказывает существенное влияние на развитие учащихся и дополняет систему трудового воспитания, осуществляемую во вспомогательном учебном заведении.

Ключевые слова: игра, знакомство, учащиеся, умственно отсталые, школа, специальное образование, методология, труд, взрослые, учитель олигофренопедагог, педагог-консультант, начальная школа.

INTRODUCING MENTALLY RETARDED STUDENTS TO ADULT WORK METHODS

Skillful selection of lesson content for introducing students to the surrounding environment is an important factor in developing a positive work orientation in students in a special educational institution. When introducing students to the work of a mentally retarded teacher, it is important to consider how information is conveyed to students and the methods used by the mentally retarded teacher. The most effective methods are visual aids, such as observation and travel, which ensure clarity of ideas and application of knowledge. However, they require visual imagery. Furthermore, through the mentally retarded teacher's conversations and stories, the acquired ideas are clarified, supplemented, and expanded. Verbal methods may play a more important role in the initial education of a mentally retarded teacher in a special educational institution. In special educational institutions, students regularly complete various tasks, but the mentally retarded teacher rarely works in the presence of the students. Preparing materials for classes, repairing and making toys and teaching aids, and making minor repairs to equipment and textiles usually occur in the absence of the students. In the first year, the mentally retarded teacher's organizational and pedagogical functions predominate. In the second year, the ability to perform some of the work depends on the nature of the work process, its capabilities, and its complexity. Collaborative work has a significant impact on student development and complements the work-based education system implemented in the special educational institution.

Key words: game, acquaintance, students, mentally retarded, school, special education, methodology, work, adults, oligophrenic teacher, teacher-consultant, primary school.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **918675656**

Сведения об авторе: ***Салямова Дилафруз Нарзимуродовна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат педагогических наук, кафедра специальной педагогики и инклюзивного образования. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **918675656**

Information about the author*: Salyamova Dilafruz Narzimurodovna* - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Pedagogical Sciences, Department of Special Pedagogy and Inclusive Education. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **918675656**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 30.06.2026
Аз тақриз баргашт: 30.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:372.853

ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГӢ–ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ КУРСҲОИ БОЗОМӮЗӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФИЗИКА–МАТЕМАТИКА

Маҳмадуллоева Х.Ф.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муқаддима. Тайи 30 соли истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мактабу маориф санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, низомнома ва консепсияҳои гуногун қабул шудаанд, ки онҳо самтҳо ва масъалаҳои муҳими муассисаҳои таълимӣ вобаста ба таълиму тарбияи ҷавононро фаро гирифтааст.

Шароити муосир соҳаи маориф бо доираи амалисозии ғояҳои муттасил ва рушди илмӣ инноватсионӣ ривоҷ додани салоҳиятҳои касбии омӯзгорро талаб мекунад. Ҳадафи такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзии омӯзгорони физика ва математика ҳамчун ташкилоти ҷудонашавандаи таълимӣ барои мусоидат намудан ба донишазхудкунӣ, худназоратӣ, худтакмилдиҳии мутахассисони соҳаи маориф пешбинӣ карда шудааст. Ин сохтор барои босуръат инкишофёбии таълими муттасили омӯзгорӣ ва давраи тараққиёти технология навин заминагузор мебошад.

Методҳо. Масъалаи ислоҳоти методология, назария, амалия, ташкил, мазмуни раванди такмили ихтисоси мутахассисонӣ омӯзгорӣ, ҳудуди мамлакат дар маркази диққати бисёр муҳаққикон буданд ва то ҳол мебошанд. Дигар он аст, ки мавзуи таҷрибаи корӣ ва коркарди мазмуну методҳои ягонаи такмили ихтисоси омӯзгорони физика ва математики таҳқиқи пурра нагардидааст, гарчанде ки ҷиҳатҳои алоҳидаи ин масъала дар як қатор асарҳо, воситаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [4].

Айни замон шаклҳои мувофиқ, қавитар гардидани такмили ихтисоси омӯзгорон ин иштирок дар маҷлисҳо, семинарҳои методӣ, дарсиҳамдигардаронӣ, тамошои машғулиятҳои онлайнӣ сурат мегирад, ки ҳадафи он мубодилаи таҷрибаи корӣ байни омӯзгор аз рӯи масъалаҳои муҳим ва мураккаби муассисаҳои таълимӣ иборат мебошад.

Омилҳои дигари баланд бардоштани маҳорати касбӣ, ин мутолиаи китобҳои илмию соҳавӣ ва маҷмуи васеи китобҳои худтакмилдиҳӣ ба шумор меравад. Бо мутолиаи китобҳо дониши назариявӣ, амалӣ, нутқ ва ҷаҳонбинии омӯзгор рушд намуда, обрую эҳтироми хосаро байни шогирдон пайдо мекунад. Инак якчанд китобҳое пешниҳод менамоем, ки маъзани ҳар як омӯзгорро баланд бардошта метавонад. Ба монандӣ: Штофф В. А. «Современные проблемы методологии научного познания (1975)», Бабанский Ю. К. «Проблемы повышения эффективности педагогических исследований (1982)», Батышев С. Я. «Профессиональная педагогика: учебник для студентов, обучающихся по педагогическим специальностям и направлениям (1999)», Савинова Л. Ф. «Теория и практика проектирования и функционирования современной системы профессиональной переподготовки педагога (2001)» ва ғайра мебошанд.

Ҳадаф аз баргузории курси такмили ихтисос ин баррасии масъалаҳои марбут ба фаъолияти кормандони соҳаи маориф, дар самти беҳтар намудани маҳорати касбӣ, омӯзиши сарчашмаҳои гуногун, методҳои фаъоли таълим, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва дар ин замина баланд бардоштани савияи донишҳои соҳавӣ мебошад. Курси такмили ихтисос дар шакли маърӯза, кори амалӣ ва озмоишӣ, эҷодӣ, мубоҳиса сурат мегирад.

Дар аксарияти курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос барнома, тавсияҳо, пешниҳодҳо ва дастурҳои методӣ амалӣ гардида, мақсади он ба даст овардани маҳорату малакаҳои амалӣ мутобиқи савияи дониш ва вазифаҳои касбӣ нигаронида шудааст.

Ба ақидаи Иброгимова Э.М., зарурати мунтазам омӯзиши омӯзгорон аз бисёр сабабҳо вобаста аст, аз ҷумла «таҷдиди мунтазами нақшаю барномаҳо, мукаммалгардони воситаҳои таълими техникӣ, нашри китобҳои дарсӣ, дастурҳои методии муосир, пайдоиши технологияҳои нави педагогӣ, ки баланд бардоштани сифатнокии кори омӯзгорон ва ба афзоиши суръати иттилооти илмӣ мусоидат мекунанд» [6, с.7].

Назария ва амалияи фаъолияти мусалсали омодакунии касбӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон дар рисолаҳои илмии [2,3,6,7,8,9,11] омӯхта шудаанд.

Аз ҷумла дар курсҳои бозомӯзӣ омӯзгорон бо ҷанбаҳои меъёрӣ, ҳуқуқии корӣ, талаботи нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва раванди машғулиятҳоро беҳтар меомӯзанд. Омӯзгорон бо технологияҳои муосири педагогӣ, ки дар машғулиятҳои физика ва математика истифода мешаванд, шинос мешаванд, тарзи интихоби методи беҳтарин, дуруст ва самараноктар арзёбӣ кардани натиҷаҳои онро меомӯзанд. Мазмуни курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос ба намуди зайл пешниҳод мешавад:асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти омӯзгор;технологияҳои педагогӣ дар фаъолияти омӯзгор;истифодаи методҳо ва шаклҳои таълими фан;таълими фанни физика ва математика бо маҳорати баланди касбӣ.

Вазифаҳои мукамалгардонии маҳорати касбӣ, дар ташаккули салоҳиятҳо, ангезаҳо, эҳтиёҷот, инчунин донишҳои касбӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ, кор дар коллектив, гурӯҳҳо ва сифатҳои шахсии омӯзгорӣ асил ба шумор меравад.

Ахлоқшинос ва омӯзгори фаронсавӣ Ж. Жубер дар асри 18 чунин қайд менамояд, ки «Таълим додан ду баробар зиёд омӯхтан аст» [13].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани ҷанбаҳои гуногуни соҳаи маориф пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад. Ҳамасола омӯзгорон барои такмил додани ихтисос ва маҳорати касбӣ бо барномаҳои гуногуни методӣ дар курсҳои бозомӯзии кишвар ҷалб карда мешаванд. Албатта, ин давра дар шароити кунунӣ хеле тулонӣ ва пурмашаққат аст. Вале тамоми зинаҳои рушди системаи такмили ихтисоси омӯзгорон дар ин давра як ҷихати умумӣ дорад. Соҳаи маориф яке қувваҳои бузург, самти асосии давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, муҳимтарин воситаҳои ташаккули идеявии оммавии одамон, толибилмон ва волидон мебошад.

Дар паёми худ президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 28-уми декабри соли 2023 зикр намуданд, ки: «Ёдовар менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад. Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад» [14].

Ҳар як омӯзгор медонад, ки ӯ ҳамчун мутахассис аз ҷониби давлат дар таълиму тарбияи насли наврас ваколатдор буда, барои иҷрои ин вазифа, риояи низомнома ва талаботҳои соҳаи омӯзгорӣ ҷавобгар мебошад. Дар ҳар як замон мақоми омӯзгор хеле баланд аст, зеро сатҳи дониши омӯзгорон аз дараҷаи саводнокии аҳолӣ болотар мебошад. Ин гуна мартаба, дар назди падару модарони муҳассилин нуфузи омӯзгоронро торафт зиёд мегардонад[10].


Аз суханрониҳои ҳамешагии Президенти Тоҷикистон бармеояд, ки мақоми омӯзгор дар низоми маорифи миллӣ афзалият дошта, дар бунёди ҷомеаи солим ва давлати миллӣ ҷойгоҳи хосеро соҳиб мебошад. Ба таъкиди Президенти Тоҷикистон, бо заҳмати дилсӯзонаву содиқонаи омӯзгорон наслҳое ба воя мерасанд, ки давлату миллат бо шарофати фаъолияти онҳо боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бамаротиб баланд мегардад. Тибқи моддаи 53-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф имтиёзҳои гуногун доранд. Яке аз онҳо барои дастовардҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас бо мукофоти соҳавӣ, давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ сарфароз шудан мебошад. Ҳамчунин омӯзгорон имтиёз доранд, ки барои меҳнати шоиста ва дастовардҳои педагогию илмӣ ба таври моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонида шаванд. Омӯзгороне, ки бори аввал аз фонди давлатӣ бо манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд ё ба беҳтар намудани шароити манзилиашон эҳтиёҷ доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал бо хонаи истиқоматӣ ё қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ

таъмин карда мешаванд. Бояд қайд, ки ғамхорӣ дар ҳаққи омӯзгор сабаби бартараф намудани норасоии кадрӣ, таъмини шароити созгор барои маорифчиён ва баланд бардоштани савияи дониши толибилмон мегардад. Зеро омӯзгор шахсе аст, ки ба аҳли ҷомеа таълиму тарбия медиҳад [5]. Мувофиқи ақидаи Айснер Л.Ю. «Ҷомеаи имрӯза ба омӯзгорони такмилёфта эҳтиёҷ дорад, ки дорои хусусияти инсондӯстона буда, дар асоси баробарҳуқуқӣ ҳамкорӣ карда тавонанд. Таълимдиҳандагони имрӯза ба мушкилоте рӯ ба рӯ мегардад, ки дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои возеҳи идеологӣ, у бояд дар соҳаи педагогика мавқеи навро ишғол намояд, яъне бо назардошти нақши таълим дар ташаккули шахсият шахсияти донишҷӯро нигоҳ дорад. Ба ин васила фаъолияти касбии худро ҳифз намояд, зеро он зарурати механизми ташаккули захираҳои шахсиятиро дар раванди касбият ба миён меорад» [1, с.126–128].

Баҳри бартараф намудани мушкилоти дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани маърифати ҳуқуқии баъзе омӯзгорон бояд барономаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии омӯзгор дар самти фаъолияти касбӣ аз ҷониби мақомоти босалоҳият таҳия карда шавад, ки фарогири барномаи такмили ихтисос бошад. Барномаи мувофиқтарин барои ноил шудан ба ҳадафҳои эълон шудани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» барномаи такмили ихтисос аст, ки барои такмил додани донишҳои мавҷуда ҳуқуқии омӯзгорон пешбинӣ шудааст. Барнома бояд инчунин рушд ва такмили малакаҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва рафтори мувофиқи ҳуқуқиро дарбар гирад. Барномаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии омӯзгор дар самти фаъолияти касбӣ ҷузъи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти омӯзгор дар шароити навсозии низоми маориф баҳо дода шавад ва ба як қатор принсипҳои таълими касбӣ бояд асос ёбад: таҳсилоти касбӣ, инсондӯстӣ, илмӣ, шаҳрвандӣ. Мисоли курси такмили ихтисос чунин барномаҳо шуда метавонанд: «Маърифати ҳуқуқии омӯзгор», «Қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи маориф», «Қонунгузории меҳнатӣ дар соҳаи маориф», «Ҳуқуқ ва уҳдадории конститусионии омӯзгор», “Қонунгузории миллӣ ва махсусияти он” ва ғайра [4].

Сохтори таълими бозомӯзӣ ва маҳорати рушди касбии омӯзгорони физика ва математикаро дар чунин шакл баррасӣ намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Сохтори таълими бозомӯзӣ ва маҳорати рушди касбии омӯзгорони физика ва математика



Курсҳои бозомӯзӣ, ин яке аз шаклҳои анъанавии кори такмил додани маҳорати касбӣ мебошад. Ҳар як омӯзгор дар се сол як маротиба аз чунин курсҳо мегузарад. Дар охири курс имтиҳон супорида, ё кори эҷодӣ ҳимоя намуда, ба омӯзгор дар бораи хатми курсҳои такмили ихтисос шаҳодатнома дода мешавад.

Ба мутахассисони ҷавон фаҳмонидан лозим аст, ки садорати муассисаи таълимӣ метавонанд, вобаста ба талаботҳо ва дархости озмунҳои фаннӣ дар шаҳрӣ, вилоятӣ омӯзгорони соҳибтаҷрибаро ба аъзои ҳакамон равона намояд.

Иштирок дар иттиҳодияи омӯзгорони эҷодкор бо мақсади такмили маҳорати педагогӣ мебошад. Дар ин иттиҳод омӯзгори соҳибкасб ва пуртаҷриба роҳбарӣ карда метавонад, ки дониш ва таҷрибаи кори амалии худро ба иштирокчиён тавсия ва пешниҳод карда тавонад. Яке аз вазифаҳои ин иттиҳодия ба коллективи муассисаҳои таълимӣ ва анъанаҳои он мутобиқ намудани омӯзгорони ҷавон мебошад.

Ин иттиҳодияҳо теъдоди ками омӯзгоронро вобаста ба мавқеи муассисаҳои таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани ихтисос ва мубодилаи таҷрибаи фаннӣ мебошанд. Мавриди иштирок, шарти асосии ин иттиҳодияҳо имконияти баробар байни омӯзгорон аст. Омӯзгорон барои ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалае, ки дар раванди таълим ба миён омадааст, бо роҳи навсозии нақшаи корӣ ё коркарди технологияи муосир амалӣ карда мешаванд. Ба ин шакли фаъолияти корӣ, иттиҳоди омӯзгорони пуртаҷриба хос буда, давомнокии мавҷудияти гурӯҳ аз ноилшавӣ ба ҳадаф вобаста аст.

Омӯзгорони ҷавони физика ва метематика, бо роҳи ташкил кардан ва ба иттиҳодияҳои методӣ ҷалб гардида, пайваста маҳорати худро такмил медиҳанд. Вобаста ба сатҳи дониши аъзоён ва такмили маҳорати касбӣ, роҳбари иттиҳодияи методӣ нақшаи корӣ тартиб медиҳад.

Аъзоён дар вохӯриҳо аз таҷрибаи кори худ нақл карда, масъалахоеро, ки ба хусусиятҳои раванди таълими физика ва математика дахл доранд, ибрози андеша мекунанд.

Сараввал омӯзгори физика–математика бояд мақсад ва вазифаҳои муҳассилинро муайян карда, мисолҳоеро тарҳрезӣ ё интихоб намояд, ки барои фаъолнокӣ ва азхудкунӣ кӯмак расонад. Зеро муваффақияти касбии омӯзгори физика–математика тавассути муваффақияти хониш ва сатҳи дониши муҳассилин муайян карда мешаванд.

Маъракаи бартараф намудани маҳфи бесаводӣ аз соли 1919 то ибтидои солҳои 40-ум оғоз ёфт, ки омӯзиши оммавии саводнокӣ барои наврасони синни 8 сола ва калонсолони синнашон 50 солае, ки ба муассисаҳои таълимӣ намераванд шуруъ кард. Ин қарор дар тамоми таърихи Иттиҳодӣ Шуравӣ лоиҳаи беназир ва калонтарини иҷтимоию маърифатӣ ба ҳисоб мерафт. Он замон аксари аҳолии бесавод дар қишлоқҳо ва минтақаҳои дурдаст мушоҳида мегардид [15].

Агар ба таърихи пайдоиш ва зарурати гузаштани омӯзгорон аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос назар намоем, пас маълум гардид, ки аввали солҳои 30-юми асри XX синфхонаҳои методӣ барои баланд бардоштани маҳорати касбӣ мунтазам баргузор намудани машғулиятҳои фаннӣ ташкил карда шуданд.

Дар ин сохтори таълимӣ мушовирони варзида ва соҳибтаҷриба ба кор даъват мегардиданд. Дар аввал ҳадафи ин сохтор барои бартарафсозии маҳфи бесаводии омӯзгорони он давра ба ҳисоб мерафт, баъдан онро барои беҳтар намудани сатҳи омодагии касбӣ ва боло бурдани мақоми омӯзгор дар ҷомеа гардид.

Сипас, ба донишкадаҳо ва муассисаҳои таълимии касбӣ, беҳтарин хатмкунандагон дохил мегардиданд, ки оҳиста–оҳиста нақши курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон коҳиш ёфта, методҳои дидактикӣ, методикаи фан ва тарбияи муҳассилин торафт баланд гардиданд.

Натиҷа. Ин даврараро метавон ислоҳот ва эҳё дар шуури оммаи педагогӣ, паҳн гардидани ғояҳои раванди ягонаи психологӣ–педагогӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, рушду инкишофи соҳаи маориф номид. Ҳатто ин сохтори таъсисёфта, муҳимтарини қисми такмили ихтисос ва шаклҳои гуногуни мубодилаи таҷрибаи пешқадам буд. Ғайр аз ин, дар тамоми мамлакат таҷрибаҳои самарабахштарин, мақсаднок ба таври мусалсал ҷорӣ карда шуд.

Масъулони ин соҳа кӯшиш мекарданд, ки таҷрибаҳои муфид ва самараноктаринро ба омӯзгорон дар раванди таълим тавсия намоянд, вале он методҳое, ки натиҷаҳои назаррасро

ноил намегардид сарфи назар мекарданд. Бинобар ин шаклҳои алтернативии курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос амалан вуҷуд надоштанд. Ин ҳолат сатҳи омодагии омӯзгоронро дар муассисаҳои таълимӣ баланд бардошт, аммо аз ҳисоби зуд паҳн намудани методҳои фаъолтарин каме коста гардида буд.

Самаранокии роҳбаладии омӯзгорони ҷавон дар асоси методҳои гуногун (назариявї ва амалї) роҳандозї гардида, мутобиќи он ҷадвали муносибати байни меъёрҳои мутобиќшавї ва рушди маҳорати касбї тањия карда шудааст.

Ҷадвали 2. Меъёрҳо ва сатҳи баҳодиҳии мутобиқшавӣ ва рушди маҳорати касбии омӯзгори ҷавон

Рушди маҳорати касбӣ, мутобиқшавии бомуваффақияти омӯзгори ҷавон	
Талабот	**Пайваста амал ва иҷро намудан**
Риояи талаботҳо, низомномаҳо, арзишҳо, ҳадафҳои муассисаи таълимӣ ва масъулиятнокӣ дар рафти кор	Омӯзиши низомнома, барномаҳои таълимӣ, донистани нақшаи корӣ, сохтори муассисаи таълимӣ ва ғ.
Доштани руҳияи баланд корӣ, муносибати ҳалимона бо муҳассилин, робитаи дустона доштан бо ҳайати омӯзгорон	Кӯмак намудан, саховатманд ва меҳрубон будан.
Нишон додани дилбастагӣ ба касби интихобгардида, аз рӯзҳои аввали фаъолияти педагогӣ	Баланд бардоштани обрӯю манзалати омӯзгор, нақши омӯзгор дар ҷамъият.
Дарк кардан ва фаҳмидани нақшу мақоми омӯзгор дар муассисаи таълимӣ. Иҷрои вазифаҳои гуногун, амалҳо, қобиляитҳо.	
Аз касбу рафтори омӯзгорӣ бархурдор будан. Ифтихор аз пешаи интихобгардида	Омӯзиши асарҳои бадеӣ, тарбиявӣ, иштирок дар чорабиниҳои фанҳангӣ
Дӯст доштани шогирдон, гуш кардани онҳо	Доштани рафтори инсонӣ, қадрдонии меҳнати шогирдон, лутфи хуш доштан.
Фаъол будан, доштани фаъолияти зеҳнӣ, дониши техникӣ, рафтори намунавӣ ва ғайра.	Масъул будан, омӯхтани технологияи муосир, риояи реҷаи корӣ ва интизоми меҳнат.
Қаноатмандии аз фаъолияти педагогӣ, эҳтиёҷот ва ҳаёти шахсӣ.	Худро ҳамеша хурсанд, саломат ва ростқавл нишон додан. Аз касбӣ худ розӣ будан.

Омӯзгор–мураббӣ – ин омӯзгори асил ва ғамхорест, ки тавассути дониш, рафтор, таҷрибаи кори худ ба омӯзгори ҷавон барои амалӣ намудани неруи фаъолияти педагогӣ кӯмак медиҳад [12, с.202–209].

Вазифаҳои асосии омӯзгор–мураббиёнро имрӯз чунин арзёбӣ менамоянд:

– ба омӯзгори ҷавон барои азхуд намудани ҳамаи намудҳои фаъолияти касбӣ ёрӣ расонидан;

– омӯхтани таҷрибаи касбӣ ва омӯзиши методҳои муосири таълим;

– ба баланд бардоштани сатҳи маълумоти касбӣ ва маҳорати касбии омӯзгори ҷавон мусоидат намудан;

– шинос намудани омӯзгори ҷавон бо ҷиҳатҳои муҳими муносибати босалоҳият ба таълим, муқоисакунӣ ва озодона баён намудани мазмуни маводҳо, донистани маълумотҳои ибтидоии мавзуҳо, фарҳанги корбарии таҷҳизотҳои таълимӣ ва барқарор намудани робитаи илмӣ бо муассисаҳои дигари таълимӣ.

Ҷадвали 3. Маҷмуи талаботҳо ва меъёрҳо барои интихоби омӯзгор–мураббӣ ҳангоми роҳбаладии омӯзгори ҷавони физика–математика

Талабот	Меъёрҳо
Дараҷаи касбии омӯзгор	– омӯзгори дараҷаи якум ё олии ихтисос; – доштани таҷрибаи роҳбаладӣ.
Нишондиҳандаи фаъолияти касбӣ	– доштани натиҷаҳои баланди фаъолияти касбӣ; – набудани шикоятҳо аз ҷониби волидони муҳассилин
Муҳимияти дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ	– доштани донишҳои устувори фаннӣ; – доштани маданияти баланд ва муошират касбӣ.
Хусусиятҳои шахсӣ ва обрую эҳтиром дар муассисаи таълимӣ	– қобилияти таълим додани дигарон; – қобилияти гуш кардан; – қобилияти фаҳмонидан; – ростқавлӣ ва доштани интизоми корӣ; – масъулиятнок будан; – услуби хуби кори дар коллектив
Масъулияти баланди касбӣ барои роҳбаладии омӯзгори ҷавони физика–математика	– доштани таҷриба барои интиқоли фаъолияти педагогӣ; – талоши гирифтани мақом ва дараҷаи тахассуси баланди касбӣ.

Шогирдонро на дониш, балки методи азхудкунии дониш инкишоф ва ташаккул медиҳад. Инкишофи зеҳнии муҳассилин бештар ба салоҳияти касбии омӯзгор, қобилияти ташкили фаъолияти мунтазами маърифатии толибилмон дар ҳар як машғулиятҳои таълимӣ вобаста аст. Ҳамеша дар омода кардан ва таъмини мутахассисони ихтисосҳои омӯзгорӣ нақши донишкадаҳои олии мамлакат хело калон мебошанд. Сифати кори муассисаҳои таълимӣ аз бисёр ҷиҳат ба муваффақияти фаъолияти касбии онҳо алоқаманд аст.

Хулоса метавон гуфт, ки дар давраи ислоҳоти соҳаи маориф бо мақсади татбиқи талаботи стандартҳои нави муассисаҳои таълимӣ, навсозии технологияи педагогӣ, бунёди муассисаҳои муосир зарур аст, ки барои рушду такмили касбии омӯзгорон чӣ дар давраи тайёрӣ ва таҳсилоти баъдидипломӣ шароит фароҳам оварда шавад [11, с. 54].

Омӯзиши адабиётҳо, рисолаҳои илмӣ, таҳлили масъалаи марбут, барои беҳтар намудани маҳорати касбӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони физика математика моро водор намуд, ки якчанд пешниҳод ва тавсияҳоро иброз намоем:вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта такмил додан, омода кардан, такмили ихтисоси омӯзгорони физика–математика дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад;истифодаи омӯзгорони соҳибтаҷриба, собиқадори соҳаи омӯзгорӣ, иттиҳодияҳои методии фанҳои физика ва математика барои такмил додани маҳорати касбии омӯзгорони ҷавон дар муассисаҳои таълимӣ;ташкил намудани семинарҳо, дарсиҳамдигардаронӣ, иштирок дар машғулиятҳои онлайнӣ, истифодаи самараноки технология муосири техникӣ дар раванди таълим, таҳлили машғулиятҳои физика–математика аз ҷониби омӯзгорони ҷавон.

Мақолаи мазкур дар доираи мавзуи рисолаи илмии муаллиф таҳти унвони "Методикаи баланд бардоштани маҳоратии касбии омӯзгорони физика ва математика дар заминаи машғулиятҳои курсҳои бозомӯзӣ", ки бо қарори Шӯрои олимони ДДБ ба номи Носири Хусрав аз 24 июни соли 2025 таҳти №11 тасдиқ гардидааст, омода карда шудааст.

Муқарриз:Сатторов А.Э. – д.и.ф.м., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав

АДАБИЁТ

1. Айснер Л.Ю. Роль образования в формировании личности. Казанская наука. 2017г. № 10. С. 126–128.
2. Асроров Р. Педагогическое самообразование в системе непрерывного повышения квалификации учителей: автореф. дис.…канд. пед. наук / Р. Асроров. – Душанбе, 1991г. – 24 с.
3. Гачко В. А. Стратегическое планирование развития региональной системы повышения квалификации и переподготовки педагогических кадров: дис. док. экон. наук: 08.00.05. Санкт-Петербург, 1997г. 260 с.

4. Емузова С. Г. Становление и развитие системы повышения квалификации педагогических кадров Кабардино-Балкарской Республики: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.01 Владикавказ, 2006г, 166 с.
5. Зарангези Л. Лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон ирсол карда шуд. Душанбе: 02.08.2025. АМИТ «Ховар».
6. Ибрагимова Е. М. Непрерывная педагогическая подготовка учителя в системе допрофессионального и профессионального образования: дис. док. пед. наук: 13.00.01. Казань, 1999г. 340 с.
7. Коваленко М. И. Методологические основы повышения квалификации школьных учителей и преподавателей педагогических колледжей и вузов старшего возраста в области информационных и коммуникационных технологий: диссертация ... доктора педагогических наук: 13.00.02 / Коваленко Марина Ивановна; [Место защиты: Моск. гос. гуманитар. ун-т им. М.А. Шолохова].- Москва, 2009г.- 448 с.
8. Курбанова С. Р. Методические основы эффективности системы переподготовки и повышения квалификации учителя математики. Таджикистан: (на примере Республики Таджикистан), диссертация кандидата педагогических наук: 13.00.02. Душанбе:2020г. 194с.
9. Носирзода, Б. Н. Њамгироии педагогї њамчун асоси ташаккули салоњиятњои касбии омўзгорони ояндаи технология (таълими мењнат) дар донишгоњњои омўзгорї / Б. Н. Носирзода // Фурўѓи илм. – 2025. – No. 1. – P. 361-367. – EDN GYYWYY.
10. Рауфзода, С. Г. Формирование творческих способностей студентов в процессе обучения технологии (трудового обучения) / С. Г. Рауфзода, Б. Н. Носирзода // Светоч науки. – 2025. – № 1. – С. 383-389. – EDN NZPKEP.
11. Тихонова А. Ю., Солнцева О. В. Подготовка педагогических кадров как проблема исследования. Поволжский педагогический поиск (научный журнал). 2020г, №2, (32)
12. Шилова, О. Н. Современное состояние и проблемы развития института наставничество молодых учителей / О. Н. Шилова, М. Г. Ермолаева, Г. Р. Ахтиева. – Текст: непосредственный // Человек и образование. – 2018г. – № 4. – С. 202–209.
13. https://www.booksite.ru/fulltext/1/001/007/040/40220.htm
14. https://tgpu.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=4282%3A-2024-&catid=344%3Asoli2024&lang=tj (Санаи мурољиат 4.08.2025)
15. Ihistory.ru > statyi > Iikvidaciya-bezgramotnosti-v-sssr (Санаи мурочиат 7.08.2025)

ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГӢ–ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ КУРСҲОИ БОЗОМӮЗӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФИЗИКА–МАТЕМАТИКА

Дар мақола оиди ҷанбаҳои психологӣ-педагогӣ ва нақши курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони ҷавон маълумоти мухтасар дода шудааст. Барои беҳтар намудани маҳорати касбии омӯзгорони физика-математика баррасии масъалаҳои марбут ба фаъолияти кормандони соҳаи маориф, дар самти беҳтар намудани маҳорати касбӣ, методҳои фаъоли таълим, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва дар ин замина баланд бардоштани савияи донишҳои соҳавӣ мебошад. Омӯзиши адабиётҳо, рисолаҳои илмӣ, таҳлили масъалаи марбут, барои беҳтар намудани маҳорати касбӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони физика математика моро водор намуд, ки якчанд пешниҳод ва тавсияҳоро иброз намоем:вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта такмил додан, омода кардан, такмили ихтисоси омӯзгорони фанни физика–математика дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад; истифодаи таҷрибаи омӯзгорони соҳибтаҷриба, собиқадорони соҳаи омӯзгорӣ, иттиҳодияҳои методии фанҳои физика ва математика барои такмил додани маҳорати касбии омӯзгорони ҷавон дар муассисаҳои таълимӣ; ташкил намудани семинарҳо, дарсиҳамдигардаронӣ, иштирок дар машғулиятҳои онлайнӣ, истифодаи самараноки технологияи муосири техникӣ дар раванди таълим, таҳлили машғулиятҳои физика–математика аз ҷониби омӯзгорони ҷавон.

Калидвожаҳо: омӯзгор–мураббӣ, омӯзгори ҷавон, рушди тахассус, фаъолияти касбӣ, маҳорати педагогӣ, такмили ихтисос, муассисаи таълимӣ.

ПСИХОЛОГО–ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОБУЧЕНИЕ КУРСОВ ПЕРЕПОДГОТОВКИ И ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ УЧИТЕЛЕЙ ФИЗИКИ И МАТЕМАТИКИ

В статье приведены краткие сведения о психолого-педагогических аспектах и роли курсов повышения квалификации молодых учителей. В целях повышения профессионального мастерства учителей физики и математики необходимо рассмотреть вопросы, связанные с деятельностью работников образования в области совершенствования профессионального мастерства, применения активных методов обучения, устранения имеющихся недостатков и в этой связи повышения уровня профессиональных знаний. Изучение литературы, научных тезисов и анализ актуальных вопросов повышения квалификации и профессионального развития учителей физики и математики побудили нас выдвинуть ряд предложений и рекомендаций: в зависимости от имеющихся возможностей, улучшить, обучить и повысить квалификацию учителей физики и математики до необходимого уровня; использовать опытных преподавателей, имеющих опыт в области преподавания, методические объединения физики и математики для повышения квалификации молодых преподавателей в учебных заведениях; организовывать семинары, взаимное обучение, участвовать в онлайн-занятиях, эффективно использовать современные технические технологии в образовательном процессе, анализировать уроки физики и математики, проводимые молодыми преподавателями.

Ключевые слова: педагог–наставник, молодой педагог, профессиональное развитие, профессиональная деятельность, педагогическое мастерство, профессиональное развитие, образовательное учреждение.

PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL ASPECTS OF TRAINING COURSES FOR RETRAINING AND ADVANCED TRAINING OF TEACHERS OF PHYSICS AND MATHEMATICS

The article provides brief information on the psychological and pedagogical aspects and the role of advanced training courses for young teachers. In order to improve the professional skills of physics and mathematics teachers, it is necessary to consider issues related to the activities of education workers in the field of improving professional skills, using active teaching methods, eliminating existing shortcomings and, in this regard, increasing the level of professional knowledge. A review of the literature and research findings, combined with an analysis of current issues regarding the advanced training and professional development of physics and mathematics teachers, has led us to put forward a number of proposals and recommendations: to enhance the skills and qualifications of physics and mathematics teachers to the required level, depending on available resources; to leverage the expertise of experienced teachers and subject-specific associations to foster the professional growth of novice teachers within educational institutions; and to organize seminars and peer-learning sessions, participate in online training, effectively integrate modern technology into the educational process, and analyze physics and mathematics lessons conducted by novice teachers.

Key words: teacher–mentor, young teacher, professional development, professional activity, pedagogical skills, professional development, educational institution.

Маълумот дар бораи муаллиф:*Маҳмадуллоева Хурсандбӣ Файзуллоевна* - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи методикаи таълими физика. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Айнӣ, 67. E-mail: **Khursandbi-1976@bk.ru**.. Телефон: **(+992) 900-64-53-52**

Сведение об авторе: ***Махмадуллоева Хурсандби Файзуллоевна*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры методики преподавания физики. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица С. Айни, 67. E-mail: **Khursandbi-1976@bk.ru**.. Телефон: **(+992) 900-64-53-52**

Information about the authors: ***Makhmadulloeva Khursandbi Fayzulloevna*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the Department of Methods of Teaching Physics. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini street, 67. E-mail: **Khursandbi-1976@bk.ru**. Phone: **(+992) 900-64-53-52**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 29.06.2026
Аз тақриз баргашт: 29.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ: 004:37.015.3

ТАҲЛИЛИ НАЗАРСАНҶИИ ОМӮЗГОРОН РОҶЕЪ БА РОБИТАҲОИ БАЙНИФАННИИ ИНФОРМАТИКА ВА ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Гулова М.Т., Юнусова Ш.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Пешгуфтор. Дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ ва методии омода намудани омӯзгорони ояндаи фанни технологияи иттилоотӣ дар соҳаи бехатарии иттилоот ва ҳимояи маълумот» бо кори илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шуда, ба чунин хулоса омадем, ки таҷрибаҳои омӯзгориамонро дар ду донишгоҳи бонуфузи ҷумҳурӣ ташкил намоем, ки яке Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ интихоб гардид. Мо дар мақолаи мазкур натиҷаҳо аз назарсанҷии омӯзгорони информатика ва фанҳои ҷамъиятиро дар муассисаи мазкур ирсол менамоем.

Мавод ва усулҳо. Дар натиҷаи таҳқиқотҳоямон доир ба мафҳумҳои амнияти иттилоотӣ ва методҳои ҳифзи иттилоот [5;7] чунин натиҷа гирифтем, ки барои таъмини амнияти иттилоотӣ тарбияи ахлоқӣ, хиради инсонӣ ва таъсиротҳои умумиҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ мегардад, бинобар ин, дар таълими омӯзгорони ояндаи информатика бояд робитаҳои байнифаннӣ ба инобат гирифта шаванд. Мо дар раванди таҷрибагузарониҳо донистан хостем, ки оё ин робитаҳо вуҷуд доранд ё не. Бинобар ин, ба пурсиш омӯзгорони фанҳои гуманитариро илова кардем: 6 нафар омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ (фалсафа, сотсиология ва фарҳангшиносӣ) ва 15 нафар омӯзгорони информатика иштирок варзиданд, ки ҳамагӣ 21 нафарро ташкил намуданд.

Савол ва ҷавобҳои омӯзгоронро таҳлил ва арзёбӣ мекунем. Саволҳо тасдиқотӣ буданд ва ба воситаи интихоби яке аз намуди ҷавобҳо ҳал гардиданд: оре, не, қисман.

1. Барои рушди тафаккури амнияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика робитаҳои байнифаннии информатика бо фанни _____ зарур аст.

Ба воситаи ин савол мо мехостем фикри омӯзгоронро оид ба робитаҳои байнифаннии информатика бо дигар фанҳо фаҳмем.

Дар ҳақиқат, ҳар нақшаи таълимии маҷмуаи фанҳои як ихтисос аз фанҳое таркиб меёбад, ки барои рушди касбии он ихтисос равона карда мешавад ва бояд миёни ин фанҳо робита бошад. Робитаи асосӣ аз мақсади омӯзиши ҳар фан барои ихтисоси додашуда бармеояд. Ё дигар хел карда гӯем, агар ин фан барои ихтисоси додашуда зарур набошад, пас чаро онро дар нақшаи таълимии ихтисоси мазкур ворид мекунанд.

Дар ин асос, ки ҳар фанни як нақшаи таълимӣ дар асоси зарураташ ба ихтисоси таъидшуда ворид мегардад, он бояд бо дигар фанҳои таълимии ин нақшаи таълимӣ бо ягон мафҳум алоқамандие дошта бошад ва ин табиӣ аст. Бинобар ин, ҳар омӯзгор, ки дар ихтисосҳои гуногун аз ҳамон як фан таълим медиҳад, бояд мазмуни маводи таълимиашро ба самти ихтисоси таълимгирандагон мувофиқ кунонад, на ин ки дар тамоми ихтисосҳои гуногун аз як барномаи таълимӣ истифода барад.

Ҳамчунин, барои ихтисоси информатика, ки дар оянда аз фарҳанги иттилоотӣ дарс мегӯяд, бояд миёни фанҳои гуногуни омӯзишиаш робитаҳои мафҳумӣ барқарор бошанд. Зеро ин робитаҳо рушди тафаккури ахлоқию фарҳанги умумӣ ва иттилоотии омӯзгорони ояндаро инъикос намуда, омӯзгори бомаданияти иттилоотиро ба воя мерасонанд.

Ба ин савол омӯзгорони информатика математика ва фақат қисмати ками онҳо барномасозӣ ва бехатарии иттилоотро интихоб намудаанд. Омӯзгорони фанҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ ва сотсиология бошанд, фанҳои худашонро интихоб кардаанд.

Дар ҳақиқат, математика фаннест, ки бо ҳамаи дигар фанҳо алоқаи зич дорад, махсусан он асоси пайдоиши информатика мебошад. Вале мушаххас аст, ки ин омӯзгорон ба мазмуни пурраи савол аҳаммият надодаанд. Мазмуни савол чунин буд: боз кадом фанҳо оид ба амнияти иттилоотӣ баррасӣ менамоянд? Дар ин ҷо сухан оид ба робитаҳои байнифаннӣ меравад. Яъне сухан оид ба фанҳое дар нақшаи таълимии ихтисоси информатика дода шудааст ва мавзуъи баҳси онҳо амнияти иттилоотист.

Робитаҳои байнифаннӣ ин алоқаҳои мутақобилаи миёни фанҳои гуногуни як ихтисос мебошанд, ки барои инкишофи ҷаҳонбинии бутун ва фикрронии системавии субъекти

таълимӣ хизмат мекунанд. Дар натиҷа, омӯзиши як фан боиси осономӯзии дигар фан мегардад.

Робитаҳои байнифаннӣ боиси васеъшавии дониши касбӣ мегардад. Он имкон медиҳад, ки завқи омӯзиши объектҳои таълимӣ зиёд гашта, фанҳои таълимӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар омӯхта шаванд. Масалан, ҷузъиёти як фан ҷузъиёти фанни дигарро ташкил медиҳад, яъне фалсафа оид ба хиради инсон баҳс мекунад. Азбаски мо дар ҷаҳони пур аз фикрҳои муқобилмаънои пурасрор қарор дорем, фалсафа бояд сабабҳои ин ақоиди мутақобилмаъноро фаҳмонда тавонад, ё масъалаҳои оид ба таҳдидҳои иттилоотиро кушода диҳад, зеро ин муносибатҳо дар натиҷаи робитаҳои иттилоотии миёни инсонҳо ба амал меоянд ва ҳамин тавр, ин мафҳумҳоро дар фанни бехатарии иттилоот ва информатика меомӯзонанд. Ё фарҳангшиносон вақте, ки оид ба фарҳанги рафтору гуфтори инсонӣ ва фарҳанги тамаддунҳо мефаҳмонанд, онҳо бояд оид ба рушди фарҳангии миллӣ, фарҳанги иттилоотӣ ва таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги инсонӣ ёдовар шаванд. Яъне муносибатҳои иттилоотӣ ҷабҳаҳои фалсафию фарҳангӣ ва ахлоқӣ дорад, ки ин аз вазифаҳои омӯзишии худи фанҳои ҷамъиятии номбурда мебошад.

Дар ҳақиқат, робитаҳо боиси дарки васеъи мафҳумҳои асосии ихтисосӣ гардида, боиси рушди касбии мутахассисин мегарданд. Дар баръакси ҳол, донишҷӯ омӯзиши фанҳои ғайритахассусиро нолозим мешуморад ва дарк намекунад, ки дар омезиш қарор доштани фанҳои гуногун дониши ӯро мустаҳкам мекунад ва ҷаҳонбинии илмии ӯро тақвият мебахшад.

Дар ин асос, дар барномаи таълимии фанҳои гуманитарӣ бояд маводи таълимии фанни фалсафаи ихтисоси информатика аз маводи таълимии фанни фалсафаи забоншинос фарқ кунад, яъне робитаи миёни фан ва ихтисосҳоро ташкил бояд намуд. Омӯзгори фарҳангшиносӣ бояд маводи дарсиашро ба равияи фанҳои информатикӣ равона намояд. Ба мавзуъҳое аҳаммият диҳад, ки самти иттилоотӣ буда, муносибатҳои фарҳангии иттилоотии таълимгирандагонро баррас бошад. Мафҳуми фарҳанг ва фарҳанги иттилоотиро кушода, дар муқоиса қарор диҳад, зеро алъон иттилоот пешбарандаи хиради инсонӣ гардида, боиси ҳаводисҳои мухталиф гаштааст. Иттилоот пешбарандаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳамчунин пасбарандаи он гардидааст. Яъне ҷаҳонро иттилоот ишғол кардааст ва идора мекунад. Он гоҳ аз нақши иттилоот ногуфта намешавад.

Омӯзгори забони русӣ бояд дар маводи таълимиаш оид ба асосгузорони илми информатика ёдовар шавад, аз таърихи техникаи ҳисоббарор нақл кунад ва амсоли инҳо, ки дар ин замина такрори мафҳумҳо боиси рушди маданияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика мегардад.

Иддае аз омӯзгорони информатика барои рушди тафаккури амнияти иттилоотӣ фанни бехатарии иттилоотро бо информатика робитавӣ интихоб кардаанд, иддае дигар бошад, технологияи иттилоотиро. Ин ҳам сабаб дорад ва дуруст аст, зеро дар нақшаи таълимии на ҳамаи ихтисосҳои информатикаи донишгоҳи номбурда фанни бехатарии иттилоот ва ҳимояи маълумот ворид карда шудааст ва оид ба ин мафҳум фақат дар доираи фанни технологияи иттилоотӣ (Дар донишгоҳи мазкур фаннии технологияи иттилоотиро асосҳои информатика иваз мекунад) таълим дода мешавад. Ҳатто миёни фанҳои информатикӣ низ алоқа буданаш муҳим аст.

Омӯзгорон вазифадоранд, то алоқаҳои байнифанниро дар раванди таълим ошкор намоянд ва вазифаю мақсади дарсро фаҳмонанд. Ин вазифа пеш аз ҳама аз тарафи кафедраҳо идора карда мешаванд.

Бе барқароркунии робитаҳои миёни фанҳои таълимии нақшаи таълимӣ ихтисосманди соҳаи номбаршуда номуташшакил ба воя мерасад. Ӯ бояд аз фалсафаи классикӣ ва муосир оид ба мафҳумҳои фанни информатика бохабар бошад. Алоқаи фарҳанги иттилоотиро бо фарҳанги миллию умумибашарӣ дарк намояд ва фарқ кунад. Ӯ бояд оид ба нақши фанҳои таълимӣ барои мавҷудияти ихтисоси худ маълумот дошта, онҳоро дар майнаи худ омезиш дода, донишу маҳорату малакаҳои нав ба вуҷуд оварад, ки хоси касбияташ бошад. Дар асл нақшаҳои таълимии ихтисосҳоро Стандартҳои давлатии маълумот ва нақшасозони низоми маориф ва илм муайян мекунанд. Вале азбаски фанҳои бо равандҳои иттилоотӣ алоқаманд доимо дар инкишофанд, пас барои мутахассисини соҳаи информатика мушкилот вуҷуд дорад ва азбаски ихтисоси информатика боз фанҳои гуманитарӣ меомӯзанд ва бояд

омӯзанд, зеро «ҳамаи системаи донишҳо дар бораи ягонагии табиати зинда ва ғайризинда дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ ташаккул меёбанд» [1, с. 8].

Маълум ки ҳамаи фанҳо иттилоот доранд ва онҳоро бо иттилоот дарк мекунем, донишҳои фанниро бо ёрии маълумоти пешкашнамудаи васоити таълимӣ ва омӯзгорон қабул мекунем. Иттилоот табиати зинда ва ғайризиндаро инъикос мекунад. Иттилоот худ объекти омӯзишӣ ҳисоб меёбад, пас он воситаи дастрасии ҳамаи фанҳост, аз ҷумла объекти таҳқиқотии информатика маҳсуб меёбад. Пас, информатика худ фаннест, ки бо дигар фанҳо робита дорад. Он равандҳоро дар табиат ва ҷамъият меомӯзад.

2. Дар доираи фанни _____оид ба маданияти иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, фарҳанги иттилоотӣ ва методҳои ҳифзи иттилоот миқдори соати таълимӣ кифоя аст?

Бо ин савол мо фаҳмидан хостем, ки дар доираи кадом фанни таълимии ихтисосҳои информатика оид ба мафҳумҳои номбаршуда мавод бисёр омадааст. Ба ин савол аксаран технологияи иттилоотӣ ва боқӣ бехатарии иттилоот навиштаанд. Дар умум, 10 ҷавоби омӯзгорон «қисман», 4 ҷавобашон «не», 6 нафар «оре» буда, 1 нафар бечавоб аст. Яъне бояд дар атрофи мавзуи амнияти иттилоотӣ, бехатарии иттилоот ва ҳимояи маълумот боз маводи бештар дастраси шогирдон гардонида шавад. Бояд дар барномаҳои таълимии фанни асосҳои информатика (технологияи иттилоотӣ) тағйирот ворид карда шавад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аз тарафи ҷавонон воридшавӣ ба гиреҳҳои номатлуби Интернетӣ зиёд шуда истодааст ва ин водор ба омӯзиши бештарро талаб менамояд.

3. *Тарбияи ахлоқӣ ба ахлоқи ҷамъиятӣ ва фарҳанги иттилоотӣ таъсир мерасонад?* Дар ҷавоб ба ин савол 12 нафар омӯзгорони информатика ва 6 нафар омӯзгорони фанҳои ҷамъиятшиносӣ ҷавоби мусбат додаанд. Фақат се нафар омӯзгорони информатика қайд доранд, ки қисман таъсирбахш аст. Ин низ ҳақиқат дорад, зеро на фақат тарбияи ахлоқӣ, балки таълими тарбиявӣ, таълим оид ба бехатарии иттилоот низ ба ин омилҳо таъсири мусбат мерасонанд ва дар якҷоягӣ, яъне ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа ин омили асосии амнияти иттилоотӣ мебошад, ки дар ин бора қайд карда будем [5, с. 22-23; 2, с. 283-287; 6, с. 8].

4. *Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила яке аз омилҳои ҳатмии таълиму тарбияи ахлоқӣ мебошад?* Мақсади ин савол фаҳмидани дарки омӯзгор оид ба таъсироти оила ба фарҳанги иттилоотии шогирди ӯ мебошад. Ба ин савол 14 нафар информатикон «оре» ва 1 нафарашон «не», аз фанҳои ҷамъиятӣ ҳама «оре» ҷавоб гуфтаанд. Чуноне ки мебинем, фанҳои ҷамъиятӣ, ки бо ахлоқи ҷамъиятӣ сару кор доранд, ба ақидаҳои мо ҳамфикранд. Мо дурустии ин ақидаҳоро ба воситаи эҷодиётамон қайд кардаем: «Кӯдак мисли ниҳоли наврӯстаест, ки ба ӯ аз чанд тараф таъсирот мерасад, аввал аз тарафи оила, баъдан мактаб ва ҷомеа ва ин ки ин таъсиротҳо хусусияти мусбӣ доранд, ояндаи кӯдакро муайян мекунанд. Вале оила омили пешбаранда барои таълиму тарбияи кӯдак ба ҳисоб меравад» [7, с. 7].

5. *Тарбияи ахлоқӣ омили асосии фарҳанги иттилоотӣ мебошад.* Дар ҳақиқат, тарбияи ахлоқӣ омили асосӣ барои фарҳанги иттилоотист. Инро 13 нафар информатикон (2 нафар қисман) ва ҳамаи ҷомеашиносон интихоб намудаанд. Дар ин ҳолат бояд миёни ин фанҳо робитаҳои байнифаннӣ мавҷуд бошанд, дар ин ҳолат омӯзгори бофарҳанги иттилоотӣ ва бофарҳанги ахлоқии барои ҷомеа самарарасон ба воя мерасад.

Дар ҳақиқат, робитаҳои байнифаннӣ дар инкишофи мутахассис мавқеи муҳим мебозад, зеро агар ӯ фанҳои таълимиашро алоқаманд карда натавонад, пас зарурати омӯзиши онҳоро намефаҳмад. Абдуллоев С.Р. оид ба робитаҳои байнифаннӣ қайд менамоянд: «Барои ҷорӣ намудани робитаи байнифаннӣ дар раванди омӯзиш чунин самтҳои фаъолияти педагогиро амалӣ намудан лозим аст: таъмини пайдарпайӣ дар ташаккули мафҳумҳои умумӣ, омӯшиши қонунҳо ва назарияҳо; мувофиқати фанҳои таълимӣ, омӯзиши онҳо дар вақти он ки як фан таҳкурсӣ барои омӯзиши фанни дар оянда омӯхташаванда тайёр намояд...» [1, с. 8].

Ҳангоми робитаҳои байнифаннӣ субъекти таълимӣ инкишоф меёбад. Инкишоф ба воситаи татбиқи донишҳои фанҳои информатикӣ, таҳлилу ҷобаҷогузории онҳо бо ёрии хираду фарҳанги аз дигар фанҳо дарёфтгардида дар майнаи сар ба амал бароварда мешавад. Ин вақт ҳамгироии донишҳо ба амал меояд. Аз ин рӯ, бояд ки фанҳои гуногуни

ҳамон як ихтисос ҳама дар атрофи объекти асосии ин ихтисос, яъне иттилоот сару кор гиранд. Дар ихтисоси информатика барои чи фанҳои тахассусӣ ва чи гуманитарӣ диққати асосӣ ба раванди рушти равандҳои иттилоотӣ бояд дода шавад, ин алоқамандиро робитаҳои байнифаннӣ меноманд.

6. *Тарбияи хуб амнияти иттилоотии шахс, давлат ва ҷомеаро таъмин мекунад.* Ба ин савол 9 нафар информатикон (6 нафар қисман) ва 5 нафар ҷомеашиносон (1 нафар қисман) ҷавоби «оре» гуфтаанд. Дар ҳақиқат, мутобиқ бар мақолаҳои пешинаамон шахси боахлоқ дидаву дониста ба кори бад даст намезанад, таҷҳизоти электронии касеро намерасад, иттилооти дигар шахсро аз худ намекунад ва аз гуфтори ҷангҷӯёна худро тараф мегирад. Чуноне Ғаюров М.Т. қайд мекунанд: «...агар тарбия ва ахлоқи инсон дуруст бошад, он ба ҳеҷ ахборе, ки нодуруст аст, дода нашуда, кори нодуруст намекунад ва бошараф дар роҳи Ватан мемирад, вале инсонеро озор намедиҳад» [4, с. 394]. Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки дар таъмини амнияти иттилоотии шахс, давлат ва ҷомеа шуурнокӣ, ақл ва таълиму тарбия мавқеъи аввалияро ишғол мекунад. Чун мо медонем, ки шахси некбин, Ватанпарвар, модардӯстдор, агар ба иттилои ҷангҷӯёна бовар кунад ҳам, ҳеҷ вақт «теша ба реша» зада наметавонад.

Дар ин бора фармудаем: «Аз шакли баёни иттилоот, аз дурустии иттилооти баёншаванда, ахлоқи инсон муайян гардида, муносибати ӯ ба ҷомеа ва ҷомеа бо ӯ муайян карда мешавад. Иттилоот аст, ки инсон инкишоф меёбад, дониш мегирад, маҳорату малакаҳои худро афзун намуда, соҳиби касб мегардад, муаллим, табиб, муҳандис ва конструктор мешавад» [16, с. 99]. Ва иттилоот аст, ки инсониятро бо ҳам душман мекунад. Шахси боахлоқ иттилоотро нодуруст ҳам қабул кунад, ба нияти бад истифода намебарад, шахси раҳмдил бераҳмӣ намекунад, он гоҳ амнияти ҳаматарафа ҳимоя мегардад.

7. Барои ташаккули амнияти иттилоотии шахс омӯзиши чунин фанҳо оид ба бехатарии иттилоот ва ҳимояи маълумот зарур аст. Ба ин тасдиқот 13 нафар информатикон (2 нафар қисман) ва 5 нафар ҷомеашиносон (1 нафар қисман) «оре» гуфтаанд. Дар ҳақиқат, таълиму омӯзиши дуруст оид ба мафҳумҳои амниятии иттилоотӣ низ омили ҳимоякунанда ҳисоб мераванд ва ҳар омӯзгори оянда бояд бо ҳадафҳои манфиатовар оид ба бехатарии иттилоот шинос бошад, то дар оянда ояндагонро таълиму тарбия диҳад. Дар натиҷа, таълим низ омили таъмини амнияти иттилоотии шахс, давлат ва ҷомеа мебошад.

8. Дар барномаҳои таълимии фанни технологияи иттилоотӣ барои факултаҳои ғайритахассусӣ бояд маводи бештар оид ба амнияти иттилоотӣ, бехатарии иттилоот ва ҳифзи маълумот дохил карда шаванд, зеро истифобарандагони технологияҳои иттилоотии муосир имрӯз ҳамагонанд. Ин фикрро 11 нафар информатикон (3 нафар қисман, 1 бечавоб) ва 6 нафар ҷомеашиносон тарафдорӣ кардаанд.

Дар ҳақиқат, чуноне ки қайд кардем, ҳар омӯзгор бояд худаш оид ба амнияти иттилоотӣ маълумоти кофӣ дошта бошад, зеро оянда таълим медиҳад ва барои ин бояд фанҳо оид ба бехатарӣ, криптография, ҳифзи иттилоот дар ихтисосҳои информатика ворид гардад. Ин талаботро омӯзгорон низ пешниҳод кардаанд.

Чуноне санҷиш нишон дод, дар ихтисосҳои математика- информатикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ (нақшаи таълимӣ, соли 2022) фанни махсус оид ба амнияти иттилоотӣ дохил карда нашудааст. Дар ихтисоси информатика бошад, дар фанҳои интихобӣ фақат ду фан оид ба ин мавзуъ мавҷуд аст: назарияи рамзузорӣ, бехатарӣ ва идоракунии автоматии иттилоот. Дар ихтисоси информатика бо забони англисӣ фақат дар доираи фанҳои интихобӣ фанни бехатарӣ ва идоракунии автоматии иттилоот ба нақша гирифта шудааст. Омӯзгорон мехоҳанд, ки миқдори фанҳо оид ба бехатарии иттилоот зиёд карда шаванд.

Дуруст аст, мо дар ҷаҳони пур аз таззодҳо қарор дорем, иттилооти умумидастрасӣ ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ на фақат ба системаи компютерӣ таҳдидҳоро ворид мекунад, балки таҳдидҳоро барои ҳаёту мамоти шахсӣ ба вуҷуд меоварад. Доир ба ин масъала низ дар мақолаҳои илмии зайл қайд карда мешавад [12;13;14;15;16;17].

9. Ҳар омӯзгор, махсусан омӯзгори информатика пеш аз огози дарс бояд аз фарҳанги истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ёдовар шавад ва доимо таъкид карда истад.

Ба ин савол 9 нафар информатикон (6 нафар қисман) ва 4 нафар аз дигар фанҳо (2 нафар қисман) «оре» гуфтаанд. Дар ҳақиқат, агар ҳар модару падар, бародар ё хоҳар дар

оила ва ҳар омӯзгор дар оғози дарс нисбати истифодабарии телефони мобилӣ ва истифодаи дурусти Интернет ёдоварӣ карда монад, он гоҳ аз манфиати тарбиявӣ холӣ намебошад, зеро алъон амнияти иттилоотӣ аз тарзи нодурусти ин шабакаҳо зери хатар аст. Дар ин ҳолат на фақат омӯзгори информатика, инчунин дигар омӯзгорон, ҳатто роҳбарони синф ва кураторони гурӯҳҳо, инчунин роҳбарони шуъбаю муассисаҳо бояд ҷалб карда шаванд.

10. Фарҳанги иттилоотии истифодаи телефони мобилиро бояд ҳар касе омӯзад. Ба савол 13 омӯзгорони информатика ва ҳамаи омӯзгорони дигар ихтисосҳои робитавӣ «оре» гуфта, 2 нафар аз информатикон «қисман» ва яктои онҳо «не» гуфта ҷавоб додаанд.

Дар ҳақиқат, ҳама бояд пеш аз он ки телефон ба даст мегиранд, монанди оне ки ронанда қоидаҳои ҳаракат дар роҳро меомӯзад, ин шахс низ қоидаҳои бехатарии истифодаи телефонро омӯзад ва дар ин кор бояд оила, муассисаи таълимӣ ва аҳли ҷомеа саҳмгузор бошанд. Оид ба фарҳанги истифодаи телефони мобилӣ Ибрагимов О.К. дар кори илмиашон иброз намудаанд [9].

11. Пешниҳоду дархостҳои шумо. Дар ин қисмати саволҳо пешниҳодҳо бо мақсаде ҷойгир карда мешаванд, ки омӯзгорон фикру ақидаҳои худро оид ба беҳтаршавии раванди таълимию тарбиявӣ дар мавзуи таъмини маданияти амниятии омӯзгорони ояндаи информатика дарҷ кунанд.

Пешниҳоду дархостҳо зиёданд. Баъзеҳо пешниҳод кардаанд, ки дар нақшаи таълимии ихтисосҳои информатика фанни бехатарии иттилоот ва ҳимояи маълумот ворид карда шавад. Дигаре мехоҳад, ки дар барномаи таълимии фанҳои гуманитарӣ маводҳои оид ба амнияти иттилоотӣ, маданияти иттилоотӣ ва фарҳанги иттилоотӣ ворид ва зиёд карда шаванд.

Натиҷаи таҳқиқот. Дар натиҷаи таҳлили давраи аввали таҷрибаомӯзӣ дар миёни омӯзгорони ДДОТ ба номи С. Айнӣ чунин натиҷагирӣ кардем ва муқоисаи ҷавобҳоро дар шакли зерини ҷадвалӣ пешниҳод мекунем.

Ҷадвали 1. – Назарсанҷии омӯзгорони ДДОТ ба номи С. Айнӣ (даври 1)


Саволҳо\Шакли ҷавоб	Ҳа	Не	Қисман	Бечавоб
Саволи 2	6	4	10	1
Саволи 3	18		3	
Саволи 4	20	1		
Саволи 5	19		2	
Саволи 6	14		7	
Саволи 7	18		3	
Саволи 8	17		3	1
Саволи 9	13		8	
Саволи 10	19		2	

Нишондодҳои миқдориро дар намуди фоизӣ ба воситаи ҷадвали 2 пешниҳод карда, меорем.

Ҷадвали 2. – Натиҷаи назарсанҷии омӯзгорони ДДОТ ба номи С. Айнӣ (даври 1)

Саволҳо\Шакли ҷавоб	Ҳа, %	Не, %	Қисман, %	Бечавоб, %
Саволи 2	28,6	19	47,6	4,8
Саволи 3	85,7	0	14,3	0
Саволи 4	95,2	4,76	0	0
Саволи 5	90,5	0	9,5	0
Саволи 6	66,67	0	33,3	0
Саволи 7	85,7	0	14,29	0
Саволи 8	80,95	0	14,29	4,76
Саволи 9	61,9	0	38,09	0
Саволи 10	90,48	0	9,5	0
Қимати миёна:	76,19	2,65	20,1	1,06

Диаграммаи натиҷаи ҷавоби омӯзгорони ДДОТ ба номи С. Айниро оид ба мавзуи робитаҳои байнифаннӣ дар мавзуи таъмини амнияти иттилоотӣ меорем:



Мо барномаи таълимӣ ва силлабуси фанни фарҳангшиносиро таҳлил кардем, дар он мавзуъҳои «Вазифаҳои асосии фанни фарҳангшинос ва робитаи он бо дигар илмҳо», «Ҷиҳатҳои миллӣ ва умумибашарии фарҳанг», «Фарҳанг ва табиат», «Фарҳанг ҳамчун илм», «Заминаҳои ташаккули фарҳанги тоҷик дар даврони нав», «Фарҳанги халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ», «Баррасии масъалаҳои фарҳанги миллии тоҷикон дар асарҳои Эмомалӣ Раҳмон ва дигар олимони тоҷик», «З.Саидов. Густариши ахлоқи миллӣ посух ба паёмадҳои ҷаҳонишавӣ» мавзуъҳое мебошанд, ки аз робитаҳои фарҳангӣ, фарҳанги тоҷикӣ ва ҷанбаҳои ахлоқии фарҳанг баррасӣ менамояд. Вале дар маводи фанни фарҳангшиносӣ оид ба таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги иттилоотӣ хеле кам оварда мешавад, ки ин мушкилоти робитавии фанни мазкур мебошад. Дар фанҳои гуманитарӣ, чуноне ки қайд шуд, бояд ба масъалаҳои гуманитарии ахлоқи иттилоотӣ аҳаммият дода шавад, то донишҷӯ зарурати омӯзиши ин фанҳоро эҳсос намояд.

Бисёриҳо иброз кардаанд, ки дар доираи фанни асосҳои информатика бояд оид ба маданияти истифодаи телефон, Интернет ва тарзи дурусти муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ омӯзонида шуда, ба донишҷӯён ҳатто дар доираи омӯзиши фанҳои тахассусӣ алоқаи информатика ва фанҳои гуманитарӣ фаҳмонида шавад ва бисёртар дарсҳои тарбиявӣ оид ба фарҳанги иттилоотӣ гузаронида шавад.

Инчунин иброз карда шуд, ки бояд ҳар шахс новобаста аз ихтисос фарҳанги иттилоотӣ дошта бошад. Пас, дар доираи фанни фарҳангшиносӣ ва ҳам ихтисос бояд донишҷӯро бо мафҳуми фарҳанги иттилоотӣ ошно намуд: информатик аз нуқтаи назари худ ва фарҳангшинос аз нуқтаи назари тахассуси худ. Ин имкон дорад ва ба он меорад, ки илм ҷустуҷӯю навовариро тақозо мекунад.

Хулоса. Дар натиҷаи ташкили пурсиши омӯзгорон ба хулосае омадем, ки онҳо оид ба робитаҳои байнифаннӣ тасаввуроти хуб дошта, дар таълими фанҳои худ оид ба мафҳумҳои байнифаннӣ меомӯзанд ва баҳри баланд бардоштани маданияти иттилоотии омӯзгорони ояндаи информатика ва бо он ҳамгиро талаб доранд, ки оид ба мафҳумҳои асосии бехатарии иттилоот фанҳо ва дар доираи фанҳои информатика мавзуъҳо ворид карда шаванд.

Таҳқиқоти мазкур дар мувофиқа бо Нақшаи дурнамои Барномаи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2021-2026 зери унвони «Системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои маориф, иқтисодиёт ва барномасозӣ» анҷом дода шудааст.

Муқарриз: Ҳабибуллозода Қ.Ҳ.- н.и.п., ДДБ ба номи Носири Хусрав

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев С. Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ. Автореферати диссертатсияи номзади илмҳои педагогӣ: 13.00.02.01. – Бохтар, 2024. – 48 с.
2. Амнияти иттилоотӣ дар замони ҷаҳонишавӣ [Захираҳои электронӣ]: https://www.mit.tj/article.
3. Абдуллоев А.А. Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ. Диссертатсияи доктори фалсафа (phd): 6D050600. – Хуҷанд, 2023. – 167 с.
4. Ғаюров М.Т. Таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ ва намудҳои он. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – №1/4 (128). – С. 391-396. – ISSN 2663-5534.
5. Гулова М.Т., Гаюров М.Т. Вопросы обеспечения информационной безопастности в информационном обществе // Сборник статей X Международной научно-практической конференции «Теория и практика обучения, развития, воспитания сегодня». – Петрозаводск, 2025. – С. 20-25.
6. Гулова М.Т., Холов Т., Рауфзода Б. Тафаккури ифротии ҷавонон ва хатари он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ. Фурӯғ. – Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2025. – 8 с.
7. Гулова М.Т. Оила – омили пешбаранда барои таълиму тарбияи кӯдак. Фурӯғ. – Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2025. – 8 с.
8. Гулова М.Т., Юнусова Ш.А. Консепсия ва принсипҳои таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ. Паёми Донишгощи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – №1/2 (122). – Бохтар, 2024. – С. 283-288. – ISSN 2663-5534.
9. Ибрагимов, О.К. Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон): дисс. номз. илмҳои педагогӣ: 13.00.08.01. – Бохтар, 2023. – 196 с.
10. Лисовская Ю.П. Информационная безопасность в современном глобализованном мире. – Весник БДУ. – сер. 3. – 2015. – № 2. – С.1-5.
11. Оқилова М., Эшонова С. Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рушди ҷаҳонишавӣ [Захираҳои электронӣ]: https://www.hgu.tj/news/post/tamini-amniati-ittilooti-dar-saroiti-rusdi-onisavi.html (Санаи мурочиат: 7.03.2025).
12. Рафиев С., Ғаюров М.Т., Ятимов Ҳ. Мушкилот ва таҳдидҳои муосири амнияти иттилоотӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – №4-2 (37). – Кӯлоб, 2024. – С. 99-103. – ISSN 2616-5260.
13. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Автореферати диссертатсияи номзади илмҳои сиёсӣ: 23.00.02. – Душанбе, 2022. – 71 с.
14. Юнусова Ш.А. Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рушди ҷаҳонишавӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – №1/2 (122). – Бохтар, 2024. – С. 283-287.
15. Юнусова Ш.А., Гулова М.Т. Иттилоот ва воситаҳои ҷаҳонишавии он. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – №1/4 (116). – Бохтар, 2023. – С. 99-102. – ISSN 2663-5534.
16. Юнусова Ш.А., Гулова М.Т. Информация и формы ее передачи // Сборник статей XIV Международной научно-практической конференции «Современные технологии: проблемы инновационного развития и внедрения результатов». – Петрозаводск, 2023. – С. 74-79.
17. Юнусова Ш.А., Гулова М.Т. Принсипҳои амнияти иттилоотӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2024. – №4 – 1 (37). – ISSN 2616-5260. – С. 136-144.

ТАҲЛИЛИ НАЗАРСАНҶИИ ОМӮЗГОРОН РОҶЕЪ БА РОБИТАҲОИ БАЙНИФАННИИ ИНФОРМАТИКА ВА ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Дар мақола натиҷаи назарсанҷии омӯзгорони гуногуни ихтисосҳои информатика ва бо он ҳамгирои Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда мешавад. Саволи якум шакли шифоҳӣ буда, оид ба муайян кардани робитаҳои байнифаннии фанҳои гуманитарӣ ва информатика мебошад. Ин ҷо мавқеи фанҳои гуманитарӣ дар инкишофи фарҳангии информатик муайян карда мешавад, боқӣ 9 саволи дигар дар шакли тестӣ бо ҷавобҳои намуди «оре», «не», «қисман» пешниҳод мешаванд. Натиҷаҳои пурсишнома таҳлил шуда, дар шакли ҷадвалу диаграмма оварда шуда, хулосаҳои зарурӣ бароварда мешаванд. Бисёриҳо иброз кардаанд, ки дар доираи фанни асосҳои информатика бояд оид ба маданияти истифодаи телефон, Интернет ва тарзи дурусти муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ омӯзонида шуда, ба донишҷӯён ҳатто дар доираи омӯзиши фанҳои тахассусӣ алоқаи информатика ва фанҳои гуманитарӣ фаҳмонида шавад ва бисёртар дарсҳои тарбиявӣ оид ба фарҳанги иттилоотӣ гузаронида шавад. Инчунин иброз карда шуд, ки бояд ҳар шахс новобаста аз ихтисос фарҳанги иттилоотӣ дошта бошад. Пас, дар доираи фанни фарҳангшиносӣ ва ҳам ихтисос бояд донишҷӯро бо мафҳуми фарҳанги иттилоотӣ ошно намуд: информатик аз нуқтаи назари худ ва фарҳангшинос аз нуқтаи назари тахассуси худ. Ин имкон дорад ва ба он меорад, ки илм ҷустуҷӯю навовариро тақозо мекунад.

Калидвожаҳо: робитаҳои байнифаннӣ, информатика, фанҳои гуманитарӣ, тафаккур, амнияти иттилоотӣ, бехатарии иттилоот, ахлоқ.

АНАЛИЗ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПРОСА ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ ПО ВОПРОСАМ МЕЖПРЕДМЕТНЫХ СВЯЗЕЙ ИНФОРМАТИКИ И СОЦИАЛЬНЫХ НАУК

В статье представлены результаты опроса преподавателей различных специальностей информатики и смежных дисциплин Государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Первый вопрос – устный и направлен на определение межпредметных связей гуманитарных наук и информатики. Здесь определяется место гуманитарных наук в культурном развитии информатики, остальные 9 вопросов представлены в тестовом

формате с вариантами ответов: «да», «нет», «частично». Результаты анкетирования анализируются, представляются в виде таблиц и диаграмм, и делаются необходимые выводы. Многие утверждают, что в рамках предмета «Информатика» следует преподавать культуру использования телефона, интернета и правильные способы общения в социальных сетях, объяснять студентам связь между информатикой и гуманитарными науками, даже в рамках изучения специализированных дисциплин, и проводить больше образовательных занятий по информационной культуре. Также отмечалось, что каждый человек должен обладать информационной культурой, независимо от специальности. Поэтому в рамках предмета «Культурология» и обеих специальностей студентам следует знакомить с понятием информационной культуры: специалист по информатике с точки зрения своей специализации и специалист по культурологии с точки зрения своей специализации. Это возможно и приводит к тому, что наука требует поиска и инноваций. Ключевые слова: междисциплинарные связи, информатика, гуманитарные науки, мышление, информационная безопасность, этика..

Ключевые слова. Межпредметные связи, информатика, гуманитарные науки, мышление, информационная безопасность, этика.

ANALYSIS OF THE RESULTS OF A SURVEY OF TEACHERS ON INTERDUCTURAL RELATIONS BETWEEN COMPUTER SCIENCE AND SOCIAL SCIENCES

This article presents the results of a survey of teachers majoring in computer science and related disciplines at Sadriddin Aini State Pedagogical University. The first question is oral and aims to identify interdisciplinary links between the humanities and computer science. It defines the place of the humanities in the cultural development of computer science. The remaining nine questions are presented in a test format with answer options: "yes," "no," and "partially." The survey results are analyzed, presented in tables and diagrams, and the necessary conclusions are drawn. Many argue that the "Informatics" curriculum should incorporate instruction on the proper use of phones and the Internet, as well as appropriate social media communication; explain the connections between informatics and the humanities—even within specialized courses; and include more educational sessions on information literacy. It has also been noted that information literacy is essential for everyone, regardless of their field of study. Therefore, students in both informatics and cultural studies should be introduced to the concept of information literacy—approached from the specific perspectives of each discipline. Such an approach is feasible and reflects the fact that scientific inquiry demands exploration and innovation. Keywords: interdisciplinary connections, informatics, humanities, thinking, information security, ethics.

Keywords. Interdisciplinary connections, computer science, humanities, thinking, information security, information security, ethics.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Гулова Маърифат Табаровна –*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди иттилоот шабакаҳои алоқа. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **888 555 395**

Юнусова Шаҳло Аюбовна - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,омӯзгори кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон**:558 88 18 42**

Сведения об авторах:*Гулова Маърифат Табаровна* - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры автоматизированных систем обработки информации и сетей связи. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67. Телефон: **888 555 395**

Юнусова Шахло Аюбовна - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры информационных технологий м методики преподавания информатики. ПИ БГУ имени Насири Хусрава. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67. Телефон**: 558 88 18 42.**

Information about the authors: ***Gulova Marifat Tabarovna*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of physics - math, associate professor of the cathedra of automation system for information and communication technologies. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini street, 67. Phone: **888 555 395.**

Yunusova Shakhlo Ayubovna - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the cathedra of information technology and educational methods information. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini street, 67. Phone: **558 88 18 42**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 29.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ: 372.851

ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВӢ АЗ ФАННИ МАТЕМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ БО ИСТИФОДА АЗ ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ БАРНОМАНАВИСӢ: МИСОЛҲО ВА ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

Ширинов Н.С., Арабов М.Қ., Ҳабибуллозода Қ.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,
Институти математикаи ҳисоббарор ва технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи федералии Қазон (назди Волга)

Муқаддима. Системаи муосири таҳсилоти олии касбӣ бо чолишҳои бесобиқае рӯбарӯ мебошад, ки дар натиҷаи инқилоби босуръати илмию техникӣ ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба вуҷуд омадаанд. Имрӯз аз донишҷӯён на танҳо аз худкунии ҳаҷми муайяни дониш, балки ташаккули малакаҳои нарм (soft skills), аз қабили тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаб, коммуникатсия ва ҳамкорӣ ва ҳамчунин саводи рақамӣ талаб карда мешавад [1]. Дар ин замина усулҳои анъанавии таълим, ки асосан ба таҷдиди дониш нигаронида шудаанд, барои омода намудани мутахассиси рақобатпазир нокофӣ мебошанд. Таҳсилоти математикӣ дар ташаккули тафаккури мантиқӣ, қобилиятҳои таҳлилӣ ва малакаҳои моделсозӣ нақши калидӣ мебозад. Бо вуҷуди ин, аксар вақт он аз ҷониби донишҷӯён ҳамчун як фанни абстрактӣ ва аз ҳаёти воқеӣ дур қабул карда мешавад. Ин ба паст шудани ангеза ва азхудкунии расмии мавод меорад. Барои бартараф намудани ин мушкилот ва баланд бардоштани самаранокии таълим, ҷорӣ намудани усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла фаъолияти лоиҳавӣ, аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Фаъолияти лоиҳавӣ дар таҳсилот – ин як шакли ташкили раванди таълим мебошад, ки дар ҷараёни он донишҷӯён дониш ва малакаҳоро дар раванди банақшагирӣ ва иҷрои супоришҳои тадриҷан мураккабшавандаи амалӣ (лоиҳаҳо) ба даст меоранд. Он имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳ аз азхудкунии донишҳои тайёр ба таҳқиқоти мустақилона, ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо ва эҷоди маҳсулот равона карда шавад, ки ин ба рушди фаъолнокии маърифатӣ, ташаббускорӣ ва масъулиятнокӣ мусоидат мекунад [2; 3].

Ҳамгироии фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика бо истифодаи забонҳои муосири барномависӣ, аз қабили Python, имкониятҳои нави дидактикиро боз мекунад. Python ба туфайли содагии синтаксис, имкониятҳои васеи худ барои ҳисобҳои илмӣ (NumPy, SciPy), визуализатсияи додаҳо (Matplotlib, Seaborn) ва кор бо ҳаҷми зиёди иттилоот (Pandas) ба воситаи пуриқтидоре барои моделсозии математикӣ, гузаронидани таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ, таҳлили додаҳо ва визуализатсияи мафҳумҳои абстрактӣ табдил меёбад [5; 6; 7]. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки на танҳо донишҳои математикиро дар амал татбиқ кунанд, балки арзиши амалии онҳоро бубинанд ва ҳамчунин тафаккури алгоритмӣ ва салоҳиятҳои рақамиро рушд диҳанд. Бо вуҷуди эътирофи иқтидори фаъолияти лоиҳавӣ ва ТИК, дар таҷрибаи донишгоҳӣ аксар вақт нарасидани тавсияҳои мушаххаси методӣ ва мисолҳои тайёри лоиҳаҳо, ки барои бахшҳои гуногуни курси математикаи донишгоҳӣ мутобиқ шуда, хусусиятҳои ихтисосҳои гуногун ва сатҳи омодагии донишҷӯёни курсҳои поёниро ба инобат мегиранд, эҳсос мешавад [9; 10]. Омӯзгорон дар ташкили чунин фаъолият, интихоби мавзуъҳо, баҳодиҳии натиҷаҳо ва ҳамгироии барномависӣ ба раванди таълим ба душвориҳо рӯбарӯ мешаванд.

Ҳамин тариқ, мубрамияти таҳқиқоти мазкур аз зарурати зерин муайян карда мешавад: модернизатсияи омӯзиши математикӣ дар МТОК мутобиқи чолишҳои даврони рақамӣ; рушди салоҳиятҳои калидии асри XXI дар донишҷӯён тавассути шаклҳои фаъоли таълим; пешниҳоди воситаҳои амалӣ ва тавсияҳои методӣ ба омӯзгорони математикаи донишгоҳ барои ташкили фаъолияти лоиҳавӣ бо истифодаи забонҳои муосири барномависӣ.

Мақсади таҳқиқоти мазкур коркарди тавсияҳои методӣ ва мисолҳои мушаххас барои ташкили фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика дар МТОК бо истифодаи Python ва ҳамчунин асоснок намудани иқтидори дидактикии чунин равиш мебошад. Барои ноил шудан ба мақсад вазифаҳои зерин гузошта шуданд: 1) таҳлили асосҳои назариявии фаъолияти лоиҳавӣ ва таҷрибаи ҳамгироии ТИК ба таҳсилоти математикии донишгоҳӣ; 2)

муайян намудани имкониятҳои дидактикии Python дар робита ба фаъолияти лоиҳавӣ дар сатҳи олии касбӣ; 3) коркарди тавсияҳои методии қадам ба қадам ва мисолҳои лоиҳаҳо барои бахшҳои гуногуни курси математикаи донишгоҳӣ; 4) муайян намудани нақши омӯзгори донишгоҳ ва талабот ба омодагии ӯ дар шароити равиши пешниҳодшуда.

Шарҳи адабиёт. Фаъолияти лоиҳавӣ ҳамчун методи таълим дорои таърихи бой буда, дар педагогика ба таври васеъ таҳқиқ шудааст, аммо ҳамгироии он бо забонҳои муосири барномависӣ дар заминаи таҳсилоти математикии донишгоҳӣ самти нисбатан нав ва фаъолона инкишофёбанда мебошад. Решаҳои фаъолияти лоиҳавӣ ба педагогикаи Ҷон Дюӣ [4] мерасад, ки дар ибтидои асри XX ба таълим тавассути таҷрибаи амалӣ ва «таълим бо амал» таваҷҷуҳ зоҳир намуд; ғояҳои ӯ асоси методи лоиҳаҳоро ташкил доданд. Е. С. Полат [3] методи лоиҳаҳоро барои муассисаҳои таълимӣ низомнок ва мутобиқ намуда, типологияи он (таҳқиқотӣ, амалӣ, иттилоотӣ, эҷодӣ) ва марҳилаҳои амалисозиро ҷудо кард ва ҳамчунин нақши лоиҳаро дар ташаккули малакаҳои коммуникативӣ, ҷустуҷӯӣ ва ташкилӣ таъкид намуд. Брыкова О.В. ва Громова Т.В. [2] низ аҳаммияти фаъолияти лоиҳавиро дар раванди таълим асоснок намуда, тавсияҳои амалӣ барои омӯзгорон пешниҳод кардаанд.

Бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои амалисозии лоиҳаҳо имкониятҳои нав пайдо шуданд. Дар охири асри XX – ибтидои асри XXI равишҳо барои эҷоди презентатсияҳои мултимедиявӣ, веб-сайтҳо ва дастурҳои электронӣ дар доираи фаъолияти лоиҳавӣ фаъолона коркард мешуданд [6]. Дар баробари ҷадвалҳои электронии анъанавӣ ва муҳаррирони графикӣ, забонҳои барномависӣ, аз ҷумла Python, ки дорои имкониятҳои бой барои ҳисобҳои математикӣ ва визуализатсия мебошад, ба таври густурдатар истифода мешаванд [5]. Ин имкониятҳои техникии коркард ва пешниҳоди иттилоотро васеъ намуда, ба рушди малакаҳои кор бо таъминоти барномавӣ ва асосҳои барномависӣ мусоидат кард. Даҳсолаҳои охир бо ҷорӣ намудани фаъоли барномависӣ ба таҳсилоти олии касбӣ тавсиф мешаванд. Ҷ. Винг [1] консепсияи тафаккури ҳисоббарорӣ (Computational Thinking — CT)-ро таҳия намуд, ки декомпозитсия, абстраксия, шинохти образҳо ва коркарди алгоритмҳоро дар бар мегирад ва онро ҳамчун малакаи фундаменталии асри XXI муайян кард, барномависиро бошад ҳамчун воситаи асосии рушди он.

Дар солҳои охир таҳқиқоти сершуморе ба нашр расидаанд, ки бевосита ба ҳамгироии Python ба таълими математика дар сатҳи донишгоҳӣ бахшида шудаанд. Martinez [8] дар таҳқиқоти худ (2024) истифодаи Python-ро барои омӯзиши мантиқ ва назарияи маҷмуъҳо дар сатҳи бакалавриат таҳлил намуда, имкониятҳои онро барои таҳкими фаҳмиши консептуалӣ нишон додааст. Mitsotakis [5] дар китоби дарсии худ (2023) асосҳои таҳлили ададӣ ва ҳисобҳои илмиро бо истифода аз Python барои донишҷӯёни бакалавриат ва магистратура пешниҳод намуда, лоиҳаҳои амалии зиёдеро барои ҳалли масъалаҳои воқеӣ дар бар мегирад. Malheiros ва Haetinger [9] равиши таълимии математикаи дискретиро бо истифода аз Python барои сатҳи бакалавриат коркард намуда (2024), имкониятҳои интерактивии муҳити Jupyter Notebook-ро барои омӯзиши таҳқиқотӣ нишон додаанд. Rais ва Zhao [10] дар таҳқиқоти худ (2024) самаранокии ҳамгироии барномасозии Python-ро ба барномаи таълимии математика барои баланд бардоштани ҷалби донишҷӯён ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои таълимӣ ба таври миқдорӣ исбот намудаанд. Попов ва Болотин [7] истифодаи муҳити IDLE-и Python-ро барои омӯзиши назарияи эҳтимолият аз ҷониби донишҷӯён таҳлил намуда, бартариҳои ин равишро барои фаҳмиши мафҳумҳои оморӣ нишон додаанд.

Дар заминаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳқиқоти муҳим анҷом дода шудаанд. Арабов М.Қ., Халилова М.Ш. [12] масъалаҳои истифодаи технологияҳои муосир ва барномависӣ дар бахшҳои гуногуни математикӣ дар муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, роҳҳои ҳамгироии самараноки Python-ро ба раванди таълим пешниҳод намудаанд. Арабов М.К. [13] зарурати модернизатсияи барномаҳои информатикӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро ба раванди таълим асоснок кардааст. Дар корҳои минбаъдаи Арабов М.Қ. бо ҳаммуаллифон [14; 15] таҷрибаи ташкили дурусти фанҳои таълимӣ барои ихтисосҳои IT ва методикаи тадриси онҳо, инчунин зарурати ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълими веб-барномасозӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои IT баррасӣ шудаанд. Таҳлили сарчашмаҳои номбаршуда имкон

медиҳад, ки бартариҳои асосии Python дар таҳсилоти математикии донишгоҳӣ ҷудо карда шаванд: аёният ва интерактивӣ, ки визуализатсияи графикҳо, объектҳои геометрӣ ва равандҳои динамикиро таъмин мекунанд [11]; имконияти моделсозии математикии равандҳои воқеӣ ва гузаронидани таҷрибаҳои ададӣ [5; 6]; воситаҳои пуриқтидори таҳлили додаҳо [7; 8]; рушди тафаккури алгоритмӣ тавассути формализатсияи масъалаҳо ва коркарди ҳалли қадам ба қадам [1; 9]; ва ҳамчунин ангезаи баланди донишҷӯён ба туфайли самти амалии математика ва робита бо самтҳои пешрафтаи илми додаҳо (Data Science) [10]. Дар баробари ин, чолишҳои низомии ҳалнашуда боқӣ мемонанд: омодагии нокифояи омӯзгорони донишгоҳ, ки ҳамзамон математикаи олӣ, барномanavисӣ ва методикаи ҳамгироии онҳоро аз худ накардаанд [14; 15]; норасоии комплексҳои таълимию методии мутобиқшуда, ки дорои мисолҳои лоиҳаҳои ҳамгирокунандаи математика ва Python барои ихтисосҳои гуногун ва сатҳҳои мухталифи омодагии донишҷӯён мебошанд [13]; ва ҳамчунин зарурати боқимондаи навсозии таҷҳизоти техникии донишгоҳҳо ва таъмини дастрасии устувор ба шабака. Гарчанде ки дар бораи фаъолияти лоиҳавӣ ва истифодаи ТИК дар таҳсилот корҳои зиёде мавҷуданд, таҳқиқоти низомӣ, ки махсусан ба фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика дар МТОК бо истифодаи мақсаднок ва методии асосноки Python бахшида шудааст, мубрам буда, дорои унсурҳои навоварӣ мебошад. Навоварии кори пешниҳодшаванда аз коркарди мисолҳои мушаххас ва муфассали лоиҳаҳои математикӣ барои бахшҳои гуногуни курси математикаи донишгоҳӣ иборат аст, ки нишон медиҳанд Python барои ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ ва амалӣ чӣ гуна самаранок татбиқ карда мешавад; аз таҳияи тавсияҳои методии қадам ба қадам, ки ҳамаи марҳилаҳои ташкили фаъолияти лоиҳавиро бо барномanavисӣ фаро гирифта, ба шароити МТОК мутобиқ карда шудаанд; аз асоснок намудани нақши Python ҳамчун воситаи калидӣ на танҳо барои амалисозии лоиҳаҳо, балки барои фаҳмиши амиқи мафҳумҳои математикӣ тавассути визуализатсия ва моделсозӣ ва ҳамчунин барои рушди тафаккури ҳисоббарорӣ дар донишҷӯён; ва ниҳоят, аз таъкид бар нақши омӯзгори донишгоҳ ҳамчун фасилитатор ва таҳияи талабот ба омодагии ӯ бо дарназардошти хусусиятҳои равиши ҳамгирошуда. Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мазкур холигии таъминоти методиро пурра намуда, ба омӯзгорони математикаи МТОК маҷмуи воситаҳои амалӣ барои ташкили фаъолияти инноватсионии лоиҳавӣ пешниҳод мекунад, ки ба ташаккули малакаҳои таълимӣ-таҳқиқотии серталаб дар донишҷӯён мусоидат менамояд.

Методологияи таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро маҷмуи равишҳои умумиилмӣ ва хусусиилмӣ ташкил медиҳад, ки таҳлили комплексӣ ва низомии масъалаи ташкили фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика бо истифодаи забонҳои муосири барномanavисиро таъмин мекунанд. Равиши пешбаранда равиши низомӣ-фаъолиятӣ мебошад, ки дар доираи он фаъолияти лоиҳавӣ ҳамчун механизми асосии маърифати фаъол ва ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён баррасӣ мешавад ва раванди таълим ҳамчун фаъолияти мақсадноки ҳалли масъалаҳо ва эҷоди маҳсулот, ки дар ҷараёни он азхудкунии дониш ва рушди малакаҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ ба амал меояд. Равиши салоҳиятнокӣ таҳқиқотро ба натиҷаи ниҳоии раванди таълим – ташаккули омодагӣ ва қобилияти донишҷӯён барои амалӣ намудани фаъолияти лоиҳавӣ ва ҳамчунин рушди салоҳиятҳои калидӣ: таҳқиқотӣ, таҳлилӣ, рақамӣ ва коммуникативӣ равона мекунад. Равиши шахсият-нигаронидашуда имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фардӣ, шавқу завқ ва ангезаҳои ҳар як донишҷӯ ба инобат гирифта шуда, барои фардикунонии таълим ва рушди иқтидори эҷодӣ дар ҷараёни кори лоиҳавӣ имконият фароҳам оварад. Равиши технологӣ ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва забонҳои барномanavисӣ, пеш аз ҳама Python, ҳамчун воситаҳои самараноки амалисозии фаъолияти лоиҳавӣ, баланд бардоштани аёният ва арзиши амалии он таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда маҷмуи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ истифода шуд. Ба гурӯҳи методҳои назариявӣ дохил шуданд: таҳлил ва синтези адабиёти равоншиносӣ-педагогӣ, методӣ ва иттилоотию технологӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти лоиҳавӣ, таҳсилоти математикӣ, истифодаи ТИК ва забонҳои муосири барномanavисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; таҳлили муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии ташкили фаъолияти лоиҳавӣ дар таҳсилоти математикии донишгоҳӣ бо унсурҳои барномanavисӣ; ҷамъбаст ва низомноккунии равишҳо ва моделҳои мавҷудаи ташкили

фаъолияти лоиҳавӣ дар сатҳи бакалавриат; моделсозии сохтор ва марҳилаҳои фаъолияти лоиҳавӣ ва ҳамчунин нақши омӯзгори донишгоҳ дар ҳар яки онҳо; тарҳрезии мавзуъҳо ва мисолҳои мушаххаси лоиҳаҳо аз фанни математика бо истифодаи Python.

Методҳои эмпирикӣ дар марҳилаи апробатсия ва баҳодиҳии маводи коркардшуда татбиқ гардиданд ва аз инҳо иборат буданд: омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ (таҳлили кейсҳои муваффақи омӯзгорони математикаи донишгоҳ, ки фаъолияти лоиҳавиро бо барномаҳои истифода мебаранд); мушоҳидаи ташкил ва ҷараёни фаъолияти лоиҳавии донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; анкетакунонӣ ва мусоҳиба бо омӯзгорони донишгоҳ ва донишҷӯён барои ошкор намудани ақидаи онҳо оид ба бартариҳо, камбудиҳо ва дурнамои фаъолияти лоиҳавӣ бо ТИК; таҳлили маҳсули фаъолияти лоиҳавии донишҷӯён (коди барномавӣ, ҳисобот, презентатсияҳо, моделҳои математикӣ) барои баҳодиҳии ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ва метафаннӣ; ва ҳамчунин таҷрибаи педагогӣ (аз ҷумла таҷрибаи ташаккулдиҳанда), ки ба апробатсияи тавсияҳои методии коркардшуда ва баҳодиҳии самаранокии онҳо дар раванди воқеии таълим дар донишгоҳ равона гардидааст. Татбиқи комплексии равишҳо ва методҳои номбаршуда таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишаванда, асоснокии илмии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти амалии тавсияҳои методии коркардшударо барои низоми таҳсилоти математикии олии касбӣ таъмин намуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Дар асоси таҳлили назариявии гузаронидашуда ва шарҳи адабиёт натиҷаҳои калидии зерин ба даст оварда шуданд, ки иқтидори дидактикии ҳамгироии Python ба фаъолияти лоиҳавӣ дар МТОК, тавсияҳои методӣ оид ба ташкили он, мисолҳои мушаххаси лоиҳаҳо ва талабот ба омодагии омӯзгори донишгоҳро дар бар мегиранд. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика бо истифодаи Python дар сатҳи таҳсилоти олии касбӣ дорои иқтидори назарраси дидактикӣ мебошад. Пеш аз ҳама, он ба фаҳмиши амиқи мафҳумҳои математикӣ тавассути визуализатсияи мафҳумҳои абстрактӣ (графикҳои функсияҳо, табдилдиҳии геометрӣ, фазоҳои бисёрченака), моделсозии математикии равандҳои воқеӣ ва истифодаи усулҳои ададӣ барои ҳалли масъалаҳои мураккаби амалӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, дар донишҷӯён тафаккури ҳисоббарорӣ ва алгоритмӣ фаъолона рушд меёбад: онҳо декомпозитсияи масъалаҳои касбӣ, сохтани алгоритмҳои қадам ба қадам, ислоҳи код ва ҷустуҷӯи хатогиҳои мантиқиро аз худ мекунанд. Ғайр аз ин, чунин ҳамгироӣ малакаҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ ва амалиро – аз ҷамъоварӣ ва таҳлили додаҳо то таҳия ва санҷиши гипотезаҳо ва қабули қарорҳо дар асоси натиҷаҳо ташаккул медиҳад. Ангеза ба омӯзиши математика аз ҳисоби татбиқи амалии дониш дар самтҳои пешрафтаи илми додаҳо (Data Science) ва зеҳни сунъӣ, инчунин эҷоди маҳсули қобили ламс ва визуалан ҷолиб ба таври назаррас баланд мешавад. Ниҳоят, равиши мазкур салоҳиятҳои калидии асри XXI – тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, коммуникатсия ва саводи рақамиро мақсаднок рушд медиҳад, ки тавассути ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилоот, кор дар гурӯҳ, баҳодиҳӣ ва презентатсияи натиҷаҳо амалӣ мегардад.

Барои амалисозии бомуваффақияти чунин равиш дар шароити МТОК ташкили низомӣ, ки панҷ марҳилаи бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад, зарур аст. Дар марҳилаи омодагӣ омӯзгори донишгоҳ донишҷӯёнро бо ғояҳои лоиҳаҳо шинос мекунад, рӯйхати мавзуъҳоро бо назардошти ихтисос ва сатҳи омодагии онҳо ташаккул медиҳад, оид ба интихоб маслиҳат медиҳад ва барои ташкили гурӯҳҳои лоиҳавӣ кӯмак мерасонад; донишҷӯён бо мавзуъҳо шинос мешаванд, ғояҳои худро таҳия мекунанд, интихоб мекунанд ва ба гурӯҳҳо муттаҳид мешаванд. Тавсия дода мешавад, ки мавзуъҳое интихоб шаванд, ки истифодаи Python-ро барои визуализатсия, моделсозӣ ва таҳлили додаҳо дар назар доранд, масалан «Моделсозии математикии афзоиши популятсия бо муодилаҳои дифференсиалӣ» ё «Таҳлили омории пешрафти таҳсил дар гурӯҳҳои академӣ». Дар марҳилаи банақшагирӣ омӯзгор дар гузоштани мақсад ва вазифаҳо, тартиб додани нақшаи кор, муайян кардани натиҷаҳои пешбинишаванда ва тақсими нақшҳо дар гурӯҳ кӯмак мекунад. Донишҷӯён мақсад, вазифаҳо, гипотезаҳои илмиро таҳия мекунанд, нақшаи муфассал тартиб медиҳанд, усулҳо ва воситаҳоро муайян мекунанд ва ҳамчунин муқаррар менамоянд, ки кадом китобхонаҳои математикии Python (NumPy, SciPy, Matplotlib, Pandas) истифода хоҳанд шуд ва сохтори умумии кодро муҳокима мекунанд. Дар марҳилаи таҳқиқотӣ омӯзгор


маслиҳатҳо мегузаронад, пешрафтро назорат мекунад, дар бартараф кардани душвориҳои техникӣ ва математикӣ кӯмак мерасонад, риояи нақшаро назорат мекунад ва дастрасиро ба захираҳои зарурии илмӣ ва техникӣ таъмин менамояд. Донишҷӯён додаҳоро ҷамъоварӣ ва таҳлил мекунанд, ҳисобҳои математикиро иҷро мекунанд, модел ё алгоритм таҳия мекунанд, кодро бо Python менависанд ва ислоҳ мекунанд, натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил мекунанд. Маҳз дар ин ҷо имкониятҳои Python барои визуализатсияи додаҳо (графикҳои функсияҳои бисёрченака, гистограммаҳо, диаграммаҳои гуногун), моделсозӣ (амалисозии моделҳои математикӣ бо параметрҳои тағйирёбанда, аз ҷумла моделҳои соддакардашудаи омӯзиши мошинӣ), усулҳои ададӣ (ҳалли тақрибии муодилаҳои дифференсиалӣ, интегралгирии ададӣ, оптимизатсия) ва таҳлили додаҳо (коркарди оморӣ, ошкор намудани вобастагӣ, пешгӯикунӣ) фаъолона истифода мешаванд. Дар марҳилаи таҳлилӣ омӯзгор оид ба расмият даровардани натиҷаҳои илмӣ маслиҳат медиҳад, дар омодасозии презентатсия ё ҳисоботи таҳлилӣ кӯмак мерасонад; донишҷӯён додаҳоро низомнок мекунанд, хулосаҳои асоснокшударо таҳия мекунанд, ҳисоботро (аз ҷумла сохтор, матн, графикҳо, порчаҳои код бо тавсифи китобхонаҳои истифодашуда ва функсияҳои онҳо) расмият медиҳанд ва презентатсия тайёр мекунанд. Марҳилаи ниҳоии презентатсионӣ ташкили ҳимояи лоиҳа, баҳодиҳии кори донишҷӯён ва бозхондро дар назар дорад, ки дар ин ҷо намоиш додани коди зинда бо имконияти тағйири интерактивии параметрҳо ва шарҳ додани робитаи мантиқи код бо мафҳумҳои математикии сатҳи олии касбӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамчун мисолҳои амалӣ се лоиҳаи мушаххас таҳия шудааст, ки бахшҳои гуногуни курси математикаи донишгоҳӣ ва ихтисосҳои гуногунро фаро мегиранд.

Мисоли 1. Таҳқиқи параметрҳои функсияи квадратӣ ва умумӣ (курси математикаи умумӣ, курсҳои 1–2). Мақсад – омӯзиши таъсири коэффитсиентҳои a, b, c ба шакл ва мавқеи параболаи $y = ax^2 + bx + c$, инчунин умумисозӣ ба функсияҳои полиномиалии дараҷаҳои боло. Донишҷӯён графикҳои функсияҳои гуногуни квадратиро сохта, ҳар як коэффитсиентро тағйир медиҳанд ва хулосаҳоро таҳия мекунанд. Дар амалисозӣ китобхонаи Matplotlib ва ҳамчунин имкониятҳои интерактивии ipywidgets дар Jupyter Notebook ё Google Colab истифода мешаванд, ки имкон медиҳанд дар вақти воқеӣ коэффитсиентҳоро тағйир дода, тағйирёбии параболаро мушоҳида намоянд.

```
import matplotlib.pyplot as plt
import numpy as np
from ipywidgets import interact, FloatSlider

def plot_parabola(a, b, c):
 x = np.linspace(-10, 10, 400)
 y = a * x**2 + b * x + c
 plt.figure(figsize=(8, 6))
 plt.plot(x, y, label=f'y = {a}x^2 + {b}x + {c}')
 plt.title('Графики функсияи квадратї')
 plt.xlabel('x'); plt.ylabel('y')
 plt.grid(True)
 plt.axhline(0, color='black', linewidth=0.5)
 plt.axvline(0, color='black', linewidth=0.5)
 plt.ylim(-20, 20)
 plt.legend()
 plt.show()
a_slider = FloatSlider(min=-2, max=2, step=0.1, value=1,
description='a')
b_slider = FloatSlider(min=-5, max=5, step=0.1, value=0,
description='b')
c_slider = FloatSlider(min=-10, max=10, step=0.1, value=0,
description='c')
interact(plot_parabola, a=a_slider, b=b_slider, c=c_slider);
```

Натиҷа



Ин лоиҳа ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки хосиятҳои функсияро таҷрибавӣ таҳқиқ кунанд ва фаҳмиши интуитивии вобастагии график аз параметрҳоро ташаккул диҳанд, ки барои омӯзиши минбаъдаи таҳлили математикӣ асос мегузорад.

Мисоли 2. Ҳисобкунии ададии интеграл ва баҳодиҳии хатогӣ (курси таҳлили математикӣ, курсҳои 1–2). Мақсад – тақрибан ҳисоб кардани интеграли муайян бо усули росткунҷаҳо ва баҳодиҳии илмии дурустии усул вобаста ба қадами интегралгирӣ. Донишҷӯён барномаеро таҳия мекунанд, ки қимати интегралро дар фосилаи додашуда бо шумораи гуногуни тақсимшавӣ ҳисоб мекунад, аппроксиматсияро визуализатсия менамояд ва суръати наздикшавиро ба қимати дақиқ таҳлил мекунад.

```
import matplotlib.pyplot as plt
import numpy as np

def f(x): return x**2 + 1


def rectangle_method(func, a, b, n):
 dx = (b - a) / n
 x_vals = np.linspace(a, b - dx, n)
 area = np.sum(func(x_vals) * dx)
 return area, x_vals, dx

a, b = 0, 2
n_values = [5, 20, 100]
x_exact = np.linspace(a, b, 400)
y_exact = f(x_exact)

plt.figure(figsize=(15, 5))
for i, n in enumerate(n_values):
 area, x_rect, dx = rectangle_method(f, a, b, n)
 plt.subplot(1, 3, i + 1)
 plt.plot(x_exact, y_exact, color='blue', label='y = x^2 + 1')
 plt.bar(x_rect, f(x_rect), width=dx, align='edge', alpha=0.5, color='orange',
edgecolor='black')
 plt.title(f'n = {n}, Масоҳат ≈ {area:.4f}')
 plt.xlabel('x'); plt.ylabel('y')
 plt.grid(True); plt.legend()
 plt.fill_between(x_exact, 0, y_exact, color='lightblue', alpha=0.2)
plt.tight_layout()
```

```
plt.show()
```

Натиҷа:



Лоиҳа мафҳумҳои ҳудуд, интеграл ва усулҳои ададиро ба таври возеҳ пайваст намуда, наздикшавии қимати тақрибиро ба қимати дақиқ бо афзоиши шумораи тақсимшавӣ нишон медиҳад, ки барои ташаккули малакаҳои таҳлили ададӣ дар донишҷӯён муҳим мебошад.

Мисоли 3. Таҳлили омории додаҳо ва пешгӯикунӣ (курси назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ, курсҳои 2–3). Мақсад – гузаронидани таҳлили омории пешрафти донишҷӯён аз фанҳои математикӣ, ошкор намудани тамоюлҳо ва пешниҳоди натиҷаҳо дар шакли возеҳ. Донишҷӯён додаҳои беномро дар бораи баҳоҳо ҷамъоварӣ намуда, қимати миёна, медиана, мода, дисперсия ва инҳирофи стандартиро ҳисоб мекунанд, гистограммаи тақсимот ва диаграммаи доирашакл месозанд, инчунин бо истифода аз усулҳои соддатарини пешгӯикунӣ тамоюлҳоро муайян мекунанд.


```
import pandas as pd
import matplotlib.pyplot as plt
import seaborn as sns

баҳоҳо = pd.Series([5, 4, 3, 5, 2, 4, 4, 5, 3, 4, 5, 5, 3, 2, 4, 4, 5, 3, 4, 5])
print("Миёна:", баҳоҳо.mean(), "Медиана:", баҳоҳо.median(), "Мода:", баҳоҳо.mode().tolist())

sns.countplot(x=баҳоҳо, palette='viridis', stat='percent')
plt.title('Тақсимоти баҳоҳо')
plt.xlabel('Баҳо'); plt.ylabel('Ҳиссаи донишҷӯён (%)')
plt.show()

андозаҳо = [(баҳоҳо == v).sum() / len(баҳоҳо) * 100 for v in [5, 4, 3, 2]]
нишонҳо = ['Аълохон (5)', 'Хубхонхо (4)', 'Қаноатбахшхо (3)', 'Ғайриқаноатбахш (2)']
plt.pie(андозаҳо, labels=нишонҳо, autopct='%1.1f%%', startangle=140)
plt.axis('equal')
plt.title('Таносуби пешрафти таҳсил')
plt.show()
```

Натиҷа:



Лоиҳа малакаҳои кор бо додаҳои воқеӣ, таҳлили оморӣ ва пешниҳоди возеҳи иттилоотро рушд медиҳад, ки барои мутахассиси оянда дар ҳама гуна соҳаи касбӣ зарур мебошад.

Ниҳоят, таҳқиқот тасдиқ кард, ки муваффақияти фаъолияти лоиҳавӣ бо барномависӣ дар МТОК бевосита аз нақши омӯзгори донишгоҳ вобаста аст, ки аз транслятори дониш ба фасилитатор, маслиҳатгар ва модератори фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ табдил меёбад. Барои кори самаранок педагог бояд дорои донишҳои амиқи фаннии математикаи олӣ ва амалӣ бошад, ки имкон диҳад масъалаҳои математикиро дар ҳолатҳои касбии воқеӣ бубинад ва онҳоро барои фаъолияти лоиҳавӣ мутобиқ созад. Аз худ кардани боэътимоди асосҳои барномависӣ дар Python, аз ҷумла конструксияҳои асосии забон ва китобхонаҳои калидӣ барои ҳисобҳои илмӣ-математикӣ (NumPy, SciPy), визуализатсияи додаҳо (Matplotlib, Seaborn), таҳлили додаҳо (Pandas) ва омӯзиши мошинӣ (Scikit-learn дар сатҳи муқаддимавӣ) зарур аст. Салоҳиятҳои методӣ дар сатҳи таҳсилоти олии касбӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд: қобилияти таҳияи саволҳои проблемавӣ ва эҷоди ҳолатҳои таҳқиқотӣ, ки ба фаъолияти касбии ояндаи донишҷӯён наздиканд; малакаҳои ташкили кори гурӯҳӣ ва тақсими нақшҳо бо назардошти ихтисос ва сатҳи омодагии ҳар як донишҷӯ; қобилияти маслиҳат додан ба донишҷӯён дар ҳар марҳилаи лоиҳа, пешниҳод накардани ҳалли тайёр, балки самти ҷустуҷӯи илмӣ; аз худ кардани меъёрҳои баҳодиҳӣ, ки ҳам маҳсули ниҳоии таҳқиқотӣ ва ҳам раванди эҷоди он, аз ҷумла саҳми фардии ҳар як иштирокчиро ба инобат мегиранд. Ғайр аз ин, аз омӯзгори донишгоҳ сатҳи баланди саводи рақамӣ талаб карда мешавад, ки имкон медиҳад захираҳои онлайнӣ ва платформаҳои абриро (масалан, Google Colab, JupyterHub)-ро самаранок истифода барад ва ба донишҷӯён тавсия диҳад ва бо ин роҳ вобастагиро аз таъминоти барномавии маҳаллӣ ва таҷҳизоти техникии озмоишгоҳӣ коҳиш диҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада асоси томоми методии ворид намудани фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика бо истифодаи Python-ро ба таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд.

Муҳокима. Натиҷаҳои бадастомада боварибахшона шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика, ки бо истифодаи забонҳои муосири барномависӣ, аз ҷумла Python ғанӣ гардонида шудааст, яке аз самтҳои муассиртарин ва ояндадори модернизатсияи таҳсилоти математикии олии касбӣ мебошад. Он на танҳо ба азхудкунии амиқ ва бошууронаи маводи фаннӣ мусоидат мекунад, балки дар ташаккули тамоми маҷмуи салоҳиятҳои асри XXI, ки дар ҷомеаи муосир ва бозори меҳнати рақамӣ серталабанд, нақши калидӣ мебозад.

Мисолҳои коркардшудаи лоиҳаҳо возеҳ нишон медиҳанд, ки чӣ гуна Python метавонад ба таври органикӣ ба бахшҳои гуногуни курси математикаи донишгоҳӣ – аз алгебраи хаттӣ ва таҳлили математикӣ то назарияи эҳтимолият, омори математикӣ ва асосҳои илми додаҳо (Data Science) ҳамгиро карда шавад. Имкониятҳои забон барои визуализатсияи мафҳумҳои абстрактӣ (тағйирёбии динамикии графикҳои функсияҳо, фазоҳои бисёрченака), моделсозии математикии равандҳои воқеӣ ва касбӣ, ҳисобҳои ададӣ (интегралгирии тақрибӣ, ҳалли ададии муодилаҳои дифференсиалӣ) ва таҳлили додаҳои оморӣ математикаро зинда, амалӣ гардонида, ангезаи таълимиро ба таври назаррас баланд мебардоранд. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки аз ҳалли репродуктивии масъалаҳо ба таҳияи гипотезаҳои илмӣ, гузаронидани таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои мустақилона гузаранд, ки ба моҳияти фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст. Ҷорӣ намудани низомноки фаъолияти лоиҳавӣ бо барномависӣ дар МТОК ҳамчунин тафаккури ҳисоббаррориро фаъолона рушд медиҳад, ки он дар баробари саводи анъанавӣ ва қобилияти таҳлили математикӣ ҳамчун малакаи фундаменталии мутахассиси муосир эътироф шудааст [1]. Донишҷӯён декомпозитсияи масъалаҳои мураккаби касбиро аз худ мекунанд, алгоритмҳо таҳия менамоянд, кодро ислоҳ мекунанд ва натиҷаҳои бадастомадаро баҳои интиқодӣ доданро меомӯзанд – малакаҳое, ки на танҳо дар барномависӣ, балки дар ҳама гуна соҳаи дигари фаъолияти касбӣ арзишманд мебошанд.

Дар баробари ин, муваффақияти амалисозии чунин равиш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз як қатор омилҳо вобаста аст. Калидии онҳо омодагӣ ва салоҳиятнокии омӯзгори донишгоҳ мебошад. Чи тавре ки дар натиҷаҳо нишон дода шуд, педагог бояд на

танҳо дорои донишҳои амиқи фаннии математикаи олӣ ва амалӣ, балки малакаҳои боэътимоди барномависӣ ва аз ҳама муҳим – методикаи ташкили фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи бакалавриат бошад. Ин дигаргунии ҷиддии низоми омодагии касбии омӯзгорони донишгоҳ ва такмили ихтисоси онҳоро тақозо мекунад [14; 15]. Таҳияи курсҳои махсуси такмили ихтисос, семинарҳои амалӣ ва тренингҳое зарур аст, ки омӯзгоронро на танҳо ба навиштани код, балки ба ҳамгироии дидактикии асосноки он ба раванди таълим дар донишгоҳ, эҷоди ҳолатҳои проблемавӣ-таҳқиқотӣ, ки ба фаъолияти касбии ояндаи донишҷӯён наздиканд, ва идоракунии гурӯҳҳои лоиҳавии донишҷӯён омӯзонанд. Ҷанбаи дигари муҳим таъминоти моддию техникии озмоишгоҳҳои таълимӣ боқӣ мемонад. Барои амалисозии пурраи лоиҳаҳо бо барномависӣ мавҷудияти таҷҳизоти муосири компютерӣ, дастрасии устувор ба Интернет ва таъминоти барномавии мувофиқ зарур аст. Дар шароити МТОК истифодаи васеи платформаҳои абрӣ, аз қабили Google Colab ва JupyterHub, ки имкон медиҳанд бидуни насби маҳаллӣ бо Python кор кард ва бо ин роҳ талаботро ба инфрасохтор ва хидматрасонии ҷойҳои кории озмоишгоҳӣ коҳиш медиҳанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Ниҳоят, зарурати таҳияи низомҳои муносиби баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти лоиҳавиро таъкид кардан муҳим аст. Усулҳои анъанавии назорати дониш (имтиҳонҳои хаттӣ, тестҳо) на ҳамеша барои баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти лоиҳавӣ, ки ба инобат гирифтани на танҳо маҳсули ниҳоии таҳқиқотӣ, балки раванди эҷоди он, дараҷаи мустақилияти донишҷӯён, саҳми онҳо дар кори гурӯҳӣ, асоснокии илмии хулосаҳо ва ҳамчунин динамикаи рушди салоҳиятҳои мушаххаси касбӣ ва таълимӣ-таҳқиқотиро дар назар дорад, мувофиқат мекунанд.

Сарфи назар аз чолишҳои зикршуда, сармоягузорӣ ба рушди фаъолияти лоиҳавӣ бо истифодаи забонҳои муосири барномависӣ дар таҳсилоти математикии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асоснок мебошад. Сухан на танҳо дар бораи модернизатсияи раванди таълим, балки дар бораи самти стратегӣ меравад, ки ба омода намудани мутахассисони насли нав, ки дорои қобилияти навоварӣ, тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳлили додаҳо ва мутобиқшавии бомуваффақият дар шароити ҷаҳони рақамии босуръат тағйирёбанда мебошанд, мусоидат мекунад.

Хулоса. Таҳқиқоти гузаронидашуда тасдиқ мекунад, ки фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика, ки бо истифодаи забонҳои муосири барномависӣ, аз ҷумла Python ғанӣ гардонида шудааст, воситаи пуриқтидор ва самараноки модернизатсияи таҳсилоти математикии олии касбӣ мебошад, ки иқтидори дидактикии он аз доираи оддии азхудкунии донишҳои фаннӣ хеле фаротар меравад.

Пеш аз ҳама, фаъолияти лоиҳавӣ бо барномависӣ ба фаҳмиши амиқ ва бошууронаи мафҳумҳои математикӣ тавассути визуализатсия, моделсозӣ ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва касбӣ мусоидат намуда, математикаро барои донишҷӯён қобили ламс, шавқовар ва аз ҷиҳати касбӣ муҳим мегардонад. Ҳамгироии Python тафаккури ҳисоббарорӣ ва алгоритмиро фаъолона рушд дода, донишҷӯёнро ба сохторбандии мантиқии масъалаҳои мураккаби касбӣ, сохтани ҳалли қадам ба қадам ва баҳодиҳии интиқодии натиҷаҳо меомӯзад, ки ин барои азхудкунии минбаъдаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ ва илми додаҳо, асос мегузорад. Равиши мазкур воситаи муассири ташаккули салоҳиятҳои калидии асри XXI – тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, малакаҳои кор дар гурӯҳ, коммуникатсия ва саводи рақамӣ ба шумор меравад, ки барои мутобиқшавии бомуваффақият дар ҷомеаи муосир ва бозори меҳнати рақамӣ комилан заруранд.

Мисолҳои коркардшудаи лоиҳаҳо ва тавсияҳои методии қадам ба қадам ба омӯзгорони математикаи МТОК маҷмуи воситаҳои амалиро барои ташкили чунин фаъолият пешниҳод намуда, ҳамаи марҳилаҳо – аз интихоби мавзуъ то ҳимояи лоиҳаро фаро мегиранд. Дар ҳамин ҳол нақши омӯзгори донишгоҳ қонунан аз транслятори оддии дониш ба фасилитатор, роҳнамо ва ташкилотчии фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии донишҷӯён табдил меёбад, ки сатҳи нави омодагии касбӣ, методӣ ва рақамии ҳайати профессорону омӯзгоронро тақозо мекунад.

Сарфи назар аз чолишҳои муайяни марбут ба омодагии омӯзгорони донишгоҳ, таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои таълимӣ ва тағйири барномаҳои таълимии сатҳи

бакалавриат, ҷорӣ намудани низомноки фаъолияти лоиҳавӣ бо барномаанависӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти аз ҷиҳати стратегӣ муҳим мебошад. Он имкон медиҳад, ки на танҳо сифати таҳсилоти математикӣ дар донишгоҳ баланд бардошта шавад, балки мутахассисони ҷавон барои ҳалли масъалаҳои воқеии мураккаби истеҳсолӣ ва илмӣ омода гардида, ба ташаккули сармояи инсонии инноватсионӣ ва рақобатпазир дар иқтисодиёти рақамӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои коркардҳои минбаъдаи методӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос бошанд.

Таҳқиқоти мазкур дар мувофиқа бо Нақшаи дурнамои Барномаи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои солҳои 2021-2026 таҳти унвони «Система ва технологияи иттилоотӣ дар соҳаҳои маориф, иқтисодиёт ва барномасозӣ» анҷом дода шудааст.

Муқарриз: Сатторов А.Э. – д.и.ф.м., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав

АДАБИЁТ

1. Wing J.M. Computational thinking // Communications of the ACM. – 2006. – Vol. 49, № 3. – P. 33–35.
2. Брыкова О.В., Громова Т.В. Проектная деятельность в учебном процессе: пособие для учителя. – М.: Сентябрь, 2006. – 112 с.
3. Полат Е.С., Бухаркина М.Ю., Моисеева М.В., Петров А.Е. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования: учеб. пособие. – М.: Академия, 2009. – 272 с.
4. Дьюи Дж. Демократия и образование: Введение в философию образования / пер. с англ. – М.: Педагогика-Пресс, 2000. – 384 с.
5. Mitsotakis D. Computational Mathematics: An introduction to Numerical Analysis and Scientific Computing with Python. – Routledge, 2023. – 528 p.
6. Heck A. Calculus and the computer: The challenge to traditional teaching // International Journal of Mathematical Education in Science and Technology. – 2000. – Vol. 31, № 2. – P. 231–251.
7. Попов Н.И., Болотин Э.С. Использование интегрированной среды для разработки и обучения Python IDLE при изучении студентами теории вероятностей // Вестник Московского городского педагогического университета. Серия: Информатика и информатизация образования. – 2023. – № 1 (63). – С. 79–88.
8. Martinez IV A.E. Using Python to Reason about Logic and Set Theory: Three Instrumented Action Schemes // Digital Experiences in Mathematics Education. – 2024. – Vol. 10, № 1. – P. 1–28.
9. Malheiros M.G., Haetinger C. Explorable Discrete Mathematics: a Python-based undergraduate-level teaching approach // Anais do XXXV Simpósio Brasileiro de Informática na Educação. – 2024. – P. 2494–2505.
10. Rais D., Zhao X. Elevating student engagement and academic performance: A quantitative analysis of Python programming integration in the Merdeka Belajar curriculum // Journal on Mathematics Education. – 2024. – Vol. 15, № 2. – P. 495–516.
11. Shute V.J., Rahimi S. The power of visualization and animation in learning and instruction // Educational Psychologist. – 2017. – Vol. 52, № 3. – P. 195–209.
12. Арабов М.Қ., Халилова М.Ш. Роҷеъ ба истифодабарии технологияҳои муосир ва барномаанависӣ дар бахшҳои гуногуни математикӣ дар муассисаҳои олии ҶТ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 1. – С. 277–287.
13. Арабов М.К. Модернизация информатической программы и внедрение современных технологий в образовательный процесс // Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук. – 2021. – № 1 (5). – С. 168–177.
14. Арабов М.Қ., Розиқов П.Ш., Мусоев С.С. Таҷрибаи дуруст ба роҳ мондани фанҳои таълимии барои ихтисосҳои равияи ба технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ вобаста ва методикаи тадриси онҳо // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 1 (37). – С. 113–117.
15. Арабов М.Қ., Сатторов А.Э., Ҳабибуллозода К.Ҳ. Роҷеъ ба зарурати ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълими веб-барномасозӣ бо донишҷӯёни ихтисосҳои IT // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-2 (98). – С. 141–145.

ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВӢ АЗ ФАННИ МАТЕМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ БО ИСТИФОДА АЗ ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ БАРНОМАНАВИСӢ: МИСОЛҲО ВА ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

Таҳсилоти муосири олии касбӣ бо зарурати омода намудани донишҷӯён ба ҳаёт ва фаъолияти касбӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотии босуръат рушдёбанда рӯбарӯ мебошад. Усулҳои анъанавии таълими математика, ки ба азхудкунии репродуктивии дониш нигаронида шудаанд, ба ташаккули малакаҳои асри XXI, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо, эҷодкорӣ ва саводи рақамӣ дар донишҷӯён пурра мусоидат намекунанд. Дар ин замина ҷорӣ намудани фаъолияти лоиҳавӣ, ки бо истифодаи забонҳои муосири барномаанависӣ ҳамгиро шудааст, ба раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

(МТОК) аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Мақсади таҳқиқоти мазкур коркарди тавсияҳои методӣ ва мисолҳо барои ташкили фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика бо истифодаи забонҳои муосири барномонависӣ (дар мисоли Python) дар МТОК ва ҳамчунин асоснок намудани иқтидори дидактикии он мебошад. Методологияи таҳқиқот таҳлили адабиёти равоншиносӣ-педагогӣ ва методӣ, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва ҳамчунин равиши низомӣ-фаъолиятӣ ба ташкили таълимро дар бар мегирад. Дар мақола нақши фаъолияти лоиҳавӣ ҳамчун воситаи муассири ташаккули малакаҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ, таҳлилӣ ва амалии донишҷӯён асоснок карда мешавад. Равишҳо ва методикаҳои калидӣ, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ барои ҳамгироии барномонависӣ ба таҳсилоти математикии донишгоҳӣ истифода мешаванд, муайян гардидаанд. Дар натиҷа мисолҳои мушаххаси лоиҳаҳои математикӣ, ки бо ёрии забони барномонависӣ Python амалӣ мешаванд ва бахшҳои гуногуни курси математикаи донишгоҳиро: аз алгебраи хаттӣ ва таҳлили математикӣ то назарияи эҳтимолият, омор ва асосҳои илми додаҳо (Data Science) фаро мегиранд, пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: фаъолияти лоиҳавӣ, математика, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК), забонҳои муосири барномонависӣ, Python, моделсозии математикӣ, визуализатсияи додаҳо.

ПРОЕКТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПО МАТЕМАТИКЕ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СОВРЕМЕННЫХ ЯЗЫКОВ ПРОГРАММИРОВАНИЯ: ПРИМЕРЫ И МЕТОДИЧЕСКИЕ РЕКОМЕНДАЦИИ

Современное высшее профессиональное образование сталкивается с необходимостью подготовки студентов к жизни и профессиональной деятельности в условиях быстро развивающегося информационного общества. Традиционные методы обучения математике, ориентированные на репродуктивное усвоение знаний, не в полной мере способствуют формированию у студентов навыков XXI века, таких как критическое мышление, решение проблем, креативность и цифровая грамотность. В этой связи внедрение проектной деятельности, интегрированной с использованием современных языков программирования, приобретает всё большее значение в процессе обучения математике в учреждениях высшего профессионального образования (УВПО). Целью данного исследования является разработка методических рекомендаций и примеров для организации проектной деятельности по математике с использованием современных языков программирования (на примере Python) в УВПО, а также обоснование её дидактического потенциала. Методология исследования включает анализ психолого-педагогической и методической литературы, обобщение передового педагогического опыта, а также системно-деятельностный подход к организации обучения. В статье обоснована роль проектной деятельности как эффективного средства формирования учебно-исследовательских, аналитических и практических навыков студентов. Определены ключевые подходы и методики, используемые в мировой практике для интеграции программирования в университетское математическое образование. В результате представлены конкретные примеры математических проектов, реализуемых с помощью языка программирования Python и охватывающих различные разделы университетского курса математики: от линейной алгебры и математического анализа до теории вероятностей, статистики и основ науки о данных (Data Science).

Ключевые слова: проектная деятельность, математика, учреждения высшего профессионального образования (УВПО), современные языки программирования, Python, математическое моделирование, визуализация данных.

PROJECT ACTIVITY IN MATHEMATICS AT HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS USING MODERN PROGRAMMING LANGUAGES: EXAMPLES AND METHODOLOGICAL RECOMMENDATIONS

Modern higher professional education faces the need to prepare students for life and professional activity in a rapidly developing information society. Traditional methods of teaching mathematics, which are oriented towards reproductive knowledge acquisition, do not fully promote the formation of twenty-first-century skills in students, such as critical thinking, problem solving, creativity and digital literacy. In this context, the introduction of project activity integrated with modern programming languages is becoming increasingly important in the mathematics teaching process at higher professional education institutions (HPEIs). The aim of this research is to develop methodological recommendations and examples for organising project activity in mathematics using modern programming languages (on the example of Python) at HPEIs, as well as to substantiate its didactic potential. The research methodology includes the analysis of psychological, pedagogical and methodological literature, generalisation of advanced pedagogical experience, and a systemic-activity approach to the organisation of learning. The article substantiates the role of project activity as an effective means of forming students' learning-research, analytical and practical skills. The key approaches and methods used in international practice to integrate programming into university mathematics education have been identified. As a result, concrete examples of mathematical projects implemented with the help of the Python programming language are presented, covering various sections of the university mathematics course: from linear algebra and mathematical analysis to probability theory, statistics and the fundamentals of data science.

Keywords: project activity, mathematics, higher professional education institutions (HPEIs), modern programming languages, Python, mathematical modelling, data visualisation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ширинов Нурали Сафарович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **hukmiddin_82@mail.ru**

Арабов Муллошараф Курбонови – Институти математикаи ҳисоббарор ва технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи федералии Қазон (назди Волга), номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи таҳлили додаҳо ва технологияҳои барномависӣ. **Суроға:** шаҳри Қазон, Федератсияи Россия. E-mail: **cool.araby@mail.ru** ORCID: **https://orcid.org/0000-0003-2525-1183**
Ҳабибуллозода Кароматулло Ҳабибулло – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **ddb.mi-11@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Ширинов Нурали Сафарович*** – преподаватель кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики, Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67. E-mail: **hukmiddin_82@mail.ru** Телефон: **9343266-93**
Арабов Муллошараф Курбонович – Институт вычислительной математики и информационных технологий Казанского (Приволжского) федерального университета, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры анализа данных и технологий программирования. **Адрес:** 420008, город Казань, Россия, Республика Татарстан, улица Кремлевская, 18. E-mail: **cool.araby@mail.ru** ORCID: **https://orcid.org/0000-0003-2525-1183**
Хабибуллозода Кароматулло Хабибулло – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, доцент кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67.
E-mail: **ddb.mi-11@mail.ru**

Information about the authors: ***Shirinov Nurali Safarovich*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Lecturer, Department of Information Technologies and Informatics Teaching Methodology. **Address**: 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Aini street, 67. E-mail: **hukmiddin_82@mail.ru**. Phone: **9343266-93.**
Arabov Mullosharaf Kurbonovich– Institute of Computational Mathematics and Information Technologies, Kazan (Volga Region) Federal University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Department of Data Analysis and Programming Technologies. **Address:** 420008, Kazan, Republic of Tatarstan, Russia, Kremlevskaya St., 18. E-mail: **cool.araby@mail.ru**. ORCID: **https://orcid.org/0000-0003-2525-1183.**
Khabibullozoda Karomatullo Khabibullo – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Department of Information Technologies and Informatics Teaching Methodology. **Address**: 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Aini street, 67. E-mail: **ddb.mi-11@mail.ru.**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 29.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:519.6:004

БАРНОМАСОЗӢ БО ИСТИФОДА АЗ АМСИЛАҲОИ МАТЕМАТИКӢ

Гулова М.Т., Давлатов Х.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муқаддима. Яке аз методҳои васеъ паҳнгардидаи раванди таълими барномасозӣ дар ҳалли масъалаҳои математикӣ ин таълими барномасозӣ бо истифода аз амсилаҳои тайёри математикӣ мебошад. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки фан ва мавзуъи барномасозӣ барои ташкили робитаҳои байнифаннӣ мавқеъи хоса дорад. Дар ҳақиқат, вақте ки мо барои ҳалли масъалаи математикӣ барнома месозем, пас ин алоқа ногусастанӣ аст. Пас, барномасоз ва информатик ҳалли масъаларо бояд худаш ба таври математикӣ сарфаҳм равад, то амсилаи математикӣ сохта, онро ба намуди амсилаи компютерӣ орад.

Ҳангоми таълими информатика дар ихтисосҳои математика ва ҳамгирои он бо информатика бояд омӯзгор ин ҷанбаъҳоро ба донишҷӯён фаҳмонад, то онҳо аҳаммияти амсилаи математикиро дар барномасозӣ сарфаҳм раванд.

Метод ва усулҳо. Ду ҳолати ҳалли масъалаҳои математикӣ бо ёрии компютер вуҷуд дорад:

1. Аз рӯйи амсилаи тайёр;
2. Аз рӯйи гузориши шарти масъала.

Аз рӯйи гузориши шарти масъала барномасоз маҷбур аст, ки амсилаи ҳалли масъаларо тартиб дода тавонад. Ин вақт алоқаҳои байнифаннӣ мустаҳкам мегарданд. Барои чунин барномасоз донишҳои заминавии математикӣ муҳим мебошанд. Дар аснои амсиласозӣ донишҷӯ, ки таълими информатикаро мегузарад, дорои маҳоратҳо ва донишҳои математикии амсиласозӣ мешавад, ки барои ҳалли масъала муҳим мебошад.

Оид ба ҳалли масъала аз рӯйи гузориши масъала ё ҳалли масъалаҳои матнӣ, инчунин бо ёрии амсилаҳои тайёри математикӣ Ғаюрзода А.Т. дар китобашон [1] хеле сода карда, фаҳмонидаанд. Ӯ ин китобашонро ба методҳои сохтани барномаҳо дар чор забони барномасозӣ бо истифода аз амсилаи математикӣ ва компютерӣ (алгоритм) бахшидаанд.

Мавзуъи мақолаи мо барномасозӣ аз рӯйи амсилаи тайёр мебошад. Дар илму техника ва математика алгоритмҳои тайёр истифода мешаванд, ки аз рӯйи амсилаҳо ё формулаҳои тайёр таркиб меёбанд. Ин формулаҳоро олимон коркард ва исбот намудаанд. Масалан, формулаҳои ёфтани масоҳати секунҷа, росткунҷа ва ғайраҳо, ё ёфтани ҳалли муодилаҳои хаттию квадратӣ, инчунин дар физика, формулаҳо барои ёфтани қонунҳои Нютон, формулаи суръати объект ва амсоли инҳо коркард шуда, дар ҳаёт ва илму техника татбиқ мегарданд.

Савол ба миён меояд, ки барои таълими барномасозӣ омӯзгор бояд аввал аз кадом намуди барномасозӣ истифода барад? Амсилаи тайёр ва ё гузориши шарти масъала?

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки барномасозӣ аз рӯйи амсилаи тайёр роҳи барномасозиро осон мекунад. Истифодагар аввал бо мафҳумҳои додашудаю натиҷаҳои дар амсилаи тайёри математикӣ дарҷшуда шинос мешавад, зарурати амсилаи математикиро барои барномасозӣ мефаҳмад ва баъд ба ҳалли масъалаҳои матнӣ, ки ба амсиласозии математикӣ такя мекунад, мегузарад.

Инро чунин баҳо медиҳем: агар бар дӯши барномасози навомӯз якбора ҳам сохтани амсила ва ҳам сохтани барномаро бор кунем, барои ӯ душворӣ меорад, зеро ӯ маҷбур аст, ки ҳам амсилаи математикӣ ва ҳам амсилаи компютерӣ созад. Барои сохтани амсилаи компютерӣ, яъне барномаи компютерӣ ӯ бояд забони барномасозиро омӯзад, ки аз синтаксис, объектҳо ва алифбо таркиб ёфтааст. Ин аст, ки омӯзиши барномасозиро аз алгоритмсозӣ дар асоси амсилаҳои тайёр тарғиб мекунем.

Агар барои барномасозии ҳалли масъалаҳои математикӣ аз методи асоснокии математикӣ истифода шавад, онгоҳ омилҳои такягоҳии информатика ва барномасозӣ шавқи таҳсилоти донишҷӯро рушд медиҳад. Оид ба методи асосноккунии математикӣ дар барномасозӣ иброз намудаем [2].

Амсилаҳои дискретӣ дар барномасозӣ муҳим ва ҳалшавандаанд. Дар ин бора Мирзозода С. қайд доранд, ки: «Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки моделҳои дискретии

афзоиши амсила дар барномасозӣ аҳаммияти калон доранд, зеро онҳо имкон медиҳанд қадам ба қадам натиҷаҳоро ҳисоб кунанд ва динамикаи системаҳои маҳдудро таҳлил намоянд» [3, с. 45]. Компютер бошад, таҷҳизоти рақамӣ буда, амалиётҳоеро иҷро карда метавонад, ки ҳалли дискретиро таъмин мекунанд.

Дар мақолаи мазкур мо якчанд масъалаи иқтисодиро бо ёрии барномасозӣ ҳал менамоем. Бо ин методикаи барномасозиро дар асоси амсилаи математикӣ пешниҳод менамоем.

Масъалаи 1. Афзоиши пасандоз дар бонк.

Ҳал. Афзоиши пасандоз аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$S_n = S_0(1 + r)^n$$

Инро модели мантиқии ҳисобкунии пасандоз меноманд.

Дар ин ҷо S_0 – суммаи ибтидоӣ;

r – фоиз;

n – миқдори солҳо.

Ин амсилаи дискретии ҳалли масъала аст, зеро пайдарпай ба натиҷа наздик менамояд.

Ҳангоми таълими мафҳумҳои амсиласозиҳои математикӣ ва компютерӣ бояд ба донишҷӯ фаҳмонем, ки амсилаи математикӣ чист ва чи гуна ҳосил мешавад ва ҳатто якчанд мисолҳо орем, инчунин барои як омӯзгори информатика ва математика муҳим донистани он аст, ки дилхоҳ масъалаи математикӣ аз рӯйи ягон амсила ҳал карда мешавад ва агар чунин амсилаҳо мавҷуд бошанд, пас масъала дар компютер ҳалшаванда аст. Чуноне ки оид ба ин масъала дар китоби «Татбиқи амалии алгоритм» [13, с. 7] баёни ақида мегардад, алгоритм барномаест, ки дар забони гуфтори инсонӣ навишта шудааст ва барнома алгоритмест, ки дар забони барномасозӣ навишта шудааст.

Мо аллакай медонем, ки барои ҳалли масъалаҳо ва иҷрои амалҳои арифметикӣ аз рӯйи формулаҳо барномаҳои компютерӣ ва забонҳои барномасозӣ истифода мешаванд. Донишҷӯ аллакай дар МТМУ таҳсил намуда, бо чунин барномаҳо шинос аст ва ҳар омӯзгори информатика бояд аз ин ёдовар шуда, аз донишҷӯ оид ба малакаҳои гирифтаи ӯ пурсад, то пайдарпайии таълими ӯро таъмин намояд.

Омӯзгор бояд ҳаматарафа фикр кунад ва ҳар гоҳе, ки оид ба ягон мафҳум мефаҳмонад, оид ба мафҳумҳои пештаромӯхтаи шогирдаш нисбати мафҳуми мазкур бояд маълумот гирад, то аниқ кунад, ки мафҳуми навро бояд то чи андоза фаҳмонад. Албатта дар дарс ҷиҳатҳои руҳонӣ ва завқи қабулу даркии субъекти таълим ба инобат гирифта мешавад. Ва инак, оид ба масъалаи афзоиши пасандоз дар бонк. Омӯзгор бояд фаҳмонад, ки ин амсилаҳо аллакай коркард шудаанд, онҳо алгоритми кори кормандони бонкиро ташкил медиҳанд. Мақсади ӯ дар ин дарс пешниҳоди дарки он аст, ки аз рӯйи амсилаи тайёр чи гуна барномаи компютерӣ ё амсилаи компютерӣ сохтан метавон. Мо барномаи ҳалли масъаларо дар ду забони барномасозӣ тартиб медиҳем: забони PascalABC.Net ва Python.

```
Program Pasandoz;
Var
S0, r, Sn: Real;
n, i: Integer;
begin
// Маълумиоти ибтидоӣ
S0 := 1000; // пасандози аввал
r := 0.05; // фоизи солона (5%)
n := 10; // шумораи солҳо
// Ҳисоб ва чоп
Writeln('Сол':5, ' : Пасандоз':12);
for i := 0 to n do
begin
Sn := S0 * Power(1 + r, i);
Writeln(i:5, ' : ', Sn:12:2);
end;
Readln;
end.
```

Чуноне ки мебинем, миқдори сатрҳои барнома хело зиёд аст. Коркарди ин барномаро дар забони Python мебинем. Мо медонем, ки барномасозӣ бо ёрии ин забон содагӣ ва кутоҳии сатрҳои баномаро таъмин мекунад. Дар ин бора Раҳимов Ҷ. иброз мекунанд: «Барномаҳои Python ва дигар муҳитҳои компютерӣ барои тадқиқи афзоиши логистикӣ хеле мувофиқанд, зеро онҳо ҳам моделҳои математикӣ ва ҳам визуализатсияи графикиро дастгирӣ мекунанд» [4, с. 52].

Бинобар ин, мо дар мақолаи мазкур ҳалли масъалаҳоро бо ёрии ин забон таҳлил мекунем: Барои ин аввал пайдарпайии ҳалли масъаларо дар забони барои худ фаҳмо тартиб медиҳем, яъне алгоритм месозем, пайдарпайиро чунин мефаҳмонем:

Бигзор, мо дар бонк 1000 сомонӣ гузоштем, барои даҳ моҳ пасандоз карданӣ ҳастем ва фоиз 0,05 аст. Пас мо баъди 10 моҳ чи қадар афзоиш ба даст меорем, яъне ба ғайр аз оне, ки 1000 сомонии худро мегирем.

1. Ибтидо
2. S_0=1000
3. r=0,05
4. n=10
5. Барои i=1 то n
6. $S_n = S_0(1 + r)^n$
7. Хориҷкунии S_n
8. Интиҳо


Омӯзгор ба донишҷӯён мафҳуми тағйирёбанда ва функсияро бояд фаҳмонад, ҳарчанд, ки онҳо аз фанҳои математика ин мафҳумро омӯзанд ҳам, вале ин алоқамандӣ барои амиқ фаҳмидани додашудаҳои вурудӣ (дохилшаванда) ва хуруҷӣ (хориҷшаванда) муҳим аст. Дар барномасозӣ аз рӯйи амсилаи математикӣ донистани додашудаҳо ва натиҷаҳо муҳим арзёбӣ мешавад. Ин ду чизе ки барномасоз бояд донад. Агар донишҷӯ оид ба ифодаи арифметикӣ, функсияҳои стандартӣ ва ғайристандартӣ, математикаи элементарӣ, шаклҳои геометрӣ тасаввурот надошта бошад, онгоҳ бояд ҳангоми таълими информатика (технологияи информатсионӣ) омӯзгор аз ин мафҳумҳо ёдовар шавад. Ин аз як тараф ба донишҷӯ дониш медиҳад, дониши математикии ӯро мукаммал мекунад, аз тарафи дигар робитаҳои байнифаннӣ барқарор шуда, дарс завқовар мегузарад, зеро донишҷӯ комил мақсади масъаларо мефаҳмад ва барномасозиро меомӯзад. Яъне барои математик истифода аз методҳои информатикӣ маданияти иттилоотии ӯро рушд медиҳад. Тавре ки Муҳаммадазизи М.А. қайд мекунанд: «Истифодаи усулҳои муосири таълим, аз ҷумла масъалаҳои амалӣ ва моделсозии алгоритмҳо, барои рушди тафаккури алгоритмии донишҷӯён нақши муҳим мебозад [5, с. 340].


Инак, боз ба ҳалли масъалаи худ мегузарем. Алгоритми ҳалли масъала тартиб дода шуд. Ёдовар мешавем, ки агар алгоритми ҳалли масъала тартиб дода шуда бошад, онгоҳ сохтани барномаи ҳал хеле осон аст, ба шарте ки қоидаҳо ва фармонҳои забони барномасозиро донем, вале донистани миқдори зиёди забонҳои барномасозӣ муҳим нест, муҳим ҳалли масъала дар он забон аст. Дар ин бора дар мақолаамон [5] қайд карда будем.

Барномаи ҳалро дар забони **Python тартиб медиҳем:**

```
S0 = 1000
r = 0.05
n = 10
for n in range(n + 1):
 S = S0 * (1 + r)**n
 print(f"Сол {n}: {round(S,2)}")
```


Барномаро дар забони Python амалан месанҷем. Барои ин дар Мизи кории компютер папка бо номи “Ҳалли масъала” мекушоем:



Дар болои он нишонаи мушакро гузошта, тугмаи рости онро пахш мекунем ва фармони 


-ро интихоб менамоем.

Оинаи гузориши Visual Studio Code бо номи Ҳалли масъала пайдо мешавад:



Расми 1. – Оинаи гузориши Visual Studio Code.

Дар тугмаи New File пахш мекунем, дар майдони даъватӣ номи файламонро чунин мегузорем: Halli masala.py. Баъди пахши тугмаи Enter^




Расми 2. – Оинаи муколамавии тасдиқи номи файл.


Бояд қайд намуд, ки дар номи файл ду қисм вуҷуд дорад: асосӣ, ки онро истифодагар мегузорад (Halli masala) ва қисми васеъкардашудаи номи файл (.py). Дар номи гузоштаи мо ру ин кӯтоҳкардашудаи калимаи **Python** аст. Номгузориҳо бояд ҳамин тавр бошанд, онгоҳ ҳар файл дар барномаи худаш коркард мешавад, масалан қисми васеъкардаи банома дар Бейсик .bas ва дар Паскал .pas мебошад.

Пас, мо дар оинаи гузориши Visual Studio Code бо ёрии имкониятҳои забони Python барнома месозем ва инак мо омодаем, ки коди сохтаи худо дар барнома кӯчонем.


Ё аз варақаи MS Word нусхагирӣ карда, дар барнома мегузорем.



Расми 3. – Оинаи барнма, ки кодгузорӣ шудааст.

Тугмаи 

-ро пахш мекунем:




Расми 4. – Оинаи коди барнома бо нишондоди натиҷаи кори код.

Дар натиҷа чунин навиштаҷот пайдо мешавад ва ҳамчунин фоизи пасандози ҳар сол ҳосил мегардад:

PS C:\Users\Personal-Computer> & C:/Users/Personal-Computer/AppData/Local/Programs/Python/Python313/python.exe "c:/Users/Personal-Computer/Desktop/?алли масъала/Halli masala.py"

Сол 0: 1000.0
Сол 1: 1050.0
Сол 2: 1102.5
Сол 3: 1157.63
Сол 4: 1215.51
Сол 5: 1276.28
Сол 6: 1340.1
Сол 7: 1407.1
Сол 8: 1477.46
Сол 9: 1551.33
Сол 10: 1628.89

Ин барномаро дар забони Паскал месанҷем.



Расми 5. – Оинаи натиҷаи кори барнома дар забони Паскал.

Натиҷаро чун дар натиҷае, ки дар забони Путон ҳосил шуд, дар экран мебарояд:

Сол : Пасандоз
0 : 1000.00
1 : 1050.00
2 : 1102.50
3 : 1157.63
4 : 1215.51
5 : 1276.28
6 : 1340.10
7 : 1407.10
8 : 1477.46
9 : 1551.33
10 : 1628.89

Чуноне ки мебинем, пасандози 10 сол ҳосил мешавад, зеро мо n=10 гирифта будем. Аз натиҷаҳо дида мешавад, ки фоизи солҳо пайдарпай чунинанд: 50, 52, 55, 58, 61, 64, 67, 70, 74, 77. Онгоҳ, даҳ сол пас бо 5% афзоиши пасандоз ба 1628 сомонӣ баробар мешавад. Инро барои 20% ҳисоб мекунем.

```
S0 = 1000
r = 0.2
n = 10
for n in range(n + 1):
 S = S0 * (1 + r)**n
 print(f"Сол {n}: {round(S,2)}")
```

Дар ин ҷо 0.2 дар шакли даҳӣ (decimal) навишта шудааст. Барои табдил ба фоиз онро ба 100 зарб мекунем:

$$0.2 \times 100 = 20.$$


Яъне: 0.2 = 20% фоизи пасандоз аст. Агар пасандози аввалия: S0 = 1000, r = 0.2. Пас аз 1 сол: S=1000×(1+0.2)=1200. Пас аз ду сол: S=1200x(1+0,2)=1440. Пас аз се сол: S=1440x(1+0,2)=1728 ва ҳамин тавр идома медиҳем. Яъне пасандоз 200 воҳид зиёд мешавад, ки ин 20% аз 1000 аст.

Ҷадвали 1. – Қоидаи умумии тасвири қиматҳо бо фоиз

Шакли даҳӣ	Фоиз
0.01	1%
0.02	2%
0.05	5%
0.10	10%

0,2	20%

Натиҷаи кори барномаро мебинем:



Расми 6. – Нишондоди коди масъалаи пасандоз.

Сол 0: 1000.0
Сол 1: 1200.0
Сол 2: 1440.0
Сол 3: 1728.0
Сол 4: 2073.6
Сол 5: 2488.32
Сол 6: 2985.98
Сол 7: 3583.18
Сол 8: 4299.82
Сол 9: 5159.78
Сол 10: 6191.74

Чуноне ки мебинем, ҳисоби математикӣ бо ҳисоби компютерӣ якхела шуд.

Масъалаи 2. Барномаи ҳисобкунии масъалаи афзоиши аҳолӣ, ки аз рӯйи амсилаи математикии логистикии зерин ёфта мешавад, тартиб дода шавад:

$$P_{n+1} = P_n + rP_n(1 - \frac{P_n}{K})$$

K – иқтидори максималии миёнаравӣ. Масалан, ҷангал метавонад, ки 1000 ҳайвонро хӯронад, пас K=1000 аст. Ё муҳит барои зисти 1000 инсон мутобиқ аст. Pn – шумораи аҳолӣ (ё объектҳо) дар қадами вақти n-ум. Масалан, шумораи ҳайвонот, одамон ё бактерияҳо дар ҳамин лаҳза. Pn+1 – шумораи аҳолӣ дар қадами вақти навбатӣ, яъне аҳолӣ баъд аз як давраи вақт (масалан як сол, як моҳ). r – коэффисиенти афзоиш (суръати афзоиш) буда, нишон медиҳад, ки аҳолӣ то чӣ андоза зуд зиёд мешавад. Агар r калон бошад, онгоҳ афзоиш тезтар мешавад. $\left(1 - \frac{P_n}{K}\right)$ – омили маҳдудкунанда. Агар популятсия хурд аст, онгоҳ $P_n \ll K$, вагарна $\left(1 - \frac{P_n}{K}\right) \approx 1$ афзоиш қариб, ки озод аст. Агар популятсия максималӣ афзун гардад, онгоҳ $P_n \approx K$, вагарна $\left(1 - \frac{P_n}{K}\right) \approx 0$, яъне афзоиш нест.

Амсилаи иттилоотии масъалаи афзоиши аҳолӣ:

аҳолии нав = аҳолии ҳозира + афзоиши он

The development of convergence processes within the theoretical natural sciences has led to a situation where many philosophical and worldview-related questions have become fully integrated into the natural sciences, being addressed as scientific problems within specific contexts of knowledge and worldview. The evolution of methodologies is transforming the mindset of natural scientists, and the gap separating them from the humanities is narrowing significantly. At the same time, mathematicians, physicists, and biologists are collaborating with psychologists and philologists on the issue of artificial intelligence, while mathematicians, physicists, and psychophysiologists are working alongside psychologists and educators to investigate higher nervous activity and seek to understand its material foundations.The scientific worldview represents the integration of various data on nature, its properties and laws into a system of general concepts. In accordance with the historical development of the scientific understanding of the worldview, new data are being added and normative and logical tools for the integration of knowledge are being developed. It has been shown that the main means of mathematical knowledge is proof, and mathematical thinking itself can be considered an example of a method of proving thinking.

Key words: scientific worldview, special theory of relativity, general theory of relativity, integration of science, differentiation of the cognitive process, mathematical and physical concepts, principle of correspondence.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландарова Манзура Сайдасроровна*** – н.и.п., муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб,Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 985-18-24-23.**

Сведения об авторе: ***Каландарова Манзура Саидасроровна*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания физики и технологии материалов. **Адрес:** 735360, город Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова. 16. **(+992) 985-18-24-23**

Information about the author: ***Kalandarova Manzura Saidasrorovna*** – Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching Physics and Technology of Materials. **Address:** 735360, Kulob city, Republic of Tajikistan, Sangak Safarov Street, 16. Phone: **(+992) 985-18-24-23**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 30.06.2026
Аз тақриз баргашт: 30.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

ТДУ:37.035:392(575.3)

МАВҚЕИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ ВА АХЛОҚИИ НАВРАСОН ДАР МИСОЛИ ҶАШНУ МАРОСИМҲОИ ОИЛАВӢ АЗ АВЕСТО ТО ИСТИҚЛОЛ

Бобоева М.Ҷ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Дар тарбияи маънавию ахолоқии наврасон мавқеи ҷашну маросимҳои оилавӣ тули асрҳост, ки мавриди муҳокимаи файласуфон, педагогон ва психологон қарор гирифта то ба ҳол қувваи бузурги таълимию тарбиявии худро гум накардааст. Урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, воситаи таъсиррасонӣ ва банизомдарорандаи маъёрҳою қоидаҳои ахлоқӣ дар ҳаёти инсон мавқеи хоса дорад.

Ҷашну маросимҳои оилавӣ дар таълиму тарбияи наврасон аз рӯйи қоида ва меъёр тибқи шакллгириашон умумӣ ва қабилавӣ мешавад, ки ҳар яки он моҳияти дастаҷамъона дораду аз насл ба насл ҳамчун анъана идома дода мешавад.

Сифатҳои ахлоқию маънавии инсон тадриҷан дар оила ташаккул меёбад. Ҳар як оила вазифадор аст, ки қонуниятҳои ахлоқию манънавии анъанаҳои оилавиро но вобаста аз синну сол сармашқи таълиму тарбияи фарзандони хеш созанд ва барои дуруст ба камол расонидани онҳо шароити мусоид фароҳам ованд.

Дар фарҳанги забоншиносӣ мафҳуми оила дар шакли зерин шаҳр дода шудааст: «Оила ин зану фарзанд, аҳли хонавода, аҳлу аёл ва хешу акрабо мебошад» Оила натанҳо маҷмуи сода ва гурӯҳи ашхосе мебошад, ки муштарак зиндаги мекунанд, балки самимияте мебошад, ки дар он нотаткрор будан, баҳисобгирии хислат, вазъи иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва дигарон ба инобат гирифта мешавад.

Метод ва усулҳо. Дар мақола оиларо мо на ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, балки ҳамчун усули алоқамандкунонӣ, вобастагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ дар асоси арзишҳои муайяни меъёрию ахлоқи арзёбӣ намудем [2, с. 79].

Оила ҳамон вақт воқеияти фаъолияти ичтимоиро дарёфт мекунад, ки агар он ба истеъдодҳои табиӣ ва иҷтимоии инсон нигаронида шуда бошад. Муҳимтарин ҷузъи оила ин ҳамдигарфаҳмӣ, меҳру муҳаббат, боварӣ, умедворӣ ва сипас тавлиди фарзанд мебошад. Аз нигоҳи маънавӣ оила падидаи ҷамъиятиест, ки дар он баъзе нишондиҳандаҳо шаклбанди карда мешавад, аз ҷумла:

- мустаҳкам нигоҳ доштани муносибатҳои хешу таборӣ;
- рушди сифатҳои педагогӣ (тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ ва ғайра);
- ривоҷ додани ҳисси башардӯстӣ дар байни аъзоёни оила;
- саҳмгузори дар раванди хизматрасониҳои оилавӣ;
- ба инобат гирифтани умумияти фарҳанг, манфиятҳои миллӣ ва ҷамъиятӣ.

Асосҳои дигари маънавиианъанхои оилавӣ дар хислатҳои мардумӣ ва этнопедагогика зоҳир мегардад. Ҷашну маросимҳои оилавӣ натанҳо дар ҷиҳозонидани манзил. балки дар муколамаи маънавӣ, идеологияи ҷамъиятӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динӣ амалӣ карда мешавад.

Муҳимтарин нишондиҳанда аз нигоҳи маънавӣ ин фаъолияти пурқуввати аъзоён мебошад. Фаъолияти аъзоёни оила дар корҳои меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ ҳангоми фикронӣ, масъулиятнокӣ ва ташаббускории корҳои муштарак зоҳир мегардад.

А.Г. Хоҷаев аз нигоҳи ҷамъиятӣ ва биологӣ вазифаи оиларо ба чунин лаҳзаҳо ҷудо намудааст:

- аз нигоҳи ҷамъиятию биологӣ қонеъ гардонидани талаботҳои фарзандон;
- таъмин намудани ноболғон ва калонсолон аз ҷиҳати иқтисодӣ ва моддӣ;
- ҳимоя намудани аъзоёни оила аз ҷиҳати психологию педагогӣ;
- роҳандози намудани фароғату манфиятҳои шахсӣ ва оилавӣ;
- тарбияи ичтимоисозӣ ва дастгирии фарҳанги ҷомеа;
- беҳдошти саломатии аъзоёни оила ва фарзандон;
- рушди маънавии аъзоёни оила дар ҷомеа [16, с. 124].

Мустақилият ё мухторият хусусияти инфиродӣ дошта муаяйнкунандаи қобилият, истеъдод, эҷодиёт, ҳунармандӣ, варзишӣ меҳнатӣ ва ғайра дар олоҳидагӣ мебошад. Дар ҷомеаи имрӯза баъзе омилҳое мавҷуд аст, ки метавонад бевосита ба ҷашну масроимҳои

олиавӣ таъсири мусбии худро расонад. Яке аз чунин омилҳо метавонад тафаккури Ғарби наврасон бошад. Ин тафаккури наврасон албата дар дарки худшиносӣ, худогоҳӣ, хештаншиносӣ, меҳанпарастӣ, ватандӯстӣ, ва посдории фарҳанги миллати хеш таъсирррасон мебошад.

Дар чунин вазъият танҳо оилаи солим бар зиди зуҳуроти зараровар муқовимат нишон дода дар руҳияи фарзандони хеш некукорӣ, хирадмандӣ, хушҳолӣ ва қаноатмандиро устувор мегардонад. Аз ин ҷост, ки оила пойдевори истеҳсолот, тафаккур, ҳувият ва асолат буда, ҳамеша созмонҳои ҷамъиятӣ ва давлатиро ба воситаи назарияҳои некбинонаи худ дастгирӣ менамояд.

Аз нигоҳи таърихӣ ва ичтимоӣ аз худ намудани урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ ин аз ҷониби насли наврас дарк намудани фаъолияти ҳаёти инсон ва манфиятҳои шахсӣ мебошад. Таърихи педагогика ҳамчун илм масъалаҳои баррасишавандаи урфу одат ва анъанаҳои оилавиро марҳила ба марҳила таҳлил менамояд. Имрӯзҳои мушаххас аст, ки дар таълиму тарбияи хонандагон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ниёз ба таҳқиқ ва баррасии назарияҳои урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ доранд. Таълимдиҳандагоне, ки тайёрии махсуси илмӣ-педагогӣ доранд дар баробари падару модар уҳдадор ҳастанд, ки дар тарбияи дурусти насли наврас камари ҳиммат банданд.

Дар раванди сифатҳои маънавию ахлоқии наврасон набояд нақши падару модаронронодида гирифт, зеро муваффақияти онҳо дар ҳаёт аз волидайн вобастагӣ дорад.

Файласуфон, педагогон ва психологон дар ҳама давру замон ба масъалаи тарбияи оилавӣ ва урфу одатҳои оилавӣаҳаммияти хоса додаанд. Аз ин ҷост, ки то ба ҳолақидаҳои онҳо арзиши худро гум накардааст. Масалан: Ф. Гулмадов оиди урфу одат ва анъанаҳои оилаӣ қайд менамояд, ки, “Ҷашну маросимҳои оилавӣ, дар фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик яке аз дастовардҳои маънавӣ ва ахолоқӣ буда, дар рушди комилли наслҳои оянда саҳмгузор мебошад, яъне ҳар як миллат тавассути ҷашну маросимҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуну башарии худ маъруфу машҳур аст” [8, с. 243].

Муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки дар раванди таълиму тарбия азсарчашмаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, анъанаҳои оилавӣ, дастовардҳои ватанӣ ва осорҳои мутаффакирон самаранок истифода намоянд,чунки урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ натанҳо ба ташаккули зеҳнии кудакон, балки ба руҳияи ахлоқӣ, ичтимоӣ, фарҳангӣ ва маданиятнокии онҳо бе восита таъсир мерасонад.

Масалан, дини мубини ислом саршор аз панду ахлоқ буда, моҳияти онро эҳтироми волидайн, калонсолон, меҳрубонӣ, меҳнатдӯстӣ, хушмуомилагӣ, дилсузӣ ва ғайра ташкил медиҳад

Мардуми куҳанбунёди тоҷик урфу одат ва анъанаҳои халқию оилавиро то давраи дини мубини ислом аз сарчашмаҳои таърихии китоби «Авесто» меомӯхтанд. Авесто дар баробари хусусияти дини доштанаш ҷабҳаҳои фалсавӣ, сиёсӣ, педагогӣ, адабӣ ва таърихӣ низ дорад. Омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангро Анкетил ДЮ-Перрон аз асри XVIII шуру намуда, ҷашну маросимҳои оиларо ягона унсури тараққиёти марҳилавии миллат ва давлат дар байни наврасон шуморидааст [3, с. 24].

Натиҷаи таҳқиқот. Ҷанбаҳои таърихии ҷашну маросимҳои оилавии давраи «Авесто» дар китоби «Тоҷикон»-и муҳаққиқи тоҷик Б.Ғ. Ғафуров ва дар китоби М.М. Дьяконов «Дар манбаъҳои қадимии фарҳанги Тоҷикистон» пурра таҳлили худро ёфтааст

Ҷанбаҳои педагогии ҷашну маросимҳои оилавии «Авесто»-ро бошад, муҳаққиқи машриқзамини эронӣ Ҳошими Ризо ва муҳаққиқони миллати куҳанбунёди тоҷик А.Ш. Қурбонов, М. Ҳазратқулов, Ф. Гулмадов, Қ.Б. Қодиров, А. Афзалов, У. Каримов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор доданд. Аммо қисмати зиёди масъалаҳои он то ба ҳол мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, яъне ба таҳлилҳои пурраи илмӣ-таҳқиқотӣ ниёз дорад.

Китоби «Авесто» оиди ҷашну маросимҳои оилавӣ, риояи дурусти онҳо, танзими оила, муносибат бо ашёҳо ва ҳодисаҳои гирду атроф фикру мулоҳизаҳои фаровонро дар худ нигоҳ доштааст. Масалан, дар фасли III дар яке аз қисмати китоб Вандидод овардашудааст ки «Ҳар куҷое, ки инсон манзил бунёд мекунад дар онҷо ҳамсару фарзанд, ҳайвонот, фаровонӣ, оташ, щир, алаф, саг ва дигар неъматҳо мавҷуд аст ва инчунин ҳар инсоне, ки гандум кишт мекунад ӯ аз ҷумлаи порсоҳо ё оилаи намуда мебошад» [1, с. 84].

Дар қисмати дигари китоб «Готҳо» (сурудҳо) оид ба ҷашну маросмҳои оилавӣ бештар ба мафҳумҳои росткорӣ, рафоқат, муттаҳидӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, погизагии манзил, сухан ва амал таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Ҳатто дар фасли XII-и Ясна оварда шудааст, ки ҷашну маросимҳои оилавӣ аз рӯй шиори «Пиндори нек, Гуфтори нек, ва Рафтори нек» то ба ҳол ривоҷ ёфта истодааст [14, с. 27].

Неруҳои хайру шар ва росту дуруғ дар китоби муқадаси «Авесто» дар симои Аҳурамаздо (Ҳурмуз) ва Ангра Маню (Аҳриман) пурра ифода ёфтааст. Дар муборизаи боҳамзиддии ду неру, яъне хайру шар, хайр пирӯзи ба даст овард, ки ин албата дар сиришти тарбияи маънавӣ ва ахлоқии наврасон таъсиррӣ мусбӣ мерасонад.

Дар китоби Қуръон ангезаҳои сулҳу дустӣ, ҷашну маросмҳо ва ризоятҳои китоби «Авесто» маънии дигар дорад. Яъне дар китоби «Авесто» ҳаммаънои итоаткорӣ ин даъват ба ҳаёти осошта ва муътадил аст. Масалан, дар фали IX–и дигари китоб Ясно ёдрас шудааст, ки «Бигузор ҳамеша дар манзили ҳар як инсон фармонбардорӣ бар нофармонбардорӣ, сулҳ бар низоъ, саховат бар хасисӣ, имон бар беимонӣ, ротгуӣ бар дуруғгуӣ, ростқавблӣ бар бевиҷдонӣ дастболо бошад» [4, с. 196].

Дар педагогикаи башардӯстонаи халқӣ бартарияти тамоблҳои беғаразонаи ҷаншу маросимҳо дар таълиму тарбия наврасон пурра инъикоси худро ёфтааст. Меъёрҳои маънавӣ ва ахлоқӣ таълиму тарбияи оилавӣ дар ёдгориҳои халқ таҷассум гардида, то ба имрӯз мавқеи худро гум накардааст.

Масалан, иззату эҳтиром нисбати гузаштагон ва эҳтироми шахсияти онҳо аз тавозуну бартарият ва шаҳомати маросимҳои оилавӣ шаҳодат медиҳад, ки ин амал дар Фарвартини Яштои «Авесто» ки руҳ сарчашмаи тамоми ҳастии инсон эълон шуда буд, сарчашма гирифтааст. Дар он китоб оварда шудааст, ки маҳз бо туфайли шаҳомати гузаштагон об аз саргаҳҳои хушкшуда равон мегардаду аз замин растаниҳо мерӯяд, шамол абрҳоро пароканда мекунад, занона соҳиби тифл мешаванду зоиш зиёд мегардад ва ғайра.

Боқимондаи дигар парастишҳо, аз қабили эҳтироми мадару модар, калонсолон ва дигарон ҳанӯз аз байн нарафтааст. Имрӯзҳо мушоҳида карда мешавад, ки бисёре аз деҳаву кӯчаҳо ба номи хизматнишондодагон баҳри пос доштани шаҳоматашон номгӯзори шудааст, то ин ки барои ояндагон намунаи ибрат бошанд. Аз руйи таҳлилҳои бардавоми сарчашмаҳои таърихи мушаххас гардид, ки пос доштани маросмҳои маънавию ахлоқии оилавӣ худ ба худ пайдо нашудааст, бакий аз гузаштагони аҷдодонамон ҳамчун мерос боқи мондааст.

Тавлиди духтарон баробари тавлиди писарон дар китоби муқаддаси «Авесто» хушхолкунанда буд, муҳақиқот маълумотҳоеро ошкор намуданд, ки зан дар таълимоти китоби «Авесто» давроне мақоми хоса дошт. Онҳоро ҳамчун кадбонуи хирадманд ва хушахлоқ мешинохтанд, ҳотто дар баробари писарон онҳо ба маросимҳои гуногун даъват мекарданду дар муборизаҳои беамон баҳри пешравӣ ва пешгирии бадӣ бо як қаноатманди ширакат меварзиданд.

Масъалаи солимии оила дар таълимоти дини Зардуш мақоми хосса дошт. Метавон онро дар яке аз фаслҳои Вандидод дар мисоли муколамаи оилавии Зардушт ва Аҳурамаздо мушоҳида намуд. Чунончӣ: «Аҳурамаздо метавони содиқона ҷавоб бидеҳи, ки маконе, ки сабаби хушҳолии замин гардидааст кучост? Аҳурамаздо, он ҳамон маконест, ки дар он барои худ манзил банёд мекунӣ, дар он хонавода ташкил мекунӣ, фарзандон ҳамчун гурӯҳи низомӣ дар наздат мебошанд, аз фаровонии маҳсулот, чорво, чарогоҳ ва ҳамдеҳагони ризоят мебарӣ. Пас он ҷост хушҳолии замин.

Аз ин муколама бар меояд, ки Зардушт аз асри VI ва VII то мелод сар карда дар асоси арзишҳои моддӣ ба тарбияи фарзанд аҳаммияти хосса зоҳир менамудааст. Ҳатто дар фасли севуми Вандидод қайд гардидааст, ки «Замин он маконест, ки инсоният манзил бунёд месозад ва дар он наслҳои ояндаи солими миллатро ба камол мерасонад» Яъне шахси солим ақл ва бомаърифат як порчагии заминро истифода намуда, барои осоиштагӣ ва хушҳолии хеш манзили зебо бунёд месозаду ба тарбияи дурусти фарзандон машғул мешавад. Зери маънои тарбияи дурусти фарзандон албата ки ротқавӣ, поквиҷдонӣ, хушахлоқӣ содиқ будан ба маҳан, меҳнадӯстӣ, ватандӯстӣ ва аз амалҳои бади инсон дур будан фаҳмида мешавад.

Муаллиф дар мақола давраҳои синнусолиии таълиму тарбияи давраи дини Зардуштиро бо назардошти баробарҳуқуқии писарону духтарон ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати педагогӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Масалан, давраи кӯдакӣ. Ин давра давраи аввалини заминагузории ҷанбаҳои таълимию тарбияи сифатҳои маънавию ахлоқӣ буда аз ҳафтсолагӣ то ба нуҳсолагӣ идома меёбад. Дар ин давра духтарон таҳти нигоҳубини модарон қарор гирифта, ба тайёр намудани ғизо, духтану бофтан ва ба воя расонидани тифлакон машғул мешаванд. Писарон бошанд ба омӯзиши ҳунури падаронашон ҷалб мегардида буданд. Аниқтараш мубаъдон фарзандони худро баҳри идома додани анъанаҳои динӣ омода мекарданд, Деҳқонону сарватмандон бошан фарзандони худро баҳри идома додани шуғли худ ба камол мерасониданд. Афзалияти ин раванди таълиму тарбияи Зардуштиён дар он аст, ки тарбияи фарзанд на танҳо ба души падару модар бали, ки ба замаи ҷомеа низ вогузор аст.

Давраи наврасӣ ва ҷавонӣ бошад, синни 9 то 17 солагиро дар бар мегирад. Дар ин давра дар таълиму тарбияи фарзандон танҳо волидайн масъул мебошанд. Аз рӯйи анъанаҳои оилавӣ, ҷавононе, ки синнашон ба 15 ва 17–солагӣ мерасад ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб кунонида мешаванд, то ин ки ҳамчун марди худогоҳ, боқувват, ҷасур, далер ва бо фарҳанг ба воя расанд. Қобили қайд аз, ки он волидайн ё мурабиёне, ки уҳдадориҳои худро иҷро карда наметавонист ҳатман ҷазо дода мешуданд Ҳатто ба писарону духтарон баъзе санъатҳои илмӣ ва ҳарбиро низ меомӯзониданд.

Ҷавонон аз ҷониби мураббиён барои обутоб ёфтанашон дар гармию хунукии тоқатнофазо гурусна нигоҳ дошта мешуданд. Дар ҳар як ҷашну маросимҳо зери роҳбарии мурабиён онҳо ба дашту ҷангалҳо ва ботлоқ рафта ҷасорати худро моҳирона нишон медоданд.

Ба муносибати омодагии духтарону писпрон дар рузгордорӣ, тарбияи фарзанд, уҳдадориҳои оилавӣ, ва масулиятпазирӣ ҷашну маросимҳо ороста мешуд. Дар маросим аз ҷониби бонувон ва ҷавонони далеру шуҷои ватан бояд одоби меҳмоннавозӣ, муошират бо калонсолон, ҳурмату иззат, дастархонороӣ ва шароити хуби пазироӣ риоя карда шавад.

Ҳамаи ин тадбирҳо бо мақсади ворид шудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона ва муайян намудани ҷойгоҳи худ ба аҳли ҷомеа мебошад. Баҳри ҷидди санҷидани азму иродаи ҷавонони он замон аҷдодонамон яке аз анъанаҳои махсус бо номи киштибандӣ доштанд. Дар ин анъана волидайнро лозим меомад, ки аз рӯйи барномаи махсуси пешниҳодшуда фарзандони хешро омода созанд. Аъзои фаъоли анъанаи киштибандӣ руҳониён ва пешвоиёни қабилаҳо буд. Русуми маъмулии ин анъана ин бастани камарбанд ба миёни ҷавондухтарон ва ҷавонписарон буд. Имтиёзҳои шаҳрвандӣ насиби он ҷавононе мешуд, ки аз имтиҳон бо муваффақият мегузашт.

Таълимоти дини Зардуштӣ таҳқири занро бар хилофи дигар динҳо амали бадахлоқона ва бераҳмона дониста, соҳибилм шудани занро нисбат ба писарон дар мадди аввал гузоштааст.

Ҷашну маросмҳои оилавӣ дар таълимоти динни Зардушт масъалаи маркази буда, оилаи бе рушду камолотро ба замини обнодида шабоҳад медиҳад. Яъне оила ба монади он қисмати заминест, ки муддатҳои дароз обшорон нагаштаасту аз тирагию беҳосилии худ мунтазири бобои деҳқонаст, то ин ки кай бар он кишт карда онро ҳосилхез манмояд. Дар таълимоти динни Зардуш бунёди оила ҳатми дониста шуда, баҳри ҳамсафари хуб ва фарзанди солим ба воя расонидан сабқатҳо меоростанд.

Интихоби дурусти ҳамсар дар таълимоти динни Зардуштӣ низ масъалаи калидӣ ҳисобида мешуд. Дар интихоби ҳамсари фарзандон падару модар бо ду сабаб масулиятпазир буданд.

1. Бо сабаби дар синни 14-15 солагӣ камтаҷриба будани онҳо;
2. Бо сабаби пас аз даврони буҳрони синнусолӣ ба иштибоҳ роҳ надодани онҳо.

Тибқи таълиму тарбияи маънавӣ ва ахлоқии динни Зардушт мард бояд танҳо як зан дошта бошад, дар сурате, ки зан тифл ба дунё оварда наметонад он мард метавонад бо розигии ҳамсараш талоқ гирад ё фарзандеро гирифта ба камол расонад. Қобили зикр аст, ки он фарзанди ба камол расонидашуда ҳамчун аъзои комили оила баробарҳуқуқ мебошад. Издивоҷи ғайриқонунӣ ва тавлиди фарзанд дар динни Зардуштия қатъият маҳкум карда мешуд.

«Шоҳнома» - и Абулқосим Фирдавсӣ асари паду ахлоқӣ буда, он дар даврони зардуштони Осиёи Миёнагӣ навишта шудааст. Ин китоб аз ҳукумронии 50 ҳокими сулолаҳо шаҳодат дода, тули 35 сол дар ҳаҷми 50 ҳазор байт эҷод гардидааст. Шоҳномаро мардуми шарқзамин на ҳамчун як китоб, балки ҳамчун шоҳкитоби сулолаи шоҳон муаррифи менамуданд [13, с.46].

Масалан, И.С. Брагинский ховаршинос ва муҳақиқи маъруфи рус оиди баррасии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ чунин менависад: «Шоҳномаи Абулқосим Фирдавси ба уқёнусе габоҳат додаанд, ки дар он хамосаҳои таърихӣ, достонҳои ишткӣ, ривоятҳои асотирӣ ва таърихшиносӣ таҷассум ёфтааст, ё ин ки мутолиакунандаи Шоҳнома онвақт моҳият ва хусусияти Шоҳкитобро дарк мекунад, ки худро дар қатори қаҳрамонҳо тассавур кунад. Аниқтараш чигунае, ки мазаи намакини оби баҳро ҳангоми ғарқ шавӣ эҳсос мекунӣ, пас ҷанбаҳои таърихии ҷашну маросимҳои маънавӣ ва ахлоқии оилавиро низ метавон аз китоби шоҳнома дастрас намуд» [5, с.247].

Сарчашмаҳои хаттӣ рифоятҳои мардумӣ ва эҷодии халқ дар ҳар як саҳифаи пур аз панду андарзӣ Шоҳнома истифода гардидааст. Дар ин аср сифатҳои нек (некукорӣ, инсоният, росткорӣ, хирадмандӣ, адолат, шараф ва шоистагӣ, ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғ) ва бади (ноадолатӣ, дурӯғ, муфтхӯрӣ, ҷоҳталабӣ, дурӯягӣ, ҳасодат, хасисӣ, бадахлоқӣ ва ғ) инсониро пурра инъикос намудааст, ки инҳо мусалламан, ба таҳаввулоти минбаъдаи анъанаҳо ва одатҳо равшанӣ меандозанд.

Ҷашму маросимҳои оилавӣ дар таълиму тарбияи маънавӣ ва ахлоқии ҷавонон падидае мебошад, ки тамоми аҳли ҷомеа аз руйи қонуниятҳои нонавиштаи он умр ба сар мебаранд. Ҷашну маросимҳои оилвӣ фарҳанги маънавии мардуми ориёнтаборро таҷассум намуда, он ҳамчун одат ба дину фарҳанг пайванд мебошад [12, с. 7].

Ҷашну маросимҳои оилавӣ дар натиҷаи таҳамулпазирӣ ва эҳтироми якдигарӣ ривоҷ ёфта, муносибати байниҳамдигарии онҳоро дучанд ташаккул медиҳад.

Аз баррасии ҷанбаҳои таърихии таълимоти китоби «Авесто» мушахас гардид, ки муносибати нек ва эҳтироми бузургон, волидайн, ҳамсар, фарзанд ва хешу табор хушҳолӣ ва осудагии оиларо дар натиҷаи риояи ҷашну маросимҳо таъмин месозад, ки онро ҷанбаи қудсиятӣ низ меноманд.

Динни мубини ислом дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии инсон як қатор дастовардҳои беназирро фарогир буда, робитаҳоеро ки асоси онро сохтор ташкил медиҳад фаро мегирад. Дар муттаҳид гардонидани хонигариҳо низ мақоми хосса дорад, яъне дар барқарорсозии ҳамкориҳои иқтисодию сиёсии мамлакатҳои гуногун ягона омили нигаҳ доштани мувозинат ба ҳисоб меравад [10, с. 22].

Дар китоби мудқаддаси мусалмонон Қуръон сарчашмаҳои асосии баъзе аз ҷашну маросимҳои оилавӣ на ҳамчун асноди ёдгориҳои таърихӣ-динӣ, балки ҳамчун омилҳои иҷтимоӣ инъикоси худро то ба имрӯз ёфтааст. Китоби Қуръон худ ахлоқу панд буда, фарогирандаи хутба, ваҳӣ, масъала, истидоъ, қисса ва ҳуқуқи сершумори баён мебошад, ки дар тули чиҳил солҳо дар шакли китоб ҷамъовари шудааст.

Дар мақола мо бештар ба таҳлили мероси гаронбаҳо ва фарҳангии мардуми Шарқ такя намуда, баъзе аз масъалаҳои ахлоқӣ ва маънавие, ки ҳамчун ҷаншу маросм дар оила нигоҳ дошта мешуданд рӯ овардему собит намудем, ки ҷашну маросимҳои оилавӣ таърихи куҳан дораду дар ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии наврасон бе таъсир наменонад [11, с. 8]

Дини ислом ба давраи падаршоҳӣ нуқта гузошта, яканикоҳиро ҳукумфармо намуд. Аниқтараш умри сохти қабиливӣ ба охир расида, ташаккули ҷамъияти синфӣ ба вуҷуд омад. Пайдоиши шакли нави ҷамъиятӣ ба муқобили модаршоҳӣ ва тоқабилавӣ ҷанги мусолиматомез эълон намуд.

Дар мақола ҳамаи паҳлуҳоиҷанбаҳои динӣ матраҳ нагардида бошад ҳам, аммо, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки омилҳои таъсиррасонии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи наврасон пешниҳод намоем. Дини мубини ислом одатҳои баъзе қабилаҳои арабнишинонро дар давраи ҷоҳилият маҳкум намуд, Зидди зинда ба гур кардани навзодонеки ҳамчун зан тавлид мешуданд баромада, дастур медиҳад, ки волидайне, ки тифли худро зинда ба гур мекунанд зери маломат қарор дода шавад. Ин одат ва анънана бештар дар давлати Сурия ва Таквир паҳн гардида буд [7, с. 41].

Дар дини мубини ислом нисбати фақироне, ки аз одати дар боло зикршуда пайравӣ мекарданд, чорачӯи намуда, даъват менамуданд, ки: «Фарзандони худро аз тарси фақир шудан ба қатл нарасонед. Куштани онҳо гуноҳ аст, осуда бошед, мо шумо ва фарзандонаторо мехуронему мепушонем».

Дар таҳлилу баррасиҳои худ Страбон қайд намудааст, ки арабҳои қадима бо бародар, хоҳар, модар ва хешовандони наздики худ муҷоимат менамуданд. Илоҳиётшиноси асри XII Муҳаммади шаҳристонӣ ба ҷашну маросимҳои оилавии арабҳо диққат дода, зикр менамояд, ки «Бадтарин амали арабҳо ин буд, ки онҳо бо ду хоҳар ё бо ҳамсари падарони худ оила будёд мекарданд ва ин чунин он гуна шахсоне, ки ба ин амал даст мезаданд онҳоро «дайзан», яъне ишғолгари моли бегона меномиданд»

[6,с. 44].

Муҳтавои дини мубини ислом чунин амалро рад карда, онро бадахлоқтарин амал мешуморад. Дар ояти 23-и сураи Қуръон оиди риояи дурусти сифатҳои маънавию ахлоқии никоҳи хешутаборӣ чунин оварда шудааст: «Аз ҷиҳати маънавӣ ва ахлоқӣ ба никоҳ даровардани модарон, хоҳарон, амаҳо, холаҳо, духтарони бародарон, духтарони хоҳарон, заноне, ки шуморо шир додааст, хоҳарони ширхора, модарони занон, ҳамсарони писарон ва духтарони худ бар шумо ҳаром шудааст. Ҳатто набояд ду хоҳарро дар як маврид ба ҳамсари худ гирифт, магар он ки пеш аз ин чунин карда бошед»

Зикри он ба маврид аст, ки то ба ҳол мақсад аз созмондиҳии оиларо ҷомеашиносон, файласуфон ва психологон наёфтаанд. Бархе аз онҳо созмондиҳии оиларо ба хотири бойгарӣ дигаре ба хотири наслдоштан, боқимонда ба хотири ишқу муҳаббат ташбеҳ додаанд. Ҷомеашиноси олмони Миллер Мир созмондиҳии оиларо вобаста ба сохти ҷомеа шаҳр додааст, яъне дар ҷомеаи ибтидоӣ ба хотири бойгарӣ, дар ҷомеаи асри миёнагӣ ба хотири фарзанд, ҳоло бошад ба хотири ишқу муҳаббат. Шояд ки ин ақида асоси воқеи надошта бошад, аммо дар Осиёи Марказӣ, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ҷанги шаҳрвандӣ коҳиш ёфтани сатҳи пасти зиндагӣ боиси тағийр ёфтани арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ гардид, аз ин рӯ дар мадди аввал бартарият насиби пул ва дорои қарор гирифт [15, с. 39].

Дар ин ҳолат педагогону психологоро лозим буд, ки баҳри аз байн нарафтани сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва дарки масъулиятпазири миллати хеш талошҳои хирадмандона андешанду ба мушкилиҳои зиндаги нигоҳ накарда, наслҳои ояндаи миллатро аз хурофотпадастӣ ва бегонапарастӣ дур нигоҳ доранд. Зеро маҳз нигаҳдорандаи фарҳанг, тамаддун ва мероси гаронбаҳои башарият наслҳои оянда мебошад. Вақте, ки бадбинию зуровари дар сиришти ояндагони миллат таблиғ мекунад, нигоҳи онҳо аз меъёрҳои ахлоқӣ дур монда, аз ҷумлаи шахсони носолими ҷомеа қарор мегиранд.

Хулоса. Аҳли башариятро лозим аст, ки дар баробари илми педагогика арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷавонон ташаккул диҳанд, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, арҷгузорӣ, масъулиятпазирӣ, посдории арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва муқадассоти миллӣ тарбия намоянд.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо тамоми имкониятҳоро ба рӯй ҷавонон во намудааст, баҳри посдории фарҳанги аҷдодонамон имрӯзҳо тамоми ҷашну маросимҳо бо як шукуҳу шаҳомати хосса бо ҷалби наврасону ҷавонон гузаронида мешавад [9, с. 16].

Баҳри боз ҳам тақвият бахшидани ҳасси арҷгузории насли наврасу ҷавонон ва огоҳ шудани онҳо аз таъриху фарҳанги хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кулли аҳолии ҷумҳури китоби алома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсиро ройгон туҳфа намуд ва инчунин баҳри ҷалб намудани наврасон ва ҷавонон як қатор озмунҳоро бо як ҳавасмандгардонии хосса мунтазам ба роҳ монда истодааст, ки ин дарак аз ҳисси баланди масъулияшиносӣ ва ватандӯстии наврасон ва ҷавонон медиҳад.

Таҳқиқоти мазкур дар асоси Барномаи фаъолияти корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 таҳти унвони "Асосҳои ташаккули тарбияи ахлоқии наврасон ва омилҳои коставии он" гузаронида шудааст.

Муқарриз:Гулрӯи С.Ҷ.- н.и.п., ДДК ба номи Абуабдулолоҳи Рӯдакӣ

АДАБИЁТ

1. Авеста (Шпигель) В, III Ясна, XIIстр 27. Авеста (Шпигель), В, 1. Вендидат, III С. стр 100. Авеста (Шпигель), В. II. Ясна, IX, строка 8.
2. Азаров, Ю.П. Семейная педагогика. [Текст] / Ю.П. Азаров. Педагогика любви и свободы.–М.: Аргументы и факты, 2002. 608с.
3. Арабов, И.А. Воспитание семьянина, традиции и современность [Текст] / И. Арабов. Изд-во «Дониш» Душанбе, 1991. 22с.
4. Арабов, И.А. Воспитание семьянина в традициях восточной культуры [Текст]. / И. Арабов.–М.: «Илекса», 2008. 351с.
5. Брагинский, И.С. Из истории Таджикской и персидской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. Изд-во «Наука», М., 1972. 247с.
6. Вагонов, М.В. Ислам и семья [Текст] / М.В. Вагонов, М.: Мысль, 1980. 200 с.
7. Васильева, Э.В. Семья и учебные успехи школьников. Социологические проблемы образования и воспитания [Текст] / Э.В. Васильева.–М.: Педагогика, 1973. 35-41с.
8. Гулмадов Ф. Моҳият ва мазмуни фаъолияти муштараки муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар тадбиқи урфу одат ва анъанаҳои миллии оилавӣ [Матн] / Ф.Гулмадов.–Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2018, №2. 238 -243с.
9. Гулмадов, Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол [Матн]. / Ф. Гулмадов.–Душанбе: Ирфон. 2014. 262 с.
10. Ибрагим, А.И. Абед Халил. Использование нравственного потенциала Исламав воспитании учащихся подросткового возраста[Текст] / автореф. дис. канд. пед. наук.–Казань, 1999. 21с.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7– 8, мод. 8.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». 28.08.2007 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2017, №6. Мод.7.
13. Раҳимов, Б., Нуров, А. Педагогикаи этникии халқи тоҷик [Матн] / Б. Раҳимов, А. Нуров. Душанбе: Ирфон. 2008. 295с.
14. Раҳмонов Э.Ш. Соли тамаддуни ориёӣ [Текст] / Э.Ш. Раҳмонов. Душанбе: Деваштич 2006. 400с.
15. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, Душанбе, 2007. 39с.
16. Харчев, А.Г. Педагогические условия формирования нравственных отношений в семье [Текст] / А.Г. Харчев. М.: Слово.300 с.

РУШДИ УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ ОИЛАВӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ВА МАЪНАВИИ НАВРАСОН

Мақолаи мазкур фарогири масъалаи рушди урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқӣ ва манънавии наврасон буда, дар он як зумра паҳлуҳои мухталифи масъалабаррасӣ гаштааст.Натиҷаи таҳлил мушаххас намуд, ки тарбияи наврасон бояд, асосисарчашмаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, анъанаҳои оилавӣ, урфу одатҳои халқӣ вадастовардҳои педагогию психологӣ ба роҳ монда шавад.Муаллиф қайд менамояд, ки дар илми педагогика масъалаи таълиму тарбия маънавию ахлоқии наврасон яке аз масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа буда, диққати татоми қишри ҷомеа ба омилҳои ташаккулдиҳии он нигаронида шудааст.Олимону муҳақиқон андешаҳои пурмуҳтавои худро оиди тарбияи ахолоқӣ ва маънавии наврасону ҷавонон баён намуда, қайд намуданд, ки давомдиҳандаи фарҳанг ва тамаддуни аҳли башарият маҳз наврасону ҷавонони бонангу номус ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ ҳар яки моро лозим аст, ки наврустагони боғи Ватани худро дар руҳияи арзишҳои миллӣ, ҷашну маросимҳои оилавӣ, меҳанпарастӣ ва ҳуввият миллӣ ба воя расонему аз таъриху башарияти гузаштагони хеш онҳоро огоҳ созем.Таҳлилҳо дар мақола нишон дода, ки ҷанбаҳои илмӣ-педагогии моҳияти аввалини тарбияи ахлоқӣ ва маънавии наврасон тавассути анъанаҳои оилавӣ инкишоф дода шуда, интихоби этнокграфии он марҳила ба марҳила мукаммал кунонида мешавад, зеро таъсири мусбии ҷашну маросимҳои олавӣ ба инкишофи ҷомеа алоқамандии зич дорад.

Калидвожаҳо: ниёгон, оила, педагогика, тарбия, ташаккул, мактаббачагони хурдсол, истиқлолият,тафаккур, анъанаҳои оилавӣ, таърих, тамаддун, Авесто.

РАЗВИТИЕ СЕМЕЙНЫХ ОБЫЧАЙ И ТРАДИЦИЙ В НРАВСТВЕННОМ И ДУХОВНОМ ВОСПИТАНИИ ПОДРОСТОК

В данной статье освещается вопрос развития семейных обычаев и традиций в нравственном воспитании и ненавязчивости подростков, в ней рассматривается ряд различных аспектов данного вопроса. Результат анализа дал понять, что воспитание подростков должно осуществляться на основе исторических, культурных источников, семейных традиций, народных обычаев и педагогико - психологических достижений. Автор отмечает, что в педагогике вопрос духовно-нравственного воспитания и воспитания подростков является одним из социальных вопросов общества, и внимание молодого поколения сосредоточено на факторах его формирования.Ученые и исследователи изложили свои всеобъемлющие идеи о нравственном и духовном воспитании подростков и молодежи, отметив, что именно честные и благородные подростки и молодые люди являются хранителями культуры и цивилизации человечества. Поэтому каждый из нас должен воспитывать молодежь своей родины в духе национальных ценностей, семейных праздников и торжеств, патриотизма и национальной идентичности, а также знакомить ее с историей и гуманизмом наших предков.Анализ, представленный в статье, показывает, что научно-педагогические аспекты исходной сущности нравственного и духовного воспитания подростков развиваются через

семейные традиции, а этнографический отбор этого этапа совершенствуется поэтапно, поскольку позитивное влияние праздничных торжеств и ритуалов тесно связано с развитием общества.

Ключевые слова: предки, семья, педагогика, воспитание, формирование, юные школьники, независимость, мышление, семейные традиции, история, цивилизация, Авеста.

DEVELOPMENT OF FAMILY CUSTOMS AND TRADITIONS IN THE MORAL AND SPIRITUAL EDUCATION OF A TEENAGER

This article covers the issue of developing family customs and traditions in moral education and unobtrusiveness of teenagers; it examines a number of different aspects of this issue. The result of the analysis made it clear that the education of teenagers should be carried out on the basis of historical, cultural sources, family traditions, folk customs and pedagogy-psychological achievements.The author notes that in pedagogy, the issue of spiritual and moral education and upbringing of adolescents is one of the social issues of society, and the attention of the younger generation is focused on the factors of its formation.Scientists and researchers outlined their comprehensive ideas on the moral and spiritual education of adolescents and young adults, noting that honest and noble adolescents and young adults are the guardians of human culture and civilization. Therefore, each of us must educate the youth of our homeland in the spirit of national values, family holidays and celebrations, patriotism, and national identity, as well as introduce them to the history and humanism of our ancestors.The analysis presented in the article shows that the scientific and pedagogical aspects of the original essence of moral and spiritual education of adolescents are developed through family traditions, and the ethnographic selection of this stage is improved in stages, since the positive influence of festive celebrations and rituals is closely related to the development of society.

Key words: ancestors, family, pedagogy, upbringing, development, young schoolchildren, independence, thinking, family traditions, history, civilization, Avesta.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобоева Маҳбуба Ҷурахоновна***– Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забон ва фарҳанг. **Суроға:** 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **+(992988166726)**

Сведения об авторе: ***Бобоева Махбуба Джурахоновна*** **–** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат педагогических наук, доцент кафедры языка и культуры. **Адрес**: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **+(992988166726)**

Information about the author: ***Boboeva Makhbuba Jurakhonovna*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, candidate of pedagogical sciences, Associate Professor, Department of Language and Culture. **Address:** 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5. Phone: **+(992988166726)**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 27.06.2026
Аз тақриз баргашт: 30.08.2026
Ба чоп тавсия шуд: 30.09.2026

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

Солиходжаева С.А. Индийский вопрос в контексте «Большой игры» в конце XVIII – начале XIX вв. ***5***

Салимов Ф.Н. Республика Таджикистан и Европейский Союз в первой четверти XXI века: эволюция, приоритеты и перспективы сотрудничества…….. ***17***

Кенджазод Ф. Таджикистан и Беларусь в рамках ШОС и многосторонних механизмов региона: институциональное взаимодействие и перспективы развития…… ***26***

Ходжаева Н.Дж. Возникновение Душанбе: историко-географические предпосылки…… ***34***

Каландарова О.И. Неопубликованные материалы Тулхарского могильника в контексте погребальной культуры Бактрии-Тохаристана…….. ***43***

Нурова Х. С. История развития народного образования в конце 70-х годов в Республике Таджикистан ***52***

Бадавлатова Р.Б. Проблемы заготовки кормов в Горно-Бадахшанской автономной области в послевоенный период (1946-1959 гг.)…… ***60***

Турсунов Т.Х., Музаффарова Б.Х. Моҳият ва консепсияи “дипломатияи рақамӣ”..... ***67***

Салимов Ф.Н., Ашуров У.Б. Созмони байналмилалии меҳнат ҳамчун низоми меъёрӣ ва муассисавии танзими муносибатҳои меҳнатӣ: ташаккул, таҳаввул ва чолишҳои муосир (1919–2025)…… ***75***

Насридинзода М.Н., Ҳушанги А.Ғ. Механизмҳои татбиқи сиёсати “неруи нарм” -и Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар Осиёи Марказӣ..... ***84***

Қаландарзода У.Қ. Ҳамкориҳои Ҳиндустон ва Туркманистон дар мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм..... ***91***

Аминҷонзода Азамат Дипломатияи рақамӣ ҳамчун фишанги ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии давлатҳо..... ***98***

Пайвандов Х.Б. Вохӯриҳои машваратии сарони давлатҳо ҳамчун абзори дипломатияи минтақавӣ дар таҳкими минтақагароии Осиёи Марказӣ..... ***107***

Самиев Х. Д., Сафарализода А.Т. Ҳамкориҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Араб дар чаҳорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ: марҳилаҳо, механизмҳо ва натиҷамандии дипломатӣ дар солҳои 2003-2019..... ***117***

Асрориён Анушервон Ҷонибек Низоми сипоҳдорӣ ва марзбонӣ дар аҳди Сосониён..... ***123***

Ақназаров Ҳ.М., Пирматова Г.Х. Рангҳои парчам дар фарҳанги анъанавии тоҷикони кӯҳистон ***130***

Муродов Сунатулло Этногенези ориёиҳо дар Осиёи Миёна дар партави таҳқиқоти академик Ю. Яъқубов..... ***137***

Назризода Д.Ҳ. Марҳилаи дуюми ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (декабри соли 1992 – июни соли 1997): самти ҷанубӣ..... ***145***

Муҳаббатова Г.Ҳ. Нақши Хайрӣ Назарова дар таърихи театри тоҷик..... ***154***

Файзуллозода Ш. Ф. Зардӯзию заргарӣ унсурҳои ҳувияти миллӣ дар фарҳанги тоҷикон..... ***162***

Қараев Ф. К., Ирматова Ш.С. Шуҷоат ва ҷасорати ҷанговарони саргаҳи Зарафшон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ***169***

ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

Холматова Л.Ю. Институциональная комплементарность как фактор стойчивости социальной стратификации: теоретико-методологический подход …….. ***177***

Муллобоева Д.А. Разработка проблем национального единства и национальной идентичности в современной таджикской философской науке……. ***186***

Гуломова М.С. Трансформация феномена отчуждения молодежи в условиях цифровизации современного общества…….. ***194***

Сайфуддинова Р.С., Азимзода М.М. Информация как инструмент социализации и отчуждения…… ***203***

Лутфишоев А.М. Исторические, политические и социокультурные условия жизни и формирования философского мировоззрения М. Диноршоева..... ***209***

Сафарова С.Д. Идеяҳои ватандӯстӣ дар фалсафаи тоҷикони давраи бостон…… ***218***

Сулаймонзода Баҳманёр Саидиҳсон Нақши илм дар таҳкими худшиносии миллӣ аз нигоҳи Абунасри Форобӣ..... ***227***

Тӯрабоева Д. Ҳ. Таҳаввули таърифи ақл ва зеҳн (ҳуш, заковат) дар таълимоти мутафаккирони тоҷику форс..... ***234***

Саидов А.Ғ. Фарҳанги миллӣ ва фарҳанги оммавӣ дар замони муосир: робита ва тазодҳо……. ***242***

Абдуллоев К.Қ. Озодандешӣ ва ҳақиқатнигорӣ дар афкори фалсафии Абуалӣ Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ..... ***250***

Каримов Раҳим Заминаҳои таърихӣ-ичтимоии ташаккули тафаккури ислоҳотхоҳӣ дар ҷомеаи мусулмони Ҳиндустон (асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX)..... ***256***

ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

Каримова И.Х. Цифровая педагогика как новое направление педагогической науки: предпосылки становления, сущность и перспективы развития…….. ***263***
Бендрикова М.М. Программа развития школы как инновационная стратегия развития кадрового потенциала (на примере РТ ГБОУ «СОШ в г. Турсунзаде им. Д. И. Менделеева»)…… ***270***
Бабаджанова Д.Ш., Бабаджанов Б.М. Педагогика памяти: от Хайяма к Лоику (Концепт культурной преемственности в поэзии Лоика Шерали (1965-1967) как ресурс для личностно-ориентированного образования и педагогического синкретизма)…… ***279***
Ма Юань, Ху Цзиньюй, Бао Ханьцзинь Исследование и изучение языковых программ «хуаэр/цветы» с точки зрения теории устной программы их обучения…….. ***289***
Мамаджонов С.Х. Педагогическая практика как фактор формирования организаторских способностей будущих учителей начальных классов в условиях инклюзивного образования…….. ***297***
Халикова Т.Т. Экосознание с детства: инвестиция начальной школы в будущую зелёную экономику Таджикистана…….. ***307***
Мухамедова Ш.Ф. Теоретико-методические основы анализа проблем математического образования студентов технических направлений высшей школы…….. ***314***
Сафарова М.Р., Ниятбекова А.Ю. Роль толерантной языковой личности в современных условиях поликультурного социума…… ***326***
Дустмухаммади Ш.М., Исломов О.А. Анкетирование как важнейший метод механизма обратной связи при подготовке магистров..... ***333***
Бахтиёрзода Н.Б., Баротзода К.А. К вопросу изучения и развития экологических понятий в курсе общей биологии ……. ***340***
Сафаров Ю.С. Спортивная специализация и подбор упражнений спортивно-прикладной гимнастики качественным биомеханическим анализом…….. ***347***
Азизов А.А., Ғанизода М.А. Ташаккули салоҳияти манзаранигории мусаввирӣ дар омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ..... ***355***
Азизов А.А., Дадобоева М.А. Ташаккули қобилият ва сифатҳои муҳимми касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ..... ***362***
Салямова Д. Н. Шиносоии хонандагони камтавонизеҳн бо методикаи меҳнати калонсолон..... ***369***
Махмадуллоева Х.Ф. Ҷанбаҳои психологӣ–педагогии таълими курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони физикаю математика..... ***376***
Гулова М.Т., Юнусова Ш.А. Таҳлили назарсанҷии омӯзгорон роҷеъ ба робитаҳои байнифаннии информатика ва фанҳои ҷамъиятӣ..... ***384***
Ширинов Н.С., Арабов М.Қ., Ҳабибуллозода Қ.Ҳ. Фаъолияти лоиҳавӣ аз фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи забонҳои муосири барномависӣ: мисолҳо ва тавсияҳои методӣ..... ***392***
Гулова М.Т., Давлатов Х.А. Барномасозӣ бо истифода аз амсилаҳои математикӣ..... ***404***
Қаландарова М.С. Нақши муносибати ҳамгироӣ ва ташаккул додани манзараи илмии олам..... ***415***
Бобоева М.Ҷ. Мавқеи таълиму тарбияи маънавӣ ва ахлоқии наврасон дар мисоли ҷашну маросимҳои оилавӣ аз Авесто то Истиқлол…….... ***423***

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(**www.vestnik-tnu.com**).**

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

2026. №8

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Иброхимзода Э.Д.
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**

Подписано в печать 30.09.2026 г.